МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
2021. №9

МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ
ТАДЖИКСКИЙ
НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
2021.№9

YOUNG RESEARCHER
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
2021. No9



МАРКАЗИ ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2021

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2019 таъсис дода шудааст.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Кобилҷон Хушвахт	*Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карорматулло Бадридинович	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Шерматов Нурмаҳмад	*Доктори илмҳои техникӣ, профессор*
Солиҳов Давлат Қуватович	*Доктори илмҳои физикаю математика, профессор*
Сатторов Абдуманон	*Доктори илмҳои физикаю математика, профессор*
Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич	*Номзади илмҳои химия, дотсент декани факултети химия*
Валиев Шариф Файзуллоевич	*Доктори илмҳои геологӣ-минералогӣ, и.в. профессор, декани факултети геологии ДМТ*
Расулиён Қаҳҳор	*Доктори илмҳои таърих, профессор*
Кучаров Аламхон	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Муродов Мурод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ*
Низомова Тухфамо Давлатовна	*Доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор*
Одинаев Фурқат Фарҳодович	*Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
Сотиволдиев Рустам Шарофович	*Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Сафарализода Хучамурод Қуддус	*Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ*
Раҷабов Имомиддин Ширинович	*Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ*
НуриддиновРаймалихон Шаҳбозович	*Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
Шарипов Фаридун Файзуллоевич	*Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент*
Устоев Мирзо Бобоҷонович	*Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонҳо, факултети биологияи ДМТ*

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41
ДМТ, 2021©

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт	*Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Кароматулло Бадридинович	*Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Шерматов Нурмахмад	*Доктор технических наук, профессор*
Солихов Давлат Кувватович	*Доктор физико-математических наук, профессор*
Сатторов Абдуманнон	*Доктор физико-математических наук, профессор*
Валиев Шариф Нарзуллоевич	*Доктор геолого-минералогических наук, и.о.профессора*
Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич	*Кандидат химических наук, декан факультета химии ТНУ*
Расулиён Ғаххор	*Доктор исторических наук, профессор*
Кучаров Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор*
Дустов Хамрохон	*Кандидат филологических наук, доцент*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор*
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктор филологических наук, профессор*
Одинаев Фуркат Фарходович	*Кандидат экономических наук, доцент*
Сотиволдиев Рустам Шарофович	*Доктор юридических наук, профессор*
Сафарзода Бахтовар Амирали	*Доктор юридических наук, профессор*
Раджабов Имомиддин Ширинович	*Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии*
Сафарализода Хучамурод Куддус	*Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии*
Нуриддинов Раймалихон Шахбозович	*Доктор политических наук, профессор*
Шарипов Фаридун Файзуллоевич	*Доктор педагогических наук, доцент*
Устоев Мирзо Бободжонович	*Доктор биологических наук, профессор*

Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2021

TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SCIENTIFIC JOURNAL "YOUNG RESEARCHER"
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht	*Doctor of Economics, Rector of the Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan)*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo Badridinovich	*Candidate of philological sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Shermatov Nurmahmad	*Doctor of technical sciences,* Professor
Solihov Davlat Quvatovich	*Doctor of physical and mathematical sciences*
Sattorov Abdumannon	*Doctor of physical and mathematical sciences*
Fayzulloev Erkin Fathulloevich	*Candidate of chemical sciences, dean of the chemical faculty*
Valiev Sharif Fayzulloevich	*Doctor of geological and mineralogical sciences, Professor*
Rasuliyon Qahhor	*Doctor of historical Sciences, Professor*
Kucharov Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Dustov Hamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of philological sciences,*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Nizomova Tuhfamo Davlatovna	*Doctor of Economics, Professor*
Odinaev Furqar Farhodovich	*Candidate of Economics, assistant professor*
Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi	*Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science*
Sotivoldiev Rustam Sharofovich	*Doctor of law, Professor*
Safarzoda Bakhtovar Amirali	*Doctor of law, Professor*
Rajabov Imomiddin Shirinovich	*Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science*
Nuriddinov Raymalikhon Shahbozovich	*Doctor of politics, Professor*
Sharipov Faridun Fayzulloevich	*Doctor of pedagogical sciences, Professor*
Ustoev Mirzo Bobojonovich	*Doctor of Biological sciences, Professor*

Address of the Publishing center:
734025, Republic of Tajikistan,
Rudaki Avenue, 17. Dushanbe.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Phone: (+992 37) 227-74-41
© TNU, 2021

ТАЪРИХ ВА ҲУҚУҚ – ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ

ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА МЕЖДУНАРОДНОЙ АРЕНЕ. ПОДДЕРЖАНИЕ И СОЗДАНИЕ «ЗЕЛЕНОГО ИМИДЖА»

Раджабов Д. А.
Национальная Академия Наук Республики Таджикистан

Выявление экологического облика страны, ее экологического синдрома имеет не только научное, познавательное значение [1,с.2-5]. Это не только интересно, но и очень важно для практики. Негативный экологический имидж страны отражается на ее инвестиционной и рекреационной привлекательности [2,с.3-9], иными словами, экологический образ Таджикистана превращается в важную внешнеэкономическую категорию, влияющую и на развитие страны, и на ее позиции в международных отношениях. В современном мире экологические показатели отдельных стран характеризуются очень высокой изменчивостью. Предварительная гипотеза, отражающая распространенное мнение, состояла в том, что богатые страны сокращают нагрузку на природу, а бедные увеличивают ее. Однако расчеты показали, что это не так. Гипотетическую тенденцию нарушают, с одной стороны, США, наращивающие выбросы, а с другой – страны Центральной, Восточной Европы и республики бывшего СССР, где выбросы уменьшаются из-за спада производства. Вместе с тем хорошо проявляется возрастание выбросов в так называемых «развивающихся» странах (прежде всего азиатских), характеризующихся невысокими душевыми показателями ВВП. В результате всего за 5 лет доля постсоветских стран в глобальных выбросах уменьшилась на 6%. В первую очередь нужно определиться с самим понятием экологического имиджа. Согласно экологическому словарю, **экологический имидж** – «система сложившихся в обществе устойчивых представлений о том, как деятельность компании влияет на окружающую среду, насколько экологически безопасны выпускаемые ею товары и насколько серьезно она относится к соблюдению требований природоохранного законодательства» [3,с.1-3]. Но данной работе, имидж государства – это не просто образ страны как товарного знака (брэнда), а «специально моделируемое целенаправленное отражение, то есть отражение уже созданного профессионалами образа» [4,с. 151-156].

Выгоды формирования “зеленого” имиджа для государства:

- **Конкурентное преимущество.** Повышение экологических стандартов дает существенные конкурентные преимущества при экспорте и укрепляет позиции на различных рынках.

- **Инвестиционная привлекательность**. «Зеленый» имидж добавляет привлекательности в глазах инвесторов и кредиторов – открытая экологическая политика позволяет снизить риск штрафных выплат за нарушение природоохранного законодательства [5,с.2-5].

- **Налоговые преференции**. В Таджикистане предприятиям, получившим экологический сертификат соответствия, необходимо предоставляются льготы при уплате экологического налога. Так же, является целесообразным, при сотрудничестве с международными ЭНПО внедрить мировые стандарты экологического качества.

- **Цвет государственной выгоды – зеленый**

Государству выгодно поддерживать предприятия, внедряющие экологически чистые технологии. Сегодня большинство развитых стран затрачивает огромные средства на поддержку позитивного экологического имиджа своих производителей, расценивая это как важный инструмент защиты государственных интересов, привлечения инвестиций и усиления национальной гордости. Ежегодно из их госбюджетов тратятся огромные деньги на рекламу страны и ее достижений, включая экологичность основных производств.

Инициативы Республики Таджикистан в водной области, признаны мировым сообществом, в данный момент они перешли от уровня изучения до практической реализации международным сообществом. Данные инициативы в совокупности направлены на создание новой стратегии для человечества и обеспечение достойной жизни для жителей планеты.

Республика Таджикистан является автором четырех крупных инициатив, которые должны быть реализованы на глобальном уровне:

- Международный год чистой воды, 2003;
- Международное десятилетие действий «Вода для жизни», 2005-2015 гг.;
- Международный год водного сотрудничества, 2013. Благодаря инициативе Таджикистана об объявлении 2013 года – Международным годом водного сотрудничества, понятие водной дипломатии было поднято на более действенный уровень;
- Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития, 2018-2028 годы»;

Следует отметить, что инициативы в области воды, в первую очередь, направлены на укрепление сотрудничества и регулирование отношений в этой жизненно важной сфере, снятие темы воды из классического и устаревшего понимания и введение новых перспектив использования воды [6].

Приведенные выше примеры экологических инициатив Таджикистана призваны не только улучшить экологическое понимание и эффективное управление окружающей средой, но предотвратить конфликты между странами, в частности, в вопросах трансграничных вод, что является предметом споров и конфликтов между странами. В связи с этим, в соответствии с данной резолюцией ООН, 2018-2028 годы объявлены Международным десятилетием действий «Вода для устойчивого развития», которое начнется 22 марта 2018 года и завершится 22 марта 2028 года, а 22 марта – Всемирный день водных ресурсов. Выступая на Водном Форуме Основатель мира и Национального единства, Президент Республики Таджикистан подчеркнул, что «…современные глобальные вызовы и угрозы, включая финансово-экономические кризисы, рост населения, изменение климата, учащение стихийных гидрометеорологических явлений, нехватка воды и, как результат, возрастающий уровень бедности, рост инфекционных заболеваний, детской и материнской смертности, все еще требуют мобилизации наших усилий и принятия соответствующих мер в этой сфере» [6]. В рамках Международного десятилетия действий «Вода для жизни» и в соответствии с резолюциями ГА ООН были проведены три интерактивных диалога Генеральной Ассамблеи в 2010, 2013 и 2015 годах. Кроме того, Правительством страны в сотрудничестве с ООН были подготовлены и проведены в городе Душанбе следующие важные мероприятия:

- Среднесрочный всеобъемлющий обзор хода проведения Международного десятилетия действий «Вода для жизни» в июне 2010 года;- Международная конференция высокого уровня по водному сотрудничеству в августе 2013 года;- Международная конференции высокого уровня по итогам реализации Международного десятилетия действий «Вода для жизни» в июне 2015 года. В публикации доклада ООН о по итогам осуществления Международного десятилетия действий «Вода для жизни», 2005-2015 годы (A/71/260) было выделено, что «Десятилетие было отмечено многими достижениями. Ни один другой десятилетний период в истории ООН не может сравниться с ним по количеству мероприятий и результатов, связанных с водными ресурсами.» Наряду с этим, Десятилетие, как отмечается в докладе, «обнажило недостатки и проблемные точки, замедляющие прогресс на пути к достижению целей и задач в отношении водных ресурсов. Тем не менее, сохраняются многочисленные ограничения с точки зрения людских, институциональных и финансовых ресурсов»[7]. Согласно резолюции ГА ООН цели Международного десятилетия действий «Вода для устойчивого развития» включают повышенное внимание к:

- устойчивому развитию и комплексному управлению водными ресурсами для достижения социально-экономических и природоохранных целей;
- осуществлению и продвижению соответствующих программ и проектов;
- расширению сотрудничества и партнерства на всех уровнях для содействия реализации согласованных на международном уровне целей и задач, связанных с водными ресурсами, в том числе Целей устойчивого развития.

Кроме того, резолюция особо подчеркивает важность продвижения эффективного водопользования на всех уровнях с учетом взаимосвязей между водными ресурсами,

продовольствием, энергетикой и окружающей средой. В дополнение к этому резолюция определяет следующие действия как дополнительные цели Десятилетия:

- совершенствование механизмов формирования и распространения знаний, облегчения доступа к знаниям и обмена информацией о передовой практике, получение новой информации, относящейся к целям устойчивого развития, связанным с водными ресурсами;

- создание сетей и содействие в формировании партнерства и деятельности других заинтересованных участников в реализации целей и задач, связанных с водными ресурсами;

- укрепление коммуникационной деятельности на различных уровнях в интересах реализации целей, связанных с водными ресурсами.

Данная резолюция предлагает Генеральному секретарю ООН предпринять необходимые шаги для планирования и организации деятельности в рамках Десятилетия на глобальном, региональном и страновом уровнях при поддержке меж учрежденского механизма «ООН-водные ресурсы» [8,с.11-16] При этом, должны быть учтены итоги осуществления Международного десятилетия действий «Вода для жизни, 2005-2015 годы», деятельность Политического форума высокого уровня ООН по устойчивому развитию и работа Панели высокого уровня по воде, учрежденной Генеральным секретарем ООН и Президентом Всемирного Банка [8]. В связи с этим появляется необходимость развития зелёной экономики в Таджикистане. Республика в 2019 году приняла Концепцию развития зеленой экономики при поддержи ОБСЕ. Инициативы зеленной и инновационной экономики были провозглашены ранее на международной арене. В 2008 году была провозглашена экологическая программа ООН Green Economy Initiative - «Инициатива «зеленой» экономики (ЗЭ), которая была ориентирована на оказание помощи правительствам различных стран в переориентации их экономической политики на преимущественное использование экологически чистых технологий, возобновляемых источников энергии, услуг водоснабжения и экологически чистого транспорта, необходимости управления отходами, строительства «зеленых» зданий, устойчивого сельского хозяйства и т.д. В декабре 2009 года Генеральная Ассамблея ООН приняла решение включить тему ЗЭ как одну из ключевых тем в программу Конференции ООН по устойчивому развитию (Рио+20), которая прошла в Рио-де-Жанейро в Бразилии в 2012 году. В основе Концепции ЗЭ лежат три аксиомы:

- невозможно бесконечно расширять сферу влияния в ограниченном пространстве;

- невозможно требовать удовлетворения бесконечно растущих потребностей в условиях ограниченности ресурсов;

- все на поверхности Земли является взаимосвязанным.

Сегодня концепция ЗЭ очень широко обсуждается не только специалистами по экономике и экологии, но и политиками разного уровня, включая глав многих государств мира, так как затрагивает комплекс вопросов устойчивого развития и повышения уровня благосостояния народа. В целом инициатива ЗЭ основана на трех главных принципах – использовании рыночных механизмов для достижения устойчивого развития; значимости природных услуг на национальном и международном уровнях; обеспечении занятости населения за счет создания «зеленых» рабочих мест. Необходимость принятия и реализации концепции «зеленой экономики» обусловлено многими явлениями, которыми характеризуется современный этап развития Таджикистана. С одной стороны, происходят процессы интеграции, инновации и информационно-коммуникационные технологии определяют векторы социально-экономической динамики и являются основными факторами конкурентоспособности. Все это способствует росту экономики и улучшению качества жизни. Однако, с другой стороны, переход Таджикистана от аграрно-промышленной к промышленно-аграрной системы хозяйствования и, соответственно появляющийся рост промышленного производства увеличивает объем спроса на природный капитал, оказывает дополнительное воздействие на окружающую среду и ведет к более интенсивной эксплуатации природных ресурсов, что влечет возникновение таких проблем, как деградация экосистем, социальная напряженность, угрозы продовольственной безопасности и человеческому здоровью. Решение этих проблем в результате достижения целей устойчивого развития, повышения уровня и качества жизни людей при сохранении и эффективном использовании природного капитала на повестку дня

ставит необходимость реализации принципов «зеленой экономики», предполагающих снабжение населения экологически чистыми продуктами, развитие природ сберегающих производств и обеспечение экологической безопасности населения. В отличие от Киотского протокола, Парижское соглашение исключает механизм торговли квотами. Предусматривается, что страны, обозначив свои национальные вклады, будут предоставлять отчетность о выполнении взятых обязательств каждые пять лет, начиная с 2023 г. Необходимо отметить, что Парижское соглашение предполагает оказание поддержки развивающимся странам. Выделяя отличительные особенности «зеленой экономики», сопряженные с решениями Парижского экологического саммита, можно отметить следующее. В ней инновации, инвестиции и осуществление модернизации способствуют получению «тройного выигрыша» при использовании природного капитала для экологии, экономики и социальной сферы за счет снижения ресурсоемкости, сокращения воздействия на биосферу и создания комфортных условий человеческой жизнедеятельности. Республика Таджикистан присоединилась к Парижскому соглашению в октябре 2016г. В Таджикистане в соответствии с реализацией НСР до 2030 года, путь к «Зеленой экономике» связан со *структурными изменениями в экономике, состоящими в уменьшении удельного веса сырьевого сектора и отраслей с высоким экологическим воздействием при росте высокотехнологичных отраслей, ресурсосберегающих и наукоемких производств, развитием новых «зеленых» видов деятельности (зеленая энергетика (ГЭС, ВИЭ), рынок экосистемных услуг, отрасли по переработке и утилизации отходов и др.).*

В НСР также отмечено, что структурные преобразования, способствующие продвижению «зеленой экономике», должны охватывать также рынок труда. С учетом развития новых видов деятельности меняются квалификационные требования к работникам, отражающиеся в возрастании роли экологического образования и знаний, формировании институтов социальной и экологической ответственности. Наблюдаются тенденции изменения систем производства и потребления в сторону более рациональных, экологически адекватных направлений. Все это выдвигает новые, экологически адекватные требования не только к высшему управленческому аппарату, но и к рядовым работникам современных предприятий, и находит свое отражение в компонентах спроса на рынке труда.

Методы нормативно-правового характера, нацеленные на развитие «зеленой экономики», включают в себя законодательные акты экологически ориентированного использования экономических природных ресурсов, нормативно-правовую базу распределения ответственности за экологический ущерб от производственной деятельности [9].

Стимулирование перехода к «зеленой экономике» посредством экономических методов предусматривает эффективную систему налогообложения, основанную на смещении налогового бремени с доходов на нерациональное использование ресурсов и учет системы внешних эффектов; механизмы ценообразования, предполагающие использование субсидий для инновационно и экологически перспективных проектов; государственные закупки экологически чистой продукции и использование государственных инвестиций с целью осуществления экологически выверенных инноваций в производственных процессах; торговлю разрешениями (например, рынок квот на выбросы углерода); кредитные преференции для экологически эффективных проектов [9].

Основные рекомендации и направления по реализации для перехода Таджикистана к ЗЭ:

- гидроэнергетика как основной вид возобновляемого источника энергии;
- энергосбережение и энергоэффективность;
- индустриализация;
- земельные и водные ресурсы;
- управление отходами;
- транспорт;
- жилищно-коммунальное хозяйство и строительство;
- развитие туризма;
- экологическое воспитание и образование.

Формирование модели социально-экономического развития, в которой существенную роль играет концепция ЗЭ, представляет одно из магистральных направлений движения мировой экономики, недостаточное внимание к которому чревато для страны углублением ее отставания от перспективных тенденций современного развития. В процессе движения к ЗЭ необходимо обеспечение двойного выигрыша - как экономической эффективности, так и сберегающего использования природных ресурсов. Узловым направлением развития страны является гидроэнергетика. Здесь необходимо обеспечение эффективного использования гидроэнергетических ресурсов и обеспечение энергоэффективности и энергосбережения. Реализация этих мер предполагает обеспечение заинтересованности в энергосбережении на всех уровнях - от отраслей до домохозяйств. Переход к ЗЭ предполагает совершенствование в реализации политики, согласно которой экологические требования, которые сегодня озвучены как принципы ЗЭ, будут определять направления инновационного и устойчивого развития экономики. Приоритеты ЗЭ и экологические требования должны быть включены в общие планы развития, нацеленные на решение социально-экономических задач. Следует отметить, что основной проблемой внедрения «зелёной» экономики в РТ является создание условий, при которых такое развитие будет экономически выгодно. В современной ситуации, для того чтобы зеленая экономика стала реальностью необходимы:

- масштабная помощь государства;
- активное участие частных инвесторов;
- активная поддержка Партнеров по развитию;
- посильное участие потребителей.

Следовательно, для перехода к ЗЭ должны быть созданы способствующие этому условия. К таким условиям относятся соответствующие национальные нормативно-правовые документы, политика, субсидии и стимулы, мировой рынок, юридическая инфраструктура и финансовая помощь. Успех реализации идей ЗЭ зависит от активной позиции и личной заинтересованности каждого. Это определяет незамедлительное обеспечение экологических знаний и улучшение образовательной и просветительской деятельности в процессе движения к ЗЭ. Успех реализации концепции ЗЭ предполагает инициирование широкого движения в поддержку устойчивого развития, как приоритета активности гражданского общества и определение тематики ЗЭ в качестве важного направления поддержки со стороны государства и бизнеса.

Необходимость создания и поддержания положительного экологического имиджа государства должна стать не только стратегической задачей Республики Таджикистан на пути развития, но важным элементом национальной безопасности. Эффективная природоохранная политика ведет к гармоничному сосуществованию человека с природой, где человек является её неотъемлемой частью. Бережное отношение человека к природе является показателем не только цивилизованности, но и показателем того, как одно отдельно взятое государство, страна или нация вносит свой позитивный вклад в нашу планету. Вклад человека в природу должен составлять такое соотношение, которое бы позволило будущим поколениям необходимые условия для их существования. Специалисты считают, что, «потребительское отношение к природе – это явная угроза национальной безопасности. Экологическая безопасность – как один из структурных компонентов национальной безопасности, должна, в конце концов, стать приоритетом в государственной политике» [10,с.150–156]. Это особенно важно для современного развития Таджикистана и его достойном представлении (включая экологическое брендирование) на мировой арене.

ЛИТЕРАТУРА

1. Т.В. Мишаткина, С.Б. Мельнов, «Исследование проблемы сохранения экологической безопасности и биоразнообразия в Беларуси и Таджикистане», 01.07.2018 / «Синдром - комплекс признаков, диагностирующих определенную болезнь. Здесь играют роль оба выделенных значения - «комплекс» (то есть совокупность взаимосвязанных признаков, не простой их набор) и «болезнь» (то есть наличие экологической патологии)».
2. Экологический облик России на мировой карте, Н.Н. Клюев, Институт географии Российской академии наук, Содержание №26/2003, Человек и природа, из материалов лекции. [Электронный ресурс]. https://geo.1sept.ru/article.php?ID=200302604 (дата обращения 03/04/2021)

3. Экологический имидж предприятия: зачем он нужен и как его создать? / Рубрика «Эколого-экономическая деятельность»/Т.В. Баламут. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://ecologia.by/number/2018/7/Ekologicheskij_imidzh_predpriyatiya_zachem_on_nuzhen_i_kak_ego_sozdat_/ (дата обращения: 03.04.2021)
4. Е.А. Козловцев, Л.Н. Козловцева. Экологическая безопасность России как компонент позитивного государственного имиджа, Вопросы современной науки и практики, 150–156. 2008.
5. Формирование экологического имиджа производственной организации и ее продукции. А.Л. Суздалева. - М.: ИД "Энергия», 2016.
6. Достижения внешней политики Таджикистана, 26.01.2021/ Режим доступа: https://mfa.tj/ru/main/view/12/dostizheniya-vneshnei-politiki-tadzhikistana (дата обращения: 03/04/2021)
7. Резолюция ГА ООН «Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития» 2018–2028 годы» / 01.03.2013. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://mfa.tj/ru/main/view/2991/rezolyutsiya-ga-oon-mezhdunarodnoe-desyatiletie-deistvii-voda-dlya-ustoichivogo-razvitiya-2018-2028-gody (дата обращения: 03/04/2021).
8. International Road Unit (IRU). Автомобильный транспорт Таджикистана. Синяя книга. -М., 2009. –С.11-16.
9. Диссертация. Коробова Е.М. Природный капитал в «зеленой экономике»: особенности накопления и использования, Национальный исследовательский университет/ВШЭ. -М., 2016. [Электронный ресурс]. https://vernsky.ru/pubs/realizatsiya-kontseptsii-zelenaya-ekonomika-v-respublike-belarus-5a71d587f2ad471e773c7229#reviews (дата обращения: 03/04/2021).
10. Е.А. Козловцев, Л.Н. Козловцева. Вопросы современной науки и практики, университет им. В.И. Вернадского. №1(11). 2008. Т.2, В.: 150–156.

СИЁСАТИ ЭКОЛОГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ. НИГОҲДОРӢ ВА ЭҶОДИ “ИМИҶИ САБЗ”

Дар мақола дар асоси асарҳои муаллифони гуногун оид ба зарурати эҷоди симои экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, манфиатҳо ва заминаи мавҷудаи ташаккули он, инчунин зарурати гузариш ба иқтисоди сабз мутобиқи Стратегияи миллии рушд то соли 2030 таҳлили қаблӣ гузаронида шудааст. Маълум шуд, ки ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф карда мешаванд. Ин ташаббусҳо аз сатҳи омузиш ба татбиқи амалии ҷомеаи ҷаҳонӣ гузаштанд. Муқаррар карда шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллифи чор ташаббуси бузург аст, ки бояд дар сатҳи ҷаҳонӣ омузиш карда шаванд: соли байналмилалии оби тоза, 2003; даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" 2005–2015; соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013; даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018–2028”; Кори мазкур нишон дод, ки чӣ гуна мафҳуми "дипломатияи об" ба сатҳи самараноктар бардошта шудааст. Дар ин нашрия зарурати эҷод ва нигоҳ доштани симои мусбати экологии давлат, ки бояд вазифаи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи рушд гардад, баррасӣ мешавад.

Калидвожаҳо: сиёсати экологӣ, муҳити зист, арсаи байналмилалӣ, симои экологӣ, амнияти экологӣ, об, дипломатияи об, рушд, иқтисоди сабз.

ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА МЕЖДУНАРОДНОЙ АРЕНЕ. ПОДДЕРЖАНИЕ И СОЗДАНИЕ «ЗЕЛЕНОГО ИМИДЖА»

В статье проводится предварительный анализ на основе работ различных авторов о необходимости создания «экологического имиджа» Республики Таджикистан на международной арене, выгоды и существующая база его формирования, а также необходимость перехода к зелёной экономике согласно Национальной стратегии развития до 2030 года (НСР). Было выявлено что, инициативы Республики Таджикистан в водной области, признаны мировым сообществом. Данные инициативы перешли от уровня изучения до практической реализации международным сообществом. Определено что, Республика Таджикистан является автором четырех крупных инициатив, которые должны быть реализованы на глобальном уровне: международный год чистой воды, 2003; международное десятилетие действий «Вода для жизни», 2005–2015 гг.; международный год водного сотрудничества, 2013; международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития, 2018–2028 годы»; Работа выявила, как понятие «водной дипломатии» было поднято на более действенный уровень. В работе обсуждается, необходимость создания и поддержания положительного экологического имиджа государства которая, должна стать стратегической задачей Республики Таджикистан на пути развития.

Ключевые слова: экологическая политика, окружающая среда, международная арена, экологический имидж, экологическая безопасность, вода, водная дипломатия, развитие, зелёная экономика.

ENVIRONMENTAL POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE INTERNATIONAL AREA. MAINTENANCE AND CREATION OF A “GREEN IMAGE”

The article provides a preliminary analysis based on the work of various authors on the need to create an "environmental image" of the Republic of Tajikistan in the international arena, the benefits and the existing basis for its formation, as well as the need for a transition to a green economy in accordance with the National Development Strategy until 2030 (NDS). It was revealed that the initiatives of the Republic of Tajikistan in the water area are recognized by the world community. These initiatives have moved from the level of study to practical implementation by the international community. It is determined that the Republic of Tajikistan is the author of four major initiatives that should be implemented at the global level: the international year of clean water, 2003; International Decade for Action “Water for

Life” 2005–2015; international year of water cooperation, 2013; International Decade for Action “Water for Sustainable Development, 2018–2028”; The work revealed how the concept of "water diplomacy" has been raised to a more efficient level. The paper discusses the need to create and maintain a positive environmental image of the state, which should become a strategic task of the Republic of Tajikistan on the path of development.

Keywords: ecological policy, environment, international arena, ecological image, ecological safety, water, water diplomacy, development, green economy.

Сведения об авторе: ***Раджабов Диловар Акбарджонович*** **–** магистр 2 курса Национальной Академии Наук Республики Таджикистан. E-mail: **rajabov_d@bk.ru**. Телефон: **+992 93 321 84 94**

Information about the author: ***Rajabov Dilovar Akbarjonovich*** – second-year master`s student of National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. E-mail: **rajabov_d@bk.ru.** Phone: **+992 93 321 84 94**

СТРАТЕГИЯИ НАВИ ИТТИҲОДИ АВРУПО БАРОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ИМКОНИЯТҲОИ НАВ ВА ДУРНАМОИ ШАРИКӢ

Сайшарифова М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Осиёи Марказӣ анъанаҳои бисёрасраи якҷоя кардани Аврупо ва Осиёро дорад. Ин минтақа дар чорроҳаи стратегии ду қитъа ҷойгир аст. Пас аз ба даст овардани истиқлолият, кишварҳои Осиёи Марказӣ - Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон бо дигаргуниҳои назарраси сиёсӣ ва иқтисодӣ дучор гаштанд. Онҳо давлатдориро барқарор карданд, ҳамдигарфаҳмии байни миллатҳо ва муколамаи байни динҳоро барқарор карданд. Бо пайвастан ба Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо (САХА) онҳо арзишҳо, стандартҳо ва уҳдадориҳои ин созмонро қабул карданд. Бо имзои Эъломияи Ҳазорсолаи СММ, онҳо дар назди худ мақсадҳои бузург гузоштанд. Дар аввали асри XXI, дар шароити ҷаҳонишавӣ, вақти мушорикати сифатан нав байни Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ фаро расид. Стратегияи тамаркузи фаъолияти ояндаи ИА дар минтақа ба ду авлавияти асосӣ равона хоҳад шуд:

Якум, -мо мехоҳем, ки барои ИА шарик устувору боэътимод бошем.

Дуюм- мо мехоҳем неруи кишварҳо ва ҷомеаҳои Осиёи Марказиро дар рафъи буҳронҳову таҳдидҳои дохилӣ ва беруна тақвият диҳем ва қобилияти онҳоро дар татбиқи ислоҳот афзун намоем. Ин бояд ба ҳамкории зич дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун мусоидат кунад.

Зарурияти анҷоми фаъолияти таҳлилӣ Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ бо чунин омилҳо асоснок мегардад:

Якум, Ҳадафи умумии ноил шудан ба субот ва шукуфоӣ тавассути ҳамкориҳои осоишта шарикони Аврупо ва Осиёи Марказиро дар рушди ҳамкорӣ водор менамояд.

Дуюм, Ӯҳдадориҳои устувори ИА дар назди ҳамсояи шарқии худ дар чаҳорчӯбаи сиёсати ҳамсояги ҳамгироии давлатҳои Аврупо ва Осиёи Марказиро тавассути ҳамкориҳои сиёсӣ ва рушди иқтисодӣ ба ҳам наздик мекунанд.

Сеюм, Рушд ва муттаҳидсозии ҷомеаҳои устувор, одилона ва шафоф ва мувофиқат ба стандартҳои байналмилалӣ барои татбиқи пурраи шарикии Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳим аст.

Чорум, Идоракунии волоияти қонун, ҳуқуқи инсон, демократикунонӣ, масъулиятнок, ислоҳоти системаи маориф самтҳои калидӣ мебошанд, ки ИА омода аст бо мубодилаи таҷрибаҳо шуру намояд. ИА метавонад таҷрибаҳои ҳамгироии минтақавиро низ мубодила кунад, ки ба субот ва шукуфоии сиёсӣ дар ин кишварҳо оварда мерасонад.

Панҷум, ИА, инчунин метавонад дарсҳои аз тағйиротҳои сиёсӣ ва иқтисодии Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ омӯхтаро пешниҳод намояд. Бо анъанаҳои бой ва таърихи тӯлонии мубодила, ИА ва Осиёи Марказӣ метавонанд дар гуфтугӯи тамаддунҳо саҳми назаррас гузоранд.

Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ моҳи майи соли 2019 расман интишор ёфт ва баъзе ғояҳои он минбаъд дар изҳороти Федерика Могерини, ки дар маросими муаррифии моҳи июн дар Бишкек садо дод, ошкор гардиданд. Тағйироти муҳимтарин дар сиёсати ИА:

1. Даст кашидан аз кӯшиши таҷдиди бадқасдонаи системаи сиёсии минтақа. Саҳмгузорӣ дар ҳукуматҳои амалкунандаи минтақавӣ барои таъмини рушд ва амният.

2. Зикри СПАД, ЕАЭУ, СҲШ ва Ташаббуси Чин ва камарбанд ва роҳ ҳамчун субъектҳои сиёсати минтақавӣ, ки аксар вақт дар санадҳои стратегии қаблии ИА нодида гирифта мешуданд.

3. Рад кардани барқарор кардани муносибатҳои истисноӣ бо ИА бар зарари лоиҳаҳои давлатҳои дигар. Масалан, стратегия мутобиқати созишномаҳои шарикии тавсеаи байни ИА ва давлатҳои минтақавӣ бо Иттиҳоди иқтисодии Авруосиёро эълом мекунад.

Дарвоқеъ, мо метавонем дар бораи кӯшиши гузаштан ба "стратегияи ғайри конфронсӣ" дар муносибат бо бозингарони минтақавӣ ва тарк кардани "Украина" ва дигар масъалаҳои баҳсталаб берун аз муносибатҳои Осиёи Марказӣ сухан ронем. Ҳангоми сафари июниаш ба Бишкек, Ф.Могерини ин тағиротро дар муносибат бо кишварҳои минтақавӣ ошкоро таъкид кард. "Мо пинҳон намедорем, ки зиддиятҳо ва ихтилофҳо мавҷуданд, аммо равиши мо ташвиқ ва дастгирӣ кардани [кишварҳои минтақа] аст" гуфт ва ваъда дод, ки акнун ҷараёнҳои марбут ба ҳуқуқи инсон ба ҳолатҳои "мушаххас" иртибот хоҳанд дошт. Тошканди Ӯзбекистон конфронси байналмилалии онлайнро дар мавзӯи "Осиёи Марказӣ ва ИА: ҳамкории бисёрҷониба барои ноил шудан ба рушди устувори минтақаи Авруосиё" баргузор намуд. Дар ин чорабинӣ, ки Институти тадқиқоти стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар якҷоягӣ бо намояндагии Олмонии Бунёд ташкил кардааст. Дар Осиёи Марказӣ намояндагони агентиҳои корҳои хориҷӣ, роҳбарон ва коршиносони маъруфи марказҳои таҳлилӣ ва илмии ИА, Олмон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Афғонистон ва Ӯзбекистон ширкат варзиданд. Иштирокчиёни муколама оид ба ҳолат ва дурнамои рушди ҳамкории мутақобилан судманди кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ИА дар самти таъмини амният ва рушди устувори минтақаи Авруосиё, тақвияти ҳамкориҳои бисёрҷониба дар самти Афғонистон мубодилаи афкор карданд. Муовини якуми директори Институти тадқиқоти стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Неъматов зимни суханронӣ дар конфронс қайд кард, ки имрӯз Осиёи Марказӣ як навъи намунаи ҳамкориҳои бисёрҷониба аст, он ба минтақа табдил меёбад имкониятҳо, сармоягузорӣ, ҷолибияти туристӣ ва қудрати иқтисодӣ меафзояд. Ҳамин тариқ, дар муқоиса бо соли 2016, вуруди сармояи мустақими хориҷӣ ба Осиёи Марказӣ 40% афзуда, дар соли 2019 37,6 миллиард долларро ташкил дод. Ҳаҷми савдои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо кишварҳои сеюм дар соли 2019 56% афзуда, ба 168 миллиард доллар расид Шумораи сайёҳоне, ки ба кишварҳои Осиёи Марказӣ сафар мекунанд, дар соли 2019 аз 18 миллион гузашт. Ин нисбат ба соли 2016 93% зиёдтар аст. Дар натиҷа ҳаҷми ММД-и минтақа низ меафзояд. Соли 2019 ММД-и минтақавӣ нисбат ба соли 2016 19,6% афзуда, 302,8 миллиард долларро ташкил дод. Ҳамзамон, бо ишора ба пешгӯиҳои СММ, коршинос қайд кард, ки ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар минтақа дар даҳ соли оянда ММД-и минтақаро ду баробар зиёд мекунад. Тавре А.Неъматов таъкид кард, дар пасманзари коҳиш ёфтани истеҳсолот ва истеъмол дар ҳама кишварҳои ҷаҳон, халалдор шудани занҷирҳои истеҳсолоти ҷаҳонӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ИА бояд талошҳоро барои тавсеаи робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва ҳамкориҳои сармоягузорӣ муттаҳид кунанд. Ҷойгиршавии геостратегӣ дар "пайвастани" Аврупо ва Осиё, захира ва нерӯи инсонии Осиёи Марказӣ, ба гуфтаи намояндаи Институти тадқиқоти стратегӣ ва байниминтақавӣ минтақаро ҳамчун пайванди калидӣ дар занҷирҳои ҷаҳонии истеҳсолот ва пешниҳоди молҳои ба бозорҳо рақобатпазир ба ИА мегардонад. Дар ин робита, ӯ ба саривақтӣ ва мувофиқ будани ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев дар бораи таъсиси Маркази минтақавии рушди ҳамкориҳои нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ

дар назди СММ ишора кард. Ин як платформаи умумӣ барои ташаккули фазои ягонаи ҳамҷояшуда ва зоҳиран ҳамлу нақли Осиёи Марказӣ, робитаи он бо шабакаи нақлиёти Трансурупоӣ фароҳам меорад, ки муносибатҳои Осиё ва Аврупоро ба таври назаррас тақвият медиҳад. Ниҳоят, вазъ дар минтақа аз ихтилофҳои иқтисодӣ ва баҳсҳои сарҳадии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ вобастагӣ дорад, ки муносибатҳои байнидавлатиро ба таври ҷиддӣ бадтар мекунанд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ барои Россия аҳамияти ҳалкунанда доранд, ки бо омилҳои зерин муайян карда мешаванд:

1. Захираҳои азими захираҳои табиӣ дар Осиёи Марказӣ. Мониторинги роҳҳои асосии нақлиёт барои Русия аҳамияти бузурги сиёсати хориҷӣ ва гео-иқтисодӣ дорад;
2. Масъалаи амнияти миллӣ, зеро хатари асосӣ аз ҷануб меояд;

Самти Осиёи Марказӣ одатан яке аз самтҳои муайянкунандаи сиёсати хориҷии Русия мебошад. Маҳз ҳамкориҳои таърихии Русия ва халқҳои ин минтақа мавқеи хоси геополитикии панҷ ҷумҳурии Осиёи Марказиро муайян карданд. Дар тӯли солҳои мавҷудияти ИҶШС, байни Россия ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ робитаҳои наздики иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба роҳ монда шуданд. Онҳоро ҳатто дар раванде, ки дар солҳои 90-ум дар фазои пасошӯравӣ рӯй дода буд, несту нобуд карда наметавонистанд. Аммо, дар даҳсолаи охир, Русия ба рӯйдодҳои Осиёи Марказӣ кам аҳамият додааст. Федератсияи Россия танҳо дар солҳои 2000-ум дар ҷустуҷӯи шарики стратегӣ ва иқтисодӣ ба Шарқ рӯ овардааст.

АДАБИЁТ

1. [Электронный ресурс]. https://www.google.com/amp/s/russiancouncil.ru/amp/analytics-and-comments/columns/asian-kaleidoscope/novaya-strategiya-es-v-tsentralnoy-azii/
2. [Электронный ресурс]. https://www.uzdaily.uz/ru/post/55606
3. Новой стратегии ЕС доступен по адресу: [Электронный ресурс]. https://eeas.europa.eu/sites/eeas/files/joint_communication_-_the_eu_and_central_asia_-_new_opportunities_for_a_stronger_partnership.pdf

СТРАТЕГИЯИ НАВИ ИТТИҲОДИ АВРУПО БАРОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ИМКОНИЯТҲО ВА ДУРНАМОИ ШАРИКӢ

Дар рисола якчанд ҳуҷҷатҳо дар бораи рушди охирини муколамаи сиёсию амниятӣ байни Иттиҳоди Аврупо (ИА) ва Осиёи Марказӣ оварда шудаанд. Таваҷҷуҳи ин нашрия ба давраи пас аз моҳи июни соли 2007, замоне ки Стратегияи шарикии нав байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ қабул шудааст, равона шудааст. Ин сатҳи баланди муносибатҳои байни ИА ва Осиёи Марказиро нишон медиҳад. Иттиҳоди Аврупо бо панҷ кишвари Осиёи Марказӣ аз лаҳзаи соҳибистиқлолии худ дар аввали солҳои 90-ум муносибатҳои мутақобила дорад. То соли 2007 ин муносибатҳо босуръат рушд карданд ва наздикии арзишҳо ва манфиатҳо дар соҳаҳои иқтисод, сиёсат ва амниятро нишон доданд. Тамоюли афзояндаи муносибатҳои дуҷонибаи Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ мавҷудияти потенсиали хеле муҳимро барои ҳамкории стратегӣ байни Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои минтақа тасдиқ намуд.

Калидвожаҳо: сиёсат, Осиёи Марказӣ, сиёсати хориҷӣ, Иттиҳоди Аврупо, ҳамкорӣ.

НОВАЯ СТРАТЕГИЯ ЕС ДЛЯ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ: НОВЫЕ ВОЗМОЖНОСТИ И ПЕРСПЕКТИВЫ ПАРТНЕРСТВА

Данная статья содержит несколько документов, освещающих последнее развитие диалога в области политики и безопасности между Европейским Союзом (ЕС) и Центральной Азией. Основное внимание данной публикации сосредоточено на период после июня 2007 г., когда была принята Стратегия нового партнерства между ЕС и Центральной Азией. Это ознаменовывает выход отношений между ЕС и Центральной Азией на более высокий уровень. ЕС поддерживает взаимные отношения с пятью странами Центральной Азии с самого момента провозглашения их независимости в начале 90-х годов. К 2007 году эти отношения получили устойчивое развитие и выявили близость ценностей и интересов в области экономики, политики и безопасности. Растущая динамика двусторонних отношений между Европейским Союзом и Центральной Азией подтвердила наличие существенного потенциала для стратегического сотрудничества ЕС со странами региона.

Ключевые слова: политика, центральная Азия, внешняя политика, Евро союз, сотрудничество.

NEW EU STRATEGY FOR CENTRAL ASIA: NEW OPPORTUNITIES AND PROSPECTS FOR PARTNERSHIP

This article contains several documents highlighting the latest development of the policy and security dialogue between the European Union (EU) and Central Asia. The focus of this publication is on the period after June 2007, when the Strategy for a New Partnership between the EU and Central Asia was adopted. This marks a higher level of relations

between the EU and Central Asia. The EU maintains mutual relations with the five countries of Central Asia from the very moment of their independence in the early 90s. By 2007, these relations had developed steadily and revealed the closeness of values and interests in the fields of economics, politics and security. The growing dynamics of bilateral relations between the European Union and Central Asia has confirmed the existence of significant potential for strategic cooperation between the EU and the countries of the region.

Keywords: politics, central Asia, foreign policy, Euro union, cooperation.

Сведения об авторе: ***Сайшарифова Мадинаи Чамшед*** - магистр первого курса кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан, Таджикского национального университета. Телефон: **+992-989-12-36-32**

Information about the author: ***Saisharifova Madinai Jamshed*** – first-year master`s student of Department of diplomacy and foreign policy of the Republic of Tajikistan, Tajik National University. Phone: **+992-989-12-36-23**

ПОШХӮРИИ ИТТИҲОДИ ШӮРАВӢ ВА ЗУҲУРУ ТАШАККУЛИ МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ҲАМЧУН КИШВАРҲОИ ҶАВОНТАРИН

Сангов Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар даврони “ҷанги сард” минтақаи Осиёи Марказӣ, то ҷое берун аз сиёсати ҷаҳонӣ қарор дошт. Имрӯз, ин сарзамин ба таври ғайри мунтазира дар арсаи байналхалқӣ ба мавзӯъи таҳлилу омӯзиши фаъол ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Иллати асосии ин фаъолгардии геополитикӣ он аст, ки пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба алоқа ва муносибатҳои давлатҳои осиёимиёнагии аъзои ИДМ ва дигар ҷумхуриҳои собиқ Иттифоқи Шуравӣ, алалхусус, ба робитаҳои иқтисодии онҳо таъсири ҷиддӣ расонд. Давлатҳои ин минтақа, ки умумияти динӣ, нажодӣ, забонӣ ва решаҳои таърихию фарҳангӣ доранд, метавонанд ғолибан баҳри ҳамкории ҳамаҷониба заминаи мусоид фароҳам оваранд. Аз ин рӯ, ИМА ва дигар мамолики Ғарб дар пур сохтани “фазои холӣ”-и Осиёи Марказӣ ва монеъ шудан ба васеъшавии таъсири ислом талош варзида, равобити хешро бо давлатҳои ин минтақа вусъат бахшида, онҳоро дар сиёсат ва иқтисодиёт ба татбиқи ислоҳоти шакли ғарбӣ такон медиҳанд. Новобаста аз ин, баъди ба даст овардани истиқлолият дар баъзеи ин кишварҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон ҳаракатҳои сиёсии мухталиф қувват гирифта, барои ба даст овардани ҳокимият ба мубориза шурӯъ карданд. Натиҷаи ҳамаи ин муборизаҳои кур-курона буд, ки ҷумҳуриро ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид. Тибқи маълумотҳои қаблӣ дар ИҶШС ду тақсимоти иқтисодӣ вуҷуд дошт – Осиёи Миёна ва Қазоқистон. Аз нуқтаи назари ҷуғрофиёи физикӣ ва иқлимшиносӣ, ба Осиёи Миёна натанҳо чор кишвари собиқ Шӯравӣ (Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон), балки қаламрави марказӣ ва ҷануби Қазоқистон низ дохил мешавад. Барои нишон додани панҷ ҷумҳурии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ – Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистон бисёр вақт истилоҳи “Осиёи Марказии собиқ Шӯравӣ” истифода мешавад. Бори аввал файласуф, ҷуғрофидон ва сайёҳи немис Александр Гумболдт соли 1843 Осиёи Марказиро ҳамчун минтақаи алоҳидаи ҷаҳон ҷудо карда буд. Осиёи Марказӣ калонтарин минтақаи Осиё мебошад, ки роҳи баромад ба уқёнусро надорад. Тибқи муқаррароти муайяннамудаи ЮНЕСКО, ба минтақаи мазкур Муғулистон, қисмати шимолу ғарбии Чин (Синҷон, Тибет, Муғулистони дохилӣ, Синхай, Сичуан, Гансу), ноҳияҳои осиёии Россия, Қазоқистон ва ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шуравӣ- Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон дохил мешаванд. Таърихан, Осиёи Марказӣ бо Роҳи бузурги абрешим ва қабилаҳои бодиянишин, ки дар даштҳои беканори он зиндагӣ мекарданд, машҳур буд. Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақае, ки дар он ҷо одамон, молу ашё ва ғояҳои гуногун аз қитъаи Авруосиё – Аврупо, Шарқи Наздик, Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ қарор доштанд, баромад мекард. Аз замонҳои қадим Осиёи Марказӣ, ки таҷассумгари ба ҳам омадани Шарқу Ғарб буд, дар пешрафти сиёсати хориҷии байни давлатҳо ва халқҳо нақши калидиро мебозид. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ аҳамияти минтақа, ки байни Аврупо

ва Осиёи Ҷанубӣ ҳамчун як пайвандгар баромад мекард, бо дарназаардошти тағйиротҳои бамиёномада авлавият касб мекард. Чун дар асри XIX ва ҳамчунин дар қарни XXI омилҳои асосие, ки аҳамияти минтақаро муайян мекарданд, вазъи геополитикӣ ва геостратегии минтақа буд, ки баъзан вақт сабаби сар задани низоъҳо байни абарқудратҳои ҷаҳон мегашт.

Соли 1992 президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев дар нишасти сарони давлатҳои Осиёи Миёна пешниҳод кард, ки мафҳуми “Осиёи Миёна ва Қазоқистон” аз байн бурда шуда, ба ҷойи он мафҳуми “Осиёи Марказӣ” истифода шавад, чунки ин тамоми кишварҳои пасошӯравии минтақаро дар бар мегирад. Осиёи Марказӣ, дар ҳақиқат, аз нигоҳи геостратегӣ хеле муҳим мебошад. Дар ҳолати назорат кардани ағбаҳои кӯҳӣ, метавон вазъро дар тамоми кишварҳои наздик таҳти назорат қарор дод. Қаламрави Афғонистон бошад, ҳамчун чорроҳаи муносибатҳои трансконтиненталӣ баромад мекунад. Тибқи назари В.И.Максименко, инҳо роҳҳое мебошанд, ки аз шимол ба ҷануб тӯл кашида, Ҳиндукушро убур мекунанд ва ё давр зада Осиёи Марказии навро бо Покистон ва Ҳиндустон мепайвандад. Ин роҳҳо, ки дар самти арзӣ тӯл кашидаанд, Эронро бо Ҳиндустон ва Шарқи Надикро бо Шарқи Дур мепайвандад. Ҳамин тариқ, Осиёи Марказӣ натанҳо пойгоҳи муносиби ҳарбӣ, балки ҳалқаи муҳими геоиқтисодӣ дар пешрафти тиҷорати асри XXI байни Аврупо, Россия ва Осиё ба шумор меравад.Осиёи Марказӣ аҳамияти геополитикии худро дар замони болоравии муқовиматҳо байни Британияи Кабир ва Империяи Россия, ки дар Шарқи Наздик шурӯъ шуда, то ба қаламрави Осиёи Марказӣ омада расид, ба даст овард. Дар охири асри XIX мубориза байни Британияи Кабир ва Империяи Россия барои Осиёи Марказӣ ва Ҳиндустон шурӯъ шуд, ки онро муҳақиқ ва нависандаи британиёӣ Артур Конолли “Бозии калон” номид. Тибқи ақидаи коршиносон, дар охири қарни XX боз як давраи нави “Бозии калон” оғоз ёфт, ки ба он ИМА, Туркия, Эрон ва дертар Хитой низ ҳамроҳ шуданд. Дар қатори “бозингарон” ҳамчунин собиқ ҷумҳуриҳои Шӯравӣ, ки дар байни қуввахои муқовиматкунанда мондаанд ва барои аз даст надодани истиқлолияти худ мубориза мебаранд, шомил шудаанд.

Осиёи Марказӣ, ки майдони умумии он ба 3 994 400 км квадратӣ мерасад, дар маҷмуъ, тақрибан 10 фоизи ҳудуди қитъаи Осиёро дар бар мегирад ва дар баробари ин минтақаи муҳими геостратегӣ дар харитаи ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назари ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, Осиёи Марказӣ дар Ғарб бо Аврупо, дар Шарқ бо кишварҳои Осиё, дар Шимол бо Федератсияи Россия ва дар Ҷануб бо кишварҳои ҷаҳони ислом сарҳади умумӣ дорад. Ҳамин тариқ, кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки танҳо дар хушкӣ ҷойгир мебошанд, ягона имконияти баромадан ба уқёнуси ҷаҳониро танҳо тариқи роҳҳои транзитӣ доранд. Аз рӯйи ҳаҷми захираҳои сузишворӣ ва энергетикӣ (нафт ва газ), ин минтақа дар ҷаҳон ҷойи дуюмро ишғол мекунад, ҳамчунин аз захираҳои бузурги канданиҳои фоиданок, ба монанди тилло, мис, уран ва металлҳои вазнин бой мебошад. Дар маҷмуъ, хусусияти хоси Осиёи Марказӣ – ин макони ба ҳам омадани Шарқу Ғарб, рушди фарҳанги туркӣ-исломӣ буда, Роҳи бузурги абрешим гувоҳи муҳим будани он мебошад. Осиёи Марказӣ ягона нуқтаи беназире дар ҷаҳон аст, ки чор кишвари пурқуввати ядроӣ – Россия, Чин, Ҳиндустон ва Покистонро ба ҳам мепайвандад. Бозори истеъмолии ин минтақа беш аз 50 млн. нафар ва гурӯҳҳои гуногуни этникиро дар бар мегирад. Баъд аз истиқлолият, кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ бо ду намуди тағйиротҳои геополитикӣ рӯ ба рӯ шуданд - дохилӣ ва минтақавӣ. Масъалаҳои ҳалношудаи сиёсӣ, этникӣ, ҳудудӣ, ки аз замони Шӯравӣ мерос монда буданд, ба зуҳури масъалаҳои ҷиддии геополитикӣ дар кишварҳои мазкури минтақа мусоидат кард. Намунаи он як қатор буҳронҳое мебошанд, ки дар заминаи ҳолатҳои баҳсталаби ҷуғрофӣ ё этникӣ ва баъзан вақт бо сабаби таъсири омилҳои якум ва дуюм хуруҷ мекарданд. Муҳимтарин хусусияти геополитикии Осиёи Марказӣ дар давраи пасошӯравӣ, аз ҷумла, пас аз рӯйдодҳои 11 сентябри соли 2001 дар он аст, ки он ба майдони муборизаи қудратҳои минтақавӣ ва фаромнтақавӣ табдил ёфт. Ҳамин тавр, ба ғайр аз панҷ кишвари пасошӯравии Осиёи Марказӣ –Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва

Қазоқистон барои қонеъ намудани манфиатҳои худ дар минтақа, инчунин панҷ лидери минтақавӣ (Россия, Эрон, Туркия, Ҳиндустон ва Покистон) ва се лидери фаромінтақавӣ (ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва Хитой) мубориза мебаранд. ИМА, дар нақши гегемони ҷаҳонӣ як қатор манфиатҳои муайяни худро дар Осиёи Марказӣ пайгирӣ мекунад. Пеш аз ҳама, дастрасӣ ва назорати захираҳои энергетикӣ, пешгирӣ аз таъмини манфиатҳо ва таъсири Эрон, инчунин пешгирии нуфузи нави Россия дар минтақа ба доираи манофеи ИМА дохил мешаванд. Ба ғайр аз хислатҳои дохилӣ ва хусусиятҳои ҷуғрофии худ кишварҳои Осиёи Марказӣ дар замони муосир сабаби рақобати ҷиддии абарқудратҳои минтақавӣ ва фаромінтақавӣ гаштааст. Ин шаҳодати он аст, ки дар назарияи нави геополитикӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ диққати махсус дода мешавад. Хэлфорд Макиндер, ки соли 1904 назарияи Хартлэндро (Heartland) коркард карда буд, ки тибқи он ноҳияи марказии қитъаи Авруосиё, ки барои гаштани киштиҳо истифода намешавад, ҳамчун истеҳкоми муҳим дар хушкӣ шуда метавонад. Бо дарназардошти аҳамияти муҳими минтақа, пайравони Макиндер итминон доштанд, ки дастрасӣ ба он метавонад назорати хушкии заминро дар ҷаҳон таъмин намояд. Маҳз бо ҳамин сабаб, онҳо ИҶШС (СССР)-ро номзад ба абарқудрати ҷаҳонӣ ҳисоб мекарданд. Назарияи дигар, ки ҳамчун назарияи сарҳад ё “Римланд” (Rimland) машҳур аст, дар давраи баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон аз ҷониби Дугин коркард шудааст. Дар ин назария диққати асосӣ ба нақши калидии неруҳои ҳарбӣ-баҳрӣ дода мешавад. Аҳамияти муҳими геополитикии минтақаи Осиёи Марказӣ дар он аст, ки дар ин минтақа имкониятҳои беназири якҷо намудани қуввахои ҳарбӣ-баҳрӣ ва хушкигард мавҷуд аст.

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ мавқеи стратегии эллипсӣ Ҷеффри Кэмп дар адабиёти сиёсии ҷаҳонӣ истифодаи махсуси худро пайдо кард, ки он бо масъалаҳои мубрами геоиқтисодӣ (нафту газ) асоснок карда шуд. Ба ақидаи Кэмп, тақрибан 70% захираҳои тасдиқшудаи нафт, инчунин зиёда аз 40% захираҳои гази табии ҷаҳонӣ дар минтақае ҷойгиранд, ки шакли эллипсро дорад ва аз қисмати ҷанубии Россия ва Қазоқистон то Арабистонӣ Саудӣ ва Аморати Муттаҳидаи Араб тӯл кашидааст. Воқеан, стратегияи энергетикии “эллипс” захираҳои бойи нафту гази халиҷи Форсро дар бар мегирад. Аз ҷумла, конҳои калонтарини гази табиӣ (Форси ҷанубӣ ва Гунбади шимолӣ), ки 19% аз ҳаҷми умумии захираҳои гази ҷаҳониро дар бар гирифта, то баҳри Каспий тӯл мекашад ва он баъд аз минтақаҳои халиҷи Форс ва Сибир яке аз муҳимтарин конҳои захираҳои энергетикӣ дар ҷаҳон ҳисобида мешавад. Минбаъд “эллипс” сарҳади ғарбии Осиёи Марказӣ, инчунин қаламрави се кишвари минтақа – Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистонро дар бар мегирад. Тибқи назарияи дар боло зикршуда ва бо дарназардошти манфиатҳои геоиқтисодӣ, захираҳои энергетикӣ, ки дар қисми марказии Авруосиё қарор доранд, барои мамлакатҳои Шарқ ва Ғарб манбаъҳои қимати ашёи хом мебошанд. Дар баробари ин, мавҷудияти чунин захираҳо бояд ба густариши содироти неру мусоидат кунад, чунки талабот ба он дар солҳои охир натанҳо кам нашудааст, балки рӯ ба афзоиш дорад. Тибқи маълумотҳои тасдиқшуда, ҳаҷми захираҳои нафт дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба 15-31 млрд. баррелей баробар буда, ҳаҷми умумии захираи гази табиӣ бошад, 230-360 трлн. метри мураббаъ мебошад, ки тақрибан 7,2% захираҳои нафти ҷаҳонӣ ва 7% захираҳои газро дар бар мегирад. Аз тарафи дигар, бо назардошти мунтазам афзоиш ёфтани иқтисоди ҷаҳонӣ, зарурати истифодаи манбаъҳои нафту газ меафзояд. Тибқи омори ҷаҳонӣ, меъёри хароҷоти гази табиӣ, ки 95 млрд. метри кубӣ дар соли 2003 буд, то соли 2030 то 182 млрд. метри кубӣ зиёд мегардад.Бинобар таҳкими тамоюли рушди иқтисодӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф ва талаботи онҳо ба захираҳои энергетикӣ, минтақаи Осиёи Марказӣ ва иқтидори энергетикии онро бояд ҳамчун яке аз такягоҳи асосӣ дар ҳалли масъалаҳои энергетикӣ истифода бурд. Собиқ мушовири президенти Амрико оид ба амнияти миллӣ дар солҳои ҷанги “сард”, мушовири Маркази тадқиқоти стратегӣ ва байналмилалӣ З.Бжезинский дар китоби худ “Великая шахматная доска” (Тахтаи бузурги шоҳмот) минтақаи Осиёи Марказиро “ Балкани Авруосиёи ” ном мебарад. Истифодаи ин истилоҳ ба он хотир аст, ки минтақа, дар ҳақиқат, ба Балкани пешина шабоҳат дорад. Аз нуқтаи назари амрикоиҳо, мақсади асосӣ - ин назорат аз болои

захираҳои бойи минтақа мебошад. З. Бжезинский дар бораи Осиёи Марказӣ таъкид менамояд, ки нақши муҳимро дар минтақа ду кишвар мебозад – Қазоқистон ва Ӯзбекистон: Қазоқистон “сипари минтақа” ва Ӯзбекистон – “ҷон”-и он мебошад. Ба ақидаи муаллиф, элитаи сиёсии Ӯзбекистон кишвари худро ҳамчун номзад дар нақши лидери минтақавӣ мешуморад, ҳарчанд он аз нуқтаи назари қавмӣ осебпазир аст. Қазоқистон бошад, бо мавҷудияти сарҳад бо Россия ва миқдори зиёди аҳолии русзабон дар вобастагии доимӣ бо ҳамсояи шимолии худ побанд аст. Хулосаи асосии З. Бжезинский оид ба сиёсати ИМА дар Осиёи Марказӣ чунин аст: не дар боло, не дар поён. Ин маънои онро дорад, ки Амрико аз минтақа хеле дур аст, то дар ин қисми Авруосиё ҳукмфармоӣ кунад, вале хеле пуркувват аст, то дар равандҳои ин минтақа ҷалб нашавад. Муаллиф сиёсати Амрикоро дар минтақа дар шакли бисёркутба мебинад: муносибат бо Россия аз мавқеи ин кишвар нисбат ба истиқлолияти давлатҳои нави минтақа вобаста аст. Геополитики фаронсавӣ Э. Шоправд (муаллифи “Луғати Геополитика", ки дар Фаронса ба чоп расида буд), қайд мекунад, ки дар Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ - Вашингтон бо иттифоқчиёни худ бозиеро бар зидди Россия мебарад. Дар ҳама ҷо - дар Аврупои Шарқӣ, ки блоки Атлантикаи Шимолӣ доман паҳн карда истодааст ва дар муборизаи бузург барои нуфуз дар Осиёи Марказӣ, Қафқоз ва Украина ИМА бо шарикони худ - Олмон, Туркия, Покистон кӯшиш карда истодааст, ки таъсир ва нуфузи Россияро халалдор ва камранг созад.

Аз соли 1992 минтақаи Осиёи Марказӣ дар саҳифаҳои маҷаллаи “Стратегическое обозрение” ҳамчун сюжети мустақил пайдо шуд. Муаллифон қайд карданд, ки агар бо барҳам хурдани таҳдиди Шӯравӣ дар Аврупо ва аз байн рафтани пардаи “оҳанин” ба вазъи геостратегӣ дар қитъа бо диди нав назар карда бошанд, пас таъсиси давлатҳои мустақил дар Осиёи Марказӣ ба он оварда расонд, ки тамоми консепсияи геополитикии Ғарб дар Осиё таҷдиди назар шуд. Дар баробари ин, муалифон вазъи бамиёномадаи Осиёи Марказиро дар аввали солҳои 90-ум ба ҳолати давлатҳои начандон калони Осиёи Ҷанубӣ, ба монади Бангладеш, Шри Ланка, Непал ва Бутан қиёс мекарданд, ки ин кишварҳои хурд дар сояи муқобилиятҳои Ҳинду Покистон баъд аз рафтани Британияи Кабир монданд. Ҷумҳуриҳои нави Осиёи Марказӣ низ ҳамчунин зери таҳдиди дуҷониба – бесарусомониҳои сиёсӣ ва дезинтегратсияи ҳудудӣ монданд. Далелҳои илмӣ собит месозанд, ки қитъаи Осиё ҳама вақт, дар ҳама давру замон барои абарқудратҳои ҷаҳон ҳамчун дурдонае буд, ки ҳар як кишвари пуркувват мехост онро соҳиб шавад. Дар давоми муборизаҳои озодихоҳӣ халқҳои кишварҳои Осиё тавонистанд истиқлолияти худро ба даст оранд, вале дар баробари ин, масъалаи дигар ба миён меомад - ин ҳам бошад, нигоҳ доштан ва аз даст надодани он (истиқлолият) буд. Аз охири қарни гузашта, то ба имрӯз аз сарчашмаҳои илмӣ ба мо маълум гашт, ки чӣ гуна давлатҳо аз байн мераванд, чӣ тавр онҳо истиқлолият ва тамомияти арзии худро аз даст медиҳанд ва ин раванд бо дарназардошти бозиҳои геополитикӣ ва манфиатҳои геоиқтисодии абарқудратҳои ҷаҳон идома хоҳад дошт. Бо дарназардошти ҷой доштани боигариҳои зиёди зеризаминӣ, нафту газ ва дигар захираҳои табиӣ, Осиёи Марказӣ ҳама вақт меҳвари бозиҳои калони бозингарони минтақавӣ ва ҷаҳонӣ хоҳад монд ва вазифаи аввалиндараҷаи ҷумҳуриҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ дар марҳилаи кунунӣ ва оянда - ин бо ҳар роҳу восита ҳифз кардани истиқлолияти давлатӣ ва манфиатҳои миллии худ мебошад. Федератсияи Россия аз нуқтаҳои заифи кишварҳои минтақа истифода намуда, ҳамеша онҳоро дастнигар ва ба худ вобаста менамояд. Яке аз нуқтахои заифии баъзе кишварҳои минтақа мисоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ин бо ҷои кор таъмин карда натавонистани аҳолии хеш ва руй овардани онҳо ба самти муҳоҷирати меҳнати мебошад. Маҳз ин нуқтаро ҳама вақт ҷониби Россия хуб истифода намуда ҳамеша қарорҳои ба манфиати хеш судмандро бо ин кишваарҳо дар миён мемонад. Бархе аз кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мехоҳанд бо ҳаргуна ҳамкорӣ бо кишварҳои ба ин минтақа таваҷҷуҳ дошта вазъи иҷтимоиву иқтисодии кишвари хешро бо сармоягузории онҳо то андозае боло баранд. Аммо ин гуна руовариҳо ба ҷониби Русия хуш намеояд ва он бошад бо ҳарроҳ болои муҳоҷирони кишварҳо ҳаргуна зулмро раво мебинанд. Имрӯзҳо ин хеле зиёд ба чашм

мерасад ва ҳамин тавр ҳеҷ кадоме аз кишварҳои минтақа наметавонанд сиёсати мустақилонаро ба роҳ монанд ва ин доғҳо ҳануз аз солҳои 1886 оғоз шуда буд. Новобаста аз гуфтаҳои боло Россия низ заифиҳои худро дар идоракунии минтақа дорад. Яке аз заифиҳои Россия нисбат ба давлатҳои минтақа надоштани стратегияи амиқу ягона мебошад.

АДАБИЁТ

1. Эмомали Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат.ҷилди 3 саҳ 409. Душанбе Ирфон-2002.
2. Раҳмонов Э.Ш. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҷурии Тоҷикистон, 16 апрели соли 2005. «Ҷумҳурият», 19 апрели соли 2005.
3. Дугин. Основы геополитики.-М.,1997. сањ 23-24.
4. З.Бжезинский “Великая шахматная доска” (Тахтаи бузурги шоҳмот) саҳ 46.
5. Э. Шопрад “Луғати Геополитика"
6. Зокиров Г Х «Геополитика» Душанбе-2009. «Эҷод» саҳ 252…260.
7. Маҳмадов Абдураҳмон. Сиёсатшиноси Душанбе-2010 нашриёти «Ирфон» саҳ 408-409
9.Дугин. Основы геополитики. -М., 1997. –С.23-24.
10. З.Бжезинский “Великая шахматная доска” (Тахтаи бузурги шоҳмот) саҳ 46.
11.Э. Шопрад “Луғати Геополитика"
1. 12. Розиков Ф.М., Пайвандов, Х.Б. Ҷанбаҳои минтақавии муносибатҳои байналмилалӣ – Душанбе: 2019. – 400 с.
13.Маҳмадов Абдураҳмон. Сиёсатшиноси Душанбе-2010 нашриёти «Ирфон» саҳ 408-409.

ПОШХУРИИ ИТТИҲОДИ ШӮРАВӢ ВА ЗУҲУРУ ТАШАККУЛИ МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ҲАМЧУН КИШВАРҲОИ ҶАВОНТАРИН

Дар оғози асри навин минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз минтақаҳои ҳассос, ҷолиб, муассир, мавқеъдошта ва калидии ҷаҳони муосир ба шумор рафта, дар мадди диққати абарқудратон қарор гирифт. Дар тули таърих ин сарзамин ҳама вақт зери ҳамлаҳои аҷнабиён қарор дошта ҳамеша аз ҷониби онҳо талаву тороҷ ва вайрону валангор мегардид. Аммо мардуми шуҷоатманди минтақа бо роҳбарии мардони сарсупурдаи хеш ба зудӣ ба аҷнабиён сар фуруд намеоварданд. Имрӯз низ Осиёи Марказӣ аз рисолати худ бархурдор аст. Бозиҳои бузурге, ки дар асри XIX бо иштироки 2-қуввае, ки сиёсати ҷаҳониро муайян мекарданд, дар ин ҷо шуруъ шуда, он то ҳол давом ёфта истодааст ва ба худ характери навро дар шакли иваз намудани иштирокчиён ва зиёд шудани шумораи онҳо касб намудааст.

Калидвожаҳо: Осиёи Марказӣ, Минтақаҳои ҳассос, Бозиҳои Бузург, Вайрону Валангор, Сиёсати ҷаҳонӣ, Аҷнабиён, Абарқудратон, зери ҳамлаҳо, мардуми шуҷоатманд, калидӣ, мавриди диққат, асри нав.

РАСПАД СОВЕТСКОГО СОЮЗА, ВОЗНИКНОВЕНИЕ И СТАНОВЛЕНИЕ ЦЕНТРАЛЬНОАЗИАТСКОГО РЕГИОНА КАК САМОГО МОЛОДОГО РЕГИОНА

В начале нового века регион Центральной Азии стал одним из самых чувствительных, привлекательных, эффективных, позиционируемых и ключевых регионов современного мира и стал центром ваших сверхдержав. На протяжении всей истории эта земля всегда подвергалась нападениям иностранцев, разграблялась и разрушалась ими. Но отважные жители региона под руководством своих преданных людей не сразу уступили иностранцам. Сегодня у Центральной Азии тоже есть миссия. Великие игры, начавшиеся в девятнадцатом веке с участием двух сил, определявших мировую политику, продолжились здесь и приобрели новый характер в форме смены участников и увеличения их числа.

Ключевые слова: Центральная Азия, уязвимые регионы, Великие игры, разрушение, мировая политика, Ахемениды, абиссинцы, под атакой, храбрые люди, ключ, внимание, новый век.

THE COLLAPSE OF THE SOVIET UNION, THE EMERGENCE AND FORMATION OF THE CENTRAL ASIAN REGION AS THE YOUNGEST REGION

At the beginning of the new century, the region of Central Asia has become one of the most sensitive, attractive, effective, positioned and key regions of the modern world and has become the center of superpowers`s views. Throughout history, this land has always been attacked by foreigners, plundered and destroyed by them. But the brave inhabitants of the region, led by their loyal people, did not immediately yield to foreigners. Central Asia also has a mission today. The great games that began in the nineteenth century with the participation of the two forces that determined world politics continued here and took on a new character in the form of a change in the number of participants and an increase in their number.

Keywords: Central Asia, vulnerable regions, Great Games, destruction, world politics, Achaemenids, Abyssinians, under attack, brave people, key, attention, new century.

Сведения об авторе: ***Сангов Шарафджон*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса специальности зарубежнего регионоведения

Information about the author: ***Sangov Sharafjon*** – Tajik National University, second-year master`s student, specialty of Foreign regional studies

ТАШКИЛИ КОРҲО ОИДИ РАҚАМИГАРДОНИИ ҲУҶҶАТҲОИ БОЙГОНӢ

Сангалиев Х.Б. Талбаков П.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳуҷҷат чун воситаи асосии сабти ҳаёти шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Бо равиши таърихӣ инсон намудҳои гуногуни ҳомилро барои сабти иттилоот ихтироъ намудааст. Моҳиятан вазифаи асосии ин мукаммалкунӣ ва ихтироъҳои ҳомили нав бо як мақсад– таъмини дарозумрии ҳуҷҷат нигаронида шудааст. Дар замони муосир аҳамияти калонро технологияҳои компютерӣ ва васоитҳои таъминкунандаи сабти базудӣ, ғун кардан, коркард, ҷустуҷӯ, нигаҳдории боэътимоди он, дурии дастрасӣ, пешниҳоди сари вақтии иттилоот дар ҳомил ва шакли зарурӣ ба даст дароварда аст. Замони нав заруратро барои баргардон намудани ҳуҷҷатҳои дар ҳомили анъанавӣ ба шакли рақамӣ (рақамигардонӣ) ба миён овард. Мақсад ва моҳияти асосии рақамигардонӣ ин таъмини ҳифзи амнияти ҳуҷҷатҳо ва самти муҳими кори бойгониҳои давлатӣ мебошад. Рақамигардонии ҳуҷҷатҳо – ташкили хазинаи электронии истифода мебошад. Хазинаи электронии истифода ин маҷмуи нусхаҳои электронии ХБМ-и дар ҳомили рақамӣ сабт шуда ва барои истифода ба ҷойи нусхаи асли ҳуҷҷатҳо таъйин шуда мебошад. Он бояд ҳифзи ҳуҷҷат, имконияти ташаккули захираҳои электронии дастрасии амалӣ ба ҳуҷҷат, аз ҷумла бо истифода аз интернет-технологияҳоро таъмин намояд. Нусхаҳои электронии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва хазинаи электронии истифодаро ба сифати хазинаи эҳтиётӣ ҳуҷҷатгузории бойгонӣ номумкин аст.

Тартиби таъсиси хазинаи электронии истифода (нусхаҳои электронии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ) яке аз вазифаҳои муҳими фаъолияти бойгониҳо ба шумор рафта, бояд бо тартиби муқаррар кардашудаи таъсиси хазинаи электронии истифода ба тартиб дароварда шавад. Хазинаи электронии истифода таъсис дода мешавад:

- бо низоми мақсаднок дар доираи барномаҳои давлатӣ ва нақшаҳои ҳарсолаи (дарозмуддати) корҳои бойгонӣ;
- бо низоми мақсаднок ба ҳамаи ҳуҷҷатҳои барои нусхабардории эҳтиётӣ муайян карда шуда;
- дар ҷараёни иҷрои фармоишҳо;
- дар ҷараёни дигар корҳо.

Амалҳои технологии асосии таъсиси нусхаҳои электронии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ:

- ҷудокунии ҳуҷҷатҳо барои рақамигардонӣ;
- омода кардани ҳуҷҷатҳо барои рақамигардонӣ;
- супоридани ҳуҷҷатҳо барои сканеркунонӣ \қабули ҳуҷҷатҳо\, бақайдгирӣ дар ҳуҷҷатгузориҳои баҳисобгирӣ;
- интихоби усули рақамигардонӣ дар ҳомилҳои гуногун (масалан, барои суратҳуҷҷатҳо омили муайянкунанда навъ ва намуди ҳомили ҳуҷҷат (қоғази суратгирӣ, плёнкаи суратгирӣ, шиша), лӯлапеч ё кадри алоҳида, андозаи ҳомил (қоғаз ва кадри суратгирӣ) характеристикаи ҳуҷҷат (варақи ҷудогонаи ҳуҷҷат, суратгирӣ, ё маҷмуи ҳуҷҷатҳо), суратҳои дар сураталбом ширеш карда шуда); барои фоноҳуҷхатҳо –ҳомили иттилоот, шумораи таҷҳизоти махсус гардонидашуда барои таҷдиди нусхаи асл ва монанди ин);
- рақамигардонии ҳуҷҷат;
- супоридани нусхаҳои ҳомилҳо ба нигаҳдорӣ;
- баргардонии асли ҳуҷҷатҳо ба нигаҳдорӣ.

Дар тартиби нақшавӣ нусхаҳои электронии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар навбати аввал барои ҳуҷҷатҳои зайл таъсис дода мешаванд:

- ба ҳуҷҷатҳои бештар истифодашаванда, новобаста ба замони таъсис, ашё ва техникаи омодасозии ҳуҷҷатҳо;
- ҳуҷҷатҳои қимматнок ва нодир;

❖ ҳуҷҷатҳои дар ҳолати физикии ғариқаноатбахш бо дараҷаи баланди вайроншавии асосҳо қарордошта, ки боиси аз байн рафтани асл шуданаш мумкин аст;

❖ ҳуҷҷатҳо, ки барои онҳо таҳдиди аздастдиҳии иттилоот мавҷуданд (масалан, барои ҳуҷхатҳо дар асоси қоғазӣ – заъфи матн; барои фоносабтҳо дар лентаи магнитӣ – бемагниткунӣ; барои суратнегативҳои ранга - аздастдиҳии рангиият ва монанди ин), дар сурати дар ҳолати қаноатбахш қарор доштани ҳомил;

❖ иҷрои дархост ва фармоишҳо, омодасозии лоиҳаҳои нашриявӣ ва намоишдиҳӣ.

Барои рақамигардонӣ танҳо он хазинаҳое, ки онҳо ба азнавкоркардабароии илмӣ-техникӣ гузаштаанд ё нисбати дар оянда дар назар дошта нашудаанд ё рӯйхатҳои мукаммал кардашуда (дар қисми муҳарририи сарлавҳаҳо) мансуб аст.

Аз хазинаҳои баробаразиш аз рӯи аҳамият, ба нусхабардории аввалиндараҷа хазинаҳое, ки ҳуҷҷатҳои онҳо дар ҳолати ғайриқаноатбахши физикӣ (техникӣ) ва истифодабарии шиддатнок, қарордошта, инчунин суратҳуҷҷатҳои ранга, мансубанд. Бо мақсади ташкил ва назорат нисбати гузаронидани корҳо оиди рақамигардонӣ дар ҳар як бойгонӣ бояд нақшаи дарозмуддати рақамигардонӣ, бо фарогирии номи хазинаҳо, барои таъсиси нусхаҳои электронӣ дар ҳудуди ҳамаи маҷмеҳои бойгонӣ, тартиб дода шавад. Ҳар сол бояд мониторинг ва таҳрири нақшаи дарозмуддат, вобаста ба натиҷаҳои иҷрои нақшаи солонаи рақамигардонии ба амал баровардашуда, ки дар Номгӯи хазинаҳои мансуб ба рақамигардонӣ, гузаронида мешаванд. Дар заминаи нақшаи дарозмуддат, ҳар сол номгӯи хазинаҳои мансуб ба рақамигардонӣ сохта мешаванд, ки дар он пайдарпаии рақамигардонии хазинаҳо дар ҳудуди соли додашуда муайян карда мешаванд. Бо навбатии рақамигардонӣ аз рӯи арзиш ва аҳамияти иттилоотии ҳуҷҷатҳо, ҳолати физикии онҳо, шиддатнокии муроҷиат ба онҳо, инчунин шумораи имкониятҳои техникӣ ва кадрӣ, муайян карда мешаванд. Номгӯҳо бо воҳидҳои сохтории бойгонии дар корҳо оиди таъсиси хазинаи электронии истифодабарӣ ҷалб карда шуда, мувофиқа карда мешаванд. Бурдани нақшаи дарозмуддат ва Номгӯи хазинаҳои ҳарсолаи мансуб ба рақамигардонӣ, дар шакли манбаи маълумотҳои компютарӣ бо сохтани нашри ҳатмии ҳар ду ҳуҷҷатҳо иҷозат дода мешаванд. Корҳои таъсиси хазинаи истифодабарӣ бояд аз тарафи воҳиди сохтории махсусгардонидашуда, ба амал бароварда шавад. Таъсиси нусхаҳои электронии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ба воситаи ду намуди сохторҳои рақамигардоникунанда метавонад ба амал бароварда шавад:

❖ Таҷҳизоти касбии сканеркунанда – сканерҳои давродаври бевоситӣ;

❖ Дастгоҳи суратгирии рақамӣ.

Интихоби намуди таҷҳизот вобаста аст:

❖ Таркиби хазинаҳо;

❖ Андозаҳои баландтарини ҳуҷҷатҳо (бо ёрии сканерҳои махсусгардонида рақамигардонии ҳуҷҷатҳои андозаҳои А2, А3, А4, А5 ва андозаҳои хурдтар; бо ёрии дастгоҳи суратгирии рақамӣ ва ҳангоми мавҷуд набудани сканерҳои ҳуҷҷатҳои андозаҳои А1–А0 –, ҳуҷҷатҳои андозаи зиёдаи А2, гузаронидан мақсаднок аст);

❖ имкониятҳои молиявии муассисаи бойгонӣ.

Истифодабарии сканерҳои планшетии ҳуҷҷатҳои офисии барои ба амал баровардани сканеркунонии ҳуҷҷатгузории офисии ҷорӣ коркардашуда ва барои рақамигардонии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ таъин нашуда, бо тақозои диққати баланд ба бехатарӣ ва ҳифзи асл, иҷозат дода намешавад. Истифодаи чунин таҷҳизот барои рақамигардонии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ осеби ислоҳнопазир ба нусхаҳои аслӣ метавонад расонад. Ҳалли нисбатан муносиб дар масъалаи интихоби таҷҳизоти сканеркунанда пешниҳод шудааст: Сканерҳои давродаври корозмудашудаи китобии андозаи на камтари А2, бо чароғҳои равшании беҳарорат ё LED нурафкани равшании диодӣ ва гаҳвораи китобӣ барои сканеркунонии аслҳои ҳуҷҷатҳои бойгонии ранга, сиёҳу сафед хира (нимҳол) духтанашаванда (китобҳо, расмҳо, маводи фарсуда, атласҳо). Интихоби камераҳои суратгирии рақамӣ (дастгоҳи суратгирӣ аз рӯи андозаи қолиб ва имкониятҳои молиявии бойгонӣ муайян карда мешаванд. Имрӯз камераҳои суратгирии рақамӣ аз ҳама усули бехатар барои нусхаҳои асли ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ҳангоми таъсиси нусхаҳои электронии нусхаҳои электронии

ҳуҷҷатҳо, ба шумор мераванд. Аммо истифодаи онҳо низ як қатор маҳдудиятҳо ва камбудиҳоро, аз ҷумлаи муҳимтарин - масъалаи риояи реҷаи равшанидиҳӣ соҳиб аст. Ба ҳамдигар пайвастани таҷҳизоти гуногун дар ҳалли вазифаи рақамигардонии ҳуҷҷатҳои андозаҳои гуногун, имконпазир аст. Ҳуҷра барои гузаронидани корҳо оиди рақамигардонии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва таъсиси нусхаҳои электронӣ бояд равшанидиҳии таббиӣ ва сунъиро доро бошанд. Ҷойҳои корӣ барои таъсиси нусхаҳои электронӣ бо мизҳои махсус, иловаҳо (ёрирасон), курсиҳои паҳлӯдор (курсиҳо), бо танзими баландӣ ва хамшавии нишаст ва такя, ҷиҳозонида мешаванд. Равшанидиҳӣ дар болои миз дар минтақаи ҷойгузории ҳуҷҷат бояд 300 - 500 лк равшанидиҳӣ болои экран на зиёда аз 300 лк бошад. Равшанидиҳӣ на бояд дурахшро дар болои экран ва мизи санеркунонӣ ташкил кунад. Ҳангоми истифодабарии таҷҳизоти сканеркунандаи корозмудашуда, чароғҳои худи ҷиҳозонидашуда, хомӯшкунии пурраи равшанидиҳӣ дар ҷараёни рақамигардонӣ, имконпазир аст. Масъалаи дигар омодасозӣ ва супоридани ҳуҷҷатҳо барои рақамигардонӣ мебошад. Омодасозии ҳуҷҷатҳо барои гузаронидани корҳо оиди таъсиси нусхаҳои электронии хазинаи истифодабарӣ тибқи тартиби додашудани ҳуҷҷатҳои бойгонӣ аз маҳфӯзгоҳҳо ба амал бароварда мешавад. Омода кардани ҳуҷҷатҳо барои гузаронидани корҳо оиди таъсиси нусхаҳои электронӣ корҳои зеринро фарогир аст:

- ❖ кофта баровардани парванда;
- ❖ тафтиши маълумотҳои ҷустуҷӯӣ;
- ❖ қиёс бо рӯйхати сарлавҳаҳои парвандаҳо;
- ❖ тафтиши рақамгузории варақҳо;
- ❖ аниқ кардан дар варақҳои тасдиққунанда.

Ҳангоми омодасозии парвандаҳо тафтиши ҳолати физикии ҳуҷҷатҳо санҷида, ҳуҷҷатҳо бо матнҳои возеҳии кам ва зафъ, инчунин ҳуҷҷатҳо бо талаби таъмир ва мустаҳкамкунии асосҳо зоҳир карда мешаванд. Дар ҳолати зарурӣ мутахассисон оиди таъмини ҳифзи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва мутахассисон оиди рақамигардонии ҳуҷҷатҳо барои гузаронидани машварат бо мақсади роҳ надодан ба эҳтмолии осебрасии парвандаҳо ҳангоми сканеркунонӣ, ҷалб карда мешаванд. Қабули қарор оиди кӯккании парванда ба таври зерин метавонад сабабнок карда шавад:

а) таъмини ҳифзи ҳуҷҷатҳо (ба таври сахт (танг) дӯхта шудан, бинобар ба 180 дараҷа кушода шудани он, истифодаи шишаи пахшкунанда боиси эҳтимолияти осеббинии (шаклдигаркунии) ҳуҷҷатҳо шудан);

б) имконнопазирии нишон додашудан дар нусхаи электронӣ ҳамаи иттилооти ҳуҷҷат, бинобар ба ҷои шерозбандӣ «рафтан»-и қисми иттилоот.

Қарор оиди кӯккании ҳуҷҷатҳо танҳо дар ҳолате қабул карда мешавад, ки агар дар бойгонӣ шароитҳо оиди муқовабандӣ баъди сканеркунонии парвандаҳои кӯкканӣ кардашуда мавҷуд бошад. Баъди анҷоми корҳо парвандаҳо ба тарзи ҳатмӣ аз нав муқовабандӣ карда мешаванд. Супурдани ҳуҷҷатҳо барои рақамигардонӣ дар воҳиди сохтории махсусгардонидашуда аз тарафи кормандони бойгон, масъул барои таъсиси хазинаи электронии истифодабарӣ ба амал бароварда мешавад. Он бо фармоиш (дархост) барои тайёр кардани нусхаҳои электронӣ ба расмият дароварда мешавад. Фармоиш (дархост) мутобиқ ба пайдарҳамии сканеркунонии хазинаҳои дар Номгӯи хазинаҳои барои рақамигардони муқаррар шуда ба расмият дароварда мешавад. Дар фармоиш (дархост) барои тайёр кардани нусхаҳо қайд карда мешавад:

- ➢ асос барои рақамигардонӣ (дар ҳолати иҷрои корҳои нақшавӣ – истинод ба мавқеъ дар Номгӯи хазинаҳои ҳарсолаи барои рақамигардонӣ таъин кардашуда; дар ҳолати иҷрои фармоиш бо дигар мақсадҳо – нишон додани №, сана ва номи ҳуҷҷатҳо, ки дар асоси он корҳо иҷро мешаванд, мақсади иҷрои корҳо, реквизитҳои (маълумотҳои зарурӣ) фармоишгар;
- ➢ рамзҳои (шифрҳои) баҳисобгирӣ (рақами хазина, рақами рӯйхат, рақами воҳиди нигаҳдорӣ, рақами варақҳо (пушт- агар зарур бошад).
- ➢ шумора варақҳо/пушти варақҳои барои рақамигардонӣ муқарраршуда;

- ҷойгиршавӣ, андоза, ҳомил (барои фармоишҳои берун аз доираи барномаи рақамигардонии бойгонӣ иҷро шаванда;
- эзоҳ (нишондод ба талаботҳои асосӣ оиди ҳифз, зарурати истифодабарии методҳои махсусгардонидашудаи рақамигардонӣ, имконияти истифодабарии шишаи пахшкунанда ё коркарди графикӣ (барои фармоишҳои берун аз доираи барномаи рақамигардонии бойгонӣ иҷрошаванда));
- санаи супурдан барои рақамигардонӣ;
- санаи иҷрои фармоиш;
- санаи гирифтани фармоиш (барои фармоишҳои берун аз доираи барномаи рақамигардонии бойгонӣ иҷрошаванда);
- санаи баргардонидани нусхаи асл ба маҳфӯзгоҳ;
- рамз ва ҷои нигаҳдории мастер-нусхаи электронӣ (дар ҳомили сохташуда ва ҳомили беруна);
- рамз ва ҷои нигаҳдории нусхаи электронии корӣ)ҳар ҳомили беруна);
- рамз ва ҷои нигаҳдории нусхаи насли дуюм (ҳангоми зарурат – барои фармоиши берун аз доираи барномаи рақамигардонии бойгонӣ иҷро шаванда);
- Рамз ва ҷои нигаҳдории нусхаи насли дуюм (дар сурати зарурат –барои фармоишҳои берун аз доираи барномаи рақамигардонии бойгонӣ иҷро шаванда).

Фармоиш (талабнома) барои тайёр кардани нусхаи электронии хазинаи истифодабарии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ аз тарафи директор ё муовини он (нигаҳдории калони хазинаҳо) имзо карда мешавад. Бланки фармоиш бо теъдоди зарурӣ, вале на камтар дар ду нусха тартиб дода мешавад. Як нусха дар баҳисобгирии мараказиятнок дар парвандаи хазинаҳо, дигаре дар шӯъбаи таъминоти ҳифзи ҳуҷҷатҳо ё дар воҳиди сохтории дар он нигаҳдории хазинаи электронии истифодабарb ба амал бароварда мешавад, нигаҳдорӣ мешавад. Бланки фармоиш дар Журнали баҳисобгирии фармоишҳо барои таъсиси нусхаҳои электронии ҳуҷҷатҳо ба қайд гирифта мешавад. Журнал тибқи қоидаҳои барасмиятдарории ҳуҷҷатгузориҳои баҳисобгирии бойгонӣ ба расмият дароварда мешавад, яъне варақҳои вай дӯхта, рақамгузорӣ карда шуда, шумораи онҳо дар варақ-тасдиққунанда нишон дода мешаванд. Дар журнал сутунҳо ва сабтҳо ба таври дарун бурда мешавад. Бурдани журнали бақайдгирии фармоишҳо дар шакли электронӣ иҷозат дода мешавад. Иҷрокунандагон ҷавобгарии шахсиро ба ҳифзи нусхаҳои асли ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар муддати кор бо онҳо, ба дӯш доранд. Бо мақсади пешгирӣ аз сканеркунонии такрорӣ як ва ҳамон як ҳуҷҷатҳоро (рексан), кормандони масъул ба пуркунӣ ва бурдани журнал, уҳдадоранд пеш аз супоридану қабули ҳуҷҷатҳо ба сканеркунонӣ, тафтиш кунанд, оё ҳуҷҷатҳо пештар ҷараёни рақамигардониро гузаштаанд ё не. Дар сурати ҳуҷҷат рақамигардонӣ карда шудан, ҳамаи корҳо оиди иҷрои фармоиш, аз нусхаи электронии корӣ иҷро карда мешавад. Сканеркунонии (рақамигардонии) такрории ҳуҷҷатҳо (рексан) нораво аст. Имрӯз, саъю кушиши бойгониҳо дар масъалаи нигаҳдории ҳуҷҷатҳо дар намуди нусхаҳои гуногун (суратнусхаҳо, ксерокопия, микрокопия, нусхаи рақамӣ) амалан собит шудааст. Чунки он имкониятҳои нисбатан васеъро дар таъмини дастрасии амалӣ ва васеъ ба иттилоот фароҳам оварда, ҳифзи иттилооти ҳуҷҷатҳо дар қоғази кӯтоҳумр таъмин карда, дар ҳалли масъалаи доимии нарасидани майдонҳо дар маҳфӯзгоҳ мусоидат менамояд. Дар ҷараёни рақамигардонии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ду масъала ба миён меояд: ҳифзи асл ва ҳифзи худи иттилооти электронӣ. Ҳифзи асл барои истифодабарии мукаммали ҳуҷҷат чb дар замони муосир ва чb аз тарафи насли оянда, зарур аст. Масъалаҳои асосии ҳангоми сканеркунонӣ ба амал оянда:

- Осебрасии механикӣ – вайроншавии муқовабандӣ (ҷои шерозбандӣ), бинобар зарурати кушодани ҳуҷҷат);
- Таъсирбахшии паҳншавии нурпошии инфрасурх ва гармӣ ба тағйири таркиби ҳароратии ҳамаи намудҳои қоғазҳо оварда мерасонад.

Яке аз тавсифҳои хатарноки таҷҳизот, ки ба ҳуҷҷат таъсир мерасонад, ҳарорат ва равшанидиҳӣ ҳангоми сканеркунонӣ ва вақт, ки дар муддати он ин омилҳо ба асли ҳуҷҷат таъсир мекунанд, ба шумор меравад. Сканеркунонӣ дар шароити муосир қисми

ҷудонашавандаи корҳои ҳар як бойгонӣ мебошад. Бинобар, коркард ва тадбиқи чорабиниҳои муайян, барои паст намудани омилҳои таъсирбахши вайроншавӣ ба ҳуҷҷат ҳангоми таъсиси нусхаҳои рақамӣ, натиҷаи ногузири ҳамкории мутахассисон оиди рақамигардонӣ ва мутахассисон дар кори бойгонӣ мебошад.

Барои рақамигардонии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ истифодаи таҷҳизотҳои таъминкунандаи сифати баланди рақамигардонӣ ва ҳифзи нусхаи асл, зарур аст.

АДАБИЁТ

1. Правила организации хранения, комплектования, учета и использования документов Бойгонного фонда Российской Федерации и других бойгонных документов в государственных и муниципальных бойгонах, музеях и библиотеках, организациях Российской академии наук (утв. 18.01.2007),
2. ГОСТ Р 33.505-2003 Единый российский страховой фонд документации. Порядок создания страхового фонда документации, являющейся национальным, научным, культурным и историческим наследием.
3. ГОСТ Р 33.1.02-2008 Единый российский страховой фонд документации. Страховые копии кинодокументов и фотодокументов. Общие технические условия.
4. ГОСТ Р 33.3.02-2008 Единый российский страховой фонд документации. Страховые копии документации, являющейся национальным научным, культурным и историческим наследием. Общие требования к условиям хранения.
5. В случае если хранение электронных копий осуществляется на электронных носителях (однократно записываемые диски CD-R и DVD-R). В случае если хранение электронных копий осуществляется с использованием накопителей электронной информации (жестких дисков, серверов, электронных библиотек) в структуру информационного массива необходимо включать текстовый файл (формат .txt) с перечнем хранящихся на носителе электронных копий.

ТАШКИЛИ КОРҲО ОИДИ РАҚАМИГАРДОНИИ ҲУҶҶАТҲОИ БОЙГОНӢ

Дар мақола мақсад, моҳият, методҳо ва ба нақшагирии корҳо оиди рақамигардонии (сканерккунонӣ) ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар бойгониҳои давлатӣ баён шудааст. Дар он масъалаҳои мубрами ташкили кор оиди рақамигардонӣ бо технологияҳои муосири иттилоотӣ, тартиби таъсис, методҳо ва банақшагирии корҳо оиди ташкили хазинаи электронии истифода, меъёрҳои интихоби хазинаҳои бойгонӣ барои ташкили нусхаҳои электронӣ ворид карда шудааст.

Калидвожаҳо: ҳуҷҷат, технологияҳои иттилоотӣ, рақамигардонӣ, сканеркунонӣ, хазинаи электронии ҳуҷҷат, нусхаи асл, мастер-нусхаҳо.

ОРГАНИЗАЦИЯ РАБОТ ПО ОЦИФРОВЫВАНИЮ АРХИВНЫХ ДОКУМЕНТОВ

В статье изложены целы, сущность, методы и планирования работ по оцифровыванию (сканированию) архивных документов в государственном архиве. В них включены актуальные вопросы по организации работы с оцифровывания посредством новых информационных технологий: порядок организации, методы и планирования работ по созданию электронный фонд использования, критерии выбора архивных документов для создания электронных копий.

Ключевые слова: документ, информационные технологии, оцифровывание, сканирование, электронный фонд использования, электронная копия, мастер-копии.

ORGANIZATION OF WORKS ON DIGITIZATION OF ARCHIVAL DOCUMENTS

The article describes the whole, essence, methods of planning the digitization (scanning) of archival documents in the state archive. They include topical issues on the organization of work with digitization through new information technologies: the organization procedure, methods and planning of work on the creation of an electronic fund for use, criteria for choosing archival documents for creating electronic copies.

Keywords: document, information technologies, digitization, scanning, electronic fund of use, electronic copy, master copies.

Сведения об авторе: ***Сангалиев Х.Б*** – старший преподаватель факультета истории Таджикского национального университета.
Талбаков П.Н – магистр 2 курса факультета истории Таджикского национального университета. Телефон: **(+ 992)-989-10-50-16**

Information about the author: ***Sangaliev Kh.B***. – Tajik National Uniuversity, Senior Lecturer, Faculty of History
Talbakov P.N. – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of History. Phone: **(+ 992)-989-10-50-16**

ИНФОРМАЦИОННО-АНАЛИТИЧЕСКОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ РАБОТЫ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ТЕОРИЯ И ПРАКТИКА

Хаётзода Н.
Таджикский национальный университет

Что такое анализ? Наиболее подходящим ответом на этот вопрос применительно к дипломатической деятельности представляется взгляд на анализ как синоним понятия «исследование». Цель анализа – ответ на вопрос о сущности и социальной природе предметов или явлений, о взаимосвязях между ними, закономерностях, основных направлениях и конкретных путях их формирования, развития и отмирания. Анализ предполагает в качестве метода расчленение предмета или явления на составные части, что позволяет глубже изучить их свойства, сопоставить полученные данные с тем, чтобы полученные знания затем обобщить, синтезировать в виде выводов и прогнозов, подготовить основы для принятия решения по поводу тех или иных конкретных действий. Речь идет о познании сути явлений и событий, о переходе от фотографического восприятия и описания к сопоставлению собранных сведений с тем, чтобы ответить на вопрос, почему произошло то или иное событие в общественно–политической или дипломатической жизни, как оно соотносится с другими событиями или явлениями, какова их целевая направленность и последствия. Если поиск фактов предполагает ответ на вопрос «что?», то анализ представляет собой поиск ответов на дополнительные вопросы типа «почему?», «с какой целью?», «что дальше?», а также выводов о том «как отнестись?» и, наконец, «что делать?». Если говорить кратко, анализ – это путь к пониманию и действию. К пониманию сути явлений, к пониманию того, что происходит или должно произойти и как следует вести себя в данной ситуации. Из наиболее распространенных методов анализа – исчисление, моделирование и логико–интуитивное исследование. Наиболее эффективным для применения в дипломатической работе представляется логико– интуитивный метод. По мнению профессора М. А. Хрусталева, это тот метод, который дает «наибольший простор для использования творческих возможностей человека». При применении этого метода картина изучаемого явления или события формируется за счет изучения фактического материала, позволяющего проследить развитие события или явления со времени возникновения вплоть до момента исследования (как бы по вертикали – исторический анализ) в сопоставлении со всеми побочными факторами, влияющими на их развитие вплоть до данного момента (как бы по горизонтали – системный анализ). Интерпретация полученных таким образом результатов строится с использованием и имеющейся информации, и логики, и интуиции, т.е. всех возможностей интеллекта.(Право и управление. XXI век**)**

Основные требования, предъявляемые к внешнеполитической информации. Внешнеполитическая информация призвана формировать у руководства государства объективную картину происходящего в мире и помогать ему принимать правильные решения. Какой же должна быть информация, чтобы отвечать этим задачам? Наука и практика разработали ряд критериев, своего рода лекал, предназначенных для того, чтобы помочь в оценке информации тем, в чью задачу входит информационное обеспечение государства. Речь идет о таких качествах информации как актуальность; достоверность; полнота; новизна; прогностичность; своевременность; конфиденциальность. Также информация должна содержать выводы и предложения о действиях российской дипломатии. В свете этого постоянно актуально все, что касается обеспечения безопасности нашей страны, проведения в жизнь ее внешнеполитического курса, отношения к ее инициативам, оценки ее политики в целом, равно как и крупные международные события, затрагивающие Россию или положение в мире в целом. Актуальны и важные события в иностранных государствах, особенно, когда они ведут к смене режима или политической власти, влияют на подход страны к отношениям с Россией и вообще к международным делам. Таким образом, актуальность это, прежде всего понятие не календарное, а политическое. Достоверность информации предполагает, с одной стороны, надежность сведений, которые составляют ее основу. Это требует тщательную их перепроверку по различным источникам. С другой – объективный подход к оценке собранных

сведений. Это значит, что аналитик должен быть свободен от предвзятых мнений или сложившихся стереотипов. Его девизом должно быть правило: «писать правду, только правду, всю правду». Вообще профессия дипломата требует сочетания таких качеств как трудолюбие, самоотдача, дисциплинированность и в то же время самостоятельность суждений и смелость в выдвижении предложений, даже идущих вразрез со сложившейся практикой, если этого требует реально складывающаяся ситуация. На первый взгляд эти качества могут показаться противоречивыми, однако, творческое их применение составляет достоинство профессии. «Полнота» информации предполагает, что информационно-аналитический документ должен давать ясное представление о проблеме, которой он посвящен. Полноту информации не следует путать с многословием. Тема должна раскрываться за счет включения в документ самого главного, того, без чего обойтись нельзя. Информационный документ должен содержать примерно следующее: суть проблемы и ее состояние на текущий момент; прогноз возможного развития событий; значение проблемы для России; выводы и предложения. Информация должна быть составлена так, чтобы при ознакомлении с нею не возникало вопросов, откуда взят тот или иной факт или что за организация скрывается за замысловатым сокращением.(№4 (21)/2011) В большинстве стран мира существуют специальные службы, поставляющие их руководству важную информацию для принятия решений и анализа внешней политики. Однако параметру этих служб определяются самим характером внешней политики, проводимой тем или иным государством, их восприятием угроз. Например, во многих странах (Великобритания, Франция, ФРГ) политическая разведка отделена от военной и напрямую подчинена высшему государственному руководителю (соответственно премьер-министру, президенту и канцлеру). В других, например в Израиле, она подчинена военной (министру обороны). В Соединенных Штатах Америки, где господствует доктрина «национальной безопасности», высшим органом при президенте, интегрирующим решения в области внешней и военной политики, является Совет национальной безопасности (СНБ), создана наиболее централизованная система разведки, включающая службы различных министерств и целый ряд полуавтономных ведомств. Во главе «сообщества» американских секретных служб стоит Директор центральной разведки (ДЦР), советник президента в этой сфере, получивший статус полноправного члена СНБ, т. е. положение, приравненное к положению министра обороны и государственного секретаря. Через подчиненный ему аппарат «разведывательного сообщества», с помощью, действующей при СНБ Высшей межведомственной группы и двух созданных президентом совещательных советов по разведке ДЦР планирует распределение бюджетных ассигнований на такую работу, составляет программу задач «сообщества» на ближайшее будущее и несет ответственность за главную информационную продукцию. ДЦР является также Директором главного разведывательного управления США - Центрального разведывательного управления (ЦРУ). Аналогичные структуры имеются и в других государствах. Как правило, их деятельность распределяется по четырем направлениям: информация, операции, наука и техника, и внутренний контроль. Продукция информации носит весьма разнообразный характер. Эта «готовая» информационная продукция - текущие сообщения, национальные оценки, специальные разработки и фундаментальные справочники, и исследования. В настоящее время их статус варьируется or совершенно секретной, сугубо личной информации, до открытых статистических сборников и публикаций. Например, в последние годы директорат информации ЦРУ публикует доступные для всех специалистов обзоры по экономике КНДР, КНР, России, Беларуси, Польши. Большую часть информации извлекают из открытых источников. Например, для наблюдения за внутриполитической обстановкой в СНГ широко используется как центральная, так и местная пресса. Другие информационные службы отправляют собранные ими сведения и полученные оценки руководителям соответствующих министерш, а также приглашаются для составления национальных отчетов. Например, Управление разведки и исследований государственного департамента США принимает участие в составлении ежедневных информационных сводок для госсекретаря, решает задачи по сбору информации по дипломатическим каналам. В других странах подготовка информационно-аналитических материалов, их обработка обычно включает ежемесячную и ежегодную информацию для МИДа

своей страны. В информационных письмах посольств (генконсульств) выделяются следующие блоки:

1) анализ главных событий внутренней общественно- политической и социально-экономической жизни страны пребывания и ее внешнеполитические акции в отношении других государств;

2) международные события и мероприятия, непосредственно затрагивающие интересы государства, в которых участвовала (ли) страна (страны) аккредитации;

3) характеристика результатов осуществления мероприятий по линии двусторонних (многосторонних) отношений;

4) меры в области торговли, принятые в отношении государства.

Во всех этих документах содержится краткий сводный итог-оценка ситуации в стране пребывания. При этом выделяются:

1) повышение (понижение, сохранение на прежнем уровне) степени внутренней стабильности страны (стран) аккредитации, в частности в политическом, экономическом и социальном аспектах;

2) повышение (понижение, сохранение на прежнем уровне) степени активности страны (стран) на международной арене в целом и на отдельных направлениях; 3) повышение (понижение, сохранение на прежнем уровне) степени влияния страны (стран) на международную ситуацию в региональном (глобальном) масштабе;

4) положительная (отрицательная, нейтральная) динамика двусторонних (многосторонних) мероприятий с конкретными результатами - восприятие общественным мнением страны (стран) внутренней и внешней политики государства;

5) состояние экспортно-импортных операций между страной и страной пребывания;

6) состояние договорно-правовой базы политического и торгово-экономического сотрудничества государства со страной,

7) привлечение в страну кредитов и капиталовложений;

8) информирование экономических субъектов, деловых кругов страны о возможностях торгово-экономического и инвестиционного сотрудничества;

9) содействие национальным субъектам хозяйствования;

10) рекомендации о целесообразных практических шагах и мероприятиях МИДа по реагированию на динамику внутренней и внешней политики страны (стран).

Информационные письма представительств государства при международных (межправительственных) организациях освещают главные события внутренней деятельности международной организации (организаций) на разных уровнях (глобальном, региональном, на уровне страны); деятельность страны как члена организации; мероприятия по линии «международная организация (организации)-страна». Например, в информационном письме Постоянного представительства Республики Беларусь в ООН за октябрь 2000 г. давалась характеристика деятельности Совета Безопасности ООН в связи с событиями на Ближнем Востоке, а также заседаний Генеральной Ассамблеи ООН по этому же вопросу. Представитель Республики Беларусь принял участие в общей дискуссии с изложением позиции своей страны. В отчете о заседаниях Главных комитетов указывалось, что белорусской делегацией в Первом комитете был внесен проект резолюции «Региональное разоружение и нераспространение», а также совместно с делегациями России и Китая I проект резолюции «Сохранение и соблюдение Договора по противоракетной обороне». В справках территориальных подразделений МИДа отражаются:

- основные политические и экономические события жизни региона;
- основные совместные акции стран региона (межрегиональный и глобальный масштабы); мероприятия стран региона в отношении их государств.

Справки содержат краткий сводный итог-оценку вышеназванных событий. Особое внимание обращается на динамику внутренней стабильности региона, в частности в политическом экономическом и социальном аспектах; его влияние на глобальную ситуацию и на отдельные аспекты международной политики; характеристику результатов взаимодействия стран региона с конкретной страной (договорно-правовая база, торговля, инвестиции, займы,

восприятие общественным мнением внутренней и внешней политики государства). Важнейшим элементом справок являются рекомендации о конкретных мерах, направленных на развитие сотрудничества.

ЛИТЕРАТУРА

1. Право и управление. XXI век
2. На необходимость, в частности, для США и всего Запада перехода от политики "одностороннего доминирования", прежде всего военного, к стратегии "консенсусно-го лидерства" указывает в своей новой книге "Выбор доминирование или лидерство" 3 Блезинский (Brzezmski, Zbigmew Choice Domination or Leadership - Perseus Books Group, 2004-256 pp

ТАЪМИНОТИ ИТТИЛОТИЮ ТАҲЛИЛИИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф роҳу усулҳои ҷамъ,таҳлил ва пешниҳоди иттилоотро, ки барои татбиқи сиёсати хориҷӣ ҳаётан муҳим мебошанд баррасӣ менамояд. Дар мақолаи мазкур инчунин якчанд сабабҳои хеле муҳим, ки моро водор ба ҷамъи иттилоот ва таҳлили он водор менамояд қайд гардидаанд. Ин ҳамаро муаллиф дар мақолаи худ таҳлил карда мубрамияти онро мехоҳад ба ҷомеъа бирасонад. Илм ва амалия як қатор меъёрҳоро таҳия кардаанд, ки як навъ қолибест, ки барои арзёбии иттилоот ба онҳое, ки вазифаашон ба давлат расонидани иттилоот мебошад, кӯмак расонанд. Сухан дар бораи чунин сифатҳои иттилоот, ба монанди актуалӣ; эътимоднокӣ; пурра; навигарӣ; пешгӯӣ; саривақтӣ; махфият меравад.

Калидвожаҳо: фаъолияти таҳлилӣ, татбиқ, сиёсати хориҷӣ, ҷамъи иттилоот, мубрамият, ҷомеъа.

АИНФОРМАЦИОННО-АНАЛИТИЧЕСКОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ РАБОТЫ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В этой статье автор исследует способы сбора, анализа и представления информации, которая имеет жизненно важное значение для реализации внешней политики. В этой статье описаны некоторые очень важные причины, побуждающие нас собирать и анализировать информацию. Автор анализирует все это в своей статье и хочет донести это до общественности. Наука и практика разработали ряд критериев, своего рода лекал, предназначенных для того, чтобы помочь в оценке информации тем, в чью задачу входит информационное обеспечение государства. Речь идет о таких качествах информации как актуальность; достоверность; полнота; новизна; прогностичность; своевременность; конфиденциальность.

Ключевые слова: аналитическая работа, деятельность, реализация, внешняя политика, сбор данных, актуальность, сообщество.

INFORMATION AND ANALYTICAL SECURITY OF THE WORK OF THE FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the author explores ways of collecting, analyzing and presenting information that is vital to implementation of foreign policy. This article describes very important reasons that prompt us to collect and analyze information. The author analyzes all this in his article and wants to convey it to the public. Science and practice have developed a number of criteria, a kind of template designed to help in the assessment of information to those whose task is to provide information to the state. We are talking about such qualities of information as relevance; reliability; completeness; novelty; prognosticality; timeliness; confidentiality

Keywords: analytical work, activity, implementation, foreign policy, collection of information, society.

Сведения об авторе: ***Хаётзода Наргис Ризо*** - магистр первого курса кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан, Таджикского национального университета. Телефон: **+992-907-08-00-65.** E-mail: **nargishayotzoda97@gmail.com**

Information about the author: ***Hayotzoda Nargis Rizo*** – first-year master`s student of Department of diplomacy and foreign policy of the Republic of Tajikistan, Tajik National University. Phone: **+992-907-08-00-65.** E-mail: **nargishayotzoda97@gmail.com**

ЛОИҲАИ “ЯК КАМАРБАНД – ЯК РОҲ”–И ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ

Хушвахтов М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таърих – беҳтарин омузгори мо мебошад. Ин раванд шоҳиди он аст, ки бо дарназардошти мавқеи ҷойгиршавӣ дар тӯли таърих аҷдодони мо тавонистанд равобити тиҷоративу фарҳангиро миёни худ дар сатҳи олӣ нигоҳ доранд. Вобаста ба ин моро мебояд ин робитаро дар шароити муосир бунёд ва рушд диҳем. Барои ин фақат қадами

нахустину мустаҳками худро бояд гузорем. Оғози роҳ қисми душвортарини он ба ҳисоб меравад ва кори ба душвори оғозгардида натиҷаи хуб дорад. Инсоният дар ҷараёни тайғиротҳои бузурги иқтисодиву сиёсӣ қарор дорад ва мебояд дар рафти ин тайғирот ширкат варзиду саҳми худро гузошт. Воқеан лоиҳаи “Як камарбанд – як роҳ” ташаббусе мебошад, ки ҳангоми амалишавии он дар рушди тамоми соҳаҳои кишварҳои аъзо тайғироти бузурге ба амал меояд. Амалигардии ин лоиҳа метавонад амниятро махсусан дар минтақаи Осиёи Марказӣ пурзур намояд. Паст шудани сатҳи бекорӣ, рушди робитаҳои иқтисодиву сиёсӣ ва илмию фарҳангӣ низ ҳангоми амлишавии лоиҳа дараҷаи олиро касб хоҳанд кард. Дар шароити барқароршавии заифи иқтисоди ҷаҳонӣ баъди бухрони молиявию иқтисодии сайёра, ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд амсилаи ҳамкории мутақобиланро пайдо карда, механизмҳои нави рушди иқтисодиро бунёд намояд. Ҷумҳурии Халқии Хитой омода аст, масъулият ва уҳдадории зиёди байналхалқиро мувофиқи тавони худ ва саҳми бузург гузоштан дар пуштибонии сулҳ ва рушди умумибашариро ба душ гирад. Ташаббуси бунёди муштараки лоиҳаи “Як камарбанд ва як роҳ” ба мусоидати ҳаракати озод ва боназми авомили иқтисодӣ, тақсими босамари сарватҳо ва тақвияти ҳамгироии бозорӣ, тавсеаи ҳамоҳангсозии сиёсати иқтисодии кишварҳои дар радифи роҳи лоиҳа воқеъбуда, тавсеа ва тақвияти равобити минтақавӣ бо талоши муштараки меъмории равобити минтақавии озод, бо дарназардошти ҳамаи падидаҳо ва тавозуни онҳо (дар чаҳорчӯбаи ин меъмории шарикӣ ҳамаи кишварҳо аз манфиат ва имконияти рушди устувор ноил мегарданд), равона шудааст. Амалишавии ин лоиҳа кишварҳои аъзоро дар вазъияти нодире қарор хоҳад дод. Чӣ гунае ки раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Си Ҷинпин дар маросими ифтитоҳи ҷаласаи ҳарсолаи форуми осиёии Баос 2015 баён намуд,“Як камарбанд ва як роҳ” ин соло ё яковозии ҶХХ набуда, балки хори ҳақиқии кулли мамолики қадқади роҳи лоиҳа, ба ҳисоб меравад. Ташаббуси “Як камарбанд ва як роҳ” дар натиҷаи таъкидҳои роҳбарияти нави ҶХХ дар мавриди сиёсати калидии хориҷии ҶХХ нисбат ба кишварҳои ҳамсоя дар амалигардии аҳдофи ҶХХ ба монанди “Ду садсола” ва “Орзуи Чин” оиди эҳёи миллати чинӣ, тавлид гардид. Аз нигоҳи Си Ҷинпин пешбарии сиёсати муваффақи хориҷӣ нисбат ба ҳамсоякишварҳо, шароити мусоид барои рушди ҶХХ, рушди мусолиматомези ҶХХ-ро бунёд месозад ва дар навбати худ ба давлатҳои ҳамсоя низ манфиати зиёде оварда, имконият пайдо мегардад, ки гулгулшукуфоии муштарак амалӣ бигардад. Барои кишварҳои Осиёи Марказӣ лоиҳаи пешниҳоднамудаи Ҷумҳурии Халқии Хитой метавонад ба таври кофӣ бурднок бошад. Ин лоиҳа имконият медиҳад, ки фазои иқтисодии Авруосиё ба вуҷуд оварда шавад. Бо ҳамин мақсад ҶХХ имрузҳо қадамҳои устувори худро баҳри рушди муносибатҳо бо кишварҳои ин минтақа гузошта истодааст. Ташшабуси Ҷумҳурии Халқии Хитой аз ҷониби саронии кишварҳои Осиёи Марказӣ дастгирӣ ёфт ва қайд карда шуд, ки амалишавии ин лоиҳа рушди соҳаи иқтисодии ҳар як кишвар нақши калонро хоҳад бозид. Лоиҳаҳои муосири ҷаҳонӣ байни худ барои ин ё он минтақа рақобат мекунанд то ба ҳадаф расанд. Имрӯз барои фазои геополитикии Осиёи Марказиро ба даст даровардан, байни қудратмандони фаъоли сиёсӣ рақобат рафта истодааст. Лоиҳаи пешниҳод намудаи ҶХХ низ як роҳи ба даст овардани ин фазо мебошад. Баъд аз пош хӯрдани ИҶШС Осиёи Марказӣ диққати аксар давлатҳоро ба худ ҷалб кард. Аммо кишварони абарқудрати ҷаҳонӣ ба монанди ИМА ва Ҷумҳурии Халқии Хитой бо роҳҳои гуногун баҳри мавқеи худро дар ин минтақа мустаҳкам намудан, таъсир мерасонанд. Котиби давлатии Ҷумҳурии Халқии Хитой Си Ҷин Пин дар муроҷиати худ 16 – умии сентябри соли 2013 «Мустаҳкам намудани дустии халқҳо, бунёд намудани ояндаи дурахшон» дар Остона робитаи кишварашро бо Осиёи Марказӣ чунин маънидод кард. «ҶХХ ва кишварҳои Осиёи Марказӣ – дустони наздиканд. Бо ҳамин сабаб, ҶХХ аҳамияти калон доштани муносибат кардан бо Осиёи Марказиро хуб медонад ва Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии ҶХХ ҷойгоҳи махсусро касб мекунад». Оиди лоиҳаи муштараки “Як камарбанд – як роҳ” бошад, чунин қайд кард: «Имруз, бо дар ихтиёр доштани беҳтарин имконият баҳри рушди муносибатҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, мо мехоҳем дар якҷоягӣ бо кишварҳои ин минтақа пайдарпай эътимод ба якдигар, дустӣ ва ҳамкорӣ, рушди муштараки кишварҳо ба манфиати

халқҳоямонро инкишоф ва мустаҳкам намоем». Тӯли чанд сол мешавад, ки ҳукумати ҶХХ ташаббуси бунёди “Як камарбанд ва як роҳ” –ро пеш бурда истода, робита ва мушоварарo бо кишварҳои қадқади камарбанди иқтисодии шоҳроҳи абрешим тақвият дода, бо онҳо равобити амалӣ гузаронида, дар ҳамин замина якчанд тадбирҳоро, ки аллакай самара ба бор оварданд, иҷро намуд. Ҳадаф аз ин ташаббус барои ҶХХ ин ҳар чи зиёдтар содироти моли дохилӣ аст. Дар замони муосир ҶХХ кишваре мебошад, ки истеҳсолоташ дар сатҳи олӣ қарор дорад. Ҳаминро ба назар гирифта, ҳукуматдорони ҶХХ лоиҳаҳои иқтисодии бурунмарзиро маблағгузорӣ мекунанд ва ба ин восита дар бозорҳои минтақавӣ ҷойгоҳи худро пайдо мекунанд. ҶМЧ дар навбати аввал баҳри ғундоштани сармояе, ки барои сохтмони инфрасохторҳои зарурии таъминоти тиҷорат сарф мешавад, кишварҳои қадқади Шоҳроҳи Бузурги Абрешимро муттаҳид кард. Баҳри дар як сатҳи баланд рушд ва амали кардани ин лоиҳа ҳукумати Хитой, дар навбати худ фонди КИША-ро таъсис дод, ки худаш дар он 40 миллиард доллари амрикоиро чун сармояи аввалия гузошт ва Бонки Осиёии сармояҳои инфрасохторӣ низ баҳри таъмини асосҳои молиявии лоиҳа ба он маблағҳои муаянро ҷудо намуд. Бунёди фонди КИША – ро метавон як воситаи ба ҳадафҳои сиёсӣ расидани Хитой натанҳо дар минтақаи Осиё, балки дар тамоми ҷаҳон маънидод кард. Аксари муҳақиқон риштаи равобити байналмилал ба он назаранд, ки фаъолияти фонди КИША бар муқобили манфиатҳои ИМА на дар ин ё он минтақа балки дар тамоми ҷаҳон равона карда шудааст. Дар тафовут аз дигар механизмҳои сармоягузории Чин фонди КИША дастгирии молиявии худро дар татбиқи лоиҳаҳо бо асъори хориҷӣ (доллар, евро) ба роҳ мемонад. Ба ғайр аз ин, боз Бонки нави рушд ва Бонки рушди Осиё баҳри ташшакули ин лоиҳа равона карда шуданд. Ҳамаи ин ташкилотҳо ё аз ҷониби Чин ташкил шудаанд ё ин ки фаъолияти худро бо иштироки бевоситаи Чин ба роҳ мемонанд. Фонди КИША дар оғози соли 2015 аз ҷониби ҶХХ таъсис дода шуд. Дар навбати аввал фонди КИША бояд ба сохтани роҳҳо равона карда мешуд аммо баъдтар доираи фаъолияташ фаррох гардид. Фонди КИША – ин фонди сармоявии ҶХХ мебошад, пеш аз ҳама маблағҳои калонро баҳри бунёди лоиҳаҳои инфрасохторӣ, рушди энергетика, ҳамкориҳои молиявию саноати дар кишварҳои қадқади Шоҳроҳи Абрешим ва Шоҳроҳи Баҳрии Абрешим баҳри фурӯши молҳои Хитой, ҷудо менамояд. Вазифаи аввалиндараҷаи фаъолияти фонд – ҷудо намудани маблағҳо баҳри амалисозии лоиҳаҳои бузург дар кишварҳои аъзо мебошад. Аввалин сармояи фонди КИША ба миқдори 1,65 млрд доллар моҳи апрели соли 2015 дар сохтмони НБО дар Покистон сарф шуд. То оғози соли 2020 сохтмони ин лоиҳа дар Покистон ба анҷом мерасад. Баъд аз ба кор даровардан ин неругоҳ то муддати 30 сол дар ихтиёри ҶХХ хоҳад буд, баъди гузашти ин мӯҳлат он ба ихтиёри Покистон мегузарад. Лоиҳаи дуюми сармоявии ин фонд моҳи июни ҳамин сол ба фаъолияти якҷояи ширкатҳои чинӣ ва итолиёвӣ сурат гирифт. Фонд ширкати “ China National Tire & Rubber Co. ” маблағгузорӣ карда 25 % - саҳмияашро бо маблағи 1,8 млрд доллар харидорӣ кард. Оиди ширкати итолиёви бошад ҳаминро қайд кардан ба маврид аст, ки то соли 2015 чиниҳо аллакай 98 % - и фаъолияти ширкатро дар ихтиёр доштанд. Ҳадаф аз ба даст овардани ин ширкати аврупои аз он иборат аст,ки ҶХХ мехоҳад бо технологияи баландсифати худ ба бозорҳои Аврупо роҳ пайдо кунад. Яке аз институтҳои дигари иқтисодӣ ин Бонки Осиёии сармояҳои инфрасохторӣ мебошад, ки 29 июни соли 2015 бо ташшабуси ҶХХ ташкил карда шуд. Ин бонк ба миқдори 100 млрд доллари ИМА сармоягузорӣ карда шуд. Вазифаи аввалиндараҷаи ин бонк рушди омилҳои иқтисодӣ дар Осиё мебошад. Си Ҷин Пин дар бисёре аз суханрониҳояш қайд карда буд, ки ҳадаф аз барпо кардани Бонки Осиёии сармояҳои инфрасохторӣ бо ташкилшавии фонди КИША алоқаманд аст. Аммо то ҳол маълум нест, ки то кадом андоза Бонки Осиёии сармояҳои инфрасохторӣ малағгузории худро дар Авруосиё бо фонди КИША баробар месозад. Маъмурияти бонк хабар доданд, ки то соли 2020 баҳри инфрасохтор ва рушд додани иқтисодиёти кишварҳои минтақа 8 трлн доллар лозим меояд. Кишварҳои аъзои Бонки Осиёии сармояҳои инфрасохторӣ аз собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ин: Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба ҳисоб мераванд. Ҳадафи аввалияи Бонки Осиёии

сармояҳои инфрасохторӣ – ҷалби захираҳо, сармояҳои хусусӣ дар лоиҳаҳои инфрасохтории Осиё мебошад. Ҳоло дар доираи ин бонк 57 кишвар фаъолият доранд. Бештари сармоя ба ҶХХ тааллуқ дорад – 29,78 млрд доллари ИМА, ки ин ба Хитой 29,8777 % овоз ва ҳангоми ҳалли ягон масъала ҳуқуқи вето гузоштанро медиҳад. Русия аз руи андозаи маблағгузорӣ баъд аз Ҳиндустон - 8,6250 % овоз, ҷои сеюмро касб мекунад. Пасандози Русия 6.54 млрд доллари ИМА – ро ташкил медиҳад, ки ин мувофиқ ба 6,8076 % овозҳо мебошад. Дар бунёди инфрасохторҳои Осиёи Марказӣ, инчунин Бонки нави рушд, ки фаъолияти худро 21 июли соли 2015 шуруъ карда буд, ширкат меварзад. Фаъолияти ин бонк ба самти маблағгузорӣ дар соҳаҳои инфрасохтор ва энергетика, ҳудудҳои ҳамсарҳади кишварҳои аъзои ин бонк равона карда шудааст. Миёни аъзоёни эҳтимолӣ дар амалисозии лоиҳаи “ Як камарбанд – як роҳ” мебояд инчунин Бонки рушди Осиё номгир карда шавад. Ин бонк бештар ба соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, захираҳои табии, маориф, тандурустӣ ва энергетика маблағҳоро ҷудо мекунад. Дар соли 2015 Бонки рушди Осиё ба соҳаҳои гуногун тахминан 27 млрд доллари ИМА – ро дар шакли грантҳо ба кишварҳои аъзо ҷудо кард. Нақши пешсафиро дар ин раванд бешубҳа фонди КИША мебозад, ки махсусан манбаи сармояааш худи Чин аст ва маблағҳои ҷудогардида бевосита баҳри дастгирии бунёди лоиҳаи “ Як камарбанд – як роҳ ” равона мегарданд. «Иттиҳодияи сармоягузории Чин », Эксимбонк ва Бонки давлатии рушди Чин, аввалин институтҳои сармоягузории фонди КИША мебошанд, ки дар маҷмуъ 40 млрд доллари ИМА – ро аввалин шуда баҳри фонд ҷудо карданд. Бо вуҷуди гуногун будани ақидаҳо, соли 2017 Ҳукумати Чин пешниҳод кард, ки дар панҷ соли оянда ба давлатҳои аъзои ҳарду долон (хушкигард ва баҳрӣ) ки дар маҷмуъ 65 давлатро ташкил медиҳанд, ба миқдори 5 триллион доллар сармоягузорӣ карда мешавад. Сохтани бандарҳо дар Шри – Ланка, роҳҳои оҳан дар Таиланд ва истгоҳҳои электрикӣ дар Покистон – ҷузъе аз сохтмонҳои банақшагирифтаи ин сармоя мебошанд. Нишондиҳандаҳои бузурги сармояи ин ташаббусро ба назар гирифта кишварҳои зиёд онро дастгирӣ карданд. Шуруъ аз соли 2014 ақида оиди ташкили Шоҳроҳи Баҳрии Абрешим пайдо гардид. Ҳамзамон маркази сармоягузории Шоҳроҳи Баҳрии Абрешим барпо карда шуд. Ин ширкати хусусиест, ки дар навбати хеш нақша дорад, ки « Бонки Шоҳроҳи Бузурги Абрешим» - ро бо сармояи 100 млрд доллари ИМА, баҳри рушди долонҳои баҳри ташкил диҳад. Шоҳроҳи Баҳрии Абрешим ин як пешниҳоди калидии ҶМЧ ба ҳисоб меравад, ки баҳри рушди бандарҳои тамоми ҷаҳон муфид хоҳад буд. Ҳадафи аслии амалисозии лоиҳаи “Як камарбанд – як роҳ” ин бунёди пули қитъавӣ миёни Аврупо ва Осиё мебошад. Долонҳои байналхалқии ҳамкориҳои иқтисодии «Чин – Муғулистон – Русия», «Чин – Осиёи Марказӣ – Осиёи Ғарбӣ» ва «Чин – Ҳиндучин » баҳри амалисозии ин ҳадаф ташкил шуданд. Ширкати холдингии China Overseas Ports бандари Гвадари Покистонро азнавсозӣ карда онро то соли 2059 ба иҷора гирифт. Ин як қадами муҳим баҳри васл кардани камарбанди иқтисодии Шоҳроҳи Бузурги Абрешим бо Шоҳроҳи Баҳрии Абрешим ба ҳисоб меравад . Барои рушди долони Чин – Покистон, сохтани роҳҳои автомобилгард, қубурҳо, хатҳои интиқоли барқ ва роҳҳои оҳан, ки дар маҷмуъ 62 млрд долларро ташкил медиҳанд ба нақша гирифта шудааст. Ҳамкори бо Чин барои тамоми кишварҳои аъзои лоиҳа имконияти бузургест, ки кишварҳои шарик метавонанд бо ёрии Чин сатҳи истеҳсолоти худро боло баранд ва дар бозорҳои минтақавию ҷаҳони мавқеи хешро пайдо намоянд. Барои аксари кишварҳои аъзои ин лоиҳа, Чин ҳамчун шарики бузурги тиҷоратӣ, бузургтарин кишвари содиркунандаи мол ва манбаи асосии сармоягузор ба ҳисоб меравад.

Аз ташаббуси Чин ҳатто кишварҳои қитъаи Африқо ва Амрикои ҷанубӣ низ бархурдор шуданд. Имрӯзҳо ҳукумати Чин сармояҳои худро ба кишварҳои ин минтақа низ равона карда истодааст. Масалан ҳаҷми сармояи Чин ба кишварҳои Африқо дар солҳои 2000 – 2015 ба 100 млрд доллари ИМА баробар шуда буд. Аз ин миқдор 40% - дар соҳаи дастгоҳҳои энергетикӣ ва хатҳои интиқоли барқӣ, 30% - дар азнавсозии инфрасохторҳои роҳҳо сарф шуданд. Раванди малағгӯзорӣ ба ин минтақа аз ҷониби ҶМЧ то ҳол давом дорад. Шоҳроҳи Бузурги Абрешим, ки то имруз таърихнигорон оиди он

ақидаҳои зиёдеро пешниҳод карданд, ягон маротиба аз қалamрави кишварҳои Амрикои Лотини нагузаштааст. Бо вуҷуди ин ҶМЧ имрузҳо мехоҳад ба лоиҳаи “ Як камарбанд – як роҳ ” ҳатто кишварҳоро аз ин минтақа ворид созад. Барои мисол метавонем Ҷумҳурии Панамаро номгир намоем. Ин кишвар таҳти таъсири ҶМЧ иттиҳоди дарозмуддати худро бо Тайван бекор кард ва ба ташаббуси пешниҳоднамудаи Чин дохил гардид. Дар даҳсолаи охир нишондоди сармоягузории Чин дар кишварҳои Амрикои Лотинӣ ба 113 млрд доллари ИМА баробар шуд. Ҳаҷми савдо бошад то 200 млрд доллар боло рафт. Дар шаш соли охир раиси ҶМЧ се маротиба ба Амрикои Лотини сафари кори анҷом дод. Чин аллакай шарики муҳими тиҷории кишварҳои Аргентина, Бразилия, Чили ва Перу, инчунин қарздиҳандаи бузурги барои кишварҳои Эквадор ва Венесуела, сармоягузор барои Панама ва Перу ба ҳисоб меравад. Агар дар соли 2001 56% содироти кишварҳои Амрикои Лотини ба ИМА рост меомад, имрузҳо ин нишондод ба 36% баробар шудааст. Тибқи ақидаи баъзе муҳаққиқон кишварҳои ин минтақа бо як суръати баланд сарпарасти хешро иваз карда истодаанд .

АДАБИЁТ

1. Бабадясанова Т.И. По древни м городам Узбекистана. -М: Профиздат, 1988.
2. Березиков Е. Легенды и тайны Узбекистана. -Т.: Изд. Литераты и искусства им. Г. Гуляма, 1991.
3. На среднеазиатских трассах Великого шёлкового пути. Очерки истории и культуры. -Т.: Фан, 1990.
4. Наследники Шёлкового пути. Узбекистан. –Штутгарт - Лондон: Изд. Edition hansjo rg mayer», 1997.
5. Радкевич В.А. Великий шёлковый путь. -М.: Агропромиздат, 1990.

ЛОИҲАИ “ЯК КАМАРБАНД – ЯК РОҲ”–И ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ

Воқеан, лоиҳаи “Як камарбанд – як роҳ” ташаббусе мебошад, ки ҳангоми амалишавии он дар рушди тамоми соҳаҳои кишварҳои аъзо тағйироти бузурге ба амал меояд. Амалигардии ин лоиҳа метавонад амниятро махсусан дар минтақаи Осиёи Марказӣ пурзӯр намояд. Паст шудани сатҳи бекорӣ, рушди робитаҳои иқтисодиву сиёсӣ ва илмию фарҳангӣ низ ҳангоми амалишавии ин лоиҳа дараҷаи олиро касб хоҳанд кард. Дар шароити барқароршавии заифи иқтисоди ҷаҳонӣ баъди буҳрони молиявию иқтисодии сайёра, ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд амсилаи ҳамкории мутақобиланро пайдо карда, механизмҳои нави рушди иқтисодиро бунёд намояд. Ҷумҳурии Халқии Хитой омода аст, масъулият ва уҳдадории зиёди байналхалқиро мувофиқи тавони худ ва саҳми бузург гузоштан дар пуштибонии сулҳ ва рушди умумибашариро ба дӯш гирад.

Калидвожаҳо: Осиёи Марказӣ, робитаҳои иқтисодиву сиёсӣ, Хитой, Роҳи бузурги абрешим.

ПРОЕКТ «ОДИН ПОЯС – ОДИН ПУТЬ» КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ

По сути, проект «Один пояс - один путь» - это инициатива, реализация которой приведет к значительным изменениям в развитии всех секторов стран-участниц. Реализация этого проекта может укрепить безопасность, особенно в Центральноазиатском регионе. В ходе реализации этого проекта также будет достигнуто снижение безработицы, развитие экономических, политических, научных и культурных связей. В условиях слабого восстановления мировой экономики после глобального финансово-экономического кризиса мировому сообществу необходимо найти модель взаимного сотрудничества и создать новые механизмы экономического развития. Китайская Народная Республика готова взять на себя многие международные обязательства в меру своих возможностей и внести большой вклад в поддержание мира и всеобщего развития.

Ключевые слова: Центральная Азия, экономические и политические отношения, Китай, Великий шелковый путь.

PROJECT «ONE BELT – ONE ROAD» OF THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA

In fact, the "One Belt – One Road" project is an initiative, the implementation of which will lead to significant changes in the development of all sectors of the participating countries. The implementation of this project can strengthen security, especially in the Central Asian region. The project will also reduce unemployment and promote economic, political, scientific and cultural ties. In the context of the weak recovery of the world economy after the global financial and economic crisis, the world community needs to find a model of mutual cooperation and create new mechanisms for economic development. The People's Republic of China is ready to make many international commitments to the best of its ability and to make a great contribution to the maintenance of peace and universal development.

Keywords: Central Asia, economic and political relations, China, the Great Silk Road.

Сведение об авторе: ***Хушвахтов Мехриддин Амруддинович*** - магистр второго курса факультета международных отношений Таджикского национального университета кафедры международных отношений. Телфон: **902923303**

Information about the author: ***Khushvakhtov Mehriddin Amruddinovich***- second – year master’s student of Faculty of International Relational of the Department of International Relational Tajik National University. Phone **(+992)902923303**

РУШДИ ШАҲРСОЗӢ ВА МЕЪМОРИИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР АСРҲОИ XI-XII ВА АВВАЛИ АСРИ XIII

Э. Шамсзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пас аз сукути давлати миллии тоҷикон давлати Сомониён сарзамини паҳновари Мовароуннаҳру Хуросон ба зери тасарруфи қабилаҳои кӯчманчиёни туркнажод, аз қабили Қарахониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён, Қарохитоиҳо гузаштанд. Шаҳрҳои бузургтарини он замон Самарқанд, Бухоро, Марв, Исфаҳон, Нишопур, Ҳирот, Ҳулбук ва ғайраҳо низ ба дасти ин қабилаҳо бодиянишин гузаштанд. Бо вуҷуди тороҷгарии аҷнабиён илму фарҳанги тоҷик аз байн нарафт.

Тоҷикон новобаста аз он, ки давлату давлатдории хешро аз даст дода буданд, вале дар ободонии ҳар як гӯшаву канори ватани худ саҳмгузор буданд. Аҷдодони халқи тоҷик аз ибтидо ба шаҳрсозиву меъморӣ диққати махсусе медоданд. Масъалаҳои шаҳрсозӣ ва хусусиятҳои меъморӣ то замони мо хуб ба назар мерасад. Дар сохтмони шаҳрҳо ва дигар иншоотҳои ҷамъиятиву давлатӣ, ки дар он давра бунёд мекарданд аз хиштҳои пухта ва барои зебу зиннат додани иншоотҳо аз хиштҳои нимбурида гаҷкорӣ, наққошӣ ва инчунин дар аксарияти иншоотҳои муҳими таърихӣ аз сангҳои қиматбаҳо низ истифода мебурданд, ба ин намуди меъморӣ ва иншоотсозии он замон, ки то даврои мо боқӣ мондааст: мақбараи шоҳ Исмоили Сомонӣ дар Бухоро, мақбараи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар Панҷакент шаҳраки Ҳулбук дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлони имрӯза ва ғайраҳо хуб ба назар мерасанд, ки онҳоро ҳунармандону наққошони машҳури он замон бунёд кардаанд. Қисми дигари шаҳрҳо, қалъаву кушкҳо дар натиҷаи лашкаркашиҳои аҷнабиён харобу валангор гардида буданд [1,с.272]. Дар даврои ҳукмронии туркон чунин анъана ба расмият даромада буд, ки ҳар як хону амир кӯшиш мекард, ки тавассути шаҳрсозиҳо номи худро дар дунё абадӣ гардонад. Аз асрҳои XI-XII ва ибтидои асри XIII то лашкаркашиҳои муғулҳо дар сохтмони масолеҳи бинокории пешина, аз қабили похса ва хишти хом, алалхусус, дар иморатҳои бошукуҳ, аз он ҷумла қалъа, кушк ва қасрҳо ба таври васеъ истифода мебурданд. Дар аксарияти мавридҳо дар бинокорӣ ҳам хишти хом ва ҳам хишти пухтаро дар як вақт истифода мебурданд. Масалан, девори биноҳоро аз хишти хом ва гумбазҳоро бо хишти пӯхта месохтанд ва ё девори аз хишти хоми сохтшударо бо хишти пухта рӯкаш мекарданд. Намунаи хело ҷолиби чунин сохтмон қалъаи Болои ноҳияи Исфараи шимолии Тоҷикистон мебошад. Ин кушқалъа, ки дар асрҳои VI-VII сохта шуда, дар асри X бо сабабҳои гуногун хароб гардида буд ва минбаъд дар асрҳои XI-XII аз нав дубора таъмир ва хело мустҳакам карда шуд. Дар вақти таъмир кардан хишти хом ва похсаро истифода намуда, бо хишти пухтаи дар маҳлули гаҷ хобондашуда рӯкаш кардаанд [2,с.28]. Системаи мудофиавии шаҳрҳо ва қалъаҳои пеш аз ҷори гардидани динӣ ислом, яъне асрҳои VI-VIII бо сохтани ду манораи росткунҷа дар тарафи даромадгоҳи шарқии қалъа боз ҳам қавитар карда шуд. Дар асрҳои XI-XII он аз як хонаи расмӣ, ҳавлича ва ду қатори хонаҳои дарун ба дарунӣ ҳамдолон иборат буд. Болои хонаҳо ва гумбазҳоро бо хишти хом месохтанд. Инро метавон инкишофи эҷодии тарҳи меъмории замони гузашта номид: Долони иморат ҳамчун ҳавличаи чароғон масъалаи ба равшанӣ таъмин кардани хонаҳоро ҳал менамуд ва ҳар хона аз панҷараи дар ё худ аз тирезаи болои он равшан мешуд. Бояд қайд кард, ки аз қалъа шишаи мусаттаи тирезаи мансуб ба он замон ёфт шудааст. Он вақтҳо дигар васила ва заруроти зист, низ вуҷуд доштанд, дар саҳни суфа чоҳҳои амиқе барои рехтани ахлот ва дигар намуди партовҳо канда, болои онҳоро бо хишти хом мустаҳкам мекарданд ва рӯйи онро бо сарпӯши чӯбин гиландуд мепӯшиданд. Мувофиқи ақидаҳои академик Б.Ғафуров дар ин асрҳо сарзаминҳои тоҷикнишин овони авҷу равнақи бинокорӣ, минбаъдаи афкори меъморӣ, усулҳои нави наққошиву таҳрезӣ ва комёбиҳои соҳаи ороиши биноҳо номидаанд. Барои иморатҳои қалъа, кушк ва қасрҳоро аз похса хишти хом, хишти пухта чӯб ва дигар маҳсулотҳо сохтмони фаровон истифода мебурданд. Ба ин мисол Қалъаи болои Исфара, шаҳраки

Ҳулбук, қалъаи Ғазнин дар Тирмиз хело вусъат ёфтаанд. Дар қаламрави Мовароуннаҳри замони хонадони Қарахониён шумораи зиёди биноҳои бошукӯҳ дар Узганд, аз ҷумла, манораи баландиаш 18 метр яке аз манораҳои маъруфи дигар бо номи Калон баландиаш 52 метр дар замони Арсалонхони Муҳаммад дар шаҳри Бухоро соли 1127 сохта шуда буд. Бино ба тадқиқоти Н.Б. Немсева ёдгории барҷастаи меморӣ бо номи Работи Малик бо фармони яке аз шоҳони машҳури хонадони Қарахониён Арсалонхон (1102 – 1130) дар қадқади роҳи бузурги шоҳроҳи Самарқанду Бухоро ҳамчун қаср – қароргоҳи саҳроии бо санъати баланди меъморию иншоотсозӣ бунёд карда шуда буд. Работи Малик дар марҳилаи аввал ҳаммонанди кохҳои берун аз шаҳрии тоҷикон ва Қасрҳои арабҳои Байнаннаҳрайн қомат афрохта, сонитар ҳамчун корвонсарой – манзили истироҳатии тоҷирон хизмат намуд. Яке аз манораҳои дигари Урганҷ мувофиқи сана дар лавҳаи қурғошим сабт шуда дар соли 1010-1011 сохта шудааст. Қадимтарин ёдгории маҳфузмондаи меъморони тоҷикон таҳти унвони «Сабки порсӣ» манораи Кобус аст, ки дар соли 1006-1007 бунёд карда шуда буд [3,с.14].

Қасри беруназшаҳрӣ дар наздикии шаҳри Ғазна воқеъ гардида, ки қароргоҳи Султон Масъуди Ғазнавӣ (1099 1115) буд, сохтмони он мувофиқи баъзе аз сарчашмаҳо дар соли 1112 ба анҷом ёфтааст ва онро бунёдкорон ба рамзӣ ситора бо шукӯҳу шаҳомати баланде бунёд карда буданд. Майдони қаср бо деворҳои баланд иҳота карда шуда буд. Дар миёнаҷои майдони қаср ҳавлии калоне воқеъ гардидааст, ки дарозиаш 50,6м ва бараш 31,9 м мебошад. Қисми марказии онро бо масҳати 40,4 Х 23,5 м бо сангҳои мармар фарш намуда, дар гирду атрофи он низ бо тахтасангҳои мармарӣ ва инчунин роҳрави васеъ сохтаанд. Дар чор қисмати ҳавлӣ чор айвон сохта шудааст яке аз ин айвонҳо ба шакли дарозрӯя сохта шуда вазифаи далҳлези даромадгоҳро иҷро мекард. Нақшу нигори берунаи қаср аз токҳои хело зебо бунёд шудааст. Қисмати поёнии деворро бо сангҳои мармарӣ ба шакли катибаҳои қуфӣ ороиш додаанд. Ҳусни хати навиштаҷот хело ҷалилӣ ва нафис буда, мазмунан қасидаҳои тоҷикию форсиянд, ки дар аҳди ҳокимони ғазнавӣ гуфта шудаанд. Ин яке аз катибаҳои давраи асримиёнагии осри форсу тоҷик ба шумор меравад. Қисми болоии девор ва гумбаз кандакорӣ шуда ва онро наққошон бо рангҳои зард, сурху кабуд зебу зиннат додаанд. Қасри бехруназшаҳрие, кӣ дар қисмати шаҳристони қадимаи Тирмиз аз ҷониби бостоншиносон кашф гардида буд. Ин ҷо дар қисмати марказӣ ҳавлӣ рӯбарӯи айвоне, ки вазифаи даромадгоҳи толори қабулро адо мекард. Толори қабул аз бинои калони росткунҷае иборат буд, ки ду қатори сутунҳои ғафси росткунҷа онро ба се қисмати асоси ҷудо менамуд. Девору сутунҳо бо хиштҳои пухта нақшу нигор ва кандакорӣ шуда онҳо чунон рӯкаш гардида буданд, ки дар пеши назар нақшу нигори барҷаста ва хело зеборо намоён мекарданд. Дар он тасвирҳои асотирии ҳайвонот, наботот ва катибаҳо ба он зебу зиннати дигаре мебахшид. Дар хусуси тарҳи мураккаби осори меъмории лашкари Бозор, ки дар он фақат фаровонӣ ва гуногунии ороишоти онро хотирнишон месозем. Дар ин ҷо, хусусан, намунаҳои ҳунари наққошӣ ва тасвирӣ ҷолиби диққат аст. Дар толори қабулгоҳ тасвири қариб 50 – сарбози мусаллаҳ аз гвардияи подшоҳони ғазнавӣ боқӣ мондааст. Дар девори толори дигар бошад нақшу нигораҳои базмгоҳи шоҳ тасвир ёфтааст. Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ дар замони салтанати Ғазнавиён ҳунари наққошӣ хело ривоҷу равнақ ёфта буд. Осори динию парастишӣ, аз қабили масҷид, манора, хусусан, мақбараҳо нисбатан бештар боқӣ мондааст. Масҷиди Деггарони деҳаи Ҳазора (наздикии Бухоро) бинои мукаабшаклест бо гумбази мобайнӣ, ки аз чор пояи мудавваршакл ва дарҳои паҳлули вай Қуббачаҳо дорад. Масҷиди Тирмиз дар аввалҳо ба шакли айвони кушодаи сегунбаза буда, баъдтар миқдори сутунҳо ва гунбазҳои болои онҳо зиёдтар карда шуда, он ба бинои пӯшида мубаддал гардониданд. Масҷиди Мағоқи Аттори Бухоро (асри XII) аз шаш сутунпоя дувоздаҳ қубба ва аз дарвозаи бузурге иборат аст.

Манораҳои асримиёнагии шаҳри Бухоро аз ҷиҳати сохт ва меъмориаш аз дигар минтақаҳои Шарқ бо баъзе аз хусусиятҳои хоси худаш фарқ мекарданд. Манораҳои Бухоро мудавваршакл, бузург ва муҳташам буданд. Сарзамини Марв дар аҳди Султон Санҷар маркази сиёсӣ ва фарҳангии давлати Салҷуқиён ба ҳисоб мерафт. Дар замон салтанати Салҷуқиён Қалъаи Марв дар масоҳати беш аз 400 гектарро ташкил медод.

Шумораи аҳолӣ ба 150 000 расид. Шаҳри Марв, ки модари шаҳрҳо дар давраи асримиёнагӣ ба шумор мерафт, аз 4 дарвоза, 4 хиёбон ва ба 4 қисмати асосӣ тақсим мешуд. Иморатҳои бошукӯҳ, кушкҳои дуқабата, масҷидҳо, манораҳо, мадрасаҳои сершумор буданд. Дар Марв расадхонаи нуҷум ва 10 китобхонаи калон амал мекарданд [4,с.158]. Дар ҳавзаи Зарафшон шаҳрҳои Бухорову Самарқанд ҷараёни мураккаби баландшавии мақоми марказҳои илмию фарҳангӣ ба шумор мерафтанд. Дар Бухоро дар аҳди Аҳмадхони қарахонӣ қасри нав сохта шуда буд, вале натиҷаи лашкаркашии Султон Маликшоҳ дар соли 1089 шаҳр хело зарар дид. Дар замони ҳукмронии Султон Арсалони Карахонӣ боз аз нав иншоотҳои харобгардида барқарор гардида буданд. Бинокорону меъморони тоҷик дар асриҳои XI-XII махсусан дар давраи Хоразмшоҳиён бо фармони Ҷалолиддин Муҳаммад Хоразмшоҳ дар қисмати Осиёи Марказии имрӯза бунёд гардида буданд. Дар сохтмони чандин иншоотҳои машҳуртарини он замон ба мисоли Мақбараи султон Санҷар дар Марв Абӯсаид дар Майхонаи (Туркманистон), Қарахониён дар Ӯзгандӣ (Қирғизистони имрӯза), Сайёд ва Хоҷарон дар водии Ҳисор, Чоркӯҳи Исфара ва дигар иншоотҳо аз ҷониби ҳунармандони гулдасти тоҷикон бунёд карда шуда буд. Манораи Ҷом дар қисмати Кӯҳистони Ғур ва Қутбманора дар Деҳлии Ҳиндустон ҳамчун самараи эҷодкориҳои давлатдории тоҷикон то имрӯз побарҷо буда, дар қатори муъҷизоти олам ҷой гирифтаанд

Дар ин давра сохтмони қасрҳо хеле вусъат ёфт. Қасрҳои ҳокимони Хатлон, Тирмиз ва ғайраҳо, ки дар натиҷаи ҷангҳои пайдарпай дар байни амирон ва хонҳои туркнажод барои ба даст даровардани ин сарзаминҳо дар байни худ ҷангҳо карда буданд, ки дар натиҷа шаҳрҳо, қалъаҳо, и деҳкадаҳо ва дигар иншоотҳои муҳими таърихӣ вайрону валангор гардида буданд. Дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ аз ҷониби бостоншиносон дар натиҷаи тадқиқотҳои археологӣ ин харобаҳоро пайдо карда буданд ва ашёҳо, лавозимоти рӯзгордорӣ ва дигар бозёфтҳо дар осорхонаҳо ҷой додаанд [3,с.47]. Аз нахустин муҳаққиқон ва шарқшиносони машҳури рус академик В.В. Бартолд мебошад, ки мувофиқи ақидаҳои ӯ шаҳрҳои асримиёнагӣ ба се қисмат Кӯҳандиз, Шаҳристон ва Работ тақсим мешуданд. Тибқи ақидаҳои бостоншиноси рус, С.П.Толстов, ки аксарияти тадқиқотҳои археологии ӯ, дар сарзамини Хоразми бузург гузаронида шуда буданд, аз рӯйи хулосабандиҳои ин бостоншинос дар асрҳои VII-VIII дар Хоразм иншоотҳои нодир комилан нопадид гардида буданд ва хушбахтона, дар асрҳои XI-XIII аз нав барқарор карда шуда буданд ва дар ин шаҳракҳо тиҷорат, ҳунармандию косибӣ низ равнақу ривоҷ ёфта, дар назди қалъаҳои ашрофон ва феодалони калон иморатҳои калоне мавҷуд доштанд, аз ин сабаб дар аксарияти шаҳрҳои Хоразм шаҳристон вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, мушоҳидаҳо то ба замони мо дар бораи санъати меъморию шаҳрсозӣ, ҳунармандию косибии Моваронаҳру Хуросон дар асрҳои XI-XIII дар тадқиқотҳои олимони Рус, Аврупо, Осиёи Миёна, ва дигар кишварҳои ҷаҳонӣ дар алоҳида баррасӣ карданд, вале асари алоҳидае дар бораи хусусиятҳои меъморию шаҳрсозӣ нашр накарданд. Инчунин, бояд қайд кард, ки дар таърихи асрҳои миёна дар минтақаҳои Шарқ ва махсусан, ба фарҳанги халқи тоҷик ва дигар халқиятҳои ҷаҳонӣ таъсири дини мубини ислом дар структураи шаҳрсозию меъмори мақбараву мадрасаҳои динӣ таъсири худро расонидааст. Гуфтаҳои боло самти ин тадқиқотро пешниҳод мекунад, ки дар он муайян кардани бойтарин мероси фарҳангӣ асри XI-аввали асри XIII муайян кардани нақши ин давра дар ташаккули меъморӣ имкон медиҳад, ки тамоюли умумии ташаккули меъмории давраи асримиёнагӣ ва ҷойгоҳи он дар мероси фарҳангии ҷаҳонӣ, ҳама ин дар якҷоягӣ аҳамияти ин корро муайян мекунад.

Сохтмони масҷид, корвонсаройҳо, қасрҳо ва мадрасаҳо дар фазои шаҳрӣ, шаклҳои навро дар меъморӣ ба вуҷуд оварданд. Дар тадқиқотҳои олимон бештар ба услуби Розӣ (Рей) диққат медиҳем, зеро маҳз ҳамин услуб меъмории асрҳои миёнаи асрҳои XI-XIII мебошад. Ин услуб асри дуюм ҳисобида мешуд. Давраи исломӣ тамоми анъанаҳои меъмории Эронро дар бар мегирифт. Гарчанде ки ин услуб бори аввал дар шимолу шарқи Эрон маъмул гаштааст, он дар пойтахти аввали Салҷуқиён - Рей такмил дода шудааст. Баъдтар, Исфаҳон пойтахти Салҷуқиён шуд ва ин услуб ба пойтахти нав гузашт. Ҳамин

тариқ, услуби Розӣ (Рейс) дар давраи ҳукмронии Зиёриён таъсис ёфта, сипас дар давраи Бундҳо (945-1055) идома ёфт ва дар давраи салҷуқии Атабакҳо такмил ёфт [3,с.91]. Ҳатто дар охири асри IX, баъзе биноҳоро бо услуби Розӣ (Рейс) ёфтан мумкин аст ва онҳоро оғози ин услуб ҳисобидан мумкин аст. Намунаи чунин биноҳо мақбараи Исмоили Сомонӣ дар Бухоро, мақбараи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар Панҷакент шаҳраки Ҳулбук дар Қурбоншаҳиди ноҳияи Восеъ, манораҳои Арсалҷазиб дар Хуросон ва ғайраҳо низ бо ин услуб бунёд карда шуда буданд. Шаҳраки Ҳулбук маркази асримиёнагии Хуталон буда номи Ҳулбук аввалин маротиба аз ҷониби ҷуғрофишиноси машҳури замони антиқа Птолемей зикри гардидааст. Аммо Ҳулбуки замони Юнону Бохтар дар ин ҷо нест, вай дар ҷойи дигар буд ва харобаҳои он ёфт нашудааст. Шояд дар назди Нозкул (Қайнар) бошад. Шаҳраки Ҳулбук маркази давлатдории Хатлоншоҳони асриҳои IX-XII ба ҳисоб меравад. Хуталон дар замони марказ буданди шаҳраки Ҳулбук хело тараққӣ карда, ки ба давлати миллии тоҷикон давлати Сомониён рост меояд. Шоҳони он ба хазинаи Сомониён андоз намесупориданд ва он маънои онро надошт, ки шоҳон Хатлонзамин марказгурез буданд, онҳо ба хазинаи амирон тӯҳфаҳои қиматбаҳо мефиристоданд. Таърихи Хатлон дар сархати хеле кам қайд шуда бошад ҳам, аз ҷониби шарқшиносон ва бостоншиносони русу аврупоӣ ба мисоли академик В.В. Бартолд, Н.Е. Майсев, Н.А. Варигин, А.М. Беленитский, Б.А.Литвинский ва ғайраҳо дар асарҳову мақолаҳои илмии худ ба таври пурра дар бораи шаҳрсозии сарзамини Хатлон маълумот додаанд.

Аз соли 1957 то солҳои 90 уми асри XX дар ин шаҳрҳои асримиёнаги аз ҷониби бостоншиноси институти таърих, бостоншиносӣ, ва мардумшиносии АУ Тоҷикистон бостоншинос Э.Ғуломов роҳбариии экспедитсияи археологиии шаҳраки Ҳулбукро ба зимма дошт. Дар натиҷаи тадқиқотҳои археологӣ муайян карда шуд, ки шаҳраки Ҳулбук яке аз шаҳракҳои калони замони худ буда дар масоҳати 280 г.заминро фаро гирифта буд. Шаҳр аз диж, қасри шоҳӣ, шаҳристон, яъне ҷойи зисти шаҳрвандон, иборат буд. Вай дар ин муддат қасри шоҳонро кушод. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳар як қавму, қабила миллату давлат мувофиқ ба муҳити географи ба худ тарзи меъморӣ ва фарҳанги хосе доранд, ба ҳамин хотир дар сарзаминҳои паҳновари қавмҳои ориёнажод ба мисли Самарқанд, Бухоро, Хоразм, Нишопур ва дигар минтақаҳои ин сарзамин меъморисозӣ ба авҷи аъло расида буд. Дар он давра технологияи меъморисозӣ, хеле пешрафта буд, устоҳои он давра тарзи хиштгузориро хеле хуб медонистанд, чунки аз боқимондаи девораҳои ин қалъаҳо ва бозёфтҳои бадастовардаи археологҳо маълум мегардад, ки дар сохтмони қасру кушкҳо устоҳои моҳир аз хориҷ ва дохил фаъолият мекардаанд, ки то имрӯз сохти он бо ҳамон тарз боқӣ мондааст. Давраи асримиёнагӣ аз рӯйи фарматсияи ҷамъиятӣ ба давраи феодалӣ рост меояд, онҳо тарзи обёрии заминҳои коркардро ҳам хуб медонистанд, ки дар он давра тарзи сохтани қубурҳо ва мунфаршкуни хеле хуб истифода мешуд. Масалан, дар фаслҳои сардӣ, даруни биноҳоро бо таври махсус гарм менамуданд, онҳо технологияи обёрии гармро мисли дигар давлатҳо хуб истифода мебурданд. Қубурҳоро аз хоки сурх тайёр менамуданд, ки ин хок аз дигар хокҳо фарқ дошт ва гили кулолиро гирифта, коркард карда пас аз он онро мисли кӯза мепухтанд ва ин солиёни дароз ба онҳо хизмат мекард. Даруни биноҳоро бо наққошӣ ва тарзи чӯбтароши хуб ороиш медоданд, ки ин аз фарҳанги волои ҳунармандони он давра далолат медиҳад. Масалан, тарзи наққошӣ дар даруни мақбараҳои шаҳри Самарқанд, Бухоро ва тарзи кандакорӣ дар дарвозаҳои онҳо мебошад, ки моҳирона коркард шудаанд ва ин тарзи корҳо дар қалъаи Ҳулбук низ дида мешавад, ки бо як санъати баланд ороиш дода шудааст. Дигар ин, ки дар сабки Розӣ (Рейс) биноҳоро бо шаклҳои гуногун, ба монанди манораҳои қабрҳо ва манораҳо ёфтан мумкин аст. Мақбараҳо бо бурҷҳо аз чор гӯша, 5 гӯша ва ҳатто 8 гӯша иборат буданд. Намунаи мақбараи кунҷи 5-ро дар оромгоҳи Бобо Рукниддин дар Исфаҳон ва кандакориҳои дандонро дар бурҷи Қобуси Гургон дидан мумкин аст. Бисёре аз манораҳо низ бо услуби Розӣ (Рей) сохта шуда буданд, ки ҳамчун бурҷи дидбонӣ хидмат мекарданд, аммо мо дар ин бора дар зер муфассал истода мегузарем [3,с.29].

Балх қадимтарин маркази фарҳанги Эрон ҳисобида мешуд. Балхро «модари шаҳрҳо» («умм-ул-билад») ва «гунбази ислом» («куббатул-ислом») меномиданд. Шаҳр дар ҳамвори

ҷойгир буд, ки дар он дарё аз кӯҳҳо мебарояд, дар масофаи 3 рӯзи ҷануби Амударё ҷойгир шудааст. Қалъа рӯйи дайкас истода буд. Ба монанди канораҳои шаҳрҳои калон Балхро бо деворҳои дароз иҳота карда буданд, то онро аз ҳамлаи бодиянишинон муҳофизат кунанд. Шаҳристон қадимтарин қисми шаҳр буд ва бо девори махсус иҳота карда шуда буд. Рабод фосилаи байни девор ва девори берунии шаҳр буд. Хонаҳо чун дар ҳама шаҳрҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр, аз гил сохта шуда буданд. Бозорҳо, асосан дар шаҳристон, дар атрофи масҷиди ҷомеӣ воқеъ дар маркази шаҳристон ҷойгир буданд. Мувофиқи маълумоти географ Ҷакубӣ, дар Балх ва атрофи он 47 масҷиди дорои минбар мавҷуд буд. Муаллифи китоби "Ҳудуд-ул-олам" мегӯяд, ки дар Рабод бозорҳо зиёд буданд. Мақдисӣ шаҳрҳоро бо Марв ва Ҳирот ва ҳатто бо пойтахти Сомониён муқоиса мекунад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки рушди шаҳрсозӣ ва меъмории миллати тоҷик дар асрҳои XII-XIII ба авҷи аълои худ расида буд, ки имрӯз харобаҳои ин шаҳрҳо аз ҷониби бостоншиносон кашф гардида, дубора барқарор (реставратсия) шуда истодаанд, то ин ки дубора таърихи куҳанбунёди ин миллати озода зинда шавад.

АДАБИЁТ

1. Абдусаттор М. Сомониён замон ва макон. – Душанбе: Нашриёт, 1999. – 300 с.
2. Абӯбакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. – Душанбе: 2012.
3. Неъматов Н. Давлати Сомониён. – Душанбе: 1989.
4. Ҳудуд - ул - олам мин - ал Машриқ ила - л - Мағриб.

РУШДИ ШАҲРСОЗӢ ВА МЕЪМОРИИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР АСРҲОИ XI-XII ВА АВВАЛИ АСРИ XIII

Мақолаи мазкур доир ба рушди шаҳрсозӣ ва меъмории Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои XI – XII ва аввали асри XIII бахшида шудааст. Дар мақолаи мазкур дар ин маврид меъморихои гуногуни ҳудуди Осиёи Миёна зикр шуда, ба таври мухтасар тафсил дода шудаанд. Бухоро аз биноҳои алоҳидаи шаҳр бинои як давраи пеш аз мусулмонӣ - Нубеҳар зикр шудааст, гарчанде ки ин бино ҳанӯз дар асри X аст, дар харобазор буд. Тибқи гуфтаи Ёқубӣ, дар Балх 47 масҷид бо минбар вуҷуд дошт ва шаҳрҳои Нишопур, Самарқанд, Бухоро ва Марв аз рӯйи сохт ба ҳамдигар наздик буданд. Ҷуғрофиён дарозии шаҳр ва шумораи дарвозаҳоро бо роҳҳои гуногун аз 4 то 7 муайян мекунанд. Номи дарвозаҳо оварда шудаанд, ки дар байни онҳо "дарвозаҳои ҳиндуҳо" ва "дарвозаҳои яҳудиён" зикр шудаанд, бешубҳа , ин номҳо маҳаллаҳоеро нишон медиҳанд, ки тоҷирони ҳинду яҳудӣ дар он зиндагӣ мекарданд. Балх анборе барои тиҷорат бо Ҳиндустон буд. Якчанд хатсайрҳо аз ин шаҳр ба Ҳиндустон мерасиданд. Балх аҳамияти махсусро дар асри XI, дар давраи Ғазнавиён, вақте ки он ба яке аз пойтахтҳои Султон Маҳмуд табдил ёфт, касб кард. Дар нимаи асри XI, Балх ба тасарруфи Салҷуқиён гузашт, ки онҳо низ минтақаҳои ба он тобеъро забт карданд ва Ҳиндукуш сарҳади давлатии байни амволи Салҷуқиён ва Ғазнавиён гардид.

Калидвожаҳо: Хуросон, Бухоро, аср, хишт, қалъа, қадима, меъморӣ.

РАЗВИТИЕ ГОРОДОСТРОИТЕЛЬСТВА И АРХИТЕКТУРЫ ТРАНСОКСИАНЫ И ХОРАСАНА В XI-XII И НАЧАЛЕ XIII ВВ

Бухара упоминается как одна из немногих построек в городе, домусульманская постройка - Нубехар, хотя в X веке это здание все еще находится в руинах. По словам Якуби, в Балхе было 47 мечетей с кафедрами, а города Нишапур, Самарканд, Бухара и Марв были структурно близки друг к другу. Географы определяют длину города и количество ворот по-разному - от 4 до 7. Названия ворот, между которыми упоминаются «индуистские ворота» и «еврейские ворота», несомненно, относятся к районам, в которых жили индоеврейские купцы. Балх был складом для торговли с Индией. Несколько маршрутов из этого города доходили до Индии. Особое значение Балх приобрел в XI веке, в период Газневидов, когда он стал одной из столиц султана Махмуда. В середине 11 века Балх перешел под контроль салджуков, которые также завоевали подконтрольные им территории, и Гиндукуш стал государственной границей между салджуками и газневидами.

Ключевые слова: Хорасан, Бухара, век, кирпич, замок, антиквариат, архитектура.

DEVELOPMENT OF CITY BUILDING AND ARCHITECTURE OF TRANSOXIANA AND KHORASAN IN THE XI-XII AND EARLY XIII CENTURIES

Bukhara is mentioned as one of the few buildings in the city, a pre-Muslim building - Nubehar, although in the X century this building was still in ruins. According to Yakubi, there were 47 mosques with pulpits in Balkh, and the cities of Nishapur, Samarkand, Bukhara and Marv were structurally close to each other. Geographers determine the length of the city and the number of gates in different ways - from 4 to 7. The names of the gates, between which the "Hindu gates" and "Jewish gates" are mentioned, undoubtedly refer to the areas in which Indo-Jewish merchants lived. Balkh was a warehouse for trade with India. Several routes from this city reached India. Balkh acquired particular importance in the XI century, during the Ghaznavid period, when it became one of the capitals of Sultan Mahmud. In the middle of the 11th

century, Balkh came under the control of the Saljuks, who also conquered the territories under their control, and the Hindu Kush became the state border between the Saljuks and the Gaznevids.

Keywords: Khorasan, Bukhara, century, brick, castle, antiques, architecture.

Сведения об авторе*: Шамсзода Эрадж* – магистр второго курса исторического факультета ТНУ. E-mail: **Iraj -5@mail.ru**. Телефон: **908-87-10-60**

Information about the author: *Shamszoda Iraj* – first-year master`s student of the Faculty of History of TNU. E-mail: **Iraj-5@mail.r**u. Phone: **908-87-10-60**

ДИПЛОМАТИЯИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ ЎЗБЕКИСТОН

Шарипов Ш. Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Чунонки дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Таҳаввулоти босуръати геоиқтисодии замони муосир ва тамоюлҳои инкишофи иқтисодиёти ҷаҳонӣ муҷиби аҳамияти беш аз пеш пайдо кардани дипломатияи иқтисодӣ ва пайваста афзудани нақши унсури иқтисодии масъалаҳои умдаи сиёсати байналмилалӣ гардиданд. Аз ин рӯ, истифодаи муассир ва самараноки тариқаву василаҳои дипломатияи иқтисодӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои милливу давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб мешавад».

Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар воҳӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иброз доштанд: «татбиқи амалии стратегияи умумии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба амал баровардани иқдомҳои мушаххас дар ин арса ва таъмини ҳуқуқии фаъолияти сиёсии хориҷӣ, ҳамоҳанг сохтани робитаҳои байналмилалии мо бо мақсади пиёда кардани сиёсати ягонаву яксон дар муносибатҳо бо давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ аз ҷумлаи ин вазифаҳо ҳастанд. Ҳарчанд ки ман ба ин нукта чанд бор ишора кардаам, мехоҳам бори дигар аҳамияти дипломатияи иқтисодиро таъкид намоям, чунки солҳои охир дар радифи истифодаи тарзу усулҳои дипломатияи анъанавию классикӣ дар аксари давлатҳои ҷаҳон аҳамияти истифодаи муассири тариқаву василаҳои дипломатияи иқтисодӣ ба маротиб боло рафтааст». Ҳамзамон, сиёсатшиноси тоҷик Р.Ш. Нуриддинов таъкид чунин менамояд: «Таъсири равандҳои минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ ба Тоҷикистон тақозо менамояд, ки кишвари мо сиёсати иқтисодии миллии кушодаро ба амал барорад ва дар айни замон талаботро барои таъмини манфиатҳои миллӣ, рушди босуботи иқтисодиёт ва амнияти иқтисодӣ ба миён меорад ва зарурати вусъат додани дипломатияи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз масъалаҳои мубрам қарор медиҳад». Табиист, ки сиёсати хориҷии иқтисодии ҳар давлат идомаи мантиқии сиёсати дохилии он ба ҳисоб рафта, аз элитаи сиёсӣ вобастагӣ дорад. Дар ҳамин замина робитаҳои байнидавлатии иқтисодӣ-тиҷоратии давлатҳо шакл мегиранд. Ба ҳамин маънӣ тамоми робитаҳои соҳавӣ, аз ҷумла фарҳангӣ, дипломатӣ ва иқтисодӣ, аз сиёсати амалкунандаи элитаи сиёсии давлат алоқамандии ногусастанӣ дорад. Вақте миёни элитаи сиёсии ду давлат робитаҳои сиёсӣ сард мешаванд, табиист, ки бахшҳои дигар, хусусан робитаҳо дар бахши иқтисодӣ ҳам коҳиш меёбанд. Вақте соҳаи иқтисодӣ мавқеи устуворро пайдо мекунад, ки муносибатҳои тиҷоратӣ равнақ пайдо мекунанд. Аз тарафи дигар азҳамвобастагии тиҷоратӣ нуқтаи заифи ҳар давлат ба шумор рафта, ин омил метавонад дар давраҳои муташанниҷ ба сифати таҳрими иқтисодӣ истифода гардад. Вобаста ба ҳамин ҷиҳатҳои ба масъалаи муҳимми робитаҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон муносибат карда мешавад. Таъкид намудан зарур аст, ки Ӯзбекистон яке аз шарикони асосии Тоҷикистон дар заминаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ мебошад. Ба манзури рушди ҳамкориҳо дар заминаҳои мазкур Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Ӯзбекистон оид ба масъалаҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ташкил гардидааст. Дар ҷаласаҳои ин

комиссия масъалаҳои муҳимми ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои неруи барқ, об, саноат, кишоварзӣ, нақлиёту иртиботот ва масоили дигари равобити тиҷоратию иқтисодӣ мавриди баррасӣ ва ҳал қарор мегиранд. Ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳо дар ибтидои асри XXI тибқи меъёрҳои муосир ва барои давраи дарозмуддат сохта шудааст. Самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бахшҳои: маъдан, металлургияи ранга, комплекси агросаноатӣ, энергетика, гази табиӣ, саноати сабук мебошанд. Ҳамин тариқ, неруи барқ, пахта, мева ва сабзавот, инчунин маводи бофандагӣ асосан аз Тоҷикистон ба Ӯзбекистон интиқол дода мешаванд. Дар навбати худ гази табиӣ, 53 маҳсулоти нафтӣ, маҳсулоти кимиёи ғайриорганикӣ ва мошинҳо аз Ӯзбекистон ба Тоҷикистон ворид карда мешаванд. Такони ҷиддӣ дар рушди муносибатҳои минбаъдаи тиҷоративу иқтисодии ду ҷумҳурӣ аз ҷониби мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзҳои 27-28 декабри соли 2001 дар шаҳри Тошканд дода шуд, ки дар ҷараёни он изҳороти муштарак ба имзо расид.

Тоҷикистону Ӯзбекистон дорои муштаракоти зиёди таърихию фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ буда, коршиносон рушди ҳамкориҳо дар ин самтро ба манфиати мардумони ду кишвар медонанд. Соли 2017 бо оғози марҳилаи нави ҳамкорӣ миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон имкони васеи рушди муносибот дар ин самт фароҳам гардид. Ду кишвари ҳамсоя, ки имрӯз ба рушди муносиботи иқтисодӣ баробари дигар ҷанбаҳои ҳамкорӣ ҳавасмандии бештар доранд, ба дастовардҳои зиёд ноил мегарданд. Тоҷикистону Ӯзбекистон имрӯз ба рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ афзалияти бештар дода, ҳамгироии доираҳои соҳибкорӣ ва ширкатҳои тиҷоратии ду кишвар дар ҳоли рушд қарор дорад. Омор нишон медиҳад, ки бо таваҷҷуҳ ба ин самт ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Ӯзбекистон тамоюл ба болоравӣ дорад. Агар ҳаҷми гардиши мол миёни ду кишвар дар соли 2016, 69,3 миллион доллари амрикоиро ташкил дода бошад, ин рақам дар соли 2017 ба 126,4 миллион доллар баробар шуд, ки аз ин 57,1 миллион доллар ба содирот ва 69,3 миллион доллар ба воридот рост меояд. Гуфтан ба маврид аст, ки дар даврони ҳукмронии нахуст Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов муносибатҳои иқтисодии Тошканд ва Душанбе як муддат бо назардошти баъзе масалаҳои ҷойдошта, ки ҳалли худро дар раъси раҳбарони кишварҳо пайдо накарда буданд, то андозае хеле суст ва ноустувор гардида, ин вазъ, ҳатто сарфи назар аз шартномаи «Дӯстии ҷовидонӣ», ки то имрӯз амал мекунад, ба вуҷуд омад. Пас аз тағйири ҳукумат дар Ӯзбекистон дар соли 2016, ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонист обшавии тадриҷии муносибатҳои Тошканд ва Душанберо мушоҳида кунад. Муваффақияти асосӣ дар роҳи наздиксозӣ ва таҳкими ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар соли 2018 имзо шудани созишнома «Дар бораи сафарҳои мутақобилаи шаҳрвандони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон» буд, ки зиндагии миллионҳо шаҳрвандони ҳарду ҷонибро осон кард. Ин як омили рушди туризм дар Ӯзбекистон ва Тоҷикистон гардид. Шурӯъ аз 16 марти соли 2018, шаҳрвандони ду кишвар метавонанд бидуни раводид дар қаламрави якдигар (то 30 рӯз) бо ҳуҷҷатҳои эътиборноки сафар (шиносномаи дипломатӣ, хидматӣ ва шаҳрвандии умумӣ) зиндагӣ кунанд. Соли 2018, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон бо сафари корӣ дар Тошканд буд, дар пайи он 26 санади нав ба имзо расид. Дар байни ин ҳуҷҷатҳо якчанд созишномаҳои муҳим ва «тақдирсоз» буданд, ки муносибатҳои ду кишварро ба куллӣ тағйир доданд. Яке аз ин созишномаҳо «Созишнома дар бораи шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон» буд. Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид карданд: «Муносибатҳои байнидавлатӣ муваффақ нахоҳанд шуд, агар онҳо ба иртиботи одамони одӣ ва муоширати инсон мусоидат накунанд». Дар ҳамин ҳол, бояд таъкид кард, ки пас аз ба сари қудрат омадани Ш. Мирзиёев, рушди босуръати ҳамкориҳои иқтисодӣ ва инчунин раванди мукаммали иқтисодӣ (интиқоли газ ва сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ ба Ӯзбекистон, интиқоли барқ аз Тоҷикистон ба Ӯзбекистон ва ғайра) оғоз ёфт. Сатҳ ва имконоти рушди иқтисодии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон аз ҳам фарқ мекунанд. Тибқи пешгӯиҳои Бонки ҷаҳонӣ, рушди солонаи ММД Тоҷикистон барои соли 2020 -2% ва дар соли 2021 он 3,7%-ро ташкил хоҳад дод. Бонки

Умумиҷаҳонӣ дурнамои нисбатан мусоидро барои Ӯзбекистон пешгӯӣ кардааст: дар соли 2020 ММД-и кишвар 1,5% ва дар соли 2021 тақрибан 6,6%-ро ташкил хоҳад дод. Бояд қайд кард, ки сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 9-уми марти соли 2018 дар ҳамкории ду кишвари ба ҳам дӯст саҳифаи тамоман навро боз кард. Дар ҷараёни музокироти хосаи сарони ду кишвар дар фазои дӯстӣ ва ҳусни тафоҳум, ки ба робитаҳои навини байнидавлатии ду кишвар хос аст, масъалаҳои муҳимтарини рушду таҳкими ҳамкории дуҷониба дар ҳамаи арсаҳои манфиатҳои муштарак ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз намуданд: «Мардумони моро суннатҳои бисёрасраи дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва эҳтироми ҷонибайн муттаҳид месозанд. Ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб 54 меёбад. Тасмимоти имрӯзаи мо бар заминаи музокироти суратгиранда аз бисёр ҷиҳат хислати таърихӣ дошта, таконбахш мебошанд. Онҳо барои марҳала ба марҳала боло бурдани муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ба сатҳи сифатан нав асосу заминаи боэътимодро фароҳам меоваранд». Дар навбати худ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев тамоюлҳои мусбати даврони охирро дар муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо, аз ҷумла ҷиҳати афзоиш ёфтани ҳаҷми гардиши мутақобилаи мол ва фаъол гаштани ҳамкориҳои фарҳангиву иҷтимоӣ, ки ба арзишҳои маънавии муштарак ва анъанаҳои бойи дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ такя менамоянд, баҳои баланд дод. Дар иртибот ба масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои минтақавӣ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ниятҳои баррасии ҳамаҷонибаи имконияти иштироки ҷониби Ӯзбекистонро дар бунёди иншооти гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар сохтмони НОБ-и Роғун баён кард. Зимни ин сафар 27 санадҳои дуҷониба, ки аксари соҳаҳои калидии ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистонро дар бар мегиранд, ба имзо расиданд. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ; қарор оид ба ҷорӣ намудани низоми рафтуомади бераводиди ҷонибҳо ба муҳлати то 30 рӯз ва қарори ҷонибҳо оид ба марҳала ба марҳала барқарор кардани фаъолияти ҳамаи гузаргоҳҳо дар сарҳади байни Тоҷикистону Ӯзбекистон ҳамкории ду кишварро дар соҳаи сайёҳӣ рушд хоҳад дод. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди сайёҳӣ ва шиносоии беҳтар бо ҳаёти фарҳангии аҳолии ду кишвар, бо эътирофи ҳавасмандии ду ҷониб дар ташаккул додани ҳамкориҳо дар соҳаи сайёҳӣ, бо назардошти муҳиммияти туризм ва сайёҳӣ дар рушди иқтисодию иҷимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон, бо кушиши ноил гардидан ба ҳамкориҳои самарабахш дар соҳаи сайёҳӣ, бо такя ба шартҳои баробарӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва манфиатҳои мутақобила «Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ»-ро аз 9 марти соли 2018 муҳим дониста, онро ба имзо расониданд. Дар доираи Созишномаи мазкур Тоҷикистону Ӯзбекистон ҳамкориро дар асоси принсипҳои баробарӣ ва манфиати мутақобилаи ҳамдигар дар заминаи қонунгузории миллии давлатҳои худ амалӣ намуда, бо мақсади густариши ҳамкориҳо дар соҳаи сайёҳӣ барои манфиат ва беҳбудии мардуми ҳарду кишвар ва инкишофи равобит байни агентиҳои сайёҳӣ, инчунин, корхонаю ташкилотҳои дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияткунанда кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Созишномаи мазкур аз 12 модда иборат буда, мувофиқи моддаи 4-уми созишнома ҷонибҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳо дар самтҳои зерин фаъолиятро ба роҳ мемонанд:

— баргузор намудани корҳои тарғибу ташвиқотӣ дар васоити ахбори оммаи ҳар ду кишвар;

— баргузор намудани чорабиниҳои мухталиф оид ба рушди сайёҳӣ, аз ҷумла семинарҳо, конфронсҳо, мулоқотҳои хос дар шакли B2B;

— иштирок дар ярмаркаҳои сайёҳӣ ва намоишгоҳҳое, ки дар ҳудуди Тоҷикистону Ӯзбекистон баргузор мегарданд;

— ташвиқи намудҳои саёҳати солимгардонӣ ва зиёратӣ;
— ташкил намудани сафарҳои шиносоӣ барои ширкатҳои сайёҳӣ ва намояндагони васоити ахбори оммаи ҷонибҳо;
— дастгирии ҳамкориҳои ҷонибҳо дар ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
— мусоидат дар омодасозӣ ва азнавтайёркунии мутахассисони барои намояндагони соҳаи сайёҳӣ бо роҳи мубодилаи таҷрибаи мутахассисони муассисаҳои манфиатдори Тоҷикистону Ӯзбекистон;
— мубодилаи иттилоот ва таҷрибаи корӣ дар соҳаи сайёҳӣ, инчунин оид ба имтиёзҳо дар самти сармоягузорӣ, ки тибқи қонунгузории миллии ду кишвар амалӣ мегарданд;
— тибқи қонунгузории миллии ҷонибҳо паҳн намудани маводҳои сайёҳӣ, аз ҷумла маводҳои аудио ва видеоии ташвиққунандаи иқтидори сайёҳии Тоҷикистону Ӯзбекистон.

Сарфи назар аз он, ки сатҳи рушди иқтисодии Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро бо ҳам муқоиса кардан душвор аст, кишварҳо метавонанд ҳамкории мутақобилан судмандро ба роҳ монанд. Душанбе метавонад бо истифода аз инфрасохтори мутараққӣ (роҳи оҳан, автомобилӣ ва ҳавоии) Тошканд барои содироти молҳояш ба Россия ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва интиқоли мол аз Хитой ба Ӯзбекистон имкониятҳои калон ба даст орад. Тибқи маълумоти портали тиҷории Тоҷикистон, Ӯзбекистон дар байни шарикони асосии тиҷоратии ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 дар ҷои панҷум қарор дорад. Илова бар интенсификатсияи ҳамкориҳои иқтисодӣ, барои ҳарду давлат нуқтаҳои дигари тамос мавҷуданд, ки метавонанд барои ҳамкории минтақавӣ кӯмаки хубе расонанд. Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар низоми сиёсӣ муштаракоти зиёде доранд. Аввалан, ҳарду давлат ҷумҳуриҳои президентӣ мебошанд, ки дорои хусусиятҳои шабеҳи сохтори давлат ҳастанд. Дувум, ҳарду кишвар унитарӣ мебошанд, ки тақсимоти маъмурию ҳудудии шабеҳи кишвар доранд: вилоят, шаҳр, ноҳия, шаҳракҳои аҳолинишин, ҷамоати деҳот ва деҳа. Кишварҳо ҷумҳуриҳои дунявӣ ҳастанд ва давлат аз дин ҷудо аст. Дар шароити муосир таҳкимёбии муносибатҳои дустонаи ҷониби Тоҷикистону Ӯзбекистон ба он сабаб гардидааст, ки ҳамгироии устувор нафақат байни ин ду давлат, балки миёни дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ шакл гирифтааст. Ҳамин гуна муносибатҳои ҳасана метавонад уфуқҳои нави ҳамкориро дар бахшҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоӣ, алалхусус барои рафтуомади шаҳрвандон, гардиши молу коло, ҳамкориҳои фарҳангию илмӣ ва сайёҳӣ барои садсолаҳо ба кишварҳои минтақа, махсусан Тоҷикистон ва Ӯзбекистон фароҳам созад.

Ҳамин тавр, дурнамои робитаҳои иқтисодиву тиҷоратии байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро умедбахш баррасӣ кардан имкон дорад, агар шеваи кору фаъолияти байнидавлатӣ дар пояи ҳусни ҳамҷаворӣ ва эҳтироми тарафайну ҳифзи манфиатҳои тарафайн бошад.

АДАБИЁТ

1. Бобозода Ф.Т. История становления и развития взаимоотношений Таджикистана и Узбекистана в период независимости (1991-2006 гг.): автореферат дисс. … канд. ист. наук. – Душанбе, 2016. – С. 20-21.
2. B2B (англ. «Business to business» – «бизнес барои бизнес», кутоҳ – «би ту би») – хизматрасониҳои як ширкат барои ширкати дигар.
3. Договор между Республикой Узбекистан и Республикой Таджикистан о вечной дружбе. -Душанбе, 15 июня 2000 года. [Электронный ресурс]. URL: https://www.lex.uz/docs/2121650?otherlang= (дата обращения: 20.03.2021).
4. Договор между Республикой Узбекистан и Республикой Таджикистан о стратегическом партнерстве. [Электронный ресурс]. URL: https://lex.uz/docs/4108695 (дата обращения: 20.03.2021).
5. Мировая экономика и международные экономические отношения: учебник / под ред. А. С. Булатова, Н. Н. Ливенцева. – М. : Магистр, 2008. – С. 164-187.
6. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатияи иқтисодӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. – Душанбе, 2020. – 258 с.
7. Саидмуродова М.А. Заминаҳои асосии рушди муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар давраи муосир // Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – С. 47.

8. Сатторов А.А. Марҳилаи нави рушди муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон // Илм ва техника барои рушди устувор маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. (28 апрели соли 2018). Қисми 2. – Душанбе, 2018. – С. 119-122.

ДИПЛОМАТИЯИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ ӮЗБЕКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои дипломатияи иқтисодии Тоҷикистон дар самти Ӯзбекистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Татбиқи амалии стратегияи умумии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба амал баровардани иқдомҳои мушаххас дар ин арса ва таъмини ҳуқуқии фаъолияти сиёсии хориҷӣ, ҳамоҳанг сохтани робитаҳои байналмилалии мо бо мақсади пиёда кардани сиёсати ягонаву яксон дар муносибатҳо бо давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ аз ҷумлаи ин вазифаҳо ҳастанд.

Калидвожаҳо: дипломатияи иқтисодӣ, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, сиёсати хориҷӣ, Эмомалӣ Раҳмон, Шавкат Мирзиёев ва ғ.

ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ДИПЛОМАТИЯ ТАДЖИКИСТАН В НАПРАВЛЕНИИ УЗБЕКИСТАНА

В статье изучаются вопросы экономической дипломатии Таджикистана в направлении Узбекистана. Практическая реализация общей внешнеполитической стратегии Республики Таджикистан, осуществление конкретных шагов на этом поприще и правовое обеспечение внешнеполитической деятельности, координация наших международных связей с целью осуществления единой политики в отношениях с зарубежными государствами и международными организациями входят в число этих задач.

Ключевые слова: экономическая дипломатия, Таджикистан, Узбекистан, внешняя политика, Эмомали Рахмон, Шавкат Мирзиёев и т.д.

ECONOMIC DIPLOMACY OF TAJIKISTAN IN THE DIRECTION OF UZBEKISTAN

The article examines the issues of economic diplomacy of Tajikistan in the direction of Uzbekistan. The practical implementation of the general foreign policy strategy of the Republic of Tajikistan, the implementation of specific steps in this field and the legal support of foreign policy activities, the coordination of our international relations in order to implement a common policy in relations with foreign states and international organizations are among these tasks.

Keywords: economic diplomacy, Tajikistan, Uzbekistan, foreign policy, Emomali Rahmon, Shavkat Mirziyoyev, etc.

Сведения об авторах: ***Шарипов Шахбоз Шодибоевич*** – Таджикский национальный университет, магистр кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025, Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки 17.

Information about the author: ***Sharipov Shahboz Shodiboevich*** – Tajik National University, Master's student of the Department of International Relations. **Address:** 734025, Tajikistan 17, Dushanbe, Rudaki Ave.

ФАЛСАФА – ФИЛОСОФИЯ

ҶАҲОНБИНИИ СИНЕРГЕТИКӢ ВА ОМӮЗИШИ РАВАНДҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ТАБИӢ

Абдухалилов Содик
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар охири асри XX як самти нави илм ташаккул ёфт, ки онро, чуноки борҳо таък ид гардид, синергетика номиданд. Асосгузори синергетика профессори Донишгоҳи Штутгарт Г. Хакен ҳисобида мешавад, ки маърӯзаи худро дар нахустин конфронси системаҳои мураккаб дар соли 1973, ки ба як барномаи нав мубаддал гашт, пешниҳод карда, истилоҳи ин самти нав - синергетикаро ба илм ворид кард. Ин истилоҳро Хакен аз забони юнонӣ гирифтааст, ки дар тарҷума маънои кӯмак, ҳамкорӣ ва ҳамоҳанг амал карданро дорад. Донишмандони он давра дар бораи синергетика ҳамчун як дастоварди олии илм дар охири асри XX, ки назарияи худтанзимкунӣ ва маҷмуи усулҳои математикии мувофиқро дар бар мегирад, маълумот пайдо карданд. Тавре ки илми муосир исбот кардааст, дар сатҳи шаклҳои физикӣ, кимиёвӣ, биологӣ, иҷтимоӣ сохтори материяи олами объективӣ аз системаҳои мураккаб иборат аст. Қисми назарраси онҳо системаҳои номутаносиби кушода мебошанд. Хусусиятҳои чунин системаҳо ба монанди худсохторсозӣ (самоструктурироваться), худташкилшавӣ (самоорганизовываться), худташакуллёбӣ (саморазвиваться) ва худистеҳсолкунӣ (самовоспроизводиться) мебошанд. Синергетика илмӣ ҷавон мебошад, ки назарияи универсалии байнисоҳавиро оид ба худтанзимкунии равандҳои дорои хусусияти мухталифи табиӣ фаро мегирад. Модели синергетикии худтанзимкунӣ дар физика, химия, биология, астрофизика ва дигар илмҳои табиӣ ба вуҷуд омада, модели синергетикии худтанзимкунӣ модели фаҳмондадиҳандаи ҳамаҷонибаи тартибот ва бесарусомонӣ дар эволютсияи системаҳо, аз ҷумла дар системаҳои иҷтимоӣ мебошад. Синергетика ду намуди устувории (мувозинати) системаҳоро фарқ мекунад. Аввалӣ бо бебозгаштии термодинамикӣ алоқаманд аст, вақте ки система дар ҳолати наздик ба мувозинат қарор дорад. Намуди дигари субот бо таҳаввулоти системаҳои мураккаби воқеӣ алоқаманд аст, ки ҳангоми кушода буданашон бо муҳити на камтар мураккаб ва ғайри қобили пешбинӣ муносибат мекунад. Дар доираи синергетика падидаҳои ташаккулёбии структураҳои фазоӣ-муваққатӣ ё худтанзимкунии фазоӣ-муваққатӣ омӯхта мешаванд, ки дар системаҳои табиӣ гуногунанд, хусусан аз нигоҳи физика, химия, биология, экология, иҷтимоӣ ва ғайра. Аз нуқтаи назари система синергетика сохторҳои типи муайянро дар системаҳои синфи муайян меомӯзад, ки табиати яклухт доранд ва маҳз методологияи таҳқиқоти система воситаҳои барои фаҳмиши рефлексивии биноҳои ибтидоии синергетика, ғояҳо дар бораи мавзӯъ, ҳадафҳо ва маҳсули он, инчунин таҳияи дастгоҳи расмии ба ин эҳтимолии ғояҳои заруриро дар бар мегирад. С.П. Курдюмов дар бораи методологияи синергетикӣ сухан ронда, пеш аз ҳама чунин масъалаҳои классикии системаро, ба монанди муносибати система ва муҳити берунӣ, таснифи системаҳо ва типологилизатсияи сохторҳо ҷудо мекунад. Дар бораи проблемаи муносибати система ва муҳити беруна сухан ронда, мо пеш аз ҳама тақсимоти система, инчунин сарҳади байни система ва муҳити беруна, таъсири муҳити берунаро ба система дар назар дорем. Барои дуруст маънидод кардани система бояд эътироф кард, ки фарқияти система ва муҳити берунӣ аз он бармеояд, ки ҳар як системаи ҳамчун объекти назариявӣ баррасишаванда барои ҳалли як масъалаи муайяни назариявӣ хидмат мекунад. Вазифаи асосӣ дар ин самт омӯхтани шароит ва сабабҳои худтанзимкунии фазоию муваққатӣ мебошад, ки ҳангоми муайян кардани система аз он бояд бароем. Аммо дар ин ҷо як парадокси стандарти типӣ барои таҳқиқоти система мавҷуд аст: барои дуруст муайян кардани системаи худтанзимкунӣ мо бояд шароит ва сабабҳои худтанзимкуниро донем; барои фаҳмидани ин шароит ва сабабҳо мо бояд системаи худтанзимкуниро ҳамчун лаҳзаи зарурии омӯзиши назариявии чунин системаҳо ҷудо кунем.

Ба ақидаи В.И. Аршинов ин масъала наметавонад ҳалли худро ёбад, то он вақте, ки тафаккур ба як сатҳи муайяне рушд накунад. Имрӯз гузариш ба парадигмаи нави таҳқиқотӣ ҳаётан муҳим гаштааст, аммо барои ин зарур аст, ки диди нави мушкилот таҳия гардида, тавассути он ба саволҳои замони босуръат тағйирёбандаи мо посух диҳем. Роҳи наҷот аз бунбасти маърифат барои инсоният кайҳо маълум буд: тавсеаи воқеияти шинохташаванда тавассути ворид намудани мавҷудоти нав ё эҳёи шахсони фаромӯшшуда. Принсипи "риштарошии Оккам" дар ин ҳолат набояд тарсончакӣ бошад, балки моро танҳо аз як чиз ҳушдор диҳад: "бидуни зарурати моҳият афзун накунед". Шинохти воқеияти иҷтимоӣ имрӯз тавассути ҷамъоварӣ ва интиқоли метафоравии дастовардҳое, ки дар рушди илмҳои табиӣ пешрафтатаринанд, ғанитар мегардад. Ба ин пеш аз ҳама динамикаи ғайриростхаттӣ, физикаи квантии релятивистӣ, назарияҳои муосири математикӣ, химия, биологияи молекулавӣ, генетика, назарияи фалокат, назарияи иттилоот, синергетика, назарияи этногенез, таърихи иҷтимоӣ-табиӣ ва ғайра дохил мешаванд. Ҳамин тариқ, дар «муколама» -и илмҳо равишҳои нави илмӣ, аз ҷумла парадигмаи нави таҳқиқоти пешгӯӣ ва моделсозии иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд. Монандии усулҳои несту нобуд кардани тартибот дар фаъолияти мушаххаси амалии одамон аз қадимулайём маълум буд ва аллакай дар матнҳои Инҷил, дар адабиёти шифоҳӣ, дар зарбулмасал ва мақолот сабт шудааст. Аз миёнаҳои солҳои 80-уми асри XX, вақте ки динамикаи шадиди равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷамъшавии ҳодисаҳоро дар воҳиди вақт якбора тезонид, эътирофи тарма ё селмонанд будани сенарияҳои бесарусомонӣ ва тартибот дар бахшҳои гуногуни дониш оғоз ёфт. Зеро суръат бахшидани равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ боиси он шуд, ки аксар вақт чунин вазъиятҳо ва минтақаҳои нави васеъе ба вуҷуд меомаданд, ки технологияҳои анъанавии маърифат дар фаҳмиши онҳо бесамар буданд. Ин рафтори системаҳо дар наздикии режимҳои критикии ноустувор, гузаришҳои ногаҳонии ҷаҳиш, шароити пайдоиши бесарусомонӣ (бетартибӣ), диалектикаи ҳамкории бетартибӣ ва тартибот, энтропия ва иттилоот, рафтори ритмикӣ ва қонунҳои дуршавӣ аз ритмҳо, усулҳои ҷамъоварӣ ва парокандагии энергия ва ғ. мушоҳида мешавад. Шубҳае нест, ки ҳангоми ҳалли ин масъалаҳои нав мо воқеан аллакай ба минтақаи тағйиротҳои бузурги парадигматӣ ворид шудем.

Дар технологияи нави таҳқиқотӣ олимон муҳим мешуморанд, ки ҳангоми омӯзиши тағйирёбии системаҳои нобаробар (зарбаҳои тасодуфӣ дар система пас аз гум шудани устуворӣ ба вуҷуд меоянд), назарияи худтанзимкунӣ дар асоси динамикаи нобаробар, механизмҳои паҳн, печидан ва тобеъшавии шумораи N параметрҳои ҳолати системаро ошкор карда, онҳоро ба як параметри фармоишӣ меорад, (бо забони физика - режимҳо), ки намудҳои онҳо ғайричашмдошт ба амал меояд, биёрем, зеро он фавран системаро ба вазъияти интихоби ҳолати нав интиқол медиҳад. Мақоми синергетика, ба гуфтаи Ю.А. Данилов, бештар бо кашфи параметрҳои фармоиш ва "шинохти" фаврии онҳо дар соҳаҳои дигар алоқаманд аст. Муҳим он аст, ки параметрҳои фармоишӣ ё ноустувории пешқадам дар натиҷаи рақобат дар шароити бесарусомонӣ ва ноустуворӣ ба вуҷуд оянд, аммо вақте ки онҳо пайдо мешаванд, фавран ҳамаи ноустуворихои дигарро «ғулом» мекунанд ва шумораи дараҷаҳои озодии системаро якбора коҳиш дода, маълумот дар бораи онро ба ҳам меоранд. Дар ин шакл, системаро аллакай бидуни ҷалби назарияҳои мураккабтарин тавсиф, пешгӯӣ ва моделсозӣ кардан мумкин аст. Ин амал бидуни сода кардани мураккабии худ фаҳмо мешавад. Дар байни "мухлисони" бунёди давлатҳои нав оне ҳаст, ки дар он система ба муҳити тағйирёфта бехтар мутобиқат мекунад, яъне падидаҳои худтанзимкунӣ тавассути системаи кушодатарин дар натиҷаи аз даст додани ҳолати мӯътадилии қаблӣ ба амал меоянд ва интихоби эволютсия пас аз бифуркатсия (нуқтаи шикастани раванд, ки дар он ягонагии ҳалли он вуҷуд надорад) дар лаҳзаи ноустуворӣ муайян карда мешавад. Аммо ташаккули парадигмаи тадқиқотии синергетикии табиатро таҳдиди истифодаи ғайриқонунии конъюнктурӣ ҳамроҳӣ карда, ин хаёлоти таҳияи формулаи нави прогрессивии мушкилот ва ҳалли зуд ва самараноки онҳоро ба вуҷуд меорад. Сухан дар бораи таҷрибаи ғамангези татбиқи лоиҳаи синергетикии терапияи шок аз ҷониби мутахассисони Аврупои Ғарбӣ дар Аврупои Шарқӣ меравад. Вазъияти

ибтидоии чунин татбиқи технологияи синергетикӣ, чун қоида, дар зери таъсири танқиди давраи қаблӣ (дар ҳолати мо, давраи шӯравӣ) инкишоф меёбад, ки бағоҷи консептуалии системаи қаблӣ ва арсенали василаи онро рад мекунад. В. Капустина, боиси он мегардад, ки одамон дар оммавигардонӣ ва татбиқи технологияи синергетикӣ ширкат меварзанд, ки бо мавқеъҳои илмии синергетика ҳеҷ иртибот надорад. Масалан, "пешгӯӣ" -и маъруфи давраи шӯравӣ аз ҷониби доктори илмҳои таърих И. Бестужев-Лада "ҳеҷ чизро дудила" накард, эҳтимолан дар зери ҳусни қатори овозҳои истилоҳоти синергетикӣ ва таассуроти бузургии интихоб дар фазои нуқтаҳои бифуркасияи гузашта буд, аммо бар хилофи аз ҷониби ҷомеаи илмӣ аз ҷониби умум қабул шудани аломати "вуруд манъ карда шудааст", далерона як илми нав ва умедбахшро барои худ кашф мекунад - таҳқиқоти "ретроалтернативистикиро", ки барои "аз хатогиҳои дарсҳои гузашта барои ҳозира омӯхтан" пешбинӣ шудааст. Чунин таҳқир як қатор афсонаҳои синергетикиро ба вуҷуд меорад ва қудрат, эвристикӣ будан ва амали парадигмаи навро ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Дар айни замон, таърихан маълум шуд, ки дар истифодаи технологияҳои синергетикӣ пеш аз ҳама мутахассисони илмҳои дақиқ салоҳиятманд буданд. Моделҳои эҷодкардаи онҳо (аз ҷумла объектҳои иҷтимоию фарҳангӣ) дар шакли моделҳои фавқулодаи "объективӣ"-и математикӣ ва физикӣ пешниҳод карда мешаванд, ки натанҳо барои сиёсатмадорон, балки барои аксарияти мутахассисони илмҳои гуманитарӣ дастнорасанд. Сухан на дар бораи худи ин моделҳо ва на дар барои надоштани дониш аз ҷониби гуманитариён ва ҳатто на дар бораи хусусияти объектҳои иҷтимоию фарҳангӣ меравад, ки аз нуқтаи назари физика ва математика суст дарк карда мешаванд, балки дар бораи таҳдид аз як тараф, эҷоди афсонаҳо ва аз тарафи дигар, муборизаи шадиди зидди синергетикӣ сухан меравад, ки пас аз он истифодаи парадигмаи нав ба муддати номуайян мавқуф гузошта мешавад. Парадигмаи нави таҳқиқотӣ набояд дар назди худ вазифаи тасвири объективӣ ва мукаммали оламро гузорад, он метавонад танҳо нақшаи дарки амалҳо, равандҳоро эҷод кунад, қонунҳои табиатро кашф накунад, балки манбаъҳои эҷоди табииро ҷустуҷӯ кунад ва моделҳои консептуалии рафторро дар ҳолатҳои номувозин пешниҳод намояд. Мафҳумҳои "объективӣ", "субъективӣ" аз нуқтаи назари синергетика бемаънӣ мебошанд, назари синергетикӣ ин аз ботин, аз раванд иборат аст. Аслан, синергетика чизе беш аз як роҳи мавҷудияти худи Коинот ва дар айни замон - хосияти қисмҳои алоҳидаи он нест. Ба таъбири шодравон академик Н.Моисеев "ҳар он чизе, ки мо мушоҳида мекунем, ҳар чизе ки мо имрӯз дар он ширкат дорем, танҳо пораҳои як раванди ягонаи ҷаҳонии синергетикӣ мебошанд".

Бояд иқрор шуд, ки лоиҳаҳои синергетикӣ ба қадри кофӣ боэътимод нестанд, зеро онҳо ҳамчун фазои ногузири ҷудошавӣ, ки бо N шумораи ҳодисаҳои имконпазир пур карда шудаанд, дохил мешаванд. Аммо лоиҳаҳои технологияҳои дигари таҳқиқотӣ, ба таври дигар гӯем, ба талабот ҷавобгӯ набуданд. То ҳол моделҳои синергетикӣ барои ҷомеаҳо метавонанд на барои пешгӯиҳои миқдорӣ, балки барои пешгӯии имкон ё имконнопазирӣ дар раванди намунавии ин ё он тарзи рафтор сохта шаванд ва инро бояд эътироф кард, ки аллакай ин амал ҳам худ бисёр аст. Мушкилоти баланд бардоштани самаранокии технологияҳои синергетикӣ на дар сатҳи макро, балки дар набудани таҳияи сатҳи микро, сатҳи таҳлили муфассали параметрҳои ҳолати системаҳои мушаххас дар вазъи мушаххас ва албатта, дар муносибати равонии худи муҳаққиқон ба ин масъалаҳо аст.

АДАБИЁТ

1. Аршинов В.И. Синергетика как феномен постнеклассической науки / В.И. Аршинов. -М: ИФРАН, 1999. -203 с.
2. Бевзенко Л. Социальная самоорганизация. Синергетическая парадигма: возможности социальных интерпретаций / Л. Бевзенко. -Киев. 2002. - 411с.
3. Бергсон А. Творческая эволюция / А. Бергсон. -М., 1998. -346 с.
4. Берталанфи Л. фон. История и статус общей теории систем / Л. фон Берталанфи // Системные исследования. Ежегодник – М., 1973. – С.67-98
5. Василькова В.В. Порядок и хаос в развитии социальных систем / В.В. Василькова. -СПб. 1999. - 478 с.
6. Вигнер Е. Этюды о симметрии / Е. Вигнер. -М.: Мир, 1971. -367 с.

7. Громов И.А. Западная социология / И.А. Громов, А.Ю. Мацкевич, В.А. Семёнов. - СПб.: Ольга, 1997 – 372 с.
8. Данилов Ю.А. Что такое синергетика? / Ю.А. Данилов, Б.Б. Кадомцев // В кн. Нелинейные волны. Самоорганизация. -М.: Наука, 1983. -С.35-48.
9. Дюркгейм Э. Социология. Ее предмет, метод, предназначение / Э. Дюркгейм. -М.: Канон, 1995. -352 с.

ҶАҲОНБИНИИ СИНЕРГЕТИКӢ ВА ОМӮЗИШИ РАВАНДҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ТАБИӢ

Дар солҳои охир афзоиши босуръати таҳқиқоти систематикии ҷомеа дар самти байнисоҳавӣ, ки "синергетика" ном дорад, ба назар мерасад. Масъалаҳои синергетика дар рисолаҳои диссертатсионӣ, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои зиёде интишор шудаанд, дар ин мавзуъ конфронсҳои зиёди байналмилалӣ гузаронида мешаванд. Ҳоло ягон соҳаи илмро номбар кардан душвор аст, ки бо усули синергетикӣ дар он таҳқиқот гузаронида нашуда бошад. Дар самти тафсири равандҳои худсозии иҷтимоӣ аз ҷониби асосгузорони синергетика И. Пригожин ва Г.Хакен саҳми муайяне гузошта шудааст. Ғояҳои консептуалии ин олимон барои дарк намудан ва фаҳмидани моҳияти равандҳои синергетикӣ дар муҳити иҷтимоӣ имконоти зиёде фароҳам сохтаанд.

Калидвожаҳо: синергетика, иҷтимоӣ, худсозӣ, бесарусомонӣ, парадокс.

СИНЕРГЕТИЧЕСКОЕ МИРОВОЗРЕНИЕ В ИЗУЧЕНИЕ СОЦИАЛЬНЫХ И ПРИРОДНЫХ ПРОЦЕССОВ

В последние годы наблюдается стремительный и бурный рост интереса к междисциплинарному направлению системных исследований общества, получившему название «синергетика». Проблемам синергетики посвящены диссертации, солидные монографии, учебники, выходят множество статей, проводятся всероссийские и международные конференции. Трудно или даже невозможно назвать область знаний, в которых сегодня не проводились бы исследования с использованием синергетической методологии. Определённый вклад в решение проблем интерпретации процессов социальной самоорганизации вносят работы основоположников синергетики И. Пригожин и Г. Хакен. Их концептуальные идеи позволяют понять суть синергетических процессов в социальной среде.

Ключевые слова: синергетика, общества, самоорганизация, хаос, парадокс.

SYNERGETISTIC WORLDVIEW IN THE STUDY OF SOCIAL AND NATURAL PROCESSES

In recent years, there has been a rapid growth of interest in the interdisciplinary direction of systemic studies of society, called synergetic. Dissertations, solid monographs, textbooks are devoted to the problems of synergetic, many international conferences are held. It is difficult or even impossible to name a field of knowledge in which research using synergetic methodology would not be carried out today. A certain contribution to the solution of the problems of interpretation of the processes of social self-organization is made by the works of the founders of synergetic I. Prigozhin and G.Haken. Their conceptual ideas allow us to understand the essence of synergetic processes in the social environment.

Keywords: synergetic, social, self-organization, chaos, paradox

Сведения об авторе: ***Абдухалилов Содик*** – Таджикский национальный университет, магистр кафедры история философии и социальной философии. Телефон: **111 00 17 00**

Information about the author: ***Abdukhalilov Sodiq*** – Tajik National University, master`s student of Department of Philosophy and Social Philosophy. Phone: **111 00 17 00**

РОҲҲОИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аноятиллоева С.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ боиси он гардид, ки дар баробари дигар ҷумҳуриҳо Тоҷикистон низ соҳиби истиқлолият гардад ва роҳи нави муносибатҳоро интихоб намуда, ҳамчун субъекти муносибатҳои байналхалқӣ эътироф гардид. Ин даврараро дар таърихи давлатдорӣ ва ҷомеасозии тоҷикон бояд ба сифати оғози давлатдории навин ва истиқлолияти миллии Тоҷикистон маънидод менамоянд. Зеро Тоҷикистон баъд аз инқилоби Октябр бори аввал ба сифати давлати мустақил дар арасаи ҷаҳон муаррифӣ гардид. Оғози давлатдории навин дар замони муосир барои тоҷикистониён марҳилаи санҷиш ва муборизаҳои тӯлонӣ ва сангин буданд. Дар ин марҳила эҳёи Тоҷикистон ба сифати давлати озоду соҳибистиқлол маҳз натиҷаи ҳамин қонуни таърихӣ ва тағйиротҳои ҷиддии мантиқии солҳои 90-уми асри XX ба ҳисоб мерафт. Дар ин давра воқеан ҳам кишвари Тоҷикистон бо мардумаш дар рӯ ба рӯи имтиҳони ҷиддии таърихӣ ва давлатсозии худ баъди барҳам хӯрдани давлати Сомониён ва

Иттиҳоди Шӯравӣ қарор гирифт. Аммо бӯҳрони бавуҷудомада миллату халқро дар чорроҳаи зиндагӣ парешон намуд. Ҳар як давлати соҳибистиқлол кӯшиш мекунад, ки аз вазъияти ба вуҷудомада ба таври ба худ хос бароянд. Вале, таҷрибаи таърихӣ собит менамояд, ки ягон миллат бе баҳравар шудан аз тамаддуни халқу миллатҳои ҳамсояи худ миллати тамаддунофар ва соҳибфарҳанг шуда наметавонад. Аз ин ҷо миллати тоҷик дар тӯли таърихи ҳазорсолаҳои гузашта ҷабру ситами аҷнабиёнро бо тоқат ва сабри беандоза паси сар намуда, тамаддуни халқҳои бегонаро бо дастовардҳои оламгири фарҳангияш омехта намуд ва беҳтарин бозёфтҳои онҳоро аз бар кардааст [9,с.159-160].

“Эҳёи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи навин бузургтарин ва муҳимтарин воқеа дар таърихи мо мебошад. Дар як қисмати қаламрави таърихии давлати Сомониён давлати мустақили тоҷикон қомат рост карда, ки воқеан фарзанди шоистаи Олӣ Сомон мебошад” [5,с.154] – навиштааст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. Давлатдории навини тоҷикон дар охири асри XX имконияти аз нав эҳёшавии миллатро дар худшиносии миллӣ ва бедоршавии миллӣ дар иртибот ба равандҳои нави ҷаҳонӣ ба миён оварад. Дар баробари дигар самтҳои муҳими сиёсати давлатдорӣ ва ҷомеасозӣ, инчунин сиёсати иҷтимоӣ низ самти муҳими сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, сиёсати фаъол ва ҳадафманд мебошад. Мақсади асосии ин сиёсат таъмини адолати иҷтимоӣ дар доираи арзишҳои волои демократӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди соҳаи тандурустӣ ва дастрасии мардум ба илму маориф, ҷорӣ кардани инқилоби илму техника ва технологияи муосир дар хизмати аҳли ҷомеа, таъмини ҳуқуқи баробарии зану мард, тақвият додани сиёсати демографӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ғайраҳо ба ҳисоб меравад. Сиёсати иҷтимоӣ яке аз самтҳои сиёсати фаъол ва мақсадноки давлат ба шумор рафта, мақсади асосии он ҳимояи манфиатҳои халқ ва баробарии тамоми аъзои ҷомеа мебошад. Ин сиёсат дар ҷомеа барои беҳбудии сатҳи зиндагии аҳолӣ равона мегардад ва он бояд татбиқи амалии худро дар раванди ҳамин сиёсат пайдо намояд [4]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи амалии чунин омилҳо дар давраи муосир ҳатмӣ буданд ва онҳо маҳаки асосии сиёсати иҷтимоиро дар бар мегирифтанд. Масалан:

- ҷорӣ намудани нархҳои танзимшаванда ба тамоми намудҳои хӯрокворӣ ва риояи татбиқи амалии онҳо;
- расонидани кумакҳои иловагӣ ба маъюбон, собиқадорони ҷангу меҳнат ва махсусан таъмин намудани онҳо бо хӯрока ва доруворӣ;
- расонидани кумак бо донишҷӯён ва зиёд кардани ҳаҷми стипендияи онҳо;
- индекатсия кардани даромади аҳолӣ, аз ҷумла нафақапулӣ, стипендия ва пасандозҳо;
- ба аҳолӣ бепул тақсим карда додани заминҳои бекорхобида, лалмӣ ва доманакӯҳҳо;
- додани кӯмакпулӣ ба маъюбони ҷанги шаҳрвандӣ ва оилаҳои дар рафти ҷанг ҳалокгардида;
- ба миқдори 60 фоизи музди миёнаи кори кормандони корхонаҳои давлатӣ ҷори кардани ёрдампулӣ ба бекорон;
- дар марказҳои тамоми шаҳрҳои ҷумҳурӣ ташкил кардани биржаҳои корӣ ва бо ин восита бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ;
- оғоз намудани неругоҳҳои хурду миёнаи барқӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ барои ҷавонон;
- ташкил намудани курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ барои ҷавононе, ки барои сохтмонҳо сафарбар карда мешаванд;
- дастгирии моддӣ ва маънавии занони бесаробон, кӯдакони ятим оилаҳои серфарзанд ва камбизоат аз хисоби буҷет ва маблағи корхонаҳо;
- ҷалб намудани қувваи кори дар неругоҳҳои азими аср ба монанди Роғун, Сангтӯда, роҳҳои оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб ва Дарвоз.
- таҳия ва қабули қонун дар бораи зиёд кардани нафақаи занон.

Аз масъалагузориҳои пешниҳодгардида бармеояд, ки роҳбарияти Тоҷикистон дар мамлакат аз ибтидои гузариши ҷомеа ба марҳилаи нави давлатдорӣ дар бораи натанҳо

масъалаҳои сиёсию иқтисодӣ, балки дар бораи масъалаҳои сиёсию иқтисодӣ, балки дар бораи масъалаҳои иҷтимоии ҳаётан муҳими ҷомеа ҷиҳати андешидани тадбирҳои ҷиддӣ ва саривақтӣ нақшаҳои мукаммал пешниҳод ва масъулини давлатию ҷамъиятиро вазифадор карда буд. Татбиқи воқеии сиёсати иҷтимоии давлат дар давраи истиқлолият захираҳои зиёд ва имкониятҳои бузургро талаб мекарданд ва ин имкониятҳо ва захираҳо дар дохили мамлакат вуҷуд надоранд ё истифодабарии онҳо душвортар аст. Аз таърихи ташаккулёбӣ ва давлатдории Тоҷикистон дар замони Шӯравӣ маълум аст, ки ҷомеасозӣ дар Тоҷикистон ба ихтиёри худи соҳибдавлатон ё худи миллат набуд ва аз манфиатҳои хеш дифоъ карда наметавонистанд. Истиқлолият барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин имкониятҳоро фароҳам овард, аммо ин имкониятҳо чандон барои ҷумҳурӣ мақсаднок набуд. Зеро ихтилофҳои дохилӣ ва маҳалгароӣ барои Тоҷикистон бори вазнини муборизаҳои сиёсиро ба вуҷуд оварда буд. Дар давраи истиқлолият аз ҷониби Ҳукумати кишвар ба аҳолии камбизоат ва оилаҳои эҳтиёҷманд бо дастгирии ниҳодҳои байналхалқӣ кӯмакҳои зиёди башардӯстона расонида шуданд ва дар бобати бо ҷойи кор таъмин кардани аҳолӣ тадбирҳои ҷиддӣ андешида шуданд. Аммо тадбирҳои андешидашуда талаботи тамоми аҳолии мамлакатро қонеъ кунонида наметавонист. Махсусан, таъмини имтиёзҳо барои маъюбон, нафақахӯрон, оилаҳои бесаробонмонда ва камбизоат, омӯзгорон, табибон, собиқадорони ҷангу меҳнат ва дигарон ҳанӯз суст буд ва он беҳбудӣ металабид. Агар ба таърихи таъминоти иҷтимоӣ ва татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дар соҳаи нафақахӯрӣ ва нафақагирон назар кунем, маълум мегардад, ки баъд аз гузашти сӣ соли истиқлолияти давлатдорӣ гӯё ҳокимияти имрӯза ва Ҳукумати Тоҷикистон то як андоза барои ҳалли масъалаи мазкур ба муваффақиятҳои назаррас ноил гаштааст. Яъне, агар дар солҳои пеш баъд аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини нафақа” ҳатто додани маблағҳои нафақа ва таъмин гардидани онҳо гарчанд кафолат дода шуда бошад ҳам, вале дар асл аз нарасидани пули нақд онҳо мӯҳлатҳои дароз дар назди бонкҳо навбат меистоданд. Хушбахтона имрӯзҳо маҳз бо пайгирӣ аз сиёсати иҷтимоии давлат ва татбиқи амалии сиёсати иҷтимоии давлат, нафақахӯрон ва кормандони соҳаи буҷа бо кортҳои плостикӣ таъмин гардидаанд ва ин масъала ҳалли худро дар ҷомеаи имрӯза пайдо кардааст. Нишондодҳои оморӣ собит менамоянд, ки ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавӣ ҷиҳати татбиқи мақсадҳои тактикӣ ва стратегӣ аз тамоми имкониятҳои мавҷудаи дохилӣ ва хориҷӣ чорабиниҳои муассир андешида, ба баъзе дастовардҳои назаррас ноил гардад. Барои боз ҳам тақвият бахшидан дар соҳаи рушди минбаъдаи мамлакат ва афзалияту сатҳу сифати зиндагии мардум, ки заминаи он дар даҳ соли охир замина гузошта шуда буд, инчунин бо ибтикори Ҳукумати Тоҷикистон “Ҷиҳати таъмин намудани рушди минбаъдаи кишвар, иҷрои афзалиятҳои миллӣ ва дар ин асос баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум барои даврабиниҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддат соли 2016 “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” қабул карда шудааст. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун ҳуҷҷати муҳими миёнамуҳлат ва дарозмуддат имкон медиҳад, ки рушди устувори ҷомеа таъмин гардида, сатҳи зиндагии аҳолӣ рӯз ба рӯз беҳтару хубтар гардад.

Хулоса, дар давраи муосир ҷиҳати таъмини сиёсати давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ на танҳо аз омилҳои дохилӣ, балки аз омилҳои беруна низ вобастагии амиқ доранд. Яъне, давлат натанҳо дар сиёсати дохилӣ, балки дар сиёсати хориҷӣ низ бояд монополияи худро ба роҳ монад. Ин омил метавонад ҳамчун воситаи муҳими татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат баромад кунанд ва суботи ҷомеаро дар давраи муосир таъмин намоянд.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.
2. Комилов З.А. Этапы и приоритеты развития социальной политики независимого Таджикистана. –Душанбе, 2018.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011-2012.
4. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҳмадуллозода Нурулло Раҳматулло. –Душанбе, 2020.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Давлатдории тоҷикон: Аз Сомониён то оғози асри XXI. -Душанбе: Ирфон, 2002. -512 с.
6. [Электронный ресурс]. http:www.prezident.tj

7. [Электронный ресурс]. http:www.mehnat.tj
8. Фарҳанги мухтасари энсиклопедии тоҷики-русӣ. Кори иҷтимоӣ. –Душанбе, 2009.
9. Эмомалӣ Раҳмон.Роҳ ба сӯйи демократия ва тамаддуни башарӣ. -Душанбе: Ирфон, 2002. -512 с.

ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар баробари дигар самтҳои муҳими сиёсати давлатдорӣ ва ҷомеасозӣ, инчунин сиёсати иҷтимоӣ низ самти муҳими сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, сиёсати фаъол ва ҳадафманд мебошад. Мақсади асосии ин сиёсат таъмини адолати иҷтимоӣ дар доираи арзишҳои волои демократӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди соҳаи тандурустӣ ва дастрасии мардум ба илму маориф, ҷорӣ кардани инқилоби илму техника ва технологияи муосир дар хизмати аҳли ҷомеа, таъмини ҳуқуқи баробарии зану мард, тақвият додани сиёсати демографӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ғайраҳо ба ҳисоб меравад. Сиёсати иҷтимоӣ яке аз самтҳои сиёсати фаъол ва мақсадноки давлат ба шумор рафта, мақсади асосии он ҳимояи манфиатҳои халқ ва баробарии тамоми аъзои ҷомеа мебошад. Ин сиёсат дар ҷомеа барои беҳбудии сатҳи зиндагии аҳолӣ равона мегардад ва он бояд татбиқи амалии худро дар раванди ҳамин сиёсат пайдо намояд.

Калидвожаҳо: сиёсати иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ, сиёсати демографӣ, адолати иҷтимоӣ, давлати иҷтимоӣ.

РЕАЛИЗАЦИЯ СОЦИАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Наряду с другими важными направлениями государственной и социальной политики, социальная политика также является важным направлением государственной политики Республики Таджикистан и представляет собой активную и целенаправленную политику. Основная цель этой политики - обеспечение социальной справедливости в рамках высших демократических ценностей, социальная защита, развитие здравоохранения и доступа к науке и образованию, внедрение научно-технической революции на службу обществу, обеспечение равноправия. для женщин и мужчин. и повышение уровня жизни населения и так далее. Социальная политика - одно из направлений активной и целенаправленной политики государства, основной целью которой является защита интересов народа и равенство всех членов общества. Эта политика в обществе направлена на повышение уровня жизни населения, и она должна найти практическое применение в процессе этой политики.

Ключевые слова: социальная политика, социальное обеспечение, демографическая политика, социальная справедливость, социальное государство.

IMPLEMENTATION OF SOCIAL POLICY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Along with other important directions of state and social policy, social policy is also an important direction of state policy of the Republic of Tajikistan and is an active and purposeful policy. The main goal of this policy is to ensure social justice within the framework of the highest democratic values, social protection, the development of health care and access to science and education, the introduction of the scientific and technological revolution in the service of society, and ensuring equality. for women and men. and raising the standard of living of the population, and so on. Social policy is one of the directions of active and purposeful state policy, the main purpose of which is to protect the interests of the people and the equality of all members of society. This policy in society is aimed at improving the living standards of the population, and it must find practical application in the process of this policy.

Keywords: social policy, social security, demographic policy, social justice, welfare state.

Сведение об авторе: ***Аноятиллоева Сабзбахор Аноятиллоевна*** – Таджиксий Национальный Университет - магистр второго курса по специальности социальная работа факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудакӣ 17. Телефон: **992 501 84 24 46** E-mail: **sabzish049696@gmail.com**

Information about the author: ***Anoyatilloeva Sabzbahor Anoyatilloevna*** – Tajik National University, master`s student of the second year of the specialty of social work. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, city of Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **992 50 184 24 46** E-mail: **sabzish049696@gmail.com**

ОМӮЗИШИ ЗУҲУРОТИ РАФТОРИ АГРЕССИВӢ ВА АСОСИ ФИЗИОЛОГИИ ОН

Ахматов Ш.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Агрессия ва рафтори агрессивӣ рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ ғайри қобили қабул ба шумор рафта, аз тарафи ҷомеа маҳкум карда мешавад. Бо вуҷуди ин рафтори агрессивӣ дар байни одамон аз аввал дида шудааст ва то ҳол дида мешавад. Калимаи “агрессия" аз калимаи adgradi (ad – “аз ё дар болои” (ягон чиз), gradus - қадам) омадааст, ки маънои бевоситаи он “қадам задан ба”, “ҳуҷум кардан” аст. Дар маънои аслӣ, “агрессивнок будан” маънои “бидуни таъхир, бидуни тарсу ҳарос ва шубҳа ба сӯи мақсад ҳаракат

кардан”-ро дошт (Эрих Фромм). Дар луғати энсиклопедии психиатрӣ агрессивнокӣ ҳамчун зуҳуроте шарҳ дода мешавад, ки дар ҳуҷум намудан ва расонидани зарар ифода меёбад [5].

Агрессивнокиро бештар ҳамчун як хислати нисбатан устувори шахсият мефаҳманд, ки дар омодагӣ ба агрессия, инчунин дар майли дарк ва тафсири рафтори каси дигар ҳамчун душманона фаҳмида мешавад. (Г.Е. Бреслав). Дар психология нуқтаҳои гуногун оид ба он, ки агрессияро чӣ ташкил медиҳад ва оё он бояд ҳамчун падидаи мусбат ё манфӣ баррасӣ карда шавад, мавҷуданд. Аксари муаллифони муосир (Р. Барон, Д. Ричардсон) чунин мешуморанд, ки агрессия ин ҳама гуна рафторест, ки ба таҳқир ё расонидани зарар ба мавҷудоти зиндаи дигаре равона шудааст, ки чунин муносибатро намехоҳанд. Аз суханҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки агрессия ҳамеша ба вайрон кардан (деструксия) равона шудааст ва зуҳуроти манфии иҷтимоӣ мебошад. Агрессивнокӣ ҳатман дар амалҳои ҷисмонӣ зоҳир намешавад. Агрессияи шифоҳӣ ифодаи ҳиссиёти манфӣ на танҳо тавассути шакл (ҷанҷол, доду фарёд, фиғон, балки тавассути мазмуни посухҳои шифоҳӣ (таҳдид, нафрин, дашном) мебошад. Қариб ҳамаи кӯдакон дер ё зуд ба гуфтани суханони таҳқиромез шурӯъ мекунанд, дод мезананд, таҳқир мекунанд ё дашном медиҳанд. Бояд қайд кард, ки нисбат ба агрессия таъриф ва муайянкунандаҳои гуногун мавҷуд мебошад. Масалан, дар яке аз адабиётҳо тақрибан чунин оварда мешавад: агрессия - ин ҳамкории иҷтимоии ошкоро ё пинҳонӣ, аксар вақт зарароват мебошад, ки ба расонидани зарар ё дигар нохушиҳо ба шахси дигар равона шудааст. Он метавонад ё ба таври реактивӣ ё бидуни ангезиш рух диҳад. Дар одамон агрессия метавонад бо ангезандаҳои гуногун, аз фрустратсия бо сабаби дастнорас шудани ҳадафҳо то ба сабаби мавҷудияти ҳисси беэҳтиромӣ нисбат ба якдигар ба вуҷуд ояд [6]. Дар таърифҳое, ки дар илмҳои иҷтимоӣ ва ҷомеашиносӣ истифода мешаванд, агрессия ҳамчун амал ё вокуниши шахс тавсиф дода мешавад, ки чизи нохушеро ба шахси дигар мерасонад. Баъзе таърифҳо онро дар бар мегиранд, ки шахс бояд мақсади расонидани зарарро ба шахси дигар дошта бошад [7], яъне агар шахс мақсади расонидани зарарро надошт, он гоҳ рафтор ё амал ҳамчун рафтори агрессивӣ ё амали агрессивӣ ҳисобида намешавад. Ғайр аз ин, мувофиқи баъзе манбаъҳо рафтори ваҳшиёна ё муҳофизатӣ байни аъзои намудҳои гуногуни ҳайвонот метавонад дар як маъно агрессия ҳисобида нашавад. Инро чунин фаҳмидан мумкин аст, ки рафтори “агрессивии” онҳо на бо мақсади расонидани зарар, балки барои ҳимоя ва бо мақсади шикор ба вуҷуд омадааст. Агрессияи инсонро метавон ба агрессияи мустақим ва ғайримустақим ҷудо кард; дар ҳоле, ки якумин бо рафтори ҷисмонӣ ё лафзӣ, ки барои зарар расонидан ба касе тавсиф дода мешавад, дуввумин бо рафторе тавсиф дода мешавад, ки барои расонидани зарар ба муносибатҳои иҷтимоии шахс ё гурӯҳ равона шудааст [8]. Вақте ки сухан дар бораи агрессивнокӣ меравад, қайд намудан мумҳим аст, ки агрессивнокӣ хусусияти устувори субъект аст, ки майли ӯро ба рафторе инъикос мекунад, ки мақсад аз он зарар расонидан ба дигарон аст [1] ё ҳолати ба ин монанди аффективӣ (хашм, ғазаб) аст. Ба иборaи дигар, агрессивнокӣ хислати шахсият мебошад, ки дар афзалият додани истифодаи усулҳои зӯроварӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ ифода меёбад. Гарчанде ки агрессивнокӣ дар ҷараёни эволютсияи инсон нақши ҳалкунанда дошт, баъзе психологҳо қайд мекунанд, ки агрессивнокӣ аз ибтидо ба инсон хос набуда, кӯдакон моделҳои рафтори агрессивиро амалан аз лаҳзаи таваллуд аз худ мекунанд [3]. Ба сифати сабаби агрессивнокӣ метавонанд намудҳои гуногуни низоъҳо баромад кунанд, аз ҷумла низоъҳои ботинӣ, дар ҳоле ки чунин равандҳои психологӣ, ба монанди эмпатия, идентификатсия, десентратсия агрессияро бозмедоранд, зеро онҳо калиди дарки дигарон ва арзиши мустақилонаи онҳо мебошанд [2]. Агар ин мафҳумро аз ҷиҳати биологӣ таҳлил карда бароем, агрессия ин рафторест, ки ба тақсимот ва азнавтақсимкунии захираҳо равона карда шудааст. Ба сифати манбаъҳо метавонанд ғизо, арзишҳои ҷинсӣ ва репродуктивӣ (шарик, насл), мавқеи иҷтимоӣ (ҳокимият, даромад, нуфуз), сарҳад, ҳаловати равонӣ бошанд ва аз ин нуқтаи назар бошад, агрессивнокӣ - ин зоҳир кардани агрессия ё омодагии зоҳир кардани он аст, ки стимулятори он тарси норасоии захираҳост [4]. Ҳамин тавр, агрессия рафторе мебошад, ки тобиши ҷисмонӣ ва эмотсионалии манфӣ

дошта, бо расонидани зарари моддӣ ва маънавӣ нисбат ба худ ё дигарон дар раванди расидан ба мақсад ифода меёбад ва қоидаҳои меъёрӣ – ахлоқиро ба таври равшан вайрон мекунад. Агрессивнокӣ бошад, хусусияти нисбатан устувори шахс мебошад, ки дар ба таври систематикӣ зоҳир намудани рафтори агрессивӣ ифода меёбад ва чунин рафтор ба одат ё хислати характери шахсияти ӯ табдил ёфтааст. Дар адабиётҳои илмӣ таснифотҳои гунугонуи реаксияҳои агрессивӣ ва рафтори агрессивӣ мавҷуданд. Ҳар яке аз онҳо дар навбати худ агрессияро ба таври ба худ хос тасниф мекунанд. Масалан, намудҳои реаксияҳои агрессивӣ аз рӯи саволномаи Басс – Дарки чунин мебошанд:

1. Агрессияи ҷисмонӣ - истифодаи қувваи ҷисмонӣ нисбат ба шахси дигар. Яъне, ҷисмонан ифода ёфтани қаҳру ғазаб ва равона кардани қувваи ҷисмонӣ барои “вайронкорӣ”.

2. Агрессияи ғайримустақим - агрессияе, ки бо роҳи гардиш, ки ба тарафи шахси дигар равона карда шудааст ё ба касе равона нашудааст. Метавонем ин намуди агрессияро агрессияи бавосита низ номем, зеро ки шахс мехоҳад ба воситаи ягон объекти дигар агрессияашро ба шахси дигар зоҳир намояд.

3. Хашмгинӣ - омодагӣ ба зоҳир кардани ҳиссиётҳои манфӣ бо хурдтарин ангезанда (бемулоҳизагӣ, дағалӣ), яъне шахс дар ҳолате қарор дорад, ки хело ҳассос аст.

4. Негативизм - ин як рафтори мухолифона мебошад. Аз дараҷаи муқовимати ғайрифаъол то ба дараҷаи муборизаи фаъол бар зидди урфу одатҳо ва қонунҳои муқарраршуда мебошад. Ё ба ибораи дигар, ин зид баромадан ба қоидаҳои қабулшуда ва қабул накардани он ва ҳамчун натиҷа зоҳир кардани агрессия мебошад. Бояд қайд намуд, ки дар ҳолати додашуда сухан дар бораи симптоми махсуси вайроншавии ирода – негативизм намеравад.

5. Кина - ҳасад ва/ё нафрат нисбат ба дигарон барои амалҳои воқеӣ ё хаёлӣ ва ҳамчун натиҷа зоҳиршавии рафтори агрессивӣ.

6. Шубҳанокӣ - аз дараҷаи нобоварӣ ва эҳтиёт нисбати одамон то ба дараҷаи боварӣ дар бораи он, ки одамони дигар нақша доранд, ки зарар расонанд.

7. Агрессияи шифоҳӣ - ифодаи ҳиссиётҳои манфӣ ҳам дар ягон шакл (фиғон, фарёд) ва ҳам тавассути посухҳои забонӣ (нафрин, таҳдид) мебошад.

8. Ҳисси гунаҳгорӣ - боварии эҳтимолии субъектро ба он ифода мекунад, ки ӯ шахси "бад" буда, бад рафтор мекунад ва инчунин ҳисси азоби виҷдон мавҷуд аст. Дар ин ҳолат эҳтимолияти зоҳиршавии аутоагрессия баланд мешавад.

Таснифоти додашуда дар асоси тести Басс – Дарки оварда шудааст, ки дар он ҷо намудҳои дар боло овардашудаи реаксия ва рафторҳои аргессивиро ҷудо кардаанд. Ғайр аз ин таснифоти гуногуни дигар низ мавҷуданд, масалан Г. Паренс ду намуди агрессияро ҷудо намудааст:

1. Агрессияи ғайридеструктивӣ (вайроннакунанда) - рафтори худмуҳофизатии устувори ғайридушманона барои ноил шудан ба ҳадаф мебошад. Ин як механизми модарзодиест, ки барои мутобиқ шудан ба муҳити зист, қонеъ кардани хоҳишҳо, ноил шудан ба ҳадафҳо, ташаккули маърифатнокӣ ва қобилияти ба худ такя кардан хизмат мекунад. Он аз лаҳзаи таваллуд фаъол мешавад ва одамро ба рақобат дар муҳити атроф ва ҳимояи ҳуқуқҳои худ водор мекунад. Яъне, рафтори шахс бо “сохтан” равона шудааст, на ин ки “вайрон кардан”.

2. Деструксияи душманона - рафтори бадкирдорона, радкунӣ, бадбинӣ, хашм, кинаҷӯӣ. Ин ҳам як навъ дифоъ аз худ аст, ки дар натиҷаи таҷрибаҳои шадиди нохуш (дард, дистресс) фаъол мешавад. Ин инчунин хоҳиши озор дода аз он лаззат ба даст оварданро дар бар мегирад (садизм). Аз агрессия дар боло овардашуда бо он фарқ мекунад, ки ба “вайрон” кардан равона шудааст.

Таснифотҳо хело гуногун буда, онҳо агрессияро аз ҳар меъёр тасвиф медиҳанд. Яке аз таснифоти дигаре, ки нисбатан шаклҳои зиёдтари агрессияро тасниф мекунад, таснифоти зерин мебошад.

Аз рӯйи объект агрессия ва рафтори агрессивиро ҷудо мекунанд:

• гетероагрессия - самт ба дигарон: куштор, таҷовуз, латукӯб, таҳдид, таҳқир, дашном ва ғ.; яъне, агрессия ва рафтори агрессивӣ ба дигарон – берун аз худ равона шудааст;

• аутоагрессия - самтгирӣ ба худ: худнобуднамоӣ то худкушӣ, рафтори худвайронкунанда, бемориҳои психосоматикӣ; рафтори агрессивии ба худ равонашуда, ки аксар вақт бешуурона буда, субъект гӯё ки худро "ҷазо" медиҳад ва онро дарк намекунад.

Аз рӯйи сабаби зоҳиршавӣ ҷудо мекунанд:

• агрессияи реактивӣ - ин посух ба баъзе ангезандаҳои беруна (ҷанҷол, низоъ ва ғ.).

• агрессияи ногаҳонӣ - бе ягон сабаб, одатан таҳти таъсири ягон намуди импулсҳои дохилӣ (ҷамъшавии эмотсияҳои манфӣ, агрессияи бесабаб ҳангоми бемории рӯҳӣ) пайдо мешавад.

Аз рӯйи мақсад:

• агрессияи инструменталӣ - ҳамчун воситаи ба даст овардани натиҷа иҷро карда мешавад: варзишгаре, ки пирӯзиро меҷӯяд; стоматологе, ки дандони дарднокро нест мекунад; тифле, ки бо садои баланд аз модараш талаб мекунад, ки ба ӯ бозича бихарад ва ғайра;

• агрессияи мақсаднок (маромӣ) - ҳамчун як амали қаблан тарҳрезишуда баромад мекунад, ки ҳадафи он зарар ё осеб расонидан ба объект аст: макатббачае, ки аз ҳамсинфаш хафа шуда, ӯро латукӯб мекунад;

Аз рӯи ошкор будани зуҳуроти он:

• агрессияи бевосита - мустақиман ба ашёе нигаронида шудааст, ки боиси хашм, изтироб ё ҳаяҷон мегардад: зоҳиркунии ошкорои душманӣ, истифодаи қувваи ҷисмонӣ ё таҳдиди зӯроварӣ ва ғ.;

• таҷовузи ғайримустақим (ё бавосита) - нигаронида шудан ба ашёе, ки мустақиман ангезиш ва ғазабро ба вуҷуд намеоранд, аммо барои зоҳиркунии агрессия мувофиқтаранд (онҳо дастрастаранд ва зоҳир кардани агрессия ба онҳо бехатар аст): пас аз муноқиша бо ҳамсоя, модар бесабаб ба фарзанд дод заданро оғоз мекунад; ва ғайра.

Аз рӯи шакли зоҳиршавӣ:

• шифоҳӣ - дар шакли шифоҳӣ ифода ёфтааст: таҳдид, таҳқир, ки мазмуни онҳо бевосита мавҷудият ва имконияти расонидани зарари маънавӣ ва моддиро ба рақиб нишон медиҳад;

• экспрессивӣ - бо воситаҳои ғайришифоҳӣ зоҳир мешавад: имову ишора, қиёфаи рӯй, талаффузи овоз ва ғ. Дар чунин ҳолатҳо, агрессор таҳдидомез лабханд мекунад, мушт мезанад ё ангушташро ба сӯи рақиб мезанад, бо овози баланд дашном медиҳад ва ғ.;

• ҷисмонӣ - истифодаи бевositаи қувва барои расонидани зарари маънавӣ ва ҷисмонӣ ба рақиб.

Ҳамин тавр, чӣ гунае ки қайд карда шуд, таснифотҳои гуногун мавҷуд мебошад. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки агрессия ва рафтори агрессивӣ низ дар баробари дигар зуҳурот ва ҳолатҳои психикӣ асоси физиологии худро дорад. Бо дарназардошти он, ки агрессия ва рафтори агрессивӣ намудҳои хело гуногунро доранд, омӯзиши асоси физиологии онҳо низ аҳамияти хосро пайдо мекунад, зеро аниқ муайян шудани сабабҳои рафтори агрессивӣ дар дараҷаи физиологӣ ё нейробиологӣ метавонад калид ба ҳалли муаммоҳои бо рафтори агрессивӣ алоқаманд гардад. Бисёре аз муҳаққиқон барои тавсиф додани агрессия ба мағзи сар диққат медиҳанд. Сохторҳои сершумор дар дохили қисматҳои неокортекс ва сохторҳои зериқишрӣ дар идоракунии рафтори агрессивӣ вобаста ба намуд нақши марказиро мебозанд; нақши дақиқи роҳҳои асабӣ вобаста ба навъи ангезанда ё мақсад фарқ мекунад [10]. Дар ҳайвоноти оилаи ширхӯрон гипоталамус ва моддаи хокистари атрофи мағзи миёна мувофиқи натиҷаи тадқиқотҳои дар гурбаҳо, каламушҳо ва маймунҳо гузаронидашуда минтақаҳои хело ҳам муҳим ба шумор мераванд. Ин минтақаҳои мағзи сар ифодаи ҳам ҷузъҳои рафторӣ ва ҳам вегетативии агрессияро дар ин намудҳо, аз ҷумла овозбарории онҳоро назорат мекунанд. Ангезиши барқии гипоталамус боиси зуҳуроти рафтори агрессивӣ мешавад [12] ва гипоталамус дорои ретсепторҳоест, ки дар муайян кардани дараҷаи агрессия дар асоси алоқаи онҳо бо серотонин ва вазопрессин кӯмак мекунанд [13]. Дар хояндаҳо, фаъолсозии нейронҳои

ретсептор-экспрессии эстроген дар қисми вентромедиали гипоталамус (*англ. ventromedial hypothalamus - VMHvl*) барои оғози зуҳуроти агрессия ҳам дар намояндагони нарина ва ҳам модина кофӣ буд [14], яъне ҳангоми бо фаъолсозии ин минтақа рафтори агрессивии онҳо шурӯъ мешуд. Минтақаҳои мағзи миёна, ки дар агрессия иштирок мекунанд ва нақш доранд, ҳам бо ядрои асоси мағзи сар, ки ин функсияҳоро назорат мекунанд ва ҳам бо сохторҳои дигар, ба монанди ҷисми амелоидӣ (ё бодомшакл) (*аз лот. corpus amigdaloideum, рус. миндалевидное тело, амигдала, англ. amygdala*) ва мағзи пеш алоқаҳои мустақим доранд. Ангезиши ҷисми амелоидӣ боиси рафтори агрессивии барзиёд дар миримӯшон мегардад [17] дар ҳоле ки осеби минтақаи эволютсионии гомологӣ (*гомология – дар биология, қисмати организмҳои муқоисашавандаро меноманд, ки баромади ягона доранд*) дар калтакалос рафтори рақобатӣ ва агрессияро ба дараҷаи назаррас паст (Бауман ва дигарон 2006) мекунад [18]. Дар маймунҳои резусӣ, осеби ҷисми амелоидӣ ё гиппокамп дар навзодӣ боиси кам шудани ифоданамоии ҳукмфаромии (доминант) иҷтимоӣ мешаванд, ки бо танзими агрессия ва тарс алоқаманданд [19]. Масалан, якчанд таҷрибаҳои дар миримӯшони тиллоии Сурия гузаронидашуда, ақидаи онро, ки ҳалқа дар дохили ҷисми амелоидӣ дар назорати агрессия ва рафтори агрессивӣ иштирок доранд, дастгирӣ мекунанд. Нақши ҷисми амелоидӣ дар приматҳо камтар возеҳ буда, он бештар вобаста ба вазъият ва осебҳое, ки ба баланд шудани дараҷаи реаксияҳои иҷтимоӣ ё агрессивӣ мебаранд, зоҳир мешавад. Майдони васеи мағзи сар, ки бо номи қисми пешонӣ (*ё қисми пеши пешонӣ, prefrontal cortex - PFC*) маъруф аст, барои худтанзимкунӣ ва боздории импулсҳо, аз ҷумла бартарафкунии ва танзимкунии агрессия ва эмотсияҳо муҳим аст. Пастшавии фаъолии қисми пешонии мағзи сар, алахусус қисмҳои миёна ва орбитофронталии он бо агрессияи зӯроварона/зиддиҷамъиятӣ алоқаманд дониста шудааст [16]. Нақши моддаҳои химиявӣ дар мағзи сар, бахусус нейротрансмиттерҳо, дар агрессия низ баррасӣ ва таҳлил шудааст. Нақши омилҳои номбаршуда вобаста аз роҳи асабӣ, замина ва омилҳои дигар, ба монанди ҷинс, фарқ мекунад. Дар назар дошта шудааст, ки дар пайдоиши импулсивнокӣ ва агрессивнокӣ норасоии серотонин нақши аввалиндараҷаро мебозад. Ҳадди аққал як тадқиқоти эпигенетикӣ ин фарзияро дастгирӣ мекунад. Норэпинефрин, ки ҳамчунин бо номи норадреналин маълум аст, метавонад ба аксуламалҳои агрессивӣ ба таври бавосита ва бевосита тавассути системаи гормоналӣ, системаи асаби симпатикӣ ё системаи марказии асаб (аз ҷумла мағзи сар) таъсир расонад. Ба ҳамин монанд, КГАБ, ҳамчунин ки бо функсияҳои боздорандаи бисёр синапсҳои СМА алоқаманд аст, баъзан бо агрессия корелятсияи мусбат нишон медиҳад, аз он ҷумла бо агрессияҳои аз сабаби истифодаи нӯшокиҳои спиртӣ бавуҷудомадаро [15]. Неропептидҳои гормонии вазопрессин ва окситотсин дар маҷмуи рафторҳои иҷтимоӣ, ба монанди танзими садоқат ва вобастагӣ (ба шарик), эътирофи иҷтимоӣ (*рус. социальное признание*) ва агрессия дар бисёр ширхӯрон нақши калидӣ доранд. Вазопрессин бо рафторҳои иҷтимоии “мардона”, ки агрессияро низ дар бар мегирад, алоқаманд аст. Окситосин метавонад дар танзими робитаҳои зан бо насл ва ҳамсарон, аз ҷумла истифодаи агрессияи муҳофизатӣ нақши махсус дошта бошад. Тадқиқотҳои ибтидоӣ дар одамон баъзе натиҷаҳои шабеҳро нишон медиҳанд [11]. Дар инсон рафтори агрессивӣ бо аномалияҳо дар се системаи асосии танзимӣ дар бадан, системаҳои серотонинӣ, системаҳои катехоламинӣ ва меҳвари гипоталамус-гипофиз-ғадуди болои гурда алоқаманд аст. Маълум аст, ки аномалияҳо дар ин системаҳо бо таъсири стресс, ҳамчунин стресси пуркувват, стресси шадид ва стресси музмини паст ба амал меоянд [9].

Ҳамин тавр, заминаҳои зиёдро дар мағзи сар ва системаи асаб, ки барои бавуҷудоии агрессия ва рафтори агрессивӣ мусоидат мекунанд, дарёфт намудан мумкин аст.

АДАБИЁТ

1. Данильян О.Г. Современный словарь по общественным наукам / О.Г. Данильян, Н.И. Панов // Эксмо. - 2007. - 528 с.
2. Кузьминов В.В. Диагностика агрессивного поведения подростков в общеобразовательных учреждениях / В.В. Кузьминов, А.С. Никитченко // Молодой ученый. - 2014. - №6. -С. 806–808.

3. Семенюк Л.М. «Психологические особенности агрессивного поведения детей и условия его коррекции», Москва, 1996, стр.45.
4. Ильясов Ф.Н. Политический маркетинг. Искусство и наука побеждать на выборах. - М.: ИМА-пресс, 2000. - С. 42, 44.
5. Стоименов Й.А., Стоиманова М.Й., Коева П.Й. и др. Психиатрический энциклопедический словарь. - К.: «МАУП», 2003. - 1200 с.
6. DeBono, Amber; Muraven, Mark (1 November 2014). "Rejection perceptions: feeling disrespected leads to greater aggression than feeling disliked". Journal of Experimental Social Psychology. ISSN 0022-1031
7. Anderson, Craig A.; Bushman, Brad J. (2002). "Human Aggression". Annual Review of Psychology. PMID 11752478.
8. De Almeida, Rosa Maria Martins; Cabral, João Carlos Centurion; Narvaes, Rodrigo (2015). "Behavioural, hormonal and neurobiological mechanisms of aggressive behaviour in human and nonhuman primates". Physiology & Behavior. PMID 25749197. S2CID 27711931.
9. Walton, Kenneth G.; Levitsky, Debra K. (2003). "Effects of the Transcendental Meditation Program on Neuroendocrine Abnormalities Associated with Aggression and Crime". Journal of Offender Rehabilitation. S2CID 144374302.
10. Meijers, J.; Harte, J. M.; Meynen, G.; Cuijpers, P. (1 February 2017). "Differences in executive functioning between violent and non-violent offenders". Psychological Medicine. ISSN 0033-2917. PMID 28173890
11. Campbell, Anne (2008). "Attachment, aggression and affiliation: The role of oxytocin in female social behavior" (PDF). Biological Psychology. PMID 17931766. S2CID 33228118.
12. Kruk, Menno R.; Van Der Poel, A.M.; Meelis, W.; Hermans, J.; Mostert, P.G.; Mos, J.; Lohman, A.H.M. (1983). "Discriminant analysis of the localization of aggression-inducing electrode placements in the hypothalamus of male rats". Brain Research. PMID 6681724. S2CID 3231548
13. Ferris, C. F.; Melloni Jr, R. H.; Koppel, G; Perry, K. W.; Fuller, R. W.; Delville, Y (1997). "Vasopressin/serotonin interactions in the anterior hypothalamus control aggressive behavior in golden hamsters". The Journal of Neuroscience. PMID 9151749
14. Lee, H (2014). "Scalable control of mounting and attack by Esr1+ neurons in the ventromedial hypothalamus". Nature. PMID 24739975.
15. Pihl, RO & Benkelfat, C. 'Neuromodulators in the Development and Expression of Inhibition and Aggression' Developmental Origins of Aggression, 2005, The Guilford Press.
16. Paus, T. 'Mapping Brain Development' in Developmental Origins of Aggression, 2005, The Guilford Press.
17. Potegal, M.; Ferris, C.F.; Hebert, M.; Meyerhoff, J.; Skaredoff, L. (1996). "Attack priming in female Syrian golden hamsters is associated with a c-fos-coupled process within the corticomedial amygdala". Neuroscience. PMID 8951880. S2CID 24136851.
18. Greenberg, Neil; Scott, Michelle; Crews, David (1984). "Role of the amygdala in the reproductive and aggressive behavior of the lizard, Anolis carolinensis". Physiology & Behavior PMID 6538977. S2CID 9987359.
19. Bauman, M.D.; Toscano, J.E.; Mason, W.A.; Lavenex, P.; Amaral, D.G. (2006). "The expression of social dominance following neonatal lesions of the amygdala or hippocampus in rhesus monkeys (Macaca mulatta)" (PDF). Behavioral Neuroscience. PMID 16893283.

ОМӮЗИШИ ЗУҲУРОТИ РАФТОРИ АГРЕССИВӢ ВА АСОСИ ФИЗИОЛОГИИ ОН

Дар мақолаи мазкур масъалаи зуҳуроти рафтор агрессивӣ ва асоси физиологии он баррасӣ карда мешавад. Сараввал қайд мешавад, ки агрессия ва рафтори агрессивӣ рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ ғайри қобили қабул ба шумор рафта, аз тарафи ҷомеа маҳкум карда мешавад, аммо бо вуҷуди ин рафтори агрессивӣ дар байни одамон аз аввал дида шудааст ва то ҳол дида мешавад. Ҳамчунин, қайд мешавад, ки дар луғати энсиклопедии психиатрӣ агрессивнокӣ ҳамчун зуҳуроте шарҳ дода мешавад, ки дар ҳуҷум намудан ва расонидани зарар ифода меёбад.

Калидвожаҳо: агрессия, рафтори агрессивӣ, аутоагрессия, гетероагрессия, агрессияи вербалӣ, агрессияи ҷисмонӣ, агрессияи реактивӣ, рафтори деструктивӣ, хашмгинӣ.

ИЗУЧЕНИЕ ПРОЯВЛЕНИЯ АГРЕССИВНОГО ПОВЕДЕНИЯ И ЕГО ФИЗИОЛОГИЧЕСКОЙ ОСНОВЫ

В данной статье рассматривается проблема проявления агрессивного поведения и его физиологической основы. Сперва отмечается, что агрессия и агрессивное поведение являются социально – неприемлемы и осуждаются со стороны общества, но при этом оно существовало и существуют среди людей. Также приведено, что в психиатрическом энциклопедическом словаре агрессивность объясняется как проявление, которое выражается в нападении и причинении вреда.

Ключевые слова: агрессия, агрессивное поведение, аутоагрессия, гетероагрессия, вербальная агрессия, физическая агрессия, реактивная агрессия, деструктивное поведение, гнев.

RESEARCH OF AGGRESSIVE BEHAVIOR AND ITS PHYSIOLOGICAL BASIS

This article examines the problem of aggressive behavior and its physiological basis. At first, it is noted that aggression and aggressive behavior are socially unacceptable and condemned by society, but at the same time, it existed and exists among people. It is also given that the psychiatric encyclopedic dictionary explained aggressiveness as a manifestation, which is expressed in attack and harm.

Keywords: aggression, aggressive behavior, self - agression, heteroagression, verbal aggression, physical aggression, reactive aggression, destructive behavior, anger.

Сведения об авторе: ***Ахматов Шохрух Бахтиёрович*** **-** магистр кафедры психологии, факультета философии Таджикского Национального Университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **+992 77 44 44 197**. E-mail: **shoh.psy.edu.tnu@gmail.com**

Information about the author: ***Akhmatov Shokhrukh Bakhtiyorovich*** **–** master`s student of Department of Psychology, Faculty of Philosophy, Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **+992 77 44 44 197**. E-mail: **shoh.psy.edu.tnu@gmail.com**

АРЗИШҲОИ ТАҲСИЛОТ ВА НАМУДҲОИ ОН


Бегов Д.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Арзишҳои миллӣ маҷмуи ғояҳои маънавии намояндагони ин ё он умумияти этникӣ ё қавмӣ аст, ки дар онҳо фардияти таърихию фарҳангии ин этнос ё қавм инъикос меёбад. Чунин арзишҳо, ки характери миллӣ доранд, ҳамчун меъёри иҷтимоӣ ва ахлоқию фарҳангӣ барои мардуми як умумияти этникӣ дар кул хизмат мекунанд. Арзишҳои миллӣ ба муносибатҳои як умумияти этникӣ бо миллату халқҳои дигар таъсири бевосита доранд [6,с.-93]. Инчунин, дар баъзе мавридҳо арзишҳои миллӣ гуфта, маҷмуи меъёрҳо, расму оинҳои як халқиятро дар назар доранд, ки барои ин он дорои муҳимияти хоси худ мебошад. Дар аксиологияи таҳсилот арзишҳои миллиро ба якчанд гурӯҳ ҷудо менамоянд. Яке аз навъҳои арзишҳои миллӣ ин арзишҳои заминавӣ ба ҳисоб меравад. Арзишҳои заминавӣ муҳтавои асосии рушди маънавию ахлоқӣ, тарбияи мардум ва иҷтимоисозии онҳоро муайян сохта, дар анъанаҳои иҷтимоию таърихӣ, фарҳангӣ, педагогӣ, оилавӣ ва амсоли он аз як насл ба насли дигар интиқол меёбанд. Ҳамзамон, арзишҳои заминавии миллӣ тавассути низоми арзишҳои ахлоқӣ ё тасаввуроти меъёрию ахлоқӣ зуҳур мекунанд [9,с.57]. Дар замони муосир дар илм гурӯҳбандии гуногуни арзишҳои заминавӣ мавҷуд аст, ки аз инҳо иборат мебошад: миллат, давлати миллӣ, худшиносии миллӣ, тарбияи худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, сулҳи байни этносҳои гуногун ва амсоли он. Арзишҳои заминавии миллӣ гуфта, он арзишҳои ахлоқӣ, муносибатҳои афзалиятноки ахлоқиро мефаҳманд, ки дар анъанаҳои фарҳангӣ, оилавӣ, иҷтимоӣ-таърихӣ, динии мардуми як миллат мавҷуданд ва аз насл ба насл гузашта, рушди бомуваффақияти кишварро дар шароити муосир фароҳам меоваранд. Ба ақидаи муҳаққиқ Зиёӣ Х.М. дар арзишҳои заминавӣ унсурҳои зерин муҳимтарин ҳисобида мешаванд:

- ватандӯстӣ, ки маънии муҳаббат ба халқу сарзамини хеш ва хидмат ба онҳоро ифода мекунад;
- ифтихори шаҳрвандӣ, ки дар шакли эҳтиром ба Ватану давлати худ, шаҳрвандони он, ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ, иҷрои вазифаҳои худ, таҳаммулпазирӣ ба дину ойини дигарон ва амсоли он зоҳир мегардад;
- ҳамбастагии иҷтимоӣ, ки озодии шахсӣ ва гурӯҳию умумимиллиро таъмин месозад, ба боварию эътимод ба дигарон, давлату сохторҳои он асос ёфта, адолат, шафқат, вичдон, қадру фазилати инсонро олӣ меҳисобад;
- оила, ки ҳамчун унсури таъминкунандаи муҳаббат ва эътимод, солимии аъзои он, эҳтиром ба падару модар, масъулият дар таълиму тарбияи фарзандон, ғамхорӣ ба хурдсолону калонсолон, эҳтиёҷмандон ва ҳадафмандӣ дар идомаи наслҳо хизмат мекунад;
- табиат, ки ҳамчун замини аҷдодон ва падару модарон арҷгузорӣ карда мешавад, барои ҳифзи он тамоми чораҳо андешида мешаванд, барои нигоҳдории табиати он шуури экологии мардумро рушд мебахшанд;
- инсоният, ки маънии эҳтиромро ба ҳар як фард ва одамон дар маҷмуъ дошта, ба маърифати гуногунии одамон ва фарҳанги халқу миллатҳо, ҳамкорӣ бо онҳо ва таъмини сулҳу оромӣ ва рафоқату дустӣ такя мекунад;

- арзишҳои мазҳабию динӣ, санъат ва адабиёт, илм ва техника, ки маърифату ҷаҳонбинии сатҳҳои гуногунии одамонро таъмин менамоянд ва ғайра [6,с.94].

Бояд қайд намуд, ки арзишҳои заминавии миллӣ дар зери таъсири фарҳанги миллӣ ва ақидаҳо ва тасаввуроти як миллат қарор доранд. Аз ин рӯ, арзишҳои заминавии миллӣ дар пояи тасаввурот оид ба миллати ягона қарор гирифта, омодагии қуввaҳои иҷтимоии ҷомеаро барои ҳамбастагии шаҳрвандӣ дар ҳалли масъалаҳои умумимиллӣ таъмин месозанд. Ваҳдати миллӣ тавассути чунин арзишҳо ва ба воситаи гуфтугӯи байниҳамдигарии қуввaҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа, ҷамъиятҳои этникию динӣ ва кушода будани онҳо барои ҳамдигар ба даст меояд. Дар баробари ин, арзишҳои заминавии миллӣ такягоҳи фазои таълиму тарбия, таҳсилот ва рушди маънавию ахлоқӣ ва фарҳангии насли наврасро ташкил дода, субъектҳои раванди таҳсилот дар иҷрои вазифаҳои худ, қабл аз ҳама, ба онҳо такя менамоянд. Дар баробари арзишҳои умумимиллӣ, дар ҳар як ҷомеа арзишҳои миллӣ дар соҳаи таҳсилот низ вуҷуд доранд, ки ҷавҳари аксиологияи таҳсилотро ташкил медиҳанд. Чун қоида арзишҳои таҳсилот аз арзишҳои умумибашарӣ, умумимиллӣ дар соҳаи истеҳсоли ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ реша мегиранд. Барои рушди таҳсилот арзишҳои таҳсилот ҳамчун роҳнамо хизмат мекунанд. Ҳар гуна ислоҳот дар соҳаи таҳсилот, бо ҳамин сабаб, аввалан ба ҳамин арзишҳо нигаронида шуда, тавассути онҳо роҳандозӣ мегардад. Дар раванди ислоҳоти таҳсилот арзишҳои миллӣ ба арзишҳои умумибашарӣ ва баръакс, арзишҳои умумиинсонӣ ба низоми арзишҳои миллии таҳсилот ворид карда мешаванд. Ба мақсади самаранок ба роҳ мондани раванди таҳсилот баъзе муҳаққиқон таснифоти арзишҳоро дар ин соҳа ба кор мебаранд. Дар ин замина ба ҳайси муҳимтарин арзишҳои таҳсилот чунин унсурҳо, омилҳо ва зуҳурот ҷудо карда мешаванд:



Омӯзиши арзишҳои миллии фарҳангӣ тибқи нақша ва барномаҳои таълимӣ пешбинӣ мегардад. Мероси шифоҳӣ ва хаттии педагогӣ, ки дар осори мардумӣ ва эҷодиёти шифоҳии халқ инъикос гардидааст, ба ташаккули шахсияти таълимгирандагон мусоидат мекунад. Осори хаттии педагогикаи ниёгон метавонад ба коркарди усулҳои муосири таълим ҳамчун замина хизмат намояд. Анъанаҳои таърихии таълимию тарбиявӣ, ки дар расму ойин ва маросимҳои мардумӣ зуҳур мекунанд, чун ҷузъи ахлоқи шахсияти муосир баромад мекунанд. Коркардҳои дидактикӣ, методӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, шаклу усулҳои таълими миллӣ ва умумибашарӣ ҳамчу воситаи ташаккули арзишҳо дар таълимгирандагон мавриди истифода қарор мегиранд. Истифода аз таҷрибаи муосир ва инноватсионӣ дар педагогикаи миллӣ ва ҷаҳонӣ онро дар раванди таълиму тарбия самараноктар мегардонад. Қонунгузории миллӣ дар соҳаи таҳсилот, санадҳои меъёрии

ҳуқуқии сатҳҳои гуногун, нақшаҳои миллӣ, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ ва миллӣ ба муаяйнсозӣ ва мушаххасгардони арзишҳо кӯмак менамоянд. Ифтихор аз кори педагогӣ ва истеъдоди педагогҳо, устодону омӯзгорон, олимон ва донишмандони соҳаи таҳсилот ва соҳаҳои дигари ба он наздик ба ҳавасмандсозии таълимдиҳандагон дар интиқоли арзишҳо ба насли нав мусоидат мекунанд ва ғайра. Он ҳамаи зуҳурот, унсур ва омилҳое, ки дар боло мо ҳамчун арзишҳои замимавии таҳсилот ҷудо намудем имрӯзҳо дар педагогикаи ҳар як халқу миллат ҳифз карда шуда, рушд меёбанд. Бояд қайд намуд, ки арзишҳои таҳсилот бо мазмуни таҳсилот дар иртибот дошта, бояд барои хусусияти миллӣ додани таҳсилот онро бо мазмуни маводҳои таълимӣ мувофиқа намуд. Ба ақидаи муҳаққиқон Саид Нуриддин ва Зиёӣ Хуршед бояд маводи таълимӣ дорои чунин хусусиятҳо бошад: Таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз тамоми фанҳо, махсусан аз фанҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ бояд барои расидан ба ҳадафҳои зерин мусоидат намоянд:

- баланд шудани сифати таълим ва боло рафтани сатҳи дониш ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон;
- бо ақида ва мафкураи миллӣ мусаллаҳ гардидани хонандагон ва хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
- омода кардани шаҳрванди барандаи тафаккури баланд ва худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва арҷ гузоштан ба рамзҳо ва арзишҳои давлатдории миллӣ;
- истифодаи метод ва технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълими фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ, алалхусус методу усули таҳсилоти салоҳиятнок;
- ворид намудани роҳу усулҳои наву замонавии таълими фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ғайра.

Инчунин дар «Консепсияи таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2015, №30/26) талаботҳои зеринро барои таҳияи дастурҳои таълимиву методӣ пешниҳод намудаанд:

- маводи таълимӣ аз нигоҳи таърих ва фарҳанги миллӣ ва бо такя ба ахлоқи миллӣ таҳия карда шавад. Маводи пешбинишуда ногузир бояд садди роҳи зуҳуроти нодида гирифтани комёбиҳо ва ҷиҳатҳои мусбати рушди Тоҷикистон гардад, пеши роҳи нигилизму манқуртизм, бегонашавию бегонапарастӣ, теологизатсия ва экспансияи мафкураи бегонагонро гирад;
- маводи таълимӣ бояд аз яктарафа маънидод кардан (чун аврупомарказӣ (европосентризм) ё осиёмарказӣ (азиясентризм) ва амсоли он ба пуррагӣ озод бошад;
- мавзӯъҳо ва маводи пешниҳодшаванда ба татбиқи давлатдории миллӣ мусоидат намоянд;
- дар баёни мавзӯъҳо, консепсияҳо ва назарияҳое, ки дар маводи таълимӣ таҳлил карда мешаванд, бояд ба дингароӣ ва бунёдгароии динию мазҳабӣ роҳ дода нашавад;
- мавзӯъҳо ва маводи пешниҳодшаванда танҳо бо такя ба ҷаҳонбинии илмӣ, фарҳанги техникӣ ва бо назардошти ташаккули ҷаҳонфаҳмии илмию табиатшиносӣ ва ақлонию мантиқӣ навишта шаванд;
- маводи тамоми фанҳои гуманитарӣ бо риояи ба эътибор гирифтани тағйирёбандагии босуръати ҷаҳони муосир таҳия карда шавад ва ғайра [7,с.13]

Бояд хотирнишон намуд, ки дар раванди риоя гардидани ин талаботҳо метавон ба рушди маорифи миллӣ ноил гашт, зеро агар маводи таълимӣ аз ҷиҳати мазмун холис аз аврупомарказӣ (европосентризм) ё осиёмарказӣ (азиясентризм), дингароӣ ва бунёдгароии динию мазҳабӣ роҳ дода нашавад. Маводи таълимӣ аз фанҳои омӯхташаванда бояд ба тарбияи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандии хонандагон, ташаккули шахсияти онҳо, амнияти иттилоотӣ ва рушди зеҳнии кӯдакону

наврасон бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ нигаронида шавад. Дар таҳсилот диққати аввалиндараҷаро бо мақсади тақвият бахшидани арзишҳои миллӣ ба худшиносии миллӣ ақалият медиҳанд.

Худшиносии миллӣ – маҷмуи ҷаҳонбиниҳо, худогоҳиҳо, арзишҳо, баҳогузориҳо ва муносибатҳое мебошад, ки аҳамияти бузурги таърихӣ доштани миллатро инъикос карда, мақоми миллатро дар байни дигар қавму миллатҳо нишон медиҳад. Худшиносии миллӣ шарти зарурии ҳастӣ ва як ҷузъи асосии тараққиёти миллат буда, сатҳу дараҷаи он аз рӯи ченаке муайян ва муқаррар карда мешавад, ки то чӣ андоза афроди миллат ба манфиати миллат кору фаъолият ва фидокориҳо карда метавонанд. Худшиносии миллӣ асоси ҳаёти маънавии афроди миллатро ташкил медиҳад. Худшиносии миллӣ аз худшиносии афроди алоҳида шурӯъ гардида, дуввумӣ дар шаклгирии худшиносии миллӣ саҳми азим дорад. Худшиносии афроди алоҳида – ин яъне ҷавоб ёфтан ба пурсишҳое мебошад, назири: «ман кистам?», «асли ману ҷавҳари ман чист?», «падару модарам кистанд?», «миллатам чист?», «аз куҷо омадаам ва ба куҷо хоҳам рафт?», «роҳи ман кадом аст?», «рисолатам чист?» ва ғ. Вақте ки инсон ба ин гуна пурсишҳо посухҳои аниқу комил ё наздик ба он дарёфт менамояд, шурӯъ ба бунёди зиндагии солиму комил менамояд ва дар истеҳкоми бинои миллати хеш саҳм мегирад ва дар байни худшиносиии хешу миллати худ пуле бунёд месозад. Ва ниҳоятан худшиносии миллӣ ва худшиносии афроди алоҳида ҳар яке такомулбахшандаи дигаре мегардад. Бояд бигӯем, ки худшиносӣ аслан оғози ҳама гуна шинохтҳо мебошад. Аслшиносӣ, Худошиносӣ, ҷаҳоншиносӣ, худшиносии миллӣ ва даҳҳо шинохтҳои дигар аз худшиносӣ сарчашма гирифтаанд. Худшиносии миллӣ авҷи баланди худшиносии фардӣ дар шакли густурдаву расмии он мебошад, ки дар бархурд бо худшиносии қавму миллатҳои дигар баҳри ҳимояву нигоҳ доштани ҳуввият ва арзишҳои касбкардаи хеш ҷаҳду талошҳои зиёде ба харҷ хоҳад дод [1,с.4]. Албатта, бояд хотирнишон намуд, ки худшиносии миллӣ аз шинохти худ оғоз мегардад. Ба ақидаи муҳаққиқ Зиёӣ Х.М. худшиноси гуфта: Худшиносӣ дар маҷмуъ чун шинохти шахсияти хештан, ки ба инъикоси худӣ дар шуур асос ёфтааст, ҷанбаҳои табиию иҷтимоӣ дорад. Табиӣ будани он аз шуури инсон ҳамчун зуҳуроти табиӣ вобаста буда, иҷтимоӣ буданаш ба таҳсилот – тарбияи инсон дар оила, мактаб ва ҷомеа марбут аст. Аз ин рӯ, худшиносии миллӣ низ, ки одатан ҳамчун мансуб донистани хештан ба ин ё он миллат, давлат ва фарҳанг буда, танҳо чун падидаи софи иҷтимоӣ шинохта шудааст, бояд бо иртибот ба решаҳои табиияш низ маънидод карда шавад. Кофист барои решаҳои иҷтимоӣ доштани он таъкид намоем, ки худшиносии миллӣ то андозае аз ирқу нажод, шароити ҷуғрофӣ низ вобастагиҳои зиёде дорад ва маҳз бо ҳамин сабаб тарбияи худшиносӣ барои ҳар халқу миллат махсусиятҳои худро дорад, ки ҷомеа бояд ҳатман онҳоро дар раванди таҳсилот ба эътибор гирад [6,с.95]. Дар баробари худшиносии миллӣ дигар унсурҳо ба монанди идеяи миллӣ ва ҳуввияти миллӣ нақши назаррасеро иҷро менамоянд, таҳсилот бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки бо такя ба он дар тафаккури толибилм ин унсурҳо бедор карда шавад. Асосан дар адабиётҳои илмиву оммавӣ мафҳумҳои идеяи миллӣ ва ҳувияти миллиро чунин шарҳ медиҳанд: Ҳувияти миллӣ - яке аз ҷузъҳои ҳувияти фард аст, ки он марбут ба эҳсоси мансубият доштани вай на фақат бар миллату фазои муайяни фарҳангию иқтисодӣ, балки бар кишвару давлати муайян низ мебошад. Ҳувият - хусусияти равонии инсон аст, ки он тасаввуроти мутамаркази шахсро оиди мутааллиқ будани вай ба гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ нишон дода, дар баробари умумияти забонӣ, касбӣ, мазҳабию нажодӣ, сиёсию фарҳангӣ доштан, он, инчунин, ташаккули умумияти этникии худогоҳеро, ки дар фазои ягонаи иқтисодӣ майли ҳамдавлатӣ, ҳамватанӣ, якпарчагӣ ва фаъолияти иҷтимоии дастҷамъона намуданро баҳри ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва некуаҳволии мардуми кишвар азму субот доранд, зоҳир месозанд. Фаҳмиши «идеяи миллӣ» ҳамчун категорияи махсуси иҷтимоиву фалсафӣ дар нимаи дуюми асри XVIII пайдо мешавад. Дар ин даврон симои ҳар як миллати Аврупо тавассути давлати бузургу вижа алоҳида зоҳир шуда, ҷунбишу тамоюлҳои давлатгароӣ бо манфиатҳои сиёсию иҷтимоии халқҳо ҳамоҳанг шуда, майли мардум ва аҳли ҷмеаро ба ташкили давлатҳои миллӣ возеҳтару бошуурона мегардонид [8,с.213]. Ба ақидаи муҳаққиқи фалсафаи

маорифи тоҷик Зиёӣ Х.М: Аз унсурҳои мазкур; ғояи миллӣ асоси худшиносии миллист, ки маънии воқеии мавҷудияту ҳастии ин ё он миллатро ифода намуда, дар мероси фарҳангӣ ва осори илмии хусусияти гуманитарӣ дошта инъикос меёбад. Унсурҳое чун мансубияти марзӣ ва мутааллиқӣ ба ин ё он дину мазҳаб ин ҷо ниёз ба шарҳе надоранд. Мансубияти шаҳрвандӣ бошад, чунин унсури худшиносии миллӣ аст, ки ҳисси мутааллиқии шахсро ба давлати мушаххас дар асоси талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва анъанаҳои умумии дар ҷомеаи он қабулшуда ифода мекунад [6,с.98]. Инсони худшинос гуфта, дар фалсафаи таҳсилот, шахсеро дар назар доранд, ки мустақил буда ба худ ва ақли хештан эътимод дорад ва барои такмил додани маҳорат ва малакаи худ кушиш намуда, садди роҳи унсурҳое, ки ба бегонапарстӣ унсурҳои амсоли онанд мешавад. Яке аз сабабҳои асосие, ки кишварро ба бегонапарастӣ меоварад, ин тақлид ба унсурҳои бегона дар раванди таҳсилот мебошад [3,с.43]. Дар таълимитҳои фалсафии муосир тақлидкорӣ ҳамчун як ҷараёни фалсафӣ ба ҳисоб рафта ба истилоҳи “бегонашавӣ” (бо забони русӣ “отчуждение”, бо забони англисӣ “alienation”) ифода гаштааст. Дигар арзиши миллӣ, ки дар раванди таҳсилот мавқеъи муҳимро накам аз худшиносии миллиро дорад ин ватандустӣ ё тарбияи ватандустӣ дар раванди таҳсилот ба ҳисоб меравад.

Ватандӯстӣ ин ҳисси шаҳрвандии муҳаббат ва садоқат ба Ватан, дарки вазифаи худ дар назди он ва иҷрои он мебошад. Ватаднустии дар эҳтироми урфу одатҳо ва фарҳанги миллату халқиятҳои гуногун дарҷ мегардад. Дар ташаккули ватандӯстӣ бояд тамоми ниҳодҳои иҷтимоӣ (давлат, мактаб, ВАО, оила ва ғайра) ширкат варзанд [4,с.11]. Чи хеле, ки қайд карда шуд, дар ташаккул додани ватандустӣ бояд тамоми ниҳодхои ҷомеа иштирок намоянд. Тарбияи ватандустӣ дар оила шуруъ гашта пасон ба маориф, ҷомеа, ВАО ва дигар институтҳои иҷтимоӣ равона мегардад. Оила сарчашмаи ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад ва дар он бояд пеш аз ҳама, унсурҳои асосии ватандустӣ рушд дода шавад. Кӯдак аввалин дарсҳои ватандустиро дар оила мегирад. Номҳо, сурудҳои халқӣ, идҳои миллӣ ва дигар арзишҳои фарҳангии як миллат аз ин ниҳоди ҷомеа инкишоф меёбад. Таъсири асосиро дар инкишофи ҳисси ватандустӣ дар кӯдакон ғояҳои ватандустии волидайн дар ҳаёти ҳаррӯза мебозад, ки барои инкишофи ин ғояҳо дар кӯдакон замима мегардад. Дар барбари оила дар инкишофи ҳисси ватандӯстӣ маориф ва ВАО нақши калидиро маебозанд. Барои ташаккул додани ин ҳиссиёт дар наврасон бояд пеш аз ҳама маводи таълимӣ ва раванди таълим хусусияти миллиро ба худ касб кунад. Таълим бояд холис аз унсурҳои бегона ва ғояҳои ифротӣ бошад. ВАО дар баобари ин ниҳодҳо нақши муҳимеро мебозад, яъне ба воситаи ВАО бояд дар бораи ватандустиву мухаббат ба ватан инкишоф дода шавад. Аз корнамоиҳои гузаштагон, дастовардҳои варзишиву, илмии шаҳрвандони мамлакат пештар намоишҳо омода карда бо ин роҳ метавон ҳисси ватандустиро ба воситаи ВАО дар наврасону ҷавонон баланд бардошт. Ватандустӣ дар дохили худ садоқат ба ватан, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ, омода будан барои фидои ҷони худ барои ҳимояи ватан, раҳмдилӣ нисбат ба халқ, фахр аз дастовардҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии халқ, эҳтироми таърихи миллат ва расму оинҳои он, муносибати манфӣ нисбат ба зуҳуротҳои номатлуби ҷомеа [2,с.36] Дигар арзише, ки дар радифи ватандустӣ мавқеи муҳимро дар таҳсилот мебозад ин шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Дар адабиётҳои фалсафӣ, сиёсӣ шаҳрвандиро ҳамчун сифати шахсӣ, худро шаҳрванди як давлат ҳисобидан шарҳ медиҳанд. Дар таҳсилот барои баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандӣ пеш аз ҳама бояд аз боғчаҳо шуруъ гардад. Дар ин зина бояд дар кӯдак бо роҳҳои гузаронидани бозиҳои мазмунашон дорои моҳиятҳои шаҳрвандӣ фаҳмонида шавад. Дар зинаҳои минбаъда вақте фаъолияти бозиро таълим иваз менамояд, бо мазмуни таълим ба масъулиятшиносии шаҳрвандӣ равона гардад. Дигар арзиши заминавие, ки дар таҳсилот мақоми муайянро мебозад ин меҳнат ва санъат мебошад. Дар раванди таҳсилот бояд толибилмон ба дӯст доштани меҳнат ва санъат равона гардад. Зеро дар санъати ҳар як давлат фарҳанги он инъикос мегардад. Дар зинаҳои таҳсилоти поёнӣ бояд меҳнатдӯстӣ ва муҳаббат ба санъати миллӣ инкишоф дода шуда, дар зинаҳои болоӣ бояд рушд дода шавад. Дар баробари ин арзишҳои номбаршуда дар раванди таҳсилот арзишҳои дигаре ба монанди: илм, динҳои миллӣ, санъат ва адабиёт, табиат ва инсоният мавқеи муҳимро ишғол менамоянд, ки бояд дар таҳсилоти ҳар як халқу миллат ҳифз

гардад. Моҳияти таҳсилот чихеле, ки қайд гардид бояд хусусияти миллиро дошта бошад ва холис аз ҳама бегонапарастиву ғояҳои ифротӣ ба роҳ монда шавад. Ғояҳои ифроти метавонанд дар раванди таҳсилот ба низоъ ва ҷангҳои дохилӣ оварда расонад. Ба ақидаи муҳаққиқи фалсафаи таҳсилоти тоҷик Зиёӣ Х.М. “Масъалаҳои мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, хурофотпарастиву ифротгароӣ низ барои таҳсилот бояд мавриди таваҷҷуҳи аввалиндараҷа қарор гиранд. Ҳодисаҳои террористӣ, ки дар як қатор кишварҳои ғарбӣ ва шарқӣ дар солҳои охир ба вуқӯъ пайвастанд, нишон доданд, ки барои раҳоӣ аз ин вабои асри навин ба ҷуз аз беамон мубориза бурдан бо он бо истифода аз тамоми воситаҳо роҳи дигаре вуҷуд надорад. Вале беҳтарин восита дар ин самт, аз нигоҳи фалсафаи таҳсилот, бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо наврасону ҷавонон дар тамоми даврaҳои ташаккули онҳо чун шахсият шуда метавонад” [6,с.90]. Гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар давоми ташаккули ҷавонон дорои роҳҳои гуногуни худ мебошад. Муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки ин ҳолат аз тарбияи оилавӣ шуруъ гашта, пасон ба дигар ниҳодҳои ҷомеа равона мегардад. Тарбияи оилавӣ дар инкишофӣ кӯдак ҳамчун шахсият нақши муҳиммеро мебозад. Дар зинаҳои аввали синну солӣ бояд наврас бо роҳҳои фаҳмондадиҳӣ аз ин гуна ақидаҳои ифротиву хурофотӣ ва оқибаҳои он огоҳ карда шавад. Инро муҳаққиқон бо мафҳуми “иммунизатсияи иҷтимоӣ” маънидод кардаанд. Иҷтимоисозӣ дар илм, чунонки маълум аст, ҳамчун раванде шинохта шудааст, ки аз ҷониби инсон аз худ кардани намунаҳои рафтор, муқаррароти равонӣ, меъёр ва арзишҳои иҷтимоӣ, дониш ва малакаҳоро таъмин сохта, ба шахс имконияти дар ҷомеа амал карданро фароҳам меорад. Дар таҳти мафҳуми “иммунизатсияи иҷтимоӣ” бошад, раванди бурдани корҳои профилактикӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар байни табақаҳои гуногуни иҷтимоии ҷомеа аз ҷониби оила, мактаб, ҷомеа ва мақомоти дахлдори давлатию ҷамъиятӣ оид ба иҷтимоисозии шахс дар назар дошта мешавад [6,с.90].

Зинаҳои гузаронидани “иммунизатсияи иҷтимоӣ”-ро муҳаққиқони фалсафаи таҳсилот ба зинаҳои зерин ҷудо менамоянд:

1. Зинаи аввали “иммунизатсияи иҷтимоиӣ” дар оила
2. Зинаи дуввуми “иммунизатсияи иҷтимоӣ” дар муассисаҳои томактабӣ мегузарад.
3. Зинаи сеюуми “иммунизатсияи иҷтимоӣ” дар яке аз ниҳодҳои муҳими ҷамъиятии маориф мегузарад. Дар муасисаҳои давлатӣ “иммунизатсияи иҷтимои”-ро бо роҳҳои гуногун мегузаронанд: гузаронидани корҳои тарбиявии инфиродӣ бо наврасоне, ки аз худ зиёдаравӣ нишон медиҳанд ва огоҳонидан ва ҷалб сохтани падару модари онҳо ба раванди тарбия; пайдо кардан ва гузаронидани чорабиниҳои мушаххас бо сарварон (дақиқтараш саркардагон ё сарварони ғайрирасмӣ) ё гурӯҳҳои хонандагон, ки ба зиёдаравӣ майл доранд; танзими робитаҳо бо мақомоти дахлдори давлатию ҷамъиятӣ оид ба омӯзиш ва баҳогузории шабакаҳои иҷтимоӣ, ки хонандагони мактаб дар онҳо саҳифаҳо доранд ва ғ. Хулоса, дар раванди таҳсилот арзишҳое чун ватандӯстӣ, ҳифзи оила, ифтихори шаҳрвандӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ, ҳифзи табиат, инсоният, арзишҳои мазҳабиву динӣ муҳим ҳисобида мешаванд, ки хусусияти умумимиллӣ ба худ касб кардаанд. Дар сурати тарбияи наси наврас дар раванди таҳсилот зери рӯҳияи ватандориву ватанпарастӣ , эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, метавон рушди босуботи давлату миллат ноил гашт.

АДАБИЁТ

1. Асташова Н.А. Концептуальные основы педагогической аксиологии// Педагогика. – 2002. -№8.
2. Бондаревская, Е.В. Ценностные основания личностно ориентированного воспитания / Е.В. Бондаревская // Педагогика. - 1995. -№4. -С. 29-36.
3. Бакланова, Н.К. Формирование профессионального мастерства педагога в условиях модернизации образования / Н.К. Бакланова // Среднее профессиональное образование. – 2013. -№2. -С.41.-43.
4. Духина Т.И., Болотова Т.П. Политология: краткий словарь политологических терминов. -Ставрополь, 2010. -С.11.
5. Журавлев В.В. Социальные ценности современной российской молодежи [Текст] / В.В. Журавлев, В.А. Родионов, А.Н. Цепляев. -М.: Изд-во Московской гуманитарно-социальной академии «Социум», 2002. -120 с.
6. Зиёӣ Х. Асосҳои фалсафаи таҳсилот / Х. Зиёӣ. -Душанбе: Нигор, 2018. -76 с.

7. «Консепсияи таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2015, №30/26)
8. Педагогика. Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений / В.А. Сластенин, И.Ф. Исаев, Е.Н. Шиянов; Под ред. В.А. Сластенина. - М.: Издательский центр "Академия", 2002. - 576 с.
9. Сластенин В.А., Чижакова Г.И. Введение в педагогическую аксиологию: Учеб, пособие [Текст] / В.А. Сластенин, Г.И. Чижакова. -М.: Академия, 2003. -192 с.
10. [Электронный ресурс]. http://omuzgor-gazeta.tj/blog-detail.php?id=4078

АРЗИШҲОИ ТАҲСИЛОТ ВА НАМУДҲОИ ОН.

Арзишҳои миллӣ маҷмуи ғояҳои маънавии намояндагони ин ё он умумияти этникӣ ё қавмӣ аст, ки дар онҳо фардияти таърихию фарҳангии ин этнос ё қавм инъикос меёбад. Инчунин, дар баъзе мавридҳо арзишҳои миллӣ гуфта, маҷмуи меъёрҳо, расму оинҳои як халқиятро дар назар доранд, ки барои ин он дорои муҳимияти хоси худ мебошад. Дар аксиологияи таҳсилот арзишҳои миллиро ба якчанд гурӯҳ ҷудо менамоянд. Яке аз навъҳои арзишҳои миллӣ ин арзиҳои заминавӣ ба ҳисоб меравад. Арзишҳои заминавӣ муҳтавои асосии рушди маънавию ахлоқӣ, тарбияи мардум ва иҷтимоисозии онҳоро муайян сохта, дар анъанаҳои иҷтимоию таърихӣ, фарҳангӣ, педагогӣ, оилавӣ ва амсоли он аз як насл ба насли дигар интиқол меёбанд.

Калидвожаҳо: арзиш, таҳсилот, ватандӯстӣ, идеяи миллӣ, фарҳанг, миллат, халқият, фалсафа, худшиносӣ, иммунизатсияи иҷтимоӣ, бегонашавӣ, оила.

АКСИОЛОГИЯ ОБРАЗОВАНИЯ О И ЕГО ВИДЫ

Национальные ценности - это совокупность духовных представлений представителей какого либол народа или этнической общности, отражающая историческую и культурную индивидуальность данного этноса или народа. Также в некоторых случаях национальные ценности означают совокупность норм, обычаев и традиций нации, для которых они имеют свое значение. В аксиологии образования национальные ценности делятся на несколько групп. Один из типов национальных ценностей - это базовые ценности. Базовые ценности определяют основное содержание духовно-нравственного развития, образования и социализации людей и передаются из поколения в поколение в социально-исторических, культурных, педагогических, семейных и подобных традициях.

Ключевые слова: Ценность, образование, патриотизм, национальная идея, культура, нация, народ, философия, самопознание, социальная иммунизация, отчуждение, семья.

THE VALUABLE EDUCATION AND ITS TYPES

National values are a set of spiritual ideas of representatives of any ethnic or ethnic community, reflecting the historical and cultural individuality of a given ethnos or people. Also, in some cases, national values mean a set of norms, customs and traditions of a nation for which they have their meaning. In the axiology of education, national values are divided into several groups. One of the types of national values is basic values. Basic values determine the main content of spiritual and moral development, education and socialization of people and are passed down from generation to generation in socio-historical, cultural, pedagogical, family and similar traditions.

Keywords: Value, education, patriotism, national idea, culture, nation, people, philosophy, self-knowledge, social immunization, alienation, family.

Сведения об авторе*: Бегов Дониёрбек Ашурович* - магистр второго курса Таджикского национального университета. Телефон: **+992900 65 66 65.** E-mail: **dbegzoda@mail.ru**

Information about the author: ***Begov Doniyorbek Ashurovich***– second – year master`s student of Tajik national University. Phone: **+992900 65 66 65.** E-mail: **dbegzoda@mail.ru**

ҶОЙГОҲИ МАКТАБУ МАОРИФ ДАР ТАЪРИХИ ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Давлатзода Ф.Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тоҷикон яке аз мардумони қадими Осиёи Марказӣ мебошанд, ки фарҳанги бостонӣ ва муассисаҳои таълиму тарбияи дар замони қадим ва ибтидои асрҳои миёна ташаккулёфта (дабистон, дабиристон ва ғайра) доштанд. Дар асрҳои миёна ин низоми таълиму тарбия дар шакли мактабу мадрасаҳо, ки барои омӯзонидани шариати ислом ва дигар улуми мутадовилаи вақт роиҷ буд, амал менамуданд. Дар мактабҳо таълими ибтидоӣ ва дар мадрасаҳо таълими миёна ва олӣ мавчуд буд.

Маориф дар даврони шӯравӣ. Пас аз барпо шудани Ҳокимияти Шӯравӣ масоили маориф, омӯзишу парвариш, сохтмони мактабҳо, муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар мадди аввал қарор гирифтанд. Аз рӯзи аввали барпо гардидани сохти нав дар ин сарзамин ба масъалаи маориф ва низоми таълиму тарбия диққати махсус дода мешуд. Моҳҳои март ва апрели соли 1918 мувофиқи қарори намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятии шаҳри Хуҷанд дар ин шаҳр ва дигар шаҳру ноҳияҳои ин минтақа Шӯрои маорифи халқ ташкил шуд, ки онҳо дар таъсиси мактаби нав, таълими ҳатмии бачагон ва маҳви бесаводӣ нақши муассир гузоштанд. Бо вуҷуди ҳамагуна мушкилиҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ин минтақа дар охири соли 1918 19 мактаб ва соли 1919 73 мактаби дараҷаи якум ва дуюм амал мекард. Соли 1920 аввалин мактаби ибтидоии духтарона дар Хуҷанд таъсис дода шуд. Ба тараққиёти минбаъдаи мактабҳои нав қарори қабулнамудаи Комитети иҷроияи марказии Туркистон аз 5 августи соли 1919 мусоидат намуд. Мувофиқи он шӯроҳои маҳаллӣ вазифадор гардиданд то ҳамаи биноҳоеро, ки барои эҳтиёҷоти соҳаи маориф сохта шудаанд, новобаста аз тобеияташон ба ихтиёри шӯроҳои маҳаллии маорифи халқ вогузор намоянд. Барои дар амал татбиқ намудани қарори шӯроҳои маҳаллии ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон комиссияи махсус ҷиҳати муайян намудани чунин биноҳо ташкил ёфт. Барои вусъат додани сохтмони мактабҳои нав Шӯрои Комиссариати халқии ҶХШС Туркистон соли 1919 ба Комиссариати маорифи халқ аз буҷет зиёда аз 200 млн. сум ҷудо намуд. Аз ин миқдор 700 ҳазораш барои рушду нумӯи маориф ва тандурустии уезди Хуҷанд ҷудо гардид. Дар натиҷа дар охири соли 1921 дар ин ҷо 37 мактаб фаъолият дошт, ки дар онҳо 1197 нафар хонанда таҳсил мекард. Мактабҳои нави шӯравӣ на танҳо дар шаҳрҳо, балки дар деҳаҳо низ таъсис меёфтанд. Ба ташвиқоти баъзе мухолифи ҳукумат нигоҳ накарда, халқи заҳматкаш дар ташкилу таъсиси мактабҳои нав фаъолона иштирок мекарданд. Масалан, аҳолии Хуҷанд соли 1923 барои сохтмони мактаби нав 14000 сум ҷамъ намуда, дар сохтмону тармими мактабҳо иштирок карданд. Дар Самарқанд бошад, аҳолӣ барои таҷҳизонидани мактаб-интернати бачагони ятиму бепарастор қариб 40 ҳазор сум ҷамъ оварданд. Аз соли 1921 дар қисматҳои Бухорои шарқӣ аввалин шуда ба сохтмони мактаби нави шӯравӣ иқдом намуданд. 15 марти 1921 дар Душанбе Нозироти вилоятӣ (Шуъбаи маорифи халқи Бухорои Шарқӣ) таъсис ёфт. Бо ташаббуси ин Шуъба июли 1921 Анҷумани вилоятии кормандони маориф давъат шуд. Дар ин Анҷуман камбудиҳои кори мактабу маориф мавриди муҳокима қарор гирифтанд ва роҳҳои бартараф намудани онҳо муайян гардиданд. Анҷуман вазъи соҳаи маорифро дар Бухорои Шарқӣ таҳлилу баррасӣ намуда, доир ба тараққиёти минбаъдаи он қарори дахлдор қабул намуд. Дар натиҷаи чорабиниҳои мушаххас баҳори соли 1921 дар Бухорои Шарқӣ 5 мактаби нави шӯравӣ таъсис ёфт, ки дар онҳо 600 нафар бачагон таҳсил мекарданд. Ҳамзамон, мактабҳои нави шӯравӣ дар Кӯлоб, Ховалинг, Ғарм, Ҳоит ва дигар мавзеъҳо ташкил ёфтанд. Соли таҳсили 1923–1924 дар Кӯлоб, Ғарм ва Душанбе яктогӣ интернат кушода шуд, ки дар онҳо 92 нафар бачагон дарс мехонданд. Соли 1923 дар Помир дар назди кумитаи инқилобии вилоят Шӯъбаи маорифи халқ таъсис ёфт, ки ҳамзамон вазифаи мактабро ба уҳда дошт. Дар назди ин мактаб барои тарбияи фарзандони деҳқонони камбағал ва ятимон интернат таъсис дода шуд. Дар мактаб ва интернат 50 нафар бачагон таҳсил мекарданд. Дар ташкили таълиму тарбияи насли навраси тоҷик қисмҳои Артиши Сурх низ фаъолона иштирок намуданд. Онҳо дар Кӯлоб ва Ғарм 50 нафар бачагонро ба тарбияи худ гирифтанд. Бо дастгирии комсомолони Шӯъбаи сиёсии полки 76 дар Кӯлоб аввалин интернат сохта шуд. Дар замони Ҳокимияти Советии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қуллаи баланди илм, маориф ва фарҳанг рафта расид. Дар мамлакат бесаводӣ барҳам дода шуд. Ҳоло бошад, дар мамлакат қариб 2 млн. хонанда дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, техникумҳо ва коллеҷҳои техникию омӯзишгоҳҳо ва мактабҳои Олӣ бо дониш фаро гирифта шудаанд. Теъдоди муассисаҳои таълимӣ, хонандагон, донишҷӯён, омӯзгорон ва мураббиён зиёд шуд. Агар дар соли ташкили Ҷумҳурии Автономии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1924) дар Тоҷикистон ҳамаги 7 мактаб, 152 нафар талаба ва 26 нафар муаллим мавҷуд бошанд, дар соли гирифтани истиқлолият (1991) миқдори мактабҳои маълумотташон умумӣ ба 3179 адад расид. Дар онҳо 1 млну 310,2 ҳазор одам

таҳсил мекард. Теъдоди мактабҳои миёна ва касбӣ низ афзуд. Дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 43 адад мактаби миёна ва 13 адад мактабҳои олии техникӣ шумурда шуд, ки дар онҳо 110 ҳазор нафар донишҷӯён ва ҳунаромӯзон таҳсил намудаанд. Дар ҳамон сол 10 ҳазор нафар донишҷӯ мактабҳои олӣ ва 13,7 ҳазор нафар мактабҳои касбиро хатм кардаанд. Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ низ бештар гардид. Дар соли 1944 дар муассисаҳои томактабии ҷумҳурӣ 141,5 ҳазор бачагони сини аз 1 то 6 сола таҳти тарбияи ҷамъиятӣ қарор дода шуданд, ки ин 13,7% миқдори умумии кӯдакони ин синну солро дар бар мегирад. Дар тӯли ин солҳо шаклу мазмуни таъмин тағйир ёфт. Дар мактабҳои умумӣ бештар ба тарбияи касбӣ-меҳнатии хонандагон таваҷҷӯҳ дода мешуд. Қариб ҳамаи мактабҳо утоқҳои меҳнат (барои коркарди чӯб ва хонадорӣ) доштанд, ки бо таҷҳизоти махсус муҷаҳҳаз гардонда шуда буданд. Комбинатҳои таълимию истеҳсолӣ бошанд, талаботи идораҳоро ба назар гирифта, хонандагони синфҳои болоиро ба омӯзиши касбҳо ҷалб мекарданд ва мутобиқи фармоиши муассисаҳои базавӣ (аз ҳисоби моли хоми онҳо) маҳсулот бароварда ба худи онҳо медоданд. Дар мактабҳои деҳот техникаи хоҷагии қишлоқро меомӯхтанд, бригадаҳои талабагӣ оид ба пахтапарварӣ, боғдорӣ, ангурпарварӣ ва харгӯшпарварӣ ташкил карда мешуданд. Сохтмони мактабу муассисаҳои томактабӣ ба зиёд гардидани аҳолии бачагона вобаста буду базаи мактабҳои таълимӣ аз ин ҳисоб мустаҳкам мегардад. Теъдоди мактаб ва гурӯҳҳои рӯзашон давомдор меафзуд. Масъулияти кормандони раёсати маориф аз сатҳи поён ба боло зиёд мешуд. Мувофиқи натиҷаи ислоҳоти соҳаҳои маориф таҳия ва бозпурсии кадрҳои педагогӣ ва такмили ихтисоси онҳо хуб ба роҳ монда шуда буд. Дар тӯли ин солҳо миқдори муассисаҳои олии педагогӣ ва теъдоди донишомӯзонӣ ин соҳа якчанд маротиба афзоиш ёфта буд. Дар Курғонтеппа ва Хорӯғ Донишгоҳҳои Омӯзгорӣ ба фаъолият оғоз карда буданд. Таҳияи муттахассисии оид ба якчанд ихтисосҳои нав дар мактабҳои Олӣ ба роҳ монда шуда буд. Садҳо нафар тоҷикписарон ва духтарон дар донишкадаҳои Россия, Украина, Узбекистон, Қирғизистон таҳсили илм мекарданд. Ҳазорҳо нафар мутахассисони ҷумҳуриҳои ҳамсоя барои коркунӣ ба Тоҷикистон меомаданд ва масъалаи таъмини мактабҳо бо мутахассисии қариб ки пурра ҳалли худро пайдо карда буд. Мутаасифона, фақат дар як соли авали ҷанги шаҳрвандӣ (1992) ҷумҳуриро беш аз 100 ҳазор мутахассис тарк намуданд. Дар байни онҳо беҳтарин муаллимони мактабҳои миёна, олӣ ва касбӣ-техникӣ буданд. Дар баъзе аз мактабҳо акнун ҳатто муаллимони босавод намерасиданд. Сессияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳури Тоҷикистон даъвати XII-ум барои баланд бардоштани мақомоти иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ дар ҳаёти мамлакат роли муҳимро иҷро намуд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ҳамовозии ягона дар таърихи 6 ноябри с 1994 қабул карда шуд, ҳуқуқи шаҳрвандонро ба хондану омӯзиш муайян кардМоддаи 41. Ҳар кас ҳуқуқи дониш омӯхтанро дорад. Маълумоти умумии асосӣ маҷбурӣ аст. Давлат кафолати бепул маълумоти асосии миёнаро дар муассисаҳои давлатии донишомӯзӣ медиҳад. Ҳар кас дар чорчӯбаи муайяннамудаи қонун метавонад соҳиби маълумоти умумии миёна, ибтидоӣ, касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гардад.Яке аз нахустин қонунҳое, ки Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кард, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" буд. Дар он ҳамаи ҷабҳаҳои маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити давлати озод, демократии ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона буд.

Дар соли 1992 дар шаҳри Турсунзода бори аввал мактаби типи нав - литсей-интернати тоҷикӣ-туркӣ боз гардид. Дар солҳои 1995/96-соли таълими литсей-интернати Президентӣ барои фарзандони кӯдакони Ҷумҳурии Тоҷикистон созмон дода шуд, ки таҳти сарпарасти Президенти мамлакат қарор дорад. Дар холи ҳозир дар ҷумҳурӣ - 3731 адад мактаби умумӣ, ки дар онҳо 1,655 ҳазор нафар хонанда таҳсил менамоянд, вуҷуд доранд.Миқдори мактабҳои типи нав, гимназияҳо, литсейҳо ба 117 адад расидааст ва дар онҳо беш аз 50 ҳазор нафар хонанда таҳсил менамоянд.Дар раванди солҳои охир миқдори гимназияҳо ва лисейҳои ғайридавлатӣ ба 43 адад (10 мактаб) 29 гимназия, 14 литсей) расид. Дар онҳо 18918 хонанда таҳсил мекунанд. Бо ҳамкории Бонки Умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд ва бонки исломии Рушд, Фонди ОПЕК ва дигар ташкилотҳои хориҷӣ китобҳои дарсӣ, маводҳои таълими нашр гардида, сохтмони 43 мактаби нотамом монда

ба анҷом расид. Дар биноҳои мактабҳои шаҳри Душанбе, ноҳияи Рӯдакӣ ва дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ таъмири пурра ба ҷо оварда шуд. Муасссисаҳои таълимӣ бо таҷҳизот ва маводҳои таълимӣ таъмин карда мешаванд. Бо мақсади таъмин намудани мактабҳои умуми таълимӣ бо муаллимон, қабули довталабон бо соҳаҳои омӯзгорӣ дар шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибона якчанд маротиба афзоиш дода шуд. Дар баъзе аз ноҳияҳо филиалҳои омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ боз карда шуданд. Ҳоло фақат дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ беш аз 100 ҳазор муаллим, дар мактабҳои олӣ 6056 мурабби, ки аз онҳо 1552 нафарашон дараҷаи илмии номзади илм, 314 нафарашон доктори илм, 1624 нафарашон - унвони дотсент ва профессорро доранд кор карда истодаанд.

Солҳои 1992–2010 дар миқёси ҷумҳурӣ зиёда аз 2000 бинои мактаб сохта ба истифода дода шудаанд. Дар ин давра ҳамкориҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои дуру наздики хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ густариш ёфт. Байни Вазорати маорифи ҶТ ва вазоратҳои маориф (ва илм)-и кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ созишномаю тафоҳумномаҳои зиёде оид ба ҳамкорӣ ба имзо расиданд. Маҳз тавассути ин ҳамкориҳо тайёр намудани кадрҳои болаёқат дар хориҷи кишвар ба роҳ монда шуд. Дар ин давра бо мақсади дастгирии ҷавонони болаёқат ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои соҳаҳои мухталифи ҷомеа бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» ва ба мақсади танзими қабули шаҳрвандони Тоҷикистон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» таъсис дода шуд. 19 ноябри соли 2013 Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд ва муқаррар гардид, ки вазифаҳои пешбурди сиёсати илм аз доираи ваколатҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шуда, ба Вазорати мазкур вогузор гарданд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 10 феврали соли 2014 Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ММТНПҶТ) таъсис дода шуд. Аз соли 2015, дар баробари МТТОК (донишгоҳу донишкадаҳо), муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) ба низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) ворид карда шуд, қабули донишҷӯён ба ин муассисаҳо (донишгоҳу донишкадаҳо) тавассути низоми мазкур амалӣ карда мешавад.

АДАБИЁТ

1. Арипов М.А. Некоторые сведения о состоянии народного образования в Таджикистане. -Душанбе, 1965, (на тадж.яз.).
2. Обидов И.О. История развития народного образования в Таджикской ССР (J917-1967 гг.). -Душанбе, 1968.
3. Р.И. Развитие таджикской образовательной школы. -Душанбе, 1962.
4. Насирова Р. Осуществление всеобщего начального обучения в Таджикистане (1941-1950 гг.). -Душанбе, 1992.
5. Додхудоева Н.М. Народное образование в Горно-Бадахшанской Автономной области Республики Таджикистан (1924-1995 гг.). -Душанбе, 1997.
6. Каримов М.Б. Развитие народного образования в районах Республиканского подчинения Таджикистана (1960-1980 гг.). -Душанбе, 1998.
7. Курбонзода Х. Развитие народного образования в Вахшской долине (1946-1960 гг.). -Душанбе, 1999.
8. Хусейн-заде М.О. Народное образование Республики Таджикистан в период сузеренитета (1991-2001 гг.). -Душанбе, 2002.

ҶОЙГОҲИ МАКТАБУ МАОРИФ ДАР ТАЪРИХИ ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Тоҷикон яке аз мардумони қадими Осиёи Марказӣ мебошанд, ки фарҳанги бостонӣ ва муассисаҳои таълиму тарбияи дар замони қадим ва ибтидои асрҳои миёна ташаккулёфта (дабистон, дабиристон ва ғайра) доштанд. Дар асрҳои миёна ин низоми таълиму тарбия дар шакли мактабу мадрасаҳо, ки барои омӯзонидани шариати ислом ва дигар улуми мутадовилаи вақт роиҷ буд, амал менамуданд. Дар мактабҳо таълими ибтидоӣ ва дар мадрасаҳо таълими миёна ва олӣ мавчуд буд. Маориф дар даврони шӯравӣ. Пас аз барпо шудани Ҳокимияти Шӯравӣ масоили маориф, омӯзишу парвариш, сохтмони мактабҳо, муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар мадди аввал қарор гирифтанд. Аз рӯзи аввали барпо гардидани сохти нав дар ин сарзамин ба масъалаи маориф ва низоми таълиму тарбия диққати махсус дода мешуд.

Калидвожаҳо: Маориф, Вазорати маориф, мактаб, Осиёи Марказӣ, фарҳанг, муассисаҳо, таълим, соҳа, омӯзондан.

МЕСТО ОБРАЗОВАНИЯ В ИСТОРИИ КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКИСКОГО НАРОДА

Таджики – один из древних народов Центральной Азии, которые имели древнюю культуру и учебные заведения, сформированные в древние времена и в начале средневековья. В Средние века эта система обучения и воспитания функционировала в виде школ и медресе, которая являлась основой обучения шариату ислама и другим ответственным научным сферам того времени. В школах начального образования и в медресе было установлено среднее и высшее образование. После создания Советской власти на первом месте были вопросы образования, обучения и воспитания, строительства школ, общеобразовательных учреждений. С первого дня создания нового строения на этой земле особое внимание было уделено вопросам образования и системы обучения и воспитания.

Ключевые слова: образование, Министерство образования, школа, Центральная Азия, культура, учреждение, образование, сектор, обучение.

PLACE OF EDUCATION IN THE CULTURAL HISTORY OF THE TAJIK PEOPLE

The Tajiks are one of the ancient peoples of Central Asia, who had an ancient culture and educational institutions formed in ancient times and in the early Middle Ages. In the Middle Ages, this system of education and training functioned in the form of schools and madrasas, which were the basis for teaching the Sharia of Islam and other important scientific fields of that time. Secondary and higher education was established in primary schools and madrasas. After the creation of the Soviet government, the issues of education, training and upbringing, the construction of schools and general education institutions were in the first place. From the first day of the creation of the new building on this land, special attention was paid to the issues of education and the system of education and upbringing.

Keywords: education, Ministry of Education, school, Central Asia, culture, institution, education, sector, training.

Сведения об авторе: ***Давлатзода Ф.Ф***. – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета философии.

Information about the author: ***Davlatzoda F.F***. – Tajik National University, master`s student of Faculty of Philosophy

ТАДҚИҚИ АМАЛИИ ХУСУСИЯТҲОИ СИННУСОЛИИ НУТҚ

Қаюмова М. Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масъалаи инкишофи нутқи кӯдакон дар ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим ва доимии фарҳанг ва ҷамъият мебошад. Аз ин рӯ, ҳалли он вазифаи рӯзмарраи психологҳо, сотсиологҳо ва педагогҳо мебошад. Кори магистрии мазкур ба тадқиқи инкишофи нутқи кӯдакон дар боғча ва оила равона шудааст, ки ба ҳаёти одамони синну соли гуногун таъсирбахш мебошад. Ин масъала дар тарбияи насли рӯҳан солим нақши муҳим мебозад. Кӯдаки хушгуфтору хушмуомила нишонаи ободӣ ва хушбахтии оила ва ҷомеа аст. Масъалаи омӯзиши инкишофи нутқи кӯдакон ҳамчун унсури пешрафти шахс ва ҷомеа дар илмҳои психология ва педагогика мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Чун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва тадқиқи амалии ин масъала ба таври васеъ ба роҳ монда нашудааст, мо дар кори худ бештар аз адабиётҳо ва натиҷаи тадқиқотҳое истифода бурдем, ки дар дохил ва хориҷи кишвар гузаронида шудаанд [4].

Дар адбиётҳои хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни тадқиқ ва ташхиси инкишофи нутқи кӯдакон ҳамчун унсури пешрафти шахс ва ҷомеа инъикос ёфтанд, ки барои шинос шудан бо хусусиятҳои психологии ин раванд мусоидат мекунанд. Бояд қайд кард, ки инкишофи нутқи кӯдак дар соли аввали ҳаёт ба калонсолон вобастагии калон дорад. Ҳар қадаре, ки калонсолон бо кӯдак ба муошироти нутқӣ бештар дохил шаванд, ҳамон қадар кӯдак ба нутқ кардан барвақт сар мекунад. Нутқи фаъоли кӯдак то 1,5 солагӣ суст инкишоф меёбад. Дар ин давраи синну солӣ захираи луғавии ӯ аз 30-40 калима то 100 калима расад ҳам, вале кӯдак аз онҳо кам истифода мебарад. Баъди 1,5 солагӣ нутқи кӯдак бо сурьат инкишоф меёбад, чунки ҳар як ашё ва ё ходисаҳоеро, ки ӯ мебинад, мешунавад, бо он амал карда шинос мешавад, дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, онҳо ном доранд, тарзи муносибаташон гуногун аст. Кӯдак кӯшиш мекунад, ки ном ва хусусияти ашёро дар нутқаш ифода кунад. Аввалин калимаҳои талаффуз кардаи кӯдак нодуруст бошад ҳам, минбаъд дар натиҷаи суръати инкишофи тези нутқ ин камбудиҳо бартараф мешаванд. Дар охири дусолагӣ захираи луғавии кӯдак ба 300 калима ва дар охири сесолагӣ аз 500 то 1500

калима мерасад. Зеро, баъди 1,5 солагӣ дар инкишофи нутқи кӯдак ҷаҳиш ва шароитҳои мусоид фароҳам меояд, ки онро давраи сензитивии тараққиёти нутқ меноманд [5, с.44-45]. Кӯдак аз 2-3 калимаҳои кутоҳ истифода бурда, хоҳишу талаботашро ба калонсолон мефаҳмонад. Дар охири соли сеюми ҳаёт аввалин сохти дурусти грамматикии нутқи кӯдак мушоҳида мешавад. Ҳар қадаре, ки захираи луғавии кӯдак бой гардад, ҳамон қадар барвақттар санъати нутқомузӣ ва нутқронии ӯ тезтар инкишоф меёбад. Бинобар ин, ба калонсолон зарур аст, ки барои инкишофи нутқи кӯдак шароитҳои лозимиро муҳайё созанд, захираи луғавии ӯро бо ном, ранг, шакл ва дигар хусусиятҳои ашёҳои нав бой гардонанд. Кӯдакони синни барвақти бачагӣ таносуби алоқаи байни калимаҳои талаффуз кардаашонро бо ашёи олами воқеъӣ муқоиса карда, каму беш ба маънои онҳо сарфаҳм мераванд, ки дар ин ҷода нақши калонсолон хеле калон аст. Зеро як мафҳум маъноҳои гуногунро дошта, дар нутқ; ба мавкеъ истифода бурданро талаб мекунад. Дар охири сесолагӣ кӯдак натанҳо калимаю ибораҳоро талаффуз карданро ёд мегирад, балки ба мазмуну моҳияти онҳо сарфаҳм мерафтагӣ мешавад. Бача мефаҳмад, ки қалам ашёи таълимӣ буда бо он дар руи коғаз амали навиштаи, расм кашидан иҷро карда мешавад. Кӯдак дар вақти бо калонсолон ба муошироти нутқӣ дохил шудан ба мазмуну моҳияти ҳодисаҳои бавуҷуд омада сарфаҳм меравад, ки ба фаъолияти маърифатӣ ва донистагириаш замина пайдо мешавад. Нутқи кӯдакони 1-2 сола ба нутқи калонсолон кам монандӣ дорад. Онҳо аз калимаҳое истифода мебаранд, ки дар нутқи калонсолон мушоҳида намешаванд, ва онро нутқи автономӣ меноманд. Нутқи автономӣ аввалан нутқи модару дояи кӯдак буда аз авлод ба авлод мегузарад ва барои кӯдак дастрас ва хос мебошад. Дар ҷараёни таълиму тарбия ва ёддиҳӣ дониш, таҷриба ва маҳорату малакаҳои кӯдак бой мегардад. Тарзи муоширатро аз ҳамсолону калонсолон меомӯзад. Калонсолон ва мураббия мунтазам миқдори супоришҳоро зиёд карда, аз вай иҷрои босифати онро талаб мекунанд. Шаклҳои нави муошират кӯдакон дар рафти машғулиятҳои кӯдакистон шакл гирифта мустаҳкам мегардад. Дар рафти машғулиятхо кӯдак дар бораи муҳити иҳотакарда, ҳодисаҳои табиат, ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ донишҳои нав гирифта, тасаввуроташ бой мегардад [2, с.11-12]. Мушоҳидаҳо ва тадқиқотҳои илмии солҳои охир собит месозанд, ки дараҷаи инкишофи нутқи кӯдакон ба синну солӣ онҳо мувофиқат намекунад. Дар нутқи кӯдакони ҳозира хатогиҳои зиёде мушоҳида шавад ҳам, вале онҳо хоҳиши ислоҳ кардани нутқашонро надоранд. Нутқашонро ба нақша дароварда наметавонанд. Яке аз сабабҳои ба нуқсони нутқи гирифторшавии кӯдакон мавқеи «хомушӣ» - ро ишғол кардани онҳо мебошад. Ҳатто вақте ки кӯдак хомушона телевизор тамошо мекунад, ин боиси косташавии нутқи кӯдак мешавад. Кӯдак на бояд аз 4 соат бештар дар як шабонарӯз телевизор тамошо кунад. Зеро, нутқи кӯдак дар давоми тамошои телевизор пассив мешавад. Барои инкишоф ёфтани нутқ кӯдак бояд фаъолона бо калонсолон ва ҳамсолон суханронӣ намояд. Бо истифода аз нақшаи тартибдодаамон, бо мақсади мушоҳида намудани инкишофи нутқи кӯдакон тадқиқотамонро дар кӯдакистони шаҳри Душанбе гузаронидем. Барои нишон додани ҷараёни инкишофи нутқи кӯдакон мо тасмим гирифтем, ки тадқиқоти худро дар моҳҳои сентябр ва октябри соли 2020 ва февралу марти соли 2021 гузаронем. Мувофиқи нақшаи мушоҳидаамон дар мадди аввал диққати мо ба масъалаи якум, яъне «Кӯдак дар бораи рӯйдод ё ҳодиса пайдарпаии амалҳоро риоя намуда, нақл карда метавонад» равона шуд. Натиҷаҳоро таҳлил намуда мо мебинем, ки дар ибтидои тадқиқот танҳо 14,2% кӯдакон тавонистанд, ки дар бораи рӯйдод ё ҳодиса пайдарпаии амалҳоро риоя намуда, нақл намоянд. Масалан, агар афсонаи «Бузаки ҷингилапо» - ро нақл кунад, аввал саршавии афсонаро, баъд мобайни афсонаро ва сипас охири афсонаро нақл мекунад. Баъди шаш моҳ дар боғча тарбия гирифтанашон, яъне дар қисмати дуюми тадқиқотамон моҳҳои январ ва феврали 2021 мо мушоҳида намудем, ки қисми бештари онҳо (56,8%) метавонистанд, ки дар бораи рӯйдод ё ҳодиса пайдарпаии амалҳоро риоя намуда, нақл намоянд. Масалан, агар афсонаи «бӯзаки ҷингилапо»-ро нақл кунад, аввал саршавии афсонаро, баъд мобайни афсонаро ва сипас охири афсонаро нақл мекунад.

Мувофиқи нақшаи мушоҳидаамон дар мадди дуюм диққати мо ба масъалаи навбатӣ, яъне «Нутқи кӯдак ба таври кофӣ гуногун аст (бо ҷумлаҳо сухан мекунад, шаклҳои

гуногуни грамматикиро истифода мебарад)» равона шуд. Натиҷаҳоро таҳлил намуда мо мебинем, ки дар ибтидои тадқиқот танҳо 21,4% нутқи кӯдакон ба таври кофӣ гуногун аст (бо ҷумлаҳо сухан мекунанд, шаклҳои гуногуни грамматикиро истифода мебаранд). Масалан, кӯдак чунин ҷумла мегӯяд: Ман дирӯз дар хонаи бобоям будам ва дар он ҷо бо гурбача бозӣ кардам. Баъди шаш моҳ дар боғча тарбия гирифтанашон, яъне дар қисмати дуюми тадқиқотамон моҳҳои январ ва феврали 2021 мо мушоҳида намудем, ки нутқи қисми бештари кӯдакон (50,3%) ба таври кофӣ гуногун аст (бо ҷумлаҳо сухан мекунанд, шаклҳои гуногуни грамматикиро истифода мебаранд). Масалан, кӯдак чунин ҷумла мегӯяд: Ман дирӯз дар хонаи бобоям будам ва дар он ҷо бо гурбача бозӣ кардам. Мувофиқи нақшаи мушоҳидаамон дар мадди дигар диққати мо ба масъалаи навбатӣ, яъне «Кӯдак ба саволҳо ва хоҳишҳо ҷавоб медиҳад, ба осонӣ мефаҳмад, ки ба ӯ чӣ гуфтан ва ба мусоҳиба ҳамроҳ мешавад» равона шуд. Натиҷаҳоро таҳлил намуда, мо мебинем, ки дар ибтидои тадқиқот 47,6% кӯдакон метавонистанд, ки ба саволҳо ва хоҳишҳо ҷавоб диҳанд, ба осонӣ мефаҳманд, ки ба онҳо чӣ гуфтан ва ба мусоҳиба ҳамроҳ мешаванд. Масалан, агар ба кӯдак ягон супориш диҳед, зуд мефаҳмад ва агар нафаҳмад, савол медиҳад. Баъди шаш моҳ дар боғча тарбия гирифтанашон, яъне дар қисмати дуюми тадқиқотамон моҳҳои январ ва феврали 2021 мо мушоҳида намудем, ки қисми бештари онҳо (63,5%) тавонистанд, ки ба саволҳо ва хоҳишҳо ҷавоб диҳанд, ба осонӣ фаҳманд, ки ба онҳо чӣ гуфтан ва ба мусоҳиба ҳамроҳ мешаванд. Масалан, агар ба кӯдак ягон супориш диҳед, зуд мефаҳмад ва агар нафаҳмад, савол медиҳад. Мувофиқи нақшаи мушоҳидаамон дар мадди дигар диққати мо ба масъалаи навбатӣ, яъне «Кӯдак дар бораи ягон чиз бо ёрии саволҳои гуногун, ки ба ҳамсуҳбат медиҳад, фаҳмида метавонад» равона шуд. Натиҷаҳоро таҳлил намуда, мо мебинем, ки дар ибтидои тадқиқот 44,1% кӯдакон барои фаҳмидани ягон чиз ба ҳамсуҳбат саволҳои гуногун медиҳанд. Масалан, кӯдак савол медиҳад: «Барои чӣ гург дастонашро бо орд сафед кард?». Баъди шаш моҳи дар боғча тарбия гирифтанашон, яъне дар қисмати дуюми тадқиқотамон моҳҳои январ ва феврали 2021 мо мушоҳида намудем, ки 66,8% кӯдакон барои фаҳмидани ягон чиз ба ҳамсуҳбат саволҳои гуногун медиҳанд. Масалан, кӯдак савол медиҳад: «Барои чӣ гург дастонашро бо орд сафед кард?». Мувофиқи нақшаи мушоҳидаамон дар мадди дигар диққати мо ба масъалаи навбатӣ, яъне «Кӯдак бо забони фаҳмо дар бораи хоҳишҳои худ гуфта метавонад» равона шуд. Натиҷаҳоро таҳлил намуда мо мебинем, ки дар ибтидои тадқиқот 34,6% кӯдакон бо забони фаҳмо дар бораи хоҳишҳои худ гуфта метавонанд. Масалан, кӯдак мегӯяд: ман ташна мондам, илтимос ба ман об диҳед. Баъди шаш моҳ дар боғча тарбия гирифтанашон, яъне дар қисмати дуюми тадқиқотамон моҳҳои январ ва феврали 2021 мо мушоҳида намудем, ки 60,1% кӯдакон бо забони фаҳмо дар бораи хоҳишҳои худ гуфта метавонанд. Масалан, кӯдак мегӯяд: ман ташна мондам, илтимос ба ман об диҳед.

Мувофиқи нақшаи мушоҳидаамон дар мадди дигар диққати мо ба масъалаи навбатӣ, яъне «Вақте, ки ба кӯдак чизеро мехонанд, ба ӯ писанд аст, ӯ бо майлу рағбат диққаташро ба муҳокимаи чизи хондашуда равона месозад» равона шуд. Натиҷаҳоро таҳлил намуда мо мебинем, ки дар ибтидои тадқиқот қисми ками мушоҳидашудагон, яъне 22,6% вақте ки ба кӯдак чизеро мехонанд, ба ӯ писанд аст, ӯ бо майлу рағбат диққаташро ба муҳокимаи чизи хондашуда равона месозад. Баъди шаш моҳ дар боғча тарбия гирифтанашон, яъне дар қисмати дуюми тадқиқотамон моҳҳои январ ва феврали 2021 мо мушоҳида намудем, ки қисми бештари мушоҳидашудагон, яъне 53,5% вақте, ки ба онҳо чизеро мехонанд, ба кӯдакон писанд аст, онҳо бо майлу рағбат диққаташро ба муҳокимаи чизи хондашуда равона месозанд. Мушоҳидаҳои мо ва таҳлили маводҳои бадастоварда нишон медиҳанд, ки дар давоми шаш моҳи тадқиқоти гузарондаи мо кӯдакони дар боғча тарбиягиранда аз нигоҳи нутқ инкишоф меёбанд, яъне фарзияи рисолаи магистрии мо «Ҷомеа қодир аст, ки нутқ ва муошират кӯдаконро омӯзаду инкишоф диҳад” тасдиқ гардид. Дар ҳақиқат, агар кӯдакони синну соли томактабӣ дар боғчаҳои кӯдакон дар зери тарбияи мутахассисони соҳибкасб қарор дошта бошанд, аз нигоҳи психологӣ онҳо инкишоф меёбанду ба фаъолияти мактабӣ бештар омода мегарданд. Барои боз ҳам хубтар инкишоф додани нутқи кӯдакон ба падару модар ва мураббияи кӯдакистон зарур аст, ки дар рафти муошироти нутқӣ бо кӯдакон талаботҳои зеринро ба инобат гиранд:

- камбудиҳои нутқи кӯдакро бартараф намуда, калимаю ибораҳоро дуруст, равшан ва фаҳмо талаффуз намоянд;

- нутқи маданӣ, босаводона, адабиро истифода баранд, зеро кӯдак тақлидкор асту чӣ тавре, ки овозҳоро мешунавад, ҳамон тавр ба хотир мегирад ва талаффуз мекунад;

- мазмуни нутқ ба дараҷаи инкишофи кӯдак, шавқу завқ, талабот ва таҷрибаи ӯ мувофиқ бошад;

- қобилияти нутққунӣ (суханронӣ) ва нутқи диологии кӯдаконро инкишоф диҳанд;

- захираи луғавиашонро дар рафти нақли афсона, ҳикоя, шиносоӣ бо муҳити иҳотакарда бой гардонанд.

АДАБИЁТ

1. Архипова И.А. Подготовка ребенка к школе. Екатеринбург, 2004.
2. Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010. - Душанбе, 2005.
3. Бурье Р.С., Година Г.Н. Учите детей трудиться. М.: Просвещение, 1983.
4. Божович Л.И. Личность и её формирование в детском возрасте. -М.: Просвещение, 1968.
5. Возрастная и педагогическая психология /Под. ред. А.В.Петровского. - М.: Просвещение, 1979.
6. Венгер Л., Л.С. Выготский и детская психология./ Дошкольное воспитание, № 9,1986. - 33-35 с.
7. Венгер Л. Мухина В.С. Психология. -М.: Просвещение, 1983.
8. Выготский Л.С. Мышление и речь. -М.: Просвещение, 1982.
9. Вопросы детской и педагогической психологии на ХУ111 международном конгрессе психологов. - М.: Просвещение, 1969.
10. Гуткина А.И. Психологическая готовность к школе. Питер, 2006.
11. Жинкин Н.И. Коммуникативная система человека и развитии речи в школе. - М.. 1969. - 104 с.
12. Смирнова Е. Ребенок у экрана // Дошкольное воспитание. - №7.-2002.- 112 с.

ТАДҚИҚИ АМАЛИИ ХУСУСИЯТҲОИ СИННУСОЛИИ НУТҚ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи зуҳуроти хусусиятҳои психологии инкишофи нутқи кӯдакон ва тадқиқи онҳо меравад. Қайд карда мешавад, ки масъалаи инкишофи нутқи кӯдакон дар ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим ва доимии фарҳанг ва ҷамъият мебошад. Мақолаи мазкур ба тадқиқи инкишофи нутқи кӯдакон дар оила ва боғча равона шудааст, ки ба ҳаёти оилавии одамони синну соли гуногуни ҷомеа таъсирбахш мебошад. Ин масъала дар тарбияи насли доною солим нақши муҳим мебозад. Масъалаи омӯзиши инкишофи нутқи кӯдакон ҳамчун унсури пешрафти шахс ва ҷомеа дар илмҳои психология ва педагогика мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Чун дар кишварамон омӯзиш ва тадқиқи амалии инкишофи нутқи кӯдакон ба таври васеъ ба роҳ монда нашудааст, мо дар кори худ бештар аз адабиётҳо ва натиҷаи тадқиқотҳое истифода бурдем, ки дар дохил ва хориҷи кишвар гузаронида шудаанд. Мушоҳидаҳои мо ва таҳлили маводҳои бадастоварда нишон медиҳанд, ки дар давоми шаш моҳи тадқиқоти гузарондаи мо инкишофи нутқи кӯдакон дар боғча тарбиягиранда инкишоф меёбанд, яъне фарзияи тадқиқоти мо «Ҷомеа қодир аст, ки нутқи кӯдаконро инкишоф диҳад” тасдиқ гардид.

Калидвожаҳо: тадқиқоти психологӣ, кӯдак, нутқ, боғча, оила, ташхис, тарбия, инкишоф.

ЭМПИРИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ВОЗРАСТНЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ РЕЧИ

В данной статьи речь идёт об эмпирическом исследовании развития речи детей. Отмечается, что проблема развития речи детей является одним из постоянных и важных в культуре и обществе. Данная статье направлена на эмпирическом исследовании развития речи детей в семье и обществе, так как данная проблема влияет на всех членов семьи и общества. Решение проблем развития речи детей способствует целенаправленному воспитанию подрастающего покаления. Так как проблема развития речи детей в нашей стране недостаточно изучена, мы в своем исследовании ориентировались на зарубежные литературы. Наши наблюдения и анализ полученных данных показывают, что в течении продолжения эмпирического исследования у детей воспитывающеся в детском саду более блогополучнее развивалась речь. Таким образом, мы пришли к выводу, что общество способна развивать речь детей. Если дети будут воспитываться под руководством профессиональных специалистов, тогда их речь становиться более развитым.

Ключевые слова: психологое исследование, ребенок, речь, семья, детский сад, диагностика, воспитания, развития.

EMPIRICAL STUDY OF AGE FEATURES OF SPEECH

In this article, we talked about an empirical study of the development of speech of children. It is noted that the problem of the development of speech of children is one of the constant and important in culture and society. This article is aimed at an empirical study of the development of speech of children in the family and society, since this problem affects all members of the family and society. Solving the problem of children's speech development contributes to the purposeful upbringing of younger tingling. Since the problem of children's speech development in our country is not sufficiently studied, we focused on foreign literature in our study. Our observations and analysis of the obtained data show that during

the continuation of empirical research, children raised in kindergarten developed speech more blogged. Thus, we came to the conclusion that society is able to develop the speech of children. If children are brought up under the guidance of professional specialists, then their speech will become more developed.

Keywords: psychological research, child, speech, family, kindergarten, diagnostics, upbringing, development.

Сведения об авторе: ***Каюмова Манижа Бахтиёровна*** – магистр второго курса факультета философии Таджикского национального университета. Телефон: **001 883 008**

Information about the student: ***Qayumova Manizha Bakhtiyorovna*** – second-year master`s student of Faculty of Philosophy of Tajik National University. Phone**: 001 883 008**

СТРЕСС ВА ХУСУСИЯТҲОИ ЗОҲИРШАВИИ ОН ДАР СИННИ НАВРАСӢ

Муминов О.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Инсон дар тӯли умри худ марҳилаҳои зиёдеро паси сар мекунад. Чи гуна гузаронидани ҳар яки ин марҳилаҳо барои гузаштан ба марҳилаи баъдӣ аҳамияти зиёд дорад. Бешубҳа, яке аз муҳимтарин марҳила дар зиндагии ҳар шахс давраи наврасӣ аст. Он давраест, ки ҳам наврас ва ҳам волидони ӯ бо мушкилотҳо ва нофаҳмиҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд. Барои бартараф кардани ин мушкилот наврасон ба кӯмаки волидони худ ва дигар калонсолон эҳтиёҷ доранд. Стресс - аксуламали ҷисмӣ ва равоние мебошад, ки ҳангоми бархӯрд бо мушкилот ба вуҷуд меояд. Вақте, ки шахс фикр ё ҳис кунад, ки аз уҳдаи коре намебарояд, эҳтимол дорад, ки стресс бардорад ва аломатҳои ҷисмониву равонӣ нишон медиҳад. Оила ва шароите, ки наврас дар хона онро таҷриба мекунад, метавонад омили бавуҷудоварандаи стресс бошад. Гоҳо низоъҳо ва нофаҳмиҳои оилавӣ, ба дунё омадани фарзанди нав, воқеъаҳои ногувор дар зиндагӣ, аз як шаҳр ба дигар шаҳр кӯч бастани оила ва ба дигар мактаб гузаштани наврас низ метавонанд дар наврас стрессро ба вуҷуд оваранд [12].

Стрессҳои дар асоси рақобати бо хоҳар ё бародар ва ҳамсолон дар ҷомеъа. Дар давраси наврасӣ, шахс нисбат ба муҳити атрофи худ ҳассосияти баланд нишон медиҳад. Гоҳо дар хона муносибати падару модар нисбати фарзандон дар наврас ҳисси рақобатро ба вуҷуд меорад, ки дар натиҷа ӯро дучори стресс мекунад ва гоҳо дар ҷомеа рақобати наврас бо дӯстон ва ҳамсолони худ сабаби ба вуҷуд омадани стресс мегардад. Давраи ба балоғатрасӣ, ки онро давраи гузариш низ мегӯянд, чи аз назари ҷисмӣ ва чӣ аз назари равонӣ метавонад барои наврас стрессовар бошад. Дар ин давра шахс ниҳоят кунҷкоб шуда, мехоҳад ҳама чиро донад. Ҳисси огоҳӣ нисбат ба вазъияти ҷисмонӣ, ҷинсият, ҳуввият низ бавуҷудоварандаи стресс дар наврас ҳастанд [11]. Наврасӣ давраи ҳассоси зиндагӣ аст ва дар ташаккули шахсият аҳамияти муҳим дорад. Давраи наврасӣ яке аз ҳассостарин ва ҳамчунин муҳимтарин нуқтаи зиндагии ҳар фард аст. Дар ин давра шахсият ва сабки зиндагии одамон зери таъсири омили зиёде қарор мегирад ва дигаргуниҳое дар он ба вуҷуд меояд, ки мумкин аст боиси эҳсоси нороҳатӣ ва сардаргумӣ ва дар натиҷа стресси наврас шавад, ба хусус агар волидон ва атрофиён аз тағйироти давраи наврасӣ огоҳии кофӣ надошта бошанд. Сатҳи стресс дар наврасон барои саломатии хонавода бисёр муҳим аст. Дар давраи наврасӣ саволҳои зиёде наврасро азоб медиҳанд, аз қабили: ман кистам?, Аз куҷо омадаам?, Ояндаи ман чӣ мешавад?, Оё дар донишгоҳ қабул мешуда бошам?, Оё кори хуб ёфта метавониста бошам?, Оё дар олимпиада мегузашта бошам? ва монанди инҳо [12]. Муддат ва дараҷаи азсаргузаронии стресс дар наврасдухтарон бо сабаби хусусиятҳои ҷисмонӣ ва нақшҳое, ки дар оянда анҷом медиҳад, аз писарҳо фарқкунанда аст. Пажӯҳишҳои зиёде, ки дар робита бо ҷинсият, дараҷаи стресс ва чигунагии хуруҷи он анҷом шудааст, нишон медиҳад, ки дар давраи наврасӣ духтарон аз писарон дида, бештар ба афсурдагӣ, изтироб ва стресс осебпазиртар ҳастанд. Стресс дар духтарон махсусиятҳои худро дорад. Маъмулан дар духтарон стресс нисбати писарон бештар аст, агарчи дар байни онҳо тафовути маънидоре вуҷуд надорад, аммо бо назардошти он, ки писарон назар ба духтарон тарсҳои худро

камтар зоҳир мекунанд, доир ба ин нукта баҳои аниқ додан ғайриимкон аст. Стресс бо назардошти он, ки як эҳсоси нохушоянд буда, аз ҳама муҳимтар манбаи он номуайянӣ аст, ба таври ногаҳонӣ ба вуҷуд меояд ва метавонад тағйироти зиёди равонӣ ва ҷисмонии зиёдеро дар наврасон ба вуҷуд оварад, аз ҷумла набудани эътимод ба худ, дармондагӣ ва шиддати физиологӣ. Вақте ки наврас аз стресси худ сухан мекунад, насиҳату панддиҳӣ зарур нест, балки ба суханони ӯ гӯш кардан ва ба баён кардани мушкилоти худ имконият додан лозим аст. Аз таҷрибаи худ нақл кардан мумкин аст, варзиш, мусиқӣ ва дигар фаъолиятҳои гуруҳӣ барои бартараф кардани стресс кумак мерасонанд. Ҳаргиз наврасро ба хотири стрессаш таҳқир кардан лозим нест [12]. Масъалаи стресс дар даҳсолаҳои охир яке аз мавзӯъҳои мубрами илми психология ва таҷрибаи ҷаҳонӣ гардидааст. Бо вуҷуди он, ки падидаи стресс аз оғози асри 20 омӯхта шуда истодааст, ихтилофҳо, мушкилиҳо дар таърифи мафҳум мавҷуд аст ва то замони имрӯза консепсияи ягонаи он коркард нашудааст [7].

Ба истилоҳи «стресс» як қатор масъалаҳои марбут ба пайдоиш, зоҳиршавӣ ва оқибатҳои таъсири муҳит, ихтилофҳо, масъалаҳои душвор ва масъулиятнок, ҳолатҳои хатарнок ва ғайраро муттаҳид мекунанд. Ҷанбаҳои гуногуни стресс предмети тадқиқот дар соҳаҳои психология, физиология, сотсиология, тиббӣ ва илмҳои дигар мебошанд [6]. Масъалаҳои асосие, ки ҳангоми омӯзиш ва муҳокимаи моҳияти стресси психологӣ ба вуҷуд меояд, ин мавҷуд набудани назарияи умумӣ, якҷониба будани далелҳо дар бораи хусусияти стресси психологӣ ва таъсири зараровари он ба шахс мебошад. Дар айни замон, бояд қайд кард, ки проблемаи стресс ҳамчун предмети тадқиқоти илмӣ бо дараҷаҳои мухталиф дар соҳаҳои гуногун аз ҷониби бисёре аз олимон коркард шудааст, ки масъалаҳои сабаби пайдоиш ва муайян кардани инкишофи стресс, зуҳуроти махсуси психологӣ - фардӣ, методҳои ченкунӣ, усулҳои пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои онро мавриди омӯзиш қарор додаанд [4].

Мафҳуми стресс (аз англ. stress- фишор, шиддат) аз ҷониби олими канадагӣ Ҳанс Селе ба илм ворид карда шудааст. Мувофиқи таърифи пешниҳоднамудаи ӯ, стресс - ин ҷавоби организм ба ҳар гуна талаботест, ки нисбати ӯ пешниҳод карда шудааст [10]. Ҳамин тавр, дар ҳаёти ҳаррӯза, мо одатан калимаи «стресс» -ро истифода мебарем, вале ҳар як шахс онро ба таври худ мефаҳмад. Ҳанс Селе мегӯяд, ки "стресс ин ҷавоби организм ба ҳар гуна талаботе мебошад, ки ба ӯ пешниҳод карда шудааст". Ба ақидаи ӯ стресс ин ҳама он чизест, ки муносибати организми инсонро бо муҳити атроф вайрон мекунад [1]. Аз ҷониби муаллифони гуногун минбаъд стресс ба таври мухталиф таъриф дода шудааст. Масалан, "Стресс - ин шиддати асабӣ - психологие мебошад, ки ҳамчун аксуламали мувофиқ ба таъсири фавқулшиддат ё ҳатто ифоданаёфта дар замони таъсир ё пас аз он ба вуҷуд меояд. Он ҷавоб ба вазъияти эмотсионалие мебошад, ки бо сафарбар кардани қувваи организм барои ҷустуҷӯи роҳи баромадан аз вазъияти мавҷуда алоқаманд аст" [5].

"Стресс ин ҳолати психикии барангезиши умумӣ, фишори психикӣ дар давоми фаъолияти меҳнатӣ, ҳолатҳои ғайриоддӣ ва вазъияти фавқулодда; аксуламали организм дар тағйирёбии хеле зуди шароити муҳит мебошад" [5]. Дар адабиёти илми муосир, истилоҳи «стресс» дар се самт истифода карда мешавад:

- аввалан, стресс метавонад аксуламали ҷисмонии организм ба талабот ё таъсири зараровар бошад.

- дуюм, стресс метавонад ба аксуламалҳои субъективӣ алоқаманд бошад, ва ин маънои онро дорад, ки он ҳолати психикии дохилии фишор ва барангезишро инъикос мекунад; Ин ҳолат ҳамчун ҳиссиёт шарҳ дода мешавад, аксуламали ҳимоявӣ ва протсесси бартараф кардан дар худи шахс рӯй медиҳад. Чунин равандҳо ба рушд ва такмили системаҳои функционалӣ кӯмак мерасонад, инчунин боиси фишори психикӣ мешавад;

- сеюм, мафҳуми стресс ҳар гуна омилҳо ё ҳодисаҳои берунаро ифода мекунад, ки боиси ба вуҷуд омадани шиддат ё барангезиш дар шахс мегардад. Дар айни замон, ба ин маънӣ истилоҳи «омили стрессӣ» истифода мешавад; [2]

Мафҳуми «омили стрессӣ» (стрессор) – ба таври анъанавӣ барои консепсияҳои гуногуни стресс ва ҳамчун сабаби вазъияти стрессӣ истифода карда мешавад. Бе фаҳмидани хусусиятҳои омилҳои стресс, фаҳмиши консептуалӣ оид ба механизмҳои рушд,

аксуламалҳои махсуси эмотсионалӣ ва рафтории стресс душвор аст. Дар стресси коммуникативӣ хусусияти омилҳо дар бисёр ҳолатҳо ба вазъи стресс - низоъ дар оила ё муноқишаи гурӯҳи таълимӣ, ҷавобдиҳӣ дар семинарҳо ё имтиҳон, ё ин ки иштирок дар маҷлиси дар доираи фаъолияти касбӣ буда, вобаста мебошад [3]. Дар умум, омилҳои стрессро метавон ба ду гурӯҳи калон ҷудо кард: стрессҳои объективӣ,м яъне тахмин карда мешавад, ки шароити объективии ҳозира ба пайдоиш ва инкишофи стресси коммуникативӣ таъсир мерасонад, масалан, маҳдудияти маълумоти коммуникативӣ барои идрок, маҳдудияти вақт барои баромад кардан. Омилҳои субъективӣ, ки ҳамчун хусусиятҳои инфиродӣ - шахсӣ баррасӣ карда мешаванд, ҳолати стрессро муайян мекунанд ва баҳо медиҳанд. Дар дараҷаи муайяни стресси коммуникативӣ ҷараёни муошират бевосита кушода мешавад, масалан, дар муошират яке аз шарикони коммуникатсия, дигаре индикатори муҳими ҳолати стресс мешавад. Чунин омилҳои стресс инҳоянд: номувофиқатӣ дар муошират, қатъ кардани гуфтугӯи яке аз шарикон, истифодаи калимаҳо ва мафҳумҳое, ки ба ҳамсӯҳбат маълум нестанд, иттилооти аз ҳад зиёд, ба муошират маҳрамона маҷбур кардан ва ғайра [6]. Ҳамзамон, зуҳуроти мустақили физиологӣ, психологӣ ва сотсиологӣ, ҳолати эмотсионалии стресс ба шумор меравад. Ин вазъият бо зиёдшавии фаъолияти физиологӣ ва равонӣ тавсиф меёбад. Дар ин ҳолат яке аз хусусиятҳои асосии стресс ноустувории шадид мебошад. Дар шароити мусоид, ин вазъият метавонад ба ҳолати беҳтарин ва дар шароити номусоид ба ҳолати шиддатнокии асабӣ-эмотсионалӣ, қобилияти пасти корӣ ва самарабахшии фаъолияти система ва узвҳо, ба талафоти захираҳои энергия табдил ёбад [9]. Ҳамин тариқ, стресс ҳамон вақт рӯй медиҳад, ки организм маҷбур мешавад ба шароити нав мутобиқ шавад, яъне стресс аз раванди мутобиқшавӣ ҷудонашаванда аст [10].

Эверил Ҷ. моҳияти ҳолати стрессро дар гум кардани назорат, яъне норасоии ҷавобии муносиб дар вазъияти мавҷуда арзёбӣ мекунад. П. Фресс пешниҳод мекунад, ки стрессро яке аз намудҳои махсуси ҳолати эмотсионалӣ баён кунем ва махсусан "ин мафҳумро дар робита бо вазъиятҳое, ки такрорӣ аст ва дар он ихтилофоти мутобиқсозӣ пайдо мешавад, истифода барем". Ю. Савенко стресси психикиро ҳамчун ҳолате дида мебарояд, ки “ҳангоми он шахсият дар шароите қарор дорад, ки барои худидоракунӣ монеа мавҷуд аст”. Бо сабаби набудани назарияи умумии стресс, таърифи умумиқабулшудаи он вуҷуд надорад. Бо назардошти вариантҳои гуногун, Н. Х. Ризви қайд намудааст: баъзан ин вазъият ба ҳолати изтироб таалуқ дорад, ки организм кӯшиш мекунад онро бартараф намояд ё кам кунад. Дар ин маврид, мафҳуми стресс аз ҳолатҳои ногувор, аз қабили изтиробнокӣ, дардҳои ночиз ва номувофиқатӣ зиёд фарқ намекунад. Стресс, инчунин ҳамчун аксуламали психологию рафторӣ дида баромада мешавад, ки нооромии ҳолати ботиниро инъикос ё хомӯш мекунад. Ҳамчунин, аксуламалҳои ҳимоявӣ аз стресс дар нишондиҳандаҳои гуногуни функсионалӣ, аз он ҷумла эмотсионалӣ, маърифатӣ ва рафторӣ мушоҳида карда шуданд. Стресс ҳамчун як чорабинӣ ё шароит дар муҳити ҷисмонӣ ё иҷтимоӣ тавсиф дода мешавад, ки ба қабули чораҳо барои пешгирӣ кардани ғазаб, қарор дар бораи бартарафсозӣ ё заифкунии шароитҳои таҳдидкунанда оварда мерасонад. Чунин мафҳумҳо ба монанди «стрессҳо» ба мафҳуми хатар, таҳдид, фишор, низоъ, фрустратсия ва вазъияти фавқулода монанд аст [8]. Дар илми муосири психология фарқияти байни мафҳуми «стресси физиологӣ» ва «стрессии психологӣ», ки аз ҷониби тадқиқотчии машҳур Р. Лазарус ҷорӣ карда шуда, мустаҳкам гардидааст. *Стресси физиологӣ* (берун аз консепсияи «синдроми умумии мутобиқшавӣ»-и Г. Селе) ҳолати ҳайвонот ва инсонҳо дар сатҳи физиологӣ зери таъсири чунин омилҳои стресс, ҳамчун машқҳои аз ҳад зиёд, ҳарорати баланд ё паст, омилҳои дард, мушкилоти нафаскашӣ ва ғ. ифода меёбад. *Стресси психологӣ* - шиддати аз ҳад баланди ҳолати психологӣ, ки метавонад ба ҳолат, рафтор ва фаъолияти инсонӣ дар таъсири омилҳои гуногуни стресс (иттилооти зиёд, ҳодисаҳои шадид, таҳдидҳо, номуайянӣ ва ғайра) таъсири амиқ ва манфӣ расонад.

Таъсири стресс ба шахс. Стрессе, ки дар синни наврасӣ аз сар гузаронида мешавад, метавонад ба аз нав барқароркунии ҷисмонии организми наврас ва ба тағйирёбии психикаи ӯ халал расонад.

1. Бадшавии саломатии ҷисмонӣ. Маълум аст, ки одамоне, ки дар давраи наврасӣ бо стресси психикӣ рӯ ба рӯ шудаанд, иммунитети онҳо заиф мешавад ва эҳтимол дорад, ки дар давраи камолот назар ба онҳое, ки давраи наврасиашон бомуваффақият буд, бештар ба бемориҳои ҷиддӣ гирифтор мешаванд.

2. Бемории равонӣ. Агар бо стресси наврасӣ муборизa бурда нашавад, он метавонад ба депрессия оварда расонад ва депрессия дар давраи гузариш метавонад хатари пайдо шудани тамоюлҳои худкушӣ дошта бошад.

Синни наврасӣ - мушкилтарин давраи синну солӣ дар ҳаёти инсонӣ мебошад. Ин вақте мебошад, ки ҳамаи ҳиссиётҳо пуршиддат мешаванд: агар муҳаббат бошад, пас ниҳоят зиёд; агар нафрат пайдо кунед, пас бо тамоми қаҳру ғазаб; агар дӯстӣ кунед, пас аз сидқи дил. Аз ин рӯ, ҳар гуна муноқишае, ки ночиз аст, метавонад ба навраси нозукдил тез таъсир расонад. Ин аст, ки стрессии наврасӣ - як падидаи хеле маъмул, қариб ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Стрессро метавон системаи мураккаби ҳамкории байни шахс ва муҳити атроф номид. Ҳар гуна таъсире, ки аз ҷониби шахс ҳамчун чизи нав қабул карда шудааст, фишорро ба амал меоварад. Вақте наврас бо мушкилоти зиёд дучор мешавад, таъсири манфии он ба ҳолати стресс оварда мерасонад. Инчунин, ба пайдошавии стресс мушкилоти хона мусоидат менамояд (муноқишаҳои оилавӣ, зӯроварӣ дар оила ва ғ.). Ҳамаи ин ба муносибати ӯ бо ҳамсолони худ ва муаллимон таъсир расонида, дар навбати худ боиси пайдошавии ҳолатҳои нав ба нав стрессӣ мегардад. Наврасӣ яке аз давраҳои мушкилтарини ҳаёти инсонӣ мебошад. Наврас хеле нозукдил мешавад ва аз ҳар гуна муноқиша метавонад садамаи рӯҳӣ гирад. Аз ин рӯ, стресси наврасӣ хеле бисёр дида мешавад. Кӯдакон ҳатто душвориҳои хурдтарини оиларо ба дил наздик мегиранд. Чи бояд гуфт аз чунин фоҷеаи оилавие, ки талоқ гирифтаанд. Аз сабаби аз ҳад зиёд ҳассос буданашон ва шубҳанокии зиёд, бештари наврасон, бе ягон асос, худро дар ҳама мушкилоти оилавӣ гунаҳкор меҳисобанд. Ба назарашон чунин менамояд, ки чизе дар онҳо нодуруст аст, бинобар ин, танҳо дар атрофи онҳо мушкилот вуҷуд дорад [11]. Вақте ки волидонашон онҳоро дарк намекунанд, вақте ки модар ва падари онҳо мунтазам низоъ мекунанд, вақте ки касе аз оилаи онҳо бемор аст, наврасон азоб мекашанд. Ҳамчунин, сабаби асосии стресс дар наврасон - ин шароити номусоиди зиндагӣ: волидони майзада, хонаҳои иҷоравӣ, ҳамсояҳои нофорам, минтақаи хатарнок, камбизоатӣ ва ғайра аст. Шароите, ки барои калонсолон маъмулӣ аст, барои наврасон дар мактаб мушкилиҳо рӯй медиҳанд, зеро сабабаш стресс аст. Сабаби андуҳи тӯлонӣ ва амиқ метавонад муноқиша бо муаллим ё ҳамсинфонаш бошад. Азбаски дар наврасӣ, муошират бо ҳамсолон аҳамияти калон дорад, мушкилот бо дӯстон барои наврасон хеле осебоваранд. Муноқиша бо дӯстон натанҳо ба шаклгирии стресс, балки ҳамчунин ба вайроншавии психикӣ ва ҳатто ба ташаккули зеҳният метавонад таъсир расонад. Стресс метавонад худро ба суратҳои мухталиф нишон диҳад. Албатта, бештари вақт намуди он ба сурати эмотсионалӣ ва ҷисмонӣ аст. Тарзи рафтори шахс низ стресси ӯро муайян мекунад. Таъсироти стрессӣ дар наврасон зиёд аст, қисме аз ин таъсирот чунин аст:

1. Мушкилоти эмотсионалӣ. Шахсони дучори стресс нороҳатанд ва эҳтимоли афсурдагӣ ба назар мерасад. Наврасон, ки стресс доранд мушавваш, гӯшагир, каҷахлоқ ва ошуфта ба назар мерасанд. Онҳо бо чизҳои содда асабонӣ ва барафрӯхта мешаванд. Пас, агар дидед навраси шумо бе ҳеҷ далел асабонӣ ва ошуфта мешавад бидонед ба эҳтимоли зиёд дучори стресс шудааст.

2. Мушкилоти ҷисмонӣ. Озори ҷисмонии стресс дар наврасон ба шакли хастагӣ, сардардӣ, саргиҷа, тапиши қалб ва камиштиҳои хуруҷ мекунад. Ё мумкин аст наврас тамоил ба фаъолиятҳои ҷисмонӣ ва варзиш нишон надиҳад.

3. Тағйироти рафторӣ. Эъломи стресс ба шакли тағйир дар одати хоб ва хӯрок намуд пайдо мекунад. Масалан, миқдори хоб ва хӯроки наврас бошиддат зиёд ё кам мешавад. Эҳтимоли ин ки стресс боиси шаклгирии одати асабӣ шавад низ вуҷуд дорад. Одате, ки беқарории наврасро дар хоидани нохунҳо, роҳ рафтан бо беқарорӣ ва мавриди дигар нишон медиҳад.

4. Мушкилоти маърифатӣ. Стресс дар наврасон метавонад баъзе аз тавоноиҳои шинохтиро низ таҳти таъсир қарор диҳад, мисол рӯи ҳофизаи онҳо асар гузорад. Гоҳе эҳсос мекунед навраси шумо анҷоми вазифаҳое ки дар хона ба уҳдаи ӯст пушти гӯш

меандозад ё дар анҷоми онҳо бедиққатӣ ба харҷ медиҳад, дар ҳоле ки ин фаромӯшӣ нишонаи таъсири стресс бар ҳофизаи ӯст. Сайри эъломи шинохтӣ шомили мавриди чун: парешонӣ дар диққат, нигариш ва дидгоҳи манфӣ ё ҳукми нодуруст ва иштибоҳ аст [11].

Мушкилоти дигари стрессӣ дар наврасон дар шакли боварӣ надоштан; тағйироти назаррас дар вазн; эҳсоси ноумедӣ ва бепаноҳӣ ва бепарвоӣ ба намуди ба зоҳирии худ буда метавонанд.

Баъзан вақт фарқияти байни ҳолати мӯътадили наврасӣ ва стрессро муайян кардан каме душвор мешавад. Дар ин вақт ташхиси стресс метавонад ба шумо кӯмак кунад. Дар назар доштан лозим аст, ки наврасро барои анҷоми ин тестҳо таҳти фишор қарор надиҳед. Мисол, барномаҳое тартиб бидиҳед, ки дар он тамоми аъзои хонавода дар ин ташхис ширкат кунанд.

Омор ва воқеиятҳо дар бораи стресси наврасон. Мувофиқи тадқиқотҳо беш аз 25%-и наврасон дар солҳои таҳсил дучори стресс мешаванд. Бар асоси пажӯҳишҳои анҷумани равоншиносии Амрико 31%-и наврасони америкоӣ ба хотири стресс дучори ғам ва афсурдагӣ ҳастанд. 59%- и наврасон мушкилӣ дар идораи вақтро омили асосии стресси худ медонанлд. 20%-и наврасон ба хотири стресс агрессивӣ ва асабонӣ ҳастанд. 35%-и наврасон дучори ихтилоли хоб дар шаб ва 23%-и дигар дучори беиштиҳоӣ аз стресс ҳастанд. Мушкилот ва тағйирот низ ба хотири стресс дар наврасон аст: 36% ба хастагӣ ва 32% ба сардардӣ ва 21% ба мушкилоти меъда дучор ҳастанд. Дар духтарон идроки симои зоҳирии хеш яке аз омилҳои асосии стресс аст. 68%-и духтарон ба хотири масъалаи марбут ба зоҳир ва чеҳра дучори стресс мешаванд, вале ин омор барои писарон ба 55% баробар аст. Дар 48%-и наврасони америкоӣ бозиҳои компютерӣ аввалин интихоб барои коҳиши стресс аст. 28%-и наврасон барои идораи стресси худ варзишҳои даставӣ анҷом медиҳанд.

Шояд ин оморҳо нишон медиҳанд, ки наврасон бо шиддат таҳти фишор ҳастанд, аммо равоншиносон мегӯянд, ки ин стресс натиҷаи водор кардани наврас ба корҳое аст, ки дар доираи майл ва алоқаҳои онҳо қарор намегирад. Дар хотир доштан лозим аст, ки тамоми ин тавсияҳо ба таври куллӣ наметавонанд стрессро аз байн бибаранд, балки танҳо ба идораи беҳтари он кӯмак хоҳанд кард. Ҳар қадар тавоноии уҳдакунии стресс дар наврасон беҳтар рушд кунад ва қувватнок шавад, ояндаи солимтар ва беҳтарро дар пеши худ хоҳанд дошт [1].

АДАБИЁТ

1. Ананьев Б.Г. Проблемы подросткового возраста / Б.Г. Ананьев. - К., 2001. – 452с.
2. Водопьянова, Н. Е. психодиагностика стресса/ Н. В. Водопьянова — СПб.: Практикум по психологии, 2009. — 131 с.
3. Готвальд, Ф. Т., Ховальд, В Аюрведа в бизнесе; система оздоровления личности, рабочего места, предприятия (перевод с немецкого) / Ф. Т. Готвальд, В. Ховальд — М.: Фаир-Пресс, 2000. — 146 с.
4. Грейс Крайг Психологическое развитие. Мастера психологии. Санкт-Петербург. 2000. – 34с.
5. Кон И.С. Психология ранней юности. М.,1989. – 48с.
6. Ладанов И. Управление стрессом. М.: Профиздат, 1989 Леонтьев А.Н. Деятельность. Сознание. Личность. М..1975. – 19-48 с.
7. Лазарус Р. Теория стресса и психофизиологические исследования стресса / Под ред. Л. Леви. - Л.: Медицина, 1970. – 112с
8. Линдеман Х. Аутогенная тренировка. М.: Физкультура и спорт, 1985. – 44с.
9. Психология индивидуальных различий / Под ред. Ю.Б.Гиппенрейтер и В.Я.Романова. – М.: ЧеРо, 2002
10. Психология личности. Учебное пособие /под ред. Проф. П. Н. Ермакова, проф. В. А. Лабунской, - М.: Эксмо, 2007. – 86с.
11. Щербатых Ю.В. Саморегуляция вегетативного гомеостаза при эмоциональном стрессе // Физиология человека, 2000, Т.26, №5, С.63
12. استرس مدیریت .فرخزاد الله حبیب :تهران -۲۰۰۵, صحفه- ۱۳۷
13. اظتراب نکته ۱۰۱ .اظیمی لیلای .ط :.-۲۰۰۹. صحفه- ۵۲

СТРЕСС ВА ХУСУСИЯТҲОИ ЗОҲИРШАВИИ ОН ДАР СИННИ НАВРАСӢ

Мақолаи мазкур фарогири яке аз мавзӯҳои муҳим ва аҳамиятнок - стресс ва хусусиятҳои зоҳиршавии он дар давраи наврасӣ мебошад. Дар мақола стресс, намудҳои он, омилҳои бавуҷудорандаи он ва таъсири он ба шахс шарҳ дода шудааст. Дар мақолаи мазкур инчунин сухан дар бораи синни наврасӣ, хусусиятҳои психологии он, хусусиятҳои зоҳиршавии стресс дар давраи наврасӣ ва нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба стресси наврасон меравад. Дар мақола қайд мешавад, ки сабаби асосии стресс дар наврасон - ин шароити номусоиди зиндагӣ: волидони майзада, хонаҳои иҷоравӣ, ҳамсояҳои нофорам, минтақаи хатарнок,

камбизоатӣ ва ғайра аст. Дар мақола инчунин оварда шудааст, ки вобаста ба омилҳои гуногун нишондиҳандаи азсаргузаронии стресс дар наврасон фарқ мекунад. Дар мақола ҳамчунин як қатор мушкилотҳо ба монанди мушкилотҳои эмотсионалӣ, ҷисмонӣ, рафторӣ ва маърифатӣ қайд карда шудааст, ки бо таъсироти стрессӣ дар давраи наврасӣ алоқаманданд мебошанд.

Калидвожаҳо: стресс, азсаргузаронии стресс, стрессорҳо, синни наврасӣ, балоғати ҷинсӣ, низоъ, стресси физиологӣ, стресси психологӣ.

СТРЕСС И ОСОБЕННОСТИ ЕГО ПРОЯВЛЕНИЯ В ПОДРОСТКОВОМ ВОЗРАСТЕ

В этой статье рассматривается одна из самых важных и значимых тем стресса и особенности его проявления в подростковом возрасте. В статье разъясняется сам стресс, его виды, факторы, способствующие его проявления, и его влияние на человека. В статье также обсуждается подростковый возраст, его психологические характеристики, особенности проявления стресса в подростковом возрасте, статистика проявления стресса среди подростков. В статье отмечается, что основными причинами проявления стресса среди подростков являются неблагоприятные бытовые условия: родители-алкоголики, съемные дома, неприятные соседи, опасные районы, бедность и так далее. В статье также отмечается, что степень подверженности подростков стрессу варьируется в зависимости от различных факторов. Также в статье перечисляется ряд проблем как эмоциональные, физические, поведенческие и когнитивные проблемы, которые связаны с влияниями стресса в подростковом возрасте.

Ключевые слова: стресс, переживание стресса, стрессоры, подростковый возраст, пубертат, конфликт, физиологический стресс, психологический стресс.

STRESS AND PECULARITIES OF ITS MANIFESTATION IN ADOLESCENCE

This article discusses one of the most important and significant topics - stress and the pecularities of its manifestation in adolescence. The article explains the stress itself, its species, factors contributing to its manifestations, and its influence on human. The article also discusses adolescence, its psychological characteristics, particularities of the manifestation of stress in adolescence, statistics of manifestation of stress among adolescents. The article notes that the main reasons for the manifestation of stress among adolescents are unfavorable household conditions: alcoholic parents, leaser homes, unpleasant neighbors, dangerous areas, poverty, and so on. The article also notes that the degree of susceptibility of adolescents to stress varies depending on various factors. Also, the article lists a number of problems as emotional, physical, behavioral and cognitive problems that are associated with the effects of stress in adolescence.

Keywords: stress, stress experience, stresssor, adolescent age, puberty, conflict, physiological stress, psychological stress.

Сведения об авторе: ***Муминов Одинахмад Джурахонович*** - магистр кафедры психологии, факультета философии Таджикского Национального Университета. **Адрес: Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **+992 919138500.** E-mail: **odinahmadmuminov1997@mail.ru**

Information about the author: ***Muminov Odinahmad Jurakhonovich*** **– master`s student of** Department of Psychology, Faculty of Philosophy, Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **+992 919138500**. E-mail: **odinahmadmuminov1997@mail.ru**

ИНТУИТСИЯ ҲАМЧУН ШАКЛИ МАХСУСИ МА ЪРИФАТ ДАР ТАЪРИХИ АФКОРИ ИЛМӢ-ФАЛСАФӢ ВА НАЗАРИЁТИ ИРФОНӢ

Назаралиев А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маърифат пеш аз ҳама фаъолияти мақсадноки инсон, ки барои омӯхтани олами атроф, худи инсон ва муносибати инсон бо олам, равона гардида, ҳамчун равандест, ки инсон иттилоотро дар бораи худ ва олам аввал ба даст меорад, сипас коркард мекунад ва ниҳоят истифода менамояд. Инчунин, маърифат протсеси баҳамтасиррасонии субъект (инсони алоҳида ё гурӯҳ) ва объект (олам дар маҷмӯъ) мебошад, ки боиси пайдо шудани дониши нав мегардад. Маърифати **интуитивӣ** да контексти осори фалсафӣ чандон масъалаи ҷадид ҳам нест, чунки дар Ҳинди Қадим ва Юнони Бостон аллакай назариётҳо оиди он мавҷуд буданд, танҳо баъзе фаҳмишҳои ғалат дар замони мо пайдо гаштаанд, ки боиси мубҳам кардани мавзуи мазкур барои мутолиакунандагон гардидааст. Равоншиносон ин шакли дарёфти донишро ниҳоят примитивӣ кунонида, дар адабиётҳо роҳҳои дастёб гаштан ва истифодаи он бо мақсадҳои гуногун *(масалан дар бозиҳои лотерея, бизнес ва г.)*, ҳатто китобҳои алоҳида бо унвонҳои «Интуиция в сфере бизнеса» руи чоп омадаанд, ки албатта то ҷое аз ҳақиқат дуранд. Маърифати интуитивӣ яке аз

мавзӯҳои ниҳоят мубрами ҳам фалсафа, ҳам равоншиносӣ ва ҳам таълимотҳои эзотерикист. Гарчанде тӯли зиёда аз ду ҳазор сол ин мавзӯъ бевосита ё бавосита аз ҷониби донишмандон мавриди баррасӣ қарор мегирад, то кунун ҷаззобият ва аҳамиятнокиашро аз даст надодааст. Ҳалли масъалаҳои баҳсбарангез атрофи мавзӯи мазкур қадами устуворе дар пешрафту ташаккулёбии илм ва умуман ҷаҳонбинии инсоният хоҳад буд. Аз мутолиаи адабиётҳои соҳаи таърихи фалсафа маълум шуд, ки масъала ҳанӯз дар осори тамаддуни ориёиҳои қадим, «Ведаҳо», мавриди таҳлил қарор гирифтааст ва минбаъд дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ бо тобишҳои мухталифа аз ҷониби орифон, файласуфон ва олимон бо дарназардошти ҷаҳонбинии эшон баррасӣ шудааст. Новобаста аз он, ки тӯли зиёда аз ду ҳазор сол ин масъала бевосита ё бавосита аз ҷониби орифон, мутасаввифон, файласуфон, олимон таҳлилу баррасӣ мегардад, аммо хеҷ мутафаккире нуқтаи ниҳоии ин баҳсҳои доманадорро нагузоштааст. Албатта, ҳануз ҳам оиди ҳалли ниҳоии ин мавзӯъ сухане гуфтан душвор аст, аммо аз тамоми назарияҳои марбут ба ин мавзуъ назарияи Ошо Бхагаван Шри Раджниш орифи шинохтаи қарни XX хело мутафовит аст. Номбурда мавзуъро аз дидгоҳи ирфонӣ-фалсафӣ таҳлил кардааст. Дигар корҳои илмӣ-фалсафие низ мавҷуданд, ки дар ин самт анҷом дода шудаанд, ба монанди: Асмус В.Ф. «Проблема интуиции в философии и математике (1965 г.)»; Бунге М. «Интуиция и наука (М. 1967 г.)»; Лосский Н.О. «Чувственная, интеллектуальная и мистическая интуиция (1938 г.)» ва дигарон. Мутаассифона, лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотие дастрас карда натавонистем, ки бо забони давлатӣ иншо шуда бошад ва махсус ба мавзӯи мазкур бахшида шуда бошад. Дар адабиёти муҳақиқони ватанӣ танҳо ишораҳои кӯтоҳ мавҷуданд, ки аз муҳтавои онҳо ба натиҷаи муайяне расидан хело душвор аст. Баррасии мавзуи мазкур аз чанд ҷихат зарурӣ аст:

а) мутаассифона чи тавре қайд кардем, то ҳанӯз сари ин мавзуъ ба забони давлатӣ рисолаи фарогир ё ақалан мухтасаре навишта нашудааст, танҳо ишорахои кучак мавҷуданд, ки аз муҳтавои онҳо сари хулосае омадан хело душвор аст. Аз ин рӯ, пешниҳоди маълумоти мухтасари таҳлилӣ-таърихӣ оиди мавзуи мазкур бо забони давлатӣ зарурист, то ин ки мутоликунанда аввал аз таърихи таҳлили мавзӯъ то андозае иттилоот пайдо намояд;

б) сонӣ, ин интегратсияи (муттаҳидсозии) назарияҳои ирфонӣ-фалсафӣ-илмӣ дар самти мавзӯи мазкур ва дар ин асно расидан ба як хулосаи умумӣ, устувор ва аз ҳама муҳим асосноккардашуда мебошад, то ки ин натиҷа ҷойи баҳсҳои доманадору баъзан берун аз манфиати илмӣ - методологиро гирад.

Аз таҳлилҳо маълум гардид, ки дар Шарқи Қадим махсусан Ҳинд дарёфти дониши интитивӣ бо таҷрибаи ирфонӣ (*мистическая практика*) сахт тавъам аст ва он воситаест барои маърифати дурусти Ҳақиқати Мутлақ, асрори аслии кулли коинот, инсон ё умуман ҳастӣ дар маҷмӯъ. Дар осори мутафаккирони Юнони Антиқа, ки онро бузургтарин мағзҳои башарият ба монанди Пифагор, Протагор, Гераклит, Эпикур, Суқрот, Афлотун, Арасту, Демокрит, Флутин ва дигарон муаррифӣ мекунанд ва таълимоти онҳо кулли соҳаҳои ҳаёт, аз материализми соддалавҳона сар карда то бузургтарин консепсияҳои метафизикиро фаро гирифтаанд. Ногузир, ки мавзӯи дарёфти дониши интуитивиро низ сарфи назар накардаанд ва маҳз дар Юнони Бостон аввалин бор Афлотун, инчунин шогирдаш Арасту кӯшиш намуданд, ки дарёфти дониши интуитивиро на ҳамчун падидаи ғайризеҳнӣ ё рӯҳонӣ ба монанди таълимотҳои Шарқи Қадим, балки онро ҳамчун нуқтаи кулминатсионии инкишофи зеҳнӣ маънидод намоянд, ки минбаъд дар таълимотҳои донишмандони аврупоӣ (Декарт, Спиноза, Лебнитс, Кант ва диг.) бо истилоҳи интуитсияи зеҳнӣ (*интеллектуалная интуиция*) дучор мешаванд. Мутафаккирони замони Нав маърифати ақлӣ ва интуитивиро муқобили ҳам қарор намедиҳанд, балки талош доранд то ҳамбастагии наздики онҳоро нишон диҳанд, монанди Декарт асосгузори равияи *«ратсионализми картезианӣ»*, ки интуитсияро дараҷаи олии маърифати ақлӣ-декдуктивӣ меҳисобид. Баръакс, дар садаи бистум «интуитивизм» ба ҳайси як равияи муқобили ратсионализм баромад мекард ва ба танқиди ақли инсон, методологияи маърифати ақлӣ, имкониятҳои илм ва дастгоҳи мантиқӣ машғул гардид. Проблемаи интуинтсия дар асри 17 дар ҳамбастагии зич бо улуми дақиқ, махсусан илми риёзӣ баррасӣ мегардид, зеро аввал: таваҷҷуҳи шореҳони ин даврараро беш аз ҳама асосҳои аксиоматикии ин илм ба худ ҷалб

мекард ва сонӣ: машҳуртарин шореҳони масъалаи мазкур дар ин давра, Декарт, Локк, Спиноза, Лейбнитс мутахассисони забардасти ҳамин соҳа (*математика*), буданд. Мувофиқи назарияи пешниҳоднамудаи ин мутафаккирон, миқдори ниҳоят зиёди натиҷаҳои аниқи математикӣ хусусияти бавостаро доро мебошанд, яъне онҳо ба василаи фактҳо ва таҷриба ба даст омадаанд. Ин тарзи натиҷагирӣ теоремавист, *аммо агар мо самти тафаккурро назорат намоем, дар ин ҳолат он аз натиҷаи теоремаи охирин ба қаблӣ ва аз он ба теоремаи пешинаи дигар ва ҳамин тариқ наметавонад шумораи теоремаҳо беохир бошад. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки сарогози ҳамаи теоремаҳо бояд аксиома бошад, яъне тасдиқоте, ки бидуни исботи амалӣ-таҷрибавӣ дурустиаш қабул карда мешавад, пас хулосаи нисбӣ баровардан мумкин аст, ки риёзиёт асоси бевосита ё аксиоматикӣ дорад. Ин асоси бевосита боиси ба вуҷуд омадани назария оиди донишҳои интуитивӣ гардид.* Шарҳе, ки **Декарт** оиди дониши интуитивӣ дод на фақат аз фаҳмиши ирфонии шарқӣ фарқ мекард, балки бо он амудан муқобил буд. Декарт дониши интуитивиро зинаи олии дониши ақлӣ *(ратсионалистӣ*, медонист, илова бар ин онро бо дедуксия сахт алоқаманд мекард яъне худи раванди дониши ақлӣ *(дедуксия)* ҳамчун зинаҳоеро мемонад, ки ниҳояти он, дараҷаи олии он интуитсия аст ва дар ин зина ҳақиқати ашё ё ҳодиса бевосита маърифат мешавад. Маърифати интуитивӣ, ба андешаи Декарт, моҳияти ашёву ҳодисаро чунон равшан инъикос менамояд, ки ҳеҷ шубҳае дар мавриди он боқӣ нахоҳад монд. Назарияи Декарт оиди дониши интуитивӣ, бо фаҳмиши ирфонии шарқӣ аз он ҷихат зид аст, ки аввал:

-Декарт интуитсияро шакли мустақили маърифат надониста, балки онро давоми дедуксия меҳисобад. Ҳоло он ки дар фаҳмиши ирфонӣ он ҳамчун шакли мустақили маърифат аст ва болотару боэътимодтар аз ақл;

- дуввум, дар ақидаи худи Декарт зиддияти нозуке эҳсос мешавад. Яъне, Декарт шубҳаро дар мавриди аввал роҳи асосии пешрафти илм меҳисобад, дар баробари ин пайвастагии зичи онро бо ақл (интеллект) таъкид менамояд *«шубҳа сояи ақл. Декарт»*. Зиддият ин ҷо дар он эҳсос мешавад, ки агар шубҳа ҳамеша бо ақл дар пайвастагии зич бошад ва дониши интуитивӣ низ зинаи олии дониши ақлӣ бошад, пас чи гуна наметавон ба натиҷаи он шубҳа кард?

Готфрид Лейбнитс ҳамчун намояндаи плюрализми идеалистӣ бар хилофи ақидаи Декарт доир ба масъалаи донишии интуитивӣ, худкифоятӣ ва шафофияти натиҷаи дониши интуитивиро қабул надорад ва онҳоро аломатҳои асосии ин шакли маърифат намеҳисобад. Дар мавриди дониши интуитивӣ мо маҷмуан дар бораи аломатҳо ва хусусияҳои объект маълумот пайдо мекунем, мегуяд Лейбнитс. Аммо Лейбнитс низ ҷонибдори назарияи интуитсияи ақлист *(интеллектуальная интуиция),* чунончи худи ӯ мегӯяд: «Интуиитсияи ақлӣ ба монанди монадаи (ҷони) тамоми далелҳои ақлист, ки дар шуури субъект ҷой доранд ва он шакли олии маърифат буда, барои мо имкон медиҳад, то ҳақиқати барои хирад дастрасбударо дарк намоем». Ба андешаи Лейбнитс аломат ё хусусияти асосии ҳақиқат ин принсипи мувофиқат аст ва мувофиқати комил яъне мувофиқати тасаввурот ё дониши субъект ба худи объектро мутафаккир хоси дарачаи интуитивии маърифат мехисобад. Тасаввуроти субъекти маърифаткунанда бояд комилан бо объекти маърифатшуда мувофиқ ояд. Яъне агар дар шакли хулосавӣ баён намоем, ба андешаи Лейбнитс: *маърифати интуитивӣ, ин маҷмуан фарогирии тамоми хусусиятҳо, аломатҳо ва паҳлуҳои объекти дилхоҳ аз ҷониби субъекти маърифаткунанда, бар замми ин мувофиқати комили тасаввуроту дониши мо бо худи объект мебошад.* Аз оғози замони Нав то давраи **Иммануил Кант** омузиши қонунҳои тафаккури инсон ҳамчун предмети асосӣ ва афзалиятноки таҳқиқотҳои фалсафӣ ба ҳисоб мерафт, зеро мутафаккирони ба монанди Декарт, Локк, Лейбнитс ва диг. чунин меҳисобиданд, ки агар мо қонуниятҳои фаъолияти тафаккури инсонро дуруст дарк накунем пас наметавонем қонунҳои табиат, таърих, дин ва ба монанди инҳоро низ дуруст дарк карда бошем. Файласуфони замони Нав нерумандӣ ва беинтиҳоии имкониятҳои ақли инсонро беш аз пеш таъкид мекарданд ва чунин андеша доштанд, ки дигар қонуниятҳо маҳз аз қонуниятҳои ақл ё хирад сарчашма мегиранд. Яъне, инсон бо такя бар ақли худ метавонад асосҳои дин ё умуман эътиқодот, озодӣ, принсипҳои некию бадӣ, қонуниятҳои таърих ва ғайраро дуруст дарк намояд. Ин андешаи мустаҳкаме буд дар ниҳоди ратсионалистони замони Нав, яъне ба дараҷаи беинтиҳоӣ расонидани

неъруи ақли инсон ва дар ин партав албатта, ки худи инсонро низ ҳамчунин. Аммо ин фаҳмиш, ки тоза доираҳои илмиро бо як суръати баланд саргарм мекард, баъди начандон фурсати дарозе ба зарбаи амиқу дардноке аз тарафи донишманди бузурги ҷаҳонӣ, асосгузори фалсафаи классикии немис, Иммануил Кант гирифтор гардид. Проблемаи меҳварии фалсафаи Кант маърифат, ё аниқтараш қобилятҳои маърифатии инсон ба шумор меравад. Бо пешниҳоди ақида оиди *«сарҳади хиради инсонӣ»*, у дар фаҳмиши қаблии ин масъала як гардиши бузург, ё як инқилоб ворид намуд, гарчанде ақидаи Иммануил Кант оиди нокифоягии тавоноӣ ва неъруи хиради инсон дар ҳаллаи як зумра проблемаҳо сухани ҷадид дар фалсафа набуд, зеро он ҳатто дар қадимтарин консепсияҳои динӣ-фалсафии Ведоӣ *(нимаи ҳазораи дуюми пеш аз милод)* мушоҳида мешавад, аммо ақидаи Кант дар замони худаш, дар шароите, ки фалсафаи ратсионалистӣ ҳукфармо буд ва ақл ҳамчун қулла *(пик)* ё меъёри ҳама гуна донишу фаҳмиш ҳисобида мешуд, воқеан инқилобӣ буд. Дар масъалаи маърифати бевосита ё худ маърифати интуитивӣ Кант аз қолаби фалсафаи ратсионалистӣ то андозае дур меравад. Ба андешаи ӯ ақл ва умуман хиради инсон дар маҷмуъ қобилияти дарки бевоситаро надоранд, аммо ин андеша маънои онро надорад, ки Кант шакли интуитивии маърифатро инкор мекард. Кант маърифати интуитивиро дар шакли ҳиссӣ қоил буд ва зиддияти ӯ низ бо чеҳраҳои бузурги ратсионализми Ғарб, ба монанди Декарт, Спиноза, Лебнитс ва дигарон маҳз дар ҳамин буд, ки интуитсияи зеҳниро инкор ва ба ҷойи он интуитсияи ҳиссиро (чувсвтвенная интуиция) қабул дошт ва нақши онро дар риёзиёт исбот намуд.

АДАБИЁТ

1. А.Н. Чанышев. Философия древнего мира. Москва -«Высшая школа», 2003 г.
2. Баҳоуддини Валад. Маориф. -Теҳрон (қисми 2).
3. Девид Майерс. Интуиция. (электронная версия: pdf).
4. Джохадзе Д.В. Основные этапы развития античной философии. Москва. 1997 г.
5. Мавлоно Чалолиддини Муҳаммад Мавлавии Румӣ. Девони Шамси Табрезӣ. -Кобул, 1363ҳ.
6. Ошо Раджниш. Интуиция. (Перевод с англ.), Изд. «ВЕСЬ». 2002 г.
7. С.Радхакришнан. Индийская философия, т-1. Перевод с английского. –М., 1956 г.
8. Суҳравардӣ Шаҳобуддин Яҳё. Маҷмӯи мусаннифоти дуюми Шайхи Ишроқ. -Теҳрон, 1396ҳ.
9. Степянц М.Т. Восточные философии. –М: Культура. 2011 г.

ИНТУИТСИЯ ҲАМЧУН ШАКЛИ МАҲСУСИ МАЪРИФАТ ДАР ТАЪРИХИ АФКОРИ ИЛМӢ-ФАЛСАФӢ ВА НАЗАРИЁТИ ИРФОНӢ

Дар мақола сухан оиди яке аз проблемаҳои мубрами гносеологӣ, яъне маърифати интуитивӣ бо дарназардошти ақоиди фалсафӣ-илмӣ ва назариёти ирфонӣ меравад. Бояд тазаккур дод, ки масъалаи маърифати интуитивӣ дар таърихи фалсафа яке аз мубрамтарин мавзуҳо ба шумор рафта аз даврони қадим диққати донишмандони минтақаҳои гуногунро ба худ ҷалб намудааст. Шартан метавон гуфт, ки мутафаккирони қутби шарқӣ ин масъаларо дар ҳамбастагии зич бо ирфон ва таҷрибаи ботинӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд, аммо донишмандони ғарбӣ бошанд саъю талоши зиёде ба харҷ додаанд то паҳлуҳои ақлӣ-эмпирикии ин шакли маърифатро пайдо намоянд. Масъалаи маърифати интуитивиро бузургтарин донишмандоне чун Афлотун, Гераклит, Сукрот, Лаотсзӣ, Ибни Арабӣ, Суҳравардӣ, Мавлоно, Ҳаким Саноӣ, Гегел, Шопенгауэр, Нитсше, Кант, Бхагаван Раджнеш ва дигарон ба таври густарда мавриди баррасӣ қарор додаанд, ки андешаи онҳо дорои арзиши баланди илмӣ-фалсафӣ мебошад. Дар шароити кунунӣ низ масъалаи маърифати интуитивӣ актуалӣ боқӣ мемонад, зеро маҳз ҳамин давра беш аз ҳама суоли он ки “оё ақл ниҳоят ва нуқтаи кулминатсионии хирадӣ инсон аст?” –ро пешоруи мо қарор медиҳад.

Калидвожаҳо: маърифат, маърифатшиносӣ, хирад, ҳадс, зеҳн, ҳуш, инстинкт, ориф.

ИНТУИЦИЯ КАК ОСОБЫЙ ВИД ПОЗНАНИЯ В НАУЧНО-ФИЛОСОФСКОЙ ИСТОРИИ И ЭЗОТЕРИЧЕСКИХ ВОЗЗРЕНИЙ

В данной статье предусмотрено одна из наиболее актуальных проблем гносеологии, то есть интуитивный вид познания с учетом научно-философской мысли и эзотерических воззрений. Надо отметить, что тема интуиции является весьма популярной в научно-философских кругах и с древнейших времён до нынешнего времени привлекло к себе внимания многочисленных философов и учёных различных континентов. Условно можно сказать, что в восточной культуре данная тема смешается с эзотерическими воззрениями, а западные мыслители веками старались найти научно-рациональное объяснении этому столь таинственному виду познания. Тему интуиции затрагивали такие великие мыслители как Платон, Гераклит, Сократ, Лао-Цзы, Ибн Араби, Сухраварди, Джалолуддин Балхи, Санои, Гегель, Шопенгауэр, Ницше, Кант, Бхагаван Раджнеш и другие. В современном мире тема интуиции становиться всё более и более актуальной, потому что именно нынешние обстоятельства неоднократно ставить перед нами вопрос: «является ли интеллект пределом человеческого разума?».

Ключевые слова: познание, гносеология, интуиция, интеллект, рассудок, инстинкт, разум, просветленный, мудрый.

INTUITION AS A SPECIAL KIND OF KNOWLEDGE IN SCIENTIFIC AND PHILOSOPHICAL HISTORY AND ESOTERIC VIEWS

This article provides one of the most pressing problems of epistemology, that is, an intuitive type of cognition, taking into account scientific and philosophical thought and esoteric views. It should be noted that the topic of intuition is very popular in scientific and philosophical circles and from ancient times to the present time has attracted the attention of numerous philosophers and scientists from different continents. Conventionally, we can say that in Eastern culture this topic is mixed with esoteric views, and Western thinkers for centuries have tried to find a scientific and rational explanation for this so mysterious type of knowledge. The topic of intuition was touched upon by such great thinkers as Platon, Heraclitus, Socrates, Lao Tzu, Ibn Arabi, Suhrawardi, Jaloluddin Balkhi, Sanoi, Hegel, Schopenhauer, Nietzsche, Kant, Bhagavan Rajnesh and others. In the modern world, the topic of intuition is becoming more and more relevant, because it is the current circumstances that repeatedly raise the question before us: "Is intelligence the limit of the human mind?"

Keywords: cognition**,** epistemology, intuition, intelligence, reason, instinct, mind, enlightened, wise.

Сведения об авторе: ***Назаралиев Аким Айдаралиевич*** – магистр второго курса факультета философии ТНУ. Телефон: **+992 933 77 11 66**

Information about the author: ***Nazaraliev Akim Aidaralievich*** – second-year graduate student of the faculty of philosophical of TNU. Phone: **+992 933 77 11 66**

КИБЕРТЕРРОРИЗМ ҲАМЧУН ТАҲДИД БА АМНИЯТ

Олимшоев Н.К
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Кибертерроризм ин дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти дохилии технологияҳои иттилоотӣ, қасдан нест кардани барномаҳо ё маълумот дар компютер, расонидани зарар, халалдор кардани фаъолияти бахшҳои муҳими мақомоти давлатӣ, ҳаёти инсонро дар хатар, расонидани зарари моддӣ ё тарсонидани мардум, муноқишаҳои ҳарбӣ мебошад кӯшиши нест кардан аст. Сабаби дигари афзоиши сареъи кибертерроризм дар он аст, ки он нисбат ба амали террористие, ки бо ёрии аслиҳа ба амал оварда мешавад, арзонтар аст, ҳеҷ гуна амалиёти ҷангӣ, таркиш ва хунрезӣ нахоҳад шуд. Амалҳои хушунатомез бо истифода аз Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегиранд. Интернет суръат, сарфакорӣ ва ошкорбаёнии худро дорад, назорати заиф ё тамоман надоштан, ҳузури корбарон дар саросари ҷаҳон, паҳншавии босуръат ва арзон, қобилияти ташкили гурӯҳҳои ҳамфикр, номуайянии алоқа, нотавонии муайяни манбаи аслӣ, иншооти стратегӣ, созмонҳои низомӣ имкони дастрасии ғайриқонунӣ ба компютерҳо, қобилияти корбарии шабака созмонҳои террористиро ба худ ҷалб мекунад. Имрӯз терроризм дигар дар қаламрави як давлати мушаххас маҳдуд намешавад, ки дар он террористон пинҳон мешаванд ё қароргоҳи худро доранд. Онҳо аллакай ба ҷаҳони интернетӣ гузаштанд. Ташкилотҳои террористӣ технологияҳои навтарин ва интернетро азхуд карда истодаанд, то сафҳои худро васеъ ва ба ҳадафҳои худ расанд. Бо ин роҳ, илова бар пешниҳоди маълумот дар бораи фаъолиятҳои террористӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳо, паҳн кардани ғояҳо ва мафкураи онҳо ба мардум, огоҳӣ ва аз ҷиҳати равонӣ ба корбарони Интернет, ба воҳима афтодани мардум, ҷамъоварии маблағ барои дастгирии фаъолияти террористӣ, захролудшавӣ, маводи тарканда ва иттилоот дар бораи дастгоҳҳо ва технологияи истеҳсоли онҳо, ҷалби аъзои нав ба сафи ташкилоти террористӣ. Чунин амалҳоро вақте дида мешавад, ки аз ҷониби ташкилоти террористии ДИИШ моҳирона истифода карда шавад. Кибертерроризм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ дар шакли хеле мураккаб зоҳир мегардад ва бо доштани хусусиятҳои фарқкунандаи худ аз дигар навъҳои терроризм тафовути куллиро соҳиб гардидааст. Дар бештари адабиётҳои илмию назариявӣ дар хусуси навъҳо ва шаклҳои зоҳиршавии он ҳамчун падида баҳсҳои гуногуне мваҷуд ҳастанд. Аммо олимон дар бештари мавридҳо дар хусуси мавзуъи ба навъҳо ҷудо кардани

кибертерроризм ба як фикри том мерасанд. Дар бештари адабиётҳои илмӣ кибертерроризмро ба чанд навъ ҷудо намудаанд:

Терроризми иттилотӣ-психологӣ. Терроризми иттилоотӣ-психологӣ яке аз навъҳои асосии кибертерроризм ба шумор меравад. Ҷанбаи психологӣ дар ҳама давру замон терроризмро пайгир буд. Онро дар мадди аввал ба ҳайси воситаи таъсиррасонӣ ба шуури инсонҳо истифода мебаранд. Ба воситаи он одамонро ба тарсу ҳарос ва таҳлука оварда мерасонанд. Аз ин рӯ, олимон сатҳи таъсиррасонии психологиро дар нисбати дигар воситаҳои таъсиррасонии террористӣ баланд арзёбӣ намуда, онро дар навбати аввал мегузоранд. Бисёре аз донишмандони соҳаи сиёсат ташкилотҳоеро, ки хосияти динӣ, экстремистию террористӣ доранд ба ҳайси гуруҳҳои асосии терроризми иттилоотӣ-психологӣ шомил намудаанд [5,с.185]. Дар ҳоли ҳозир терроризми иттилоотӣ-психологӣ, ки амалу фаъолияти гуруҳҳои террористию ҷиноятиро инъикос дорад, дар ду шакл зоҳир мегардад.

1. Бавосита. Дар ин навъ кибертеррористон ба воситаи ВАО бо паҳн намудани ҳар гуна наворҳо, видеороликҳо, паҳн намудани маълумотҳо дар бораи аъзоёни гуруҳҳои террористӣ ба шуури одамон таъсири манфӣ расонида, онҳоро ба тарсу ҳароси доимӣ гирифтор мекунанд.
2. Бевосита. Гуруҳҳо ва созмонҳои террористӣ бевосита худашон веб-сомонаҳо, ВАО, радио ва шабакаҳои телевизиониро таъсис медиҳанд. Бо ин усул онҳо маҷмуи маводҳои ташвиқотию тарғиботии худро ба монанди паҳн намудани ҳар гуна ахборотҳои бардурӯғ, ки хусусияти зиддидавлатиро соҳиб гаштаанд, ҳақ баровардани амал ва кирдорҳои содирнамудаи террористии хеш, таҳти таъсири идеологии худ қарор додани мақомотҳои қудратию ҷамъиятиро пеш мебаранд [4,с.65]. Ногуфта намонад, ки ҳама гуна аъмолҳои ғайриинсонгаронаашонро дар тамоми сайтҳои интернетӣ нашр мекунанд.

Ба андешаи муҳаққиқон яке аз ҷанбаҳои дигари фаъолияти ВАО, ки барои истифодабарии террористон хеле қуллай ба шумор меравад, ин намоиш додани ҳар гуна наворҳои хусусияти террористӣ дошта ба шумор меравад. Нашр гардидани ҳар ҳолати террористӣ дар ВАО ва Шабакаи умумиҷаҳонии Интернет боиси пайдо гардидани аудиторияи зиёди тамошобинон дар сатҳи ҷаҳонро пайдо менамояд. Бе шакку шубҳа ВАО-и замони муосир барои маъруфтару машҳуртар гаштани терроризм хизмат намекунад. Аммо дар баъзе кишварҳо чунин шабакаҳое мавҷуданд, ки аз терроризм дастгирӣ мекунанд. Барои мисол яке аз сайтҳо созмони террорситии "Ҳизбуллоҳ" гуруҳи зиёди журналистонро барои ҳамкории бардавом даъват менамуданд [8]. 24-уми декбри соли 1994 дар Алҷазоир дар замоне, ки террорситон як ҳавопаймои мусофиркашониро мусодира намуда зиёда аз 200 касро ба гаравгон гирифта буданд, ҳукуматдорон дар он замон дар раванди гуфтушунид бо террористон бар ивази озод намудани гаравгонон пешниҳод баромад кардани террористон дар ин ё он васоити ахбориро намуда буданд. Террористон бошанд ба ин пешниҳод розӣ шуда, намояндагони шабакаи телевизионии CNN-ро ба ҳавопаймо даъват карда буданд [11]. Яке аз бузургтарин шабакаҳои террористӣ "Ҳизбуллоҳ" ба ҳисоб меравад. Аъзоёни ин созмон ҳатто дар интихоботи парламентии Лубнон иштирок намуда буданд. Мувофиқи ахборотҳои ВАО ин созмон дорои беморхонаҳо, мактабҳо ва боғчаҳои кӯдаконае мебошад, ки сатҳи хизматрасонӣ дар онҳо нисбати муассисаҳои давлатӣ чанд маротиба арзонтар мебошад. Инчунин, созмон шабакаи телевизионии "Ал-Манор" ва радиостансияи "Ал-Нур"-ро назорат намуда, дорои нашриётҳо ва веб-сайтҳои интернетии худ мебошад [7].

Терроризми информатсионӣ-технологӣ. Ин навъи терроризм аз ҳама хавфноктарин навъҳои он ба шумор меравад. Онро дар бештари мавридҳо ба таври дигар, яъне кибертерроризм низ ном мебаранд. Ҳатто аз соли 1930 сар карда, дар бораи ҳолати муқовимат ва хатару таҳдидкунии онро пешгӯӣ намуда буданд. Ҳамон сол дар Брюссел 3-юмин конфронси байналмиллалӣ бахшида ба мавзуъи ба тартиб даровардани низоми қонунгузорӣ дар робита ба масъалаи терроризми иттилотӣ-технологӣ баргузор гардид, ки объектҳои таҳдиди ин навъи терроризмро муайян намуданд. Дар он конфронс сатҳи таъсиррасонии кибертерроризмро соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба монанди истироҳати бе

муҳлат, фаъолияти бомароми саҳаи нақлиёт, воситаҳои муоширатӣ, фаъолияти мунтазами роҳҳои оҳан, телеграф, телефон, почта, дағалона вайрон намудани муҳаррикҳои гидровалӣ, чароғонкунӣ ва таъмин намудан бо қувваи барқ, воситаҳои гармидиҳӣ ва дигар масъалаҳои муҳим муайян карда шуданд [9]. Дар вақти мусодира намудани яке аз компютерони шабакаи террористии "Ал-Қоида" муайян гардид, ки компютери мазкур дар худ маълумотҳо дар бораи структура ва нақшаҳои асосии дамбаҳо, ки аз ҷониби муҳандисон ба тариқи Интернет ба онҳо ирсол карда шудааст, дарёфт гардида буд. Усулҳои корбурди кибертерроризм дар он замоне равшантар мегарданд, ки инсоният моҳияти аслии кибертерроризмро дарк карда тавонад. Чанд роҳи идора намудан ва рафъ кардани ин ё он таҳдиди электронӣ мавҷуданд:

1. Доштани иҷозатнома, раванди ташкил намудани интерфейси умумӣ, ки дорои сатҳи баланди муҳофизатӣ бошад. Дар баробари ин бояд дар сатҳи баланд иҷозатнома барои доштани ҳар гуна иттилоотҳои муҳим лозим аст;
2. Идора намудани ҳама гуна маълумотҳои чӣ роҳбарият ва чӣ дигар аъзоён;
3. Анализ намудани ҳама гуна сарчашмаҳо, ки ин боиси афзун гардидани донишҳои илмию иттилоотӣ гардида, мавқеъи мустаҳкамро ба вуҷуд меорад;

Аз ин рӯ, кибертеррористон дар бештари мавридҳо кӯшиш мекунанд, ки инфрасохторҳо ва барномаҳоеро мавриди ҳамла қарор диҳанд, ки системаи амниятии онҳо заифтар бошад. Дар соли 1998 кибертеррористон ширкати ҳиндиеро бо номи "Bhabha Atomic Research Center" мавриди ҳамла қарор дода, тамоми маълумотҳои электронии ширкатро тасарруф намуданд. Се террористе, ки шахсияташон то ҳоло номаълум боқӣ мемонад, ба воситаи мусоҳибаи интернетиашон изҳор намуданд, ки онҳо норизогии хешро ба ҳодисаи содиршудаи таркиши ядроӣ изҳор намудаанд. 9-уми июли соли 1997 роҳбари гуруҳи хакерони Чин изҳор дошт, ки ба таври муввақатӣ спутники чиниро маҳкам намудаанд. Ӯ қайд намуд, ки хакерон созмони нави умумиҷаҳониро таъсис додаанд, ки алайҳи сармоягузорӣ намудани амрикоиҳо ба Чинро маҳкум намуда таҳти танқиди шадид қарор доданд. Соли 1998 дар арафаи интихоботи парламентӣ дар Шветсия веб-сайти ҳизби сиёсии либералии Шветсия мавриди ҳамлаҳои киберӣ қарор гирифта буд. Дар сомонаи мазкур ҳизб ҳар гуна наворҳои порнографӣ паҳн гардида буданд. Худи ҳамон сол кибертеррористон ба сомонаи расмии ҳукумати Мексика ҳамла намуда норозигии худашонро дар зиёд гардидани ҳолатҳои коррупсионӣ дар ин кишвар баён намуданд [10]. Моҳи августи соли 2012 бузургтарин ширкати нафту газ истеҳсолкунандаи дунё Saudi Aramco мавриди ҳамлаҳои киберӣ қарор гирифт. Дар натиҷаи ин ҳуҷум зиёда аз 30 000 компютер аз кор монданд ва хисороти бузурги молиявиро ба ширкат расониданд.

Гуруҳҳои Хакерӣ. Ин намуди кибертеррористон аз ҷумлаи пешрафтатарин гуруҳҳое мебошанд, ки қариб ки тамоми вақти худро бо компютер сарф намуда, кӯшиш мекунанд, ки ин ё он норасогии системаҳоро дарёфт намоянд. Бисёре аз хакерон ба монанди Whitehat дар бештари мавридҳо нозукиҳо ва ҷойҳои нуқсдоштаро кофта, баъдан бо истеҳсолкунандагони он робита пайдо намуда, кӯшиш мекунанд, ки мушкилии ҷойдоштаро ҳал намоянд. Гуруҳи дигари хакерҳо бо номи Blackhat Hackers мебошанд, ки ба таври ғайриқонунӣ ба системаҳои компютерии дигар ворид шуда, бо мақсади расонидани зарар ба система ва манбаи маълумотҳо, дуздӣ кардани маълумотҳо ё тағйир додани онҳо дар система амали онҳо ба шумор меравад. Барои мисол метавон нишондодҳоеро пешниҳод кард, ки дар муддати солҳои охир аз ҷониби хакерон анҷом дода шудааст. Соли 2014 хакерон бузургтарин бонки Амрико "JPMorgan Chase"-ро мавриди ҳамла қарор дода, зиёда аз 7 миллион ҳисоботҳои бонкӣ ва 76 миллион ҳисоботҳои бонкии шахсиро тасарруф намудаанд. Бо рахна кардани системаи амниятии бонкҳо зиёда аз 90 компютер аз кор монда буд. Дар баробари ин дар соли 2014 маълумотҳои шахсии зиёда аз 145 миллион одам аз eBay (майдони байналмиллалии тиҷорат) дуздида шуд. Дар соли 2017 бошад барномаи таъминкунандаи зараррасони WannaCry дар тамоми дунё паҳн гардид, ки зиёда аз 76 давлати ҷаҳонро фаро гирифт [1].

Дар бештари мавридҳо онҳо кӯшиш мекунанд, ки аз ҳисоби ин амалҳои худ даромади пулии калон ба даст оранд.

Хактевистон. Ин раванди фаъолияти якҷояи хакерон ва муттахассисони соҳаи технология ба шумор меравад. Раванди фаъолияти онҳо бештар хосияти сиёсӣ касб намудааст. Онҳо оддатан кӯшиш менамоянд, ки рақибони худро аз ҳар ҷиҳата таҳдид намуда, сомонаҳо ва веб-сайтҳои онҳоро маҳкам намуда, усули ғайрииттилоотикунониро истифода баранд. Дар танҳоӣ ин амал бевосита ба масъалаи кибертерроризм рабт дошта, паёмадҳои ногувор ба монанди дуздию ғоратгариро дар пай дорад. Ин навъ гуруҳҳо метавонанд ба ҳайси захираҳои эҳтиётии созмонҳо ва шабакаҳои террористӣ бошанд.

Анонимус. Ин шабакаи муосирии ҷаҳониест, ки аз гуруҳи калони активистон ва хактивистон ташкил ёфтааст. Ин гуруҳ як қатор чорабиниҳои эътирозиро ба муқобили ширкатҳои бузурги технологӣ, марказҳои бузурги истеҳсолотӣ, студияҳои киносозӣ ва дигар ширкатҳо равона карда буд. Бисёре аз коршиносон “Анонимус”-ро ҳамчун муборизони озодии Интернет ё ҳамчун “Робин Гуди рақамӣ” арзёбӣ мекунанд. Аммо бархе аз корбарон онҳоро “кибер-партизанҳои анархистӣ”, “оммаи киберӣ” ё “кибертеррористон” ном мебаранд. Дар соли 2012 журнали амрикоии Time “Анонимус”-ро ба рӯйхати 100 шахсиятҳои таъсиррасони ҷаҳонӣ шомил намуд [3]. Дар бархе аз мавридҳои дигар ин навъ кибертеррористон дар раванди муборизаҳо алайҳи муҳосиракуниҳои иттилоотӣ, бомбаҳои электронӣ, веб-сайтҳо ва вирусҳо низ фаъолона ширкат менамоянд. Албатта, ки онҳо бо доштани ин ё он ҳадафи сиёсӣ ва ба хотир расидан ба он чунин амалҳоро анҷом медиҳанд.

Ҷиноятҳкорони компютерӣ. Ҷиноятҳкорон дарк карданд, ки бо истифода аз системаҳои компютерӣ онҳо метавонанд маблағи калонро ба даст оранд. Дуздӣ кардан ба тариқи компютер яке аз чунин навъҳои мавҷуда ба шумор меравад. Соли 2006 ҷиноятҳкорон коорпаратсия Майкла Блумбергро мавриди ҳамлаҳои киберӣ қарор дода аз ӯ маблағи 200 000$ ба хотири паҳн накардани тамоми маълумотҳои шахсиаш талаб намуданд. Ё ин ки рахна намудани системаи иттилоотии компютерҳои мақомотҳои давлатӣ бо мақсади ба даст овардани маблағи муфд. Мувофиқи оморҳои мавҷудаи Сбербонк ҳамасола Россия дар намтиҷаи содир гардидани ҳамлаҳои кибертеррористон бо миқдори зиёда аз 600 млрд. рубл хисороти моддӣ мебинад [6].Таҳдидҳо ба бозори молиявӣ асосан аз ҷониби гуруҳи калони ҷиноятҳкорон, ки бевосита ин амалашонро бо истифода аз компютер истифода мебаранд, анҷом дода мешаванд. Онҳо метавонанд бо истифода аз техника ва технологияи замони муосир аз дилхоҳ макони рӯйи замин ҳамлаҳои киберӣ анҷом диҳанд.

Ҷиноятҳкорони кироя. Ин навъи кибертеррористон метавонанд ҳам аз ҷониби давлат ва мақомотҳои он, ширкатҳои тиҷоратӣ ва ё шахсони алоҳида кироя карда шаванд. Мақсади асосии онҳо дарёфт ва ба даст овардани маълумотҳои корӣ ва иттилоотӣ, навъҳои гуногуни шартномаҳои басташуда, ё ин ки тамоми маводҳои хосияти сиррӣ дошта ва маҷмуи ахборотҳои илмию технологии коркардашуда ташкил медиҳанд.

Ҳуҷумкунандаҳо.(инсайдер). Гарчанде ки мутахассисони соҳаи итилоотӣ дар ҳама ҳолат кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки тамоми чораҳои заруриро баҳри таъмини амнияти системаи компютерии худашонро дида бошанд, ҳам инсайдерҳо дар ин ҳолат ҳам метавонад бе ягон мамоният бо доштани калиди ворид шудан ба тамоми системаҳои муҳофизатӣ онро таҳти ҳамла қарор диҳанд. Тамоми кормандони махсуси иттилоотӣ, ки аз ягон ҳолати мавҷуда норозигӣ баён мекунанд метавонанд ба ҳайси инсайдерҳо баромад кунанд. Онҳо дар ҳама ҳолат метавонанд бо террористон ҳамкорӣ намуда, ҳар гуна амалҳои террористиро содир намоянд.

Мушовирон. Дар амалияи ҷамъиятӣ як масъалаи дигаре ҳам мавҷуд аст, ки бисёре аз созмонҳо ва ташкилотҳо мушовиронро барои ба тартиб даровардани системаи компютериашон истифода мебаранд. Дар бисёри мавридҳо ин ҳолат боиси он мегардад, ки мушовирон тамоми нозукиҳои системаи мазкурро дониста дар лаҳзаҳои зарурӣ бо ҳар гуна гурӯҳҳои кибертеррористӣ ҳамкорӣ карда бошанд.

Террористон. Новобаста аз он, ки гуруҳҳои террористӣ то ҳоло ҳам ягон амали бузурги киберҳуҷумро анҷом надодаанд, ки ба ҷони одамон зараре расонида бошад, аммо

бархе аз коршиносон бар он ақидаанд, ки террористон ба он марҳила расида истодаанд, ки хатари истифода бурдани воситаҳои илмию технологӣ аз ҷониби онҳо то рафт баланд шуда истодааст. Онҳо метавонанд бо истифода аз техника ва технологияи замони муосир ягон амали террористиеро анҷом диҳанд, ки қурбонии зиёди одамонро ба бор оварад [2]. 26-уми апрели соли 2016 гуруҳи хакероне, ки аз созмонҳои террористӣ ҳифозат мекарданд, иброз доштанд, ки тамоми маълумотҳои шахсии кормандони департаменти давлатии Амрикоро ба даст овардаанд. Барои исботи гуфтаҳои худашон кибертеррористон чанд маводро нашр ва дар сомонаҳои интернетӣ паҳн намуданд. Дар сарлавҳаашон чунин навишта буданд, ки "Системаи иттилоотии шумо натавонист ҳуҷумҳои моро рад кунад. Мо бори дигар ҳам шумоёнро таҳти ҳамла қарор хоҳем дод". Ин амалро гуруҳе бо номи "Иттиҳоди киберхилофат" (United Cyber Caliphate) ба гардан гирифт. Ин ташкилот яке аз аввалинҳо дар худ сохтори алоҳидае сохт, ки мутахассисони машғули таблиғи ғояҳо ва ҳадафҳоро муттаҳид мекунад. Имрӯз 80% чунин маълумоте, ки дар Интернет паҳн мешавад, ба ташкилотҳои террористии дар Ховари Миёна амалкунанда тааллуқ дорад. Тибқи таҳлили иттилооти ВАО ва эътирофи қурбониён, аксари кӯшиши паҳн кардани ғояҳои радикалӣ ва ҷалб ба созмон дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз қабили Facebook, VKontakte, Twitter, Youtube анҷом дода мешаванд. Мо бояд ҳамеша аз ин хатар огоҳ бошем ва фарзандони худро аз таъсири онҳо муҳофизат кунем. Яке аз шабакаҳои маъмули паҳнамоӣ-иттилоотии интернетӣ ин шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки истифодабарандагони он миллиардҳо нафарро дар бар мегиранд. Шабакаи мазкур соли 1995 сохта шуда, вале расман солҳои 2003-2004 ба фаъолият шуруъ намуд. Бояд қайд намуд, ки сомонаҳои интернетӣ, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ силоҳи муҳими таъсиррасонӣ ба мафкураи одамон аст, ки онро наметавон бо чизи дигар муқоиса намуд. Дар шароити имрӯзаи ҷанги иттилоотӣ, ки дар як вақт ҳам хабари воқеӣ ва ҳам хабари дурӯғ аз ҷониби сомонаҳои интернетӣ, алалхусус шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мешавад, амнияти ҷомеаро зери хатар қарор медиҳад. Маълумоти бардурӯғ ё носаҳеҳ дар ҷанги иттилоотӣ истифода бурда мешавад. Маълумоти дурӯғ чунон устокорона истифода мешавад, ки ба ҳақиқат будани он шубҳа намемонад. Ба чунин маълумот истифодабарандагони интернет ҳангоми кор дар шабакаҳои иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Дар замони муосир бештари давлатҳо аз маълумоти бардурӯғ истифода мебаранд ва ба натиҷаҳои дилхоҳ ҳам мерасанд. Ҳамчунин, гуруҳҳои ифротӣ ва террористӣ аз ин фурсати муносиб истифода намуда, тавассути ин шабакаҳо ҷавононро ба созмонҳои худ ҷалаб намуда, ҳадафҳои нопоки худро амалӣ месозанд, ё ин ки онҳоро бо паҳн намудани хабарҳои бардурӯғ нисбати ҳокимияти кишвари хеш мухолиф месозанд. Яъне, фазои шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад мафкураи одамонро дар ғояҳои инсондӯстию ватанпарастӣ ва боз метавонад дар руҳияи ифротӣ тарбия созад. «Facebook» ва «Одноклассники» аз ҷумлаи бузургтарин ва маъмултарин шабакаҳои иҷтимоӣ буда, истифодабарандагонашон ҷомеаи ҷаҳонро фаро гирифтаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифобарандагони интернет хеле зиёд мебошанд. Тадқиқотҳои сотсиологӣ дар солҳои охир нишон доданд, ки истифодабарандагони сомонаҳои интернетӣ аз ҳисоби ҷавонон 33,3%-ро ташкил дода, аксари онҳо дар кор бо шабакаҳои иҷтимоӣ пайваст мебошанд ва 66,7%-и онҳо бошанд, ба он пайвастагӣ надоранд. Агар мо ба вақтҳои истифодабарии Интернет диққат диҳем, дар маҷмуъ, аз онҳо 53,5%-и истифодабарангони интернет дар қаламрави кишвар ҳаррӯза ба сомонаҳои интернетӣ, махсусан «Одноклассники» ва «Facebook» пайвастагӣ доранд, вале 46,5% ақаллан дар як ҳафта як бор ва ё ду бор ба интернет пайваст мешаванд. Тадқиқотҳои сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки аксари истифодабарандагон аз ҳисоби ҷавонони шаҳр мебошанд (яъне, 68,2% ҷавонони шаҳр ва 41,8% ҷавонони деҳот). Вобаста ба минтақаҳои истифодабарандагони интернет дар ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе 65%, ВМКБ - 50%, вилояти Суғд - 43%, НТМ - 33,5% ва вилояти Хатлон 14,3%-ро ташкил медиҳанд. Илова бар ин, дар соли 2019 аз ҷониби «Зеркало» тадқиқоти сотсиологӣ дар бораи «Кӣ ба чӣ дар Тоҷикистон бартарӣ медиҳад: тадқиқот оид ба афзалияти ВАО миёни аҳолӣ» гузаронида шуд. Натиҷаи тадқиқот нишон дод, ки бештари истифодабарандагони интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Youtube, «Одноклассники» ва Facebook фаъолтар мебошанд. Дар байни

сомонаҳои ватанӣ бошад, somon.tj, «Озодӣ» ва Asia-Plus сегонаи беҳтарин шинохта шуданд. Машҳуртарин паёмҳои интернетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон IMO ва Viber ба шумор мераванд. Истифодабарандагон ҳангоми кор дар интернет вақти худро дар ҷустуҷӯйи ҳар гуна маълумот, тамошои филму видеороликҳо, гӯш кардани мусиқиҳои гуногуни хориҷӣ, ҳар гуна бозиҳо ва қисми каме аз онҳо барои илмомӯзӣ ва таҳсилот сарф менамоянд. Маълум гардид, ки дар як рӯз 33,3%-и истифодабарандагони ҷавон 5,8 соат вақти худро беҳуда дар истифодаи интернет мегузаронанд, ки ин маънои на касбият ё шуғли ҳаррӯзаи онҳо, балки вобастагии онҳоро ба сомонаҳои интернетӣ дорад. Ба таври дигар гӯем, вобастагии ҷавононро ба сомонаҳои интернетӣ як навъи бемории руҳӣ ҳисобидан хато нест, зеро баъзе аз истифодабарандагон дар як рӯз зиёда 10 соат вақти худро дар кор бо интернет, махсусан дар шабакаҳои иҷтимоӣ мегузаронанд. Сол то сол истифодабарандагони «Одноклассники» ва «Facebook» дар минтақаҳои гунонгуни ҷумҳурӣ афзуда истодаанд, ки бо ҳар роҳу восита метавонад таъсири худро ба мафкураи ҷавонон расонад. Аз ин хотир, тадқиқоти ин масъала ҳамасола бамаврид ва зарурист, зеро дар Тоҷикистон аксари аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд ва табиист, ки масъалаи ҷавонон аз масъалаҳои аввалиндараҷа буда, он дар маркази сиёсати давлату ҳукумат қарор дорад. Ҷавҳари тадқиқоти мазкурро таҳлили муҳити шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook, «Одноклассники») ва таъсири он ба мафкураи одамон ташкил медиҳад, зеро имрӯз шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба як нерӯи бузурги татбиққунандаи мақсадҳои гуруҳҳои ифротӣ табдил ёфтаанд. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳон воситаи асосии таблиғи сиёсати давлатӣ шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд, зеро аксари аҳолӣ дастрасӣ ба онро доранд. Ҳар як кишвар метавонад онро ҳамчун силоҳи асосии таблиғи сиёсати давлатӣ дар самти ҷавонон истифода карда, ба ин васила ба ҳадафҳои гузоштаи худ ноил гардад. Аҳамияти он дар муайяннамоии таъсироти шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳаёти сиёсию идеологии ҷавонони кишвар мебошад. Ҳар рӯз дар миқёси ҷумҳурӣ ҳазорон ҷавон ба воситаи «Одноклассники», «Facebook», IMO, Viber ва амсоли инҳо дар гуфтугӯ, муайяннамоии вақти мулоқот, дарёфти ҳар гуна хабарҳо мебошанд. Имрӯз шабакаҳои иҷтимоӣ воситае гардидааст, ки гуруҳҳои манфиатҷӯ онро майдони иғвоангезии хеш қарор додаанд. Онро барои ҳимояи манфиатҳои худ мавриди истифода қарор медиҳанд. Инчунин, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ҷавононро ба гуруҳҳои экстремистию террористӣ ҷалб менамоянд, ки ин низ як таҳдиди ҷиддӣ барои ҳар як давлат, махсусан Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Воқеияти ин гуфтаҳоро мо солҳои гузашта ҳангоми шомил шудани як қатор ҷавононӣ гумроҳи тоҷик ба гуруҳҳои экстремистию террористии ба ном «Давлати исломӣ» мушоҳида намуда будем. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир муборизаро бар зидди шабакаҳои ичтимоӣ пурзӯртар намуда истодааст, ки хеле саривақтӣ ва бамавқеъ мебошад. Ба андешаи мо, ҷиҳати назорати ҷавонон дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва умуман баҳри таъмини амнияти иттилоотии кишвар хуб мешуд, ки мисли кишварҳои дигар сохторҳои дахлдори кишвари мо низ шабакаҳои иҷтимоии худӣ ё маҳаллиро ташкил намуда, бо додани имтиёзҳо ҷавонон тавонанд аз он истифода намоянд. Бо ин роҳ метавон ҷавононро дар ҷомеаи иттилоотӣ назорат намоем ва мафкураи онҳоро аз таъсири идеологияи бегона нигоҳ дорем.

Хулоса, дар шароити имрӯзаи ҷаҳон ба шаклгирии мафкураи ҷавонону наврасон паҳннамоии иттилоот тавассути ВАО ва сомонаҳои интернетӣ, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ нақши калидиро мебозад. Шабакаҳои иҷтимоӣ дар қатори дигар воситаҳои паҳнкунандаи иттилоот тавонистанд дар муҳлати хело кӯтоҳ ҷойгоҳи махсуси худро ёбанд.

АДАБИЁТ

1. Самых крупных хакерских атак в мир. [Электронный ресурс]. http://fb.ru/post/security/2017/3/22/11327. (дата обращения 08.04.2021).
2. Cyber Operations and Cyber Terrorism // Handbook. – 2005. – 15 Aug. – No. 1.02. – Threats For Leavenworth, 2005. [Электронный ресурс]. http://handle.dtic.mil/100.2/ADA439217. (дата обращения 10.04.2021)

3. Fantz, A. Who is Anonymous? Everyone and no one A. Fantz // CNN. – 2012. – 9 February. – Cable News Network, 2017. [Электронный ресурс]. http://edition.cnn.com/2012/02/09/world/anonymous-explainer/index. html, (дата обращения 08.04.2021).
4. Алексеев, О.Н. Международный терроризм и борьба с ним крупнейших государств тихоокеанского региона [Текст] / О.Н. Алексеев: дис. ... канд. политич. наук. – Владивосток, 2013. – С.65.
5. Астахова Л.В. Информационная безопасность: герменевтический подход / Л.В.Астахова. – М.: Изд-во РАН, 2010. – 185 с.
6. В России ежегодные убытки от кибератак составляют порядка 600 млрд рублей. [Электронный ресурс]. SecurityLab.ru. https://www.securitylab.ru/news/489902.php. (дата обращения 10.04.2021).
7. Движение «Хезболлах». [Электронный ресурс]. URL: http://ria.ru/spravka/20130610/942487146.html (дата обращения: 11.03.2021).
8. Как современные террористы используют Интернет. [Электронный ресурс]. URL: http://www.alphagroup.kz/ru/media-files/stati/39-kak-sovremennye-terroristy-ispolzujut-internet (дата обращения: 07.03.2021).
9. Касенова М.Б. Указ соч. [Электронный ресурс]. URL: http://www.center-bereg.ru/h31.html (дата обращения: 18.04.2021).
10. Международный научно-технический центр [Электронный ресурс]. МНТЦ. http://www.istc.int/ru.
11. Петров М.Н. Как уничтожить террористов. Действия штурмовых групп. [Электронный ресурс]. URL: http://coollib.com/b/266884 (дата обращения: 11.03.2021).

КИБЕРТЕРРОРИЗМ ҲАМЧУН ТАҲДИД БА АМНИЯТ

Дар мақолаи мазкур навъҳо ва шаклҳои кибертерроризм мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Кибертерроризм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ маҳсуб гардида, дар шакли таҳдид ба амнияти давлат, шахс, ширкатҳои бузурги молиявӣ, корхонаҳо ва дигар мақомотҳои муҳими стратегию давлатӣ зоҳир гардида, ба инсоният зарбаи калони моддӣ ва маънавӣ расонида, онҳоро дар тарсу ҳароси доимӣ қарор дода, психологияи сиёсии инсонҳоро вайрон намуда, боиси косташавии маданияти сиёсии одамон, хусусан ҷавонон мегардад. Дар мақолаи мазкур аз методи диалектикӣ ҳамчун методи умумиилме, ки имкони омӯхтани падидаи мазкурро аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ осон мегардонад, истифода шудааст ва инчунини дигар аз методи таърихӣ истифода гардидааст, ки раванди инкишофи ин падидаро дар масири таърих мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар баробари ин аз методҳои муқоисавӣ, контент-анализ ва методи таҳлилӣ истифода намудаанд. Дар мақолаи мазкур таҳдид ва хатари кибертерроризм ҳамчун падидаи иҷтимоию-сиёсӣ ба амният мавриди таҳлил қарор гирифта, хусусиятҳои асосӣ ва навъҳои махсуси кибертерроризм мушаххас гардонида шудааст. Тағйирёбии фазои сиёсӣ ба таври доимӣ ва шаклан иваз гардидани либоси кибертерроризм низ марвиди назари муаллиф қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: терроризм, кибертерроризм, киберҷиноятҳо, тарсу ҳарос, даҳшат, дуздӣ, фишороварӣ, Интернет, сомонаҳои иҷтимоӣ, хакер, хактевист, анонинимус, Ал-Қоида, ДИИШ.

КИБЕРТЕРРОРИЗМ КАК УГРОЗА БЕЗОПАСНОСТИ

В данной статье диалектический метод используется как общенаучный метод, облегчающий изучение данного явления с научной и теоретической точки зрения, а также используется исторический метод, изучающий процесс развития этого явления в ходе истории. При этом использовались сравнительные методы, контент-анализ и аналитические методы. В статье также исследуется объект кибертерроризма. Также были определены процессы и способы борьбы с этим отвратительным явлением. Автор выделяет основные способы борьбы с кибертерроризмом и выражает свое личное мнение о них. Выявлены существующие проблемы в процессе определения концепции кибертерроризма. В статье анализируются угроза и угроза кибертерроризма как социально-политического феномена безопасности, а также определяются основные черты и конкретные типы кибертерроризма. Изменения политического климата и постоянная и формальная смена униформы кибертерроризма также находятся в центре внимания автора.

Ключевые слова: терроризм, кибертерроризм, киберпреступность, страх, террор, воровство, преследование, Интернет, сайты социальных сетей, хакер, хактивисты, анонимус, Аль-Каида, ИГИЛ.

CYBER TERRORISM AS A SECURITY THREAT

In this article, the dialectical method is used as a general scientific method that facilitates the study of a given phenomenon from a scientific and theoretical point of view, and also uses the historical method that studies the development of this phenomenon in the course of history. It used comparative methods, content analysis and analytical methods. The article also explores the object of cyber terrorism. The processes and methods of dealing with this disgusting phenomenon were also identified. The author highlights the main ways to combat cyber terrorism and expresses his personal opinion about them. Identified the existing problems in the process of defining the concept of cyber terrorism. The article analyzes the threat and threat of cyber terrorism as a socio-political phenomenon of security, and also identifies the main features and specific types of cyber terrorism. Changes in the political climate and the constant and formal change of uniforms for cyber terrorism are also the focus of the author.

Keywords: terrorism, cyber terrorism, cybercrime, fear, terror, theft, persecution, Internet, social networking sites, hacker, hacktivists, anonymous, Al-Qaeda, ISIS.

Сведения об авторе: ***Олимшоев Носир Кабутаршоевич*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса по специальности политики и государственного управления факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 501-07-83-49**

Information about the author: ***Olimshoev Nosir Kabutarshoevich*** – Tajik National University second year master`s student in politics and public administration, Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki str. 17. Phone: **(+992) 501-07-83-49**

ФИЛОЛОГИЯ ВА ЖУРНАЛИСТИКА – ФИЛОЛОГИЯ И ЖУРНАЛИСТИКА

ТАҲЛИЛИ ВОҲИДҲОИ ЛЕКСИКИИ «ОМОРИ МУҲОҶИРАТИ АҲОЛӢ»

Дадоҷонова И.Б. Ҳусейнова Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳлили муқоисавии воҳидҳои луғавӣ ҳам барои таҳияи назарияи умумии лексикология ва ҳам барои муайян кардани хусусиятҳои умумӣ, ҳамбастагӣ ва фарқияти забонҳои мавриди омӯзиш аҳамияти калони илмӣ дорад. Дар ин ҷо мо таҳлили муқоисавии воҳидҳои луғавиро аз рӯи майдони мавзӯии *«Таҳлили омории муҳоҷирати аҳолӣ» - «Statistical analysis of population's migration» («Статистический анализ миграции населения») -ро* анҷом медиҳем, ки он тавассути чунин мафҳумҳо: *annual migration - миқдори муҳоҷирон дар муддати як сол (ежегодная миграция); displaced person - муҳоҷирони иҷборӣ (вынужденный переселенец, беженец); gross migration - муҳоҷирати умумӣ (общая миграция); population census - рӯйхати аҳолӣ (перепись населения); analysis - таҳлил, тафтиш, тафтишоти муфассал (анализ, исследование, подробное рассмотрение); cohort analysis - таҳлили миқдори гурӯҳҳо (анализ когорты)* ва монанди инҳо баррасӣ карда мешавад.

Истилоҳоти махсуси илмиро дар соҳаи омори муҳоҷирати аҳолӣ мутобиқи хусусиятҳои зерини маъноӣ гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

а) маълумоти оморӣ, ки мафҳумҳои умумиро дар бар мегирад: *total fertility rate (TFR) - нишондиҳандаи умумии таваллудкунӣ (суммарный коэффициент рождаемости); total divorce rate - миқдори умумии ҷудошудагон (общее количество разведенных); total first marriage rate - миқдори умумии никоҳшудагон (общее количество брачных);*

б) барӯйхатгирии умумии аҳолӣ вожаҳои дар раванди барӯйхатгирӣ истифодашавандаро фаро мегирад: *capitation - барӯйхатгирии умумӣ (всеобщая перепись); cohort undercount - бақайдгирии нопурраи аҳолӣ дар вақти рӯйхаткунӣ (частичная регистрация населения во время переписи населения); check enumeration - рӯйхати ба назорат гирифташуда (контрольная перепись);*

в) ҷамъоварии маълумоти оморӣ оид ба соҳаҳои гуногуни омор калимаҳои ин соҳаҳоро гурӯҳбандӣ мекунад: *census - рӯйхат (перепись, ценз, сбор сведений); census data - маълумоти рӯйхат (сведения о переписи); compulsory census - рӯйхати ҳатмӣ (обязательная перепись);*

г) маълумоти оморӣ оид ба аҳолӣ: *data - маълумот (данные, фактические сведения); birth-and-death data - маълумот дар бораи фавт ва таваллуди аҳолӣ (сведения о процессах рождения и смерти); causes-of-death statistics - омори сабабҳои фавт (статистика причин смерти); child-woman ratio - нишондиҳандаи кӯдакдоршавӣ (индекс детности);*

д) маълумоти оморӣ дар бораи насл, когорта (гурӯҳ) истилоҳоти демографиро бо хусусиятҳои маъноии наслҳои гуногун ва гурӯҳҳои синну солии аҳолӣ муттаҳид мекунад: *cohort - миқдори гурӯҳ (когорта, контингент); actual cohort - миқдори гурӯҳи ҳақиқӣ (фактическая когорта)* ва дигар гурӯҳҳоро дар бар мегирад.

Аз сабаби гуногунии робитаҳои маъноии воҳидҳои луғавӣ дар системаи забон, гурӯҳҳои гуногуни вожаҳо: гурӯҳҳои мавзӯӣ, истилоҳӣ, этимологӣ, гурӯҳҳои луғавӣ-семантикӣ, майдонҳои консептуалӣ (семантикӣ) ва дигар умумиятҳои вожаҳо вуҷуд доранд. Омӯзиши масъалаи пурра кардани таркиби луғавии забон аз соҳаҳои гуногуни ҳаёт, эҳтимолан ҳеҷ гоҳ таваҷҷуҳи забоншиносонро қатъ намекунад. Рушди забон ба андозаи зиёд бо рушди системаи вожасозии он, қолабҳои (моделҳои) нави вожасозӣ, тағйирёбии маҳсулнокии онҳо ва бисёр ҷанбаҳои дигари раванди калимасозӣ алоқаманд аст. Омӯзиши ин масъалаҳо нишон медиҳад, ки захираи луғавии забон қисми хеле тағйирёбанда аст, ки бевосита падидаҳои ҳаёти реалиро дар худ зуд таҷассум менамояд. Хусусияти хоси вожаҳо дар он аст, ки онҳо ба қобилияти беохир бой гардондани забонро

бо калимаҳо ва маъноҳои нави онҳо доро мебошанд ва ин гурӯҳи вожаҳо бо роҳҳои гуногун ташаккул меёбанд. Эҷоди калимаҳои нав, пеш аз ҳама, ҳамчун инъикоскунандаи ниёзҳои ҷомеа дар баёни мафҳумҳои нав дар забон, ки доимо дар натиҷаи рушди илм, техника, фарҳанг, муносибатҳои иҷтимоӣ ва ғайра ба вуҷуд меоянд, сурат мегирад ва ҳамеша яке аз масъалаҳои муҳимтарини луғатшиносӣ (лексикология) ба шумор меравад. Сарфи назар аз он, ки дар айни замон миқдори зиёди мавод дар соҳаи калимасозӣ дар забони англисӣ, инчунин дар забонҳои тоҷикӣ ҷамъоварӣ ва ба низом дароварда шудааст, вале дар ин самт масъалаҳои ҳалношуда ҳанӯз зиёданд. Аммо омӯзиши муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таваҷҷӯҳи олимон ва муҳаққиқонро ба худ ҷалб мекунад, ки шумораи зиёди таҳқиқотҳои гуногун дар ин ҷабҳа аз он шаҳодат медиҳад. Сохтори грамматикӣ, маъноӣ ва то андозае вижагиҳои баъзе аз ҳиссаҳои нутқи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтаанд. Таҳлили муқоисавии воҳидҳои луғавӣ ҳам барои таҳияи назарияи умумии лексикология ва ҳам барои муайян кардани хусусиятҳои умумӣ, ҳамбастагӣ ва фарқияти забонҳои мавриди омӯзиш аҳамияти калони илмӣ дорад. Дар ин мақола мо таҳлили муқоисавии воҳидҳои луғавиро аз рӯи майдони мавзӯии *«Таҳлили омории муҳоҷирати аҳолӣ» - «Statistical analysis of population's migration» («Статистический анализ миграции населения»)-ро* анҷом медиҳем, ки он тавассути чунин мафҳумҳо баррасӣ карда мешавад: *annual migration - миқдори муҳоҷирон дар муддати як сол (ежегодная миграция); displaced person - муҳоҷирони иҷборӣ (вынужденный переселенец, беженец); forced emigration - муҳоҷирати иҷборӣ (принудительная, вынужденная эмиграция); gross migration - муҳоҷирати умумӣ (общая миграция); population census - рӯйхати аҳолӣ (перепись населения), distribution - гурӯҳбандии аҳолӣ*, ки ҷузъи асосии маъноии оморӣ бо мафҳумҳои таҳлили коэффитсиенти синнусолӣ, коэффитсиенти издивоҷ, талоқ, фавт ва ғайра ифода меёбанд: *analysis - таҳлил, тафтиш, тафтишоти муфассал (анализ, исследование, подробное рассмотрение); cohort analysis - таҳлили миқдори гурӯҳҳо (анализ когорты); age-specific fertility rate - нишондиҳандаи синнусолии таваллудкунӣ (возрастной коэффициент рождаемости); age-specific divorce rate - коэффисиенти синнусоли ҷудошудагон (повозрастной коэффициент разводимости); age-specific mortality rate - нишондиҳандаи синнусолии фавт (возрастной коэффициент смертности)* ва ғайраҳо [5,с.131].

Сараввал қарор додем, ки дар бораи мафҳуми муҳоҷират каме маълумот пешниҳод намоем. Дар зери мафҳуми муҳоҷират раванди ҷойивазкунии аҳолӣ, яъне аз як мавзеъ ба мавзеи дигар кӯчиши аҳолӣ дар дохил ва берун аз кишвари худ дар назар дошта мешавад. Дар вобастагӣ ба ин муҳоҷирати аҳолӣ кушода ва пӯшида мешавад. Ба аҳолии кушода - ҷойивазкунии аҳолии деҳот ё шаҳри як кишвари алоҳида мисол шуда метавонад. Аҳолии пӯшида танҳо аҳолии тамоми рӯи оламро дар бар мегирад. Дар замони гузашта аҳолии пӯшидаро аҳолии аксарияти ноҳияҳои ҷудокардашуда, ҷазираҳои алоҳида ва ҳатто қитъаҳои дунё ташкил медоданд. Дар замони муосир бошад пешравиҳои бузурги иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, равобити озоди байнидавлатӣ, сарҳадҳои кушодаи кишварҳои олам маҳдудиятҳои пештараро аз байн бурда аҳолии кушода ба аҳолии пӯшида наздик мебошад. *Барои ҳалли ин масъалаҳои демографӣ, илм дар бораи ҳодисаҳои ҷамъиятӣ – статистика, яъне омор, ки бо ёрии он демография ченакҳои миқдории барои худ зарурироро муайян мекунанд, аҳамияти калон дорад. Омори аҳолӣ (омори демографӣ) ба илм дар бораи мардумшиносӣ, яъне демография маълумоти зарурии воқеиро дар шакли матни илмӣ-оммавӣ пешниҳод мекунад.*

Матни илмӣ-оммавӣ соҳаи махсус барои омӯзиши донишҳои махсус, мафҳумҳои махсус мебошад, зеро мақсади ин матн ба маъмул гардонидани донишҳои илмӣ равона карда шудааст. Масалан, *материя – (лат. materia), мизо (лат. natura), фигура, шакл (лат.figura), бадан (лат. corpus), атом (лат. atomus), элемент (лат. elementum), пункт (лат. punktum), атмосфера (лат. athmosphere), радиус (лат. radius), таҷриба (лат. experimentum)* [1,с.273]. Дар соҳаи демография, алалхусус дар омор, мо бо усулҳои илмии ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили далелҳои дахлдор, системаи хусусиятҳои равандҳои демографӣ (нишондиҳандаҳои демографӣ), нишондиҳандаҳои графикии байниҳамдигарӣ, вобастагии онҳо ба омилҳои иқтисодӣ ва дигар омилҳо сарукор дорем, ки барои ифодаи

онҳо ба лексикаи махсуси илмии демографӣ, алалхусус ба омори аҳолӣ ва масъалаҳои муҳоҷират ниёз дорем. Омӯзиши сохтори вожаҳо дар бахши вожашиносии илм дар бораи забон мавқеи махсуси худро доро аст. Вожаҳои сода, яъне вожаҳои решагии оддӣ барои ташаккули калимаҳои нав дар забони англисӣ асос мебошанд: *family - оила (семья); alien - муҳоҷир (иностранец); group - гурӯҳ (группа); age - синну сол (возраст); couple - зану шавҳар (супружеская пара); boom - инкишофи тез (бум, быстрое повышение); kin - хеш (родня, родственники); control - идоракунӣ, батартибандозӣ, тафтиш, назораткунӣ (контроль); branch - хат, шохаи хешутаборӣ (род, семья, ветвь)* [7,с.583].

Гурӯҳҳои мавзӯӣ натанҳо робитаҳои калимаҳоро, балки алоқамандии ашё ва падидаҳои экстралингвистии онҳоро номбар мекунанд [8,с.124]. Истилоҳоти махсуси илмиро дар соҳаи омори муҳоҷирати аҳолӣ мутобиқи хусусиятҳои зерини маъноӣ гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

а) маълумоти оморӣ, ки мафҳумҳои умумиро дар бар мегирад: *append demographic data/information - маълумоти иловагии демографӣ дар бораи намуди корхона, ҳаҷми солонаи фурӯш, миқдори коргарон ва ғайраҳо (дополнительная демографическая информация о видах предприятий, объёме продаж, количестве рабочих и т.п.); total fertility rate (TFR) - нишондиҳандаи умумии таваллудкунӣ (суммарный коэффициент рождаемости); total divorce rate - миқдори умумии ҷудошудагон (общее количество разведенных); total first marriage rate - миқдори умумии никоҳшудагон (общее количество брачных);* [5,с.131].

б) барӯйхатгирии умумии аҳолӣ вожаҳои дар раванди барӯйхатгирӣ истифодашавандаро фаро мегирад: *agricultural census - рӯйхатгирии амволи хоҷагӣ ва мардуми деҳот (сельскохозяйственная перепись); capitation - барӯйхатгирии умумӣ (всеобщая перепись); canvasser - ҳисобчӣ (шахсе, ки бо роҳи пурсиш рӯйхати аҳолиро тартиб медиҳад) (счётчик, член комиссии, проверяющий правильность результатов выборов); cohort undercount - бақайдгирии нопурраи аҳолӣ дар вақти рӯйхаткунӣ (частичная регистрация населения во время переписи населения); check enumeration - рӯйхати ба назорат гирифташуда (контрольная перепись);*

в) ҷамъоварии маълумоти оморӣ оид ба соҳаҳои гуногуни омор калимаҳои ин соҳаҳоро гурӯҳбандӣ мекунад: *census - рӯйхат (перепись, ценз, сбор сведений); census data - маълумоти рӯйхат (сведения о переписи); civil data - маълумот дар бораи шумораи аҳолӣ, синну сол, ҷинсият, аҳволи оилавӣ, ҷои таваллуд ва шаҳрвандӣ (данные о населении); complete census - рӯйхати пурра (полная перепись); compulsory census - рӯйхати ҳатмӣ (обязательная перепись); decennial census - рӯйхати дар муддати 10 сол гузаронидашуда (перепись с десятилетним интервалом); de facto census - рӯйхати оилаҳои муайян (де-факто, фактическая перепись); de jure census - рӯйхати юридикӣ (ҳуқуқӣ) (де-юре, юридическая перепись, перепись по закону); family census - рӯйхати оила (перепись семей); population census - рӯйхати аҳолӣ (перепись населения); census-paper - варақи рӯйхат (бланк, заполняемый при переписи, опросный лист); census taker/census enumerator/census interviewer - ҳисобчӣ (дар вақти рӯйхаткунӣ) (счётчик (при переписи населения);*

г) маълумоти оморӣ оид ба аҳолӣ: *data - маълумот (данные, фактические сведения); birth-and-death data - маълумот дар бораи фавт ва таваллуди аҳолӣ (сведения о процессах рождения и смерти); case rate - беморшавии аҳолӣ, нишондиҳандаи беморшавии аҳолӣ (заболеваемость, коэффициент заболеваемости); causes-of-death statistics - омори сабабҳои фавт (статистика причин смерти); child-woman ratio - нишондиҳандаи кӯдакдоршавӣ (индекс детности); dependency ratio - нишондиҳандаи сарбории демографӣ (коэффициент демографической нагрузки); demographic statistics - омори демографӣ (демографическая статистика); even - адади ҷуфт (дар омор) (чётный, чётное число (в статистике); gross reproduction rate - нишондиҳандаи ғайрихолиси афзоиши аҳолӣ (брутто-коэффициент воспроизводства населения); health status - маълумоти оморӣ дар бораи вазъи саломатии аҳолӣ (статистические данные о состоянии здоровья населения); vital statistics - омори афзоиши табиии аҳолӣ (статистика естественного прироста населения); vital index - рӯйхати ҳаётӣ (дар қайди ҳаёт будагон) (показатель выживаемости населения, индекс жизненности);*

д) маълумоти оморӣ дар бораи насл, когорта (гурӯҳ) истилоҳоти демографиро бо

хусусиятҳои маъноии наслҳои гуногун ва гурӯҳҳои синну солии аҳолӣ муттаҳид мекунад: *cohort - миқдори гурӯҳ (когорта, контингент); actual cohort - миқдори гурӯҳи ҳақиқӣ (фактическая когорта); age cohort - миқдори гурӯҳи синну солӣ (возрастная когорта); base cohort - миқдори гурӯҳи базавӣ (заминавӣ) (основная когорта); birth cohort - миқдори одамони дар як сол таваллудшуда (группа населения, рожденного в один год); childbearing cohort - гурӯҳи занони дар як сол таваллудкарда (группа женщин, рожавших в один год); female cohort - гурӯҳи занҳо (группа женщин); male cohort - гурӯҳи мардҳо (группа мужчин); marriage cohort - миқдори ақди никоҳ (группа населения, вступившего в брак); fertility cohort - гурӯҳи таваллудкунанда (таносулӣ) (плодовитая когорта); generation - насл (генеалогическое поколение);*

е) маълумот оид ба муҳоҷирати умумӣ - Gross migration воҳидҳои лексикии муҳоҷират, ки маънои умумӣ доранд, дар бар мегирад: *annual migration - миқдори муҳоҷирон дар муддати як сол (ежегодная миграция); displaced person - муҳоҷирони иҷборӣ (вынужденный переселенец, беженец); forced emigration - муҳоҷирати иҷборӣ (принудительная, вынужденная эмиграция); gross migration - муҳоҷирати умумӣ (общая миграция); immigrant alien - муҳоҷир (иммигрант); emigrant - муҳоҷир (эмигрант (не политический), переселенец); emigration - муҳоҷираткунӣ (эмиграция, переселение, отъезд); mass emigration - муҳоҷирати оммавӣ (массовая эмиграция); individual emigration - муҳоҷирати инфиродӣ (индивидуальная эмиграция); immigrant - муҳоҷир (иммигрант, мигрант, переселенец); long-team immigrant - муҳоҷире, ки ба муддати дароз омадааст (иммигрант, въехавший в страну на длительный срок); permanent immigrant - муҳоҷире, ки ба муддати доимӣ омадааст (иммигрант, прибывший в страну на постоянное жительство); short-term immigrant - муҳоҷире, ки ба муддати кӯтоҳ омадааст (иммигрант, въехавший в страну на короткий срок); immigrant community - ҷамъияти муҳоҷирон (общество иммигрантов); refugee immigration - гуреза (беженец); rural in-migration - муҳоҷирати дохили деҳот (сельская внутренняя миграция);*

ж) воҳидҳои лексикии муҳоҷират, ки хусусиятҳои шуморавии муҳоҷиратро, ки барои омор хеле муҳиманд, ифода мекунанд: *external migration flow - раванди муҳоҷирати бурунмарзӣ (движение внешней миграции); immigration data - маълумот дар бораи ҳайати ҳаракати гурӯҳи муҳоҷирон (данные о составе и движении иммиграционных потоков); immigrant group - гурӯҳи муҳоҷирон (группа иммигрантов); impact of immigration - сабабҳои ҳаракатдиҳандаи муҳоҷират (причины толчка иммиграции); increasing of population migration - афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ (прирост миграции населения); in-migrant - муҳоҷири дохилӣ, кӯчиши дохилӣ (переселенец в пределах одной страны); in-migration - муҳоҷирати дохилӣ, кӯчониш - внутренняя миграция, переселение (в пределах одной страны); migration cohesion - миқдори муҳоҷирон (контингент эмигрантов и иммигрантов); migration cohort - миқдори муҳоҷирон (миграционная когорта); migration demography - демографияи муҳоҷирон (демография миграции); migration flow - миқдори бисёри кӯч (миграционный поток); migration group - гурӯҳи муҳоҷироне, ки ба давлати дигар мераванд (группа мигрирующего населения, мигрирующий контингент); migration index - нишондиҳандаи (шиддатнокии) ҳичрат (коэффициент (интенсивность) миграции); internal migration flow - раванди муҳоҷирати дохилӣ (поток внутренней миграции); international migration - муҳоҷирати байналхалқӣ (международная миграция); large-scale immigration - муҳоҷирати миқёсаш васеъ (крупномасштабная иммиграция); intensive migration rate - нишондиҳандаи доимии муҳоҷират (коэффициент постоянной миграции); mobility index - нишондиҳандаи зудҳаракатии аҳолӣ (коэффициент подвижности населения); multiple decrement tables - ҷадвали муштараки тарккуниш маҳал (комбинированные таблицы выбытия); population movement - ҷойивазкунии аҳолӣ (тағйироти сифатӣ ва ададӣ) (движение населения (качественные и количественные изменения);*

з) маълумоти оморӣ дар бораи кор ва вақти корӣ бо мафҳумҳои зерин ифода карда мешаванд: *work - меҳнат, кор (работа), working hours - вақти (соати) корӣ (рабочее время), abnormal division of labour - тақсимоти ғайриқонуниш меҳнат (нетипичное разделение труда); balance of the labour force - мувозинати меҳнатии аҳолӣ (баланс рабочей*

силыlabour migration rate - нишондиҳандаи кӯчиши қувваи корӣ (показатель перемещения трудовых ресурсов); labour movement - ҳаракати қувваи корӣ (движение трудовых ресурсов); labour force participation rate - саҳми занон дар қувваи корӣ (доля участия женщин в рабочей силе); workplace - ҷои кор (рабочее место); working-age population - аҳолии синну соли корӣ (население в трудоспособном возрасте) [5,с.138-139];

и) маълумоти оморӣ дар бораи амалиётҳои пулӣ: *benefit – 1) манфиати иқтисодӣ, 2) ёрии пулӣ (1. экономическая выгода; экономический эффект, 2. пособие); income benefit - кумакпулӣ (денежное пособие); death income benefit - кумакпулӣ баъди вафот (денежное пособие по случаю смерти); disability income benefit - кумакпулӣ аз сабаби корношоямӣ (денежное пособие по нетрудоспособности); retirement income benefit - кумаки пулӣ барои ба нафақа рафтан (денежное пособие по выходу на пенсию)* ва ғайраҳо [4,с.14].

Аз сабаби гуногунии робитаҳои маъноии воҳидҳои луғавӣ дар системаи забон, гурӯҳҳои гуногуни калимаҳо: гурӯҳҳои мавзӯӣ, истилоҳӣ, этимологӣ, гурӯҳҳои луғавӣ-семантикӣ, майдонҳои консептуалӣ (семантикӣ) ва дигар умумиятҳои калимаҳо вуҷуд доранд [6,с.11]. Ҳамчун воҳиди сатҳи маъноӣ, қабати луғати омӯхташаванда барои забонҳои мавриди баррасӣ хос аст. Ин умумияти амиқро умумияти намудҳои сохторӣ ҳамроҳӣ мекунад, ки ҳар кадоми онҳо аз якчанд микротипҳо ва микрогурӯҳҳои сохторӣ иборатанд.

АДАБИЁТ

1. Азизова М. Особенности выражения специальных понятий в научно-популярных текстах медицинского содержания в таджикском и английском языках // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. №4(56). Серия гуманитарных наук. - Худжанд, 2013. -С. 271-276.
2. Аракин В.Д. Сравнительная типология английского и русских языков. Учеб.пособие для пед.ин-тов. -Л.: Просвещение, 1979. -259 с.
3. Арнольд И.В. Семантическая структура слова в современном английском языке и методика ее исследования (на материале имени существительного). – Л.: Просвещение, 1966. – 237 с.
4. Валиева З.А. Сопоставительный анализ финансово-банковских терминов в таджикском и английском языках: Автореферат диссертации на соискание учёной степени кандидата филологических наук. - ушанбе, 2009. -160 с.
5. Дададжанова И.Б. Сопоставительный анализ демографической лексики в английском и таджикском языках: дисс. ... канд. филол. наук 10.02.20. Сравнительно-историческое, типологическое и сопоставительное языкознание / И.Б. Дададжанова. - Душанбе, 2011.- 262 с.
6. Дададжанова И.Б. Лексико-семантические группы общеупотребительной демографической лексики и неологизмов в английском и таджикском языках Вестник Таджикского национального университета. Серия «Филология». - Душанбе, Сино, 2015. -№4/7(180). -С. 10-13
7. Дададжанова И., Мухамадиева З. О структурных особенностях терминов миграции в сопоставляемых языках (английский, русский и таджикский) // Interconf № 2(38) – Таллинн, December, 2020.
8. Дададжанова И.Б. Тематическая классификация демографической лексики в английском языке. Вестник Таджикского национального университета. Серия «Филология». -Душанбе: Сино, 2009. -№8(56). -С.123-125.
9. Джамшедов П. Таджикско-английские соответствия. – Д., 1974. – 88с.
10. Дададжанова И. Б. Англо-таджикско-русский демографический словарь. - Душанбе, 2010.
11. Дададжанова И.Б., Ахмедова Г.У. Англо-таджикско-русско-немецкий демографический словарь. - Душанбе, 2013.
12. Дададжанова И.Б., Тоиров А. Тематический англо-таджикско-русский демографический словарь. - Душанбе, 2016.
13. Мюллер В.К. Англо-русский словарь. -М.: Советская энциклопедия, 1971. -912 с.

ТАҲЛИЛИ ВОҲИДҲОИ ЛЕКСИКИИ «ОМОРИ МУҲОҶИРАТИ АҲОЛӢ»

Айни замон дар соҳаи вожасозӣ дар забони англисӣ ва инчунин дар забони тоҷикӣ, миқдори зиёди маводҳо ҷамъоварӣ ва ба низом дароварда шудаанд, вале дар ин самт ҳанӯз ҳам масъалаҳои ҳалношуда зиёданд. Дар ин мақола мо таҳлили муқоисавии воҳидҳои луғавиро аз рӯи мавзӯи *«Таҳлили омории муҳоҷирати аҳолӣ» - «Statistical analysis of population's migration» («Статистический анализ миграции населения»)* мегузаронем, дар он маънои вожаи асосӣ *омори муҳоҷирати аҳолӣ* буда таҳлили калимаҳоро тавассути мафҳумҳо ба монанди сатҳи таваллуд, синну соли издивоҷ, нишондиҳандаи (коэффитсиенти) фавт дар бар мегирад: *population census - рӯйхати аҳолӣ (перепись населения), cohort analysis - таҳлили миқдори гурӯҳҳо (анализ когорты); census data - маълумоти рӯйхат (сведения о переписи); demographic statistics - омори демографӣ (демографическая статистика); vital statistics - омори афзоиши табиии аҳолӣ (статистика естественного прироста населения); annual migration - миқдори муҳоҷирон дар муддати як сол (ежегодная миграция); displaced person - муҳоҷирони иҷборӣ (вынужденный переселенец, беженец); forced emigration -*

муҳоҷирати иҷборӣ (принудительная, вынужденная эмиграция); gross migration - муҳоҷирати умумӣ (общая миграция) ва ғайра.

Калидвожаҳо: омор, муҳоҷират, таҳлил, когорт, барӯйхатгирӣ, вожасозӣ, англисӣ, тоҷикӣ, нишондиҳанда (коэффитсиент).

АНАЛИЗ ЛЕКСИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ «СТАТИСТИКА МИГРАЦИИ НАСЕЛЕНИЯ»

В данное время накоплен, собран и систематизирован огромный материал в области словообразования английского, а также таджикского языков, все еще остается много нерешенных вопросов в этом направлении. В данной статье мы проведем сравнительно-сопоставительный анализ лексических единиц по тематическому полю *«Таҳлили омории муҳоҷирати аҳолӣ» - «Statistical analysis of population's migration» («Статистический анализ миграции населения»)* где ядерным компонентом значения *статистика миграции населения* охватывает анализ слов по темам повозрастных коэффициентов рождаемости, брачности, разводимости, смертности населения и т.п. через такие понятия как *population census - рӯйхати аҳолӣ (перепись населения), cohort analysis - таҳлили миқдори гурӯҳҳо (анализ когорты); census data - маълумоти рӯйхат (сведения о переписи); demographic statistics - омори демографӣ (демографическая статистика); vital statistics - омори афзоиши табиии аҳолӣ (статистика естественного прироста населения); annual migration - миқдори муҳоҷирон дар муддати як сол (ежегодная миграция); displaced person - муҳоҷирони иҷборӣ (вынужденный переселенец, беженец); forced emigration - муҳоҷирати иҷборӣ (принудительная, вынужденная эмиграция); gross migration - муҳоҷирати умумӣ (общая миграция)* и другие.

Ключевые слова: *статистика,* миграция, анализ, когорта, перепись, словообразование, английский язык, таджикский язык, коэффициент.

ANALYSIS OF LEXICAL UNITS "STATISTICAL ANALYSIS OF POPULATION'S MIGRATION"

Nowadays, huge material has been accumulated, collected and systematized in the field of word-formation of English, as well as Tajik languages, but there are still many unresolved issues in this direction. In this article, we will conduct a comparative analysis of lexical units according to the thematic microfield «*Statistical analysis of population's migration"* where the nuclear component with the meaning of statistics covers the analysis of words on the topics of age-related fertility rates, marriage, divorce, mortality of the population, etc., through such concepts as *population census - рӯйхати аҳолӣ (перепись населения), cohort analysis - таҳлили миқдори гурӯҳҳо (анализ когорты); census data - маълумоти рӯйхат (сведения о переписи); demographic statistics - омори демографӣ (демографическая статистика); vital statistics - омори афзоиши табиии аҳолӣ (статистика естественного прироста населения); annual migration - миқдори муҳоҷирон дар муддати як сол (ежегодная миграция); displaced person - муҳоҷирони иҷборӣ (вынужденный переселенец, беженец); forced emigration - муҳоҷирати иҷборӣ (принудительная, вынужденная эмиграция); gross migration - муҳоҷирати умумӣ (общая миграция)* and so on.

Keywords: statistics, migration, analysis, cohort, census, word-building, English, Tajik, rate.

Сведения об авторах: ***Дададжанова И.Б.*** - кандидат филологических наук, доцент, кафедра английского языка и сравнительной типологии, факультет языков Азии и Европы
Хусейнова Ф. - магистр 1-го курса специальность английский-таджикский факультет языков Азии и Европы

Information about authors: ***Dadadzhanova I.B.*** - Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Department of English and Comparative Typology, Faculty of Asian and European Language.
Huseinova F. - 1st year Master, English-Tajik specialty, Faculty of Asian and European Languages

МАЪНОҲОИ КАЛИМАҲОИ КУҲНАШУДАВУ ТАЪРИХӢ ДАР НАСРИ С. УЛУҒЗОДА

Шарипов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимаҳои куҳнашудаву таърихӣ азбаски замоне ба гурӯҳи унсурҳои фаъол дохил мешуданд, дар ҳаёти рӯзмарра ва ҳаёти иҷтимоию сиёсии халқ истеъмол мегардиданд, мафҳумҳои ниҳоят муҳимро дар даврaҳои муайяни таърихӣ ифода мекарданд, аз ин рӯ онҳоро метавон аз ҷиҳати ифодаи ашёҳо, номи унвону мансабҳо, лақабҳо ва дигар сохторҳои идоракунии қадима ба гурӯҳҳо тасниф кард.

а) Истилоҳоти давлатдорию маъмурӣ: **эшикокбошӣ** - вазири дарбор дар аморати Бухоро.

ТӮҚСАБО *т.* **توقسبا***таър.* яке аз мансабҳои олии сипоҳӣ дар аморати

Бухорои давраи амирӣ .

Туюл - вогузории замину мулк ба касе аз тарафи подшоҳ [Фарҳанги форсии Муин].

Ялавоҷ – унвони пешвои дин.

Эл – ба забони туркӣ ба маънои дӯст ва мувофиқ [Луғатномаи Деҳхудо].

Қочоқ - воридоти пинҳонии мол, гумрук боҷхона, маркази назорати интиқоли қонунии мол. Ин калима имрӯз ҳам истифода мешавад.

Байрам - ид, ҷашн [Луғатномаи Деҳхудо].

б) Истилоҳоти ҳарбӣ ё низомӣ: **қӯшун** – лашкар.

Юзбошӣ – саркардаи сад аскар ё низомӣ

Эликбошӣ - сардори панҷоҳ аскар, **қӯрбошӣ** - сардорибосмачиён, **қаровул** - посбон, **қаровулбегӣ** - сардори посбонҳо.

ЯСАВУЛ//ЯСОВУЛ *т.***يساول//يسول** *таър*. хидматгори дарбори амир, ҳоким ва мансабдори калон, ки чӯб ва яроқ гирифта тартиб нигоҳ медошт ва дар сафар ҳамроҳӣ мекард.

ЯСАВУЛБОШӢ//ЯСОВУЛБОШӢ يسول//يساول باشىباشى*таър*. сардори ясавулон дар дарбори амир ва ҳокимон.

Чопар-хабаррасон

Қӯрхона - анбори аслиҳа.

Сочма - тир дар шакли гулӯлачаҳои сурбӣ. **Куланг** - забонаки туфанг.

в) Калимаҳои марбут ба соҳаи чорводорӣ:

Байтал - аспи мода, **тайлоқ** - гӯсолаи яксола, **совлиқ** - гӯсфанд, **улок-** бузе, ки кӯбкорӣ мекунанд, **улоғ** - ҳайвони саворӣ, **буққа** - говинар, **бӯрдоқӣ** - чорвои фарбеҳ, оғил – молхона, бошишгоҳи чорво, **қӯтан**-ҷойи хоби чорво дар саҳро, **ёл** - мӯйи гардани асп, **яғир** - захми пушти улоғ.

г) Номи хӯрданиҳо: **дӯлма** - кабоби токӣ, **очор** - хӯриш, ҳарчизи иштиҳоовар, **кӯймоқ** - чалпак, хамираҳои дар равған доғкардашуда, **қатлама** - нони варақин ва равғанин, ки дар дегпухта шудааст, **қотурма** - нони дар қӯри оташ пухташуда, **қайла-** гӯшти қимаи болои хӯрок, қаймоқ - саршир, **чурғот** - мост, **бӯза** - нӯшокӣ аз шираи марҷумак, айрон, **қазӣ** - ҳасибигӯшти асп, **явғон** - хӯроки обдори бедӯғ.

ғ) Мафҳумҳои ифодакунандаи хешутаборӣ: **ота** - падар, **оча-** модар, таго-бародари модар, **қудо** - нисбати падару модари домод бопадару модари арӯс, **янга** - зани бародар, **язна**шавҳари ҳамшира, **қайсингил** - хоҳари зан, **чиян** - фарзандихоҳар ё бародар, **қайнона**-модарарӯс, **қайнота** - падаришавҳар, **бикка** - зани калон, одатан зани аввали марди серзан,**апа** - хоҳари калон, **ака** - бародари калон.

д) Калимаҳои ифодагари асбобу олоти рӯзгор ва меҳнат: **яғлоғу** – тоба, **кумғон** - чойҷӯш, **ӯчоқ** - танӯр, манқал, **ути** - дарзмол, **табақ** - зарфи паҳну ҷуқур барои хӯроки ғализ, **чилим** - қалён,**чобук** - муштуки тамокукашӣ, **сачоқ -** дастпоккунак, **қапчук-** ҳамён, **қалпоқ** - кулоҳ, **қолин** - гилеми пашмини патдор.

е) Номи одамон: Турдӣ, Бердӣ, Эргаш, Очилдӣ, Йӯлдош, Болта, Бӯрӣ, Эш, Улуғбек, Йӯлчӣ, Уғӯлой, Бургутой, Юлдузча, Ойқиз, Ойдин.

ё) Номи парандаҳо: **чумчуқ** - гунҷишк, **ӯрдак** - мурғобӣ, **шунқор-** навъе аз мурғони шикорӣ, **карчиғай** - уқоби хурд, **лочин -** шоҳини шикорӣ, **оқсунқур** - бози сафед, **қалдирғоч** – парасту.

ж) Номи наботот: **янтоқ-** шутурхор, **кӯкнор** афюн, **юнучқа** - алафи бисёрсолаи боғишуда, **қаряғоч** - гуҷум, **туғ** - дарахте, ки ҳезумаш дер месӯзад.

Ҳамин тавр, калимаҳои куҳнашудаву таърихӣ, ки аксарияташон калимаҳои туркиву муғулӣ мебошанд, дар таърихи гузашта ва имрӯзаи забони адабии муосири тоҷикӣ ҷойгоҳи хоссаи худро доранд. Нисбат ба дигар калимаҳои иқтибосӣ аз дигар забонҳо онҳо осонтар ба меъёрҳои забони тоҷикӣ мувофиқ

гардидаанд. Ҳоло боз чанде аз калимаҳои мазкурро, ки дар осори Сотим Улуғзода ба кор рафтаанд, мавриди таҳлил қарор медиҳем. Калимаи **муздур** дар луғат чунин шарҳ ёфтааст:

МУЗДУР مزدور он ки кор карда музд мегирад; коргари корбайъ ё рӯзмузд; мардикор [22,с.833].

Дар устохонаҳо, дӯконҳо, ғуломон, қарздорон ва муздуронаш кор мекарданд [29,с.50].

РАБАЗ а.ربض девор, ҳисори гирди шаҳр, гирдогирди ҳисори шаҳр, 1 девори баланди гирди қалъа ё шаҳр. 2. қисми берунии шаҳрҳои қадим [23,с.137].

Ҳафт дарвозаи шаҳристон дар ҳафт ҷониб ба рабаз, ба маҳаллаҳо бозорҳои берунии шаҳр, деҳаҳо ва боғистонҳо боз мешуданд [29,с.62].

КАДЕВАР كديور кит. 1. соҳиби хона, кадхудой. 2. деҳқон; боғбон [22,с.561-562]

- Кадеварон муғамбиранд, малика ва шумо раҳмдил, - лабханд карда гуфт Нӯфарн [29, 77].

МУТАВАЛЛӢ *а.* متولی*таър*. мутасаддии корҳои хоҷагии масҷиду мадрасаҳо, ки даромади вақфҳоро тақсим мекунад [22,с.858].

АМИН *а.*امین 1. амонатдор, касе, ки ба ӯ метавон эътимод кард, эътимоднок, одами росткор; ростқавл, мӯътамад; **амин будан** бовар доштан, мутмаин будан.2.*таър.*сардори ноҳия ва ё қишлоқ дар хонигарии Бухоро.3.*таър.*маъмури андозгири бозор [22,с.62].

ХАЛИФА *а.*خلیفه*таър*. 1. ҷонишин, касе, ки ҷонишини каси дигаре бошад. 2. лақаби подшоҳони ислом, ки ноиби Муҳаммади пайғамбар (с) ва пешвои мусулмонон. 3. ҷонишин, дастёри усто, косиб [22,с.436].

Як хусусияти дигари калимаҳои таърихии арабӣ дар он аст, ки бархеи онҳо дар марҳилаҳои аввали инкишофи забони адабӣ дар дигар маъноҳо истифода мегардиданду дар асрҳои 18-19 маънои дигар ба худ касб кардаанд. Калимаҳое, ки дар ин асрҳо маъноҳои нав ба худ гирифтаанд, бештар ифодакунандаи унвону мансабҳои сулолаи Манғитиёну Аморати Бухоро мебошанд. Масалан, калимаи **амир**, ки маънои луғавии он одами росткор ва ростқавл буд, дар Аморати Бухоро сардори ноҳия ва ё қишлоқро амин мегуфтанд. Баръакси ин бархи дигаре аз калимаҳои таърихии арабӣ дар давраҳои аввали инкишофи забони тоҷикӣ истифода гардида, вале дар марҳилаҳои баъдӣ дигар истифода нагардида, ҳамчун калимаҳои таърихӣ дар фарҳангҳо сабт гардидаанд. Масалан, калимаи **аналҳақ,** ки дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ҳамчун калимаи таърихӣ сабт гардидааст, чанд асре пештар ҳамчун лақаби Мансури Ҳаллоҷ корбурд мешуд.

Ҳамаи калимаҳои таърихии арабии дар забони тоҷикӣ мавҷударо вобаста ба маънояшон ба гурӯҳҳои зер ҷудо намуд:

1. Калимаҳои ифодакунандаи унвону мансабҳои пешини давлатдорӣ. Ба ин гурӯҳ бештар калимаҳое дохил мешаванд, ки дар Аморати Бухоро барои ифодаи унвону мансабҳои аморат истифода мешуданд. Баробари аз байн рафтани Аморати Бухоро ин калимаҳо низ моли таърих шуданд ва имрӯз дар фарҳангҳо ҳамчун калимаҳои таърихӣ зикр мешаванд. Ин ҷо зарур медонем, ки чанде аз чунин калимаҳоро бо шарҳу тафсире, ки дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» омадааст, ин ҷо биёварем:

АМИР*а.* امیـــر1. амрдиҳанда, фармондиҳанда; ҳукмраво.2.*таър*. лақаби ҳукмронони Осиёи Миёна ва Афғонистон [22,с.62].

АРБОБ*а.*ارباب 1. *ҷ.***рабб**.2.ходими фаъоли ягон соҳаи маданият ё ҳукумат, корманди намоёни соҳаҳои гуногун: **арбоби адабиёт, арбоби давлат, арбоби илм**.3.*таър.* калони деҳа ё ягон маҳаллаи шаҳру ноҳия; оқсақол; **арбоби деҳа** калони қишлоқ.4.хӯҷаин, соҳиб, молик [22,с.79].

ВАЗИР*а.*وزیـر1.узви ҳайати ҳукумат, ки сарварии вазоратеро ба уҳда дорад: **вазири адлия, вазири корҳои хориҷӣ, вазири маориф, вазири молия**.2.

*таър.*мансабдори олимақом, ки баъд аз шоҳ (ё султону амир) мақоми баландро ишғол менамуд ва тамоми корҳои дохилӣ ва хориҷии мамлакатро идора мекард: **вазири дасти рост** а) вазири аввал, вазири содиқ ва боэътимод; б) *маҷ.* мададгори наздиктарин, ёрирасонисодиқтарин [22,с.265].

ҚОЗӢ*а.* **قاضی** 1. *кит.* қазоваткунанда, ҳукмбароранда, довар, ҳакам. 2. *таър.* мансабдори шаръӣ дар аморати Бухоро, ки масъалаҳои баҳсноки ҳуқуқӣ ва ҷиноятҳои содиршударо аз рӯи нишондоди шариат ҳал мекард; фақеҳе, ки мурофиотро дар мавриди ихтиллофу низоъ байни мардум мувофиқи қонуни шариат ҳал мекард; *муқ.* **судя; қозии калон** *наг.* **қозикалон; қозии ҳақиқӣ** а) қозии аз рӯи ҳақиқат амалкунанда; б**)** сифати Худо; **қозӣ шудан** а) ба мансаби қозигӣ расидан; б) *гуфт.* ҳакам шудан; **ба тахтаи қозӣ кашидан** *маҷ.* истинтоқ карда, танбеҳ додан [22,с.678].

Номи ҳуҷҷату санадҳои марбут ба коргузории пешин. Ин гурӯҳи калимаҳои таърихӣ, ки номи ҳуҷҷату санадҳои коргузориро ифода мекард, марбут сулолаву давлатҳои пешин, махсусан Аморати Бухоро буда, аз байн рафта, дигар ҳамчун калимаҳои таърихӣ зикр мешаванд. Мисол: **ВАСИҚА***а.* **وثیقه**1. *кит.* аҳду паймони устувор; аҳднома. 2. *таър.* ҳуҷҷате, ки дар он ҳуқуқи моликияти касе ба чизе (*хусусан молу мулки ғайриманқул*)қайд шудааст: **васиқаи замин, васиқаи ҳавлӣ; васиқа кардан** [22,с.278].

ВАҚФИЯ *а.* **وقفیه** *таър.* вақфнома, васиқаи вақф, ҳуҷҷати вақф шудани мулк (*замин, боғ ва ғ.*) [22,с.272].

МАҲЗАР *а.* **محضر***кит.*1**.** ҷои ҳозир шудан, ҳузургоҳ; даргоҳ. 2**.***кӯн.* ҷое, ки санад ва ҳуҷҷатҳои расмӣ навишта мешуд. 3**.***таър.* ҳуҷҷате, ки дар ҳузури қозӣ тартиб дода шуда, расмият пайдо мекард, ҳуҷҷати расмӣ; санад; **маҳзари дафъӣ** ҳуҷҷате, ки барои радди даъвое тартиб дода мешуд [22,с.775].

Номи вазорату идораҳои давлатӣ. Дар давлатҳои пешин вазорату идораҳое мавҷуд буд, ки дар фарҳангҳо ҳамчун калимаҳои таърихӣ сабт гардидаанд. Мисол:

МАҲКАМА*а.* **محکمه***кӯн.*1**.** суд, доварихона, ҷое, ки ҳукм бароварда мешавад; ҷои ҳукмбарории қозӣ; **ба маҳкамакашидан** барои муҳокимаи даъво (мурофиа) ба маҳкама овардан. 2**.***кит.* девон, идораи давлатӣ: **маҳкамаи қушбегӣ, маҳкамаи ҳоким** [22,с.775].

АДАБИЁТ

1. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. –М.: СЭ, 1969. -951 с.
2. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. –М.: СЭ, 1969. -949 с.
3. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. -Душанбе, 2008. -950 с.
4. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. -Душанбе, 2008. -945 с.
5. Ҳайдаров М. Калимаҳои услуби баланд дар забони адабии муосири тоҷикӣ. -Душанбе, 2018. -143с
6. Сотим Улуғзода. Ривояти суғдӣ. –Душанбе, 2017. – 117с
7. Сотим Улуғзода. Восеъ. – Душанбе, 1979. – 156с.
8. Сотим Улуғзода. Қисмати шоир. – Сталинобод, 1960. – 120с.
9. Сотим Улуғзода. Фирдавсӣ. – Душанбе, 1988. – 270 с.
10. Сотим Улуғзода. Субҳи ҷавонии мо. – Сталинобод, 1956. – 360с.

МАЪНОҲОИ КАЛИМАҲОИ КУҲНАШУДАВУ ТАЪРИХӢ ДАР НАСРИ С. УЛУҒЗОДА

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи маънои калимаҳои куҳнашудаву таъхрихи дар насри Сотим Улуғзода меравад. Муаллиф мисолҳои мухталиферо аз асарҳои С. Улуғзода ҳамчун мисол намуна меоварад.

Калидвожаҳо: Сотим Улуғзода, санад, ҳуҷҷатҳои расмӣ, калимаҳои куҳнашуда, фарҳанг.

ЗНАЧЕНИЕ СТАРИННЫХ И ИСТОРИЧЕСКИХ СЛОВ В ПРОЗЕ С. УЛУЗОДА

В статье рассматривается значение устаревших и исторических слов в прозе Сотима Улугзода. Автор приводит различные примеры из произведений С. Улугзода.

Ключевые слова: Сотим Улугзода, документы, официальные документы, устаревшие слова, культура.

THE MEANING OF OLD AND HISTORICAL WORDS IN THE PROSE OF S. ULUZOD

The article examines the meaning of obsolete and historical words in the prose of Sotim Ulugzod. The author gives various examples from the works of S. Ulugzoda.

Key words: Sotim Ulugzoda, documents, official documents, obsolete words, culture.

Сведения об авторе: ***Шарипов Абдулбосит*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета филологии. Телефон: **001-551-555**

Information about the author: ***Sharipov Abdulbosit*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Philology. Phone: **001-551-555**

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ДАР ШИНОХТИ ОЧЕРК

Шарипов Ш. Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Очерки портретї яке аз жанрњои серистеъмол ва рўзмарра дар ВАО-и имрўз ба шумор меравад. Очерк жанри мустанад аст, ба қисса, ҳикоя монандӣ дорад. Очерк таърихи ташаккули як фардро ифода мекунад, лаҳзаҳои ҳаёт, фаъолияти қаҳрамон, хислатҳои ӯ бо тамоми нозукиҳояш тасвир меёбад. Очерк аз жанрҳои маъмул, серистифода ва нисбатан паҳншудаи публитсистика ва адабиёти бадеӣ ба ҳисоб меравад. Очерк жанрест, ки корнамоиҳои шахсони воқеии дар корзорҳои меҳнатӣ, истеҳсолот, илму фарҳанг ва мактабу маориф содир намударо фаро мегирад. Очерки телевизионӣ намоиши мустақилест, ки дорои сюжети хоса ва доираи мавзӯъҳои муайян мебошад. Сюжетсозии вай ба мисли осори драмавӣ бояд тезу тунд, суръатнок, дорои муқаддима, гиреҳбандӣ, авҷи амалиёт ва хулоса бошад [1,с.3-7].

Аз жанрҳои иттилоотӣ хусусияти рӯзмаррагӣ, ворид шудан ба ҳаёти воқеии одамон ва дар баргирии проблемаҳои иҷтимоию сиёсӣ, мусоҳиба, далелҳо маводи тасвирии сурату наворҳои пешина ва жанрҳои бадеӣ, инъикоси ба тафсилу бешитоби воқеият – аз сароғози кори қаҳрамон то нутқу баромад ва ҷараёни кори истеҳсолиаш, нутқи бевосита ба фарзандону шогирдон, нигоришоти мухталиф, монологу руҷӯъҳои лирикию таърихӣ ва ғайраро қабул кардааст. Очерк жанри публитсисти бадеӣ буда, дар он корномаи одамони пешқадам, қаҳрамононе, ки ҳаёту рӯзгорашон барои дигарон намунаи ибрат аст, бо обу ранги бадеӣ, ба риштаи тасвир кашида мешавад. Дар луғатномаҳо очеркро ҳамчун тарҳ, суроб, намуд, ҳикоят, ёддошт сабт намудаанд. Аслан очерк калимаи русӣ буда, маънои тасвир ва тавсифи таблиғиро дорад. Дар Аврупо очеркро баъзан скетче, эссе ва репортажи бузург низ ном мебаранд. Пайдоиши очеркро муҳаққиқон ба асри 18 мансуб донистаанд. Таҳиягарони рисолаи «Ҳамосаи инсони кор» Саъдуллоев А. ва Гулмуродзода П. дар китоби худ таъкид намудаанд, ки «нахустин бор маҷаллаҳои «Болтун» (1707-1711) ва «Зрител» (1711-1714) маводеро нашр намуданд, ки аз лиҳози шеваи баён ба очерк монанди дошт» [2,с.30-31]. Дар даҳсолаҳои 1970-1980 дар матбуот ва публитсистикаи тоҷик жанри очерк мавқеи бештар пайдо кард. Қувваҳои зиёди эҷодӣ ба майдони публитсистика ворид шуданд. Қариб дар аксари нашрияҳои даврӣ шуъбаи «Очерк ва публитсистика» ташкил карда шуд. Аммо, муҳаққиқ А. Саъдуллоев аз ин вазъияти мавҷуда, бо таассуф андешаашро чунин иброз медорад: «Мутаассифона, миқдор ба сифат табдил наёфт. Ҷилд - ҷилд китоби очеркҳо ба иллати заифии маҳорати нигорандагон баъди нашр аз забонҳо монданд» [3,с.9-10].

Аз андешаҳои дар боло зикр гардида, ба хулосае омадан мумкин аст, ки очеркҳо бояд хусусияти публитсистиро доро бошанд ва ҳамзамон хусусияти бадеиро. Ба муаллифони очерк лозим меояд, ки дар баробари баёни воқеият, ҳаёту фаъолият ва хислату характери қаҳрамон, бо истифода аз тасвирҳои зебо, калимаву ибораҳои образнок ва имконоти бадеӣ, лаҳзаҳо ва сюжетҳоро обу ранги бадеӣ бахшанд. Танҳо дар ин сурат мо метавонем, очеркҳои ҷаззобу рангин ва хонданбобро иншо намуда, пешниҳоди хонанда созем. Дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» моҳияти очеркро чунин шарҳ додаанд: «яке аз намудҳои ҷинси эпикии адабиёти бадеист, ки дар асоси нақлу баёни

тасвири шахсони реалӣ ва ҳодисаҳои воқеӣ шакл гирифта, хусусияти адабӣ, публитсистӣ ва илмиро дорост. Асоси мундариҷаи ғояи онро кашфиёти иҷтимоӣ, воқеаҳои муҳими зиндагӣ муайян мекунад». Дар адабиётшиносӣ ва публитсистика ду шакли очерк: публитсистӣ ва бадеӣ муайян шудааст. Ҳарчанд онҳо ба ҳам монанданд, вале дар миёнашон аломатҳои фарқкунанда низ ҷой дорад. Хусусияти асосии очерки публитсистиро ҳуҷҷатнокӣ, аниқият, тарзи баён, доманаи тасвир, зиддиятҳои иҷтимоӣ ва ғайра ташкил медиҳад. Вобаста ба хусусияти бадеӣ очерк олимони зиёди хориҷӣ ба мисли: Князев А., М. Черепахов, М. Горкий ва ғайра назария баён кардаанд. Мунаққид Т. Абдуҷабборов дар боби жанри очерк чунин андеша дорад. «Очерк ҳамеша асари бадеӣ ҳисоб меёбад». Ӯ боз қайд мекунад, ки очерк яке аз жанрҳои ҷанговар ва оммавии насли бадеӣ ҳисоб меёбад ва дар адабиёти муосири тоҷик ҷойи ба назар намоёнро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, Максим Горкий ду хусусияти очеркро таъкид карда, гуфта буд: «Очерк асари бадеӣ ва дар айни замон публитсистӣ аст». Муҳаққиқи дигари рус М. Черепахов дар асари худ «Кор аз болои очерк» (Работа над очерком), менависад: «Азбаски дар мадди очерк маҷмӯаи хусусиятҳои шахс меистад, бояд қаҳрамонро ба воситаи тасвири бадеӣ, офаридани образ нишон дод. Ба очеркнавис муҳим аст қаҳрамон, рафтору кирдори ӯ, ҷоӣ амалиёти одамонро тавре тасвир кунад, ки хонанда зуд пеши назар оварда тавонад» [4,с.20-24]. Аз муҳаққиқони тоҷик доир ба хусусияти публитсистии очерк: С. Табаров, И. Усмонов, А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, Муродов М., С. Гулов, Ҷумъа Қуддус ва дигарон таҳқиқоти алоҳида анҷом дода, дар асоси осори адибону публитсистон хусусият, ҳолат ва таъсири онро дар тарбияи ахлоқии ҷомеа муайян намудаанд. Муҳаққиқон А. Саъдуллоев ва П. Гулмуродзода дар китоби «Ҳамосаи инсони кор» (1995) доир ба маънои очерк, пайдоиши он, ҳақиқат ва таҳлил, қаҳрамон, анво ва лабораторияи очеркнависӣ маълумоти муфассал додаанд. Дар рисолаи илмии «Хосияти адабиёт» (2000) очерк ба сифати насри ҳуҷҷатӣ таҳқиқ гардида, дар он вуҷуд доштани образи публитсистӣ ва фаъолияти иҷтимоӣ зикр мегардад. Мунаққид С. Табаров дар асари худ «Асосҳои назарии танқиди адабӣ» (1999) очеркро ба сифати жанри танқиди адабӣ арзёби намуда, ҳамзамон ҷанбаи публитсистӣ ва оҳанги иҷтимоӣ доштани онро таъкид менамояд. Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик И. Усмонов дар шинохти очерк ибрози назар карда, очеркро жанри одамшиносӣ ва ҷанговар номида, «вазифаҳои асосии онро дар бораи корнамоиҳои меҳнатӣ сухан рондан ва онро бо обу ранги бадеӣ тасвир кардан медонад» [5,с.25-27]. Муродов М. муҳаққиқи соҳа дар бобати кушодани симоӣ қаҳрамон чунин андеша дорад: «Очерки портретӣ натанҳо ифодакунандаи симои зоҳирии қаҳрамон, балки ифшогари олами ботинии он низ аст. Олами ботинии қаҳрамон бо роҳи тасвири ҷузъиёти мушаххас, тарзи амал, тафаккур, андеша, нутқ, муносибат ва амсоли ин намудор мегардад» [6,с.247-250]. С. Гулов муҳаққиқи жанри мазкур дар китоби худ «Амвоҷи сухан» вазифаи очеркро таҳқиқи характери инсони воқеӣ медонад. Ба назари ӯ «таҳқиқи чунин инсон бо урёнбаёнӣ, забони хушку камтаъсир муяссар намешавад. Истифодаи калимаву ибораҳои образнок дар мавзунсозии матн ва барҷастасозии чеҳраи қаҳрамон нақши муҳим дорад» [7,с.33-35]. Ҷумъа Қуддус доир ба шинохти очерки телевизионӣ дар китоби «Жанрҳои журналистикаи телевизион» чунин таъкид мекунад: «Очерки телевизионӣ намоиши мустақилест, ки дорои сужети хоса ва доираи мавзуҳои муайян мебошад» [8,с.17-18].

Мутаассифона, дар боби очерки портретии телевизионӣ муҳаққиқон камтар навиштаанд ва осори таҳлилии бештари онҳо ба очеркҳои матбуоти даврӣ бахшида шудааст. Ин муҳаққиқон дар такя ба андешаҳои ҳамдигар назари хоси худро вобаста ба ду ҷиҳат хусусияти публитсистӣ ва бадеӣ доштани очерк баён намудаанд. То ба ҳол миёни муҳаққиқони ду соҳа адабиёт ва публитсистика андешаҳо доир ба моли ки будани очерк ихтилофи зиёдӣ вуҷуд дорад. Чуноне мебинем ин муаллифон паҳлӯҳои гуногуни очеркро мавриди таҳқиқ гирифта, дар пайравӣ ба андешаҳои ҳамдигар хусусияти умдаи ин жанри ҳамрадифи рӯзгорро рӯйи кор овардаанд. Ва қисми зиёди онҳо се навъи очеркро муайян кардаанд: Очерки портретӣ, очерки проблемавӣ, очерки сафарӣ. Чаро ба се навъ ва дар кадом асос?

Барои ин се унсурро ба ҳисоб гирифтан лозим: шахс, проблема ва хулосаи муаллиф. Дар очерки портретӣ ба ҷои аввал симои шахс, дар очерки проблемавӣ – проблема ва дар

очерки сафарӣ хулосаи муаллиф меистад. Ғайр аз ин се навъ, дар матбуот боз рубрикаҳои «очерки таърихӣ» ва «очерки судӣ» ба назар мерасанд. Дар очерки таърихи фақат қаҳрамон ё воқеа асоси публитсистӣ доранд. Воқеаҳои дигар, персонажҳои дигарро муаллиф месозад. Дар «Очерки судӣ» бошад, фақат ҷиҳати тадқиқ ба очерк наздики дорад.

«Ҳамин тавр очерк жанри бадеиву публитсистӣ буда, вай ҳам аз имкониятҳои адабиёт ва ҳам публитсистика истифода мебарад. Дар маркази очерк образи шахси конкрет меистад. Тахаюл дар очерк ба андозае истифода мешавад, ки ҳақоният, фактро вайрон накунад» [9,с.37-38].

Дар соҳаи радиову телевизион ва фарҳангу адабиёт ду роҳи инъикоси симои маъруф мавҷуд аст: якум, ба тариқи ҳирфаӣ таҳлил намудани осори эҷодӣ, бо истилоҳоти хоси соҳа тафсир ва тавсиф намудани онҳо, муайян намудани мақому манзалати эҷодкор. Одатан ин усулро мутахассисони соҳа – адабиётшиносон, мунаққидони театр, санъати рассомӣ ва худи эҷодкорон истифода мебаранд. Ин роҳи тасвир хеле ҷолиб буда, бинандаро ба таври касбӣ бо назокати лабораторияи эҷодӣ шинос мекунад. Аммо азбаски чунин мутахассисон хеле каманду барномаҳои телевизиону радио зиёд, ин вазифаро як қисми муҳаррирон ва коргардонҳои телевизиону радио низ ба уҳда мегиранд, ки дар натиҷаи омӯзиши пайваста дар яке аз соҳаҳо чун мутахассиси варзида баромад мекунанд. Аммо чунин барномаҳо як норасоӣ доранд: азбаски баҳои мутахассисон ба ҳадди ниҳоӣ аст, аз ҷумлаи эҷодкорони мавҷуда танҳо чанд нафарро барои тавсиф ҷудо карда, боқимондаҳоро зери тозиёнаи танқид қарор медиҳад. Гоҳо хатои сахт низ мекунанд. Ё аз саросемагӣ, ё барои хушомад ба эҷодкоре бо танқиди муғризона нафареро ба садамаи қалб ҳам мерасонанд ва бо мурури замон хатои ӯро дигарон ислоҳ карда он эҷодкорро «сафед» мекунанд. Вале дар бисёр маврид олимони шинохта нуктаҳои хеле муҳими назариявӣ ва барои кори амалии дигарон муфидро низ баён мекунанд. Жанри очерки телевизионӣ дар хусуси одамони пешқадами истеҳсолот, қаҳрамононе, ки ҳаёташон барои дигарон намунаи ибрат аст, ба таври бадеӣ нақл мекунад. Хусусияти публитсистии жанри очерк дар он зоҳир мешавад, ки вай дар бораи одамон айнан нақл мекунад, аниқ ва факту далелҳои конкретӣ навишта мешавад, наворҳое сабт мегарданд, ки барои тамошобинон диданибоб бошанд ва таҷассумгари мазмун шаванд. Аммо ин нақл ва сабти хушку холӣ не, балки бо обу ранг, нақли бадеӣ аст ва хусусияти бадеии очерк низ дар ҳамин зоҳир мешавад. Бегумон суоле ба миён меояд; ҳам дар жанри очерк ва ҳам дар лавҳа дар хусуси ҳаёти одамон ба таври публитсистию бадеӣ нақл мекунанд. Пас байни онҳо чӣ фарқе дида мешавад? Фарқ байни онҳо кам не, аммо асосаш дар ин мазмунҳо зоҳир мешавад;

-дар лавҳа монанди очерк лаҳзаҳои зиёди ҳаёти қаҳрамон тасвир намешавад, балки дар як ё ду лаҳза характери қаҳрамонро нишон медиҳанд;

-дар очерк, зимни чандин лаҳзаҳо шаклгирии симои қаҳрамон тасвир мешавад;

-лаҳзае, ки асосан лавҳаро ташкил мекунад ҳатмӣ нест, ки ба кори қаҳрамон дахл дошта бошад;

-дар очерк, воқеаҳо ба касби асосии қаҳрамон дахл доранд;

-очерк умуман бе проблема вуҷуд надорад, барои лавҳа бошад проблема шарт нест.

Барои он ки табиати очеркро беҳтар тасаввур кунем, онро ба дигар жанрҳои бадеии дар телевизион истифодашаванда ба монанди жанрҳои драма, эпика, новелла низ муқоиса кардан лозим аст. Маълум, ки жанрҳои театрӣ қаҳрамони ҳаётӣ надоранд ва агар прототипи дошта бошад ҳам, вай аксаран бо ному фаъолияти худ номбар намешавад. Ин низ ба табиати очерк мувофиқ намеояд. Зиёда аз он драманавис вобаста ба мақсаде, ки ба назди худ гузоштааст, лаҳзаҳо меофаранд. Очеркнавис дар асоси он воқеаҳое, ки ба ҳаёти ҳамин як одам хос аст, асар менависад. Аз ин гуфтаҳо ба хулосае меоем, ки нависанда дар истифодаи тахаюл озод аст, очеркнавис бошад, басо маҳдуд. Дар ин хусус сухан ронда Б. А Полевой воқеаеро ёдовар аст: «Ӯ боре аз ҳаёти як коргар очерке чоп кардааст, ки дар он, аз ҷумла ибораи «ҳар гоҳ, ки ӯ ба сари дастгоҳ хам мешуд, қабзаи мӯяш ба сару абрӯяш хам меафтид» - низ будааст. Муддате пас аз нашри очерк муаллиф аз қаҳрамонаш пурилтифоте гирифтааст, вале дар нома қаҳрамон барои ибораи дар боло зикршуда ранҷида, хотирона гуфтааст, ки охир ман мӯйи сар надорам» [10,с.9-11].

Дар айни ҳол чунин гумон кардан низ хато аст, ки дар очерк умуман лаҳзаҳои сохтаи муаллиф набошад. Албатта ин хел не. Очеркнавис метавонад ва бояд лаҳзаҳои ҳаёти қаҳрамонро ба таври худ ташкил диҳад, пурқувват кунад. Зеро очерк нусхабардории рӯякӣ ҳаёт нест, яъне очерк сурат не, расм аст. Лекин барои он ки лаҳзаҳои сохта нанамояд, ба раванди ҳаёти қаҳрамон зич пайваст мешавад, муаллиф бояд қаҳрамонашро нағз донад, омӯзад. На аз рӯйи қоғаз на дар тӯли суҳбати чандсоата, балки хеле бештар донад. Мутаассифона, дар бисёр очеркҳо махсусан эҷодиёти ҷавонон ҳис мешавад, ки онҳо қаҳрамонашро нағз наомӯхтаанд. Барои ҳамин дар аксарияти очеркҳо онҳо монанди сар задани об ақиб монда будани бригада, ба кор аз кори дигарҳо барвақттар омадан шогирдро дида замони шогирдии худро ёд овардан разветка барои забон рафтан дар дарси аввал гум кардан, ба хонаи талабаи дарсгурез рафтан (очерк мавзӯи мактаб) лаҳзаҳои якранг такрор шудан мегирад. Чунин очеркҳо аз якдигар фақат бо номи қаҳрамонашон фарқ мекунаду халос. Дар хусуси он, ки ҳамаи очеркҳо адрес бояд дошта бошад, мо аллакай гуфтем. Лекин ду чиз ба назар мерасад: ҳаҷми материал ба бадеият эътироф бояд кард, ки ҳаҷми калон ё хурд ҳеҷ вақт меъёри муайянкунандаи жанр шуда наметавонад, ки намедонад филмҳои очеркмонанде ҳастанд, ки то як соат хронометраж доранд. Иддае аз муҳаққиқон исбот кардан мехоҳанд, ки дар телевизион, радио, маҷаллаву газетаҳо бадеият камтар дида мешавад. Аммо ҳаминро бояд иброз дорем, ки бадеият дар ҳама намуди очеркҳо хоҳ вай дар радиову телевизион бошад ва хоҳ дар дигар расонаҳои хабарӣ вобаста ба қудрат ва тавоноии очернавис аст. Очерҳои С. Айнӣ, С. Улуғзода, М. Турсунзода, Ҳ. Карим ва дигарон, дар матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд, далели онанд, ки бадеият на аз ҳаҷми очерк, балки аз истеъдоди очеркнавис вобастагӣ дорад. Пас ба боварӣ гуфтан лозим аст, ки очерки бадеӣ ё газета нест, балки ҳамаи онҳо ҳам хусусияти бадеӣ дошта бошад, ҳам хусусияти публитсистӣ. Дар хулоса ҳаминро бояд ёдовар шуд, ки муҳаққиқони зиёди дохилу хориҷи кишвар дар хусуси ин жанри одамшиносӣ назарияву андешаҳои хешро пешниҳод намудаанд. Аз муҳаққиқони тоҷик низ қисмати зиёде дар пайгирии ин мавзӯъ рисолаҳои илмӣ навишта, назарияҳои хоси худро дар хусуси жанри очерки портретӣ иброз доштаанд. Чуноне мушоҳида намудем, миёни муҳаққиқони соҳаи журналистика ва адабиётшиносон баҳсҳои илмӣ сари мавзӯи лавҳа ва очерк, хусусан очерки портретӣ идома дорад. Адабиётшиносон қисмати бадеӣ очерки портретиро ба инобат гирифта, исбот кардани мешаванд, ки очерк моли адабиёт ба ҳисоб меравад. Аммо баръакси ин, муҳаққиқони соҳаи журналистика қисмати публитсистии очеркро ёдовар шуда, баронанд, ки дар очерк факту рақам, аснод ва ҳаёти қаҳрамони зиндаву воқеӣ ба риштаи тасвир кашида мешавад ва инҷо бадеият ҷиҳати пурра сохтану обу ранг бахшидани матни тасвир ва таъсирбахш сохтани барнома истифода мегардад

Зимни мутолиа ва баррасии назару андешаҳои муҳаққиқони соҳаи журналистика ва адабиётшиносони дохилу хориҷи кишвар вобаста ба жанри очерк, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар очерк ҳам хусусияти публитсистӣ ва ҳам хусусияти бадеӣ ниҳон аст. Андешаи мо дар заминаи назару андешаҳои олимон ҳамин аст, ки очерк жанри публитсистӣ аст.

АДАБИЁТ

1. Князев А. Основий тележурналистики и телерепортажа. Бишкек - 2003 - 250с.
2. Саъдуллоев А. Гулмуродзода П. Ҳамосаи инсони кор Душанбе -1995 - 150с.
3. Муродов М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист. Душанбе - 2004 - 356с.
4. Гулов С. Амвоҷи сухан. Душанбе «Эҷод» - 2005 - 96с.
5. И. Усмонов Жанрҳои публитсистика. Душанбе - 2009 - 90с.
6. Ҷумъа Қудус Жанрҳои журналистикаи телевизион. Душанбе - 2003 - 40с.
7. Рафоати Абдусалом Телевизион ойинаи зиндагист. Душанбе - 2009 - 190с.
8. Умарова Гавҳар Телевизион ва воқеияти Тоҷикистон. Душанбе - 2011 - 220с.
9. З. Муъминҷонов Жанрҳои публитсисти бадеӣ. Душанбе - 2012 - 45с.
10. Саъдуллоев А. Маҳмудхон Шоев Асосҳои журналистикаи телевизион. Душанбе - 2010 - 108с.

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ДАР ШИНОХТИ ОЧЕРК

Дар мақолаи мазкур, чуноне аз номи он бар меояд, масъалаҳои назариявие, ки дар шинохти жанри очерк аз ҷониби муҳаққиқони соҳа ва адабиётшиносон рӯйи кор омадаанд. Ин мақола андешаҳои муҳаққиқони дохилу хориҷи кишварро доир ба шинохти очерк ва кушодани ҷиҳатҳои публитсистиву бадеӣ

ин жанрро муайян намудаанд, пайгирӣ мекунад. Ба риштаи таҳлил кашидани назару андешаҳои олимони соҳа ва мунаққидони адабиёт дар ростои моли адабиёт ва публитсистика будани жанри очерк, ҷудо намудани очерки матбуот ва телевизион бино ба андешаи баъзе аз муҳаққиқон хусусияти бадеӣ хоси очерки матбуот аст ва очерки телевизиони аз бадеият орӣ мебошад. Андешаҳои ин муҳаққиқонро дар вобастаги ба назари якдигар матраҳ намуда, қисматҳои гуногуни жанри очеркро рӯнамоӣ намудем. Ва дар фарҷом ҳаминро бояд ёдовар шуд, ки очерк яке аз жанрҳои публитсисти бадеӣ ба шумор меравад, ки бо факту рақам, ҷову макони воқеӣ ва қаҳрамони зиндаву ҳаётӣ, сару кор дорад.

Калидвожаҳо: телевизион, ВАО, очерки портретӣ, матбуот, публитсист, журналист, радио.

НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ РАСПОЗНАВАНИЯ ЭССЕ

Эта статья, как следует из названия, посвящена теоретическим вопросам признания жанра эссе исследователями и литературоведами. В статье изложены взгляды отечественных и зарубежных исследователей на признание эссе и открытие публицистических и художественных аспектов этого жанра. Анализируя взгляды ученых и литературоведов на достоинства литературных и публицистических эссе, различие между газетными и телевизионными эссе, по мнению некоторых исследователей, является художественной особенностью прессы, а телевизионные репортажи лишены искусства. Мы обсудили взгляды этих исследователей друг на друга и представили разные части жанра эссе. В заключение следует отметить, что эссе - один из жанров художественной литературы, в котором речь идет о фактах и цифрах, реальном месте и живом герое.

Ключевые слова: телевидение, СМИ, портретный очерк, пресса, публицист, журналист, радио.

SOME THEORETICAL ISSUES IN ESSAY RECOGNITION

This article, as its name implies, deals with theoretical issues in the recognition of the genre of essays by researchers and literary critics. This article follows the views of domestic and foreign researchers on the recognition of essays and the discovery of journalistic and artistic aspects of this genre. Analyzing the views of scholars and literary critics on the merits of literary and journalistic essays, the distinction between press and television essays, according to some researchers, is an artistic feature of the press, and television features are devoid of art. We discussed the views of these researchers in relation to each other and presented different parts of the essay genre. In conclusion, it should be noted that the essay is one of the genres of fiction, which deals with facts and figures, the real place and the living hero.

Keywords: television, mass media, portrait essays, press, publicist, journalist, radio.

Сведения об авторе: ***Шарипов Шарафиддин Рустамович*** - магистр 2 курса факультета журналистики Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 909-29-16-19**

Information about the author: ***Sharipov Sharafiddin Rustamovich*** - 2nd year master's student at the Faculty of Journalism of the Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Avenue. Phone: **(+992) 909-29-16-19**

ТАРКИБИ ЛЕКСИКӢ – ГРАММАТИКИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ҚОЛАБИ “ДИЛИ КАСЕ ПУР” ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Шералиев Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар баробари ибораҳои фразеологии феълӣ, ки қисмати зиёди захираи фразеологии забонро ташкил медиҳанд, ҷумлаҳои фразеологӣ ва махсусан қолаби фразеологии **“дили касе пур”** мавқеи хосса дорад ва дорои хусусиятҳои махсуси фарқкунандаи лексикӣ ва грамматикӣ мебошад. Дар байни қолабҳои гуногуни ҷумлаҳои фразеологӣ ҷумлаҳои фразеологии қолаби “**дили *касе* пур**” мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Дар забони имрӯзаи тоҷикӣ ин қолаби фразеологӣ дар муқоиса ба дараҷаи истеъмоли навъҳои гуногуни қолабҳои фразеологӣ аз ҷумлаи қолабҳои серистеъмол маҳсуб ёфта, системаи шаклҳои грамматикии он хеле мураккаб аст. “Қолаби **дили *касе* пур**, ки онро баръакси **миси *касе (чизе)* баромад** ҷумлаи фразеологии номӣ унвон додан мумкин аст, дорои хусусиятҳои мураккаби грамматикист” [10,с.303]. Ин қолаби фразеологии забонро ҷумлаҳои фразеологии номӣ унвон додан ба мақсаl мувофиқ буда, ҷузъи асосии он асосан бо ҳиссаҳои номии нутқ ифода меёбад. Саҳми ҳиссаҳои номии нутқ дар созмон додани таркиби луғавии ин навъи қолаби фразеологӣ бисёр бузург мебошад.

Мураккаб будани хусусиятҳои грамматикии ин қолаби фразеологӣ самтҳои фарқкунандаи онро аз дигар навъҳои гуногуни қолабҳои фразеологӣ ошкор месозад.

Маҳз, системаи комилан мураккаби шаклҳои грамматикии он дараҷаи истеъмоли ин қолабро дар нутқи шифоҳӣ ва китобӣ муайян месозад. Имконияти тобишҳои мухталифи семантикӣ қабул кардани онҳо ва мавҷудияти унсурҳои гуногуни забонӣ ҳамчун ҷузъи доимӣ ва баъзан тағйирёбанда, пеш аз ҳама, аз системаи мураккаби шаклҳои грамматикии он вобастагӣ дорад. Таркиби лексикии воҳидҳои фразеологӣ аз ҷузъҳои ҳатмӣ ва тағйирнопазир иборат аст, ки баъзан ба яке аз ин ҷузъҳо бандакҳои гуногун (бандакҷонишинҳо, бандаки изофӣ, бандаки феълӣ ва бандаки хабарӣ) илова гардида, ба онҳо тобишҳои гуногуни маъноӣ мебахшанд. Дар баъзе мавридҳо чунин бандакҳо метавонанд, унсури ҳатмии таркибии луғавии воҳидҳои фразеологӣ бошанд. Тағйир додани ҷузъҳои воҳидҳои фразеологӣ воҳиди мустақил будани онҳоро барҳам мезанад. “Ҷумлаҳои фразеологии қолаби “**дили *касе* пур”** аз ҷиҳати таркиби лексикию грамматикӣ низ фарқ доранд. Одатан, онҳо аз се ҷузъи асосӣ таркиб ёфтаанд: мубтадои грамматикӣ, предикат – хабар ва ҷузъи ивазшаванда, ки ба соҳиби амал далолат мекунад” [10,с.306]. Ҷузъи мубтадои грамматикӣ, бисёртар бо исмҳо ва ҷузъи хабари онҳо бо ҳиссаҳои гуногуни номӣ (исм, сифат, шумора, ҷонишин) ифода меёбад: **сари *касе* баланд, дили *касе* сахт, аҳволи *касе* бад, дасти *касе* боло, чашми *касе* бечо, сари *касе* гаранг, бахти *касе* сиёҳ, ҳавсалаи *касе* пир, гулӯи *касе* қоқ, тоқати *касе* тоқ, дили касе об, гапи *касе* якта** ва монанди инҳо:

Ба умеди “рӯзе мерасад” дилашро бақуввату **сарашро баланд** медошт ва интизорӣ мекашид (С. Турсун, Се рӯзи як баҳор, 92). Кампири Роҳила ба ариза назди Калтаи Мансур даромадааст, гуфтааст, ки **аҳволаш бад**, писараш дар ҷанг, дар хонааш як гард орд нест, ки рӯи об занад (К. Мирзоев, Зиндагӣ ҳам нафасе, 10). Ин гуна кор дар ҳақиқат мушкил бошад ҳам, барои ғозиёни мо осон буд, зеро **дили** онҳо он қадар **сахт буд**, ки гиря ва зории бадбахтоне, ки ин гуна фоҷиа ба сарашон афтодааст, сабаби қаҳқосзанон хандидани онҳо мегардид (С. Айнӣ, Ғуломон, 41). Ҳозир бошад, **дасти мо боло**, ҳар кас пурсад, ҷавоб ҳамин ки худаш нахост, нарасидани муаллимро дидаю дониста қасдан нозу нузкунон худашро азиз карданӣ шуда, баромада рафт (Ф. Ниёзӣ, Вафо, 160). – Хасбур кунед, тақсир! – гуфт Мулло Наврӯз, - **чашми** ин бача **бечо** менамояд, то даравида кӯфтан нимашро медуздад (С. Айнӣ, Ғуломон, 166).

Ҷузъи сеюм ё ҷузъи ивазшаванда, ки ба соҳиби амал далолат мекунад, дар шакли мафъулӣ ифода ёфта, асосан барои муайян намудани мубтадо хизмат мекунад. Вазифаи он дар ин маврид аз системаи грамматикӣ орӣ аст. “Ба ин сабаб ҳам он ҳамчун муайянкунандаи мубтадо меояд, на чун мубтадои грамматикӣ” [10,с.307]. Дар системаи таркибии ин қолаби фразеологӣ функсияи ҷузъи сеюм ва ё ҷузъи ивазшаванда баробарҳуқуқ ба назар мерасад ва ҳамчун муайянкунандаи мубтадо адои вазифа мекунад. Бо вуҷуди ин, дар баъзе мавридҳо, мумкин аст, ки ҷузъи ишорӣ зикр наёфта бошад, вале ин мавридҳо бисёр кам мушоҳида шуда, метавон онро чун ҳолати истисноӣ ном бурд. Масалан, дар ҷумлаҳои зайл: Онҳо ба меҳнатҳои сахти тоқатнопазир ва дар дасти одамони аҷнабӣ ба корҳое, ки аз андешаи онҳо **дил хун мешавад**, гирифторанд (С. Айнӣ, Ғуломон, 27). Ва бахуду бехудона гапҳое гуфта, ки **дилҳо об**, ҷигарҳо реш гашта (К. Мирзоев, Марги бегуноҳ, 16). Дар ҷумлаҳои боло зикри амал ба таври умумӣ ифода ёфта, дар он соҳиби амал муайян набуда, он метавонад ҳар касеро дар маҷмуъ ифода карда бошад. Маҳз, дар ин маворид, ки хеле кам ба назар мерасанд, муҳимияти мавҷуд будани ҷузъи тағғйирёбанда ошкор шуда, вазифаи онҳо чун ҷузъи ҳатмии ин қолаби фразеологӣ муайян мегардад. “Бояд гуфт, ки чунин мисолҳое, ки дар онҳо ҷузъи ишорӣ зикр нашуда бошанд, хеле кам вомехӯранд. Дар аксар ҷумлаҳои фразеологии қолаби дили касе пур ҷузъи ишорӣ зикр шудааст. Ҷузъи ишорӣ одатан, бо бандакҷонишинҳои шахсӣ, номҳои ифодакунандаи шахс ва ё ташхисшуда, инчунин, бо ҷонишинҳои шахсӣ ва таъйинӣ ифода мешавад ва ҳатман шахс – субъектро ифода мекунад” [10,с.307]. Ҷузъи ишорӣ ва ё тағйирёбанда, ки онро метавон ҷузъи ҳатмии таркиби ин қолаби фразеологӣ унвон дод, асосан бо бандакҷонишинҳо ифода меёбад. Хусусияти тағйирёбанда будани ҷузъи ишорӣ, пеш аз ҳама, ба имконияти васеи ҷойивазкунии бандакҷонишинҳо, ки онҳоро метавон озодона бо ном ва ё исмҳои ташхисшуда иваз кард, вобастагии ногусастанӣ дорад.

Бандакҷонишинҳо дар воҳидҳои фразеологии қолаби **“дили *касе* пур”** нақши муҳимро мебозанд. Хизмати онҳо дар таҳкими мазмуни воҳидҳои фразеологӣ муайян мегардад. Дар пасвандҳо ва аломатҳои дигари морфологӣ баъзе хусусиятҳо дида мешавад, ки бандакҷонишинҳо аз ин хусусият орӣ ҳастанд. “Агар пасвандҳои ҷамъбандии исмҳо ва аломатҳои дигари морфологии бевосита ба ҷузъи номӣ иловашаванда ба тамоми қолаби воҳиди фразеологӣ оҳангу тобишҳои иловагии грамматикию модалӣ зам намоянд, дар хусуси бандакҷонишинҳо ва унсурҳои лексикии дигари ивазкунандаи онҳо инро гуфтан мумкин нест” [10,с.307]. Онҳо ҳамчун ҷузъи ишорӣ барои муайян намудани шахсу шумораи соҳиби амали ин навъи қолаби фразеологӣ хизмат мекунанд. Қолаби фразеологии **чашми *касе* танг** – ро метавон ба ин шакл тасриф кард:

Чашм**ам** танг Чашм**амон** танг

Чашм**ат** танг Чашм**атон** танг

Чашм**аш** танг Чашм**ашон** танг

Чуноне дар боло зикр карда шуд, бандакҷонишинҳо дорои имконияти васеи ҷойивазкунӣ доранд, бидуни он ки семантикаи онҳо тағйир ёбад. Онҳоро ҷонишинҳои шахсӣ бо тағйири шакл ва бе тағйири маъно иваз карда метавонанд:

Чашми **ман** танг Чашми **мо** танг

Чашми **ту** танг Чашми **шумо** танг

Чашми **ӯ** танг Чашми **онҳо** танг

Бандакҷонишинҳои шахсӣ – соҳибӣ дар ҷумлаҳои озоди синтаксисӣ вазифаҳои гуногуни грамматикӣ ва лексикиро иҷро мекунанд, вале дар воҳидҳои фразеологии қолаби **“дили *касе* пур”**, аслан, вазифаи онҳо “соҳибият” буда, барои муайян кардани соҳиби амал истифода бурда мешаванд. Мисолҳо: Чӣ, акнун чор сӯямон чӯл нашавад гуфта, ӯро то **риш*аш* ба замин расидан** аз доманаш дошта шинем буд? (Ф. Ниёзӣ, Асарҳо, 75). – Номаълум қариб як соат гапзанон кардем – а? – пурсид Давлат. – Ҳа, **гап*амон* қӯр гирифт** (Ф. Ниёзӣ, Асарҳо, 89). Гумони ғолиб он аст, ки то он вақт ин кампири ҳафтодсолаи **поя*ш* ба лаби гӯр расида** ба бекасиву банавоӣ ҷон медиҳад (С. Айнӣ, Одина, 25).

Воҳидҳои фразеологии **риши *касе* ба замин расид** ба маънои “калон шудан”, **гапи *касе* қӯр гирифт** “суҳбат дароз шудан”, **пои *касе* ба лаби гӯр расид** “ба мурдан наздик шудан” дар ҷумлаҳои боло, ки бо бандакҷонишинҳо ифода ёфтаанд, маънои “соҳибият” ифода ёфтааст. Вазифаи асосии бандакҷонишинҳо дар семантикаи воҳидҳои фразеологӣ муайян намудани “соҳибият” мебошад. Ҷузъи аввали ин қолаби фразеологӣ метавонад унсурҳои гуногуни грамматикиро қабул кунад, ки ин ба семантикаи воҳиди фразеологӣ таъсири хос намерасонад. Гуфтан мумкин аст, ки дар муқоиса бо хусусиятҳои грамматикии ҷумлаҳои фразеологии қолаби мазкур, хусусиятҳои семантикии онҳо бақувватар мебошад. Бо вуҷуди он ки, шакли грамматикии он имконияти тағйирёбӣ дорад, семантикаи онҳо ҳамчунон устувор боқӣ мемонад. Агар воҳидҳои фразеологӣ унсурҳои мухталифи грамматикиро қабул карда бошанд, бандакҷонишинҳо дар охири он силсилаи аломатҳои грамматикӣ меоянд: **Чашмакам чор**, **тоқатам тоқ** шуд (Ф Ниёзӣ, Вафо, 20). Ҳамаи **корҳоят тахт**, имрӯз – пагоҳ штаби армияи Балашов ҳуҷҷатҳоят, ордену медалҳоятро ба воситаи органҳои дахлдор ба ту мефиристанд (Ф. Ниёзӣ, Вафо, 672).

Дар ҷумлаҳои боло пасванди ифодагари хурдию навозиши *–ак* ва шакли ҷамъбандии *–ҳо* ба қисмати аввали онҳо илова гардида, бандакҷонишинҳо дар охир омадаанд. Ҷузъи ишорӣ, ки асосан бо касе, чизе нишон дода мешавад, ҳамчунин дорои қолаби изофӣ буда, ба осонӣ тағйир дода мешавад. Дар сурати тағйир додани онҳо семантика устувор боқӣ мемонад. Бандакҷонишинҳои таркиби воҳидҳои фразеологиро дар қолаби изофӣ ҷонининҳои шахсӣ иваз карда метавонанд: Чашмони калон, бинии баандом ва абрувони кӯтоҳ дошт, **ситорааш гарм** (ситораи **ӯ**) буд ва бо чӣ як хислаташ зуд ба шумо маъқул мегашт (Ҷ. Икромӣ, Ман гунаҳгорам, 11). Дар ҷустуҷӯи хӯрданӣ ба ҳар тараф менигарист, **чашмаш** (чашми **ӯ**) ба алафи сабзии кӯҳӣ афтод (С. Айнӣ, Дохунда, 105).

Баъзе аз бандакҷонишинҳои шахсии таркиби воҳидҳои фразеологии қолаби мазкурро ба таввасути ҷонишини нафсӣ – таъкидӣ иваз кардан мумкин аст:

Қориишкамба, аз харидории ман **умедашро канда** (умеди худашро) ба роҳ даромад ва ман ҳам аз дунболи ӯ (С. Айнӣ, Марги судхӯр, 15). Пирамард дар байни ҳавлӣ рост истода, **дилашро** (дили худро) **холӣ** кард (А. Самад, Косаи давр, 23).

Ҳамин тариқ, вазифаи асосии бандакҷонишинҳо, ки дар таркиби ин навъи ҷумлаҳои фразеологӣ чун ҷузъи ишорӣ хизмат менамоянд, пеш аз ҳама муайян намудани соҳибият буда, бо навъҳои гуногуни ҷонишинҳо хусусияти ивазшавандагиро доро мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Азимова М. Н. Сопоставительно-типологический анализ фразеологической системы таджикского и английского языков: //Автореф. дис... докт. филол. наук.– Душанбе, 2006.– 49с.
2. Дӯстов Ҳ.Ҷ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик.- Душанбе, “Ҷонибек”.– 2014, 186саҳ.
3. Маҷидов Ҳ. Аломатҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ.//Масъалаҳои забони тоҷикӣ. Ун-ти давлатии Тоҷикистон.- Душанбе: Ирфон, 1967.– С.61-78.
4. Маҷидов Ҳ. Воҳидҳои фразеологӣ ва калима.//Мактаби советӣ.-1984.- №4. – с. 19-21.
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик.-Ҷ.1. Луғатшиносӣ.- Душанбе,2007. – 242с.
6. Маҷидов Ҳ. Таркиби лексикии воҳидҳои фразеологӣ.//Мактаби советӣ. 1986.-№10. С. 72-78.
7. Маҷидов Ҳ. Таркибҳои фразеологӣ. //Мактаби советӣ. -1980. -№1 -С.21-24.
8. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик.-Душанбе. 1982. 104с.
9. Маҷидов Ҳ. Ҷумлаҳои фразеологӣ. //Мактаби советӣ. – 1978.-№5.-С.15-19.
10. Маҷидов Ҳ. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ. -Душанбе. “Дақиқӣ”. -2014. 352с.

ТАРКИБИ ЛЕКСИКӢ – ГРАММАТИКИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ҚОЛАБИ “ДИЛИ КАСЕ ПУР” ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур муҳимтарин ва асоситарин хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии ҷумлаҳои фразеологии қолаби мазкур мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Вазифаи асосии бандакҷонишинҳо чун ҷузъи ишорӣ муайян намудани соҳибият буда, бо навъҳои гуногуни ҷонишинҳо хусусияти ивазшавандагиро доро мебошад. Онҳо дар умум дорои имконияти васеи тағйирёбандагӣ дошта, бо шаклгирӣ ва қабул кардани унсурҳои гуногуни грамматикӣ дар баробари дигар навъи воҳидҳои фразеологӣ мавқеи хоссаро ишғол менамоянд. Дар шаклсозии ҷузъи ишории онҳо вазифаи ҷонишинҳои шахсӣ ва нафсӣ-таъкидӣ назаррас мебошад.

Калидвожаҳо: фразеология, ҷумлаҳои фразеологӣ, мубтадо, хабар, ҷузъи ивазшаванда, ҷонишинҳои шахсӣ, ҷонишинҳо, бандакҷонишинҳо, лексика, грамматика

ЛЕКСИКО-ГРАММАТИЧЕСКАЯ СТРУКТУРА В ГЛАГОЛЬНОМ ФРАЗЕОЛОГИЗМЕ НА СЛОЕ “ПОДЛЕЖАЩЕЕ, ИЗМЕНЯЮЩЕЕ ЧАСТЬ СКАЗУЕМОГО” В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЛИТЕРАТУРНОМ ЯЗЫКЕ

В этой статье обсуждаются наиболее важные и основные лексические и грамматические особенности предполагаемого слоя. Основная функция местоимения – суффикса определение владения. Они могут быть заменены разными местоимениями. У них есть отличная возможность измениться с формированием и принятием различных грамматических аспектов, имеющих основной статус среди других фразеологизмов. В формировании изменяющейся части личностные местоимения играют жизненно важную роль.

Ключевые слава: фразеология, глагольные фразеологизмы, сказуемое, предикат, изменяющий часть, личные местоимение, местоимение, местоимение – суффикс, лексика, грамматика

LEXICAL AND GRAMMATICAL STRUCTURE IN VERBAL PHRASEOLOGICAL UNIT ON LAYER OF “SUBJECT CHANGING PART PREDICATE” IN MODERN TAJIK LITERARY LANGUAGE

This article discusses the most important and main lexical grammatical features of a layer in question. The main function of pronoun-suffix is to determine the possession. They are changeable with deferent kind of pronouns. They have a great chance to change with the formation and accepting different grammatical aspects having the main status among other phraseological units. In the formation of their changing part personal pronouns have a vital role.

Keywords: phraseology, verbal phraseological units, agent, predicate, changing part, personal pronouns, pronouns, pronoun – suffix, lexica, grammar

Сведения об авторе: ***Шералиев Шерали*** – Таджикский национальный университет, магистр кафедры таджикского литературного языка. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 988 50 94 93.** Email: **sherka1997@inbox.ru**

Information about the author: ***Sheraliev Sherali*** – Tajik National University, master`s student of the Department of modern Tajik literary language. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992) 988 50 94 93**. Email: **sherka1997@inbox.ru**

ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ МАРКАЗИ МАТБУОТИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶТ

Эшонова М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Марказҳои матбуотӣ бо мақсади таъмин намудани иттилоот аз тарафи кормандони ниҳодҳои гуногун таъсис дода шудаанд. Бо ҳамин мақсад сол то сол шумораи марказҳои матбуоти дар кишвар бештар гардида, ба тариқи сомонаҳо, радио, телевизион кишварро аз иттилооти худ воқиф месозанд. "...Моҳи майи соли 2007 дар шаҳри Душанбе бо дастгирии якҷояи Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ва дафтари СММ дар бахши ҳамкорӣ дар бунёди сулҳ (UNTOP) маркази матбуотии ҷумҳуриявӣ таъсис дода шуд"**.**

Бо ҳамин мақсад назаре ба аввалин пайдоиши хадамоти матбуоти дар ҷаҳон таваҷҷуҳ менамоем. Дар Олмон майдоиши матбуотро пеш аз ҳама сиёсатмадорон ва ҳокимон пайгирӣ намудаанд, ки ин аз ҳукуматдории солҳои қаблӣ дарак медиҳад. "*...Шоҳи Пруссия Вилгелми IV ки дар миёнаҳои асри XIX ҳукумрон буд, дафтари адабӣ ташкил кард, ки баътар Муассисаи маркази кори рӯзноманигорӣ ва ё Бюрои адабии Вазорати шоҳии давлатӣ ном гирифт. Ин Бюро маркази матбуоти буд ва вазифааш идоракунии афкори омма, назорати мувофиқати мундариҷаи матбуот бо афкори ҳукумат буд*" [3,с.10].

Ҳамин тариқ баътар дар **Иёлоти Муттаҳидаи Амрико** охирҳои асри 19 идораҳои давлатӣ шуъбаҳои кор бо матбуотро ташкил намуданд. Аз ҳамин вақт сар карда дар асри 20 нишастҳои матбуоти бештар ташкил мегардиданд. Аз нимаи дуюми асри 20 сар карда, ИМА бештар ба масъалаи иттилоъдиҳии ҷомеаи ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Бо ҳамин мақсад "Хадамоти матбуотии глобалӣ"-и Ожонсии иттилооти ИМА таъсис ёфт. Бо ҳамин мазмун дар Тоҷикистон Маркази матбуоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барвақттар ташкал гардида, яке аз ниҳодҳои калидии сохтори давлатдории кишвар ба ҳисоб рафта, таъмини ВАО ва ҷомеа бо иттилооти марбут ба фаъолияти вазорат дар мубориза бар зидди ҷинояту ҷиноятқорӣ ва роҳҳои таъмини амнияту суботи кишвар бар дӯши он вогузор шудааст. Сару кор бо ҷинояту ҷиноятқор, ки дар замони муосир равияҳои нави ҷиноятқорӣ, аз қабили терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, амалҳои гуруҳҳои ифротгаро ба вуҷуд омадаанд, аз кормандон ва нафарони масъули ин ниҳод зиракиву ҳушёрӣ ва тактикаи сифатан нави пешгирии ҷинояту ҷиноятқориро тақозо менамояд. "Ғайр аз ин, бо ёрии матбуот, радио, телевизион ва адабиёту санъат ва дигар шаклҳои пропаганда ба инсони имрӯзаи замони истиқлол таълими хирад медиҳад, поквичдонӣ, ростқавлӣ, ҳалолкорӣ, парҳез аз молу мулки давлату ҷамъият, аз кору ахлоқи бад омӯзонида мешавад" [2,с.6].

Воқеан имрӯз бо дарки ҳама ин талаботҳо, ки дар назди кормандони ин мақомот истодааст, бо тавонмандии бузургу дасту дили гарм баҳри таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҳамагуна ҷиноятқорӣ муборизаи беамон бурда истодаанд. Дар баробари мубориза бо ҷиноятқорӣ дар самти дастрасии шаҳрвандону кормандони ВАО бо иттилооти расмӣ Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пешравиҳои зиёде ноил гардидааст. Аз ҷумла Маркази матбуот бо пахшу нашри иттилооти зарурӣ тариқи симову садо ва матбуоти даврӣ машҳури ҳамагон гардидааст. Дар байни тамоми марказҳои матбуотии вазорату кумитаҳои давлатӣ, Маркази матбуоти Вазорати корҳои дохилӣ нисбатан барвақттар созмон дода шудааст ва дар самти дастрасии иттилооти расмӣ, фаъолияти назаррас дорад. Фақат дар аввал ин вазифаро шахсони алоҳида дар вазорат ва раёсату шуъбаҳо анҷом дода, дар шӯъбаҳо гуруҳҳои пешгирии ҷиноятқорӣ ташкил карда шуда буданд, ки онҳо бештар бо мардум суҳбату вохӯриҳо анҷом дода, дар матбуоти даврӣ мақолаву хабарҳо нашр менамуданд. Сипас, баъд аз пурқувват гардидани Иттиҳоди Шӯравӣ дар таркиби Комиссариати халқии корҳои дохилӣ маҷаллаву ҳафтаномаҳо ба нашр расонида шуда, гуруҳҳои кории табъу нашр ташкил карда шуданд.

Маркази матбуотие, ки имрӯз дар Вазорати корҳои дохилӣ фаъолият менамояд, соли 1991 баробари Истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии полковники милитсия Нарзиев Муҳаммадҷон дар ҳайати панҷ нафар корманд таъсис дода шуда, бо таҷҳизоти наворбардорӣ ва аксбардорӣ таъмин карда шуда буданд. Баъдан, зери роҳбарии подполковники милитсия Ҳаким Қурбонов ҳайати кормандон ва штати корӣ васеъ гардида, рӯзноманигори зиндаёд Ҷумахон Ҳотамӣ, Заробиддин Сироҷов, Муҳаммадшарифи Бобошариф, Файзалӣ Қосимов, Худойназар Асозода ва корманди техникӣ аз шабакаи аввал Суҳроб Алиев ба кор қабул гардиданд, ки ин ҳайати эҷодӣ бо маводи ҷолиби худ тариқи симову садо маҳбуби аудитория гардида буданд. Дар ин солҳо кору фаъолият дар воситаҳои ахбори омма воқеан душвор буд, чунки саросари кишварро оташи ҷанг фаро гирифта, даргириҳои сиёсиву амалҳои ҷиноятӣ ба авҷ расида буданд. Кормандони маркази матбуотӣ ба ҳамаи он нобасомониҳо нигоҳ накарда, ба нуқтаҳои гуногуни кишвар сафарҳои хидматӣ анҷом дода, аз вазъи ҷиноӣ ва ҳаёти мардум барномаву гузоришҳо омода карда, ҳамарӯза тариқи симову садо пешкаши омма мегардониданд. Бояд қайд кард, ки кору фаъолияти гуруҳи эҷодии маркази матбуотӣ, дар ҳамон рӯзҳои мудҳиш дар ҳақиқат ҳам як намунаи барҷастаи хидмати софдилона ба халқу ватанро нишон медод. Дар ин даврони сарнавиштсоз, ки саросари кишварро ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифта буд, ин дастгоҳи хурди матбуотӣ вазифаи худро дар сатҳи баланд анҷом дода, ҳамчун ягона маркази матбуотие амал менамуд, ки мардум аз натиҷаи кори он бархурдору бохабар буданд. Маркази матбуоти Вазорати корҳои дохилӣ ҳамчун тарғибгари сиёсати пешгирифтаи ҳукумати мамлакат баромад намуда, натанҳо дар ошкору пешгирии ҷинояткорӣ саҳми арзишманде дошт, балки дар эълону пайдо намудани ашхоси бедарак гумшуда, даъвати гуруҳҳо ба ҳамдигарфаҳмӣ, пойдор намудани сулҳу осоиштагӣ дар кишвар, пешгирии таҷовуз ба молу дороии одамон, даст кашидан аз хушунату бадбинӣ ва бадгӯии як дигар, ба замин гузоштани силоҳу дасти кӯмаку бародарӣ дароз намудан ба якдигар талошу кӯшишҳои шабонарӯзӣ ба харҷ дода, ҳатто баъзе аз кормандони ин марказ дар ин роҳ ҷони худро фидо намуданд. Аз ҷумла, подполковники милитсия Ҷумахон Ҳотамӣ яке аз сардорони ин марказ (аз соли 1996 то 4-уми июни соли 1999) буд, ки бо ташкил намудани барномаи махсуси телевизионии “ВКД хабар медиҳад” маҳбуби ҳамагон гардида, суханони пур аз панду андарзи бузургонааш, каломи возеҳу бурроят дар дилу дидаи мардум нақш баста, ҳама барои шунидани гузоришҳои руҳнавозу таскинбахшаш интизорӣ мекашиданд. Ӯ тавонист бо тайёр намудани гузоришу филмномаҳои махсуси телевизионӣ нишон диҳад, ки аъмоли ҷиноятқорона оқибати бад дошта, ҳеҷ кас бо бадхоҳиву бадандешӣ ба мақсуд нахоҳад расид ва танҳо дар ягонагиву бародарӣ мо метавонем, Ватани азизи хешро ободу зебо намуда, ояндаи дурахшони худро таъмин намоем. Вале, мутаассифона, баъзе аз бадхоҳону ашхоси ҷиноятпеша дар муқобили нутқи муассири ӯ ба ҷуз аз нобуд карданаш дигар чорае надида, ӯро ноҷавонмардона 4-уми июли соли 1999 ба ҳалокат расониданд**.** Маркази матбуоти Вазорати корҳои дохилӣ дар даҳсолаи аввали баъд аз истиқлолият мубрамтарин масоил, ки дар он замон даст задани ҷавонон ба муомилот ва истеъмоли маводи муҳоддир, ташкил намудани гуруҳҳои муташаккилу мусаллаҳи ҷиноӣ, роҳзаниву ғоратгарӣ, дуздиву авбошӣ, ва бедарак гардидани одамон буд, мавзӯи асосии барномаҳои телевизионии худ қарор дода, дар пешгирии чунин ҳолатҳо нақши созгор доштанд ва то имрӯз аудиторияи худро гум накарда, гузоришҳои сареҳиятдоштаи худро пешкаши омма мегардониданд. Дар ин давраи сарнавиштсоз роҳбарии маркази матбуотро нафари зираку доно Худойназар Асозода (1999-2009) бар уҳда дошт. Бояд гуфт, ки дар ин давра ҳанӯз гуруҳҳои ҷиноятпеша дар саросари гуногуни кишвар, ба дуздиву роҳзанӣ машғул буда аъмоли ношоистаи худро идома медоданд. Сипас, баъд аз солҳои 2000-ум бо ором гардидани фазои сиёсии кишвар, самти кории маркази матбуот низ каме дигар гардида, он дар баробари мубориза бо ҷинояткорӣ, бештар ба тарбияи насли ҷавон, ҳавасманд гардонидани онҳо ба варзишу интихоби касбу кори пурифтихор, даст кашидан аз нашъамандиву шаробнӯшӣ ва пешгирии ҷиноятҳои ахлоқӣ, ки ин мавзуъҳои мубрами ин давру замон ба шумор мерафт роҳнамои менамуданд” [9]. **(сомонаи VKD)** Дар баробари

маркази матбуот, ҳафтаномаи “Сипар”, ки дар ҳайати маркази матбуот фаъолият дошт, барои пешниҳоди иттилоъ ва барҷаста нишон додани фаъолияти мақомоти милитсия хизмати шоён намудааст.

“Соли 2003-ум ҳангоми сардори маркази матбуот будани Худойназар Асозода дар маркази матбуоти Вазорати корҳои дохилӣ дубора ҳафтаномаи ҷолибу хонданибоби “Сипар”, ки қаблан даҳсолаи охири 1980-1990 фаъолият менамуд, барқарор карда шуд. Ин ҳафтанома дар муддати кӯтоҳ маҷмуаи рӯимизии ҳар корманд ва шаҳрванди кишвар гардида, ҳаводорони зиёди худро пйдо намуд” [9]. **(Сомонаи VKD)** Дар ин давра маркази матбуот чун дигар воситаи ахбори омма аз сифати қадимаи фиттавӣ ба сифати рақамии таҷҳизоти наворбардориву аксбардорӣ гузашта, барномаҳои нави телевизионӣ бо номҳои “Сипари ВКД” ва “Набз” рӯи навор омада, пешкаши тамошобинон гардонида шуданд.“Мутобиқи Созишномаи «Женева-2006», ки бо ташаббуси Иттиҳоди байналмилалии алоқаи барқӣ қабул шудааст, аксари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон то соли 2015 ба пахши рақамии барномаҳои телевизиону радио мегузаранд. Пахши рақамӣ технологияи навтарини ҷаҳонист, ки дақиқияти баланд, сифати олии тасвиру садоро ба вуҷуд меорад. Ин низом имконияти беҳудуди истифода аз теъдоди зиёди шабакаву хизматрасониҳоро доро мебошад” [10.]. **“Паёми соли 2016 Академияи ВАО”**

Дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон, оид ба пешгирии нашъамандӣ, ҳифзи одамон аз зарару зиёни сӯхтор ва риояи ҳатмии қоидаҳои бехатарӣ аз он, пешгирии садамаҳои нохуши нақлиёт, эҳтиром ва волояти қонун дар ҷомеа таъсири ҷиддӣ расониданд ва то ба имрӯз ин барномаҳои иттилоотиву таҳлилии Маркази матбуоти Вазорати корҳои дохилӣ пешкаши тамошобинон гардонида мешаванд, ки аудитория онро бо алоқамандии зиёд тамошо мекунанд. Котиби матбуотӣ дар як вақт ҳам сиёсатшинос аст, ҳам рӯзноманигор ва ҳам равоншиносу ҷомеашинос аст. Он касби душвору заҳматталаб буда, ба мақомоти давлатӣ имкон медиҳад, ки робитаи худро бо ВАО ва ҷомеа таҳким бахшад. Фаъолияти Маркази матбуотӣ дар умури дохилӣ, аз он ҷиҳат муҳим арзёбӣ мегардад, ки солҳои охир ҷинояту ҷиноятқориҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд, ки онҳо дар миёни мардум ҳар гуна овозаву иттилооти бардурӯғро паҳн менамоянд. Аз ин хотир, пахши иттилооти расмӣ ба воситаи барномаҳои расонии худӣ ба фоидаи кор аст. Маҳз аз ҳамин ҷост, ки маркази матбуотӣ дар Вазорати корҳои дохилӣ ташкил карда шуда, бо нашри иттилоот тариқи симову садо ва матбуоту сомонаҳо, пеши роҳи паҳншавии иттилооти бардурӯғро мегиранд. Таваҷҷуҳи роҳбарияти вазорат нисбати кору фаъолияти маркази матбуоти мазкур бештар мебошад, ки имрӯз бо муҳимтарину муосиртарин таҷҳизоти наворбардориву техникаи компютерӣ ва ҳатто бо чархболи наворбардории идорашаванда, инчунин студияи сабти барномаҳои телевизионӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Кормандони масъули он аз тамоми гӯшаву канори мамлакат аз рафти содиршавии ҷиноятҳои махсусан вазнин гузоришҳо омода намуда, манзури тамошобинон ва шунавандагону хонандагон мегардонанд. Маврид ба зикр аст, ки аз ҷониби роҳбарияти вазорати корҳои дохилӣ барои дар сатҳи хуб ба роҳ мондани фаъолияти шабонарӯзии кормандони маркази матбуотӣ дастуру супоришҳои мушаххас ироа гардида, ҳамчунин нақши маркази матбуотиро дар баланд бардоштани савияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва пешгири ва кам намудани сатҳи ҷинояткорӣ, нишон додани симои аслии кормандони милитсия ва робитаи мақомотро бо ҷомеа таҳким бахшидан доимо назаррас арзёбӣ менамоянд. Таваҷҷуҳи зиёди роҳбарият ба маркази матбуотии мазкур аст, ки сол то сол ҳайати кормандони он зиёд гардида, бо беҳтарин таҷҳизоти наворбардориву техникӣ муҷаҳҳаз гардонида мешавад. Дар солҳои қабл, барои сабти барномаҳои телевизионӣ маркази матбуотии Вазорати корҳои дохилӣ танқисӣ мекашид. Барномаҳои худро дар студияҳои шабакаҳои телевизионии кишвар сабт намуда, пешкаши тамошобинон мегардонид. Боиси хушнудист, ки дар бинои Вазорати корҳои дохилӣ студияи нав муҷаҳҳаз бо тамоми дастгоҳҳои сабти навор сохта ба истифода дода шуд.

Имрӯзҳо аз ҷониби маркази матбуоти Вазорати корҳои дохилӣ барномаҳои криминалии “Ахбори ВКД” (қаблан “Сипар”) тариқи Телевизиони “Тоҷикистон”,

“Милитсия ҳомии ҷомеа “ (қаблан “Набз”) ба воситаи Телевизиони “Сафина“ ва “Дидбон” ба тариқи телевизиони “Ҷаҳоннамо”, инчунин дар телевизиони “Душанбе” низ аз ҷониби гуруҳи ахборотии РВКД дар шаҳри Душанбе дар барномаи “Соярӯшан” ва дар вилояти Хатлон бо дастгирӣ ва ҳамкорӣ бо ВКД барномаи худро, ки “Инсон ва қонун” аст, пешкаши аудиторияи худ мегардонанд ва ҳар ҳафта гузоришу маводи ҷолиб манзури тамошобинон гардонида шуда, фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилиро дар таъмини суботу оромӣ, пешгирии амалу кирдорҳои номатлуб ва мубориза бо ҷиноятқорӣ инъикос менамоянд.

Қобили қайд аст, ки барномаву намоишҳои пешниҳоднамудаи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ миёни тамошобинон маҳбубияти хоса пайдо намуда, ҳар ҳафта, ҳазорон нафар сокинони кишвар ин барномаҳоро бесаброна интизорӣ мекашанд. Таваҷҷуҳи зиёди роҳбарият бар он аст, ки вазифаву салоҳият ва фаъолияти кормандони маркази матбуотиро зиёд намуда, аз онҳо кору фаъолияти ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

АДАБИЁТ

1. Азимов А. Маҳорати журналисти таҳлилгари телевизион / А. Азимов. -Душанбе: Шарқи озод, 2013. - 84 с.
2. Кенҷаев С. Сӯзи дил / Кенҷаев С. -Душанбе: 1998. - 286 с.
3. Қудбуддин М. Хадамоти матбуотӣ ва робита бо ҷомеа / Қудбуддин М. -Душанбе: Пойтахт, 2015. -128 с.
4. Василик, М.А. Основы теории коммуникации: учебник / М.А. Василик. -М.: Гардарики, 2005. -615 с.
5. Ворошилов, В.В. Современная пресс–служба: учебник / В.В. Ворошилов. -М.: КНОРУС, 2013. -222 с.
6. Гаффоров, У. Всю жизнь во благо народа / У. Гаффоров. -Худжанд, 2010. -187с.
7. Правовой путеводитель для журналиста. -Душанбе: Мир полиграфии, 2006.– на тадж. яз.
8. Дзялошинский, И.М. Методы деятельности СМИ в условиях становления гражданского общества / И.М.Дзялошинский. -М., Пульс, 2001. -160 с.
9. www.vkd.tj
10. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кушодашавии Академияи ВАО, ш. Душанбе, марти соли 2016 https://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=8933 (санаи мурочиат: 17.02.2021)

ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ МАРКАЗИ МАТБУОТИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶТ

Мақолаи мазкур бештар хусусияти назариявӣ дошта, пайдоиш ва ташаккули маркази матбуоти Вазорати корҳои дохилии ҶТ мавриди таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ сурат гирифтааст. Мавриди ба зикр аст, ки шуъбаву гуруҳҳои зертобеи Маркази матбуотии Вазорати корҳои дохилӣ дар Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе ва вилоятҳо, дар Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ, Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонӣ, Хадамоти давлатии “Муҳофиза” ва дигар ҷузъу томҳои он низ ташкил карда шуда, ҳар яке аз онҳо дар самти кории хеш фаъолияти пурсамар намуда, баҳри ободиву осоиштагии рӯзгори мардум, амнияту бехатарии шаҳрвандон, пешгирии ҷиноятқорӣ ва таъмини сулҳу субот ва оромӣ дар кишвар ҷиҳати пахши иттилооти саривақтӣ шабонарӯзӣ заҳмат кашида, содиқона барои ватан хизмат менамоянд.

Калидвожа: Вазорати корҳои дохилӣ, ҷиноят, аудитория, маркази матбуот,“Набз”, роҳбарият, мақомот, барнома, таҷҳизот, техника, котиби матбуотӣ, роҳбар, воситаҳои ахбори ома, ИМА, телевизион, радио.

СОЗДАНИЕ ПРЕСС-ЦЕНТРА МИНИСТЕРСТВА ВНУТРЕННИХ ДЕЛ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Данная статья носит преимущественно теоретический характер, а зарождение и становление пресс-центра МВД Республики Таджикистан является комплексным научным исследованием. Следует отметить, что подразделения и группы Пресс-центра МВД созданы в Департаменте МВД по Душанбе и областям, в Департаменте ГАИ, Главном управлении Государственной противопожарной службы. Государственная служба «Мухофиза» и другие подразделения, каждое из них эффективно работает в сфере своего благополучия, работая днем и ночью на благо и благополучие народа, безопасность граждан, предупреждение преступности. и обеспечение мира и стабильности в стране.

Ключевые слова: МВД, Преступность, Аудитория, Пресс-центр, «Пульс», менеджмент, органы власти, программа, оборудование, техника, пресс-секретарь, менеджер, СМИ, США, телевидение, радио.

ESTABLISHMENT OF A PRESS CENTER OF THE MINISTRY OF THE INTERNAL AFFAIRS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is mostly theoretical in nature, and the origin and formation of the press center of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan is a comprehensive scientific study. It should be noted that subdivisions and groups of the Press Center of the Ministry of Internal Affairs have been established in the Department of the Ministry of Internal Affairs in Dushanbe and regions, in the Department of State Automobile Inspectorate, the Main Department of State Fire Service, the State Service "Muhofiza" and other units. , each of them is working effectively in the field of their

well-being, working day and night for the prosperity and well-being of the people, security and safety of citizens, crime prevention and ensuring peace and stability in the country.

Keywords: Ministry of Interior, Crime, Audience, Press Center, “Pulse”, management, authorities, program, equipment, equipment, press secretary, manager, media, USA, television, radio.

Сведения об авторе: ***Миджгона Эшонова*** - магистр 2 курса факультета журналистики Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **+992 93 998 3961**

Information about the author: ***Eshonova Mijgona*** - 2nd year master's student at the Faculty of Journalism, Tajik National University **Address**: 734025 Republic of Tajikistan. Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: **+992 93 998 3961**

ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

МАВҚЕИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБИИ МИНТАҚАВӢ

Муҳаббатов И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои рушди устувор бо қонеъгардонии эҳтиёҷоти аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодиёт ба об ва неруи барқ алоқаи зич дорад. Дар солҳои охир захираи тамомнашавандаи табиӣ ба моли стратегӣ, ки дорои арзиши иқтисодӣ ва геополитикӣ мебошад, мубаддал гашта истодааст. Дар дурнамои дарозмуддат дар пасманзари тағйироти қурбгузории нархи нафту газ захираҳои обию энергетикӣ дар ҷаҳон аллакай ҳам ба сифати манбаи алтернативии энергетикӣ ва ҳам умуман чун заминаи рушди устувор матраҳ мегарданд. Айни замон дар минтақат Осиёи Марказӣ дараҷаи самаранокии истифодабарии комплексии захираҳои обию энергетикӣ бар асари мухолифати мавҷудаи манфиатҳои обёрӣ ва энергетика, ки баъди аз ҷониби кишварҳои минтақа ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ хусусияти байналмилалӣ пайдо намудаанд, ба талаботи замона ҷавобгу намебошад. Дар минтақа ғайримарказишавии низоми идоракунии соҳаи обию энергетикӣ, ки аслан ба шакли ҳамгироӣ ва такмили муштарак барпо гардида буд, пеш аз ҳама, қатъгардии шабакаи ягонаи энергетикӣ набудани механизмҳои ҷуброни об ва танзими маҷрои дарё ба назар мерасанд. Доираи пурраи зуҳуроти ҳамдигарро ба шакли синертикӣ тақвиятдиҳанда, ки дорои хусусиятҳои антропогенӣ, сиёсӣ ва иктисодӣ мебошанд, аз ҷумла иқлими хушк, тағйирёбии глобалии иқлим, афзоиши демографӣ, ифлосшавии об ва талафоти он, усулҳои камсамари истеъмоли об, истифодабарии технологияҳои кӯҳан обмонӣ, фарсудашавии инфрасохтори обёрӣ ва гидротехникӣ, бӯҳрони Арал, мураккабшавии раванди гуфтушунидҳо ва интихоби стратегияи «яккадастӣ» аз ҷониби кишварҳои минтақа, худписандии миллӣ дар сиёсати хориҷӣ, афзалиятҳои гуногуни соҳаҳои иқтисодиёт, набудани муқаррарот оид ба чуброн барои иҷро накардани уҳдадориҳо, сиёсати ноодилонаи тақсимоти захираҳои об ва ғ. боиси бадтар гардидани вазъ мегардад. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар маҷмуъ захираҳои кофии обию энергетикӣ барои қонеъ кардани эҳтиёҷот дар ояндаи нисбатан дур вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, масъалаи асосӣ натанҳо дар норасоии ҷисмонии онҳо, балки дар зарурати бо кӯшишҳои якҷоя фароҳам овардани шароит барои истифодаи самарабахш ва комплексии иқтидорҳои мавҷуда бо назардошти хусусиятҳои тақсимоти ҳудудии он қарор гирифтааст. Ҳалли мушкилоти мавҷуда дар минтақа ба ҳам овардани талошҳои ҳамкории байнидавлатии обию энергетикӣ, таҳияи нақшаи нави ҳамаҷониба мувофиқакардашудаи истифодаи самарабахш ва комплексии захираҳои обию энергетикӣ бо мақсади ба ҳадди аксар расонидани ҳамбастагии манфиатҳои ирригатсионии кишварҳои водигӣ ва манфиатҳои энергетикии кишварҳои кӯҳиро тақозо менамояд. Вазифаи муҳим барои минтақа дар маҷмӯъ таъмин намудани муносибати комплексӣ ба истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ мебошад, ки имкон медиҳад шароитҳои яксон ва мақбул барои ноил гаштан ба параметрҳои рушди устувори кишварҳои Осиёи Марказӣ фароҳам оварда шаванд. Роҳандозии ҳамкориҳои фаромарзии самарабахши кишварҳои минтақа имкон медиҳад, ки идоракунии оқилонатар ва устувортари истифодаи захираҳои обию энергетикӣ, мувозинат байни субъектҳои мухталиф дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ, коҳиши дараҷаи обталабӣ ва неруталабии рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти минтақавӣ таъмин карда шаванд. Рушди устувори иқтисодӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба самаранокии истифодаи комплексии захираҳои обиб энергетикӣ ки омили асосии рушди иқтисодӣ, пешрафти иҷтимою сиёсӣ ва амнияти минтақа мебошад, вобаста аст. Яке аз муҳимтарин ва мубрамтарин мушкилоти таъмини рушди устувори иқтисодии минтақа бо захираҳои обию энергетикӣ таъмин намудани кишварҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.

Дар даҳсолаи охир ба мушкилоти истифодаи самарабахши захираҳои обию энергетикӣ таваҷҷуҳи умумиҷаҳонӣ зоҳир карда мешавад. Дар ин маврид «экономизатсия» -и (иқтисодӣ шудан) мушкилоти об – робитаҳои мутақобилаи истифодаи об бо масъалаҳои рушди устувор боиси ба миён омадани консепсияи «оби виртуалӣ» гардид. Консепсияи «оби виртуалӣ» ҳамчун воситаи самараноки истифодаи захираҳои обию энергетикӣ, рушди устувор ва баланд бардоштани сатҳи амнияти байналмилалӣ мебошад. Мувофиқи консепсияи « оби виртуалӣ» ба сиёсати ба таври интенсивӣ, бар хилофи тарзи экстенсивӣ истифода бурдани захираҳои обию энергетикӣ ҳам дар сатҳи байналмилалӣ тавҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Мушкили бархурди манфиатҳои миёни обёрии водигӣ ва гидроэнергетикаи кӯҳистонӣ зуҳурнамударо метавон ба роҳи танзими ҷориши дарёҳо тариқи дар кишварҳои кӯҳистонӣ бунёд намудани шумораи зиёди обанборҳои калон, ки дар низоми ҷубронкунанда амал мекунанд, ҳал кард. Дар замони кунуни барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи комплексии захираҳои обию энергетикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ бояд ба принсипҳои зерин таваҷҷӯҳ зоҳир гардад:

-тавъам афтодани ҳадди аксари манфиатҳои энергетика ва обёрӣ;

-густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманди байнидавлатии кишварҳои минтақа;

-ҳавасмандии иқтисодии сарфаи об ва энергия дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти минтақа;

-муносибати ҳавзаӣ дар идоракунии соҳаи обию энергетикӣ;

-таъмини бехатарии экологию иқтисодӣ дар минтақа;

-истифодаи устувори об;

Барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи комплексҳои захираҳои обию энергетикӣ, дар минтақа сиёсати возеҳу равшани сарфаи обу энергия, ки сатҳи баланди истифодаи ин захираҳоро таъмин менамояд, зарур аст. Банақшагирии комплексии захираҳои обию энергетикӣ бо роҳи ташкили пойгоҳи иттилоотӣ: гидрологӣ , хоҷагиҳои об физикию ҷуғрофӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайра воситаи муҳими идоракунии ҳавзаи об ва муҳити зист вобаста аст. Ин дар навбати худ, дар минтақа ташаккул ва татбиқ намудани сиёсати экологию иқтисодии ба истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ва ҳифзи муҳити зист нигаронидашударо талаб мекунад. Ҳамзамон ин иқтидори бузурги рушди бахши аграрӣ дар минтақа бо вазни қиёсии баробар ба 30-50% дар сохтори ММД-ро нишон медиҳад, ки зарурияти идоракунии самараноки оби ирригатсиониро ҳамчун калиди идоракунии устувори захираҳои обӣ ва ҳалли мушкилоти озуқаворӣ тақозо мекунад. Вазъияти шадиди хоҷагии об дар минтакаи Осиёи Марказӣ ва махсусан дар ҳавзаи Сирдарё ба таври назаррас ба фаъолияти обанборҳои амалкунандаи танзими дарозмуддати маҷро таъсир мерасонад, ки дар вайрон кардани қоидаҳои тартиботи лоиҳавии фаъолияти онҳо ва инҳироф аз параметрҳои истифодабарӣ намоён мегардад. Тариқи тартиботи лоиҳавӣ обанбори Токтогул ҷуброни бисёрсолаи маҷроро танзим менамояд. Дар натиҷаи таҳвили обанбори Токтогул аз реҷаи обёрӣ ба реҷаи энергетикӣ зериобмонии маҳаллаҳои аҳолинишин дар кишварҳои водигӣ ва лаболаб гардидани обанборҳо дар ҳудуди Ӯзбекистон ва ҷануби Қазоқистон дар фасли зимистон ва норасоии об ар, фасли тобистон бо норасоии оби обёрӣ ва дар зимистон бо яхбандии обгузарҳо ва каналҳо, ки аз уҳдаи ҳаҷми зиёди то 24м^3 об баромада наметавонанд, рӯбарӯ мешаванд. Майдонҳои васеъ дар қаламрави вилоятҳои Сирдарё, Ҷиззах ва Навоии Ӯзбекистон зери об монданд. Ҳазорҳо километри мураббаъ майдонҳои кишт, роҳҳо, пулҳо, ва дигар иншоотҳои хоҷагӣ зери об гаштанд. Зарари Ӯзбекистон аз обпартоии ғайринақшавӣ дар фасли зимистон 700 млн доллари амрикоӣ арзёбӣ мегардад. Фоидаи Қирғизистон аз тавлиди нерӯи барқ дар НОБ-и Токтогул ба ҳисоби миёна ба 100 млн доллари амрикоӣ арзёбӣ гардид. Бо таҳвили обанбори Токгул ба реҷаи энергетикӣ принсипи танзими бисёрсолаи маҷро вайрон карда шуда , обгузаронии миёнаи то 700м3/с дар моҳҳои зимистон қариб се баробар аз маҳдудиятҳои лоиҳавӣ зиёд мегардад ва боиси хуруҷи (холишавии) назарраси обанбор мешавад. Қатъи системаи ягонаи энергетикӣ дар соли 2009 сабаби обпартоиҳои калонҳаҷми ғайрифаъол гардид. Обанбори Норак дар айни замон иншооти асосии танзимкунандаи ҳавза мебошад. Коҳиши миёнаи меъёри лоиҳавии истеҳсоли энергияи барқ қисман пайомади партовҳои ғайрикории ҳарсолаи об аз сабаби

набудани бозори фурӯши барқи тобистон аст. Партовҳои ғайрикории об дар НБО/ Норак дар давоми солҳои 2010-2015 сабаби тавлид нагаштани 20.6 млрд. КВт/соат барқ гардид. андозаи партовҳои ғайрикорӣ низ вобаста ба пешгуиҳои гидрологӣ вобаста аст, чунки сарфиёти баланди обхез наметавонанд пурра барои истеҳсоли қувваи барқ истифода шаванд, дар мавриди пешгӯиҳои ғайридақиқ қисме аз онҳо дар шакли партовҳои ғайрикор талаф мегарданд.

Бояд ёдовар шуд, ки даҳсолаи охир бо баҳрабардорӣ аз неругоҳҳои навбунёди барқи обии «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2», «Помир», даҳҳо неругоҳҳои хурду миёнаи маҳаллӣ ва Маркази барқу гармидиҳии Душанбе-2 афзоиши иқтидори истеҳсоли неруи барқ дар саросари ҷумҳурӣ аз тақрибан 4000 то ба 5500 мегаватт расонида шуда, бунёди бузургтарин иншооти энергетикии аср – НБО-и «Роғун» бомуваффақият идома дорад, ки натиҷаи сиёсати хирадмандонаю пайгирии Президенти мамлакат дар таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар мебошад. Лоиҳаи минтақавии интиқоли қувваи барқ (CASA-1000) аз Тоҷикистону Қирғизистон ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистону Ҷумҳурии Исломии Покистон буда, дар бобати ба кишвари бузурги тавлидкунандаи нерӯи барқи аз лиҳози экологӣ тоза табдил додани Тоҷикистон саҳми воқеан ҳам беназире доранд. Зина ба зина тадбиқ гардидани ин лоиҳа сабаби беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолии кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ гардида, имкониятҳои истеҳсолии онҳоро боз ҳам васеътар мегардонад. Бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ татбиқи лоиҳаҳои «Таҷдиду бозсозии НБО-и Варзоб-1», «Таҷдиду бозсозии гидроагрегати №4 НБО-и Сарбанд» ва «Иваз намудани дастгоҳҳои тақсимкунандаи кушодаи 220кВ дар НБО-и Норак», ба маблағи умумии 350 млн. сомонӣ ба анҷом расида, иншоотҳои мазкур ба истифода дода шуданд. Айни замон НБО-и «Сангтӯда-2» барои истифодаи пурра бо иқтидори 220 МВт тайёр буда, сохтмони Маркази барқу гармидиҳии 2-и пойтахт ибтидои соли 2014 навбати якуми он бо иқтидори 50 МВт мавриди истифода қарор гирифт. Дар ин давра иқтидорҳои барқистеҳсолкунандаи кишвар нисбат ба иқтидорҳои давраи то Истиқлолият 928 МВт. афзоиш ёфта, аз 4 338 ба 5 266 МВт расонида шуд. Бо мақсади дастгирии бештари рушди энергетика ва ҳамкорӣ дар ин соҳа дар Осиёи Марказӣ идеяи таъсис додани Консорсиуми байналмилалии гидроэнергетикӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, ки то ҳол моҳияти худро аз даст надодааст. Ин ибтикороти давлати Тоҷикистон аз назари ҷомеаи ҷаҳонӣ берун наемонад ва ин буд, ки зимни татбиқи ташаббуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид “Энергияи устувор барои ҳама” дар қатори панҷ кишвари олам Тоҷикистон ба сифати кишвари таҷрибавӣ пешниҳод гардид. Ташаккули сиёсати яксони минтақавӣ оид ба азхудкунии захираҳои обию энергетиии барои ҳамаи кишварҳо қобили кабулу муфид, ки манфиатҳоиҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро ба назар мегирад, метавон ба эҷоди механизми ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар азхудкунии захираҳои обию энергетики дарёҳои фаромарзӣ мусоидат намояд.

АДАБИЁТ

1. Кобулиев З.В., Пулатов Я.Э. Носиров Н.К. Основные задачи совершенствования механизмов комплексного использования водно-энергетических ресурсов межгосударственных рек Центральной Азии. -Душанбе, 2015.
2. Норматов А.Ю. Исоев Ҳ. Водные ресурсы и их безопасность. -Душанбе, 2015.
3. Олимов К., Носиров Н.К. Взаимотношение водопользователей и землепользователей в Республике Таджикистан в рыночных условиях. -Душанбе, 2015
4. Қатъномаи МУ СММ “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”солҳои 2018-2028”
5. Насрулин А.Б., Шаазизов Ф.Ш. Опыт разработки системы поддержки принятия решений на базе ГИС-технологий на примере высокогорных прорывоопасных озер Ташкентской области с учетом геологической ситуации // «Интеграция науки и практики как механизм эффективного развития геологической отрасли республики Узбекистан», Материалы 130 международной научно-технической конференции, «ГП «НИИМР», Ташкент, 18 августа 2014. -С 433-435.

МАВҚЕИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБИИ МИНТАҚАВӢ

Дар мақолаи мазкур масоили таъмини рушди устувори иқтисодии минтақа ва бо захираҳои обию энергетикӣ таъмин намудани кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил карда шудааст. Ҳамгироии амиқтар дар минтақа имкон медиҳад, ки сармоягузории кофӣ ҷалб гардида, дастгирии таҳлилӣ ва кӯмаки техникӣ барои ноилшавӣ ба истифодаи мутавозин ва самараноки захираҳои обию энергетикӣ ба манфиати тамоми

кишварҳои ҳавзаи дарёҳои фаромарзӣ равона гардида, таъмин карда шавад. Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бойи гидроэнергетикӣ дар таъмини самараноки «энергияи сабз» мавқеи махсусро дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ишғол менамояд.

Калидвожаҳо: рушди устувори иқтисодӣ, захираҳои обию энергетикӣ, ҳамгироии иқтисодӣ, самаранокӣ, дарёҳои фаромарзӣ, энергияи сабз, минтақа.

ПОЗИЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ЭФФЕКТИВНОМ ИСПОЛЬЗОВАНИИ РЕГИОНАЛЬНЫХ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ

В статье анализируются вопросы обеспечения устойчивого экономического развития региона и обеспечения стран Центральной Азии водно-энергетическими ресурсами. Более глубокая интеграция в регионе позволит привлечь достаточные инвестиции и предоставить аналитическую поддержку и техническую помощь для достижения сбалансированного и эффективного использования водных и энергетических ресурсов на благо всех трансграничных речных бассейнов. Как страна с богатыми гидроэнергетическими ресурсами, Таджикистан занимает особое место среди стран Центральной Азии по эффективному обеспечению «зеленой энергией».

Ключевые слова: устойчивое экономическое развитие, водные и энергетические ресурсы, экономическая интеграция, эффективность, трансграничные реки, зеленая энергия, регион.

POSITION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE EFFICIENT USE OF REGIONAL WATER RESOURCES

This article analyzes the issues of ensuring sustainable economic development of the region and providing the countries of Central Asia with water and energy resources. Deeper integration in the region will attract sufficient investment and provide analytical support and technical assistance to achieve a balanced and efficient use of water and energy resources for the benefit of all transboundary river basins. As a country with rich hydropower resources, Tajikistan occupies a special place among the Central Asian countries for efficient provision of "green energy"

Keywords: sustainable economic development, water and energy resources, economic integration, efficiency, transboundary rivers, green energy, region.

Сведения об авторе: ***Мухаббатов Исматулло*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса кфедры мировой экономики

Information about the author: ***Muhabbatov Ismatullo*** – Tajik national University, master`s student of Department of World Economy

НИЗОМИ АНДОЗБАНДИИ АМАЛКУНАНДАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қаюмов С.Ш., Насрлуллоев А.З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Низоми андоз маҷмуи дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидаи андозҳо ва дигар намуд пардохтҳое мебошад ки мувофиқи қонунгузории андоз ситонида мешавад. Инчунин таҳти мафҳуми низоми андоз принсипҳо ва шаклу усулҳои муқаррар намудан, тағйир додан ва бекор кардани андозҳо, пардохт ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати пардохти андоз, инчунин шаклу усулҳои назорати андоз ва ҷавобгари барои ҳуқуқвайронкунии андоз фаҳмида мешавад. Системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмуи дар Кодекси андози ҶТ пешбинишудаи андозҳо, принсипҳо, шаклу усулҳои муқаррар намудан, тағйир додан ва бекор кардан, пардохтан ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати пардохти онҳо, инчунин шаклу усулҳои назорати андоз ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз иборат аст. Низоми андози ҶТ – ин маҷмуи андозҳое мебошанд, ки ба воситаи қонунҳои амалкунанда, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оиди тартиби ҷорӣ намудан, ҳисоб кардан, рӯёнидан ва бекор кардани онҳо муқаррар карда шуда, ба танзим дароварда мешаванд. Асосҳои ба вукуъ пайвастани системаи миллии андозбандӣ ба вазъи базиси иқтисодӣ - сиёсии гузариш ба давраи бозаргонӣ феълан вобаста аст. Дар айни ҳол аснои ташаккули системаи андозбандии типи бозаргонӣ принсипҳои сохти он макоми махсусро талаб мекунанд. Системаи андозӣ аз маҷмуи андозҳо, боҷ ва хизматпулиҳо (сбор), ки дар ҳудуди давлат, дар асоси Кодекси андоз ситонида мешаванд ва инчунин маҷмӯи меъёр ва қоидаҳои салоҳият ва системаи масъулияти иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқии аидоз иборат аст. Сохтори низоми андоз аз рӯи сохти иҷтимоӣ – иқтисодии давлат ва вазифаҳои он муайян карда мешавад.

Гузариши иқтисодиёти ҶТ ба муносибатҳои бозорӣ талаб намуд, ки системаи мукаммали андозбандии шаҳрвандон ва корхонаҳо ташкил дода шавад.

Низоми андози мукаммал номгӯи андозҳо, принсипҳои ташкил намудан ва фаъолияти системаи андози ҶТ, тартиби муқаррар намудан, тағйир додан, бекор кардан ва ҷамъ овардани андозҳо, инчунин вазъи ҳуқуқии мақомоти андоз, агентҳои андоз, андозсупорандагон, иҷрои уҳдадориҳои андозӣ аз тарафи онҳо, кашидан ба ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунии андозӣ ва шикоят кардан аз амали ё беамалии мақомоти андоз ва шахсони мансабдори он ифода мекунанд. Низоми андозҳои Ҷумҳурии Тоҷикисон аз ду гурӯҳ андозҳо иборат мебошад андозҳои умумидавлатӣ ва андозҳои маҳаллӣ.

Ба андозҳои умумидавлатӣ инҳо дохил мешаванд:

- ✓ андоз аз даромад;
- ✓ андоз аз фоида;
- ✓ андоз аз арзиши иловашуда;
- ✓ аксизҳо;
- ✓ андози иҷтимоӣ;
- ✓ андозҳо барои захираҳои табиӣ;
- ✓ андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
- ✓ андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия.

Ба андозҳои маҳаллӣ - андоз аз воситаҳои нақлиёт, андозҳо аз молу мулки ғайриманқул дохил мешаванд. Андозҳо бо воҳиди пулӣ ҳисоб карда шуда, бо асъори миллӣ супорида мешаванд. Мутобиқи қонугузории андоз мумкин аст андозҳои нав муқаррар карда шаванд ва андозҳои амалкунанда тағйир ё бекор карда шаванд. Намудҳои асосии андозҳо ин андозҳо аз шахсони воқеӣ ва андозҳо аз шахсони ҳуқуқӣ мебошанд. Аз ҷумла, шахсони воқеъӣ андоз аз даромад месупоранд. Ғайр аз ин, шахсони воқеӣ баъзе уҳдадориҳои андозиеро, ки ба шахсони ҳуқуқӣ тааллуқ доранд низ иҷро менамоянд: андози замин, андоз барои истифодабарии роҳҳои автомобилгард ва ғайра. Андози даромад аз шахсони воқеӣ яке аз андозҳои муҳим мебошад, ки даромади андозбандишавандаи шахсони воқеӣ ҳамчун фарқи байни даромади умумӣ дар соли тақвимӣ ва маблағҳои нигоҳдошташуда объекти он мебошад. Супорандагони андоз аз даромад шахсони воқеӣ - резидентҳо ва ғайрирезидентҳо мебошанд, ки объекти андозбандишаванда доранд. Ҳамаи намуди даромадҳо, подошпулиҳо ва манфиатҳои шахси воқеӣ, ки дар шакли пулӣ,моддӣ ва ғайримоддӣ ба он пардохт мешаванд, ба даромади умумии ҳамин шахси воқеӣ мансубанд, аз ҷумла: даромадҳое, ки ҳамчун музди меҳнат гирифта шудаанд; даромадҳо аз фаъолияте, ки меҳнати кироя ҳисоб намешавад; ҳама гуна даромадҳои дигар. Объекти андозбандии даромад, даромади андозбандишавандаи онҳо ба ҳисоб меравад, ки он ҳамчун фарқи байни даромади умумӣ дар соли тақвимӣ ва маблағи тарҳшудаи хароҷоти пешбининамудаи қонунгузории андоз барои ҳамин давра муайян карда мешавад. Ба даромадҳо аз фаъолияте, ки кори кироя ҳисоб намешаванд дохил мешаванд.; даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ: даромади фоизҳо; суди саҳмияҳо (дивидендҳо); даромад аз иҷора ё кирояи амвол ва ғ) маблағи қарзи ба андозсупоранда бахшидаи қарздиҳанда ва ҳама гуна даромадҳои дигар.

Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ яке аз манбаҳои муҳим ва асосии даромади низоми буҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад Объекти андозбандии шахсони ҳуқуқии Ҷумҳуррии Тоҷикистон фоидаи он мебошад. Фоида фарқи мусбии байни даромади умумии андозсупоранда ва маблағҳои тарҳшаванда мебошад. Объекти андозбандии корхонаи хориҷие, ки тавассути муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд, фоида аз чунин фаъолият ба ҳисоб меравад. Қонунгузории андоз хароҷотҳоеро пешбинӣ намудааст, ки дар тарҳ куни он вобаста ба гирифтани даромад истифода бурда мешаванд. Андозсупоранда аз даромади умумӣ тамоми хароҷоти дар давраи ҳисоботӣ кардашуда, ки бо гирифтани чунин даромад алоқаманд аст, хароҷоти музди меҳнат, фароҳам овардани неъматҳои моддӣ ва иҷтимоӣ ба кормандон, ки ба андоз аз андоз аз даромад дохил мешаванд, хароҷоти харидани ашёи хом, мавод, энергияро тарҳ менамояд. Манбаи андози мазкур шакли пулии ифодаёбии фоида мебошад бинобар ин тамоми даромадҳо ва хароҷотҳои андозсупоранда барои муаяннамудани фоидаи андозбандишаванда дар шакли пули ифода меёбанд. Давраи (соли) андоз барои андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқи соли

тақвимӣ ба ҳисоб меравад. Имтиёзҳои андоз афзалиятҳое мебошанд, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ба андозсупорандагон дода мешаванд, аз ҷумла додани имконияти напардохтан ё дар ҳаҷми камтар ё дар мӯҳлати нисбатан дертар супоридани андоз. Барои шахсони воқеи баъзе имтиёзҳо пешбинӣ гардидааст, аз ҷумла аз намудҳои зерини даромадҳои шахсони воқеӣ андоз аз даромад гирифта намешавад: даромад аз фаъолияти расмии дипломатӣ шахсе, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад, Арзиши молу мулк дар шаклҳои аслӣ (натуралӣ) ва (ё) пулӣ, ки аз шахсони воқеӣ ҳамчун мерос ё тӯҳфа гирифта шудаанд, ба истиснои даромадҳое, ки аз ҳисоби ин молу мулк гирифта шудаанд, аз ҷумла маблағҳое, ки ба ворисони (ворисони ҳуқуқии) муаллифони асарҳои илмӣ, адабӣ, санъат, инчунин барои кашшофӣ, ихтироъкорӣ ва намунаҳои саноатӣ пардохт мешаванд. Арзиши тӯҳфаҳои аз шахсони ҳуқуқӣ гирифташуда, инчунин ҷоизаҳои (бурдҳои) дар озмунҳо ва мусобиқаҳо гирифташуда, аз ҷумла дар шакли пулӣ, нафақаҳои давлатӣ ва суғуртавӣ стипендияҳои давлатӣ, ёрдампулиҳои давлатӣ ва ҷубронпулиҳои давлатӣ, алиментҳо, маблағҳое, ки барои супоридани хун, шири модарӣ ва дигар кумакҳои ба донорҳо додашаванда, пардохтҳои якдафъаина ва кумаки моддӣ аз ҳисоби буҷет, маблағи ҷуброни зарари моддӣ ва ғайра. Инчунин, шахсони ҳуқуқии зерин аз супоридани андоз аз фоида озоданд:

1. Ташкилотҳои динӣ, эҳсонкорӣ, буҷетӣ, созмонҳои байниҳукуматӣ ва байнидавлатии (байналмилалии) ғайритиҷоратӣ, ба истиснои фоидае, ки онҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ мегиранд;
2. Маблағгузарониҳои ройгон ва амволи ройгон, аъзоҳаққиҳо, хайрия ва грантҳое, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мегиранд;
3. Бонки миллии Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони вокей.
4. Суди саҳмияҳое (дивидендҳое), ки корхонахои резидентӣ аз корхонахои резидентӣ мегиранд.
5. Корхонахои нави молистеҳсолкунанда аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ҳангоми аз ҷониби муассисони онҳо дар муҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии давлатӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ворид намудани ҳаҷмҳои дар поён пешбинигардидаи сармоягузориҳо ба муҳлати:

- ✓ 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 200 ҳазор доллари ИМА то 500 ҳазор доллари ИМА бошанд;
- ✓ 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 500 ҳазор доллари ИМА то 2 миллион доллари ИМА бошанд;
- ✓ 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 миллион то 5 миллион доллари ИМА бошанд;
- ✓ 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 миллион доллари ИМА бошанд.

6. Корхонаҳое, ки дар онҳо дар як вақт дар соли ҳисоботии андоз:

а) на камтар аз 50% шумораи кормандонро маъюбон ташкил медиҳанд, ва

б) на камтар аз 50% маблағҳои музди меҳнат ва дигар таъминоти моддӣ, аз ҷумла натуралӣ, барои эҳтиёҷоти маъюбон сарф карда шудааст;

7. Корхонаҳои наве, ки дар соҳаи истеҳсоли молҳо таъсис меёбанд, дар соли бақайдгирии давлатӣ ва аз соле, ки баъди соли бақайдгирии ибтидоии давлатӣ фаро мерасад,

Ғайр аз ин дар давраи сохтмони неругоҳи барқи обӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоишгари сохтмон ва пудратчии генералии сохтмон метавонанд аз пардохти андозҳои зерин пурра ё қисман озод карда шаванд:

- ✓ андоз аз арзиши иловашуда;
- ✓ андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
- ✓ андоз аз фоида (андоз низоми соддакардашуда);
- ✓ андоз аз воситаҳои нақлиёт;
- ✓ андоз аз молу мулки ғайриманқул;

- ✓ андози иҷтимоӣ нисбат ба шахсони хориҷие, ки бевосита дар сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ фаъолият мекунанд;
- ✓ боҷи давлатӣ барои бақайдгирии тарҳи эмиссияҳои коғазҳои қиматноки ғайридавлатӣ, ки бинобар сохтмони неругоҳи барқи обӣ амалӣ шудаанд.

Воридоти молҳо барои сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти махсусан муҳим ба ҳисоб мераванд, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд. Низоми махсуси андозбандӣ – тартиби махсуси андозбандӣ, ки барои гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон муқаррар карда шуда, тарзу усули соддакардашудаи ҳисоб кардан ва пардохтани намудҳои алоҳидаи андозҳо, пешниҳоди ҳисоботи андозро пешбинӣ менамояд. Низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд (минбаъд – андози низоми соддакардашуда) низоми махсуси андоз мебошад, ки мутобиқан субъектҳои соҳибкории хурд андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ ё андоз аз даромад барои соҳибкорони инфиродиро бо тартиби соддакардашуда пардохт менамоянд. Низоми соддакардашудаи андозбандӣ низоми махсуси андоз мебошад, ки мутобики он субъектҳои соҳибкории хурд андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ ё андоз аз даромад барои соҳибкорони инфиродиро бо тартиби соддакардашуда пардохт менамоянд. Инчунин, субъектҳои соҳибкории хурде, ки даромади умумии бо усули кассавӣ ҳисобшудаи онҳо дар соли пешинаи тақвимӣ (бе дарназардошти андози аксизӣ, андоз аз фуруш (нахи пахта ва алюминийи аввалия)) аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд намебошад. Объекти андозбандӣ, андози низоми соддакардашуда даромади умумӣ, аз ҷумла даромад аз таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо, инчунин даромади дигари бадастомада мебошад, ба истиснои даромадҳое, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ карда шудаанд. Манбаи андоз оид ба андози низоми соддакардашуда ифодаи пулии даромади умумии дар давраи андоз гирифташуда эътироф карда мешавад. Давраи андоз семоха эътироф карда мешавад. Меъёри андози низоми соддакардашуда ба андозаи зерин мукаррар карда мешавад:

- барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо - 5 фоиз;
- барои намудҳои дигари фаъолият - 6 фоиз.

Зери мафҳуми фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо фаъолияти соҳибкорие фаҳмида мешавад, ки даромади он асосан аз истеҳсол ва фуруши молҳои (молу мулки моддӣ) истеҳсолшудаи худи андозсупоранда гирифта шудааст. Андози низоми соддакардашуда ҳамчун ҳосили зарби манбаи андози дахлдор ба меъёри андоз ҳисоб карда мешавад. Пардохти андози низоми соддакардашуда ба буҷети маҳаллӣ дар маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда анҷом дода мешавад. Истифодаи низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ аз пардохти чунин андозҳо, ба истиснои даромадҳои дар манбаи пардохт андозбандишуда озод карда шудаанд:

- андоз аз фоида аз бизнеси бозӣ;
- андоз аз даромад бевосита аз даромадҳои бизнеси бозии соҳибкори инфиродӣ, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият мекунад;
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
- андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои андоз аз арзиши иловашудаи барои хизматрасониҳои (корҳои) ба ғайрирезидент таҳвилшуда ва марбут ба воридоти молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон

АДАБИЁТ

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Шарқи озод, 1998.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. аз 5 сентябри соли 2012 таҳти рақами 902. –Душанбе, 2012.
3. Шомуродов Ф. Системаи миллии андоз. Китоби дарсӣ. –Душанбе, 2009.
4. Бурцев Д.Г. Изменения в налоговом администрировании в условиях модернизации налоговых органов // Налоговый вестник. - 2002. -№1.
5. Ҳамидов Ҳ.Ҳ. “Моҳияти иқтисодӣ ва иҷтимоии андоз”Паёми донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. “Маҷалаи илми-назариявӣ”. –Хуҷанд, 2002.
6. Ефимова Е.Г. Экономика для юристов: Учебник. -М.: “Флин”, 1999.
7. Иоффе О.С. Обязательственное право. - М., 1975, Иоффе О.С., Шаргородский М.Д. Вопросы теории и права. - М., 961.

8. Измайлов Алексей Тахирович. Налоговое администрирование и его значение в повышении собираемости налогов. -М., 2005. - 147 с.
9. Исломов С. Очерки истории экономической мысли таджикского народа эпохи феодализма. -Душанбе: Нодир, 2002.
10. Комилов С.Д., Қаюмов Н.К., Нурмаҳмадов М.Н. Стратегия движения к рыночной экономике. -Душанбе, 1998.
11. Красницкий В.А. Организация налогового администрирования (на примере работы налоговых органов Краснодарского края). -Краснодар, 2000.

НИЗОМИ АНДОЗБАНДИИ АМАЛКУНАНДАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Низоми андоз маҷмуи дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидаи андозҳо ва дигар намуд пардохтҳое мебошад, ки мувофиқи қонунгузории андоз ситонида мешавад. Низоми андози ҶТ – ин маҷмӯи андозҳое мебошанд, ки ба воситаи қонунҳои амалкунанда, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оиди тартиби ҷорӣ намудан, ҳисоб кардан, рӯёнидан ва бекор кардани онҳо муқаррар карда мешаванд ва ба танзим дароварда мешаванд. Асосҳои ба вуқуъ пайвастани системаи миллии андозбандӣ ба вазъи базиси иқтисодӣ ва низоми ҷамъиятӣ - сиёсии гузариш ба давраи бозаргонӣ феълан вобаста аст. Дар айни ҳол аснои ташаккули системаи андозбандии намуди бозаргонӣ принсипҳои сохти он таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунанд.

Калидвожаҳо: системаи андоз, андоз, танзими андоз, вазъи иқисодӣ.

ДЕЙСТВУЮЩАЯ НАЛОГОВАЯ СИСТЕМА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Налоговая система - это совокупность налогов и других платежей, взимаемых в соответствии с налоговым законодательством Республики Таджикистан. Налоговая система Республики Таджикистан - совокупность налогов, установленных и регулируемых действующим законодательством, нормативными правовыми актами о порядке их введения, исчисления, взимания и отмены. Основа для создания национальной налоговой системы теперь зависит от состояния экономической базы и социально-политической надстройки перехода к рыночной экономике. В то же время принципы его построения требуют особого статуса при формировании рыночной системы налогообложения.

Ключевые слова: налоговая система, налог, налоговое регулирование, экономическая ситуация.

THE CURRENT TAX SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The tax system is a set of taxes and other payments levied in accordance with the tax legislation of the Republic of Tajikistan. The tax system of the Republic of Tajikistan is a set of taxes established and regulated by the current legislation, regulatory legal acts on the procedure for their introduction, calculation, collection and cancellation. The basis for creating a national tax system now depends on the state of the economic base and the socio-political superstructure of the transition to a market economy. At the same time, the principles of its construction require a special status in the formation of a market tax system.

Keywords: tax system, tax, tax regulation, economic situation.

Сведения об авторе: ***Каюмов Сайфудин Шарифович*** - кандидат экономических наук, доцент кафедры налога и налогообложения Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, просп. Рудаки. Телефон: **901007714**
Насруллоев А.З. – магистр второго курса кафедры алога и налогообложения Таджикского национального университета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, просп. Рудаки

Information about the author: ***Kayumov Sayfudin Sharifovich*** - candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the department of taxes and taxation of the Tajik National University. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. Phone: **901007714**
Nasrulloev A.Z. – second-year masyet`s student of department of taxes and taxation of the Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave

УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ФОИДАИ КОРХОНА

Давлатшоев О.Ҳ., Раҳимов Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фаъолияти корхона дар шароити иқтисоди бозорӣ аз омилҳои зиёд вобаста аст. Ин омилҳо ба монанди афзоиши талаботи истеъмолкунанда ба сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда мебошад, ки ба номунтазамии молиявӣ оварда, дар фаъолияти корхона аён мегардад. Дар ин шароит, ширкат бояд зудтар ба тағйирёбии вазъи бозор ба таври самарабахш вокуниш нишон диҳад ва ҳангоми банақшагириву идоракунии фоидаи худ

қарорҳои зарурии муносиб қабул кунад. Фоида категорияи муҳимтарини иқтисодӣ буда, мақсади асосӣ ва муҳими ширкат ба даст овардани он аст. Корхона танҳо дар ҳолате фоида мегирад, ки агар маҳсулот ё хадамоти он талаботи истеъмолкунандагонро қонеъ гардонад. Аз ин бармеояд, ки фоида на танҳо ҳадафи истеҳсолии корхона, балки натиҷаи фаъолияти онро низ нишон медиҳад, зеро муваффақияти ҳар як корхона аз он вобаста аст, ки фоида то чӣ андоза самаранок идора карда мешавад. Яке аз принсипҳои ташкили молияи корхона ин принсипи ҳавасмандӣ ба натиҷаҳои фаъолияти (ҳавасмандии молиявӣ) худ мебошад. Зарурияти объективии он бо мақсади асосии фаъолияти соҳибкорӣ – гирифтани фоида муайян гардидааст. Афзоиши фоида барои худмаблағгузорӣ, такрористеҳсоли васеъ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва қонеъ кардани талаботи моддии коллективҳои меҳнатӣ заминаи молиявӣ фароҳам меорад. Аз ҳисоби фоида уҳдадориҳои ташкилот дар назди буҷет, бонкҳо ва дигар ташкилотҳо иҷро карда мешаванд. Нишондиҳандаҳои фоида дараҷаи фаъолияти соҳибкорӣ ва некӯаҳволии молиявиро тавсиф мекунанд. Фоида сатҳи даромаднокии фондҳои пешрафта ва даромаднокии сармоягузориро ба дороиҳо муайян мекунад. Мутобиқи таҳқиқоти бештари иқтисодчиён, идоракунии фоида ҳамчун раванди қабули қарорҳои дахлдори идоракунӣ муайян карда мешавад, бе инъикос намудани он, ки раванди идоракунии фоидаро ҳамчун система бояд баррасӣ кард. Идоракунии фоида аз нуқтаи назари низомнокӣ системаи мураккаби бисёрсатҳавӣ буда, зерсистемаҳои зеринро дар бар мегирад: банақшагирии фоида, таҳлили фоида, пешгӯии фоида, назорат. Ҳар яке аз ин зерсистемаҳо ҳадафҳо ва вазифаҳои мушаххаси худро доранд. Инчунин, ҳамаи ин зерсистемаҳо таҳти таъсири дигар система буда, маҳз ҳаҷми фоидаи дар марҳилаи аввал бадастоварда самтҳои тақсимоти онро муайян мекунад.

Фоидаи корхона ҳар қадар зиёд бошад, ҳамон қадар метавонад масоили иқтисодӣ, техникӣ, иҷтимоӣ тавассути тақсимоти маблағҳо дар соҳаҳои муайян ҳал гардад. Инчунин, самаранокии истифода ба имкониятҳои ояндаи афзоиши фоида дар марҳилаи ташаккули он таъсир мерасонад. Усули ситемавӣ ба идоракунии фоида омӯзиши роҳҳои ба як маҷмуаи ягона ташкил кардани зерсистемаҳо ва таъсири равандҳои фаъолияти системаро дар маҷмуъ ба пайвандҳои инфиродии он дар бар мегирад. Ҳадафи асосии идоракунии фоида баланд бардоштани некуаҳволии соҳибони корхона дар давраи ҷорӣ ва оянда мебошад. Ин ҳадафи асосӣ бояд ҳамбастагии манфиатҳои моликон, давлат ва кормандони корхонаро таъмин намояд. Самти стратегии системаи идоракунии фоида ҳангоми баррасии дастурҳои дурнамои корхона дар асоси таҳлил, баҳогузорӣ ва пешгӯии вазъи муҳити бозор, муайян кардани сатҳи фоида ва имкониятҳои идоракунии он бо мақсади муносибгардонӣ муайян карда мешавад. Яке аз унсурҳои асосии идоракунии фоида таҳияи вариантҳои алтернативии ҳалли вазифаҳои тактикӣ ва стратегӣ, инчунин имконияти моделкунонии вариантҳои алтернативӣ дар консепсияи ҳамгироии идоракунии фоида бо системаи умумии идоракунии корхона мебошад. Системаи идоракунии фоида дар дохили корхона ташаккул ёфта, қарорҳои муайяни идоракуниро муайян мекунад. Як қатор ҷанбаҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи фоидаро бо талаботи оиннома, системаи стандартҳо ва талаботҳои дохилӣ, яъне сиёсати идоракунии фоида ба танзим даровардан мумкин аст. Фоида якқатор вазифаҳоро иҷро мекунад: баҳогузорӣ, ҳавасмандгардонӣ ва таъминотӣ. Вазифаи баҳогузорӣ чунин зоҳир мешавад: - фоида баҳогузории самаранокии фаъолияти хоҷагидории ташкилотро таъмин мекунад. Аммо, дар ин ҳолат, танҳо нишондиҳандаи фоидаро барои таҳлили фаъолият истифода бурдан мумкин нест, маҷмуи нишондиҳандаҳо лозиманд, зеро омӯхтани ҳама ҷанбаҳои самаранокӣ ғайриимкон хоҳад буд. Фоида танҳо натиҷаи ниҳоии фаъолияти корхонаро инъикос мекунад. Вазифаи ҳавасмандгардонии фоида дар маблағгузории фаъолияти истеҳсолӣ ва ҳавасмандкунии пулии кормандони корхона зоҳир мешавад. Ҳар як соҳибкор бояд бифаҳмад, ки афзоиши даромад танҳо дар сурате рух медиҳад, ки агар як қисми фоида ба рушди ширкат гузошта шавад. Вазифаи таъминотӣ маънои онро дорад, ки фоида манбаи асосии ҳиссагузориҳо ба буҷети давлатӣ ва фондҳои ғайрибуҷетӣ мебошад. Ин ҳиссаҷудокуниҳо дар шакли андоз ба буҷети давлат ворид мешаванд ва барои маблағгузории вазифаҳои асосие, ки давлат иҷро мекунад, равона карда шудаанд. Усулҳои зерини идоракунии фоида дар корхона вуҷуд доранд:

- Усулҳои иқтисодӣ (ҳавасмандгардонӣ);
- Усулҳои ташкилӣ ва маъмурӣ (маҷбуркунӣ);
- Усулҳои иҷтимоию психологӣ (боваркунонӣ).

Усулҳои иқтисодии идоракунии фоидаи корхона нишон медиҳанд, ки чӣ гуна системаи чораҳо бо ёрии фишангҳо ва ҳавасмандгардонии иқтисодӣ фаъолияти ширкатро ба самти барои ҷомеа зарурӣ равона карда, ба ин васила ба истеҳсолот таъсири ғайримустақим мерасонанд. Ин системаи усулҳои идоракунии фоида тамоми фишангҳои иқтисодиро истифода мебарад: ҳавасмандкунии иқтисодӣ, андозҳо, сиёсати нарх ва ғайра. Ин фишангҳо бояд объекти идоракуниро пурра фаро гиранд, яъне ба таври комплексӣ ва системавӣ истифода шаванд. Усулҳои ташкилию маъмурии идоракунии фоидаи корхона ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои одамон асос ёфтааст. Он аз сатҳи идораи менеҷерон ва масъулияти кормандон вобаст аст. Ин усулҳо роҳҳои гуногуни таъсиррасонӣ ба объектро бо истифода аз таъсири қувва ва қудрат - қонунҳо, дастурҳо, фармонҳо ва ғайра дар бар мегиранд. Онҳо ҳуқуқ ва масъулияти ҳар як роҳбар ва тобеъ, инчунин салоҳияти звенои идораро муайян менамояд. Барои он ки кори ситема нисбатан самараноктар бошад, ду шарт бояд иҷро карда шавад: масъулият ва мутобиқати ҳуқуқҳо дар ҳар як сатҳи идоракунӣ. Усулҳои иҷтимоию психологии идоракунии фоида дар корхона ба пояи арзишҳои ахлоқии ҷомеа, инчунин муносибат ба шахс асос ёфтааст. Объектҳои идоракунӣ бо истифодаи ин усулҳо инҳоянд:

- хусусиятҳои шахсии кормандон;
- тартиби ташкили кор;
- мавҷудият ва истифодаи дастгирии иттилоотӣ;
- тартиби интихоб, таълим ва бозомӯзии кадрҳои штатӣ;
- муттаҳидии даста;
- системаи ҳавасмандкунии кормандон ба иҷрои самараноки меҳнат.

Ҳангоми истифодаи ин усулҳо фазои иҷтимоию психологии даста ва таъсири он ба кормандони алоҳида мавриди баҳогузорӣ қарор мегиранд. Барои баҳогузорӣ усулҳои гуногун истифода мешаванд: пурсиш, санҷишҳои психологӣ, мушоҳидаҳо ва ғайра. Ҳамчунин, барои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ ва равонӣ дар дохили гурӯҳ тадбирҳои гуногун таҳия карда мешаванд. Идоракунии муносиби фоида аз банақшагирии он вобастагии зиёд дорад. Банақшагирии фоида ҳамчун унсури системаи идоракунии фоида мебошад, ки онро метавон ҳамчун раванди таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба ҷанбаҳои асосии марбут ба ташаккул ва хароҷоти даромади софи ташкилот муайян кард.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки фоида ҳадафи асосии ҳар як ширкат мебошад. Мавҷудияти фоида натиҷаи фаъолияти соҳибкории корхона, санъати он дар тақсимоти муносиби омилҳои истеҳсолот ва дарёфти татбиқи дурусти онҳо мебошад. Ба идоракунии самараноки фоида дар корхона бисёр омилҳо таъсир мерасонанд, ки ҳам аз худи корхона ва ҳам аз муҳити берунии он вобастаанд.

АДАБИЁТ

1. Голов Р.С. Экономика и управление на предприятии [Текст]: учебник / Р. С. Голов, А. П. Агарков, В. Ю. Теплышев, Е. А. Ерохина. -М.: Дашков и К, 2013. – 400 с.
2. Давлатшоев О.Ҳ., Ҳикматов С. Молияи корхонаҳо [Матн]: Воситаи таълимӣ / О.Ҳ. Давлатшоев, С.Ҳикматов. –Душанбе, Матбаа. 2012. – 95 саҳ.
3. Лобан Л.А. Экономика предприятия [Текст]: учебное пособие / Л.А. Лобан. – М.: Современная школа, 2011. – 432 с.
4. Фридман А. М. Финансы организации (предприятия) [Текст]: учебник / А. М. Фридман. – М.: Дашков и К, 2013. – 488 с.

УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ФОИДАИ КОРХОНА

Дар мақола ҳадафи асосии корхона, яъне гирифтани фоида ва усулҳои идораи он мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Фоида категорияи муҳимтарини муносибатҳои бозорӣ буда, натиҷаи молиявии фаъолияти соҳибкориро нишон медиҳад. Фоида нишондиҳандае мебошад, ки дараҷаи истеҳсолот, ҳаҷм ва сифати маҳсулоти истеҳсолшуда, ҳолати ҳосилнокии меҳнат ва дараҷаи арзиши аслиро пурратар инъикос менамояд. Идоракунии фоида раванди таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба ҳамаи ҷанбаҳои асосии ташаккул, тақсим, истифода ва банақшагирии он дар корхона мебошад. Идоракунии фоида барои муносибгардонии сармоягузорӣ, сармоягузории инноватсионӣ ва банақшагирии стратегӣ муҳим аст. Ин ба

бехтар тақсим кардани захираҳои маҳдуди ширкат барои таъмини самаранокии баландтарин мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, банақшагирии фоида унсури системаи идоракунии фоида мебошад, ки онро метавон ҳамчун раванди таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба ҷанбаҳои асосии марбут ба ташаккул ва харочоти даромади софи ташкилот муайян кард.

Калидвожаҳо: молияи корхона, фоида, идоракунии фоида, усулҳои идоракунии фоида.

МЕТОДЫ УПРАВЛЕНИЯ ПРИБЫЛЬЮ ПРЕДПРИЯТИЯ

В статье исследуется главная цель предприятия получения прибыли и методы ее управления. Прибыль - важнейшая категория рыночных отношений, отражающая финансовые результаты предпринимательство. Прибыль - показатель, более полно отражающий уровень производства, объем и качество выпускаемой продукции, состояние производительности труда и уровень затрат. Управление прибылью — это процесс разработки и принятия управленческих решений по всем ключевым аспектам ее формирования, распределения, использования и планирования на предприятии. Управление прибылью важно для оптимизации инвестиций, инвестиций в инновации и стратегического планирования. Это поможет лучше распределить ограниченные ресурсы компании для обеспечения максимальной эффективности. Таким образом, планирование прибыли является элементом системы управления прибылью, которую можно определить, как процесс разработки и принятия управленческих решений по ключевым аспектам, связанным с формированием чистой прибыли и расходов организации.

Ключевые слова: финансы предприятия, прибыль, управление прибылью, методы управления прибылью.

METHODS OF PROFIT MANAGEMENT OF THE ENTERPRISE

The main purpose of the enterprise, ie profitability and management methods, is studied in the article. Profit is the most important category of market relations and reflects the financial results of business. Profit is an indicator that more fully reflects the level of production, the volume and quality of products produced, the state of labor productivity and the level of cost. Profit management is the process of developing and making management decisions on all key aspects of its formation, distribution, use and planning in an enterprise. Profit management is important for investment optimization, innovation investment and strategic planning. This will help to better allocate the company's limited resources to ensure maximum efficiency. Thus, profit planning is an element of the profit management system, which can be defined as the process of developing and making management decisions on key aspects related to the formation of the organization's net income and expenditure.

Keywords: enterprise finance, profit, profit management, profit management methods.

Сведение об авторах: ***Рахимов Р.*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры управления государственными финансами
Давлатшоев О. – Таджикский национальный университет, доцент кафедры управления государственными финансами

Information about the authors: ***Rahimov R.*** – Tajik National University, second-year master`s student of Department of Public Finance
Davlatshoev O.H. – Tajik National University, assistant professor of Department of Public Financial Management

ИНКИШОФИ ҲАМГИРОИИ ГУНОГУНСУРЪАТ ДАР ФАЗОИ БАЪДИШУРАВӢ

Раҳмонов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҷаҳони имрӯза иқтисодиёти миллии ҳар як давлат аз ҷараёнҳои иқтисодии дар кишварҳои дигар ташаккулёбанда чудо амал карда наметавонад. Ҷаҳони имрӯза ин маҷмуи низомҳои сиёсию ҷамъиятии тамоми кишварҳои дар асоси принсипу қонуниятҳои умумӣ инкишофёбанда мебошад, ки дар ҳар кишвари алоҳида хусусиятҳои ба худ хосро дорад. Ташаккулёбии иқтисоди ҷаҳонӣ тамоюли қонуниест, ки дар натиҷаи талаботи объективии ҳалли проблемаҳои умдаи тараққиёти ҷамъиятию сиёсӣ аз ҷониби башарият, ба монанди таҳдиди фалокати ядроӣ, ҳифзи тандурустӣ, тадқиқоти кайҳон ва масъалаи экологӣ ба вуҷуд омадааст. Ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ танҳо бо роҳи вусъат бахшидани робитаҳои гуногунҷабҳаи байни кишварҳо имконпазир мебошад.

Ҳаштуми декабри соли 1991 дар қароргоҳи «Вискули»-и Ҳукумати Белоруссия, ки дар яке аз гӯшаҳои хушманзараи ҷангалзори Беловежск воқеъ гардида аст, вохӯрии сарварони давлатҳои Белоруссия, Россия ва Украина баргузор гардид, ки он яке аз рӯйдодҳои муҳими асри XX ба шумор меравад. Сарварони ин се давлат бо ба имзо расонидани Созишнома «Дар бораи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» ба

фаъолияти 70-солаи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ҳамчун субъекти байналмилалии ҳуқуқ ва ҳақиқати геосиёсӣ яку якбора хотима бахшиданд ва дар изҳороти худ сарварони ин давлатҳо шахсан қайд карда буданд, ки гуфтушуниди тӯлонӣ оид ба тайёр намудани созишномаи иттифоқӣ натиҷаи дилхоҳ надод, баръакс барои ҳалли бисёр масъалаҳои дигари муҳим монеа эҷод менамуд. Дар натиҷа ҷараёни объективии аз ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ баромадани ҷумҳуриҳо ва бунёди давлатҳои нави мустақил ҳақиқати воқеии ин давра шуда монд. Дар баробари ин, сиёсати кӯтоҳандешонаи марказ дар ҳамон солҳо яке аз сабабҳои асосии тезутунд шудани вазъияти иқтисодӣ ва сиёсии баъзе давлатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ гардида, ба таназзули истеҳсолот ва аз ҳад зиёд паст шудани сатҳи зиндагии тамоми табақаҳои аҳолии давлатҳо оварда расонида буд. Дар натиҷаи тезутунд шудани вазъи иҷтимоӣ дар бисёре аз ҷумҳуриҳо даргириҳои дохилии байни миллатҳо ва талафоти ҷонии шумораи зиёди аҳолии бегуноҳ мушоҳида мегардид. Барои ҳамин дар асоси вазъияти баамаломада сарварони давлатҳои Белоруссия, Россия, ва Украина талаботи пухтарасидаи ҷамъиятро оид ба ҳарчи тезтар гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ ба назар гирифта, созишномаро «Дар бораи таъсиси Иттиҳоди давлатҳои Мустақил» ба имзо расониданд. Ин созишнома аз 14 модда иборат мебошад. Дар моддаи 5-уми ин созишнома омадааст: «Тарафҳои аҳдкунандаи сатҳи олӣ тақсимнопазирии ҳудуди давлатҳои якдигар ва дахлнопазирии сарҳадҳои мавҷударо эътироф ва эҳтиром менамоянд». Сарварони далатҳои сегона хуб дарк мекарданд, ки ҷумҳуриҳои минтақаи Кавказ, Осиёи Миёна ва Қазоқистон бе ҳамкорӣ бо ин се давлат ва онҳо бошанд бе ашёи хоми ин мамлакатҳо иқтисодиёташонро наметавонанд пеш баранд. Бинобар ин, онҳо дар изҳороти худ махсус қайд намуданд, ки дари Иттиҳоди давлатҳои мустақил дар ҳайати ҷумҳуриҳои Белоруссия, Россия ва Украина барои ҳамроҳ шудани дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, инчунин барои давлатҳое, ки ин созишномаро дастгирӣ менамоянд, кушода мебошад. Бо дарназардошти ҳолати иқтисодии бамиёномада, давлатҳои аъзои ИДМ ба хулосае омаданд, ки робитаҳои иқтисодии қаблан дар ИҶШС ҷойдоштаро бояд дар доираи ИДМ барқарор намуд. Намояндагони давлатҳои мустақил дар шаҳри Алмаато ҷамъ шуда, эъломия қабул намуданд, ки дар асоси он ба Созишномаи таъсиси ИДМ Ҷумҳурии Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Арманистон, Озарбойҷон, Узбекистон ва Молдова ҳамроҳ шуданд. Ҳамчунин, онҳо барои идора намудани сохтори тозабунёд, мақоми роҳбарии он-Шӯрои сарварони давлатҳо ва шӯрои сарварони ҳукуматҳоро интихоб намуда, баённомаи махсусеро қабул карданд, ки дар асоси он принсипҳои баробарҳуқуқии аъзоёни ин созмонро ба аҳли башар эълон намуда, ҳавасмандии худро нисбати ҳамкорӣ баҳри инкишофи фазои иқтисодии умумӣ ва ба зимма гирифтани иҷрои уҳдадориҳои байналмиллалии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ тасдиқ намуданд. Дар воҳӯрии сарварони давлатҳо, ки 14-уми феврали соли 1992 дар шаҳри Минск баргузор шуда буд, президентони давлатҳои ИДМ 18 ҳуҷҷати вобаста ба масъалаҳои ҳарбӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва ғайраро ба имзо расонданд, ки онҳо дар фаъолияти кули давлатҳои узви ИДМ ҳуҷҷати рӯимизӣ ба шумор рафта, муносибатҳои истеҳсолию иқтисодии онҳоро мустаҳкам намуданд. Дар баробари ҳаллу фасл намудани масъалаҳои танзимкунии муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар соҳаи ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, масъалаи басо муҳими рӯзмарраро оид ба ҳамоҳангсозии нақлиёти роҳи оҳани давлатҳои ИДМ якдилона ҳаллу фасл карда, шӯрои нақлиёти роҳи оҳани ИДМ-ро таъсис доданд. Дар таърихи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ ва содиқона то имрӯз фаъолият намудани роҳи оҳан тасдиқ намуд, ки созишномаи қабулшуда дурандешӣ ва хирадмандии сарварони давлатҳоро нишон медиҳад. Аз рӯзҳои аввали таъсис Иттиҳод ба қонунҳои бевоситаи худ эҳтиёҷ дорад.

27-уми марти соли 1992 бо мақсади роҳ надодан ба хатогиҳо дар фаъолияти худ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти парламентҳои давлатҳои аъзои ИДМ Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои аъзои ИДМ-ро бо маркази идорааш дар шаҳри Санкт-Петербург таъсис дод. 6-уми июли соли 1992 бошад, барои дида баромадани масъалаҳои ҳалталаби байни давлатҳои аъзои ИДМ баимзорасида ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баҳодиҳии

муносибатҳои байни онҳо Суди иқтисодии ИДМ таъсис дода шуд. Ғайр аз ин, тадриҷан зиёда аз 20 шӯро, кумита, комиссия ва иттиҳодия доир ба масъалаҳои саноат, нақлиёти роҳи оҳан, нафту газ, авиатсия, ангишту метал, мошинсозӣ, робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, комплекси агросаноатӣ ва молҳои озуқа таъсис дода шуд. Дар соли 1993 сарварони давлатҳо ва ҳукуматҳои ИДМ 5 маротиба вохӯрӣ намуда, ҳалли масъалаҳои муҳими иқтисодию сиёсиро вобаста ба истифодаи самараноки фаъолияти Иттиҳод дида баромаданд. 22-юми январи соли 1993 давлатҳои ихтиёран муттаҳидшуда дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ, Низомномаи Созмони Миллали Муттаҳид ва Санади хотимавии Хелсинки Низомномаи ИДМ-ро тасдиқ намуданд. Аз ҷониби роҳбарияти 7 мамлакат ба имзо расидани Низомномаи ИДМ тамоми фикрҳои носолими дар паси пардабударо аз байн бурд. Мувофиқи Низомномаи тасдиқшуда ИДМ ҳамчун ташкилоти мустақил ва субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ этироф карда шуда, вазифаи он дар оянда мустаҳкам намудани муносибатҳои дӯстона, мувофиқаи байни миллатҳо, боварӣ, якдигарфаҳмӣ ва ҳамкории муфиди байни аъзоёни ин иттиҳод ба шумор меравад. Мувофиқи низомнома мақсади Иттиҳод аз инҳо иборат мебошад:

-ба роҳ мондани ҳамкориҳои сиёсию иқтисодӣ, экологӣ, башардӯстӣ, фарҳангӣ ва ғайра;

-таъмини ҳаматарафа ва мутавозини пешрафти иқтисодию иҷтимоии давлатҳои аъзо дар доираи фазои умумии иқтисодӣ, кооператсияи байнидавлатӣ ва ҳамгироӣ;

-таъмини ҳуқуқ ва озодии инсон мувофиқи принсипҳои эътирофи умум, меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ ва ҳуҷҷатҳои САҲА (Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо);

-ҳамкорӣ байни давлатҳои аъзо ҷиҳати таъмини сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, татбиқи чораҷӯиҳои самаранок вобаста ба кам кардани қуввахои мусаллаҳ ва хароҷоти ҳарбӣ, аз байн бурдани яроқи ядроӣ ва намудҳои дигари яроқи қатли ом, ноил гаштан ба яроқпартоии умумӣ ва пурра;

-таъмини робита ва ҳаракати озоди шаҳрвандони мамлакатҳо дар доираи Иттиҳод;

-ҳалли осоиштаи масъалаҳои баҳсталаб ва ихтилофот дар байни давлатҳои аъзои Иттиҳод.

Роҷеъ ба масъалаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва фаъолияти гумрукӣ дар доираи ИДМ 10 созишномаю ҳуҷҷатҳои асосӣ қабул гардид:

1. Созишнома «Дар бораи тартиби транзит» аз ҷониби сардорони ҳукуматҳо 8 феврали соли 1992 дар Москва ба имзо расонида шуд.

2. Созишнома «Дар бораи принсипҳои сиёсати гумрукӣ» аз ҷониби сардорони ҳукуматҳо 13 марти соли 1992 дар Москва ба имзо расонида шуд;

3. Созишнома «Дар бораи шарту механизмҳои умумии дастгирии инкишофи кооператсияи истеҳсолии корхонаҳо ва соҳаҳои давлатҳои аъзои ИДМ» аз ҷониби сардорони ҳукуматҳо 23 декабри соли 1993 дар Ашқобод ба имзо расонида шуд;

4. Созишнома «Дар бораи таъсиси минтақаи савдои озод» аз ҷониби сардорони давлатҳо 15 апрели соли 1994 дар шаҳри Москва ба имзо расонида шуд;

5. Созишнома «Дар бораи ҳамкорӣ ва кӯмаки мутақобила дар корҳои гумрук» аз ҷониби сардорони ҳукуматҳо 15 апрели соли 1994 дар Москва ба имзо расонида шуд;

6. Созишнома «Дар бораи ҳамкории хадамоти гумрукӣ дар масъалаҳои боздоштан ва баргардонидани сарватҳои фарҳангии ғайриқонунии ворид ва содиршаванда» аз ҷониби сардорони ҳукуматҳо 15 апрели соли 1994 дар шаҳри Москва ба имзо расонида шуд;

7.Созишнома «Дар бораи реэкспорти мол ва тартиби додани иҷозатномаҳо барои реэкспорт» 15 апрели соли 1994 аз ҷониби сардорони ҳукуматҳо дар шаҳри Москва ба имзо расонида шуд;

8. Усули ягонаи омори гумрукии тиҷорати хориҷии ИДМ, ки 9 декабри соли 1994 аз ҷониби сардорони ҳукуматҳои ИДМ дар шаҳри Москва ба имзо расонида шуд;

9. Асосҳои қонунгузории гумрукии ИДМ, ки 2 феврали соли 1995 аз ҷониби сардорони давлатҳо дар Алмаато ба имзо расонида шуд;

10. Созишнома «Дар бораи номгӯи ягонаи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии ИДМ» бошад 3 ноябри соли 1995 дар шаҳри Москва ба имзо расонида шуд.

Ҳамаи созишномаҳои номбаршуда, ки дар сатҳи сарварони давлатҳо ва ҳукуматҳои ИДМ имзо гардидаанд, барои нигоҳ доштан ва таҳкими фазои ягонаи иқтисодӣ, ҳаракати озоди мол, ҳавасмандгардонии инкишофи робитаҳои иқтисодии хориҷӣ замина гузошта, ҷараёнҳои гумрукии дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҷойдоштаро танзим сохта, боиси умумияти муносибат дар ташкили фаъолияти гумрукӣ ва ҳамоҳанг сохтани қонунгузории гумрукӣ ва расмиёти гумрукӣ дар доираи Иттиҳод гардиданд. Барои мамлакатҳои ҷавону тозаистиқлоли ИДМ асоси ин тамоюлро истиқлолияти рӯзафзун дар соҳаи иқтисодиёт ташкил менамояд. Дар натиҷаи мунтазам амалӣ гаштани истиқлолият бо роҳи татбиқи робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, иқтисодиёти давлатҳои мухталиф ба хоҷагии ҷаҳонӣ муттаҳид мегарданд. 21 октябри соли 1994 дар ҷараёни вохӯрии навбатии роҳбарони давлатҳои аъзои Иттиҳод дар Москва, бо мақсади бунёди низоми самарабахши пардохт дар доираи кишварҳои Иттиҳод, ки шарти зарурии фаъолияти мӯътаъдили Иттиҳоди иқтисодӣ, ҳаракати озоди молу хизматҳо мебошад, таъмини тавозун дар муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ, роҳбарони ҳукуматҳо ба афзун гардидани иқтидори иқтисодиёти миллӣ дар асоси робитаҳои муфиди кооператсионӣ ва робитаҳои дигари хоҷагидорӣ кӯшида, Созишномаи бунёди Иттиҳоди пардохтии иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ба имзо расониданд. Бунёди Иттиҳоди пардохт пеш аз ҳама бояд дар асоси риояи принсипҳои зерин амалӣ мегардид:

- эътироф намудани соҳибистиқлолии асъори миллӣ ва мавқеи бонкҳои миллӣ ҳамчун маркази эмиссионӣ ва сохтори танзимкунандаи пулию қарзӣ ва асъорӣ аз тарафи ҳамаи давлати аъзои Иттиҳод;

- дар доираи давлатҳои аъзои ИДМ пешгирӣ намудани маҳдудият дар қабул ва истифодаи асъори миллӣ ба сифати пардохт дар муносибатҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ истифодашаванда;

- тасдиқ намудани низомномаи танзими давлатии тиҷорати хориҷӣ ва асъорӣ, ки дар ҳудуди давлатҳои аъзои ИДМ пешрафти фаъолияти бозорҳои асъориро вобаста ба хариду фурӯши асъори миллӣ бо асъори дигар давлатҳо кӯмак менамоянд;

- таъмини ваколати ивази асъори миллӣ ва асъори дигари давлатҳои аъзои ИДМ вобаста ба пардохтҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла: нафақа, ёрдампулии давлатӣ, пардохт, ҷуброн ва ғайра;

- пешниҳоди ҳуқуқи бевоситаи ҳисоббаробаркунӣ амалиёти пардохти байналхалқӣ ба намояндаи ваколатдори бонки тиҷоратӣ, ба бонк-корреспондентҳо ва ғайрирезидентҳо-иштирокчиёни робитаҳои иқтисодии хориҷӣ додани қарзҳои бонкӣ;

- аз байн бурдани маҳдудиятҳои маъмурӣ дар интихоби асъори пардохт дар ҳолати бастани созишнома байни ду хоҷагии давлатҳои аъзои Иттиҳод;

- пешниҳоди ҳуқуқи доштани асъори хориҷӣ ва истифодаи он барои харид, пардохтҳои хизматрасонӣ ва ғайра ба ғайрирезидентҳо.

Мутаассифона, аз таъсиси аксарияти созмонҳое, ки байни мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омадаанд, беш аз 15 сол гузашта бошад ҳам, онҳо то ҳол марҳилаи ташаккули худро сипарӣ накардаанд ва асосан бо ба расмият даровардани сохторҳои худ ва инчунин қабули санадҳо машғул мебошанд. Барои ҳамин ҳанӯз фаъолияти онҳо дар раванди ҳамгироии давлатҳои минтақа самараи дилхоҳ наовардааст. Аз ин лиҳоз, баррасии кӯшишу тадбирҳое, ки мамлакатҳои узви ин созмонҳо мекунанд ва меҷӯянд, дар мисоли сарнавишти созмони ИДМ басо омӯзанда ва ибратбахш аст ва натиҷаҳое ҳам, ки аз чунин баррасӣ ҳосил мешавад, бе истисно, ба ҳамаи онҳо дахл дорад. Дар марҳилаи ҳозира вазъияти воқеии созмони ИДМ дар қаламрави давлатҳои аъзои он чунон аст, ки сарнавишт ва дурнамои инкишофи он кайҳост зери савол ва мавриди баҳсу талошҳои тӯлонӣ дар байни сиёсатмадорон, сиёсатшиносон, коршиносон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма қарор гирифтааст. Ҳангоми арзёбии танқидии мақом ва нақши ИДМ набояд ба он чашм пӯшид чунки ба ҳар ҳол, ин созмон ҳамчун воқеияти геосиёсӣ вуҷуд дорад ва ташаккул ҳам ёфтааст. Ин созмон, бидуни шак, дар ташаккули давлатҳои нави соҳибистиқлол дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нақши мусбат бозида аст, ки онро наметавон ба ҳеҷ ваҷҳ инкор кард. Ҳамчунин, дар вазъияти

босуръати тамом ҷаҳонишавии муносибатҳои байналмилалӣ ва афзоиши ҳамбастагии давлатҳо бо якдигар дар низоми феълии хоҷагидории ҷаҳонӣ ИДМ ба ҳайси як созмон вақте рушд хоҳад ёфт, ки агар дар қолаби он равандҳои ҳамгироии мутақобилан судманд шакл гиранд. Аммо мутаасифона бояд иқрор шуд, ки ИДМ натавонист ин гуна равандҳои ҳамгироиро дар миёни давлатҳои аъзои худ ташаккул диҳад. Бояд қайд намуд, ки дар давоми 17 соли фаъолияти он аксарияти санадҳои имзогардида амалӣ нагардидаанд. Ҷаласаҳои Шӯрои Сарони давлатҳо, ҳукуматҳо ва вазоратҳои гуногуне, ки дар чаҳорчӯбаи ИДМ баргузор мегардиданд ва то ба имрӯз ҳам идома доранд, ба клубҳои мубоҳисавӣ шабоҳат дошта, тасмимҳое, ки дар онҳо гирифта мешуданд ва мешаванд, чун қоида, хусусияти машваратӣ доранд ва иҷроишашон ҳатмӣ намебошад.

Бори аввал оғози баҳси ошкороро дар бораи сарнавишти ИДМ ва нақши он мулоқоти Сарони кишварҳои ИДМ дар моҳи марти 1997 гузошт. Баъдан ин баҳсҳо дар вохӯрии Кишенов дар октябри ҳамон сол идома ёфтанд ва таконе ба раванди ислоҳоти ИДМ бахшиданд. Сарфи назар аз он Иттиҳоди мазкур боз вақти зиёде дар ҳамин вазъияти ҳасту нест қарор дошт. То он вақте ки дар мулоқоти Сарони давлатҳои Иттиҳод дар Остона рузи 16 сентябри 2004 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Н. Назарбоев аз нав масъалаи такмил ва ислоҳоти мақомоти ИДМ бардошта шуд ва оид ба ин дар Шӯрои Сарони давлатҳо Қарори махсусе қабул гардид. Вохӯриҳои бисёрҷонибаи намояндагони вазоратҳои корҳои хориҷии давлатҳои аъзои ИДМ ба хотири иҷрои Қарори Шӯрои Сарони давалатҳои ИДМ аз 16 сентябри 2004 оид ба такмил ва ислоҳоти мақомоти Иттиҳод, ҳамчунин ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии ИДМ дар таърихи 18 марти 2005 дар ш. Минск, “Пешниҳодҳо” дар ин ҷамъомадҳо омода гардида, бори дигар муҳим ва саривақтӣ будани гузориши ин масъаларо тасдиқ намуда, дар баробари он ба таври возеҳ мавҷуд будани ихтилофоти ҷиддиро дар байни давлатҳои иштироккунандаи алоҳида ва ё гурӯҳе аз онҳо оид ба ин ва ё он масъала ошкор намуданд. Барои мисол, ҳайатҳои Гурҷистон, Украина, Озарбайҷон ва Молдова дар ин мавридҳо ё зид буданд ё баёни мавқеашонро ба таъхир меандохтанд ва ё назари ба худ хосро доро буданд. Айни замон ИДМ дар марҳилаи чархиш қарор дорад ва санадҳои асосии он бо назардошти воқеиятҳои нав зарурат ба таҷдиди назари фаврӣ дорад. Ё мамлакатҳои шомили Иттиҳод бо кӯшишҳои дастаҷамъӣ ба такмил ва ислоҳоти куллии мақомоти ИДМ муваффақ мешаванд ва ё мисли пешина дар ҳамон ҳолате, ки қарор дошт, яъне ҳасту нест, боқӣ хоҳад монд. Сухан аз будан ё набудани ИДМ меравад. Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Н. Назарбоев дар мулоқоти ғайрирасмии Сарони давлатҳо 1 марти соли 2002 дар ш. Алмаато айнан чунин гуфта буд: “ Ё бояд ИДМ-ро бубаст ва ба ҳамкориҳои дуҷониба гузашт, ё чуноне, ки ҳаст, боқӣ гузошт дар ҳолати ҳасту нест ва ё ба равандҳои ҳамгироии омутом, монанди аврупоиҳо гузашт” . В.В. Путин дар ин хусус 19 июли 2004 дар ҷаласаи Шӯрои амнияти Руссия ибрози назар карда буд: “ Ё мо ба тақвияти сифатии ИДМ муваффақ мешавем, дар асоси он сохтори воқеии амалкунанда ва бонуфуз дар дунё месозем, ё моро ҳатман маҳви ин фазои геосиёсӣ мунтазир аст ва дар натича таваҷҷӯҳи мамлакатҳои иштироккунанда ба кори Иттиҳод ба тамом коста мегардад”. Сабабҳои асосие, ки давлатҳои аъзои ИДМ ба инкишофи равандҳои ҳамгироӣ ноил нагардидаанд чунин аст:

1. Аз аввал ҳар як мамлакат дар доираи Иттиҳод манфиат ва ҳадафҳои худро дошт. Баргузории бисёр гуфтушунидҳои ҷудо-ҷудо ва дарёфти мувофиқатҳои пасипардагӣ ҳамзамон бо қабули санадҳои расмии анъанавӣ ва изҳори ният карданҳои аъзои ИДМ, ки ба онҳо худи иштироккунандагонаш чандон бовар надоштанд, гувоҳи он буданд, ки ин Иттиҳод ба клуби манфиатҳо табдил гаштааст. Қисме аз давлатҳои аъзои ИДМ аз худхоҳӣ хоҳиши ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳамиттиҳодҳои худро надоранд ва барои ин кӯшиш ҳам намекунанд. Дар чунин вазъият инкишофи ҳамгироии воқеӣ ва фаъолро дар доираи ин созмони минтақавӣ ва дигар созмонҳо бовар кардан душвор аст. Маҳз ҳамин чиз боис гаштааст, ки бисёре аз давлатҳои ИДМ ҳамкориҳои иқтисодӣ бо мамлакатҳои дури хориҷӣ ва ҳамгироии гуногунсуръат ва гуногунқолаб дар қалamрави ИДМ ва таъсиси иттиҳодияҳои ҳамгироии гуногуни субминтақавӣ (Иттиҳоди Россия ва Белоруссия,

ЕврАзЭс Фазои ягонаи иқтисодӣ ва ғ) афзал мешуморанд, ки ин дар навбати худ асосҳои ҳамкориҳои байнидавлатиро дар доираи ИДМ халалдор месозад.

2. Дигар сабаби беэътиноии давлатҳо ба равандҳои ҳамгироӣ дар доираи ИДМ он буд, ки масъалаҳои ҳалталаб ҳам дар дохили ин давлатҳо ва ҳам дар байни онҳо вуҷуд дорад. Набаромадани ИДМ аз уҳдаи ҳалли қазияҳои арманиҳою озарбойҷониҳо, гурҷиҳову абхазиҳо, гурҷиҳою осетинҳо дар қаламрави пасшӯравӣ ва ҳам бефаъолиятии сохторҳои ин Иттиҳод дар давраи ҳамлаҳои террористӣ ба хоки Узбекистону Қирғизистон давлатҳои аъзои онро ноумед гардонд.

3. Ҳамчунин, давлатҳои ИДМ сабабро дар он диданд, ки аз ибтидо давлатҳои аъзо сатҳи рушди иқтисодии гуногун дошта, баъзе аз онҳо дучори бӯҳронҳои молиявӣ ва иқтисодианд, заминаҳои ҳуқуқии ҳамкорию ҳамгироӣ байни онҳо ҳамоҳанг нагардидааст. Пеш аз ҳама, роҳбарони ИДМ аз гуногунии дараҷаи рушди иқтисодӣ ва ислоҳот дар давлатҳои Иттиҳод нороҳат мебошанд. Ба гумони онҳо гӯё дар вазъияти ҷойдошта ҳамкориҳои наздик дар доираи ИДМ бефоида мебошад, ҳол он, ки "таҷрибаи ҷаҳонӣ кайҳо боз исбот намудааст, ки ҳамагуна ҳамгироии иқтисодӣ қодир аст имкониятҳои мавҷударо агар чандинкарата набошад ҳам ба ҳар ҳол, ба маротиб бештар афзояд. Ҳамгироии иқтисодии якчанд давлатҳо барои он ки қисми таркибии робитаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ шаванд, бояд ба ҳодисаҳои манфие, ки натиҷаи ҷаҳонишавӣ мебошанд ва, ғолибан, рақобати ғайриоқилона дар бозори мол ва сармоя муқобилият нишон диҳанд. Алалхусус, ҳамгироии минтақавии мисли ИДМ, ки аз 12 давлат дар як қаламрави фаррох ташаккул ёфтааст ва бозори бағоят пурғунҷоиш, фазои барои ҳаракати озоди сармоя ва имкони дастрасии он ба кашф ва истифодаи захираҳои бойтарини маъданию ашёи хом ва қувваи кории арзонро доро мебошад. Аз ин ҳақиқат бисёре аз мамлакатҳои дунё барвақт огоҳӣ доранд. Исботи он Иттиҳоди Аврупо мебошад, ки бозори умумӣ, асъори ягона, фазои ягонаи иқтисодӣ ва ғайро доро мебошад".

4. Сабаби асосии заифии равандҳои ҳамгироӣ дар доираи ИДМ дар чизи дигар аст. Роҳбарони ин Созмон, пеш аз ҳама ва бештар аз ҳама, маълум аст, ки аз таъсиси ҳамагуна мақомоти фавқулмиллӣ меҳаросанд. Онҳо гумон доранд, ки он ба манфиатҳои миллии онҳо халал ворид месозад. Агарчи дар замина таҷрибаи бобарори Иттиҳоди Аврупо бо мақомоти фавқулмиллии худ, мисли парламенти муштарак ва ғ. барои ҳамаи онҳо маълум аст. Сарфи назар аз ин, бисёре аз давлатҳои аъзои ИДМ аз бархӯрдҳои Россия нисбат ба Белоруссия, Гурҷистон, Украина ва Молдова нигаронӣ зоҳир менамоянд. Мутаассифона, роҳбарони Руссия ҳанӯз ҳам дар муносибатҳои давлатӣ аз усули кӯҳна яъне фишору таҳдид даст накашидаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори фаъолияти созмонҳои минтақавиии ба монанди ИДМ, ЕврАзЭС, СҲШ ва ғайра мебошад. Ба шарте, ки ин созмонҳо фаъолияти худро тавре ба роҳ монанд, ки ба равандҳои ҳамгироӣ дар минтақа ва ҳамкориҳои судманд миёни давлатҳои аъзои он сабаб гардад. Кӯшишҳои ҷоннок кардани ИДМ, ислоҳ ва такмил додани сохторҳои он ба шарте барор хоҳанд гирифт ва натиҷа хоҳанд дод, ки давлатҳои аъзои он ба ҳамгироӣ бекайду шарт ва чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра омода бошанд. Мо гуфта метавонем, ки Иттиҳод ҳамин хел қудрати бузург дорад, ки ҳар гуна масъаларо ҳал намояд. Мамлакатҳои аъзои ИДМ дорои захираҳои бои ашёи хом, саноати тараққикарда, иқтидорҳои илмӣ ва технологияи замонавӣ мебошанд ва ин имконият ба давлатҳои алоҳидаи аъзои ИДМ шароит фароҳам меоварад, ки пешрафти иқтисодии мамлакати худро таъмин намоянд. Албатта, пӯшида нест, ки ҳоло аз чунин шароитҳои мавҷуда пурра истифода бурда наметавонем, чунки ҷараёни ҳамгироӣ бо вуҷуди маҳдуд будани вақт бо суръати паст инкишоф ёфта истодааст ва то ҳол на ҳамаи давлатҳои аъзои ИДМ аз ҳолати таназзули иқтисодӣ баромадаанд.

АДАБИЁТ

1. Авдокушин Е.Ф. Международные экономические отношение. Москва, «Юрист», 1999, 368 с.
2. Глинкин. А.Н. Интеграция в Западном полушарии М.: 2000.
3. Кэмерон Ф. ЕС и США: друзья или соперники? / Свободная мысль – XXI – 2004 - №11 – с. 72-81.

4. Назаров Т. Н. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотруднчество. –Душанбе, 2004. - 283 с.
5. Рыбалкин В.Е., Щербанин Ю.А. Международные экономические отношения: учебник для вузов-3-е изд., перераб. И доп. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2000 – 497 с.
6. Семёнов К. А. Международная экономическая интеграция: Учебное пособие. М.: МУПК, 2000 – 144 с.
7. Фоминский И. П. Международные экономические отношение.Юрист, М: 2001-847 с.
8. Харламова В. И. Международная экономическая интеграция: учебное пособие. – М.: Анкин, 2002 – 174 с.
9. Шемятенков В. Г. Европейская интеграция: учебное для вузов. – М.: Международные отношения, 2003 – 399 с.
10. Каюмов Н.К., Умаров Х.У. Глобализация и внешнеэкономические связи Таджикистана. Душанбе: Деваштиљ, 2005.-192 с.
11. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, экономическое сотрудничество. Душанбе: Ирфон, 2003.-250 с.
12. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество. Душанбе: УИ МИД РТ, 2004. – 284 с.
13. https://scienceforum.ru/

ИНКИШОФИ ҲАМГИРОИИ ГУНОГУНСУРЪАТ ДАР ФАЗОИ БАЪДИШӮРАВӢ

Дар шароити муосир дар миқёс ва шаклҳои байналмиллалишавии соҳаҳои гуногуни ҳаёти хоҷагӣ тағйироти куллӣ ба миён омадаанд. Пеш аз ҳама, нақши алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ дар ҳамаи давраҳои такористеҳсоли ҷамъияти баланд шуданд. Амал кардан дар шароити дар иқтисодиёти озод ба он меоварад, ки манфиатҳои милли - иқтисодии мамлакатҳо, дар бисёр ҳолат, ногузир шакли манфиятҳои иқтисоди хориҷиро мегирад. Қонеъсозии онҳо муттаҳид кардани саъю кушиши давлатҳои гуногунро талаб мекунад. Сабаб он, ки доираи бозори дохилӣ маҳдуттар шуда, баъзан дар ҳақиқат ҳалокатовар барои истеҳсоли самараноки иқтисодии мамлакатҳои бисёри маҳсулоти саноатӣ, хусусан мураккаби техникӣ ва илмталаби соҳаҳои муосир мегардад.

Калидвожаҳо: ҳамгироӣ, иқтисодиёт, проблемаҳо, содирот, воридот, муҳоҷират, бозор.

РАЗВИТИЕ МНОГОМЕРНОЙ ИНТЕГРАЦИИ НА ПОСТСОВЕТСКОМ ПРОСТРАНСТВЕ

В современных условиях коренным образом изменились масштабы и формы интернационализации различных секторов экономической жизни. Во-первых, возросла роль мировой экономики на всех этапах воспроизводства общества. Действия в условиях свободной экономики означают, что национальные экономические интересы стран во многих случаях неизбежно принимают форму внешнеэкономических интересов. Для их удовлетворения требуются совместные усилия разных стран. Это связано с тем, что объем внутреннего рынка уже, а иногда он действительно губителен для экономически эффективного производства многих промышленных товаров, особенно в технически сложных и наукоемких отраслях.

Ключевые слова: интеграция, экономика, проблемы, экспорт, импорт, миграция, рынок.

DEVELOPMENT OF MULTIDIMENSIONAL INTEGRATION IN THE POST-SOVIET AREA

In modern conditions, the scale and forms of internationalization of various sectors of economic life have radically changed. First, the role of the world economy has increased at all stages of the reproduction of society. Actions in a free economy mean that the national economic interests of countries in many cases inevitably take the form of foreign economic interests. Their satisfaction requires joint efforts of different countries. This is due to the fact that the volume of the domestic market is narrower, and sometimes it is really destructive for the economically efficient production of many industrial goods, especially in technically complex and knowledge-intensive industries.

Keywords: integration, economics, problems, export, import, migration, market.

Сведения об авторе: ***Рахмонов Сомон*** – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса мировой экономики**.** Телефон: **937434445.** E-mail: **rsomon@mail.ru**

Information about the author: ***Rakhmonov Somon*** – Tajik National University, second-year master`s student of world economics**.** Phone: **937434445.** E-mail: **rsomon@mail.ru**

НАҚШИ МИНТАҚАҲОИ ТАБОБАТИЮ ИСТИРОҲАТӢ ДАР РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ризоев С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои зудрушдёбандаи иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб рафта, сол аз сол дар таркиби хоҷагии миллӣ мақоми пешбарандаро касб намуда истодааст. Воқеъан ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварест, ки табиати бою

сарватҳои бебаҳо дошта, қисми зиёдашро баландтарин қаторкуҳҳои ИДМ ишғол кардаанд. Аз рӯи тадқиқотҳои олимон муайян карда шудааст,ки дар ҳудуди кишвар зиёда аз 947 геокомплексҳои табиӣ, бо 40- намуди ландшафтҳо (манзараҳо) мавҷуд мебошанд. Тоҷикистон бо чашмаҳои шаффофу - гарми табобатӣ ва олами растаниҳои шифобахш ба оламиён машҳур гаштааст. Бо дарназардошти омилҳои зикршуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳиро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар эълон намудааст. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон дар паёми худ иброз доштанд: “Тоҷикистони биҳиштосои мо сарзамини мардуми соҳибмаърифату меҳмоннавоз ва кишвари дорои меваҳои шаҳдбор буда, аз нигоҳи иқлим, боду ҳаво, манзараҳои табиат, кӯҳҳои осмонбӯс, пиряхҳои азим, обҳои шифобахш, кӯлҳо ва чашмаҳои оби мусаффо, ҳайвоноту наботот ва урфу анъанаҳои мардумӣ дар олам нотакрор ва макони беҳтарини сайру сайёҳат мебошад. Бинобар ин, зарур аст, ки бо мақсади боз ҳам васеъ намудани соҳаи сайёҳӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда дар ин самт, инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, густариши раванди танзими давлатӣ ва дастгирии сайёҳии дохиливу хориҷӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармоя дар ин самт ва омода кардани кадрҳои болаёқат, соли 2017 дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори алоҳида оид ба ин самт таъсис дода шавад” [1].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки барои истфодаи самараноки имкониятҳо, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, дастгирии сайёҳии дохиливу хориҷӣ, ҷалби сармоя дар ин самт ва омода намудани кадрҳои болаёқат замина мегузорад.v Барои вусъат бахшидан ва бо дарназардошти зарурати инкишофёбии инфрасохтори деҳот Пешвои миллат солҳои 2019-2021-ро солҳои “Рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон намуданд, ки дар натиҷа як қатор чорабиниҳою барномаҳо барои рушди соҳа мунтазам гузаронида мешуданд. Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои амалисозии сиёсати давлат дар бахши сайёҳӣ ва баланд бардоштани рақобатнокии бозори сайёҳии кишвар дар минтақа, инчунин хориҷаи дуру наздик таҳия гардидааст [2]. Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 65% муассисаҳои туристию истироҳатӣ барқарор шудааст ки он қариб 35 минтақаи истироҳатию фароғатиро ташкил медиҳад [3]. Дар ин робита самтҳои зерини сайёҳӣ афзалиятнок ҳастанд:

-кӯҳнавардӣ, сайёҳии манотиқи кӯҳӣ ва экологӣ;
-рафтинг, паридан бо парашют ва лижаронӣ;
-сайёҳии манотиқи таърихӣ ва этнографӣ;
-шикори омехта;
-табобати санаторию истироҳатӣ.

Барои рушду равнақ додани самтҳои зикршуда, бехатарии сайёҳонро пурра ҳам аз тарафи ҷисмонӣ ва ҳам аз тарафи зеҳнӣ ба инобат гирифта, ҳалли масъалаҳои зерин зарураст: омузонидани сайёҳон бо қоидаҳои бехатарӣ, назорати риояи қоидаҳо ва меъёрҳои бехатарӣ, беҳтар кардани фаъолияти субъектҳои хоҷагидории соҳаи сайёҳӣ, ҷиҳати хизматрасонии сайёҳон ва таъмини маълумотнокии сайёҳон оид ба масъалаҳои бехатарии онҳо ҳангоми ташкили хатсайрҳои сайёҳӣ. Мувофики тадқиқотҳои илмӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 200-то чашмаҳои шифобахш мавҷуданд. Чашмаҳои шифобахш вобаста бо гуногунии релефи маҳал нобаробар ҷойгиранд, аксарияти онҳо дар қисматҳои кӯҳҳии Тоҷикистон дида мешаванд. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таркиби обҳои чашмаҳои Хоҷа Обигарм, Шоҳамбарӣ, Гармчашма то андозае омӯхта шудааст [4]. Барои ҷалби сайёҳон ба ин минтақаҳо, сараввал мутахассисони ин соҳа бояд хусусиятҳои чашмаҳоро омӯхта, ҷиҳати шифобахшию иқтисодии онҳоро муайён намуда, истифодаи пурраи онҳоро бароҳ монанд. Чашмаҳои шифобахши Тоҷикистон дар таркибашон натанҳо модаҳои гуногуни кимёвӣ балки аксарияти онҳо дорои ҳарорати баланд буда то 95-97 дараҷа гармӣ низ доранд, ки ин таъсири табобатии онҳоро барои ҳаргуна касалиҳо зиёд мекунад.

Олимон муайян кардаанд, ки чашмаҳои шифобахши Тоҷикистон дорои тамоми хусусиятҳои табобатӣ буда, ҳар як ноҳияи Тоҷикистон ва дараҳои он барои сохтани санатория ё хонаҳои истироҳатӣ шароити хуб фароҳам меорад. Дар давраи ҳозира мувофиқи тараққиёт ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда аксар чашмаҳое, ки ба марказҳои аҳолинишин наздиканд, бо пуррагӣ омӯхташуда, аз ҷиҳати иқтисодӣ бояд асоснок карда шаванд. Хусусан, он чашмаҳое, ки дар дараҳои Варзоб, Кофарниҳон, Қаратоғ, ки ба пойтахти ҷумҳурӣ наздиканд, боядба пуррагӣ омӯхта шаванд. Инчунин, тарзи дурусти истифодабарӣ аз обҳои минералӣ, сохтани корхонаҳои коркардӣ об ва содир намудани об ба мамлакатҳои хориҷа, ки дар шароити имрӯзаи иқтисоди бозорӣ, арзиши 1- литр об ба 50-60 дирам баробар мебошад. Яке аз омилхои дигари ҷалби сайёҳон ба мамлакат ин истифодабарии дурусти ёдгориҳои таърихӣ, меъморӣ ва фарҳангию маъданӣ мебошад. Объектҳои қадима ва диққат ҷалбкунанда бештар дар шаҳрҳои Панҷакент, Хуҷанд, Исфара, Истаравшан ва Кӯлоб ҷойгир мебошанд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин захираҳои бойи таърихию фарҳангии кишвар, Созмони Миллали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг ва Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ Тоҷикистонро ба рӯйихати "Таркиби мероси таърихии давлатҳои Шоҳроҳи Абрешим" шомил намуданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда сол то сол ташрифи сайёҳони хориҷӣ зиёд шуда истода буд. Имсол хуруҷи коронавирус COVID-19, ки ба пандемия табдил шудааст, чолише барои тамоми инсоният гардид. Пандемия натанҳо ба соҳаи сайёҳӣ, балки ба ҳамаи соҳаҳои иқтисоди ҷаҳонӣ ва тарзи зиндагии аҳолии курраи замин хисороти калоне овард. Айни ҳол барои барқарорсозии соҳаи сайёҳӣ ва ҷалби сайёҳон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан ба омӯзиш, ҳифз ва барқарорсозии мероси фарҳангӣ табиӣ ва таърихӣ, аз худкунии ҳарчи бештари онҳо ва бунёди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ лозим аст.

АДАБИЁТ

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе -26.12.2019
2. Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020. Замимаи 1 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 марти соли 2018, №80
3. http://traveltajikistan.tj
4. http://www.tguk.tj/index.php/ru/component/k2/itemlist/category/185-turizm

НАҚШИ МИНТАҚАҲОИ ТАБОБАТИЮ ИСТИРОҲАТӢ ДАР РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мавзӯи сайёҳӣ натанҳо дорои моҳияти минтақавию ҷумҳуриявӣ, балки дорои моҳияти байналмиллалӣ мебошад. Дар мақола тарзи дуруст истифода бурдан аз сарватҳои табиӣ, ёдгориҳои таърихӣ, фароҳам овардани фазои мусоид ва беҳтар гардонидани хизматрасонӣ сайёҳӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Чашмаҳои шифобахши минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон дорои тамоми хусусиятҳои табобатӣ буда, ҳар як ноҳияи Тоҷикистон ва дараҳои он барои сохтани санатория ё хонаҳои истироҳатӣ шароити хуб фароҳам меорад. Дар давраи ҳозира мувофиқи тараққиёт ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда аксар чашмаҳое, ки ба марказҳои аҳолинишин наздиканд, бо пуррагӣ омӯхта шуда, аз ҷиҳати иқтисодӣ бояд асоснок карда шаванд. Хусусан, он чашмаҳое, ки дар дараҳои Варзоб, Кофарниҳон, Қаратоғ, ки ба пойтахти ҷумҳурӣ наздиканд, бояд ба пуррагӣ омӯхта шаванд.

Калидвожаҳо: сайёҳӣ, санатория, куҳнавардӣ, сайёҳии экологӣ, шикори, Фарҳанг, лижаронӣ.

РОЛЬ МЕДИЦИНСКИХ И РЕГИОНОВ В РАЗВИТИИ ТУРИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Сфера туризма имеет не только региональное и национальное значение, но и международное. В статье рассматриваются вопросы правильного использования природных ресурсов, исторических памятников, создание благоприятной среды для улучшения туристических услуг. Целебные источники в разных регионах Таджикистана обладают всеми лечебными свойствами, и в каждом районе Таджикистана и его ущельях созданы хорошие условия для строительства санаториев или домов отдыха. В настоящее время, в соответствии с развитием и расположением производительных сил, большая часть источников вблизи населенных пунктов должна быть полностью изучена и экономически обоснована. В частности, следует полностью изучить те источники в ущельях Варзоб, Кофарнигон, Каратаг, которые находятся недалеко от столицы.

Ключевые слова: Туризм, санатория, альпинизм, экотуризм, интер охота, культура, лыжа:

THE ROLE OF MEDICAL AND RECREATIONAL REGIONS IN THE DEVELOPMENT OF TOURISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The tourism sector is not only of regional and national importance, but also international. The article discusses the issues of the correct use of natural resources, historical monuments, the creation of a favorable environment for improving tourist services. Healing springs in different regions of Tajikistan have all medicinal properties, and in every region of Tajikistan and its gorges, good conditions have been created for the construction of sanatoriums or rest homes. At present, in accordance with the development and location of the productive forces, most of the sources near settlements must be fully studied and economically justified. In particular, one should fully study those sources in the gorges of Varzob, Kofarnigon, Karatag, which are located not far from the capital.

Keywords: Tourism, sanatorium, mountaineering, ecotourism, inter-hunting, culture, skiing:

Сведения об авторе: ***Ризоев Сафарали Анваралиевич*** **–** Таджикский национальный университет, магистр второго курса финансово-экономического факультета. Телефон: **933-33-49-56 911-08-35-36**. E-mail: **rizoev.safarali1997@gmail.com**

Information about the author: ***Rizoev Safarali Anvaralievich*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Finance and Economy. Phone: **933-33-49-56 911-08-35-36**. E-mail: **rizoev.safarali1997@gmail.com**

МЕХАНИЗМИ ИДОРАИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ ДАР ДОИРАИ ИДМ ВА САМТҲОИ ТАКМИЛИ ОН

Раҳмонов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил – яке аз иттиҳодияи интегратсионии бузург нисбати масоҳати ишғолнамуда ва шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад. Иттиҳод дар охири соли 1991 аз тарафи 12 мамлакати собиқ шуравӣ ташкил ёфта буд, аммо баъди қариб 30-соли мавҷудияти худ Иттиҳод бухрони сахтро аз сар гузаронида истодааст. Бо баробари ин дар ҳамаи давлатҳои аъзои Иттиҳод самтҳо ва бартариятҳои дурнамои тараққиётро муайян карда истода хуб дарк кардаанд, ки якум – аз байн бардоштани тақсимоти меҳнати дар байни Ҷумҳуриҳои собиқ иттифоқ ҷой дошта имконнопазир аст, дуюм – дар алоҳидагӣ ягон аз ин мамлакатҳо имконияти бартараф сохтани бухрони системавӣ ва таъмини тараққиёти ҷамъиятро надоранд, сеюм – тамоили пешбаранда ва муайянкунандаи тараққиёти муосири ҷаҳонӣ интегратсияи иқтисодии байналхалқӣ мебошад, гарчанде дар ин ҷода масоилҳо ва душвориҳои хеле зиёд ҷой доранд. Мувофиқи Низомнома мақсади Иттиҳод аз инҳо иборат мебошад:

-ба роҳ мондани ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ, башардӯстӣ, фарҳанг ва ғайра;

-таъмини ҳаматарафа ва мувозини пешрафти иқтисодӣ-иҷтимоии давлатҳои аъзо дар доираи фазои умумииқтисодӣ, кооператсияи байнидавлатӣ ва ҳамгироӣ;

-таъмини ҳуқуқ ва озодии инсон мувофиқи принсипҳои эътирофи умум, меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ;

-ҳамкории давлатҳои аъзо дар ҷодаи амният;

-таъмини робита ва ҳаракати озоди шаҳрвандони давлатҳо дар ҳудуди Иттиҳод;

-ҳалли осоиштаи масъалаҳои баҳсталаб ва ихтилофот байни давлатҳои аъзои Иттиҳод.

Бояд қайд кард, ки дар инкишофи равандҳои ҳамгироишавӣ як қатор омилҳои объективие вуҷуд доранд, ки ҳамгироии байни мамлакатҳои иттиҳодро хеле мушкил гардонида истодаанд:

- дар ҳамгироии фазои баъди шӯравӣ мамлакатҳое ширкат мекунанд, ки аз рӯи неруи иқтисодиашон аз якдигар тафовути калон доранд;
- ҳамгироӣ дар ИДМ дар шароити бухрони чуқури иқтисодӣ оғоз карда шуда идома дорад;
- дар мамлакатҳои ИДМ азнавсозиҳои бозорӣ ба итмом нарасидааст ва то ба имрӯз дар усулҳо оид ба суръат ва роҳҳои пешбурди он гуногунфаҳмӣ ҷой дорад;
- муқобилияти муайяни мамлакатҳои бузурги ҷаҳон ба инкишофи равандҳои интегратсионии мамлакатҳои ИДМ вуҷуд дорад.

Доир ба масъалаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва фаъолияти гумрукӣ дар доираи ИДМ зиёда аз 10 созишномаю ҳуҷҷатҳои асосӣ қабул карда шудаанд.

Ин Созишномаҳо барои нигоҳ доштан ва таҳкими фазои ягонаи иқтисодӣ, ҳаракати озоди мол ва ҳавасмандгардонии инкишофи робитаҳои иқтисодии хориҷӣ замина гузошта, ҷараёнҳои гумрукии дар қалamрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҷойдоштаро танзим сохтанд ва боиси умумияти муносибатҳои ташкили фаъолияти гумрукӣ ва якхела сохтани қонунгузории гумрукӣ гардиданд. Аз рӯи баҳои экспертҳои байналмилиалӣ иқтидори истеҳсолии давлатҳои аъзои Иттиҳод дорои иқтидори калони иқтисодӣ ва табии мебошанд, ки барои онҳои бартарияти рақобатиро пешниҳод намуда, имконият медиҳад, ки дар ТБМ мавқеи намоёнро ишғол намоянд. Дар ин давлатҳо 16,3%-и ҳудуди ҷаҳонӣ, 5-%-и аҳолӣ, 25%-и захираҳои табиӣ, 10%-и истеҳсолоти саноатӣ, 12%-и иқтидори илмию техникӣ ва 10%-и молҳои захиравӣ ҷойгир мебошанд. Масоҳати умумии ИДМ аз ду як ҳиссаи материки Осиё ва Аврупоро ишғол менамояд. Давлатҳои иттиҳод дорои ҳама намуди манъбаҳои табиӣ мебошанд, ки аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ин манбаҳоро доро мебошад. Ин марҳила низ марҳилаи фаъолгардидани сиёсати ду ва бисёрҷониба дар соҳаи иқтисоди хориҷии кишвар буд. Воситаи асосии ба амал баровардани мақсадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи ДМТ муносибатҳои дутарафа мебошанд, ки танзими рушди ҳамкориҳои дутарафаро таъмин менамоянд. Иттиҳод моҳи декабри соли 1991 таъсис дода шудааст, ки ҳоло дар ҳайати он давлатҳои зерин: Арманистон, Белорусия, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Озарбойҷон, Русия, Тоҷикистон, Туркманистон, ва Узбекистон муттаҳид шуда, аз руи принсипҳои эҳтироми мустақилият ва баробарии том бо ҳам ҳамкории иқтисодиву тиҷоратиро идома дода истодаанд. Сарони давлатҳои Иттиҳод сентябри соли 1993 қарордодро дар бораи таъсис додани Иттифоқи иктисодӣ ба мақсади ташаккул додани фазои умумии иқтисодӣ, ҳаракати озодонаи мол, хадамот, қувваҳои корӣ ва сармоя, якҷоя кор карда баромадани сиёсати пуливу қарзӣ, андозбандӣ, нарх ва нархгузорӣ, фаъолияти гумрук, робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, ба ҳам наздик намудани усулҳои танзими фаъолияти хоҷагӣ, бунёд ва роҳҳои самарабахши робитаҳои мустақими истехсолӣ ва ғайра ба тасвиб расониданд. Пеш аз дида баромадани муносибатҳои берунитиҷоратии ҶТ бо мамлакатҳои ИДМ, бояд таркиби ҷуғрофии содиротӣ ва воридотии мамлакатҳоро аз назар гузаронем. Таркиби ҷуғрофии содирот дар бархе аз мамлакатҳои ИДМ ба тағйиротҳои куллӣ дучор гардидааст. Масалан, Қазоқистон содироташ бо Русия зиёд, вале бо Озарбойҷону Украина кам шудааст; Қирғизистон содироташ бо Қазоқистону Украина то андозае коста шуда бошад, ҳам вале бо Русияву Ӯзбекистон хеле беҳтар гардидааст; Озарбойҷон бошад, ҳарчи бештар ба Гурҷистон ва камтар ба Русияву Украина мол таҳвил дода истодааст. Дар айни ҳол таркиби молии амалиётҳои содиротӣ дар дохили Иттиҳод он қадар ҳам ба тағйиротҳои куллӣ рӯ ба рӯ нагардидаст. Асосан он аз нуриҳои маъданӣ, маҳсулоти фулузоти сиёҳ ва ранга, саноати кимиё ва нафт, маҳсулоти мошинсозӣ ва молҳои истеъмолӣ иборат аст. Русия дар ҳаҷми зиёд нафт, газ, ва маҳсулоти коркарди онҳоро содир мекунад. Белорусия бошад, автомобилҳои боркашонӣ, тракторҳо, қисмҳои эҳтиётӣ, нахи кимиё; Қазоқистон – ангишт, нафт, фулузоти сиёҳ ва ғалла; Қирғизистон – спирти ғизоӣ, тамоку; Молдова – ҷуворимакка, тамоку, шароб; Тоҷикистон – маҳсулоти алюминий, нахи пахта, тамоку, гилем; Туркманистон – гази табиӣ; Ӯзбекистон – нахи пахта, гази табииро содир мекунад. Нисбатан, ҳиссаи зиёди содироти маҳсулоти мошинсозӣ ба души Белорусия, Қирғизистон, Молдова, ва Русия рост меояд. Дар марҳалаҳои муосири инкишофи иқтисодиёти ҷаҳон раванди глобализатсияи робитаҳои хоҷагӣ байни мамлакатҳо дида мешавад. Дар бисёр давлатҳо инкишофи иқтисодӣ аз ҳисоби афзоиши босуръати тиҷорати байналмилалӣ ва ҳаҷми сармоягузорӣ таъмин карда мешуд. Масъалаи асосие, ки дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ меистод, ин чӣ гуна баамалбарории интегратсияи ҳамоҳангшудаи иқтисодҳои миллӣ дар сатҳи глобалӣ ва бе афзун гардидани фарқият байни давлатҳои бойу камбағал ба ҳисоб мерафт. Ин проблема ба Тоҷикистон низ дахл дошт. Ҳамроҳшавӣ ба системаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва зарурияти махсусгузаронии иқтисодиёт талаботи замон мебошад. Интегронидани иқтисоди миллӣ бо ҷаҳонӣ аз рӯи дараҷаи рушд ва муносибатҳои иқтисодии ҷумҳурӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ муаян карда мешавад. Дар вақти баҳодиҳии

ҳамкории иқтисодии байналмиллалӣ на аз бисёр тарафҳо, балки яктои онро ба ҳисоб гиирфтан лозим аст. Ҳадафҳои муҳим ва ҳалкунандаи иқтисодӣ барои Тоҷикистон онҳое ба ҳисоб мераванд, ки пешрафти ҷумҳуриро дар ояндаи наздик таъмин менамоянд. Имрӯз дурнамои ҳаёти иқтисодии ҷумҳуриро таъмини иқтисодиёти рушди устувор бояд муайян намояд. Барои ҳамин ҳам, омили ҳамкории иқтисодии байналхалқии Тоҷикистон метавонад ба устуворгардонии рушди иқтисодӣ мусоидат намояд. Дар ин ҷо сухан дар бораи нақши инкишофи ҳамкории иқтисодии байналхалқӣ дар афзоиши ММД, МММ, ДМ ва дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат меравад.

Глобализатсияи иқтисодӣ ҳамчун инъикоси ягонагии ҳокимияти давлатӣ ва мустақилияти иқтисодӣ дар равандҳои интегратсионӣ зоҳир мешавад. Ҳар қадар ҳолати нав ва сатҳи баландтари рушди иқтисодӣ босифат бошад, ҳамон қадар гароиши иқтисодиёти мамлакат ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ хубтар хоҳад шуд. Равандҳои демократизатсияи муносибатҳои иқтисодӣ дар самтҳои ба он додани характери бозорӣ дар инҳо ифода меёбад:

- озодии соҳибкорӣ, ҳаракати сармоя ва қувваи корӣ;
- озодии интихоби шаклу усулҳои идораи хоҷагӣ ва номенклатураи маҳсулотҳои истеҳсолшуда ва хизматҳои расондашуда;
- фаъолгардонии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва ғайраҳо.

Равандҳои мазкур барои самаранок тақсим намудан ва истифодаи амалҳои истеҳсолот мусоидат менамоянд. Барои баромадан аз буҳрони иқтисодӣ диққати махсусро ба бартараф кардани таҳдиди хатар дар самтҳои танзими қарздории хориҷӣ, пасту баландшавии баланси пардохт ва вазъи системаи миллии асъор додан зарур аст. Доираҳои аввалияе, ки қарзи хориҷӣ равона карда мешавад, набояд сармояталаб бошанд, инчунин лоиҳаҳои бузурги технологӣ низ набошанд. Балки ба соҳаҳое равона карда шаванд, ки ба коркарди ашёи хоми худӣ, истеҳсолоти ивазкунандаи воридот, сектори кишоварзӣ, комплекси сӯзишворию баркӣ ва таёрии кадрҳо машғул мебошанд. Манфиатҳои таъғирёбии хатарҳои ба ҳамвобастаи иқтисодӣ зарурияти диверсификатсияи сохтори содирот ва ташкили захираҳои стратегиро пеш меорад. Барои он ки раванди оғозёфтаи интегратсияи иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба сарчашмаи ашёи хоми давлатҳои тараққикарда табдил надиҳад, сиёсати миллиро вобаста ба рушди иқтисодӣ кор карда баромадан лозим аст, ки принсипҳои рақобатпазири бартариятдошта ва муборизаи барои мавқеи хосро ишғол кардан дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дар бар мегирад. Муносибатҳои беруниқтисодӣ дар якқатор ҳолатҳо бо баркарорнамоии иқтисоди бозории мутамаддин миқёс ва динамикаи раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба фазои тақсимоти байналхалқии меҳнат ба сифати субъекти робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ дар бар мегирад ва барои ҳамин сиёсати беруниқтисодии ҷумҳурӣ бояд масъалаҳои ташкилӣ-иқтисодии зеринро ҳал намояд:

- интихоби доираҳои нисбатан самаранок ва самтҳои фаъолияти байниҳамдигарии иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо хоҷагии ҷаҳонӣ;
- муқаррарнамоии чунин механизми идораи робитаҳои беруниқтисодӣ, ки имконияти марҳала ба марҳала ҷалб намудани иқтисодиёти ҷумҳуриро бо хоҷагии ҷаҳонӣ аз ҳисоби омили таъмини бехатарии иқтисодӣ фароҳам овард;
- шароит фароҳам овардан барои комилан тағйир додани механизми шомилшавии ҷумҳурӣ ба тақсимоти байналхалқии меҳнат дар макро ва микросатҳҳо (давлатӣ, минтақавӣ ва мавқеӣ).

Интегратсияи иқтисодиёти мамлакати алоҳида ва ё гурӯҳи мамлакатҳо ба иқтисоди ҷаҳонӣ корҳои мақсадноки омодагиро дар бар мегирад, ки муҳимтаринашон ислоҳоти иқтисодӣ барои башаклдарории муносибатҳои бозорӣ, истифодаи максималии омилҳои муфид, дастрас будани инфраструктураи истеҳсолӣ ва иҷтимоии кифоятан инкишофёфта, базаи ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ. Дар раванди интегратсияи иқтисодиёти Тоҷикистон ба системаи хоҷагии ҷаҳонӣ ба ҳисоб гирифтан зарур аст, ки интегратсия бояд қувваи бузурги ҳавасмандкунандаи рушди иқтисодӣ ва гулгулшукуфии мамлакат ба шумор равад. Шомилшавӣ ба системаи хоҷагии ҷаҳонӣ бояд дар шароити баробарвазнӣ ба амал ояд. Шарти баробарвазнӣ, рақобатпазирии иқтисодиёти миллиро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт пешбинӣ менамояд. Барои ин консепсияи рушди инкишофи миллии

стратегиро кор карда баромадан зарур аст. Ин консепсия бояд талаботҳои амнияти миллиро ба назар гирад ва ба тамоили инкишофи ҷаҳонӣ мукобил набошад. Рақобатпазирии иқтисодиёт дар бозорҳои ҷаҳонӣ на дар як соат, балки дар натиҷаи корҳои дарозмуддат ва бисёрнақшагӣ ба амал меояд. Шиори асосии маркетинг дар шароити ҳалли масъалаҳои рақобатпазирии иқтисодиёт - **«на он чизеро фурӯхтан лозим аст, ки истеҳсол мешавад, балки он чизеро истеҳсол бояд кард, ки фурӯхта мешавад»,** мебошад. Тобеъияти иқтисодиёт ба принсипҳои ин шиор мунтазам баамалбарории сиёсати васеъи илмӣ-техникӣ ва технологӣ, ташкилӣ-идоравӣ ва иқтисодиро пешбинӣ менамояд. Рақобатпазирии иқтисодиёт, инчунин тадриҷан азхудкунии бозорҳои молии минтақа, континент ва ғайрароо пешбинӣ менамояд. Тоҷикистон бӯҳрони иқтисодии амиқу вазнинро аз сар мегузаронад. Камшавии истеҳсолот қариб дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ба амал омад, вале аз ҳама ҳолати вазнин дар саноат, хусусан дар соҳаҳои базавӣ ва коркардшавандаи он ба назар мерасид. Тоҷикистон ҳангоми гузаштан ба иқтисоди бозорӣ сатҳи оғозии аз ҳама пастро доро буд. Ҳиссаи Тоҷикистон дар нишондиҳандаҳои умумии собиқ ИҶШС яке аз ҷойҳои намоёнро ишгол мекард. Бо қабул гардидани Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва муайян гардидани чор ҳадафи стратегӣ – таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ ва ба кишвари содиркунандаи қувваи барқ табдил ёфтан; баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил гардидан; таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасӣ ба гизои хушсифат; саноатикунонии босуръати мамлакат ва ба кишвари индустриалию аграрӣ мубаддал гардонидани мамлакат, дар саросари ҷумҳурӣ тағйиротҳои куллӣ амалӣ гардида истодааст.

АДАБИЁТ

1. Зайцев Н.Г. Экономическое сотрудничество между развивающимися странами: итоги и перспективы Развивающиеся страны во всемирном хозяйстве. -М., 1987.
2. Ишаев В.И. Международное экономическое сотрудничество: региональный аспект. -Владивосток, 1999.
3. Капица J1.M., Сухов В.Д. Экономическая интеграция развивающихся стран. -М., 1980.
4. Фаминский И.П. Две стороны глобализации экономики / Глобализация мирового хозяйства и место России. Отв. ред. В.П.Колесов, М.Н.Осьмова. -М.:ТЕИС, 2000.
5. Сомонаи www.wikipedia.org
6. Сомонаи www.mfa/tj

МЕХАНИЗМИ ИДОРАИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ ДАР ДОИРАИ ИДМ ВА САМТҲОИ ТАКМИЛИ ОН

Дар мақолаи мазкур интегратсияи иқтисодии собиқ мамлакатҳои Шуравӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ, ки бо номи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ташкил карда шуда, корҳои мақсадноки омодагиро дар бар мегирад, ки муҳимтаринашон ислоҳоти иқтисодӣ барои башаклдарории муносибатҳои бозорӣ, истифодаи максималии омилҳои муфид, дастрас будани инфраструктураи истеҳсолӣ ва иҷтимоии кифоятан инкишофёфта, базаи ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибатҳои иқтисодиро дар бар мегирад, таҳлил карда шудааст. Ҳамроҳшавӣ ба системаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва зарурияти махсусгузаронии иқтисодиёт талаботи замон мебошад. Интегронидани иқтисоди миллӣ бо ҷаҳонӣ аз рӯи дараҷаи рушд ва муносибатҳои иқтисодии ҷумҳурӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ муаян карда мешавад.

Калидвожаҳо: иқтисоди ҷаҳонӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, муносибатҳои бозорӣ, омилҳои муфид, инфраструктураи истеҳсолӣ, базаи ҳуқуқӣ, муносибатҳои иқтисодӣ.

МЕХАНИЗМ УПРАВЛЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИЕЙ В РАМКАХ СНГ И НАПРАВЛЕНИЯ ЕГО СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ

В этой статье описывается экономическая интеграция бывшего Советского Союза в мировую экономику, организованную под названием Содружество Независимых Государств, и включает подготовительную работу, наиболее важными из которых являются экономические реформы для формирования рыночных отношений, максимальной доступности, разработана, включает нормативно-правовую базу в сфере экономических отношений. Интеграция в мировую экономическую систему и необходимость экономической специализации - требования времени. Интеграция национальной экономики с миром определяется уровнем развития и экономических отношений страны с мировым сообществом.

Ключевые слова: мировая экономика, экономическая реформа, рыночные отношения, благоприятные факторы, производственная инфраструктура, правовая база, экономические отношения.

THE MECHANISM FOR MANAGING ECONOMIC INTEGRATION WITHIN THE CIS AND DIRECTIONS FOR ITS IMPROVEMENT

This article describes the economic integration of the former Soviet Union into the world economy, organized under the name of the Commonwealth of Independent States, and includes preparatory work, the most important of which are economic reforms for the formation of market relations, maximum accessibility, developed, includes a regulatory framework in the field of economic relationships. Integration into the world economic system and the need for economic specialization are the demands of the times. Integration of the national economy with the world is determined by the level of development and economic relations of the country with the world community.

Keywords: world economy, economic reform, market relations, favorable factors, production infrastructure, legal framework, economic relations.

Сведения об авторе: ***Рахмонов Сомон*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры мировой экономики. Телефон: **559050007**

Information about the author: ***Rahmonov Somon*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of Department of World Economy. Phone: **559050007**

ТАҶРИБАИ НИЗОМИ АНДОЗИ ХОРИҶА ОИД БА ТАНЗИМИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДӢ

Давлатов Д.С., Садуллоев М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истифодаи фишангҳои андозӣ дар танзими давлатии рушди митақавӣ дар кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ низ тӯлонӣ буд. Дар солҳои 60-ум, 70-уми асри XX бештари кишварҳо стратегияи сиёсати минтақавиро пазируфтанд ва барномаҳои ташкил ва рушди минтақаҳоро ба роҳ монданд. Назарияҳои минтақавӣ дар ду самт ҷараён пайдо карданд:

- тадбиқи стратегияи кӯмак ба минтақаҳои қафомонда;
- ҷудо ва муайян кардани марказҳои рушд бо шароити мусоид барои фаъолият.

Низоми андоз дар баъзе кишварҳо чунон бунёд ёфтааст, ки андозсупоранда аз нисф зиёди даромади худро ба буҷети давлатӣ пардохт мекунад ва ин фаъолиятро барои рушди истеҳсолӣ дар ӯ хомӯш мекунад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) барои ҷомеаи ҷаҳонӣ равандҳои ҳамгироӣ (интегратсионӣ) хос мебошанд ва ин равандҳо соҳаи андозбандиро низ дарбар мегиранд. Аксарияти кишварҳо принсипҳои умумии андозбандиро доранд. Дар давраи муосири рушд, ҳамкории байналмилалӣ дар низоми андозбандӣ дар кишварҳои Аврупо (кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо) ва кишварҳои узви Иттиҳоди гумрукӣ (ИДМ) ба роҳ монда шудааст. Дар ин кишварҳо, давлат аз ҳисоби маблағҳои андозӣ масъалаҳои зиёди иқтисодӣ ва иҷтимоиро ҳал мекунад. Ин масъала дар аксари кишварҳои дигар аз ҳисоби фоидаи худи андозсупоранда, ки баъди пардохти ҳамаи андозҳо боқӣ мемонад, ҳаллу фасл мегарданд. Таҷрибаи кишварҳои дорои иқтисодиёти пешрафта тасдиқ мекунад, ки танзими андозбандӣ омили пуриқтидори таъсири давлат ба иқтисод ба шумор меравад ва боиси рушди сохтори самараноки соҳаҳои иқтисодӣ ва ҷалби сармоя ба соҳаҳои даромаднок мегардад. Буҳрони ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки таъсири он ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо маҳз дар натиҷаи гузаронидани танзими иқтисодии самаранок поён оварда шуд. Дар кишварҳое, ки дорои иқтисоди бозории пешрафта мебошанд, танзими андозбандӣ ба ҳалли масъалаҳои аввалиндараҷа, яъне рушди соҳаҳои муҳими иқтисод ва дастгирии хоҷагидории миллӣ равона гардидааст. Дар кишварҳои ғарб андозҳо ҳамчун фишанги коромад дар танзими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба шумор мераванд. Дар ин кишварҳо дар баробари вазифаи фискалии андоз, вазифаи танзимкунӣ низ пурзӯр гардонида шуд. Ба воситаи ин вазифа, ислоҳоти андозбандӣ дар солҳои 50-ум, 60-ум, 80-ум, 90-уми асри XX ба роҳ монда шуданд. Таҷрибаи низомҳои андозбандии кишварҳои хориҷӣ ба мисли ИМА, Аврупои ғарбӣ, Ҷопон, Чин ва ғайра нишон медиҳад, ки дар сиёсати андозбандӣ хусусиёти зиёди умумӣ вуҷуд доранд. Дар ҳамаи ин кишварҳо барои

рушди иқтисодӣ ҳукумат соҳаҳои афзалиятдоштаро бартарӣ медод, аз ин рӯ ба чунин соҳаҳо сармоягузорӣ бештар мегардид ва ба онҳо ҳамчунин имтиёзҳои андозӣ дода мешуд. Барои мисол, дар солҳои 50-уми асри XX, дар Аврупои Ғарбӣ соҳаҳои афзалиятдошта сохтмони роҳҳои оҳан, иншоотҳои энергетикӣ ва обёрикунонӣ, инчунин нақлиёт ва алоқа ба шумор мерафтанд. Дар кишварҳои Осиёӣ бошад, масалан дар Чин, ислоҳоти хоҷагии қишлоқ, саноати хӯрока, мошинсозӣ амалӣ гардонида шуд, дар солҳои 90-ум истеҳсоли микросхема, компютер, телевизорҳо ва ғайра афзалият пайдо карданд. Дар ИМА, Канада, Ҷопон, Иттиҳоди Аврупо ва як қатор кишварҳои дигар роҳандозии сиёсати ҳавасмандкунии андозӣ ва паст намудани меъёри андоз боиси рушди илмӣ - техникӣ гардид ва ММД- ро афзоиш дод. Танзими давлатӣ бо ёрии механизми андозбандӣ, барои рушди иқтисодиёти ҳар кишвар имконоти васеъ фароҳам мекунад. Масалан, низоми андоз яке аз воситаҳои самарабахши ҳавасмандкунии давлат барои таҳқиқоти илмӣ дар саноат мебошад. Механизми танзими андозбандӣ дар кишварҳои либералӣ рушди иқтисодӣ дошта, мисли ИМА, Англия ва якқатор кишварҳои дигар, дар чаҳорчӯбаи қонунҳои иқтисоди бозорӣ амалӣ мегардад ва давлат ба иқтисод танҳо бо мақсади дастгирии амнияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъсир мерасонад. Дар ин кишварҳо танзими андозбандӣ тавассути Кодекси андоз ва қонунгузории андоз, ки бисёр устувор мебошанд, амалӣ мегардад. Дар танзими давлатии иқтисодиёт дар кишварҳое, ки модели рушди суръатноки иқтисодиро истифода намудаанд, масалан Ҷопон баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, усулҳои танзими соҳаҳое, ки иқтидори рушди бештари иқтисодиро таъмин мекарданд, васеъ истифода мегардиданд. Кишварҳое, ки стратегияи рушди босуръатро истифода менамоянд, хусусиятҳои зерин доранд:

- миқдори зиёди андозҳо;
- дараҷаи нисбатан баланди гаронии низоми андозситонии шахсони воқеӣ.

Сиёсати андозбандӣ, ки дар он танзими андозбандии иқтисодиёт амалӣ мегардад, яке аз масоили мубрам дар кишварҳои зиёд боқӣ мемонад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии (интегратсияи) иқтисодиётҳои миллӣ ва рақобати сахт барои сармояҳо, баланд бурдани гаронии андоз ба фирори сармоя оварда расонида, пояи низоми андозбандии давлатро ихтисор медиҳад ва воридотҳои андозиро ба буҷети давлатӣ кам мекунад. Усулҳои танзими андозбандӣ дар сатҳи микроиқтисод инҳо ба шумор мераванд:

- имтиёзҳои андозӣ;
- пурра ё қисман озод намудан аз пардохти андоз (андозҳои ҷудогона);
- тафриқабандии меъёрҳои андозӣ ва кам кардани онҳо;
- таъхир дар пардохт, аз эътибор соқит кардани қарздории андозӣ;
- истифодаи таҳримҳои ҷаримавӣ барои таъхир дар пардохти саривақтии андозҳо, вайрон кардани қонунгузории андозӣ;
- додани қарзи сармоягузории андозӣ ба корхонаҳо, ки ба сармоягузории маблағҳо ба рушди истеҳсолоти дохилӣ машғуланд.

Танзими андозбандии минтақаҳо тавассути фишангҳои андозӣ ва ҳавасмандкунии андозӣ амалӣ мегардад. Дар кишварҳои хориҷӣ усулҳои танзими андозбандӣ бисёр пешрафтаанд. Махсусан, дар Белгия, Олмон, Дания, Испания, Канада, Норвегия, Голландия, Шветсия ва дигар давлатҳо, тахфифҳои андозӣ ба шахсонӣ воқеӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ба онҳо имкони кам кардани андоз аз фоида ба бузургии фоизи пардохтгардида аз рӯи қарзҳое, ки барои лоиҳаҳои сармоядорӣ гирифта шудаанд, дода мешавад. Тахфифи андозӣ нисбати фоизи қарзҳое, ки шахсони воқеӣ барои тиҷорат гирифтаанд, дар Австралия, Фаронса, Туркия, ИМА ва Ҷопон ворид карда шудааст. Бинобар ин, дар кишварҳои зиёд, усулҳои танзими андозии захираҳои қарзӣ истифода мегарданд. Корхонаҳо ва ташкилотҳо тамоми маблағи фоизи қарзҳои барои рушд гирифтаашонро ба дохили хароҷоташон ворид мекунанд. Дар ИМА ва Фаронса ва як қатор кишварҳои дигар лоиаҳои давлатии дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурд ва миёна қабул карда шудаанд. Дар ИМА ҳавасмандкунии андозӣ барои онҳое, ки ба соҳибкории хурд ва миёна машғуланд, ҷорӣ карда шудаанд. Пардохти андоз аз фоида бо меъёрҳои паст амалӣ мегардад, корхонаҳои хурд ва миёна аз андоз аз фоида, ки бо сабаби

афзоиши сармоя, яъне фурӯши саҳмияҳо ба даст овардаанд, озод карда мешаванд. Механизми танзими андозбандӣ дар кишварҳои Фаронса, Олмон, Австрия, Испания, Голландия ва Япония низ бисёр тараққӣ кардааст. Танзими андозбандӣ дар кишварҳои пешрафта, барои ҷалби сармояи хусусӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ равона гардидааст. Дар ин кишварҳо ба василаи имтиёзҳои андозӣ, сармоягузориро ба рушди иқтисоди кишвар ҳавасманд мекунанд. Дар як қатор кишварҳо (ИМА, Фаронса, Англия) дар соли 1986 ислоҳоти андозӣ гузаронида шуд ва меъёри андоз аз фоида ва сармоя кам карда шуданд. Таҳлили андозбандии ватанӣ ва хориҷӣ ҷустуҷӯи доимии низоми самараноки андозро бо бартарияти андозҳои мустақим ва ғайримустақим гувоҳӣ медиҳад. Дар иқтисодиёти муосир андозҳои ғайримустақим, ки асоситаринашон андоз аз арзиши иловашуда ба шумор меравад, дар низомҳои андоз нақши аввалиндараҷа доранд ва ба равандҳои нархгузорӣ, таркиб ва истеъмол таъсир мерасонанд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Мамлакатҳое, ки дар ҷаҳон меъёрҳои баланди андозҳоро доранд (бо%)[20]

Мамлакатҳо	Андоз аз фоида	Мамлакатҳо	Андоз аз арзиши иловашуда	Мамлакатҳо	Андоз аз даромади шахсони воқеӣ
ИМА	39,00	Венгрия	27,00	Шветсия	56,90
Аргентина	35,00	Хорватия	25,00	Португалия	56,50
Малта	35,00	Дания	25,00	Дания	55,60
Ҳиндустон	34,1	Норвегия	25,00	Белгия	53,70
Бразилия	34,00	Шветсия	25,00	Нидерланд	52,00
Венесуэла	34,00	Финляндия	24,00	Испания	52,00
Фаронса	33,30	Исландия	24,00	Финляндия	51,50
Япония	33,06	Руминия	24,00	Япония	50,84
Белгия	33,00	Греция	23,00	Фаронса	50,30
Камерун	33,00	Ирландия	23,00	Австрия	50,00
Намибия	33,00	Полша	23,00	Изроил	50,00
Покистон	33,00	Португалия	23,00	Словения	50,00

Маълумотҳои дар ҷадвал овардашуда нишон медиҳад, ки аз ҳама меъёри баланд дар байни андозҳо инҳо андоз аз даромади шахсони воқеӣ меъёраш аз 50% то 56,9%, андоз аз фоида меъёраш аз 33% то 39% ва андоз аз арзиши иловашуда бошад меъёраш аз 23% то 27% ба шумор мераванд.

Дар бисёри мамлакатҳои ҷаҳон гаронии баланди андоз вуҷуд дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни 27 мамлакати бори гарони андоз дошта, ҷойи 3-юмро ишғол мекунад (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Мамлакатҳое, ки бори гарони андозро ба душ доранд[21]

№	Мамлакатҳо	% ба ММД	№	Мамлакатҳо	% ба ММД
1	Аргентина	137, 3	15	Гамбия	63,3
2	Боливия	83,7	16	Бенин	63,3
3	Тоҷикистон	80,9	17	Тунис	62,4
4	Колумбия	75,4	18	Ҳиндустон	61,7
5	Алҷазоир	72,7	19	Испания	58,2
6	Мавритания	71,3	20	Коста-Рика	58
7	Бразилия	69,0	21	Белгия	57,8
8	Гвинея	68,3	22	Шри - Ланка	55,6
9	Фаронса	66,6	23	Украина	52,9
10	Никарагуа	65,8	24	Австрия	52
11	Венесуэла	65,5	25	Кот -д- Ивуар	51,9
12	Италия	65,4	26	Мексика	51,8
13	Хитой	64,6	27	Япония	51,3
14	Чад	63,5			

Аз ҳама бори гаронии андозро Аргентина доро мебошад, ки ҷойи аввалро ишғол мекунад 137% нисбати ММД, ҷойи дуюмро бошад аз рӯи гаронии андоз Боливия ишғол мекунад 83,7% нисбати ММД. Танҳо як намуди андоз, андоз аз гардиш дар Аргентина 90%-и фоидаи ширкатро мегирад. (Ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. Таъсири гаронии андоз дар самаранокии рушди иқтисодиёт

Мамлакатҳо	Гаронии андоз (бо % ММД)	Сатҳи зиндагӣ бо долл.
Шветсия	51,0	25710
Финляндия	43,7	23240
Белгия	46,6	26440
Фаронса	41,1	26270
Австрия	42,8	28110
Олмон	39,3	28870
Мексика	39,3	3600
Испания	35,8	14350
ИМА	31,8	28020
Туркия	22,2	2830
Канада	16,0	19020

Дар аксари мамлакатҳо бисёр меъёрҳои баланди андозҳо вуҷуд доранд. Масалан, дар Шветсия меъёри андоз аз даромад 56, 9%, дар ИМА 59,9%, дар Португалия 56,5% ва ғайраҳо пардохт мегарданд.

Дар ин мамлакатҳо меъёри андозҳо баланд мебошанд. Аммо ба ин баландии меъёри андозҳо нигоҳ накарда аз ҳама сатҳи баланди зиндагӣ дар Олмон, Австрия, ИМА, Белгия, Швеция ва Фаронса мебошад. Аз ҳама сатҳи пасти зиндагӣ дар Туркия, Мексика ва Испания ҷой дорад.

Дар кишварҳои пешрафта ба фишангҳои асосии танзими андозбандӣ ин:

- паст намудани меъёри андоз;
- қарзҳои андозии сармоягузорӣ.

Корхонаҳои хурд ва миёна метавонанд қарзҳои махсуси андозиро барои сармоягузорӣ дарёфт кунанд, дохил мешаванд. Масалан, барои шаклҳои муайяни фаъолиятҳои илмие, ки сармоягузорӣ мегарданд, имтиёзҳои махсуси андозӣ дода мешаванд. Дар баъзе кишварҳо ба монанди ИМА ва Англия чорабиниҳои махсус барои кам кардани қарздории андозӣ дар назар гирифта шудаанд. Ба ин чорабиниҳо кам кардани ҷаримаҳо, фоизҳо, қарзи андозии корхонаҳои хурд ва миёна, паст намудани меъёри андоз, ба таъхир мондани пардохти андоз ва ғайра дохил мешаванд. Истеҳлоки суръатнок бештар дар кишварҳои аврупоӣ, масалан дар Олмон, Италия ва як қатор кишварҳои дигар мавриди истифода қарор дода шудааст. Ин усул ба андозсупоранда имкон медиҳад, ки миқдори муайяни сармоягузориашро дар муддати кӯтоҳ ба арзиши аслӣ аз ҳисоб барорад.

Дар бештари кишварҳои хориҷӣ имтиёзҳои андоз дар шакли кам кардани меъёрҳои андоз ҷорӣ гардидаанд мисли Австралия, Канада, Кореяи Ҷанубӣ, ИМА ва Англия ба андозсупорандагон таъхир дар пардохти андоз дода мешавад. Истеҳлоки суръатнок дар Олмон, Австралия, ИМА ва ғайра истифода мегардад. Дар Фаронса ва Англия маблағҳое, ки ба сармоягузории истеҳсолот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ равона гардидаанд, аз супоридани андоз озоданд. Дар аксари мамлакатҳои хориҷӣ имтиёзҳои андозӣ дар намуди паст намудани меъёрҳои андозҳо ҷорӣ шудаанд. Дар Австралия, Канада, Кореяи Ҷанубӣ ва дигар мамлакатҳо. Дарозкунии мӯҳлати пардохти андоз дар ИМА ва Британиёи Кабир ба роҳ монда шудааст. Дар шаҳру ноҳияҳо, чун дар мамлакатҳои хориҷӣ ва чун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи асосии ташаккулёбии буҷетҳои маҳаллӣ аз ҳисоби андозҳои маҳаллӣ мебошанд. Дар мамлакатҳои хориҷӣ андозҳои маҳаллӣ дар ташаккулёбии буҷетҳои маҳал вазни баланди қиёсӣ доранд. Масалан, ҳаҷми умумии андозҳои маҳаллӣ дар даромадҳои андозии буҷети маҳал чунин нишондодҳоро ташкил медиҳанд: Дар Австрия - 72%, Япония - 55%, Фаронса - 48%, Швеция - 61%, ИМА - 66%, Дания - 51%, Олмон - 46%, Британиёи Кабир - 37% ва ғайраҳо. Зикр намудан ҷоиз

мебошад, ки шумораи андозҳо ва пардохтҳои маҳаллӣ дар мамлакатҳо гуногун мебошанд. Дар бисёри мамлакатҳои рушдёфта шумораи зиёди андозҳои маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст: Дар Фаронса беш аз 40 номгӯй, дар Олмон – 55 номгӯй, дар Белгия – наздики 100 номгӯй. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки андозҳоро метавон ба се гурӯҳ ҷудо намуд:

- андозҳо аз молумулки ғайриманқул;
- андозҳои мустақим;
- андозҳои ғайримустақим.

Гурӯҳи якум ин - андозбандии молумулки ғайриманқули шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ;

Гурӯҳи дуюм ин - андоз аз даромад ва андоз аз фоида;

Гурӯҳи сеюм ин - андоз аз гардиш, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз фурӯши чаканна.

Пурзӯр кардани танзими давлатии андозбандӣ дар кишварҳои хориҷӣ ба поён рафтани меъёри андозбандӣ мусоидат кард ва оқибат ба:

- афзудани фаъолияти соҳибкорӣ;
- ҳавасмандгардонии меҳнат;
- афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, боло рафтани ҳосилнокии меҳнат;
- афзоиши истеъмол, дар натиҷаи афзоиши фоидаи аз андоз озодшуда;
- камшави сатҳи тавварум;
- кам шудани иқтисоди сиёҳ (соявӣ) оварда расонид.

АДАБИЁТ

1. Ветрова, Н.М., Гришанков, М.В. Совершенствование механизма налогового регулирования. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http: //elib.crimea.edu/index.php?option=comcontent&task=view&id=74
2. Вылкова, Е.С., Романовский, М.В. Налоговое планирование. -СПб.: Питер, 2009.
3. Вылкова, Е.С., Красавин, В.И. Проблемные вопросы регулирования налогообложения субъектов предпринимательской деятельности в особых экономических зонах и пути их решения / Е.С., Вылкова, В.И., Красавин // Изв. ИГЭА. - 2012. -№5(85). -С.24-28.
4. Гаврилов, А.И. Региональная экономика и управление Текст. -Эксмо, 2008.
5. Гайдар, Е.Т. Государственная нагрузка на экономику // Вопросы экономики. - 2004. - № 9.
6. Гончаренко, Л.И. Налогообложение организаций. - М.: Экономист, 2009.
7. Горский, И.В. Налоговый потенциал в механизме межбюджетных отношений // Финансы. - 1999. -№6. -С.27-30.
8. Горский, К.В. Некоторые параметры налоговой реформы // Финансы. - 2004. -№2. -С.30-35.
9. Гранберг, А.Г. Современная ситуация в региональном эконо-мическом развитии и региональной политике России / А.Г. Гранберг // Российские регионы и Центр: взаимодействие в экономическом пространстве; под ред. Ю.Г. Липеца. ИГ РАН. - 2003.

ТАҶРИБАИ НИЗОМИ АНДОЗИ ХОРИҶА ОИД БА ТАНЗИМИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДӢ

Дар мақолаи мазкур таҷрибаи мамлакатҳои хориҷии дуру наздик мавриди таҳқиқот қарор дода шуда, оварда шудааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ барои ҷомеа равандҳои ҳамгироӣ хос мебошанд ва ин равандҳо соҳаи андозбандиро низ дарбар мегиранд. Дар давраи муосир, ҳамкории байналмилалӣ дар низоми андозбандӣ дар аксари кишварҳо ба роҳ монда шудааст. Дар аксарияти ин кишварҳо, давлат аз ҳисоби воридотҳои андозӣ вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд. Таҷрибаи мамлакатҳое, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта мебошанд нишон медиҳад, ки танзими андоз яке аз омилҳои таъсиррасони давлат ба иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқоти илмии мазкур оварда шудааст, ки мамлакатҳое, ки аз ҷиҳати иқтисоди бозорӣ пешрафта мебошанд, дар ин мамлакатҳо танзими андоз ба ҳалли масъалаҳои аввалиндараҷа равона карда шудааст, аз қабили рушди соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, саноатикунонӣ ва ғайраҳо. Дар ин гуна мамлакатҳо дар баробарӣ вазифаи хазинавии андоз, вазифаи танзимкунӣ низ пурзӯр гардонида шудааст. Кори илмие, ки мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор ёфтааст аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар аксарияти давлатҳои хориҷӣ меъёрҳои баланди андозҳои мустақим андоз аз фоида, андоз аз даромад ва андозҳои ғайримустақим андоз аз арзиши иловашуда амал мекунанд.

Калидвожаҳо: низоми андози мамлакатҳои хориҷӣ, мақомотҳои маҳаллӣ, андозҳои маҳаллӣ, гаронии андоз, меъёрҳои андоз, низоми андоз, андозҳои мустақим, андоз аз фоида, андозҳои ғайримустақим, андоз аз арзиши иловашуда, вазифаи фискалии андоз, имтиёзҳои андоз, ҳавасмандгардонии андоз.

ОПЫТ ЗАРУБЕЖНЫХ НАЛОГОВЫХ СИСТЕМ В РЕГУЛИРОВАНИИ НАЛОГОВОЙ СИСТЕМЫ

В условиях глобализации мировое сообщество характеризуется интеграционными процессами, в том числе в сфере налогообложения. Во многих странах общие принципы налогообложения являются общими. На современном этапе развития международное сотрудничество налажено в налоговой системе европейских стран (государств-членов Европейского союза) и стран-участниц Таможенного союза (СНГ). В этих странах государство

решает многие экономические и социальные проблемы за счет налогов. В большинстве других стран эта проблема решается за счет собственной прибыли налогоплательщика, которая остается после уплаты всех налогов. Опыт развитых стран подтверждает, что налоговое регулирование является мощным фактором государственного воздействия на экономику и приводит к развитию эффективной структуры секторов экономики и привлечению капитала в прибыльные отрасли. Мировой кризис показывает, что его влияние на социально-экономическое развитие регионов уменьшилось в результате эффективного экономического регулирования. В странах с развитой рыночной экономикой налоговое регулирование направлено на решение приоритетных вопросов: развитие ключевых секторов экономики, поддержка национальной экономики. На Западе налоги являются мощным инструментом регулирования экономического и социального развития.

Ключевые слова: налоговая система зарубежных стран, местные органы власти, местные налоги, налоговая нагрузка, налоговые ставки, налоговая система, фискальная функция, налоговые льготы.

EXPERIENCE OF FOREIGN TAX SYSTEMS IN REGULATING THE TAX SYSTEM

In the context of globalization, the world community is characterized by integration processes, including in the field of taxation. In many countries, the general principles of taxation are common. At the present stage of development, international cooperation has been established in the tax system of European countries (member states of the European Union) and member states of the Customs Union (CIS). In these countries, the state solves many economic and social problems through taxes. In most other countries, this problem is solved at the expense of the taxpayer's own profit, which remains after all taxes have been paid. The experience of developed countries confirms that tax regulation is a powerful factor of government influence on the economy and leads to the development of an efficient structure of economic sectors and the attraction of capital to profitable industries. The global crisis shows that its impact on the socio-economic development of regions has diminished as a result of effective economic regulation. In countries with developed market economies, tax regulation is aimed at addressing priority issues: the development of key sectors of the economy, support for the national economy. In the West, taxes are a powerful tool for regulating economic and social development.

Keywords: tax system of foreign countries, local authorities, local taxes, tax burden, tax rates, tax system, fiscal function, tax incentives.

Сведения об авторах: ***Давлатов Д.С***. – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры налога и налогообложения
Садуллоев М. – Таджикский национальный университет, магистр кафедры налога и налогообложения

Information about the author: ***Davlatov D.S***. – Tajik National University, Senior Lecturer of department of Tax and taxations.
Sadulloev M. **–** Tajik National University, second-year master`s student of department of Tax and taxations.

ИМКОНИЯТҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАВҶУДАИ ЭКОЛОГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПЕШБУРДИ ПРИНСИПҲОИ “ИҚТИСОДИ САБЗ”

Сайдализода С. А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар айни замон рушди иқтисод ба вазъи муҳити атроф таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки робитаи экология ва иқтисодиёт баррасӣ шуда, усулҳо ва воситаҳои дастгирии рушди ҳарду соҳа муайян карда шаванд. Барои ин, мо бояд вазифаҳои зеринро иҷро кунем:

- Таърифи мафҳумҳои "иқтисодиёт" ва "экология";
- Муайян кардани нишондиҳандаҳое, ки ба вазъи экологӣ таъсир мерасонанд;
- Изҳороти мушкилоти робитаи иқтисод ва экология;
- Муайян кардани чораҳо оид ба беҳтар намудани вазъи экологӣ;
- Баррасии консепсияи " Иқтисоди сабз" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бояд қайд карда шавад, ки проблемаи асосии ҳамкории иқтисодиёт бо муҳити табиӣ дар он аст, ки афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бо зарари ҳадди аққал ба экологияи ҷаҳонӣ таъмин карда шавад. Чунин натиҷа танҳо дар сурати таҷдиди глобалии фаъолияти истеҳсолӣ имконпазир аст. Дар заминаи ин мавзӯъ, иқтисодиёт ҳамчун иқтисодиёти идоракунии муҳити зист баррасӣ карда мешавад. Идоракунии муҳити зист ба маънои васеъ як самти махсуси фаъолиятест, ки ба ҳалли ба ҳам алоқаманди масъалаҳои таъминоти захиравӣ барои иқтисодиёт, ҳифзи захираҳо, ҳифзи муҳити инсон ва ҳифзи гуногунии табиат нигаронида шудааст. Иқтисоди экологӣ як соҳаи иқтисод аст, ки асосан

масъалаҳои баҳодиҳии иқтисодии захираҳои табиӣ ва зарар аз ифлосшавии муҳити атрофро меомӯзад. Иқтисоди идоракунии табиат шаклҳои муносибатҳои истеҳсолиро, ки дар ҷараёни истифода, такрористеҳсоли захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист ташаккул меёбанд, инъикос мекунад. Мавзӯи омӯзиши иқтисодиёти идоракунии муҳити зист муносибатҳои иқтисодии байни одамон ва сохторҳои гуногуни миллӣ, давлатӣ ва хусусӣ дар раванди ҳамкории ҷомеа ва табиат, оқибатҳои иқтисодии фаъолияти иқтисодӣ ва усулҳои танзими истифодаи оқилона мебошад. Объекти иқтисодиёти идоракунии табиат системаҳои иҷтимоию экологии миқёс ва сатҳҳои гуногун, яъне тамоми системаи экологӣ-иқтисодӣ ва муносибатҳои экологӣ-иқтисодии дохили ин система мебошанд. Иқтисоди идоракунии муҳити зист бояд ба татбиқи консепсияҳои миллии рушди устувори экологӣ ва механизми таъмини он мусоидат намояд. Яке аз паҳлӯҳои рушди устувор гузариш аз рушди васеи иқтисодӣ ба рушди интенсивӣ (муассир) мебошад. Ҳамин тавр, дар доираи иқтисодиёти идоракунии табиат синтези илмҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва техникӣ натанҳо барои омӯхтани қолабҳо, тамоюлҳо ва хусусиятҳои ҳамкории ҷомеа бо табиат, балки пешгӯии оқибатҳои иқтисодӣ ва экологӣ низ зарур аст ин ҳамкорӣ. Рушди иқтисодиёт ва ҳолати муҳити табиӣ бо ҳам зич алоқаманданд ва ба ҳам таъсири назаррас мерасонанд. Муносибати ҷомеа ва табиат дар марҳилаи кунунӣ ба тавре тараққӣ мекунад, ки истеъмоли афзояндаи захираҳои табиӣ тадриҷан ба камшавӣ ва дар айни замон, ба афзоиши партовҳои истеҳсолот ва фаъолияти одамон ба муҳити атроф оварда мерасонад. Ҳамзамон, бад шудани вазъи экологӣ боиси афзоиши хароҷоти истихроҷи захираҳои табиӣ ва гузаронидани чорабиниҳои барқароркунии табиат мегардад. Потенсиали истеҳсолӣ ба муҳити зист таъсири хеле шадид мерасонад, зеро дар натиҷаи рушди иқтисодӣ маҳсулоти умумӣ меафзояд, ки ин ба ифлосшавии шадиди муҳити зист бо партовҳо ва аз ин рӯ, ба бадшавии мустақими муҳити зист оварда мерасонад. Аз ҷиҳати дараҷаи ифлосшавӣ, таъсири асосиро ба муҳити зист корхонаҳое истеҳсол мекунанд, ки маъданҳои фоиданок, саноати кимиёвӣ, нафту кимиё ва селлюлозаю коғаз истихроҷ мекунанд, инчунин воситаҳои нақлиёт. Инчунин, бояд қайд кард, ки афзоиши маҳсулоти умумӣ на танҳо ба ифлосшавии сарватҳои табиӣ, балки ба кам шудани онҳо оварда мерасонад. Ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки бисёр корхонаҳо захираҳои табииро бебозгашт истифода мебаранд.

Яке аз муҳимтарин сабабҳои коҳиш ва ифлосшавии захираҳои табиӣ аз ҳад зиёд истеъмол кардани захираҳо мебошад. Аз ин рӯ, барои пешгирӣ ва коҳиш додани сатҳи ифлосшавии муҳити зист ва кам шудани захираҳои табиӣ васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакунандаи захираҳо зарур аст. Барои муайян кардани имконоти оптималии равандҳои технологии ба истеҳсолот воридшуда, методологияи баҳодиҳии маҷмааи саноатиро аз нуқтаи назари экологӣ истифода бурдан лозим аст. [2] Ҳамин тавр, таъсири маҷмуи саноатиро ба вазъи экологӣ бо нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ кардан мумкин аст:

- сатҳи ифлосшавии ҷузъҳои табиӣ (атмосфера, об ва захираҳои замин);
- Ҳаҷми умумии моддаҳои зарароваре, ки дар ҷараёни фаъолияти иқтисодӣ тавлид мешаванд;
- Таркиби миқдорӣ ва сифатии партовҳои зарароваре ба муҳити зист;
- Саривақтӣ ва дурустии ҳисоботи корхонаҳо дар бораи партовҳои хавфнок;
- Рушди сармоягузории асосӣ барои ҳифзи муҳити зист;
- Унсурҳои муҳити табиӣ, бештар аз ҳама ба таъсири манфии фаъолияти антропогенӣ дучор меоянд;
- Муносибат ва вобастагии байни унсурҳои табиӣ;
- Тамоюли рушди табиии унсурҳои табиӣ;
- Таъсири антропогенӣ ба тағйирёбии сифати унсурҳои табиӣ ва таснифи он;
- Ҳолатҳои танқидӣ, муноқишавӣ (дараҷаи таназзули ҷузъҳои табиӣ);
- Зарари аз ифлосшавии муҳити атроф расонидашуда.

Мушкилоти ифлосшавии ҳама ҷузъҳои муҳити атроф, инчунин боиси шиддат ёфтани мушкилоти иқтисодӣ мегардад, агар танҳо аксари майдонҳои фоиданок, аксар вақт барои

мақсадҳои кишоварзӣ, партовгоҳҳо бошанд; маблағҳои калон барои дафн, нобудсозӣ ва нигоҳдории партовҳо сарф карда мешаванд. Рушди технологияҳои бидуни партов роҳи ҳалли ҳам мушкилоти экологӣ ва ҳам иқтисодӣ мегардад. Дар баёни проблемаи "экология ва иқтисодиёт" унсури мухолифати ин ду самти фаъолияти инсон бо дарназардошти ду тарафи муҳити ҷаҳонии инсон мавҷуд аст. Масъалаи муносибати оптималии ҳифзи табиат бо иқтисодиёт ва имконияти рушди бидуни муноқишаи инсоният дар муносибати он бо табиат ҳал карда мешавад, агар мо хусусиятҳои рушди инсониятро ба ёд орем, дар муқоиса бо эволютсияи дигар намудҳои зинда. Ҳар як намуд ба як системаи муайяни экосистема ё якҷояшавии онҳо дохил мешавад, бо онҳо таҳаввул меёбад ва бо иқтидори муҳити атроф ва инчунин омилҳои дохилии намуд вобаста ба зичии аҳолӣ маҳдуд аст. Инсоният дар биосфера дар саросари ҷаҳон сабт шудааст ва ба туфайли фаъолияти оқилона, ҳамчун як системаи беандоза рушдкунанда зоҳир мешавад. Маҳдудияти афзоиши инсоният дар сатҳи биологӣ тавассути бӯҳронҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоию экологӣ сурат мегирад [3]. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид мекунанд, ки дар замони кунунӣ яке аз роҳҳои ноилшавӣ ба рушди устувор тавсеаи рушди «Иқтисоди сабз” ва истифодаи босамар аз захираҳои энергияи таҷдидшаванда ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори иқдомҳои ҷаҳонии “Энергияи устувор барои ҳама” буда, дар ин раванд ба нафъи ҷомеаи ҷаҳонӣ амалҳои созанда анҷом медиҳад [1].

Имрӯзҳо Ҳукумати мамлакат нисбат ба мушкилоти экологию иқтисодии сайёра батараф набуда доир ба ин масъалаҳои дар шаҳри Душанбе чандин конфронсу Симпозиумҳои байналмилалиро роҳандози намудааст. Имкониятҳои қонунгузории мавҷудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи экология васеъ буда ба монанди қонуни ҶТ «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини амнияти экологии нақлиёти автомобилӣ”, Қонуни ҶТ “Дар бораи маниторинги экологӣ”, инчунин Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Тартиби арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист аз рӯи гурӯҳҳо вобаста ба хусусияти таъсиррасонии онҳо ба муҳити зист, инчунин меъёрҳое, ки дараҷаи хатарнокии объектҳои фаъолияти банақшагирифташударо барои муҳити зист муайян мекунад” - равандҳои масъалаҳои экологиро ба расмият медароранд. Стратегияи милли рушд барои давраи то соли 2030, ки аз се марҳила иборат аст, ҳамакнун марҳилаи дуюми он оғоз гардид, ки солҳои 2021-2025-ро дар бар мегирад. Яке аз ҳадафҳои асосии миёнамӯҳлат дар ин барнома ин баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ ва имкониятҳои ҷуғрофию инфрасохтории кишвар тавассути роҳандозии принсипҳои иқтисоди “сабз” мебошад. Бояд қайд карда шавад, ки вазифаҳои асосие, ки иқтисоди сабз онҳоро дар бар мегирад ба экология алоқамандии зич дорад, зеро мақсади асосии рушди иқтисоди сабз ин иқтисоди аз ҷиҳати экологӣ тоза, ки хатари нобудшавии табиатро аз байн мебарад ва самари баланди истеҳсолотро ба роҳ мемонад дар натиҷа ба рушди устувори иқтисодӣ ноил мегардонад. Дар натиҷаи ин кор, мафҳумҳои «экология» (илми биологӣ, ки ташкил ва фаъолияти системаҳои супраорганикии сатҳҳои гуногунро меомӯзад) ва «иқтисодиёти муҳити зист» (бахши иқтисодиёт, ки асосан масъалаҳои баҳодиҳии иқтисодии табииро меомӯзанд захираҳо ва зарар аз ифлосшавии муҳити атроф) муайян карда шуданд. Муайян карда шуд, ки синтези илмҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва техникӣ барои омӯхтани қоидаҳо ва хусусиятҳои ҳамкории ҷомеа бо табиат, инчунин пешгӯии оқибатҳои иқтисодӣ ва экологии ин ҳамкорӣ зарур аст. Сабабҳои пайдоиши рушди экологии соҳа муайян карда шуданд:

Арзёбии арзиши иқтисодии захираҳои табиӣ;

Ҳуқуқҳои номуайян ба моликият ба захираҳои табиӣ;

Набудани стратегияи дарозмуддати иқтисодии мутавозин;

Ноустувории иқтисодиёт;

Мавҷудияти ҳавасмандкунии самарабахш дар шакли фоидаи калон аз истифодаи аз ҳад зиёди захираҳои табиӣ.

Инчунин, масъалаҳои иқтисодиёт, экология ва робитаи байниҳамдигарии онҳо таҳлил карда шуданд; Ҳама зарурати ҳалли мушкилоти экологиро медонанд. Проблемаи ҳамкории иқтисодӣ ва экология актуалӣ буда, муддати тӯлонӣ омӯхта шудааст. Санадҳои гуногун баррасӣ ва тасдиқ карда мешаванд, эъломияҳо оид ба дастгирии муҳити зист ба имзо мерасанд, равандҳои истеҳсолӣ, навсозӣ ва ҳифзи муҳити зист тақвият дода мешаванд. Ҳамаи ин ба хотири таъмини рушди иқтисодӣ бидуни зарар ба муҳити зист мебошад.

АДАБИЁТ

1. Конфронси байналмилалии Душанбе. Оғози татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”.
2. Анисимов С.П. "Зеленая экономика" и электроэнергетика /С. П. Анисимов, И. К. Хузмиев // Национальные проекты. - 2013.- 258с.
3. Бобылев С.Н. Зеленая экономика: перспективы для России / С. Н. Бобылев/ Экологическое право. - 2011. -№6. - С.39-41.
4. Никольская Ю.В., Субботина Ю.М.Современные проблемы экологии и экономики/ Международный студенческий научный вестник. - 2015. -№3-1.

ИМКОНИЯТҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАВҶУДАИ ЭКОЛОГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПЕШБУРДИ ПРИНСИПҲОИ ИҚТИСОДИ САБЗ

Бояд қайд карда шавад, ки проблемаи асосии ҳамкории иқтисодиёт бо муҳити табиӣ дар он аст, ки афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бо зарари ҳадди ақал ба экологияи ҷаҳонӣ таъмин карда шавад. Чунин натиҷа танҳо дар сурати таҷдиди глобалии фаъолияти истеҳсолӣ имконпазир аст. Дар заминаи ин мавзӯъ, иқтисодиёт ҳамчун иқтисодиёти идоракунии муҳити зист баррасӣ карда мешавад. Идоракунии муҳити зист ба маънои васеъ як самти махсуси фаъолиятест, ки ба ҳалли ба ҳам алоқаманди масъалаҳои таъминоти захиравӣ барои иқтисодиёт, ҳифзи захираҳо, ҳифзи муҳити инсон ва ҳифзи гуногунии табиат нигаронида шудааст.

Калидвожаҳо: иқтисоди сабз, экология, сарватҳои табиӣ, муҳити зист, иқтисоди экологӣ, табиат, энергияи сабз, рушди интенсивӣ.

ИСКЛЮЧИТЕЛЬНОЕ ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПРОДВИЖЕНИИ ПРИНЦИПОВ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ

Следует отметить, что основная проблема экономического сотрудничества с природной средой - обеспечение роста экономических показателей с минимальным ущербом для глобальной окружающей среды. Такой результат возможен только в случае глобальной реструктуризации производственной деятельности. В контексте этой темы экономика рассматривается как экономика управления окружающей средой. Экологический менеджмент в самом широком смысле – это особое направление деятельности, направленное на решение взаимосвязанных вопросов ресурсного обеспечения экономики, ресурсосбережения, защиты окружающей среды и сохранения природы.

Ключевые слова: Зеленая экономика, экология, природные ресурсы, окружающая среда, экологическая экономика, природа, зеленая энергия, интенсивное развитие.

EXCEPTIONAL ECOLOGICAL LEGISLATIONOF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN PROMOTING THE RINCIPLES OF THE GREEN ECONOMY

Annotation: It should be noted that the main problem of economic cooperation with the natural environment is to ensure the growth of economic indicators with minimal damage to the global environment. Such a result is possible only in the case of a global restructuring of production activities. In the context of this topic, economics is seen as the economics of environmental management. Environmental management in the broadest sense is a special area of activity aimed at solving interrelated issues of resource provision of the economy, resource conservation, environmental protection and nature conservation.

Keywords: Green economy, ecology, natural resources, environment, ecological economy, nature, green energy, intensive development.

Сведения об авторе*: Сайдализода Сунатулло Ахлиддин* - магистр 2-го курса факультета экономики и управления по специальности «Государственное регулирование национальной экономики». E-mail: **sunat5487@gmail.com.** Телефон: **939-40-35-45; 917-50-50-88**

Information about the author*: Saidalizoda Sunatullo Ahliddin* - second - year master's student at the Faculty of Economics and Management majoring in «State Regulation of the National Economy». E-mail: **sunat5487@gmail.com.** Phone: **939-40-35-45; 917-50-50-88**

МЕЪЁРҲОИ ИНТИХОБИ РОҲҲОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ СОДИРОТ

Сафаров А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Барои ҳавасмандгардонии содирот дар ин ё он сатҳ дар таҷрибаи муосир аз тарафи давлатҳои гуногун меъёрҳои мухталиф истифода мешаванд. Аммо моҳияти ҳар яке аз ин меъёрҳо дар даврaҳо ва таҷрибаи гуногуни давлатҳои алоҳида дар марҳилаҳои гуногуни тараққиёт як хел ба назар намерасанд. Ҳамин тавр, барои мисол суғуртакунии қарзҳои содиротӣ дар шароити муосир васеъ паҳн гаштааст, ки ҳамин тавр чанд сол пеш субсидиякунонии содирот хеле муҳим буд. Моҳияти баъзе меъёрҳои истифодашудаи ҳавасмангардонии содирот дар зери таъсири фишори фискалӣ ва меъёрҳои зиддидемпингӣ ва ҷуброниӣ (компенсасионӣ) оҳиста - оҳиста кам карда мешаванд. Дар ин ҷо таъсири калони Созмони умумиҷаҳонии савдо ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ хеле намоён аст. Аммо ин аз он шаҳодат намедиҳад, ки давлатҳо пурра аз истифодаи чунин меъёрҳо даст мекашанд. Аммо имконияти истифодаи онҳо кам гардид ва барои баъзе давлатҳо зарурият пайдо гардид, ки дигар роҳҳоро ҷустуҷӯ намоянд ва онҳо бояд барои мисол созишномаҳои байналхалқиро дар бар нагиранд ва ба он тайёр бошанд, ки амалигардонии онҳо аз паси худ басҳои гуногун ва дигар номусоидиҳоро бартараф намоянд. Ба қатори меъёрҳо, ки моҳияташон оҳиста - оҳиста кам карда мешавад, субсидияи содиротӣ тааллуқ дорад. Дар доираи Созмони умумиҷаҳонии савдо мафҳуми субсидия кор карда баромада шуда, шаклҳои онҳо ва меъёрҳо оиди кам кардани онҳо муайян карда шудаанд. Дар алоҳидагӣ Созмони умумиҷаҳонии савдо субсидиякунонии мустақими содиротро манъ кардааст. Чунин меъёрҳо ба сифати дар якқатор ҳолатҳо вайронкунии шароитҳои тиҷорат ва монеаҳои инкишофи тиҷорат бо дигар давлатҳои аъзои Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУТ), инчунин ба сифати шаклҳои гуногуни маҳдудиятҳо ғайритарифӣ дида баромада мешаванд. Онҳо ба гурӯҳӣ «Иштироки давлат дар амалиётҳои тиҷорати берунӣ (субсидиякунонии содирот ва содироти молҳо) дохил карда мешаванд». Дар ин маврид дар СУС сатҳи муайяни озодӣ дар муносибати истифодаи чунин меъёрҳо арзи вуҷуд доранд. Чунин меъёрҳо, чи хеле ки ба мо маълум аст, бояд дар лаҳзаи дохилшавии давлатҳо ба СУС, барои мисол дар тиҷорати хадамот дар уҳдадориҳои махсуси он мустаҳкам карда шаванд. Дар ҷараёни гуфтушунидҳо бо дигар аъзоёни СУС ва дигар органҳо чунин меъёрҳо ба таври васеъ мустаҳкам карда мешаванд, ки интихоби намебошанд. Барои мисол, СУС субсидияро ҳамчун ҳамкории давлат ё ин ки органҳои давлатӣ дар ҳудудӣ территорияи давлати худ се намуди субсидияро ҷудо менамояд: а) манъшуда, б) бартараф кардани даъво, в) ба таври гуногун танзимкунанда. Объекти асосии танзимкунӣ субсидияи манъшуда мебошад, ки дар муносибати ду намуди дигар давлат метавонад фаъолияти пурра озодро истифода намояд. Ба субсидияи манъкунанда дар навбати аввал субсидияҳои содиротӣ дохил мешаванд ё ин ки бо истифодаи молҳои аҳолӣ бар зарари молҳои воридотӣ алоқаманд мебошанд. Аммо меъёрҳои субсидияҳои манъкунанда фақат дар ҳолатҳое қабул карда мешаванд, ки агар онҳо «махсус» бошанд, инчунин барои корхонаҳои соҳаҳои гуногуни истеҳсолот пешниҳод карда мешаванд, ё ин ки корхонҳое, ки дар минтақаҳои махсуси ҷуғрофӣ ҷойгир ҳастанд, истифода бурда мешаванд.

Субсидияи васеъ паҳнгашта дар ҷаҳонӣ муосир, чи хеле ки аз адабиётҳои гуногун ба мо маълум аст ин истеҳсол ва содироти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ мебошад. Дар созишномаҳо доир ба хоҷагии қишлоқ, ки қисми ҳатмии созишномаи СУС мебошанд, дастгирии истеҳсолкунандагони миллӣ аз ҳисоби паст кардани нишондиҳандаҳои ченкунии умумӣ танзим карда мешаванд. Уҳдадории давлат бо афзоиш ва мӯҳлати паст кардани ин нишондиҳанда дар вобастагӣ бо он ки давлат ба гурӯҳи тараққикарда ё ин ки рубаинкишоф дохил карда мешавад дида баромадан мумкин аст. Баъзе соҳаҳои дастгирикунанда дорои чунин созишномаҳо намебошанд. Баъзе маҳдудиятҳои миқдорӣ, аз он ҷумла бо содирот алоқамандбуда, ба СУС дар доираи созишномаи ГАТС, ки тиҷорати хизматрасониро танзим мекунад, манъ карда шудаанд, ё ин ки дорои маҳдудият мебошанд. Таҳлили таҷрибаи давлатҳои гуногун нишон медиҳад, ки интихоби ин ё он

схемаи ҳавасмандгардонии содирот аз тарафи давлат дар асоси чунин критерияҳо гузаронда мешавад:

- интихоби самтҳои стратегии сиёсати содирот дар асоси сиёсати макроиқтисодии умумии аз тарафи давлат гузарондашуда, (танзимкунии давлатӣ, қуввaҳои бозорӣ) амалӣ гардонда мешавад;
- муайян кардани маҳдудиятҳои дохилӣ дар роҳи инкишофи содирот;
- бартараф кардани дигар монеъаҳо барои содирот;
- муайян намудани сектори иқтисодиёт, ки аз нуқтаи назари содирот афзалиятнок бошад;
- ба пуррагӣ муайян кардани имкониятҳо барои ҳавасмандгардониии содирот ва ҳамин тавр усулҳои алоҳидаи ҳавасмандгардонии содирот;
- муқоиса намудани даромад аз ҳавасмангардонии содирот дар афзалият бо хароҷотҳое, ки бо чунин ҳавасмандкунӣ алоқаманд ҳастанд (дар як қатор ҳолатҳо давлатҳо барои гузаронидани сиёсати ҳавасмандгардонии содирот ягон восита надоранд);
- муайян намудани давлат, молҳо, минтақаҳо, ки нисбати онҳо схемаҳои дақиқи ҳавасмандгардонии содирот истифода карда шаванд;
- муайян кардани меъёрҳои дақиқи ҳавасмандгардонӣ.

Давлатҳо метавонанд, схемаи муракабби ҳавасмандгардонии содиротро истифода баранд. Ҳамин тавр, барои мисол, дар Бразилия ҳавасмандгардонии содирот аз тарафи Вазорати Саноат, Тиҷорат ва Туризм ва Вазорати Муносибатҳои Берунӣ амалӣ гардонда мешавад ва фаъолияти онҳо барои содиркунандагон пешниҳод кардани иттилооти тиҷоратӣ ва ғайра, ҳамкории содирот бо фирмаҳои хурд ва миёна, инкишофи соҳаҳоим нави фаъолияти содиротӣ, гуногуншаклии содирот, боло бардоштани рақобатпазирии маҳсулот мебошад. Дар Кореяи Ҷанубӣ дар солҳҳои 1961-1973 сиёсати агрессиви ҳамкори дар содирот дар як муддати муайян ба ҳимояи соҳаи воридот оварда расонд. Назорати мустаҳкам аз болои тиҷорат ва мубодилаи асъор ба натиҷаҳои молиявӣ ва сиёсати саноат якҷо карда шуд. Сиёсати тиҷоратӣ ба самти ҳавасмандгардониии содирот равона карда шуд, ки дар оянда нисбат сохтори содирот ба таври манфӣ кифоя мебошад. Содиркунандагон ба воситаи қурби асъори гуногун, таъсироти мустақими молиявӣ, иҷозат додан барои истифодаи асъори коркардашуда барои воридоти молҳои зарурӣ, имконияти гирифтани қарз бо асъори хориҷӣ дастгирӣ карда мешаванд. Дар баробари ин, барои содиркунандакони кореягӣ дар муносибат ба назорати воридотӣ аз истеъмол баровадани баъзе молҳо ва инчунин имтиёзҳои андоз васеъ паҳн гаштаанд. Дастгирӣ ба воситаи низоми бонкии аз тарафи давлат назораткунанда амалӣ гардонда шуд. Давлат намудҳои фаъолият ва соҳаҳои саноатиро, ки ба қарзи бонкӣ мӯҳтоҷ буданд муайян кард. Чунин намуди қарзҳо одатан имтиёзӣ буданд. Фаъолияти содиротӣ ҳамчун воситаи таъминкунандаи пардохтпазирии қарздоро хизмат мекунад. Дар баробари ин, якқатор элементҳои стратегияи бомувафаққият ҳавасмандгардонии содирот аз тарафи давлат истифода бурда мешаванд. Шарти якуми сиёсати самаранок ҳавасмандгардонии содирот ин барои содиркунандагон дасрас будан барои воридот аз рӯи нархҳои ҷаҳонӣ. Сиёсати ҳимояи бозор аз воридот бо ҳавасмандгардонии содирот ба таври манфӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ин ҳолат содиркунандагони давлати додашуда аз аввал дорои шароити номусоиди рақобатӣ нисбат ба содиркунандагони дигар давлатҳо мебошанд, ки дар шароити умумибашаригардонии иқтисодиёт ва истеҳсолот барои дохил шудан ба бозори ҷаҳонӣ аҳамияти зиёд дорад. Барои ҳамин, дар ҳолати мавҷудияти маҳдудиятҳои зиёд, ё ин ки тарифҳои баланд одаттан ташкили шароитҳои махсус барои содиркунандагон талаб карда мешаванд, ки набошад онҳо метавонанд бартариятҳои содиротии худро барои таъмини имконияти воридотӣ бо нархҳои ҷаҳонӣ гум мекунанд (ба монанди минтақаҳои махсуси содиротӣ, бартараф намудани тарифҳо ва ғайра.). Шарти ҳатмии дуюми бомувафаққияти сиёсати содиротӣ ин мавҷудияти молиякунонии миқёсии ҳаракати содирот мебошад. Сарчашмаҳо ва усулҳо дар ин ҳолат аз имкониятҳои давлат, интихоби донорҳо вобастагӣ доранд. Ҳамин тавр давлат пешравии содиотро ба зарари дигар соҳаҳо ва истеҳсолот, ки ба бозори дохила равона карда шудаанд маблағгузорӣ мекунад. Ё ин ки онҳо метавонанд барои ин мақсадҳо воситаҳои буҷетро дар вобастагӣ бо зудҳаракатии

васеи сарчашмаҳои хусусии молиякунонӣ истифода баранд. Дар охир ба мақсади ҳавасмандгардонии содирот сарчашмаҳои берунӣ ба монанди; заёмҳо, кумакҳо, қарзҳо ва ғайра васеъ истифода мешаванд. Шарти сеюми ҳавасмандгардонии содирот ин кӯмаки давлат барои дохил шудани содиркунандагон ба бозори миллӣ мебошад. Чунин сиёсат дар бисёр вариантҳои сиёсати ҳавасмандгардонии содирот арзи вуҷуд дорад, ҳатто дар ҳолатҳое, ки агар давлат аз ҳал намудани проблемаҳои содиротӣ даст кашидани онҳоро ба назорати бозор гузорад. Аммо дар ин ҳолат комёбиҳои содиротро ташкил намудани иқлими мусоиди инвестисионӣ барои сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ, истеҳсолкунандагон ва содиркунандагон таъмин менамояд, ки ин яке аз вазифаҳои муҳимтарини иқтисодии ҳар давлат ба шумор меравад. Ба сифати омили чорум сиёсати чандирии ҳавасмандгардонии содирот баромад мекунад. Бисёр давлатҳои нави саноатӣ барои ҳавасмандгардонии содирот якчанд маротиба меъёрҳои худро дар ҷараёни тараққиёти содирот иваз намуда, меъёрҳои барои онҳо самаранокро интихоб карданд. Дар ин нақша таҷрибаи Аргентина хеле аҳоиб ба назар мерасад, ки хеле ҳам чандир мебошад, аммо дар ин ҳолат фақат меъёрҳои макроиқтисодии ҳавасмандгардонии содирот ё ин ин ки гузарондани сиёсати ҳамкории тараққиёти содирот маҳдуд карда нашуданд, аммо як қатор чорабиниҳо оиди инкишофи самаранок ва қобилияти рақобати доштани маҳсулоти миллӣ амалӣ гардонда шуданд. Ислоҳотҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодии берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарозмуддат мебошанд ва фақат марҳилавӣ шуда метавонанд. Дар марҳилаҳои алоҳида кумаки бевоситаи давлат ба содиркунандагон ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти содиротӣ компоненти муҳими чунин ислоҳотҳо шуда метавонад. Дар шароити муосир сохтори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр гуногун намебошад, аммо дар муддати чанд соли охир проблемаи муккамалгардонии он дар дохили давлат ҳалли худро наёфтааст. Паст кардани содирот нисбат ба воридот ва конюктураи номусоиди содиротӣ дар шароити муосир яке аз проблемаҳои муҳими ҳавасмандгардонии содирот ба шумор меравад. Ташкили меъёрҳои махсус доир ба дастгирии истеҳсолоти содиротӣ ва инкишофи содирот воситаҳоро талаб мекунад ё ин ки бо гум шудани афзалиятҳои дарозмуддат ва кутоҳмуддати буҷетӣ алоқаманд мебошад. Чунин шароит зарурияти мавҷуд будани воситаҳо барои ин мақсадҳо ба буҷаи давлат (қарздиҳии мустақим барои корхонаҳо ва содиркунандагон), ё ин ки устуворгардонии сарчашмаҳои хусусие, ки восиатҳоро аз давлат талаб мекунанд, пешниҳод карда мешаванд. Дар шароити мавҷуд набудани чунин воситаҳои давлатӣ барои ин мақсадҳо, инчунин меъёрҳои ғайримустақим барои ҳавасмандгардонии содирот пешниҳод карда мешаванд. Ба қатори чунин меъёрҳо пеш аз ҳама, кафолати давлатии қарзҳои содиротиро қайд кардан мумкин аст. Ин таҷриба муқаррарӣ мебошад, ки қариб дар тамоми давлатҳои ҷаҳон пешравии содирот, аз он ҷумла дар давлатҳои дорои иқтисодиёти гузариш истифода бурда мешавад.

Агар Тоҷикистон ҳамаи имконияту усулҳои дохилшавиро ба СУС аз нуқтаи назари суръати афзоиши самаранокии хоҷагидории миллӣ ба инобат гирад, дар он сурат чунин воридшавӣ дар ҳаёти иқтисодии мамлакат аз оғози саҳифаҳои нави босозии воқеии иқтисодиёти мамлакат муждаи тозае хоҳад расонид.

АДАБИЁТ

1. Андреева Е.Л., Малышева Е.В. Теоретические подходы к исследованию экспортного потенциала национальной экономики // Журнал экономической теории. – 2020. – № 2. – с. 265 - 275.
2. Асадов Ш. Транзитные коридоры Таджикистана и их потенциал для развития региональной торговли // Институт государственного управления и политики доклад. – 2012. -№6.
3. Ашуров А.Ш. Потенциальные возможности расширения экспортной базы и развития импортозамещающих производств // Экономика Таджикистан: стратегия развития. - 1999. -№1.
4. Бобокалонов М.О. Расширение экспортного потенциала промышленности Республики Таджикистан // Автореферат диссертации. -Душанбе, 2004.
5. Быков А. Экономическое сотрудничество в рамках ШОС: основные направления и перспективы развития // ФЛИНТА ISBN: 978-5-457-08657-9; 2011.
6. Бобоев М.К. Республика Таджикистан в контексте экономического развития: роль внешнего финансирования. - Душанбе: Ирфон, 2006.

МЕЪЁРҲОИ ИНТИХОБИ РОҲҲОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ СОДИРОТ

Усули мустақим амалиётҳои савдо нисбатан ба усули ғайримустақим то андозае дар истифодаи вобастаҳои молиявӣ дорои афзалият ва нисбатан камхарҷ мебошанд. Аз нигоҳи дигар, он маблағе, ки барои ҳаққи хизмати миёнарав ҳамчун мукофотпулӣ пардохт карда мешавад, сарфа хоҳад шуд. Баъзан фаъолияти миёнаравҳо, ҳам аз нуқтаи назари фаъолияти касбӣ ва ҳам аз ҷиҳати сифатнокӣ то андозае ба ҳадафи асосӣ мувофиқат намекунад. Усули мазкур дар худ ҳамаи талаботу дархостҳои бозорро таҷҷасум менамояд ва дар он бештар тағйироту иловаҳои ҷолиб мавриди тадқиқу омӯзиш қарор дода мешаванд. Ба ғайр аз ин, истифодаи ин усул, аз таҷрибаи пешқадами савдо ва тахассуси касбии он кормандони ин соҳа гувоҳӣ медиҳад.

Калидвожаҳо: содирот, воридот, сиёсат, иқтисодиёт, маблағгузорӣ, танзимнамоӣ, тиҷорат.

КРИТЕРИИ ВЫБОРА СПОСОБОВ СТИМУЛИРОВАНИЯ ЭКСПОРТА

Прямой метод торговли имеет некоторые преимущества перед косвенным методом использования финансовых зависимостей и является относительно недорогим. С другой стороны, будет сохранена сумма, уплаченная в качестве бонуса за услуги посредника. Иногда работа посредников как с точки зрения профессиональной деятельности, так и с точки зрения качества в той или иной степени не соответствует основной цели. Этот метод отражает все потребности и запросы рынка, а также наиболее интересные изменения и дополнения, которые изучаются. Кроме того, использование этого метода свидетельствует о передовом опыте и профессионализме торговых работников в этой сфере.

Ключевые слова: экспорт, импорт, политика, экономика, финансирование, регулирование, торговля.

CRITERIA FOR EXPORT PROMOTION OPTIONS

The direct method of trading has some advantages over the indirect method in the use of financial dependencies and is relatively inexpensive. On the other hand, the amount paid as a bonus for the services of an intermediary will be saved. Sometimes the work of intermediaries, both in terms of professional activity and in terms of quality, to some extent does not meet the main goal. This method reflects all the needs and demands of the market, and it is the most interesting changes and additions, which are studied. In addition, the use of this method testifies to the best practices and professionalism of trade workers in this field.

Keywords: export, import, politics, economics, financing, regulation, trade.

Сведения об авторе: ***Сафаров Алиджон*** - магистр второго курса мировой экономики ТНУ. Телефон: **901087070.** E-mail: **sali70-70@mail.ru**

Information about the author: ***Safarov Alijon*** **–** second-year maser's student, majoring in World Economy, TNU. Phone: **901087070.** E-mail: **sali70-70@mail.ru**

ЗАХИРАҲОИ САЙЁҲӢ-РЕКРЕАТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ТАШКИЛИ КОМПЛЕКСҲОИ САЙЁҲӢ

Сафаров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Табиати Тоҷикистон басо мухталиф буда, аз самти шимол ба ҷануб ва аз самти ғарб ба шарқ ба андозаи равшан тафовут доранд. Ин тафовутро мо дар сохти геологӣ, геоморфологию релйеф, хусусиятҳои иқлим, ҷойгиршавии пиряхҳо, дарёҳо, кӯлҳо, обҳои зеризаминию маъданӣ, хок, олами набототу ҳайвонот ва ландшафтҳои табиию инсонсиришта дида метавонем. Ҳар яке аз ин унсурҳои табиӣ-географӣ бо аломатҳои хоси худ бо ин ё он андоза қимати рекреатсионӣ доранд.

Мутаассифона, мавҷуд набудани маркази ягонаи тадқиқот, сарҷамъ набудани муҳаққиқон, нақшаи ягонаи рушд ва самтҳои асосии тадқиқот муайян нагаштааст, муҳаққиқон мувофиқи табъу хоҳиши худ ба таҳқиқи ин ё он масъала машғул мешаванд, масъалаҳои асосӣ ва аввалиндараҷа дар канор мондаанд. Мо ин ҷо унсурҳои табиию - географии Тоҷикистонро дар назар дорем. Вазифа пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки ба ҳар як унсури табиию географӣ аз қабили сохти геологию релйеф, хусусияти обу ҳаво ва иқлим, обҳои сатҳию зеризаминӣ, унсурҳои биогеографию (хок, наботот, олами ҳайвонот) ландшафтҳои табиӣ (экосистемаҳо), мавзеҳои махсуси ҳифзшаванда баҳои рекреатсионӣ дода, тарафҳои мусбату манфии онҳо ошкор ва баҳри истифодаи оқилонаю ҳифзи онҳо аз харобшавӣ таклифу дархостҳои асосноки илмӣ пешниҳод карда шаванд. Дар асоси ин

маводҳо Ҳукумати Тоҷикистонро лозим аст, ки вобаста ба мавҷудияти захираҳои рекреатсонӣ ва шароитҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар ин ё он маҳал муассисаҳои рекреатсионӣ ҷойгир карда шаванд. Захираҳои табиӣ яке аз омилҳои асосӣ ва заминаи боэътимоди истифодаи рекреатсионӣ ва сайёҳии ин ё он марзи мамлакат мебошанд, вале истифодаи воқеии онҳо тавассути омилҳои шароити табиӣ ба ташаккул ва рушди маҷмааҳои (комплексҳои) рекреатсионӣ таъсири ҷолиб мерасонад, зеро захираҳои табиӣ боиси интихоби истироҳаткунандагон ва сайёҳон мегарданд. Мо ин ҷо тасмим гирифтем, ки оид ба захира ва имкониятҳои истифодаи сохти сатҳи Тоҷикистон аз қабили унсурҳои геологию геоморфологӣ ва иқлимӣ баҳри рушди рекреатсия ва сайёҳӣ андешаронӣ намоем ба ин унсурҳо баҳои рекреатсионӣ ва сайёҳӣ диҳем. Барои рушди хоҷагии рекреатсионӣ сохти сатҳи ин ё он музофоти табиию географӣ аҳамияти муайян доранд ва дар навбати худ, бояд ба инобат гирифт, ки ин объектҳо низ тарафҳои муқобил доранд. Масалан, мураккабии релйефи кӯҳӣ, зуд-зуд иваз шудани ландшафтҳои табиӣ диққати истироҳаткунандагонро бештар ба худ ҷалб мекунанд, ба ваҷд меоваранд, манзараҳои зебову дилкаш, ҳавои тозаи кӯҳ, имконияти ба сайёҳӣ, кӯҳнавардӣ, шикор, сайди моҳӣ ва ғайра машғул шуданро фароҳам меоварад. Мо чунин хосиятҳоро дар кӯҳистони Фон, Балҷувон, Муъминобод, Раштонзамин ва Помири Ғарбӣ ба хубӣ эҳсос карда метавонем. Аз ҷониби дигар мураккабии релйефи музофотҳои кӯҳӣ як қатор мушкилотҳои техникиро оиди созмони объектҳои коммуникатсионӣ, алоқа, нақлиёт, хизматрасонии техникӣ, тиббӣ, таъминоти хӯрока ва ғайраро ба миён меоварад, аз ин хотир хароҷоти иловагиро пеш меоварад. Зимнан, қайд менамоем, ки ба амал омадани инфрасохтори комил ин хароҷотҳо ба зудӣ пӯшонида метавонад. Таҷрибаи мамлакатҳои дар соҳаи иқтисоду иҷтимоиёт аз ҷумла рекреатсия пешрафта аз қабили Австрия, Шветсария, Италия, Франсия, мамлакатҳои Қафкоз Қриму Олтойи Федератсияи Россия ва ғайра андешаҳои болоро тақвият мебахшанд. Дар қисми шимолии минтақаи субтропикии хушк ҷойгир шудани Тоҷикистон, барои бошандагони шимол, яъне минтақаи миёнаи Россия ва давлатҳои дигари Аврупо басо мароқовар мебошад, зеро дар як маҳалли кӯчак аз ҳамвориҳо ба кӯҳ баромадан ҳам иқлим ва ҳам унсурҳои дигари табиию географӣ зуд тағйир меёбанд, боиси андешаю эҳсосоти наҷиб мегарданд. Воқеан, Тоҷикистон кишвари кӯҳист, 93%-и ҳудуди онро кӯҳҳо фаро гирифтаанд, ҳамвориҳо ҳамагӣ 7%-и марзи мамлакатро ташкил медиҳанд. Кӯҳҳои қадимаи Қурамаю Муғул шохаҳои силсилаи Тиёншон, дар мобайн силсилакӯҳҳои Ҳисору Олой, дар шарқ кӯҳистони ҷавони Помир, дар ҷанубу ғарбии мамлакат пасткӯҳҳо ҷойгир шудаанд. Дар шимол байни ҷанубии қаторкӯҳи Қурамаю шимолии қаторкӯҳи Туркистон ҳамворияи ғарбии Фарғона, дар ҷанубу ғарби кишварамон ҳамвориҳои Вахш, Ҳисор, Кофарниҳон ва Кӯлоб доман густурдаанд. Баландии мутлақи сатҳи Тоҷикистон аз 300 м то ба 7495 м мерасад. Дар кӯҳҳо ва қаторкӯҳҳои Тоҷикистон, ки аз ҷинсҳои таҳшонӣ иборатанд даҳҳо ғору мағораҳо аз қабили Хоҷағор, Кониғут, Хоҷатакровут, Берданкӯлу Кизилҷар, кони Конҷол дар Тоҷикистони Шимолӣ, Хоҷа Исҳоқ, Нуруддин, Гургон, ғорҳои Моғиёну Марғзор, Эсиз дар Кӯҳистони Зарафшон, ғору мағораҳо дар ҳавзаи Ширкент, ғорҳо дар гумбазҳои Хоҷамуъмину Хоҷасартез дар Ҷанубу Ғарбии Тоҷикистон, ғорҳои Мататош, Салактош, Чироғтош ва даҳҳо дигарҳо дар Помир маълуманд, қимати калони рекреатсионӣ ва сайёҳӣ доранд. Мутаассифона, то ба имрӯз оиди истифодаи босамари рекреатсионию сайёҳӣ чораҳои зарурӣ андешида нашудаанд. Шахсони алоҳида ба ин мавзеъҳо баҳри тамошо ва ё ҳамчун ҷойи «муқаддас» ташриф меоваранд. Аз ёдгориҳои геологӣ изи пой динозаврҳо дар мавзеи Работ (ноҳияи Айнӣ) ва дараи Ширкент, Чилдухтарон (дар Муъминободу Тоҷикобод), шахи Хоҳарон (деҳаи Вешаб), Сангманори Анзоб, Сӯхтори кӯҳи Малик (ноҳияи Айнӣ), лағжиши кӯҳпораҳо дар водии Яғноб, Варзи Манор, Зосун (ноҳияи Айнӣ), Ҳоит, Уссой, Яшилкӯл, Саргазон ва ғайра аҳамияти маърифатӣ – сайёҳӣ доранд. Чунин ёдгориҳои геологию геоморфологӣ дар дигар музофотҳои кишвар ниҳоят бисёр мебошанд. Мутаассифона, чунин ашёҳо ҳанӯз ошкор ва ба доираи илм кашида нашудаанд. Бисёре аз ғорҳои мамлакат низ тадқиқ, омӯзиш ва баррасиҳои илмиро металабанд. Дар ин кори хайр бояд муаллимону хонандагон, донишҷӯёни мактабҳои олӣ

ва зиёиёни ноҳияҳо саҳмгузорӣ намоянд, ба олимону мутахассисон робитаю ҳамкорӣ барқарор намоянд. Дар натиҷа, сайрхатҳои нави рекреатсионӣ – сайёҳӣ кушода мешавад, одамон ба корҳои муваққатӣ ва доимӣ ҷалб мегарданд. (Абороров Ҳ.Д. 2016, с.110). Омили муҳиме, ки ба ҳамаи маҷмуъҳои рекреатсионии марзӣ таъсир мерасонад, иқлим мебошад. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб ҳамаи типҳои иқлиме, ки дар кураи замин дучор мешаванд (истисно иқлими тропикию экваторӣ) ба мушоҳида мерасанд. Тоҷикистон дар минтақаи субтропикии хушк ҷойгир шудааст, тӯли сол миқдори калони гармӣ ва равшанӣ қабул мекунад. Омилҳои асосии иқлим, аз қабили партавафканиии офтоб, ҳарорат, рутубат, абрнокӣ, бориш, суръати бод ва ғайра барои баҳо додан ба захираҳои рекреатсионӣ ва сайёҳӣ басо муҳиманд. Барои баҳо додан ба қимати рекреатсионии обу ҳаво ва иқлим пойгоҳҳои обуҳавосанҷӣ хизмати хубро ба ҷо меоваранд. Дар ҳудуди кишвар чунин пойгоҳҳо нобаробар ҷойгир шудаанд. Аксарияти онҳо дар ҳамвориҳо, миёнакӯҳҳо тақсим шудаанд, вале дар баландкӯҳҳо чунин пойгоҳҳо каманд. Аз ин хотир, масъалаи баҳо додан ба омилҳои иқлимӣ ва минтақаҳои варзии (амудии) иқлимиро мураккаб мегардонад. Сарфи назар аз ин ноқисиҳо дар асоси пойгоҳҳои мавҷудаи обуҳавосанҷӣ ба омилҳои иқлимии Тоҷикистон баҳои рекреатсионӣ ва сайёҳӣ додан мумкин аст. Дар ҳудуди Тоҷикистон рӯзҳои беофтоб хеле кам мебошанд. Дар музофотҳои кӯҳии кишварамон чунин рӯзҳо ба 30-54 рӯз, дар пиряхи Федченко – 79, дар водиҳо – 30-40, дар Помири Шарқӣ то ба 20-30, вале дар Қароқӯл – 7 рӯзро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, партавафшонии Офтоб тӯли сол ба ҳисоби миёна 2500-3000 (3166) соатро ташкил менамояд. Аз ин ҷиҳат аз Ҷумҳурии Озорбойҷон 200 соат бештар аст. Шумораи соатҳои партавафкании офтоб дар водию дараҳои танг, нишебиҳои ростфаромадаи кӯҳ, шаклҳои ҳамгаштноки релйеф коҳиш меёбад. Баъзан дар чунин ҷойҳо нурҳои офтоб намерасанд. Барои ҳамин ҳам дар чунин ҷойҳо дар фасли тобистон ҳам ҳавояшон салқин ва тоза мебошад. Давомнокии аз ҳама бештари партавафшонии офтоб дар канори ҷанубии ҷумҳурӣ (Панҷ -3029 соат), вале камтарин барои водиҳои Ҳисор, Вахш, Зарафшон ва ҳамвориҳои Тоҷикистони Шимолӣ 2600-2800 соатро дар як сол ташкил медиҳад. (Таджикистан: - Д. 1982, с.135-136). Радиатсияи офтоб ба Замин равшанӣ ва гармӣ мебахшад, он барои ҳаёт дар рӯйи Замин басо муҳим аст. Ҳамаи ҳодисаю равандҳои метеорологӣ, ки дар сатҳи замин ва атмосфера рух медиҳанд ба радиатсияи офтоб вобастаанд. Ҷамъи миқдори солонаи радиатсия аз 150 дар водиҳо ва то 185-190 ккал/см2 дар маҳалҳои кӯҳии ҷумҳурӣ тағйир меёбад. Нисбат ба сатҳи ҳамвор, нишебиҳои шимолии қаторкӯҳҳо, ки моилиашон 100-ро ташкил медиҳад 10-15% камтар радиатсия қабул менамоянд, дар ҳолати 300 будани нишебиҳои шимолии қаторкӯҳҳо, нисбат ба ҳамвориҳо дар фасли тобистон 15-200 камтар радиатсия қабул мекунанд. Нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳҳо, ки моилиашон 300-ро ташкил медиҳад дар фасли тобистон 5-8% камтар, вале дар моҳҳои зимистон нисбат ба ҳамворзаминҳо қариб ду маротиба бештар радиатсия қабул мекунад. Барои ҳамин ҳам ҳайвоноти вуҳуш дар фасли тобистон дар нишебиҳои шимол, вале дар фасли зимистон дар нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳҳо бештар ҳаёт мегузаронанд. Радиатсия офтоб аҳамияти саломатӣ бахшандагӣ дорад. Ҳангоми абрнокии атмосфера радиатсияи офтоб коҳиш меёбад. Реҷаи равшанӣ ба вазъи санитарию – гигиенӣ таъсири калон мерасонад. Аз баландии нисфирӯзии офтоб дар уфуқ давомнокии фаъолияти биологӣ ва радиатсияи ултрабунафш вобаста мебошад. Муқаррар карда шудааст, ки дар ҳолати баландии офтоб нисбат ба сатҳи замин 450 будан, қобилияти эритема (сурх шудани бадан), пигмент ва витаминҳосилшавӣ аз ҳама баланд мешудааст (Котляров Е.Л. М. 1978, с.48).

Ҷадвали 1. Ҳарорати миёнаи моҳона ва солонаи ҳаво

№ т.р	Маҳалҳо	Баланди аз сатҳи баҳр, м	Январ (бо градус^0)	Июл (бо градус^0)	Солона (бо градус^0)
1.	Панҷ	362	1,1	29,1	16,0
2.	Хуҷанд	410	-2,0	29,0	14,1
3.	Қурғонтеппа	428	0,9	28,3	15,7

4.	Кӯлоб	604	1,4	30,3	16,4
5.	Душанбе	803	0,8	27,0	14,2
6.	Истаравшан	1004	-2,6	24,6	11,2
7.	Тавилдара	1616	-6,3	21,6	8,7
8.	Хоруғ	2075	-7,9	22,8	8,7
9.	Булункӯл	3744	-25,5	11,2	-5,4

Манбаъ: Таджикистан: природа и природные ресурсы. Душанбе. 1982, с.154.

Чуноне ки аз ҷадвали 1 дида мешавад ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди 15-160 дар ҳамвориҳо (Панҷ, Кӯлоб, Бохтар), дар водӣ ва пешкӯҳҳо – 8-140 (Тавилдара, Истаравшан, Душанбе), инчунин дар баландкӯҳҳо минус 5,4 то пилус 8,70 (Булункӯл, Хоруғ) тағйир меёбад. Агар ҳарорати миёнаи моҳи январ дар Булункӯл – 25,50 бошад, пас дар Душанбе, Бохтар, Панҷ ва Кӯлоб аз 00 С баланд мебошад. Ҳарорати миёнаи моҳи гармтарин июл дар ҳамвориҳо аз + 28,3 то ба + 30,3С тағйир меёбад. Дар водиҳо ва пешкӯҳҳо 21,6 то 27,0С, дар баландкӯҳҳо бошад ба 11,2С баробар аст. Ҳарорати аз 0-5 то 10-150С субмӯътадил ба ҳисоб меравад. Давомнокии давраи ҳарорataш бо ҳузуру ҳаловат аз 16,50С то 24,50С ҳисоб мешавад. Аксарияти шаҳру ноҳияҳои кишвар дар ҳудуди ҳарорати ҳузуру ҳаловат ҷойгир мебошанд (истисно Қурғонтеппа, Хуҷанд, Панҷ, Кӯлоб). Ҳарорати тобистонаи баландкӯҳҳои Помири Шарқӣ бо сабаби паст буданашон чандон созгор нестанд.

АДАБИЁТ

1. Ёров Дж. Н. Развитие туристической сферы Республики Таджикистан в условиях рынка. Монография. – Душанбе, 2008. 110 с.
2. Ёров Дж.Н., Зайцева Н.А. Перспективы кластерного подхода для повышения эффективности использования туристского потенциала (на примере Российской Федерации и Республики Таджикистан). Вестник МГУ. – С.129.
3. Бахористон – царство весны. [Сарчашмаи электронӣ]. Низоми дастрасӣ: http://www.narodnaya.tj/ (саннаи муроҷиат: 25.05.2020).
4. Зикирова Ш.С. Проблемы и перспективы государственного регулирования санаторно-курортного комплекса. // Российское предпринимательство. – 2011. № 2, вып.1 (177). С. 140-144.
5. Мухаббатов Х. Природа и природные ресурсы Республики Таджикистан. Душанбе 2014.

ЗАХИРАҲОИ САЙЁҲӢ-РЕКРЕАТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ТАШКИЛИ КОМПЛЕКСҲОИ САЙЁҲӢ

Дар ташкилу ташаккули сайёҳии рекреатсионӣ нақши захираҳои табиӣ хеле бузург буда, он яке аз омилҳои асосӣ ва заминаи боэътимоди истифода бо мақсади рекреатсия ва сайёҳии ин ё он марзи мамлакат мебошад, вале истифодаи воқеии онҳо тавассути омилҳои шароити табиӣ ба ташаккул ва рушди маҷмааҳои (комплексҳои) рекреатсионӣ таъсири ҷолиб мерасонад, зеро захираҳои табиӣ боиси интихоби истироҳаткунандагон ва сайёҳон мегарданд. Дар мақола оид ба захира ва имкониятҳои истифодаи сохти сатҳи Тоҷикистон аз қабили унсурҳои геологию геоморфологӣ, иқлимӣ, захираҳои чашмаҳои гарму шифобахш баҳри рушди рекреатсия ва сайёҳӣ таҳлили илмӣ оварда шуда, ба ин унсурҳо баҳои рекреатсионӣ ва сайёҳӣ дода шудааст. Қобили қайд аст, ки барои рушди хоҷагии рекреатсионӣ сохти сатҳи ин ё он музофоти табиию географӣ аҳамияти муайян доранд ва дар навбати худ, бояд ба инобат гирифт, ки ин объектҳо низ тарафҳои муқобил доранд. Масалан, мураккабии релефи кӯҳӣ, зуд-зуд иваз шудани ландшафтҳои табиӣ диққати истироҳаткунандагонро бештар ба худ ҷалб мекунанд ва онҳоро ба ваҷд меоваранд. Инчунин, манзараҳои зебову дилкаш, ҳавои тозаи кӯҳӣ, имконияти ба сайёҳӣ, кӯҳнавардӣ, шикор, сайди моҳӣ ва ғайра машғул шуданро фароҳам меоварад.

Калидвожаҳо: сайёҳии рекреатсионӣ, захираҳои табиӣ, маҷмааҳои (комплексҳои) рекреатсионӣ, чашмаҳои гарму шифобахш, кӯҳнавардӣ, геологию геоморфологӣ ва ғ.

ТУРИСТСКО-РЕКРЕАЦИОННЫЕ РЕСУРСЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ИХ РОЛЬ В ОРГАНИЗАЦИИ ТУРИСТИЧЕСКИХ КОМПЛЕКСОВ

В формировании и организации рекреационного туризма роль природных ресурсов значительна, и оно является одним из основных факторов и надежной основой для организации отдыха и туризма той или иной части страны. Рациональное и целевое использование природных ресурсов положительно повлияет на организацию туристских комплексов, потому что природные условия являются основным фактором, влияющим на образование этих комплексов. В статье рассматриваются вопросы о природных ресурсах и возможностях их использования с целью туризма и рекреации, особенно даётся оценка геолого-геоморфологическим компонентам, климату, горячим и лечебным источникам, влияющим на развитие рекреации и т.д. Следует отметить, что на развития

рекреационных хозяйств, структура рельефа той или иной природно-географической зоны играют важную роль, но они имеют противоположенные стороны. Например, сложность горных дорог, с одной стороны привлекает туристов, но с другой стороны рождает опасность и т.д.

Ключевые слова: рекреационный туризм, природные ресурсы, рекреационные комплексы, горячие и лечебные источники, альпинизм, геолого-геоморфологический и т.д.

TOURIST AND RECREATIONAL RESOURCES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THEIR ROLE IN ORGANIZING TOURIST COMPLEXES

In the formation and organization of recreational tourism, the role of natural resources is significant, and it is one of the main factors and a reliable basis for organizing rest and tourism of a particular part of the country. The rational and targeted use of natural resources will have a positive effect on the organization of tourist complexes, because natural conditions are the main factor affecting the formation of these complexes. The article discusses issues of natural resources and the possibilities of their use in order to tourism and recreation, especially the assessment of geological and geomorphological components, climate, hot and therapeutic sources affecting the development of recreation, etc. It should be noted that on the development of recreational economies, the structure of the relief of a natural-geographical zone play an important role, but they have the opposite parties. For example, the complexity of mountain roads, on the one hand attracts tourists, but the sorcement of the side gives rise to danger, etc.

Keywords: recreational tourism, natural resources, recreational complexes, hot and healing sources, mountaineering, geological and geomorphological, etc.

Сведения об авторе: ***Сафаров Ш.*** - магистр кафедры «Экономическая география и туризм»-а финансово-экономического факультета ТНУ. Телефон: **+992 907 32 37 31**. E-mail: **shod_mehr@mail.ru**

Information about the author: ***Safarov Sh.*** – master`s student of Department "Economic Geography and Tourism" financial and economic faculty of TNU. Phone: **+992 907 32 37 31**. E-mail: **shod_mehr@mail.ru**

МУБОДИЛАИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ТЕХНОЛОГИЯ АСОСИ АМАЛИГАРДОНИИ ИҚТИДОРИ ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ

Сафиев А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Технологияи ҳозиразамон (муосир) назорати техникии истеҳсолотро низ фаро мегирад. Вобаста ба соҳаҳои истеҳсолот технологияи маъданканӣ, технологияи мошинасозӣ, технологияи ҳозиразамони сохтмонӣ ва аз рӯи усулҳои истеҳсол ва таҳвили маводҳо, технологияи ашёҳо технологияи моддаҳои заҳрдор, технологияи бофандагӣ ва ғайра мавҷуданд. Дар натиҷаи иҷрои ҷараёни технологӣ объекти меҳнат сифатан тағйир меёбад, ин тағйирёбиро аз рӯи нишондодҳои зерин таҳлил кардан мумкин аст:

- Сарфи хоси ашёи хом;
- Моли нимхом (нимтайёр);
- Энергияи саршуда барои ҳар як воҳиди маҳсулот;
- Миқдор ва сифати маҳсулоти тайёр;
- дараҷаи ҳосилнокии меҳнат;
- ҷараёни истеҳсолот;
- ҳамаи хароҷотҳои истеҳсолӣ.

Арзиши аслии маҳсулот, самаранокии техникию иқтисодии ҷараёни технологиро муайян мекунанд. Мо имрӯз камчинии мошину таҷҳизоти ҳозиразамонро, ки барои бунёди корхонаҳо заруранд дар бозори дохилӣ мушоҳида мекунем. Аввалан ин ҳолат воқеъияти оинии мост. Зеро шумораи корхонаҳои истеҳсолкунандаи мошину таҷҳизоти ҳозиразамон, дастгоҳҳое, ки таҷассуми илму техникаи ҳозиразамон бошанд, дар ҷумҳуриамон ангуштшуморанд, сониян чунин ҳолатро метавонем аз нуқтаи назари амали унсурҳои механизми бозорӣ маънидод намоем. Арзаи молҳои таъйиноти истеҳсолӣ вақте афзоиш мекунад,ки дар тақозои бозорӣ ба онҳо зиёд бошад. Мавҷудияти чунин тақозо ва нотавонии истеҳсолкунандагони дохилӣ оиди қонеъсозии он боиси воридшавии чунин молҳо аз хориҷи кишвар мегардад ва сиёсати ҳавасмандсозандаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба он кумак мерасонад. Мушоҳидаи воридотӣ боз нишон медиҳад, ки ҳиссаи чунин молҳо дар воридот ночизанд, ҳарчанд ба бозори мо аз хориҷа асосан маҳсулоти

таъйиноти истеҳсолӣ техникӣ дохил мешавад. Мутаъдилшавии вазъияти сиёсӣ ва иқтисодӣ боз барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ иҷтимоӣ шароити навро ба миён меоварад. Амалигардонии иқтидори илмию техникӣ бо истифода аз шаклҳои муомилоти байналхалқии технологияҳо сурат мегирад. Раванди муомилоти технологияҳо аз якчанд **давра** иборат мебошад. Ин пеш аз ҳама:

- интихоб ва харидани технология;
- аз худ кардани технология ва аз санҷиш гузаронидани технологияҳои харидашуда;
- такмил додани технология ва истифода будани он дар соҳаҳои ба ҳам наздики илм ва техника;

Муомилоти байналхалқии технология дар шаклҳои гуногун ва бо роҳу воситаҳои гуногун ба амал бароварда мешавад.

Ба воситаҳои асосии доду гирифт кардани технология чунин роҳҳоро дохил кардан мумкин аст;

1. **Бо роҳи савдои берунӣ додани технология якҷоя бо мошину таҷҳизотҳо.** Масалан: ширкати амрикоии «Меткомедия интернешинл телекомионикэшнс» ба ширкати россиягии пейджингӣ «мобил телеком» тамоми технологияи пейджингии петели (стандарт) «феликс»-ро додааст. Ширкати россиягӣ бо сармоядорони ИМА ба муносибатҳои ҳамкори ворид шуда,дар як вақт пейджерҳо,таҷҳизотҳои телекомуникатсионии ширкати «Моторола»-ро харида мегирад.

2. **Дохили фирмавӣ**,технологияҳои нав дар доираи иттиҳодияҳои милли як давлат (ШФМ) ба шӯъбаҳо ё ин, ки ширкатҳои як иттиҳодия дода мешаванд.

Аз рӯи баъзе маълумотҳои мавҷудбуда аз се ду ҳиссаи савдои байналхалқии иҷозатномаҳо ба муомилоти дохиликорхонавӣ рост меоянд. Масалан, мувофиқи ҳисоботи СММ оид ба маблағгузориҳои калон (соли 2005) 70 фоизи муомилотҳои ба ҳам наздик дар соҳаи технология ба ҳисоббаробаркуниҳои байни ширкатҳои асосӣ (главнӣе) ва шӯъбаҳои хориҷии онҳо,рост меояд. Ин муомилотҳо дар ИМА ва Британияи Кабир то 80 фисад ва дар Олмон бошад ин рақам то ба 90 фисад мерасад. Мубодилаи фаъолонаи (трансфертии) технология дар доираҳои ширкатҳои дохилӣ ба чунин вазъият имконият муҳайё мекунанд:

- истифодаи васеъи технологияҳои нав бе таҳдиди аз даст додани моликияти монополӣ ба дастовардҳои илми техникӣ;
- кам кардани ҳаҷми хароҷотҳои ба корҳои илми тадқиқотӣ (НИОКР) ва таҷрибавӣ озмоишӣ;
- афзоиши даромадҳои ширкатҳои асосӣ (материнские),зеро ки дар бисёр давлатҳо пардохтҳо аз технологияҳои нав ба даст овардашуда,аз андозгузори озод карда мешаванд;

Ғайр аз ин, дар мавриди фурӯхтани технология ба ширкатҳои фаромилли (ШФМ) имкониятҳои бартараф кардани мамониятҳои бозори маҳдуди (закритый) дигар давлат муҳаё мешаванд, зеро ки баъд аз технологияи ба тарафи технологияро қабулкунанда, молҳо ва хизматҳо дохил мешаванд.

3. Байнифирмавӣ. Дар зери ин мафҳум додани технологияи бо шартномаҳои иҷозатӣ, кооператсионӣ, идоракунӣ ва ғайра бо фирмаҳои хориҷӣ фаҳмида мешавад. Ҳамчун мисоли ҳамкории кооператсиони дар соҳаи муомилоти технологияҳо муносибатҳои ҳамкории умедворкунандаи байни ширкати америкоии «Ксерокс» ва гурӯҳи «Оливетти»-ро овардан мумкин аст. Бо сабаби иттифоқ бастан бо ширкати «Ксерокс»,«Оливетти» ба дастрас кардани технологияҳои рақами ва лазерии амрикои имконият пайдо мекунад,бар ивази он ба ширкати «Ксерокс» ихтироъҳои корхонаи худ «Лексикон»-ро дар соҳаи таҷҳизоти идоравӣ пешниҳод мекунад. Мубодилаи байналхалқии технологиро дар ду сатҳ аз назар гузаронидан мумкин аст:

- ба маънои васеъаш ҳамчун мубодилаи донишҳои илми – техникӣ ва таҷрибаҳои истеҳсолии байни давлатҳо;
- ба маънои маҳдудаш бошад,ҳамчун додани донишҳои илмӣ техникӣ ва таҷрибае,ки ба аз нав истеҳсолкунии равандҳои технологии аниқ,таалуқ доранд,фаҳмида мешавад.

Технология бо роҳи тиҷоратӣ ва ғайри тиҷоратӣ аз як давлат ба давлати дигар ё якчанд давлат дода мешавад. Мубодилаи технологӣ дар маънои васеъи ин ифода,

маълулан дар шакли ғайри тиҷоратӣ, ба амал бароварда мешавад. Асосан чунин намудҳои мубодилаи техникӣ вуҷуд доранд:

- нашрияҳои илми техникӣ;
- гуғаронидани намоишҳо, ярмаркаҳо ва симпозиумҳо;
- аз як ҷо ба ҷои дигар кучонидани мутахасисони баландихтисос;
- фаъолияти ташкилотҳои байналхалқӣ дар ҳамкорӣ дар соҳаи илм,техника ва ғайра буда метавонанд.

Мубодилаи технологӣ дар маънои маҳдудаш (тангаш),маъмулан дар намуди тиҷоратӣ,ба амал бароварда мешавад.

Ин шаклҳо чунинанд:

- аз рӯи шартҳои шартномаҳои байналхалқӣ додани (трансфер) ҳуқуқи истифода бурдани маълумотҳои илми техникии ба маҷмуъ (систематизированное) дароварда шуда, ба монанди дастовардҳои ихтирокорӣ, патентҳо, Ноу – хау,аломатҳои молии ба қайд гирифташуда намудҳои молҳои саноати ва ғайра;
- дар асоси ихтирокориҳои нави техникӣ технологӣ сохтани мошин ва таҷҳизотҳо;
- тайёр кардани қуввaҳои кории ихтисоснок;
- хизматрасониҳои мутобиқаткардашуда;
- қарордодҳои роҳбарикунӣ (идоракунӣ) ва ғайра.

Технология ҳамчун маҷмӯи донишҳои илмӣ техникии ба низом овардашуда чизи ғайри ашёӣ мебошад. Вале дар самтҳои (каналӣ) муомилоти иқтисодии байналхалқӣ ва дар шакли муайяни молӣ – ашёӣ дохил мешавад. Вазифаи технология ҳамчун илм аз муайян намудани қонуниятҳои физикӣ, химиявӣ, механикӣ ва ғайра иборат мебошад. Ин корҳо бо мақсади муқаррар кардан ва истифодаи амалии равандҳои истеҳсолии пурсамар ва камхарҷ гузаронида мешаванд. Технология бо роҳҳои тиҷорати ва ғайри тиҷорати аз як давлат ба давлати дигар ё якчанд давлат таҳвил мешавад. Мубодилаи технологӣ дар маънои васеи ин ифода, маъмулан дар шакли ғайри тиҷоратӣ, ба амал бароварда мешавад. Чунин шаклҳои мубодилаи ҷашни ҷараёни технологӣ вуҷуд доранд:

- нашрияҳои ашёи техникӣ;
- гузаронидани намоишҳо, ярмаркаҳо ва симпозиумҳо;
- аз як ҷо ба ҷои дигар кучидани (мигратсия) мутахасисон;
- фаъолияти ташкилотҳои байналхалқӣ дар ҳамкорӣ дар соҳаи илм, технологӣ ва ғайра.

Мубодилаи технологӣ дар маънои маҳдудаш, маъмулан дар намуди тиҷоратӣ, ба амал бароварда мешавад.

- аз рӯи шартҳои шартномаҳои байналхалқи додани (трансферт) ҳуқуқи истифода бурдани маълумотҳои илми техникӣ ба маҷмуъ (систематизированое) дароварда шуда, ба монанди дастовардҳои ихтирокорӣ, патентҳо, Ноу–хау, аломатҳои молии ба қайд гирифташуда;
- намудҳои молҳои саноатӣ ва ғайра;
- дар асоси ихтироҳои нави техникӣ, технологӣ сохтани мошина ва таҷҳизотҳо ба мол мубаддал кардани технология;
- тайёр кардани қуввaҳои кории ихтисоснок;
- хизматрасониҳои мутобиққардашуда;
- қарордодҳо, шартномаҳои идоракунӣ ва ғайра.

Технология ҳамчун маҷмӯи донишҳои илми – техникии ба низом даровардашуда (систематизирование) чизи ғайри ашёи мебошад. Вале дар (канали) муомилоти иқтисодии байналхалқӣ вай дар шакли муайяни молӣ – ашёӣ арзи вуҷуд мекунад.

Тиҷорати литсензионӣ шакли асосии таҳвили технологияро ташкил мекунад. Мафҳуми тиҷоратӣ ифода мекунад, ки ин шакли таҳвили технология дар асоси тиҷорат амалӣ мешавад. Предмети хариду фурушро дар ин ҳолат ҳуқуқ дар намуди литсензия барои истифодаи ихтироот, таҷрибаи технологӣ, сирҳои саноатӣ ва донишҳои тиҷоратӣ ташкил мекунад.

Литсензия – ин иҷозатнома барои истифодаи технология дар муддати вақти муайян ва бо ҳаҷми муайян, ки фурушандаи технология (литсензиар) ба харидори литсензия (литсензиат) дар асоси созишномаи литсензионӣ медихад.

Созишномаи литсензионӣ– ин қарордоди тиҷорати байналхалқӣ, ки мувофиҷи он соҳиби ихтироот ё ин ки донишҳои техникӣ ба тарафи дигар иҷозатномаи истифодаи ҳуқуқи худро ба технология дар ҳудуди муайян медиҳад. Созишномаи литсензионӣ ё ин ки ҳуқуқи содироти озоди маҳсулоти литсензионӣ, ё қисман ва ё пурра манъ кардани онро дар назар дорад. Ба вай, инчунин шарте ворид карда мешавад, ки мувофиқи он литсензиар ҳатман ба литсензиат иттилоотро оид ба мукаммалнамоии технологияи литсензионӣ дар муддати амали созишномаи литсензионӣ пешниҳод менамояд. Ду намуди созишномаи литсензионӣ вуҷуд дорад: мустақил, - яъне хариду фуруши фақат ҳуқуқи литсензионӣ ва иловагӣ - яъне додани литсензия якбора бо бастани қарордод барои таҳвили лавозимот ва ё иҷро кардани хизматҳои инчиниринги. Дар ҳачми умумии тиҷорати литсензионӣ, дар шароити муосир, созишномаи мустаҷил 70-75% ва иловагӣ – 20-25%-ро ташкил мекунад.

Объектҳои созишномаи литсензионӣ одатан аз патентҳо, ихтироот, формулаҳо, равандҳо, конструксияҳо, схемаҳо, тамғаҳои тиҷоратӣ, барномаҳо ва ғайра иборат аст. Вобаста ба андозаи ҳуқуқ, ки созишномаи литсензионӣ ба литсензиат ва литсензиар медиҳад, литсензияҳо ҷудо мешаванд ба литсензияи оддӣ, литсенизияи махсус ва литсенизияи пурра. Литсензияи оддӣ ба литсензиар ҳуқуқи додани хамин гуна литсензияро ба тарафи сеюм медиҳад. Литсензияи махсус ба литсензиат ҳуқуқи монополиро барои истифодаи ҳамин технология медиҳад, литсензиар дар ин ҳолат на мустақилона технологияи ба патент даровардаро истифода карда метавонад ва на ба нафари сеюм дар ин территория дода метавонад. Дар ҳолати литсензияи пурра литсензиар пурра аз ҳуқуқи истифодаи объекти литсензия маҳрум мешавад. Се шакли асосии пардохти литсензия ҷой дорад**:**

а) пардохти паушалӣ - яъне пардохти якбораи литсензия то аз тарафи литсензиат гирифтани фоидаи иловагӣ аз истифодаи литсензия;

б) рентаи харсолаи технологӣ (роялтӣ) – бо фоиз аз фоидаи иловагии аз тарафи литсензиат дар натичаи истифодаи предмети литсензия гирифта мукаррар мешавад. Одатан вай 3-5%-ро ташкил мекунад.

в) пардохти омехта – дар ин холат созишномаи литсензиони, аз як тараф, барқароршавии нархи литсензияро дар заминаи роялти дар назар дорад, аз тарафи дигар, – пардохтҳои муқарраршударо дар бар мегирад, ки арзиши иттилоотро оид ба технологияи таҳвилшаванда (санади техникӣ, намунаи лавозимоти махсус ва таҷҳизот ва ғайра) пардохт мекунад.

Умуман, нархи литсензия бо формула дар намуди зер ифода карда мешавад.

$$A = B * Б * (С - О) * Р$$

дар ин чо:

А – нархи литсензия

В - арзиши воҳиди маҳсулоти дар натиҷаи истифодаи литсензия истеҳсолшуда (бо нархи ҷаҳонӣ);

Б - ҳаҷми маҳсулоти литсензионӣ;

С - муҳлати амали литсензия;

О - давраи азхудкунии литсензия; Р – роялти.

Аз рӯи ин формула нархи литсензияро дар ҳолатҳои пардохти литсензия муайян месозанд. Ин бештар ҳангоми пардохти яклухт намудани литсензия истифода мешавад. Ҳамин тавр, дар ҷаҳон мубодилаи технология аз рӯи шаклҳои гуногун сурат мегирад, ки ҳар яки он дар мутаносиби муайян истифода бурда мешавад. Бо баробари ин раванди бастани созишномаи литсензионӣ дар асоси меъёрҳои байналхалқӣ ва байнидавлатӣ сурат мегирад. Ҷорӣ намудани ин меъёрҳо дар амалигардонии иқтидори илмӣ-техникии ҷаҳон аҳамияти хоса дорад. Дар соҳаҳои саноати истеҳсоли маҳсулот дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ махсусан мошинсозӣ ва асбобсозӣ аз соли 1975 шабакаи системаи ягонаи тайёрии технологии истеҳсолот (СЯТТИ), (ЕСТПП) ҷорӣ шуда буд. Татбиқи системаи ягонаи

тайёрии техникии истеҳсолот (СЯТТИ) дар баробари баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва беҳтар кардани сифати маҳсулот, мӯҳлати тайёр намудани маҳсулотро 2-2,5 маротиба кам намуд. Раванди муомилоти технологияҳо аз якчанд омилҳо иборат мебошад. Пеш аз ҳама, ин омилҳо чунинанд:

- интихоб ва харидани технология;
- аз худ кардан ва аз санҷиш гузаронидани технологияҳои харидашуда;
- такмил додани технология ва истифода бурдани он дар соҳаҳои ба ҳам наздики илм ва техника;

Муомилоти байналхалқии технология дар шаклҳои гуногун ва бо роҳу воситаҳои гуногун ба амал бароварда мешавад. Ба воситаҳои асосии доду гирифт кардани (трансфер) технология чунин роҳҳоро дохил кардан мумкин аст:

Бо роҳи савдои беруни додани технология якҷоя бо мошину таҷҳизотҳо. Масалан, ширкати америкоии «Метномедия интернешнл», «Метномедия», «Помешилс» ба ширкати россиягии пейджингии «мобил телеком» тамоми технологияи пейджингии шакли стандарт «флож»-ро дода аст. Ширкати россияги бо сармоядорони ИМА ба муносибатҳои ҳамкори ворид шуда, дар як вақт пейджерҳо ва таҷҳизотҳои телекомуникатсионӣ ба якҷоягии технологияшон аз ширкати «Моторола» харида мегирад.

Дохили фирмавӣ. Технологияҳои нав дар доираи иттиҳодияҳои миллии як давлат ба шӯъбаҳо ё ин ки ширкатҳои як иттиҳодия дода мешаванд. Аз рӯи баъзе маълумотхои мавчудбуда аз се ду хиссаи савдои байналхалқи ичозатномахо (литсензия ба муомилоти дохиликорхонавӣ рост меоянд. Масалан, мувофиқи ҳисоботи Созмони Миллали Мутаҳид оид ба маблағгузориҳои калон (соли 2005) 70№ муомилотҳои ба ҳам наздик дар соҳаи технология ба ҳисоббаробаркуниҳои байни ширкатҳои асосӣ ва шӯъбаҳои хариди онҳо рост меояд. Ин муомилотҳо дар ИМА ва Британияи Кабир то 80 фисад ва дар Олмон то 90 фисад мерасанд. Мубодилаи фаъолонаи технология дар доираи ширкатҳои дохилӣ ба чунин вазъият имконият муҳайё мекунанд:

- истифодаи васеи технологияҳои нав бе таҳдиди аз даст додани моликияти монополӣ ба дастовардҳои илмӣ – техникӣ;
- кам кардани ҳаҷми хароҷотҳо ба корҳои илми тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ озмоишӣ;
- афзондани даромадҳои ширкатҳои асосӣ, зеро ки дар бисёр давлатҳо пардохтҳо аз технологияҳои нав ба даст овардашуда, аз андозгузорӣ озод карда мешавад.

Ғайр аз ин, дар мавриди фурухтани технология ва ширкатҳои миллӣ имкониятҳои бартараф кардани мамонияти бозорӣ маҳдуди дигар давлат муҳаё мешаванд, зеро, ки баъд аз технология ба тарафи онро қабулкунанда, молҳо ва ё хизматҳо дохил мешаванд.

Байнифирмавӣ. Дар зери ин мафҳум додани (трансфер) технология бо шартномаҳои иҷозатӣ (лиқензия), кооператсионӣ, идоракуни ва ғайра бо фармаҳои хориҷи фаҳмида мешавад. Ҳамчун мисоли ҳамкории кооператсионӣ дар соҳаи муомилоти технологияҳо муносибатҳои ҳамкории умедворкунандаи байни ширкати америкоии «Оливетти»-ро овардан мумкин аст. Бо сабаби иттифоқ бастан бо ширкати «Ксерокс», «Оливетти» ба дастраскардани технологияҳои рақами ва лазери америкои имконият пайдо мекунад, дар ивази он дар ширкати «Ксерокс» ихтироҳои корхонаи худ «Лексикон»-ро дар соҳаи таҷҳизоти идоравӣ пешниҳод мекунад. Шакли асосии додани технология ин ширкатҳои рухсати (литсензиони) мебошад. Сарчашмаи талаботӣ ба технология ба миён омада, тараққиёти илмӣ – техникӣ мебошад. Бисёр давлатҳо ба сифати истифодабарандагони асосии технология худро нишон медиҳанд. Дар ин радиф низ аз ҳама Япония ба чашм мерасад, ки ҳиссаи вай дар бобати ба бозори ҷаҳонӣ баровардани литсензияҳо зиёда аз 16 фисадро ташкил медиҳад. Бо мақсади баланд бардоштани имкониятҳои иқтисодии худ Германия низ аз бозори байналхалқии технология фаъолона истифода кардааст. Сегменти инкишофёбандаи бозори байналхалқии технология давлатҳои ру ба тараққи ниҳода мебошанд. Дар навбати аввал ин давлатҳои саноати нав. Аз як ҷиҳат, агар онҳо ҳамчун истеъмолкунанда ва ба ичорагирандагони технологияи муосир баромад кунанд, аз дигар тараф, онҳо чун истеҳсолкунандагон ва ба бозори байналхалқӣ ба муомилот баровардагони технологияи нав мебошанд. Ба ин қатор давлатҳои Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Гонконг (Сянган), Тайван ва ғайра дохил мешаванд. Бояд қайд кард, ки ба

муомилоти байналхалқӣ баровардани технология аввалан дар Япония ва байдан дар як қатор давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба азнавсозӣ ва дигаргунсозии истеҳсолоти ин давлатҳо ва минҷумла сохти идоракунии истеҳсолот имконият ба вуҷуд оварда, боиси қонеъ гардондани талаботи молии дохили гардида, барои гузаштан ва аз худкунии бозори байналхалқӣ шароит муҳаё кард. Шиддат ёфтани муборизаи рақобатнок дар бозори байналхалқӣ ба зарурати ба тарзӣ васеъ истифода бурдани навигариҳои технологӣ дар истеҳсоли молҳои илмро фарогиранда ва баландтехнологӣ оварда расонд. Аз ин ҷо фаҳмида мешавад, ки вазъияти пешсафии ҳар як давлатро дар ин соҳа аз ҳама бештар мавқеи бартари доштани вай дар хоҷагии ҷаҳонӣ, таъмин мекунад.

Хусусияти муҳимтарини бозори ҷаҳонии технология онро азонихуд кардани (монополизатсия) ширкатҳои калонтарини байналхалқӣ мебошад. Фақат иқтидори онҳо ба иҷро кардани корҳои илмӣ тадқиқотии дарозмуддат ва арзиашон қимат мерасад. Хароҷотҳои иттиҳодияҳои пешсафи байналхалқӣ барои бурдани корҳои илми – тадқиқоти соҳаи технология (НИОКР) дар бисёр мавридҳо аз хароҷотҳои якчанд давлатҳои хурд барои корҳои илмӣ – тадқиқотӣ зиёдтар аст.

АДАБИЁТ

1. Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015: бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2004 таҳти №86 тасдиқ шудааст.-Душанбе, 2004. -43с.
2. Рушди соҳаи гидроэнергетика - самти муҳимтарини сиёсати давла: аз суханронии Президенти Ҷумурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронсияи байналмиллалии намояндагони воломақоми мамлакатҳои ҷаҳон бахшида ба таҳлили миёнамӯҳлати чараёни иҷрои тадбирҳои Даҳсолаи байналмиллалии амалиёти «Об-барои ҳаёт» солҳои 2005-2015, 08 июни 2010 с. - Душанбе, 2010. -37с.
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Тасдиқ шудааст бо қарори Маҷлиси намояндагон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, № 636. - Душанбе: “КОНТРАСТ”, 2016. -83с.
4. Рахимов Р.К. Экономический рост: проблемы и механизмы решения. Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2004.- №2. – с. 70.
5. Саидмурадов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана. – Душанбе: «Ирфон», 2005. – 260 с.
6. Саидмуродов Л. Иқтисодиёти байналхалқӣ: назария, таърих, сиёсат. – Душанбе:Ирфон, 2002.
7. Саидов З.Ш. Внешняя политика Президента Рахмонова. - Душанбе, 2001.- С.57.

МУБОДИЛАИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ТЕХНОЛОГИЯ АСОСИ АМАЛИГАРДОНИИ ИҚТИДОРИ ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ

Бо назардошти муҳиммияти масъалаи мазкур аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои мушаххас андешида шуда, дар ин ҳошия қонунҳои соҳавӣ ва барномаҳои дахлдори рушди соҳаи мазкур ба тавсиб расида истодаанд. Зеро ки ташаккули иқтисодиёти миллии том ва бозори миллии воқеӣ бе ташкили шароити мусоиди ҳамкорӣ бо ниҳодҳои илмӣ ва татбиқи дастовардҳои ин ниҳодҳо дар пешбурди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ногузир аст. Бояд таъкид кард, ки элементҳои алоҳидаи минтақаҳои озоди инкишофи илмӣ-техникӣ дар шароити пурпечутобу мносибатҳо бизнес инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, бизнеспаркҳо ва техномолисҳоро дохил мекунанд. Маҳз ҳамин элементҳо мариди таҳқиқ қарор дода мешаванд.

Калидвожаҳо: иқтисодиёт, содирот, маблағгузорӣ, сармоя, рушд, рақобат, стратегия.

ОСНОВА МЕЖДУНАРОДНОГО ТЕХНОЛОГИЧЕСКОГО ОБМЕНА ДЛЯ РЕАЛИЗАЦИИ НАУЧНОГО И ТЕХНИЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА

Принимая во внимание важность этого вопроса, Правительство Республики Таджикистан принимает конкретные меры, и в этом контексте принимаются отраслевые законы и соответствуюғие программы по развитию данной отрасли. Потому что формирование полноценной национальной экономики и реального национального рынка неизбежно без создания благоприятных условий для сотрудничества с научными учреждениями и внедрения достижений этих институтов в развитие секторов национальной экономики. Следует отметить, что к определенным элементам свободных зон научно-технического развития в сложной среде относятся бизнес-инкубаторы, технопарки, бизнес-парки и технологии. Именно эти элементы являются предметом исследования.

Ключевые слова: экономика, экспорт, инвестиции, капитал, развитие, конкуренция, стратегия.

BASIS FOR INTERNATIONAL TECHNOLOGICAL EXCHANGE FOR THE REALIZATION OF SCIENTIFIC AND TECHNICAL POTENTIAL

Taking into account the importance of this issue, the Government of the Republic of Tajikistan is taking specific measures, and in this context, sectoral laws and relevant programs for the development of this sector are being adopted. Because the formation of a full national economy and a real national market is inevitable without the creation of favorable conditions for cooperation with scientific institutions and the implementation of their achievements in the development of

sectors of the national economy. It should be noted that certain elements of free zones of scientific and technical development in a complex environment include business incubators, technology parks, business parks and technology. It is these elements that are the subject of research.

Keywords: economy, export, investment, capital, development, competition, strategy.

Сведения об авторе: ***Сафиев Абубакр*** - магистр второго курса мировой экономики, ТНУ**.** Телефон: **918744456.** E-mail: **abu2020@mail.ru**

Information about the author: ***Safiev Abubakr*** - 2nd year master's student in World Economy, TNU. Phone: **918744456.** E-mail: **abu2020@mail.ru**

ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ТАШКИЛИ НАЗОРАТИ АНДОЗ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР АМАЛИЯИ НАЗОРАТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қаюмов С. Ш. Умаров Р. Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯзҳо дар ҳамаи мамлакатҳои хориҷӣ масъалаи назорат аз болои дурустии пардохти андозҳоро дастгоҳи махсус – хизматҳои андоз ҳал мекунад, ки аз рӯи сохтори ташкилӣ ва масъулияти маъмуриаш дар давлатҳои алоҳида аз якдигар мувофиқи тараққиёти иқтисодии давлат ва самтҳои сиёсати он фарқ мекунанд. Қайд кардан лозим аст, ки дар бисёри мамлакатҳои ҷаҳон маъмурият ё нозироти андоз одатан қисми таркибии Вазорати молияи мамлакат мебошад. Ҳозирин ҳолат имкон медиҳад, ки бисёр вақт онҳо дар таркиби вазоратҳо низ оиди иҷроиши вазифаҳои худ мустақилияти нисбӣ дошта бошанд. Дар ИМА дастгоҳи назорати андоз – Хизмати даромадҳои дохилӣ (ХДД), дар Фаронса – Идораи асосии андоз (ИАА), дар Швейтсария – Маъмурияти федералии андозҳо (МФА) ба ҳисоб мераванд. Хизмати даромадҳои дохилии (ХДД) ИМА дастгоҳи марказӣ, 7 дастгоҳҳои минтақавӣ ва 58 идораҳои маҳаллии андозро дарбар мегирад. ХДД назорати саривақтии пардохти андоз, дурустии таҳияи эъломияҳои андоз, ситонидани қарздории андоз, баргардонидани маблағҳои изофаи андоз ба андозсупорандагон, нигоҳдории ҷаримаву дигар чораҳои маъмуриро ба ӯҳда доранд. Дар штатҳо ва маҳалҳо, назорати андоз тибқи вазифаҳои мақомоти маҳаллӣ сурат мегирад. Шакл ва намуди назорат аз болои дуруст пардохт кардани андоз аз категорияи андозсупоранда вобастагӣ дорад. Ҷаримаҳо дар ҳолати дар мӯҳлаташ напардохтани 89%-и маблағи муқарраршудаи андозҳо аз тарафи корпоратсияҳо татбиқ мегарданд. Дароз кардани мӯҳлати таҳияи эъломия маънои онро надорад, ки мӯҳлати пардохти андоз низ дароз карда шуд, балки мувофиқи маблағҳои дар мӯҳлат пардохтанашуда фоизҳо ҳисоб карда мешаванд, ки боиси ба даст овардани маблағҳои иловагӣ мегардад.

Дар ИМА системаи андоз ва назорати андоз мувофиқи принсипи худандозбандӣ сурат мегирад. Корпоратсияҳо маблағи андозҳоро мустақилона ҳисоб мекунанд. Баъди тарҳи маблағҳои имтиёзоти иҷозатдодашуда эъломияро таҳия менамоянд. Онҳо ӯҳдадоранд, ки ба мақомоти молиявӣ нишондиҳандаҳои ҳисоби пешакии андозро пешниҳод намоянд. Дар ИМА таъқиби ҷиноятҳои андоз дар натиҷаи ҳама гуна кӯшишҳои андозсупорандагон оиди монеа шудан ё душвор сохтани ситонидани андозҳо аз тарафи мақомоти дахлдор сурат мегирад. Қайд кардан зарур аст, ки тайи 50 соли охир судҳои амрикоӣ консепсияи «сӯиқасди андозро» кор карда баромада, онро мукаммал сохтанд. Консепсияи мазкурро «сӯиқасди Клайн» ҳам меноманд, ки он бар алайҳи қонуншиканони андоз равона гаштааст. Мазмуни асосии консепсия дар он аст, ки кадом созишномае, ки ин ё он дараҷа барои ҳисоб ё ситонидани андоз мамониат кунад, ҳамчун сӯиқасди андоз маънидод гашта, мутобиқи қонун барои ташкилкунандагонаш ҷазо муқаррар мегардад. Системаи фискалии Британия дар сар то сари Британия татбиқ мешавад - Англия, Шотландия (гарчанде як қатор фарқиятҳои мушаххас бо системаи ягонаи ҳуқуқии Шотландия мавҷуданд), Уэлс, Ирландияи Шимолӣ ва бисёре аз ҷазираҳои хурд дар соҳили Британия. Ғайр аз он, платформаҳои пармакунии нафтиро дар обҳои

территориявии Британияро дар бар мегирад, гарчанде, ки он махсусан ҷазираи Манро истисно мекунад. Яке аз ҷанбаи ҷолиби андози Британия аз он иборат аст, ки он ба зану шавҳар ҳам чун субъектҳои алоҳида муносибат мекунад ва ба онҳо ҳамчун шахсони воқеӣ, ба истиснои ҳадди аққали маблағи андоз аз даромад, андозбандӣ карда мешаванд. Пеш аз он ки онҳо андозҳоро дар Британия пардохт кунанд, ба онҳо лозим аст, ки рақами суғуртаи миллиро дошта бошанд. Ғайр аз ин, ба онҳо лозим меояд, ки барои раводид зинаи 2-юмро дархост кунанд.

То охири соли 2020, Британия ҳамчун як қисми кво (статус-кво) ҳамчун узви Иттиҳоди Аврупо боқӣ мемонад, аз ин рӯ шаҳрвандони минтақаи иқтисодии Аврупо дар ҳоли ҳозир ба ҳардуи ин ҳуҷҷат ниёз надоранд. Ҳарчанд Британияи Кабир расман 31 январи соли 2020 Иттиҳоди Аврупоро тарк кардааст, аз эҳтимол дур нест, ки қоидаҳо дар соли молиявии 2020-21 тағйир дода шаванд. Низоми андози Британия дузинагӣ буда, дар зинаи якум андозҳои федералӣ ва дар зинаи дуюм андозҳои маҳаллӣ амалӣ карда мешаванд. Таърихи ташаккули назорати андоз дар Фаронса ба он оварда расонидааст, ки дар ин мамлакат механизми мушаххаси назорат ва ситонидани андозҳо кор карда баромада шудааст. Сохтори хизматҳое, ки дар раванди ҷамъоварӣ ва назорати андоз ширкат меварзанд, мутлақан марказонида шудааст, зеро ин хизматҳо сохторҳои таркибии Вазорати иқтисодиёт ва молиёти Фаронса (ВИМ) мебошанд. Системаи иҷроиши қонунҳои андоз дар ифшо кардани эъломияҳои бардурӯғ ё нопурра асос меёбад. Ба назари мо, ин система дар шароити Тоҷикистон аз фоида холист, зеро дар амал ҳамаи андозҳои асосӣ дар зинаи фурӯш ҳисоб ва ситонида мешаванд (ААИ, андоз аз фурӯши чакана ва ғ.) ва ӯҳдадории таҳияи эъломияҳои солонаи шахсони воқеӣ дар Кодекси андоз таҳия шуда бошад ҳам, дар амал иҷро нашуда истодааст. Масалан, 1-уми апрели соли 2012 тибқи моддаи 173-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи андозсупорандагон-шахсони воқеӣ мебоист, ки эъломияи андозро доир ба ҳамаи даромадҳои аз тамоми сарчашмаҳо дар соли 2011 гирифтаашон таҳия мекарданд. Аммо чуноне, ки дар Коллегияи Кумитаи андоз аз 6-уми июни 2017 қайд гардид, дар шаҳри Душанбе эъломияҳои мазкурро ҳамагӣ 198 соҳибкор, дар вилояти Суғд 83 нафар пешниҳод кардаанд, дар вилояти Хатлон бошад, 31 нафар пешниҳод накардааст. Бояд қайд кард, ки системаи назорати андоз дар Фаронса аз ҳуқуқи тиҷоратӣ ва молиявӣ вобастагӣ надорад. Қонунгузории андоз ба мақомотҳое, ки қудрати тафтишкуниро доранд, ҳуқуқ медиҳад, ки сохторҳои гуногуни ҳуқӯқиро таҳтишу барқарор кардаа, қарорҳои онҳоро сарфи назар кунад. Ин як амалиёти бо ном «Таъқиби сӯиистеъмоли ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ» баҳисоб меравад. Барои андозсупорандагоне, ки барқасдона аз ситонидани андоз саркашӣ мекунанд, қонунгузории Фаронса ҷазоро дар намуди аз озодӣ маҳрум намудан ба муҳлати то 5 сол ва ҷарима ба маблағи то 500 000 франк муқаррар кардааст. Дар таркиби Идораҳои асосии номбурда шӯъбаҳои назоратӣ фаъолият мекунанд, ки вобаста аз дархости мақомотҳои назоратӣ машваратҳои дахлдор мегузаронанд, рӯйдодҳои нисбатан мураккаби ҷиноятҳои андозро дида мебароянд, усулҳои махсусро барои ифшои ҷиноятҳои андозии калонҳаҷм истифода мебаранд.

Шӯъбаҳои назоратии Идораҳои асосии МФА ҳангоми ҷамъоварии ахбор нисбати ашхоси дар ҷинояти андоз гумонбар чораҳои маъмурӣ ё полисиро татбиқ кардан аметавонанд, зеро ба онҳо ваколати дахлдор дода нашудааст. Аммо ҳангоми саркашӣ кардани андозсупоранда аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва гумонбаршудани ӯ дар пинҳон кардани манбаи андоз ё гумонбар шавад, ки маблағҳои тафтишшавандаро ба хориҷи Швейтсария интиқол намуда, марзи мамлакатро тарк карданист, МФА вазифадор аст, ки чораҳои заруриро истифода барад, яъне аз қабили ғасби ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ғасби суратҳисобҳои бонкӣ, кофтуков ва таъқибу дастгир кардани шахси гумонбар. Истифодабарии таҷрибаи назорати андози давлатҳои хориҷӣ да Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир ногузир ва муҳим мебошад. Зеро ин давлатҳо дар самти назорати андоз таҷрибаи кофӣ дошта, он ба манфиати ин давлатҳо мебошад. Чи хеле аз таҷрибаи давлатҳои Амрико ва Фаронса муайян мегардад дар ин давлатҳо назорати супоридани андозҳо пеш аз ҳама ба худи корпоратсияҳо вогузошта шудааст. Онҳо пешаки эъломияҳои андозро ба мақомотҳои дахлдор саривақт ва пурра пешниҳод менамоянд, ки он ба кори

мақомотҳои назортӣ мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар гузаронидани назорати андоз дар давлатҳои иқтисодиёташон пурзӯр шафофият ҷой дорад.

Барои рушд ёфтани тамоми назоратҳои молиявӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон моро зарур аст, ки мутахасисони варзидаамонро барои омӯзиши ҳуҷҷатгузорӣ, гузаронидани тафтишҳои молиявӣ ва натиҷагирии самараи он ба хориҷа фиристонем то таҷрибаҳои пешқадами бурдани назоратро дар ин давлатҳо омӯзанд.

АДАБИЁТ

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2012.
2. Сомонаи расмии Кумита андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, http: www.andoz.tj
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» (бо назардошти тағйиру иловаҳо ба санаи 01.01.2017).
4. ҚонуниҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳоихоҷагидор дар ҶумҳурииТоҷикистон», ш.Душанбе, 28 июли соли 2006, №194.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», ш.Душанбе, 21 майи соли 1998, №601.
6. ДастурамалиКумитаиандозоид ба гузарониданисанҷишҳоиандоз аз 11-уми марти соли 2013, №706.
7. Грачева Е.Ю., Соколова Э.Д. Налоговое право. М.: Юриспруденция. 2001г.
8. Красницкий В.А. Налоговый контроль в системе налогового администрирования. -М.: Финансы и статистика, 2008.
9. Поролло Е.В. Налоговый контроль: принципы и методы проведения. -М.: Экспертное бюро, 1996.
10. Саидов Р.Н. «Назорат ва тафтиш» (дастури таълимӣ). -Душанбе: «ЭР-граф», 2014.

ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ТАШКИЛИ НАЗОРАТИ АНДОЗ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР АМАЛИЯИ НАЗОРАТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Имрӯзҳо дар ҳамаи мамлакатҳои хориҷӣ масъалаи назорат аз болои дурустии пардохти андозҳоро дастгоҳи махсус – хизматҳои андоз ҳал мекунад, ки аз рӯи сохтори ташкилӣ ва масъулияти маъмуриаш дар давлатҳои алоҳида аз якдигар мувофиқи тараққиёти иқтисодии давлат ва самтҳои сиёсати он фарқ мекунанд. Қайд кардан лозим аст, ки дар бисёрии мамлакатҳои ҷаҳон маъмурият ё нозироти андоз одатан қисми таркибии Вазоратҳои молияи мамлакат мебошад. Ҳозир ин ҳолат имкон медиҳад, ки бисёр вақт онҳо дар таркиби вазоратҳо низ оиди иҷроиши вазифаҳои худ мустақилияти нисбӣ доранд.

Калидвожаҳо: назорати андоз, маъмурикунони, системаи андоз, сиёсати андоз.

ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ ОРГАНИЗАЦИИ НАЛОГОВОГО КОНТРОЛЯ И ЕГО ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В ПРАКТИКЕ НАЛОГОВОГО КОНТРОЛЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Сегодня во всех зарубежных странах вопрос контроля за правильностью уплаты налогов решает специальный аппарат - налоговая служба, которая отличается друг от друга организационной структурой и административной ответственностью в соответствии с экономическим развитием государства и его политикой. Следует отметить, что в большинстве стран мира широкая общественность или налоговая инспекция обычно являются неотъемлемой частью финансовых обязательств страны. В настоящее время такая ситуация позволяет им быть относительно независимыми при выполнении своих обязанностей.

Ключевые слова: налоговый контроль, администрирование, налоговая система, налоговая политика.

FOREIGN EXPERIENCE IN ORGANIZATION OF TAX CONTROL AND ITS USE IN THE PRACTICE OF TAX CONTROL OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Today, in all foreign countries, the issue of control over the correctness of tax payment is decided by a special apparatus - the tax service, which differs from each other in organizational structure and administrative responsibility in accordance with the economic development of the state and its policy. It should be noted that in most countries of the world, the general public or the tax office is usually an integral part of a country's financial obligations. Currently, this situation allows them to be relatively independent in the performance of their duties.

Keywords: tax control, administration, tax system, tax policy.

Сведения об авторе: ***Каюмов Сайфудин Шарифович*** - кандидат экономических наук, доцент кафедры налога и налогообложения Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, просп. Телефон: **901007714**

Умаров Р.Н. **–** магистр второго курса кафедры налога и налогообложения Таджикского национального университета. Телефон: **888228282**

Information about the author: ***Kayumov Sayfudin Sharifovich*** - candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the department of taxes and taxation of the Tajik National University**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ave. Phone: **901007714**

Umarov R.N. – second-year master`s student of the department of taxes and taxation of the Tajik National University. Phone: **888228282**

СИЁСАТИ ГУМРУКӢ ҲАМЧУН ҚИСМАТИ ТАРКИБИИ СОХТОРИ КОРИ ГУМРУКӢ

Файзуллоев У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сиёсати гумрукӣ ин фаъолияти мақсадноки давлат дар самти танзими мубодилаи берунииқтисодӣ (ҳаҷм, сохтор ва шартҳои содирот ва воридот) ба воситаи муқаррар намудани режими гумрукии мувофиқи интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ мебошад. Амалӣ намудани ин чорабиниҳои стратегӣ ҳамеша бо сиёсати гумрукии дар мамлакат амалишаванда, ки он дар навбаи худ қисмати таркибии сиёсати дохили ва хориҷии давлат мебошад алоқамандии зич дорад. Гарчанде ки кодекси гумрукии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дақиқ моҳияти сиёсати гумрукиро муайян намекунад ба таври умумӣ онро ҳамчун низоми чораҳои давлатии иқтисодӣ ва гумрукию-ҳуқуқии танзими тиҷорати беруна, ҳимояи иқтисодиёти миллӣ ва ҳалли вазифаҳои фискалӣ пешниҳод намудан мумкин аст.

Маҷмуи институтҳое, ки дар ташаккулёбӣ ва амалисозии сиёсати гумрукӣ иштирок мекунанд, инчунин шаклҳо ва усулҳои амалисозии он, тартиби аз тарафи мақомоти ваколатдор истифода намудани воситаҳои танзимкунии гумрукӣ моҳияти механизми сиёсати гумрукиро муайян мекунанд. Сиёсати гумрукӣ бояд ба таъмин намудани бехатарии иқтисодӣ мусоидат намояд, ки дар зери он ҳолати иқтисодие фаҳмида мешавад, ки сатҳи кифояи ҳастии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мудофиавӣ ва тараққиёти прогрессивии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дахолатнопазирӣ ва мустақилияти манфитҳои он нисбати хатарҳои имконпазири дохилӣ ва берунӣ ва таъсирҳо кафолат медиҳад. Сиёсати гумрукӣ ба фаъолияти хадамоти гумрукӣ такя мекунад, ки он заминаи институтсионалии амалисозии он мебошад. Дар баробари ин танзими гумрукиро танҳо ба фаъолияти мақомотҳои гумрукӣ шабоҳат додан нодуруст мебошад. Ташаккулёбӣ ва амалисозии сиёсати гумрукӣ раванди мураккаб мебошад, ки дар дохили механизми идоракунии давлатӣ бо иштироки ҳамаи шохаҳои ҳокимият қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ, инчунин доираҳои соҳибкории ҳавасманд равнақ мегирад. Сиёсати гумрукӣ ин қисмати фаъолияти берунииқтисодии давлат ба шумор меравад. Таърихан онро ба сифати шакли аввали танзими давлатии тиҷорати беруна пазируфтан мумкин мебошад. Моҳияти сиёсати гумрукӣ дар қонунгузории гумрукию-тарифӣ, ташкил намудани иттиҳодҳои гумрукӣ, ба имзо расонидани конвенсияҳои гумрукӣ, ташкил намудани минтақаҳои озоди гумрукӣ ва ғайраҳо дидан ифода мегардад. Сиёсати гумрукӣ ин қисмати ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодӣ ва берунитиҷоратии давлат мебошд ва барои он аз мақсадҳо ва вазифаҳои умумии стратегияи иқтисодии ҳукумат вобастагӣ дорад. Ташаккулёбии сиёсати гумрукии ҳамагуна мамлакат ду роҳи муҳим ҳангоми муайян намудани самтҳои он протексионизм ва фритредериро пешбинӣ мекунад. Протексионизм ин сиёсате мебошад, ки ҳимояи саноати худӣ, хоҷагии қишлоқ аз рақобати хориҷӣ дар бозори дохилӣ мебошад. Сиёсати гумрукии протексионистӣ ба ташкил намудани шароитҳои мусоид барои тараққиёти истеҳсолоти ватанӣ ва бозори дохилӣ равона карда мешавад. Мақсадҳои асосии он бо роҳи муқаррар намудани боҷбандии нисбатан баланди гумрукӣ барои молҳои воридотӣ ва маҳдудсозии воридот амалӣ карда мешаванд. Фритредирӣ ин сиёсати савдои озод мебошад. Он ҳамагуна монеъаҳоро дар муносибатҳои берунитиҷоратӣ бартараф намуда бо роҳи минимизатсияи ҳамагуна маҳдудиятҳо барои гардиши тиҷоратӣ таъмин карда мешавад. Ин бошад дар навбати худ ба рушди тиҷорат, мусоидат намудан ба тақсимоти байналхалқии меҳнати нисбатан фоиданок ва таъмин намудани талаботҳои бозор меоварад. Дар фарқият аз протексионизм сиёсати савдои озод дараҷаи минималии боҷҳои гумрукиро пешбинӣ намуда воридоти молҳои хориҷиро ба бозори дохилии мамлакат дастгирӣ мекунад. Воситаҳои асосии амалисозии сиёсати гумрукӣ боҷҳои гумрукӣ, хироҷҳо (танзимкунии тарифӣ ё иқтисодӣ), расмиёти барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ, маҳдудиятҳдои гуногуни гумрукӣ ва расмиётҳое, ки таҷрибаи литсензиякунонии тиҷорати беруна ва квотакунонӣ (танзимкунии ғайритарифӣ ё маъмурӣ) алоқаманд мебошанд.

Дар зери сиёсати гумрукии Ҷумҳури Тоҷикистон бояд низоми чорабиниҳои васеъи сиёсию-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкили ва дигарҳо фаҳмида мешавад, ки ба ҳимояи манфиатҳои иқтисодии дохилӣ ва берунии мамлакат, корхонаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон фаҳмида мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ягонаи гумрукӣ гузаронида мешавад, ки қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва берунии мамлакат мебошад. Дар бештари мавридҳо он ҳамчун пуркунандаи сиёсати дохилии мамлакат ба ҳисоб рафта барои ҳалли бисёр проблемаҳои дохилииқтисодӣ дар соҳаи ташаккулёбӣ ва амаликунии муносибатҳои бозорӣ мусодат мекунад. Идораи умумии кори гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт сиёсати гумрукиро пеш мебарад ва мақомотҳои асосии давлатиро дар ин самт ташкил менамоянд. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо мақсадҳои гумрукӣ татбиқи мустақими вазифаҳоро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ва истифодаи якранги қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳамаи мақомоти гумрук дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд. Таҳияи сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зимаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шуда, режимҳо ва расмиёти гумрукӣ бо кодекси гумуркии Ҷумҳурии Тоҷикситон ва дигар санадҳои меъёрии аз тарафи ҳукумати мамлакат қабулшуда муайян карда мешаванд. Бо назардошти зарурияти васеънамоии равандҳои интегратсионӣ дар тайи чанд соли охир Тоҷикистон нишондиҳандаҳои худро нисбати чораҳои бо созишномаҳои институтсионалӣ вобаста буда, аз ҷумла ташкил намудани кумитаи миллӣ оиди соддагардонии расмиётҳои тиҷорат дар соли 2016 Тоҷикистон сохтори тарифии худро содда намуда ду роҳи тарифиро нигоҳ дошт: аз 5 то 15% ва андоз аз арзиши иловашудаи 18% барои ҳамаи молҳои воридотӣ. Соли 2012 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври расмӣ ба СУС қабул шуда, аъзои 159-уми комилҳуқуқӣ гардид. Дар робита бо ин дар мамлакат ҳамоҳагсозии номеклатураи гумрукӣ гузаронида шуд. Мақсади асосии сиёсати гумрукии дилхоҳ давлат таъмини манифиатҳои иқтисодии он мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин маврид истисно намебошад ва ба сифати мақсадҳои он ҷудо намудан мумкин мебошад.

- таъмини истифодабарии нисбатан самараноки воситаҳои назорати гумрукӣ ва танзими мубодилаи молҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- иштирок дар амалисозии вазифаҳои тиҷоратию-сиёсӣ оиди ҳимояи бозори дохилӣ;
- ҳавасмандсозии тараққиёти иқтисодиёти миллӣ;
- мусоидат намудан ба азнавсозии сохторӣ ва дигар вазифаҳои сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

АДАБИЁТ

1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе 2010.
2. Оймаҳмадов М. Асосҳои фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе соли 1998.
3. Катаев А.Х., Раљабов Р.К. «Экономика таможенного дела». -Душанбе, 2001.
4. Козырин А.Н. Таможенный режим. Учебное пособие. -М.,2009.
5. Раджабов Р.К., Факеров Х.Н. Краткий курс по работе таможни. -Душанбе: ТГУК, 2001.
6. Раджабов Р.К. Организация таможенного контроля товаров и транспортных средств. -Душанбе: Ирфон, 2003.

СИЁСАТИ ГУМРУКӢ ҲАМЧУН ҚИСМАТИ ТАРКИБИИ СОХТОРИ КОРИ ГУМРУКӢ

Ин мақола сиёсати гумрукиро ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ баррасӣ мекунад. Сиёсати гумрукӣ қисми муҳими сохтори тиҷорати гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ҳамчун фаъолияти мақсадноки мақомоти гумрук дар танзими мубодилаи савдои хориҷӣ дарк карда мешавад. Доштани доираи васеи асбобҳо дар ихтиёри худ, мақомоти ваколатдор дар соҳаи гумрук метавонад ҳам ҳаҷм ва ҳам сохтори савдои хориҷиро ба танзим дарорад ва ба ин васила ба шароити савдо таъсир расонад. Бояд қайд кард, ки сиёсати гумрукӣ ҷузъи таркибии сиёсати иқтисодии дохилӣ ва хориҷии кишвар мебошад, ки ба ҳимояи манфиатҳои иқтисодии кишвар ва таъмини амнияти иқтисодӣ нигаронида шудааст. Дар робита ба ҳамгироии фаъоли кишвар ба равандҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, ки дар иштироки кишвар дар блокҳои гуногуни минтақавии иқтисодӣ ва ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ, аз ҷумла Созмони Умумиҷаҳонии Савдо зоҳир мешавад, аҳамияти сиёсати гумрукӣ меафзояд. Инчунин, дар ташаккули сиёсати гумрукӣ ба проблемаи тавозуни манфиатҳо ва афзалият ба сиёсати протексионизм ё тиҷорати озод дар барқарор кардани муносибатҳо бо ҷаҳони беруна аҳамияти калон дода мешавад.

Калидвожаҳо: сиёсати гумрукӣ, протексионизм, савдои озод, боҷи гумрукӣ, расмиёти гумрукӣ, танзими тарифҳо.

ТАМОЖЕННАЯ ПОЛИТИКА КАК СОСТАВНАЯ ЧАСТЬ СТРУКТУРЫ ТАМОЖЕННОГО ДЕЛА

В данной статье рассматривается таможенная политика как составная часть государственной политики в сфере внешнеэкономической деятельности. Таможенная политика является наиболее значимой частью структуры таможенного дела в Республики Таджикистан, под которой понимаются целенаправленная деятельность таможенных органов в деле регулирования внешнеторгового обмена. Имея широкий круг инструментария в своем распоряжении, уполномоченный орган в области таможенного дела может регулировать как объем, так и структуру внешней торговли тем самим влияем на условия торговли. Необходимо отметить, что, таможенная политика является неотъемлемой частью внутренней и внешней экономической политики страны, которая направлена на защиту экономических интересов страны и обеспечение экономической безопасности. В связи с активной интеграции страны, в мирохозяйственные процессы проявляющиеся в участии страны в различных региональных экономических блоков и международных экономических организации, в частности Всемирной торговой организации, возрастает значимость таможенной политики. Также огромное значение при формировании таможенной политики отводится проблеме баланса интересов и предпочтения политики протекционизма или свободной торговли при построении взаимоотношения с внешним миром.

Ключевые слова: таможенная политика, протекционизм, свободная торговля, таможенные пошлины, таможенные процедуры, тарифное регулирование.

CUSTOMS POLICY AS AN INTEGRAL PART OF THE STRUCTURE OF THE CUSTOMS BUSINESS

This article examines customs policy as an integral part of state policy in the field of foreign economic activity. Customs policy is the most significant part of the structure of the customs business in the Republic of Tajikistan, which is understood as the purposeful activity of customs authorities in the regulation of foreign trade exchange. Having a wide range of tools at its disposal, the authorized body in the field of customs can regulate both the volume and structure of foreign trade, thereby influencing the terms of trade. It should be noted that customs policy is an integral part of the country's domestic and foreign economic policy, which is aimed at protecting the country's economic interests and ensuring economic security. In connection with the active integration of the country into the world economic processes manifested in the country's participation in various regional economic blocs and international economic organizations, in particular the World Trade Organization, the importance of customs policy is increasing. Also, great importance in the formation of customs policy is given to the problem of the balance of interests and preference for the policy of protectionism or free trade in building relationships with the outside world.

Keywords: customs policy, protectionism, free trade, customs duties, customs procedures, tariff regulation.

Сведения об авторе: ***Файзуллоев Умед Абдухоликович*** - магистр 2-го курса специальности мировая экономика. Телефон: **(+992) 989101210.** E-mail: **FaizullOev@mail.ru**

Information about the author: ***Fayzulloev Umed Abdukholikovich*** - 2nd year master`s student of the specialty world economy. Phone: **(+992) 989101210**. E-mail: **FaizullOev@mail.ru**

БОНКДОРИИ МОБИЛӢ ВА РУШДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳамидов Э.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мафҳумҳои “иқтисодиёти электронӣ” ва “ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ” ҳарчанд муосиру навгонӣ ба ҳисоб раванд ҳам, дар иқтисодиёти ҷаҳон, хоса кишварҳои рушдкарда чандон чизи муқаррарӣ нест. Аз интишору ҷорӣ кардани аввалин корти бонкӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон имрӯз беш аз 100 сол пушти сар гашта, интернет-банкингу дигар ҳисоббаробаркуниҳои электрониро башарият анқариб ним аср боз истифода мекунанд. Таърихи муомилаҳои пулии аз мӯҳраҳои шишагию тангаҳои тилло оғоз шуда, бо ворид шудани интернет ва технологияҳои электронӣ ба зиндагии рӯзмарра, имрӯз саҳафоти наву ҷолиберо мекушоянд. Башарият дар ҷаҳони муосир дар зинаи нави тараққиёт, яъне даст кашидан аз истифодаи пул дар шакли тиллову дигар металҳои қиматбаҳо ва ҳатто пулҳои қоғазӣ қарор дошта, ба ҷойи онҳо муомилотро бо “пулҳои электронӣ” авлотар мешуморанд.

Бонкдории мобилӣ ин истифодаи хидматрасониҳои бонкӣ ба воситаи Интернет ва телефон мебошад. Ин намуди бонкӣ охири солҳои 90-уми асри 19 дар ИМА пайдо шуда буд. Минбаъд дар аксари бонкҳои дунёи мутамаддин хидматрасонии Бонки мобилӣ иҷро

шудани амалҳои зеринро осон мегардонад: дидани тавозун ва бақияи маблағ дар суратҳисоб, фаъол намудан, ё қатъ намудани кортҳои бонкӣ ва ё суратҳисоби бонкӣ, интиқоли маблағ байни суратҳисоби картагӣ ва суратҳисоби амонатӣ, интиқоли маблағ аз суратҳисоби кортӣ ба суратҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бонки дилхоҳ, интиқоли маблағ ба кортҳои пардохтии VISA ва кортҳои пардохти миллӣ (барои иҷрои кор танҳо шумораи корти пардохтии пулгирандаро донистан кифоя аст), ташкил намудани фармоиши пардохтӣ аз рӯи мушаххасоти бонкии муштарӣ. Афзалияти хидматрасонии Бонкдории мобилӣ аз хидматрасониҳои анъанавии бонкӣ (барои осон анҷом додани амалиёти бонкӣ) чунин аст: идора намудани суратҳисоб аз роҳи дур дар вақти дилхоҳ, сарфаи вақти омадурафт ба бонк, набудани маблағи иловагӣ (ҳаққи кор) ҳангоми пардохти хидматрасониҳои коммуналӣ, ширкатҳои телефонӣ ва таъминкунандагони интернет; фавран ба низоми бонкӣ пайваст шудан; бехатарии идоракунии суратҳисоб. Тарзи пайвастшавӣ ба Бонкдории мобилӣ чунин сурат мегирад: муштарии бонк барои пайвастан ба хидматрасонии Бонкдории мобилӣ ба шуъбаи бонке, ки дар онҷо барояш хидмат мерасонанд, бо ариза мурочиат мекунад. Баъзе бонкҳо барои пайвастани муштариён ба ин намуди хидматрасонӣ аз сомонаи худ истифода мебаранд [1,с.10]. Қариб ҳамаи ташкилотҳои қарзии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятдошта дорои ҳамёнҳои электронии худ буда, тавассути он навъҳои муайяни хизматрасониҳои фосилавӣ аз ба монанди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, пардохти маблағ, идора ва назорати мунтазами суратҳисоби бонкӣ ва дигар хизматрасонҳои электрониро пешниҳод менамояд. Бонкдории мобилӣ натанҳо барои хизматрасониҳои бонкии зикргардида, балки барои хуриду фурӯши молу маҳсулотҳо низ муфид мебошанд. Бояд гуфт, ки дар чунин маврид барои анҷом додани амалиётҳои бонкӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо тавассути ҳамёнҳои электронӣ нақши интернет аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Зеро дар сурати пайваст набадуни смартфон (смартфоне, ки дар он ҳамёни электронӣ фаъол аст) ба интернет ягонхел амалиёти бонкӣ ва ҳисоббаробаркунӣҳо тавассути ҳамёни электронӣ имкон надорад. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, рушди босуръати низоми бонкӣ ва авҷ гирифтани рақобатҳо миёни субъектони бозор, хусусан миёни ташкилотҳои қарзӣ, ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ кушиш карда истодаанд, ки хизматрасониҳои худро дар шаклҳои оддӣ ва соддатарини ба ҳамаи мизоҷон мувофиқу дастрас ба роҳ монанд. Барои ин ташкилотҳои қарзӣ ба ғайр аз хизматрасонии ҳамёни электронӣ SMS –банкингро низ ба мизоҷони худ пешниҳод карда истодаад. Хизматрасониҳои мазкур ба ҳамаи мизоҷон метавонанд дастрас ва мувофиқ бошанд. Зеро ин навъи хизматроасонии бонкӣ метавонад тавассути оддитарин телефони мобилӣ сурат гирад. Хизматрасонии SMS – банкинг ба хизматрасониҳои ҳамёни электронӣ монанд буда, дар он ҳамаи амалиётҳо тавассути SMS –хабарҳо сурат мегирад. Дар ин маврид мавҷудияти интернет зарур набуда, танҳо истифодаи дурусти хизматрасониро тақозо менамояд. Амалиётҳои бонкӣ тавассути хизматрасонии бонкӣ танҳо бо рақаме анҷом дода мешавад, ки он дар ташкилоти қарзӣ ба қайд гирифта шуда бошад. Бо рақаме, ки дар бонк барои иҷрои амалиётҳои SMS – банкинг ба қайд гирифта нашудааст, ягонхел амалиёти бонкию пардохти анҷом дода намешавад [2. санаи мурочиат 26.09.2020]. Иҷрои амалиётҳои фосилавии бонкӣ аз назари қонунгузорӣ дур набуда, дар банди 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ (Бо қонуни ҶТ аз 07.08.2020 № 1723) чунин оварда шудааст: “- нисбат ба амалиётҳое, ки ба воситаи кортҳои кредитӣ, дебетӣ, пешпардохт, инчунин ҳамёнҳои электронӣ амалӣ мегарданд, агар дар ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки барои анҷом додан ва ба расмият даровардани (ба ҳисоб гирифтани) амалиёт асос мебошанд, оид ба рақами воситаҳои пардохт иттилоъ дарҷ шуда бошад. Истиснои муқаррарнамудаи банди мазкур ба амалиётҳои нақдгардонии маблағ, пардохта мол ва хизматрасониҳо, инчунин дигар пардохтҳо, ки тавассути терминалҳо, банкоматҳо ва таҷҳизоти дигари электронии пардохтӣ андом дода мешаванд, дахл дошта, ба ҳолатҳое, ки воситаҳои электронии пардохтӣ барои амалӣ намудани интиқоли маблағ тавассути низомҳои пардохтӣ истифода мешаванд, татбиқ намегардад.”

Дар ин радиф ташкилотҳои қарзиро зарур меояд, ки хизматрасониҳои электронии худро дар шакли оддӣ ва мувофиқ ба талаботи мизоҷон ба роҳ монанд. зеро асосӣ фаъолияти ҳамаи ташкилотҳои қарзиро мизоҷони онҳо ташкил дода, даромад ва фоида низ аз мизоҷон вобастагӣ дорад [3,с.8].

АДАБИЁТ

1. Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санаи 30 сентябри соли 2019.
2. http://nbt.tj/tj/payment_system/overview.php.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ (Бо қонуни ҶТ аз 07.08.2020 № 1723).

БОНКДОРИИ МОБИЛӢ ВА РУШДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаи асосии ин хизматрасонҳои муосири ташкилотҳои қарзӣ буда, аҳамияти аввалиндараҷа ба пешниҳоди хизматрасониҳои электронии ба мизоҷон мувофиқ дода шудааст. Инчунин хизматрасониҳои мобилии бонкӣ таҳлил гардида, ташкил ва пешниҳоди ҳамёнҳои электронӣ ба мизоҷон аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ барои беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои бонкӣ афзалият дода шудааст.

Калидвожаҳо: хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, интернетбанкинг, бонкдории мобилӣ, иқтисодиёти рақамӣ.

МОБИЛЬНЫЙ БАНКИНГ И ЕГО РАЗВИТИЕ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Данная статья посвящена вопросам дистанционного банковского обслуживания клиентов, ее тенденции и динамика. Рассмотрены возможности использования, положительные и отрицательные стороны сервисов интернет-банкинга и мобильного-банкинга для банка и для клиента.

Ключевые слова: дистанционное банковское обслуживание, нтернетбанкинг, мобильный-банкинг, цифровая экономика.

MOBILE BANKING AND ITS DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is devoted to the issues of remote banking customer service, its trends and dynamics. The possibilities of using the positive and negative aspects of Internet banking and mobile banking services for the bank and for the client are considered.

Keywords: remote banking, internet banking, mobile banking, digital economy.

Сведения об авторе: ***Хамидов Эхсониддин Амирхонович*** - магистр технологии и информационных систем в экономике ТНУ. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992)903333509**

Information about the author: ***Hamidov Ehsoniddin Amirkhonovich*** – master`s student of Technology and Information Systems in Economics of TNU. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992)903333509**

РУШДИ БОЗОРИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳусайнов М.Н., Шамсуллоев Ш.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавриди зикр аст, ки суғурта ҳамчун низоми ҳимоя ва дастгирии манфиатҳои шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ дар самти таъмини бехатарии ҳаёт, саломатӣ ва молу мулк унсури асосии иҷтимоию иқтисодии ҷомеъа ба ҳисоб рафта, барои пешрафти соҳаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии халқ муҳим арзёбӣ мегардад.

Суғурта ба амалишавии принсипи тақсимоти зарарҳои тарафайн байни суғурташаванда ва суғуртакунанда равона карда шуда, ҳамзамон дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳамчун яке аз намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва гирифтани фоида баҳисоб меравад. Дар ин замина дар қатори соҳаҳои дигари иқтисодиёт яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳот дар мамлакат рушди бахши суғурта маҳсуб меёбад. Зеро муҳити имрӯзае, ки мо дар он ҳаёт ва фаъолият менамоем, пур аз ҳодисаҳои ғайричашмдошт аз қабили обхезӣ, сухтор, заминларза, садамаҳо, муфлисшвӣ ва дигар ҳолатҳо мебошад ва ба вуқӯъ омадани онҳо боиси расидани зарари зиёди моддӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, бо мақсади муайян намудани тамоюли рушди бозори

хизматрасониҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот оид ба нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳа, аз ҷумла: сатҳи афзоиши шумораи ташкилотҳои суғурта, ҳаҷми суғуртавии воридгардида, пардохти ҷуброни суғуртавӣ, миқдори шартномаҳои ба тасвиб расонидашуда, сармояи ташкилотҳои суғуртакунанда, фонди оинномавии онҳо дар давоми нуздаҳ соли охир (2001-2019) мавриди таҳлили муфассал қарор дода шуд. Чуноне ки қайд намудем, ташаккули бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Тоҷикистон бо таъсиси аввалин ташкилоти суғуртакунандаи ғайридавлатии “Муин” соли 1992 рост меояд ва баъдан дар соли 1995 ташкилоти давлатии “Тоҷиксармоягузор” ташкил карда шуд. Ҳамин тавр, то соли 2003 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 4 ташкилоти суғуртавӣ фаъолият намуда, ҳаҷми умумии ҳаққи суғуртавӣ 4,6 млн. сомониро ташкил намуд, ки аз ин 1,4 млн. сомонӣ барои пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ масраф шуда, ҳаққи суғуртавӣ ба ҳар сари аҳолӣ ба 0,76 сомонӣ баробар гардида буд. Баъд аз соли 2003 нишондиҳандаҳои бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Тоҷикистон тамоюли афзоиш дошта, дар ин сол ҳаҷми умумии ҳаққи суғуртавии ҷамъгардида якбора 8,6 млн. сомонӣ зиёд гардидааст, ки тамоюли афзоиш 2,9 маротибаро ташкил медиҳад. Соли 2004 аз нигоҳи мо оғози марҳилаи рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Тоҷикистон дониста мешавад. Дар соли 2004-ум шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ якбора бо маротиб зиёд гардида, ба 10 адад баробар шуд ва дар солҳои минбаъда низ тамоюли афзоиш дошт. Дар якуми январи соли 2019 шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ ба 19 адад баробар гардид, ки аз ин 2 ташкилот давлатӣ ва 17 ташкилоти ғайридавлатӣ фаъолият дошта, дар ин давраи таҳқиқшаванда субъектҳои бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Тоҷикистон 15 адад ва ё 4,75 маротиба нисбат ба соли 2001 зиёд шудаанд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии бозори хизматрасониҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2001-2019

Солҳо	Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ	Ҳаҷми умумии ҳаққи суғуртавӣ, ҳазор сомонӣ	Пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ, ҳазор сомонӣ	Ҳиссаи пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ нисбат ба ҳаққи суғуртавӣ, бо %
2001	4	3403,8	1303,5	38,3
2002	4	4612,5	1400,9	30,4
2003	5	13296,2	2515,2	18,9
2004	10	15719,1	4296,6	27,3
2005	11	24578,8	6861,7	27,9
2006	14	69053,4	7653,3	11,1
2007	14	99408,6	6622,7	6,7
2008	14	71284,4	8242,8	11,6
2009	16	57797,7	12876,5	22,3
2010	17	106532,0	15834,4	14,9
2011	17	115746,3	16816,7	14,5
2012	17	118974,1	17715,1	14,9
2013	17	121818,6	18352,3	15,1
2014	16	123954,2	20702, 1	16,7
2015	16	134643,2	22043,1	16,4
2016	16	135145,1	22134,8	16,4
2017	19	235884,7	11551,6	4,9
2018	19	234202,6	10618,2	4,5
2019	19	234272,2	15278,2	6,5

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОНПҶТ, 2019. – С. 195. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон www.nӣt.tj. Ҳисоби муаллиф.

Ҳамин тавр, гарчанде ҳаҷми умумии ҳаққи суғуртавӣ дар давоми солҳои таҳқиқшаванда бо маром зиёд гардида бошад, ҳам суръати афзоиши пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ хеле нокифоя мебошад. Бо вуҷуди ин,

чунин тамоюли афзоиш характери устувор надорад, зеро сабабҳои гуногуни иқтисодӣ-молиявӣ ва сиёсӣ, аз ҷумла буҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ (ба мисли солҳои 2008-2009-ум, вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити паҳнгардидани бемории COVID-19 ва ғайраҳо) ба сатҳи даромадҳои пулии аҳолии мамлакат таъсир мерасонанд. Солҳои охир рушди устувори иқтисодиёти мамлакат дар баробари тадбирҳои амалинамудаи давлат дар самти ислоҳоти бахши суғурта ба рушди босуръати он мусоидат намуд, ки динамикаи мусбии нишондиҳандаҳои асосии бозори суғурта шаҳодати он мебошад. Аммо бо вуҷуди ин, дар мамлакат бозори суғуртаи ҳаёт ва дигар намудҳои суғуртаи дарозмуддат нокифоя рушд ёфтаанд [9]. Ба назари мо яке аз сабабҳои нокифоягии пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама, дар сатҳи зарурӣ танзим нагардидани фаъолияти субъектҳои бозори номбурда (суғуртакунандагон) аз тарафи идораи назорати суғуртавӣ мебошад. Илова бар ин, нобоварӣ ба ташкилотҳои суғуртакунанда, сатҳи ниҳоятан пасти саводнокӣ ва маърифати суғуртавии аҳолӣ, норасогии мутахассисони касбӣ дар баҳо додани ҳодисаҳои суғуртавӣ, ташаккул нагардидани зерсохтори бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар мамлакат мушкилоти андозбандии суғуртакунандагон асос ба он мегардад, ки пардохтҳои суғуртавии воридгардида барои рӯйпӯш намудани хароҷотҳои ғайриасосӣ масраф мегарданд. .[3]. Нишондиҳандаи дигаре, ки ҳолати воқеии фаъолияти бозори хизматрасониҳои суғуртавиро муайян мекунад, ба назари мо, ҳаҷми пардохтҳои ҳаққи суғуртавӣ нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва ба ҳар сари аҳолии мамлакат мебошад. Дар ин самт тайи солҳои таҳқиқшаванда ҳаҷми пардохтҳои ҳаққи суғуртавӣ нисбат ба ММД ҳамагӣ 0,18 % афзоиш ёфта, дар соли 2019 ба 0,31 фоиз баробар гардидааст, ки назар ба мамлакатҳои минтақа хеле ночиз аст (ҷадвали 2).

Ҳамчунин, суръати рушди бошиддати ҷамъоварии ҳаққи суғуртавӣ дар ҷамъбасти соли 2017 ба қайд гирифта шудааст. Дар ин давра андозаи ҳаққи суғуртавӣ нисбат ба соли 2016 якбора 111,9 млн. сомонӣ ё 1,9 маротиба зиёд гардидааст. Бо баробари рушди ММД дар Тоҷикистон ҳаҷми ҳаққи суғуртавӣ низ боло рафта, соли 2019 дар муқоиса ба соли 2011 ин тамоюл 1,8 маротиба зиёд гардидааст ва нисбати соли 2001-ум 189,9 маротиба афзоиш ёфтааст. Тавре аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, воридоти ҳаққи суғуртавии ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ дар соли 2018 234,2 млн. сомониро ташкил дода, пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ дар ин давра ҳамагӣ 11 млн. сомониро ташкил дод, ки 5%-и ҳаҷми умумии воридоти ҳаққи суғуртавиро дар бар мегирад.

Ҳамчунин, андозаи ҳаққи суғуртавии пардохтшуда дар соли 2001 ба ҳар сари аҳолии мамлакат аз 0,53 сомонӣ ба 25,40 сомонӣ дар соли 2019 афзоиш ёфтааст, ки дар нуздаҳ соли ҳисоботӣ тақрибан 50 маротиба зиёд гардидааст. Дар ин самт тамоюли афзоиши ҳаққи суғуртавии пардохтшуда ба ҳар сари аҳолӣ баъд аз соли 2010 мушоҳида мегардад ва баъд аз шомил гардидани идораи назорати суғуртавӣ ба сохтори таркибии Бонки миллии Тоҷикистон ин нишондиҳанда тақрибан як маротиба афзоиш ёфтааст. Ба андешаи мо дар ин самт низ танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ нақши калидӣ дорад.

Ҷадвали 2. Ҳаҷми пардохтҳои ҳаққи суғуртавӣ нисбат ба ММД ва ба ҳар сари аҳолӣ дар давоми солҳои 2001-2019

Солҳо	Ҳаққи суғуртавӣ (ҳазор. сомонӣ)	ММД (млн. сомонӣ)	Ҳаққи суғуртавӣ нисбат ба ММД бо %	Шумораи аҳолии доимӣ (ҳаз. нафар)	Ҳаққи суғуртавӣ ба ҳар сари аҳолӣ, (сомонӣ)
2001	3403,8	2 563,3	0,13	6375,5	0,53
2002	4612,5	3 375,3	0,13	6506,5	0,70
2003	13296,2	4 786,1	0,27	6640,0	2,21
2004	15719,1	6 167,2	0,25	6780,4	2,31
2005	24578,8	7 206,6	0,34	6 920,3	3,55
2006	69053,4	9 335,2	0,73	7063,8	9,77
2007	99408,6	12 804,4	0,77	7215,7	13,77
2008	71284,4	17 706,9	0,40	7373,8	9,67

2009	57797,7	20 622,8	0,28	7529,6	7,67
2010	106532,0	24707,1	0,43	7 621,2	13,97
2011	130159,5	30071,1	0,43	7807,2	16,67
2012	134643,2	36163,1	0,37	7987,4	16,86
2013	135145,1	40525,5	0,33	8161,1	16,56
2014	118974,1	45606,6	0,26	8352,0	14,24
2015	121818,6	48408,7	0,25	8551,2	14,25
2016	123954,2	54479,1	0,23	8742,8	14,18
2017	235884,7	61093,6	0,39	8931,2	26,41
2018	234202,6	68844,0	0,34	9121,7	25,68
2019	234272,2	77354,7	0,31	9226,5	25,40

Сарчашма: Тоҷикистон: 15 соли истиқлолияти давлатӣ. - Душанбе, 2006. Омори солона. – Душанбе: АОНПҶТ

Дар робита ба масъалаи мавриди назар ба хулосае омадем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ аз соли 1992 оғоз гардида, дар ин давраи таҳқиқотӣ нисбати баъзе аз нишондиҳандаҳо тамоюли рушд дошт ва аз нигоҳи мо дар ояндаи наздик низ ҳамчун як соҳаи кафолатдиҳандаи манфиатҳои шахсиву амволии шаҳрвандон, субъектҳои хоҷагидор ва давлат тараққиёти босубот хоҳад намуд.

АДАБИЁТ

1. А. Сатторӣ. Тоҷиксуғурта: таърих ва дастовардҳо. –Душанбе: “Кайҳон”, 2016. - 309 с.
2. Ашуров Ғ.Д. Асосҳои суғурта. Воситаи таълимии визуалӣ / Ғ.Д. Ашуров. -Душанбе: «Файзи борон», 2020. -60 с.
3. Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасонии суғуртавӣ: монография / Ғ.Д. Ашуров. -Душанбе: «Файзи борон», 2020. – 260 с.
4. Рузиев А.Б. Формирование рынка страховых услуг в сельском хозяйстве Таджикистана: дис… кан. экон. наук по спец. 08.00.05. -Душанбе, 2011. -165 с.
5. Раҳимов З.А., Ҷӯраев Ш.Ҷ., Абдуллоев А.Х. Васоити таълимӣ аз фанни «Суғурта». –Душанбе, 2006.
6. Фақеров Ҳ.Н., Ашуров Ғ.Д. Нақши таҳсилот ва илм дар рушди низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе: «Сумани қудрат», 2019. № 3 (28). ISSN 2308-054X. 8-12.
7. Шахов В.В. Страхование: Учебник для вузов. -М.: ЮНИТИ, 2003.
8. Шахов, В.В. Страхование: учебник для вузов / В.В. Шахов. – М.: ЮНИТИ, 2003. – 311 с.
9. Ҳусайнов М.Н., Розиев Д.А. Самтхои афзалиятноки рушди суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чалби сармояи хоричи ба ин соҳа// Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иқтисодӣ. –Душанбе, 2017. -№2/4. -С.49-51.

РУШДИ БОЗОРИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллифон мубрамӣ будани вазъи муосири бозори суғуртаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, вазъи соҳаи мазкурро таҳлилҳои амиқ намуданд. Мавриди зикр аст, ки суғурта ҳамчун низоми ҳимоя ва дастгирии манфиатҳои шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ дар самти таъмини бехатарии ҳаёт, саломатӣ ва молу мулк унсури асосии иҷтимоию иқтисодии ҷомеъа ба ҳисоб рафта, барои пешрафти соҳаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии халқ муҳим арзёбӣ мегардад. Суғурта ба амалишавии принсипи тақсимоти зарарҳои тарафайн байни суғурташаванда ва суғуртакунанда равона карда шуда, ҳамзамон дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳамчун яке аз намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва гирифтани фоида баҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: бозори суғурта, суғуртакунонӣ, хизматрасониҳои суғуртавӣ, рушди суғурта, рақобатпазирӣ, зарари суғуртавӣ, тарифи суғуртавӣ, фаъолияти суғуртавӣ, рекламаи суғурта.

РАЗВИТИЕ СТРАХОВОГО РЫНКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье авторы рассмотрели актуальность современного состояния страхового рынка в Республике Таджикистан и изменили ситуацию в данной отрасли. Следует отметить, что страхование, как система защиты и поддержки интересов физических и юридических лиц в области обеспечения безопасности жизни, здоровья и имущества является основным социально-экономическим элементом общества и считается важным для развития экономики и сельского хозяйства. Страхование ориентировано на реализацию принципа взаимного распределения убытков между застрахованным и страхователем, одновременно в условиях рыночной экономики как одного из видов предпринимательской деятельности, так и получения прибыли.

Ключевые слова: рынок страхования, страхование, страховые услуги, развитие страхование, конкурентоспособность, страховое повреждение, страховой тариф, страховая деятельность, страховая реклама.

DEVELOPMENT OF THE INSURANCE MARKET IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the authors considered the relevance of the current state of the insurance market in the Republic of Tajikistan and changed the situation in this industry. It should be noted that insurance, as a system of protection and support

of the interests of individuals and legal entities in the field of ensuring the safety of life, health and property, is the main socio-economic element of society and is considered important for the development of the economy and agriculture. Insurance is focused on the implementation of the principle of mutual distribution of losses between the insured and the policyholder, at the same time in a market economy as one of the types of business activity, and making a profit.

Keywords: insurance market, insurance, insurance services, insurance development, competitiveness, insurance damage, insurance rate, insurance activity, insurance advertising.

Сведения об авторах: ***Хусайнов Манучехр Нуруддинович***- к.э.н., старший преподаватель кафедры финансы и страхование Таджикского национального университета. **Телефон 989-12-13-18, 93-107-13-18.** E-mail: **manu-nuri@mail.ru**
***Шамсуллоев Шамсиддин Саидумарович*-** магистрант 2-го курса по специальность 25010410-финансы и кредита Таджикского национального университета

Information about the author: ***Husaynov Manuchehr Nuruddinovich*** – Senior lecturer of the Department of Finance and Insurance, Tajik National University. Phone: **989-12-13-18, 93-107-13-18.** E-mail**: manu-nuri@mail.ru**
***Shamsulloev Shamsiddin Saidumarovich* –** second-year master`s student, specialty 25010410-Finance and credit, Tajik National University

САМТҲОИ ТАКМИЛИ АНДОЗБАНДӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ КИШОВАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қаюмов С. Ш., Шарифов Ҷ.Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Чи тавре, ки дар боло қайд намудем дар солҳои охир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва рушди бахшҳои гуногуни кишоварзӣ 17 барномаи давлатӣ қабул гардида, ба соҳаи кишоварзӣ маблағҳои буҷавӣ ва грантӣ равона шудааст. Ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзӣ то ба имрӯзҳо 15 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи беш аз як миллиард сомонӣ амалӣ гардида, танҳо дар 5 соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо бо дарназардошти қарзҳои имтиёзноки додашуда 2 миллиарду 340 миллион сомонӣ маблағҳо равона шудаанд. Айни ҳол боз 16 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 1,2 миллиард сомонӣ мавриди татбиқ қарор дорад. Барои таъмини амнияти озуқавории кишвар татбиқи чорабиниҳои мушаххас доир ба истифодаи оқилонаи обу замин, баланд бардоштани ҳосилнокии он, аз заминҳои обӣ гирифтани ду-се ҳосил, инчунин ҷорӣ намудани шаклҳои муосири ташкиливу ҳуқуқии хоҷагидорӣ зарур аст.

Низоми андоз яке аз механизмхои асосии танзими иктисодии рушди хамаи бахшхои иктисодӣ, аз чумла кишоварзӣ буда, номукаммалии он ба беҳбудии ҳолати аҳолии мамлакат таъсир мерасонад. Барои Тоҷикистон рушди мақсаднок ва амалкунии хамаи соҳаҳои комплекси агросаноатӣ хеле муҳим мебошад, ки ба ин ҳамаи шароитҳо ва заминаҳо муҳайёанд. Аммо кишоварзӣ звенои нисбатан заиф дар низоми комлекси агросаноатӣ мебошад, ки бо якчанд қатори омилхо муайян шудаанд. Нисбатан омилҳои муҳим инхо ба ҳисоб мераванд: қафомонии заминаҳои моддӣ-техникӣ, ихтисори якбораи захираҳои дохилии соҳа, шуруъи заифи имкониятҳои он, сатҳи хеле пасти мутобиқшавии кишоварзӣ ба шароитҳои гарони муҳити бозорӣ. Гуногунияти шароитҳои табиӣ-иклимӣ ва мавсимияти истеҳсолот, ки зарурияти ташаккул ва рушди низоми ҳимояи молистеҳсолкунандагони кишоварзиро тақозо менамояд. Мавсимӣ будани истеҳсолоти кишоварзӣ ба таври объективӣ ба пастравии нархи маҳсулоти он дар марҳилаи аввали истеҳсол ва зудвайроншавии он бошад имкон намедиҳад, ки маҳсулот захира ё нигоҳ дошта шавад, аз ин ҷост фуруши он дар муҳлати маҳдуд ва нисбатан бо нархҳои паст амалӣ карда мешавад. Ин мавсимият боиси афзоиши нарх ба захираҳои моддӣ- техникӣ ва хадамоти пешниҳодшавандаи ба кишоварзӣ зарурбударо замина мегардад. Сатҳи паст ва қисман номумкин будани инҳисорият дар соҳаи кишоварзӣ, дар муқоиса бо дараҷаи баланди инҳисорият дар таъминкунандагони захираҳо ва соҳаҳои хизматрасонӣ ҷой дорад.

Ҷолибияти заифи кишоварзӣ барои инвесторон дар асоси хусусиятҳон раванди азнавистеҳсолии он. Дар соҳаи кишоварзӣ асосан зудбоздеҳии сармояи гузошташударо интизор шудан номумкин аст, муҳлати аз ҳама камтарин як сол мебошад. Ғайр аз ин, вобастагии баланди кишоварзӣ аз шароитҳои табиӣ-иклимӣ ҷой дорад, ки гирифтани даромади нақшавиро кафолат намедиҳад. Ҳамчунин, пешакӣ ва ба таври аниқ муайян кардани ҳачм ва андозаи ин самара ғайриимкон мебошад. Аз сабаби он ки маҳсулоти кишоварзӣ асосан махсулоти истеъмолӣ мебошад, яъне новобаста ба худи одам ва ҳаёти он вобаста аст, бинобар ин аз ҷихати экологӣ тоза будани он аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Чуноне, ки маълум аст, харoҷотҳо барои экология боздеҳии пулӣ ва моддӣ надоранд. Он дар беҳгардии ҳаёт ва саломатии одамон намудор мегардад. Тоҷикистон ҳолати ҷойгиршавии номусоиди геополитикӣ ва географиро дорост. Танҳо алоқаҳои наклиётӣ-иқтисодии он бо давлатҳои дар ҷониби шимол ҷойгиршуда нисбатан рушд ёфтаанд. Барои алоқаҳои дохилии нақлиётӣ-иқтисодӣ релефи кӯҳҳо мушкилиҳоро овардаанд. Ҳамаи ин имкон намедиҳад, ки саривақт маҳсулоти кишоварзӣ фурухта шуда, даромади баланд гирифта шавад, ҳамчунин, афзоиши манбаи андозбандии соҳаро низ танг мегардонад. Ҳамаи омилҳои дар боло зикршуда, ки асосан характери объективӣ доранд. дар маҷмӯъ амал карда, сектори аграриро дар муқоиса бо дигар соҳҳаҳои иқтисодиёт камтар рақобатпазир месозанд. Қайд кардан зарур аст, ки кишоварзӣ дар тамоми ҷахон аз ҷониби давлат бо воситаҳои моддию молиявӣ ва чораҳои гуногуни иқтисодӣ дастгирӣ карда мешаванд, ки тамоман ба ғояҳои муносибатҳои бозории ҳозиразамон мухолиф намебошад. Дар ҷойи охир, дар байни чунин шакли дастгирӣ андозбандии беамони хам худи кишоварзӣ ва ҳам соҳаҳои ба он алоқаманд, яъне ҳамаи комплекси агросаноатӣ ишғол менамояд. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ, андозбандӣ дар муқоиса ба он. ки дар давраи идоракунии маъмурии иқтисодиёт буд, сифатҳои навро пайдо намуд. Ин ба якқатор ҳолатҳо муайян мешавад:

Аввалан, акнун кӯмак ва мусоидати молиявии иттифоқии кишоварзӣ нест, ки дар замони дар ҳайати иттиҳоди шуравӣ будани Тоҷикистон ҷой дошт. Кишоварзӣ бояд аз ҷониби давлат бо роҳи кам кардани намудҳои гуногуни андозҳо дастгирӣ карда шавад;

Дуюм, робитаи дутарафаи давлат бо молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ бояд на бо усулҳои маъмурӣ, балки бо усулҳои иқтисодӣ амалӣ гарданд, ки дар шароити муносибатҳои бозорӣ хеле муҳим мебошанд;

Сеюм, андозбандӣ бояд таҷдиди технология ва ташкилии корхонаҳои ҷудогонаи соҳаи мушаххаси комплекси агросаноатиро ҳавасманд намояд;

Чорум, низоми андозбандӣ бояд ба воридшавии босуръати сармоягузорӣ дар баландшавии ҳосилнокии замин, дурнамои мелиоратсияи он, ба воридшавии сармоя дар кишоварзӣ, аз ҷумла аз дигар соҳаҳо низ мусоидат намояд.

Баъзан корхонаҳои кишоварзӣ барои пардохти андоз маҷбуранд аз бонкҳои тичоратӣ бо фоизҳои баланд карзҳои кӯтоҳмуддат гиранд, ки ба афзоиши харoҷоти молиявӣ сабаб мегардад. Ҳангоме ки бо сабабҳои гуногун гирифтани қарзҳои кӯтоҳмуддат ғайриимкон мебошад, корхонаҳои кишоварзӣ аз ҳисоби воситаҳои гардони худӣ ин харoҷотҳоро пешпардохт менамоянд, ки аз варианти аввала хубтар нест. Ин ба пастравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ оварда мерасонад. Таҳлили ҳолати сектори кишоварзии иқгисодиёт нишон, ки тӯли даҳсолаи охир дар соҳаи кишоварзӣ чун пештара тамоюлоти бухронӣ ба назар мерасад. Сабабҳои асосии ҳолати бӯҳронии кишоварзӣ инҳоянд: сатҳи иқтисодии беасоси нархгузорӣ, молиявӣ-қарзӣ ва андозбандӣ; мубодилаи нобаробари маҳсулот байни кишоварзон соҳаҳои саноатие, ки барои истеҳсолоти кишоварзӣ воситахои техникиро таъмин менамоянд; истифодаи санадҳои ҳуқуқиву меъёрии номуносиб; инҳисорияти корхонаҳои истеҳсолкунанда, захиракунанда ва хизматрасон. Ҳамаи ин аз нокифоягии танзими давлатии иқтисодиёти соҳаи аграрӣ ва дастгирии молистеҳсолкунандагони кишоварзии ватанӣ гувоҳӣ медиҳад. Қайд кардан зарур аст, ки низоми андозбандӣ барои иҷрои вазифаи асосӣ зарур аст: таъминотӣ - ҷамъоварии воситаҳо барои иҷрои буҷет; танзимӣ - бо воситаи сатҳи андозбандӣ сохтани шароитҳои мусоид барои рушди ин ё он намуди истеҳсоли маҳсулот ё хадамот; ҳавасмандӣ - аз ҳисоби андозбандии имтиёзӣ бо роҳи паст кардани меъёри андозҳо,

ҳавасманд намудани соҳаҳои афзалиятдошта, истеҳсоли маҳсулоти камчин ва баръакс, аз ҳисоби андозбандии баланд нигоҳдории рушди истеҳсоли маҳсулоти номатлуб. Ҳамин тавр, сохтори пардохтҳои андозӣ дар сектори кишоварзӣ дар маҷмӯъ, ба сохтори андозҳои мамлакатҳои иқтисоди бозор рушдёфта мувофиқ мебошад, аммо моҳиятан аз рӯи иҷрои вазифаҳои худ - таъмини даромади буҷети давлатӣ ва ҳавасманднамоии истеҳсолот ба куллӣ фарқ менамояд. Вазифаи асосӣ аз рӯи мукаммалнамоии низоми андозбандӣ бояд махсусан, ба ин самти охирин равона бошад. Барои ҳалли масъалаи такмили сохтори пардохтҳои андозӣ ба таҳияи буҷети давлатӣ, дар арафаи коркард ва мувофиқаи он, ҷалб намудани коршиносоне, ки манфиатҳои табақаи гуногуни иҷтимоиро ба зимма доранд (фермерхо, сарварони хоҷагихои деҳқонӣ, олимон ва г.) мувофиқи мақсад мебошад. Ин чораҳо метавонад ҳамчун як қисми нисбатан васеи маросими ботамаддуни иштироки кишоварзон дар коркард, ташхис, муҳокимаи қонунҳо ва дигар қарорҳои муҳими давлатӣ бошад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ андозҳо ҳамчун манбаи асосии воридоти даромади буҷет ва муносибатҳои молиявӣ баромад менамоянд. Андозҳо бо тафовути ҳаматарафагӣ метавонанд ҳамаи даромадгирандагон ва соҳибони амволро фаро гиранд. Дар ин нақши андозҳо хамчун танзимсозанда ва назораткунандаи фишангҳои иктисодӣ ифода мегардад. Бо ёрии сиёсати аидозӣ давлат таъсири қатъии худро ба ҳолати иқтисодиёт расонида, рушди босуботи иқтисодиро ҳавасманд менамояд. Дар ин вазифаи ҳавасмандии андозҳо ифода мегардад. Иҷрои бомуваффақияти ҳардуи ин вазифаҳои андозҳо аз сатҳу афзоиши пардохтҳои андозӣ вобаста мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи 10 соли охир афзоиши сатҳи андозбандии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба амал омад, ки ба он ҳам афзоиши меъёр ва намудҳои пардохтҳои ҳатмӣ ва ҳам афзоиши ҳаҷми истеҳсол, фурӯш ва даромади молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ боис гардид.Чи тавре, ки мебинем вақти таҷдиди назар намудани низоми андозбандӣ ба манфиати молистеҳсолкунанда - фермерҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва иҷоравӣ, агроширкатҳо, ассосиатсияҳову ҷамъиятҳои шарикӣ, ки новобаста ба истеҳсоли маҳсулот машғул мебошанд, расидааст. Қадами аввал ба ин самт бояд, дар намуди тафриқаи меъёрҳои андозҳо бо муқаррарнамоии имконияти камтари меъёрӣ барои корхонаҳои истеҳсолкунанда ва меъёри баландтарнн барои ташкилотҳое, ки маҳсулоти КАС-ро савдо мекунанду ба он хизмати миёнаравиро мерасонанд, гузошта шавад. Бояд андози ягона ба монанди меъёргузории андози даромад аз шахсони вокеӣ ва ААИ, ки то гирифтани даромади муайян ҳамчун низоми соддакардашуда пардохта мешавад, ҳисоб карда шавад. Масалан, хоҷагиҳои масоҳати замини камтари киштдошта, бо меъёри пасттар бояд андозбандӣ шаванд, зеро даромади онҳо аз масоҳати кишт низ вобаста аст. Ин имкон медиҳад, ки хоҷагихои кӯчак доираи имкониятҳои хоҷагидории худро, хусусан истеҳсолкунандагони маҳсулоти пахта ба таври марҳилавӣ васеъ намоянд. Ҳамчунин, хоҷагиҳои зарарбинанда ва фоиданок дар ҳаҷми якхела андоз месупоранд, ки холи табохи хочагихои зарарбинандаро табохтар менамояд. Гузашта аз ин, имконияти мазкур метавонад ба ислоҳоти кишоварзӣ мусоидат намуда, раванди гузаштани заминашро дар шакли иҷора ба кишоварзони нисбатан бомуваффак вусъат дихад.Дар соҳаи кишоварзӣ ҳолати хосае ҷой дорад, ки ба он ҳаммонандро ёфтан мушкил аст. Ҳангоми пастравии яку якбораи истеҳсолот, дар шароити арзонии қувваи корӣ ва афзоиши ниҳоят баланди нарх ба маҳсулот, корхонаҳои кишоварзӣ ба васеънамоии истеҳсолот ва инвеститсияхо ҳавасманд нестанд. Дар 5 соли гузаронидани сиёсати «муолиҷаи садамавӣ» масоҳати ихтисороти инвеститсияҳо дар соҳаи кишоварзӣ ниҳоят аз масоҳати камшавии дигар нишондиҳандаҳои он баланд гардид. Ин маънои «кор» кардани соҳаи кишоварзӣ ба истеъмолоти ҷориро дошта, дар он замина барои рушди оянда гузошта намешавад. Гузашта аз ин, зудхаробшавии боигарии миллӣ дар соҳа ба амал меояд. Қайд кардан зарур аст, ки шиддатёбии бухрон дар муҳити инвеститсионии соҳаи кишоварзии иқтисодиёти Тоҷикистон метавонад оқибатҳои хеле фалокатовар барои ҳамаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ дошта бошад. Муҳлати азсаргузаронии ин таназзул ниҳоят дарозмуддат ва гаронарзиш нисбат ба таназзули иқгисодиёт дар маҷмуъ мебошад. Ин ба якқатор сабабҳои характери азнавистеҳсолӣ вобаста мебошад, ки инҳоянд: сохтори технологии сармояи гузошташаванда заиф гардидааст, хаҷми воситаҳои ҷалбшуда кам

шуда, ҳаҷми инвеститсияҳои таъйиноти ғайриистеҳсолидошта ва ҳаҷми унсурҳои пассивӣ дар сохтори технологии сармоягузории истеҳсолӣ афзоиш меёбад:

- ғайрифаъолӣ дар соҳаи инвесгитсиянамоӣ раванди ивазнамоии дастгоҳҳои истеҳсолии кӯҳна ва фарсудашударо мавқуф мегузорад;

- хориҷшавии катъии қисми фаъоли фондҳои асосии истеҳсолӣ идома ёфта, дар натиҷаи он ихтисори имкониятхои истеҳсолии ҳамаи комплекси агросаноатӣ ба вуқуъ меояд;

- соҳаи кишоварзии Тоҷикистон танҳо барои ҳалли масъалаҳои ҷорӣ бе ҳисобгирии дурнамои рушд равона гардидааст.

Дар ин шароит зарур аст, чорахҳе қабул шаванд, ки аз як ҷониб афзоиши таваррумро нигоҳ доранд, аз ҷониби дигар муҳити инвеститотонӣ ва истеҳсолотро эҳё намоянд, яъне лозим меояд ду масъалаи номувофиқ ҳал карда шаванд. Агар истеҳсолот рушд дода шавад, он гоҳ гузоштани воситаҳои нав, қарзхо ва ғайраҳоро тақозо менамояд, ки дар навбати худ ин раванд таваррумро фаъол менамояд. Ҳамин тавр мешавад, агар ин масъалахо дар марҳилаи вақти кӯтоҳ ҳал карда шаванд. Агар ин дар марҳилаи нисбатан дароз амалӣ гардад (ақалан 3-4 сол), он гоҳ ин масъалаҳо пурра мувофик, мебошанд. Ислоҳоти аграрӣ қисми муҳиму ҷудонашавандаи азнавсозиҳои иқтисодӣ бозоргонӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз ҷузъҳои муҳими ислоҳоти аграрӣ ин ислоҳоти замин мебошад. Беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ба чӣ тавр амалӣ гардидани ислоҳоти замин вобастагии калон дорад. Аз дигар ҷониб ислоҳоти замин на танҳо тақсимоти замин аст, балки вай ҳалли масъалаҳои муҳим ва як қаттор муаммоҳои мутааллиқи заминдорӣ ва заминистифодабариро низ дар бар мегирад. Танҳо дар ҳолати дуруст ҳал кардани кулли чунин масоили мубрам ислоҳоти замин натиҷаҳои назаррас дода, рушду тараққиёти устувори соҳаи кишоварзиро таъмин карда метавонад.Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки шаклҳои гуногуни моликият ба замин ва намудҳои мухталифи хоҷагидорӣ дар сектори аграрӣ проблемаҳои заминистифодабариро ба таври мусбат ҳал менамоянд. Ислоҳоти замин, ки дар Ҳиндустон (миёнаи асри XX), Миср (соли 1952) ва Чин (ибтидои солҳои 80-ум) гузаронида шудааст далели равшани ин гуфтаҳо мебошанд. Албатта, таҷрибаи ислоҳоти аграрии дигар давлатҳоро бевосита дар ҷумҳурии мо гузаронидан шарт нест. Аммо чиҳатҳои хуби онҳоро ба шароитҳои табиӣ, хусусиятҳои иҷтимоӣ, таърихӣ ва анъанаҳои миллии мардуми ҷумҳурӣ мувофиқ намуда, дар амал татбиқ намудан мумкин аст. Аз ин лиҳоз омӯзиши таҷрибаи гузаронидани дигар мамолик оиди ислоҳоти замин ва умуман ислоҳоти аграрӣ барои ҷумҳурии мо ибратбахш аст. Ислоҳоти замин дар Чин то ба имрӯз роҳи дуру дароз ва ноҳамвореро тай кардааст. Аммо новобаста аз ин муддати тӯлонӣ ва гирудорҳои сиёсӣ ин ислоҳот самтҳои азнавсозии худро аз даст надодааст. Ислоҳоти замин дар Чин аз деҳот ибтидо гирифта, шакли асосии хоҷагидорӣ ба шумор меравад. Вазифаи асосии он таъмини аҳолии мамлакат бо маводи озуқа, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва беҳтар гардонидани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мебошад. Аслан, ислоҳоти замин аз ноҳияи Анхой музофоти ру ибтидо гирифтааст. Дар ибтидои солҳои 70-ум роҳбарияти ноҳия шакли оилавиро дар амал ҷорӣ намуда, ба оилаҳои деҳқонон ҳуқуқи мустақилона хоҷагидорӣ карданро медиҳанд. Аммо он замон мақомоти олии роҳбарикунандан давлати Чин роҳбарони музофотро ба «ревизионизм» гунаҳкор намуда, гузаронидани таҷрибаро манъ мекунанд. Вале соли 1979 тахти роҳбарии Ден Сао Пин гузаронидани ислоҳоти замин дар мамлакат ногузир гардид. Дар худи ҳамин сол Ден Сао Пин се принсип ё худ се ҳолати назариявиеро пешниҳод намуд, ки ислоҳот то ба имрӯз мувофиқи он амалӣ мегардад:

- Монеъ нашудан ба тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда.

- Банақшагирӣ натанҳо хоси сотсиализм аст, ба мисоли он ки бозор на танҳо мансуби капитализм мебошад. Чунки дар ҳар ду ҳолат ҳам банақшагирӣ ва бозор вуҷуд доранд.

- Озод намудани шуури одамон аз асорати ҳукумрониҳои маъмурию фармонфармоӣ ва бо ин роҳ мусоидат намудан ба баландшавии дараҷаи некуаҳволии халқ.

Асоси ислоҳотро дар кишвари Чин хоҷагидории оилавӣ ҳамчун шакли иҷора ташкил медихад. Замин асосан ба ҳар як оилаи деҳқонон тақсим шудааст. Тақсимоти замин мувофиқан ба хар як аъзои оила ва дар баъзе музофотҳо ба хар як аъзои қобили меҳнати

оила сурат гирифтааст. Меъёри тақсимоти замин ба хар як аъзои оила ё аъзои қобили меҳнати оилаи деҳқонон ё МУ (0.15 га)-ро ташкил медихад. Мақомоти хукумати маҳаллӣ бо ҳар як оилаи деҳқонон, ки замин ба иҷора гирифтаанд шартнома мебанданд. Дар шартнома тартиби иҷора, андози замин (иҷорапулӣ) ва дигар уҳдадориҳои тарафайн инъикос гардидааст. Замин ба деҳқонон ба муҳлати 15 сол ва дар баъзе ҳолатҳо то 50 сол ба иҷора дода шудааст. Чуннн ҳолат ҳавасмандии деҳқононро баланд бардошта, ба самаранокии иқтисодии истифодабарии замин ва беҳтар гардидани сифати он мусоидат менамояд. Андози замин қисми асосии андозҳои кишоварзӣ ба шумор меравад. Дараҷаи он аз ҷониби ҳукумат бо назардошти шароити табии иқлимии ҳар як ноҳияи алохида муайян карда мешавад. Хусусияти дигари фарқкунандаи ислоҳоти замин дар Чин аз он иборат мебошад, ки вай дар заминаҳои поёнӣ амалӣ гардидааст, на балки бо фармонҳои бевоситаи органҳои болоӣ. Аз тарафи дигар он ба давраи тӯлонӣ нигаронида шудааст. Қобили қайд аст, ки дар Чин муносибатҳои заминдорӣ ва заминистифодабарӣ бо хусусиятҳои бештар консервативии худ фарқ мекунанд. Аксарияти иқтисодчиёни Чин ба он ақидаанд, ки ҳар гуна тағйиротҳои бошитоб, ба монанди иваз намудани шакли моликият ба замин метавонанд ба натиҷаи манфӣ ё худ бӯҳрони иқтисодию сиёсӣ дар сектори аграрӣ оварда расонанд. Аз ин ҷост, ки ислоҳоти заминро аввалан дар шаш ва баъдан дар ҳашт музофот таҷриба намуданд ва таҷрибаҳои гузаронидашуда натиҷаҳои хуби иқтисодӣ доданд, он гоҳ дар тамоми мамлакат ба таври васеъ онро истифода намуданд. Натиҷаи ин ислоҳот ба баланд шудани сатҳи зиндагии ин табақаи аҳолӣ оварда расонд.

Мисолҳои дар боло овардашуда имконият медиҳанд, ки таҷрибаи ин давлатҳо бо мақсади пешравӣ ва эҳёи истеҳсолот дар соҳаи кишоварзии мамлакат мавриди истифода қарор дода шавад. Эҳёи истеҳсолот дар натиҷа метавонад ба афзоиши рақобат дар бозор оварда, рақобат бошад, ҳамчун қоида боиси пастшавии нарх мегардад. Бинобар ин барои эҳёи равандҳои инвеститсионӣ ва истеҳсолот, дар баробари чораҳои анъанавӣ (мустаҳкамкунии фаъолнокии инвеститснонии миллӣ ва бонкҳои тичоратӣ, худи корхонахо ва хоҷагиҳо) зарур аст, ки гузоштани воситаҳо ҳавасманд гардида, рушди фаъолнокии кории молистеҳсолкунанда бо воситаи низоми андозбандӣ таъмин тардад. Намунаи чорабиниҳои доманадори ҳавасмандии вазъи умумии иктисодӣ метавонад таҷрибаи ихтисори умумии андозҳо, ки дар аввали солҳои 80-ум пас аз ба сари ҳокимияти ИМА омадани маъмурияти Р.Рейган амалӣ гардид, мисоли монанд бошад. Ин чораҳои Р.Рейган асосҳои назариявии худро доштанд. Иқтисодчии амрикоӣ А. Лаффера исбот намуд, ки афзоиши миқдор ва меъёри андозҳо метавонанд, дар марҳилаҳои аввал самара оранд, аммо ин боиси кам шудани сармоягузорӣ гашта, прогресси илмӣ-техникиро нигоҳ медорад, рушди иқтисодиро сусг намуда, дар ниҳоят ба воридшавии воситаҳо ба буҷети давлатӣ таьсири манфӣ мерасонад. Ҳангоми зиёд гардидани меъёри андоз даромадҳои давлатӣ дар натиҷаи андозбандӣ меафзояд. Андозаи муносиби меъёрҳои андозҳо ба буҷети давлатӣ воридшавии зиёдтаринро таъмин менамояд. Аммо зиёд намудани минбаъдаи андозҳо ҳавасмандӣ ба меҳнатро заиф ва барҳам медихад. Маълум аст, ки "самараи Лаффера" нисбатан пурра ва возеҳ танҳо дар ҳолати амалкунии муътадили механизмҳои иқтисоди бозорӣ, ки барои иқтисодиёти бозории ИМА мувофиқ мебошад, намудор мегардад. Лекин дар шароити Тоҷикистон афзоиши дараҷаи меъёрҳо ва воридоти андозӣ метавонад оқибатҳои манфӣ дошта бошад. Эҳёи равандҳои инвеститсионӣ танҳо ҳангоми шароитҳои хеле камнамоии пардохтҳои андозӣ ва гузоштани қисми зиёди онҳоро ба ихтиёри худи хоҷагиҳо имкон дорад. Дар хароҷоти фермерҳои ИМА, масалан, андозҳо 3-5%-ро ташкил дода, бо андозаи зиёдшавии ҳаҷми фермаҳо миқдори андозҳо дар ин хароҷот то 1% кам мешаванд. Дар соли 2008 маблағи умумии андозҳои хоҷагиҳои кишоварзии Тоҷикистон нисбат ба маҷмӯи маҳсулот 12,7%-ро ташкил дод.Агар низоми андозбандӣ корхона ва хоҷагиҳоро маҷбур намояд, ки худашон оид ба истеҳсолот, афзоиш ва васеънамоии он ғамхорӣ намоянд. чуноне, ки ин дар таҷрибаи мамлакатҳои рушдёфта ҷой дорад, айни муддао мебуд. Масалан, дар қонунгузории андозии Фаронса дар тавозун 4 моддаи хароҷот пешбинӣ гардидааст. Ин маънои онро дорад. ки қисми фоида, ки ба самти захира равона мегардад, ба ихтиёри ширкат барои васеънамоии азнавистеҳсол ё дигар мақсадхои рушд мемонад. Ин захираҳо

андозбандӣ намегарданд, ё дар андозаи ночиз андозбандӣ мешаванд. Захираи аввал - ин захираи хатмӣ мебошад, ки 5% фоидаи софи хочагӣ ба он равона мегардад. Дуюм - ин фоидае, ки аз фуруши унсурҳои сармояи асосӣ гирифта шудааст. Агар он бо мақсади азнав-ивеститсиянамоӣ, масраф шавад, он гоҳ дар андозаи аз 1% то 30% андозбандӣ мегардад, аммо агар ба дивиденд пардохта шавад, ҳачми андоз то 50% афзоиш меёбад. Ба гурӯҳи сеюми захираҳои иҷгимоӣ, ки андозбандӣ намегарданд. барои таъиноти масалан, рӯйпушкунии тағиротҳои қурби асъории корхона, ки барои воридоти таҷҳизот, ашё ва маводҳо истифода мешаванд, дохил мешавад. Ба гуруҳи чорум. захираҳои ба истилоҳ ихтиёрӣ дохил мешаванд, ки ҳамчунин андозбандӣ намегарданд, қисми фоида мебошад, ки барои мақсадҳои гуногун дар ихтиёри хочагӣ бо қарори менеҷменти он мемонад. Қисман онҳо барои навсозии сармояи асосӣ истифода мешаванд. Аз сиёсати андозии мамлакатҳои рушдёфта метавон бештар ҷанбаҳои судбахш ва манфиатдорро омӯхт. Чунончи, ин ба усулҳои мукофотдиҳии рушди соҳаҳои иктисодии афзалиятдошта, дастгирии лоиҳаҳои софи иктисодӣ, суръатбахшии рушди ноҳияҳои қафомонда, дастгирии маблағгузорӣ ба тадқиқотҳои илмӣ ва коркард, низоми имтиёзҳо барои содирот мебошад. Набудани ҳисобгири хусусиятҳои кишоварзӣ ҳангоми андозбандӣ, асосан мавсимияти истеҳсолоти кишоварзӣ ба пастшавии даромаднокни хоҷагиҳои деҳқонӣ меоварад. Дар низоми андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ҳавасмандии андозҳо кам истифода мешаванд. Ба андешаи мо андоз бояд ҳамчун усули таъсиррасонӣ ба рушди ҳачми истеҳсоли маҳсулоти стратегии кишоварзӣ ва рушди потенсиали содиротии мамлакат хизмат намояд. Масалан, афзоиши ҳаҷми ашёи хоми пахта барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи стратегӣ мебошад. Ба андешаи мо инро метавон бо пардохти андози ягона алоқаманд намуд, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ба истеҳсоли ашёи хоми пахта машғулбуда ва 30% даромадро аз ҳар 1 га гиранд, метавонанд аз пардохти андоз бе зараррасонӣ ба қисми даромади буҷети давлатӣ озод гарданд. Ҳамин тавр, мукин аст ки рушди истеҳсолоти пахтаро ҳавасманд намуда, буҷет аз ҳисоби афзоиши андоз аз фуруш ҷуброн карда шавад. Маҳсулоти кишоварзоне, ки танҳо дар хориҷи мамлакат талаботи зиёд доранд ва 80%-и ҳачми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро содир менамоянд, метавонанд аз пардохти андози ягона озод бошанд. Аксари роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) маълумоти касбии ҳисобгирии бухгалтерӣ надоранд, наметавонанд моҳирона ҳисоботу ҳисобхои андозӣ ва тавозуни хоҷагиро тартиб диҳанд. Бинобар ҳолати гарони молиявӣ, хоҷагиҳо имкони ба кор кабул намудани бухгалтерҳоро надоранд. Хоҷагиҳои деҳқоние бурд мекунанд, ки дар онҳо шахси маълумоти бухгалтеридошта доранд, аммо чунин хоҷагиҳо хеле каманд. Ба мақомоти андозбандӣ зарур аст, ки бо чунин андозсупорандагон корро ҷоннок намуда, бо ташкили курсҳои бозомузии кутоҳмуддат ва семинарҳо, ҷаласаҳо, ба онҳо оид ба тағйиротҳои қонунгузории андозӣ, ки вақтҳои охир ба ҳукми анъана даромадааст, маълумот диҳанд.

АДАБИЁТ

1. Паёми Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (солҳои 2011-2017).
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012, №901.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз 28 июли соли 2006, №197.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №723.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020».
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016».
7. Дастурамал оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул /Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “22” майи соли 2018 №12-Ф/
8. Алексеева А.А. Роль земельного налога в формировании местных бюджетов // Пробелы в российском законодательстве. - 2009. -№4. URL: http://cyberleninka.ru/article/n/rol-zemelnogo-naloga-v-formirovanii-estnyh-byudzhetov (дата обращения: 05.06.2017).
9. Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Китоби якум. -Д., 1983. -720 с.
10. Давидович Е. А. Материалы для характеристики экономики и социальных отношений в Средней Азии XVI в. – ИООН АН Тадж. ССР. – 1961. -№(24). -С.40-44.

11. Европейская экономическая комиссия. Управление земельными ресурсами в Европе. Тенденция развития и основные принципы // Организация объединенных наций. -Н.-Й.; Женева, 2005.
12. Зырянова Т.В., Кот Е.М. Отечественный и зарубежный опыт порядка исчисления земельного налога // Международный бухгалтерский учет. -2010. -№16. URL: http://cyberleninka.ru/article/n/otechestvennyy-i-zarubezhnyy-opyt-poryadka-ischisleniya-zemelnogo-naloga (дата обращения: 05.06.2017).
13. Исломов С.И. Очерки истории экономической мысли таджикского народа эпохи феодализма. -Душанбе, 2002. -С. 167.
14. Исломов С.И. Экономическая система восточного феодализма и ее отражение в трудах таджикских мыслителей. -Д., 2000. -С.115-141.
15. Исломов С.И. Таърихи назариёти иқтисодӣ. -Д., 2001. -273 с.

САМТҲОИ ТАКМИЛИ АНДОЗБАНДӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ КИШОВАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, дар солҳои охир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини истиқлолияти озуқаворӣва рушди бахшҳои гуногуни кишоварзӣ 17 барномаи давлатӣ қабул гардида, ба соҳаи кишоварзӣ маблағҳои буҷавӣ ва грантӣ равона шудааст. Ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзӣ то ба имрӯзҳо 15 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи беш аз як миллиард сомонӣ амалӣ гардида, танҳо дар 5 соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо бо дарназардошти қарзҳои имтиёзноки додашуда 2 миллиарду 340 миллион сомонӣ маблағҳо равона шудаанд. Айни ҳол боз 16 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 1,2 миллиард сомонӣ мавриди татбиқ қарор дорад.

Калидвожаҳо: рушди кишоварзӣ, маблағҳои буҷавӣ, ислоҳоти андозӣ, усули таъсиррасонӣ.

НАПРАВЛЕНИЯ УЛУЧШЕНИЯ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ КАК ФАКТОРА РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВАВ РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Как упоминалось выше, за последние годы Правительством Республики Таджикистан принято 17 государственных программ по обеспечению продовольственной независимости и развитию различных секторов сельского хозяйства, а также выделены бюджетные и грантовые средства на сельское хозяйство. На сегодняшний день для развития агропромышленного комплекса реализовано 15 инвестиционных проектов на сумму более 1 миллиарда сомони, и только за последние 5 лет из государственного бюджета и других источников, в том числе льготных кредитов, выделено 2 миллиарда 340 миллионов сомони. В настоящее время реализуются еще 16 инвестиционных проектов на сумму 1,2 миллиарда сомони.

Ключевые слова: развитие сельского хозяйства, бюджетные средства, налоговая реформа, метод воздействия.

DIRECTIONS FOR IMPROVING TAXATION AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF AGRICULTURE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

As mentioned above, in recent years, the Government of the Republic of Tajikistan has adopted 17 state programs to ensure food independence and the development of various sectors of agriculture, as well as allocated budgetary and grant funds for agriculture. To date, 15 investment projects worth more than 1 billion somoni have been implemented for the development of the agro-industrial complex, and in the last 5 years alone, 2 billion 340 million somoni have been allocated from the state budget and other sources, including soft loans. Currently, another 16 investment projects are being implemented for the amount of 1.2 billion somoni.

Keywords: agricultural development, budgetary funds, tax reform, method of influence.

Сведения об авторе: ***Каюмов Сайфудин Шарифович*** - кандидат экономических наук, доцент кафедры налогообложения и налогообложения Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, просп. Телефон: **901007714**
Шарифов Дж.Ф. – магистр второго курса кафедры налога и налогооблажения Таджикского национального университета

Information about the author: ***Kayumov Sayfudin Sharifovich*** - candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the department of taxes and taxation of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ave. Phone**: 901007714**
Sharifov J.F. – second-year master`s student of the department of taxes and taxation of the Tajik National University

БАҲИСОБГИРИИ ХАРОҶОТИ НИГОҲУБИН ВА ИСТИФОДАБАРИИ МОШИНУ ТАҶҲИЗОТИ СОХТМОНӢ

Шарифиён А.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳангоми бурдани корҳои сохтмонию васлкунӣ истифодабарии мошину таҷҳизоти сохтмонӣ зарур аст. Ба мисли техникаҳои заминкан, кранҳои борбардори нақлиётӣ ва башнядор, дигар таҷҳизоту механизмҳои махсус. Вақте ки ширкати сохтмонӣ дар тавозуни муҳосибии худ чунин мошину таҷҳизоти сохтмонро дошта бошад, метавонад аз онҳо истифода барад ва дар мавриди набудани онҳо дигар корхонаҳои мошину техникадорро тибқи шартнома ҷалб намояд. Мошинҳои сохтмонӣ ва механизмҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд: мошинҳои заминкан ва ҳамворкунанда (экскаваторҳо, булдозерҳо); техникаҳои борбардори интиқолдиҳанда (кранҳо); дигар механизмҳо; техникаҳои нақлиётӣ (нақлиёти технологӣ (трейлерҳо); нақлиёти боркаш, мусофиркаш ва ғ). Агар ҶСП «Сарманзил-2014» мошину таҷҳизоти хусусиро истифода барад, хароҷоти нигоҳубин ва истифодабарии онҳоро дар ҳайати хароҷоти сохтмонию васлкунӣ, моддаи «Хароҷоти нигоҳубин ва истифодабарии мошину таҷҳизоти сохтмонӣ» ба ҳисоб мегиранд. Агар корҳои сохтмонию васлкунӣ бо якчанд ширкатҳои дигари механиконидашуда амалӣ карда шавад, яъне техникаҳои ин ширкат ҷалб карда шавад, чунин тарзи корро паймонкори муштарак меноманд. Дар ин маврид хароҷоти нигоҳубин ва истифодабарии мошину таҷҳизоти ҷалбкардашуда ба дӯши ширкати механиконидашуда мемонад. Вобаста ба шарти қарордод сохтмончӣ ҳар моҳ маблағи шартномаро барои истифодабарии мошину таҷҳизот ба идораи ширкати техникадор мепардозад. Агар ширкатҳои техникадор мошину механизмҳои худро ба ширкати сохтмонӣ иҷора диҳад, дар чунин ҳолат ширкати сохтмонӣ хароҷоти нигоҳубин ва истифодабарии мошину механизмҳоро ҳамчун техникаҳои хусусӣ ба ҳисоб гирифта, танҳо ба ҷои маблағи фарсудашавӣ маблағи иҷораро ҳамчун хароҷот эътироф менамояд. Дар ҳисобгирии муҳосибии ҶСП «Сарманзил-2014» хароҷоти нигоҳубин ва истифодабарии мошину механизмҳо дар ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом», зерҳисоби алоҳида, масалан 10731 «Хароҷоти умумиистеҳсолӣ ба ҳисоб гирифта мешавад: музди меҳнати коргароне, ки ба идоракунии мошину механизмҳо (механикҳо, машинистҳо, мотористҳо) машғуланд; Дт 10731 «Истеҳсолоти нотамом – хароҷоти умумиистеҳсолӣ»; Кт 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда»

– ҳиссаҷудокунӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ (андози ягонаи иҷтимоӣ) аз музди меҳнати коргарони дар боло зикршуда: Дт 10731 «Истеҳсолоти нотамом-хароҷоти умумиистеҳсолӣ» Кт 22240 «Андози иҷтимоии пардохтшаванда»

– хароҷоти масолеҳ, аз он ҷумла, барқ, сӯзишворӣ, равғани мошинҳо ва ғ. Дт 10731 «Истеҳсолоти нотамом – хароҷоти умумистеҳсолӣ» Кт 10700 «Захираҳои моддию молӣ».

Хароҷоти сӯзишворӣ бояд аз рӯи меъёр дар асоси паспорти техникии мошину механизмҳо ва ё дигар меъёрҳои муқарраршудаи соҳавӣ амалӣ карда шавад:

– фарсудашавии мошину механизм, таҷҳизот, лавозимот ва ғ.: Дт 10731«Истеҳсолоти нотамом – хароҷоти умумистеҳсолӣ» Кт 11100 «Фарсудашавии ғуншудаи воситаҳои асосӣ».

– иҷорапулӣ (аз он ҷумла пардохтҳои лизингӣ) барои истифодабарии мошину механизмҳои сохтмонӣ мувофиқӣ шартнома: Дт 10731«Истеҳсолоти нотамом – хароҷоти умумистеҳсолӣ» Кт 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда» Кт 22240 «Андози иҷтимоии пардохтшаванда».

– хароҷоти хизматрасонии техникии мошину механизмҳои сохтмонӣ: Дт 10731«Истеҳсолоти нотамом – хароҷоти умумистеҳсолӣ» Кт 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда» Кт 22240 «Андози иҷтимоии пардохтшаванда». Кт 10790 «Дигар захираҳо»

– хароҷоти ҷойивазкунии мошину механизмҳо: Дт 10731«Истеҳсолоти нотамом – хароҷоти умумистеҳсолӣ» Кт 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда» Кт 22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт»

– хароҷоти ҳамагуна таъмири мошину механизмҳо: Дт 10731 «Истеҳсолоти нотамом – хароҷоти умумистеҳсолӣ» Кт 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда» Кт 22240 «Андози иҷтимоии пардохтшаванда» Кт 10731«Истеҳсолоти нотамом – хароҷоти умумистеҳсолӣ».

Тибқи қонунгузории амалкунанда ширкатҳои сохтмонӣ ҳуқуқ доранд барои пӯшонидани хароҷоти таъмири мошину механизмҳо чунин захираҳоро барои таъмирро кушоянд:

- захираи таъмирӣ – барои рӯйпӯш кардани ҳамаи намудҳои таъмир. Андозаи захира вобаста ба арзиши тавозунии мошину механизмҳои сохтмонӣ ва меъёрҳои муқарраркардашуда аз ҷониби ширкати сохтмонӣ муайян карда мешавад;

- захира барои таъмири асосии мошину механизмҳо, аз он ҷумла мошину механизмҳои иҷоравӣ, ки агар дар шартнома пурра дарҷ гардида бошад, ё захира барои таъмири ҷорӣ ва таъмири миёнаи мошину механизмҳои сохтмонӣ.

Дар ҶСП «Сарманзил-2014» захира барои таъмири асосӣ ҳар моҳ дар маблағи муқарраркардашуда таъсис дода мешавад. Захира барои таъмири ҷорӣ ва миёна бошад дар ҳолате таъсис дода мешавад, ки агар таъмир дар давоми сол ё охири сол ба нақша гирифта шуда бошад ва маблағи хароҷоти таъмир назаррас бошад. Агар ширкати сохтмонӣ дорои зерсохторе бошад, ки корҳои таъмиру хизматрасонӣ ба уҳдаи он вогузор бошад (истеҳсолоти ёрирасон), барои таъсис додани захираи таъмир чунин навишти муҳосибӣ тартиб дода мешавад: Дт 10732 «Истеҳсолоти нотамом – истеҳсолоти ёрирасон» Кт 22490 «Захира барои таъмир»

Мавҷуд будани ҳар намуди истеҳсолоти ёрирасон хусусияти фаъолияти маҷмааи сохтмониро ифода менамояд. Бештари ширкатҳои сохтмонӣ дар қатори истеҳсолоти асосӣ, инчунин истеҳсолоти ёрирасонро ба роҳ мемонанд: ба мисли коргоҳи тайёркунии ғиштҳо, блокҳо, конструксияҳои металлию бетонӣ; зерсохтори махсуси нақлиётию механиконидашуда, коргоҳҳои таъмирӣ, устохона ва ғ. Хароҷоти ин зерсохторҳоро ҶСП «Сарманзил-2014» метавонад дар зерҳисоби алоҳида, масалан 10732 «Истеҳсолоти нотамом – истеҳсолоти ёрирасон» ба ҳисоб гирифта, сипас аз ҳисоби мазкур ба ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» интиқол намояд.

– дигар хароҷоти нигоҳубини мошину механизмҳои сохтмонӣ.

Ширкатҳо истифодабарии мошину механизмҳоро дар объекти сохтмонӣ бо ҳуҷҷатҳои ибтидоии зерин ба ҳисоб мегиранд:

– рапорт оид ба кори крани башнядор (шакли ЭСМ-1) барои баҳисобгирии кори ҳар соатаи кранҳои ҳаракаткунанда тартиб дода мешавад ва ҳамчун ҳуҷҷати базавӣ барои ҳисоб кардани музди меҳнати машинист ҳисоб меёбад. Рапорт аз ҷониби прораб ё ин ки сардори минтақа ҳар рӯз барои ҳар як даҳрӯза тартиб дода мешавад.

Рапорт барои ҷой додани иттилоот оид ба кори чор коргари крановщик мавриди се басти корӣ пешбинӣ гардидааст. Ному насаби коргари чорум барои он навишта мешавад, ки мавриди зарурӣ (беморӣ, рухсатӣ ва ғ.) яке аз коргаронро иваз намояд. Ҳаҷми кори иҷрошударо шахси вобаста ба ҳисобгирии кор дар заминаи меъёрҳои ягона ва тарофаҳо барои намудҳои муайяни кор ба ҳисоб мегирад. Натиҷаи кор ва вақти аз кор бозистии кранро фармоишгар метавонад бо ҳуҷҷати даъвоӣ (мӯҳр ва имзодор) тасдиқ кунад.

– варақаи нақлиётии мошини сохтмонӣ (ЭСМ-2) барои баҳисобгирии кори автомобилҳои боркаши сохтмонӣ аз рӯи соати кор тартиб дода мешавад ва ҳамчун ҳуҷҷати ибтидоӣ барои баҳисобгирии музди меҳнати ронанда ва коргарони хизматрасон хизмат мекунанд. Варақаи нақлиётиро (путевый лист) танзимгар ва ё шахси вобаста дар як нусха барои смена, рӯз ва ё даҳрӯза тартиб медиҳад.

Баромадан ва баргаштани мошини сохтмониро танзимгар, машинист ва ё механик ба ҳисоб мегирад. Натиҷаи кор ва вақти бозистодани мошин дар тарафи муқобили варақаи нақлиётӣ дарҷ карда шуда, имзо ва мӯҳр гузошта мешавад.

– рапорт оид ба кори мошину механизмҳои сохтмонӣ (шакли ЭСМ-3) барои баҳисобгирии кори мошин ва механизмҳои сохтмонӣ аз рӯи соат хизмат мерасонад, ва ҳуҷҷати асосии ибтидоӣ барои ҳисоб кардани музди меҳнати шахсони идоракунандагони мошинҳо ҳисоб меёбад.

Додани сӯзишворӣ ва равғани мошинҳо бо имзои мудири анбор ва сӯзишворирезандаи мошинҳо ва ё машинист тасдиқ карда мешавад.

Дар охири даҳрӯза рапорт ҷамъбаст карда шуда, аз ҷониби сардори минтақа, прораб ё дигар шахси вобаста имзо гирифта шуда ба шӯъбаи муҳосибот супорида мешавад.

– рапорт-наряд оид ба кори мошину механизмҳои сохтмон (шакли ЭСМ-4);

– варақчаи баҳисобгирии кори мошинҳои сохтмонӣ (шакли ЭСМ-5) барои баҳисобгирии вақти кор ва ҳаҷми кори иҷрокардаи мошинҳо истифода бурда шуда, бо даст пур карда мешавад. Варақча дар як нусха тартиб дода мешавад. Дар асоси ҳуҷҷатҳои ибтидоии шаклҳои ЭСМ-1, ЭСМ-2, ЭСМ-3, ЭСМ-4 пур карда мешавад.

– журнали баҳисобгирии кори мошинҳои сохтмонӣ (шакли ЭСМ-6) барои баҳисобгирӣ ва назорати ҳаррӯзаи кори мошину механизмҳои хурду бузург истифода бурда мешавад. Журналро ширкати фармоишгари мошинҳои сохтмонӣ ва ё ширкате, ки дар тавозуни муҳосибии худ мошину механизми сохтмониро дорад, пур мекунанд. Ин ҳуҷҷатро прораби минтақаи сохтмон пур мекунад;

– маълумотнома оид ба корҳои иҷрошуда (шакли ЭСМ-7) барои асоснок намудани ҳисоббаробаркунӣ бо супоришдиҳандагон ва тасдиқ кардани кори иҷрокардаи мошину механизмҳо тартиб дода мешавад. Маълумотнома дар як нусха аз ҷониби супоришгар ва сохтмончӣ дар асоси маълумотҳои варақаи нақлиётӣ (путевый лист) (шакли ЭСМ-2), ё ин ки рапортҳо (шакли ЭСМ-1, ЭСМ-3) тартиб дода мешавад.

Ин ҳуҷҷатҳо аз ҷониби супоришдиҳанда имзо ва мӯҳр гузошта шуда, ба шӯъбаи муҳосибот ҳамчун ҳуҷҷати замимавӣ ба ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ барои пардохт супорида мешавад. Барои ҳар як рапорти (варақаи роҳхат) кори мошину механизмҳо маълумотномаи алоҳида навишта мешавад. Арзиши корҳо (хизматҳо) бо нархҳои шартномавӣ барои ҳисоббаробаркунӣ байни супоришдиҳанда ва иҷрокунанда муайян карда мешавад [22]. Хароҷоти истифодабарии мошину механизмҳо байни намуд ва гуруҳи мошинҳо тақсим карда мешавад. Ҳар моҳ арзиши аслии кори мошин-соати (мошин-баст) ҳар як намуд ва ҳар як гуруҳи мошинҳо ҳисоб карда мешавад. Хароҷоти ҳақиқии ҳисобшуда ҳар моҳ байни объектҳои сохтмон (фармоишҳо) мутаносибан аз рӯи кори иҷрокардаи гурӯҳи мошину механизмҳо (мошин-баст) ва ё дигар усули интихобшуда таксим карда мешавад.

Асоси тақсимкунии хароҷоти истифодабарии мошину механизмҳо иттилооти ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, рапортҳо ва ё ҳисоботи механик мебошанд. Барои ҳар моҳ соқит кардани хароҷоти зикршуда зарур аст, ки арзиши аслии воҳиди мошин-соат (мошин-баст) муайян карда шавад. Сипас арзиши аслии як мошин-соат ба ҳаҷми мошин-соатҳои (мошин-баст) иҷрокардаи ҳар як мошин ё механизм дар объектҳои муайян зарб зада мешавад.

АДАБИЁТ

1. Дастурамал оиди низоми пур кардани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки тибқи талаботи Стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудааст. Фармоиши Вазорати молияи ҶТ, №42 аз 27.05. 2011,
2. Инструкция по ведению бухгалтерского учета в бюджетных учреждениях. Приказ Министерства финансов Республики Таджикистан от 26.12.2000г., №157;
3. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1-2. Душанбе. Минфин РТ, 2009,186 с.+324с.
4. Методические рекомендации по применению МСФО, том 1-2. Душанбе. Минфин РТ, 2009, 232 с.+ 262 с.
5. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ–хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.05. 2011, №41.

БАҲИСОБГИРИИ ХАРОҶОТИ НИГОҲУБИН ВА ИСТИФОДАБАРИИ МОШИНУ ТАҶҲИЗОТИ СОХТМОНӢ

Мақолаи мазкур масъалаи баҳисобгириии хароҷоти нигоҳубин ва истифодабарии мошину таҷҳизоти сохтмониро баррасӣ намудааст. Ҳангоми бурдани корҳои сохтмонию васлкунӣ истифодабарии мошину таҷҳизоти сохтмонӣ зарур аст. Ба мисли техникаҳои заминкан, кранҳои борбардори нақлиётӣ ва башнядор, дигар таҷҳизоту механизмҳои махсус. Вақте ки ширкати сохтмонӣ дар тавозуни муҳосибии худ чунин мошину таҷҳизоти сохтмонро дошта бошад, метавонад аз онҳо истифода барад ва дар мавриди набудани онҳо дигар корхонаҳои мошину техникадорро тибқи шартнома ҷалб намояд. Мошинҳои сохтмонӣ ва механизмҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд: мошинҳои заминкан ва ҳамворкунанда (экскаваторҳо, булдозерҳо); техникаҳои борбардори интиқолдиҳанда (кранҳо); дигар механизмҳо; техникаҳои нақлиётӣ (нақлиёти технологӣ (трейлерҳо); нақлиёти боркаш, мусофиркаш ва ғ).

Калидвожаҳо: хароҷот, мошину таҷҳизотҳои сохтмон, баҳисобгирӣ, корҳои сохтмонию васлкунӣ.

УЧЕТ ЗАТРАТ НА СОДЕРЖАНИЕ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СТРОИТЕЛЬНЫХ МАШИН И ОБОРУДОВАНИЙ

В данной статье рассмотрен вопрос учета затрат на техническое обслуживание и использование строительных машин и оборудований. При выполнении строительно-монтажных работ требуется использование строительных машин и оборудования. Таких как, наземные техники, транспортные и краны, другие специальные оборудования и механизмы. Когда строительная компания на своем бухгалтерском балансе владеет такими строительными машинами и оборудованием, она может пользоваться ими, а в отсутствие, которых привлекаются другие машины и техникумы на договорной основе. Строительные машины и механизмы выделяются следующим категориям: землеройные и плавучие машины (экскаваторы, бульдозеры); подъемно-экспедиторские техники (краны); иные механизмы; транспортные средства (технологические перевозки); грузовые, пассажирские и др.).

Ключевые слова: расходы, машины и оборудование, бухгалтерские, строительные и монтажные работы.

ACCOUNTING FOR THE COST OF MAINTENANCE AND USE OF CONSTRUCTION MACHINERY AND EQUIPMENT

This article considered the issue of accounting for the cost of maintenance and use of construction machinery and equipment. When performing construction and installation works, the use of construction machinery and equipment is required. Such as, ground vehicles, transport and tower cranes, and other special equipment and mechanisms. When a construction company owns such construction machines and equipment on its balance sheet, it can use them, and in the absence of which other machines and technical schools are involved on a contractual basis. Construction machines and mechanisms are divided into the following categories: earthmoving and floating machines (excavators, bulldozers); lifting and forwarding equipment (cranes); other mechanisms; vehicles (technological transportation); cargo, passenger, etc.).

Keywords: expenses, machinery and equipment, accounting, construction and installation work.

Сведения об авторе: ***Шарифиён Абдуалим Астана*** – магистр второго курса факультета бухгалтерского учета и цифровой экономики Таджикского национального университета

Information about the author: ***Sharifiyon Abdualim Astana*** – second-year master's student of the Faculty of Accounting and Digital Economy of the Tajik National University

ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАВӢ ВА ТАЪСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ БА ОН

Шаропова М.
Донишгоҳи милли Тоҷикистон

Пайдоиши ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ба нимаи дуюми асри XX мансуб дониста мешавад ва дар шароити муосир дар хоҷагии ҷаҳонӣ зиёда аз 60- то чунин гуруҳҳои ҳамгироии минтақавӣ ба қайд гирифта шудаанд. Ҳамгироии иқтисодӣ ин ҷараёни ҳамкории иқтисодии тарафайни давлатҳо мебошад, ки ба ҳамназдикшавии механизмҳои хоҷагидорӣ оварда мерасонад ва шакли созишномаи байнидавлатиро мегиранд, инчунин мутобиқи розигии тарафайни мақомотҳои миллӣ ва байнидавлатӣ танзим карда мешаванд. Ин мафҳум дар шакли умумӣ ҳамкории тарафайни байни давлатҳоро тавсиф медиҳад. Бо андозаи инкишофи минтақагардонӣ - азнавсохторкунии (реструктуризация) он, гузаронда мешавад ва ҷараёни ягона ба якчанд гуруҳ ҷудо карда мешавад. Оҳиста - оҳиста моҳияти воҳидҳои сохтории минтақавии (регионализм) давлатҳо тамоюли пастравиро гирифт. Аз як тараф иқтидори он барои иштироки фаъол ва таъсир ба ҷараёнҳои умумибашарии ҷаҳонӣ нокифоя мебошанд ва ин вазифаҳо бисёртар ба

сохтори байнидавлатӣ ва байналмилалӣ мегузаранд, ки бо гуруҳи инкишофи давлатҳо танзим карда шуда, «сатҳи болоии» минтақагардонӣ (регионализация) ташкил карда мешавад.

Аз тарафи дигар – ба мақсади самаранок истифода бурдани захираҳо дар соҳаи иқтисодиёт ва баъдтар сиёсат ба минтақа гузаронида шуда, ки қисми давлатро дар назар дорад, ки ба иттиҳодияҳои минтақавӣ дохил мешаванд. Минтақаҳо дар дохили давлат воҳидҳои мустақили ягонаи ҷараёни минтақагардониро ташкил намуда, «сатҳи поён»-и онро дар назар доранд. Дар ин ҷо мо метавонем, панҷ аломати асосии ҳамгироии минтақавиро ҷудо намоем:

Якум, аз худи мафҳуми ҳамгироӣ бармеояд. Муттаҳидшавии давлат ба гурӯҳи ҳамгироӣ сифати навро ташкил мекунад, ки дар алоҳидагӣ онро ба даст овардан ғайри имкон мебошад. Шароити ҳамгироии мусоид самараи синергетиро (синергетический эффект) дар назар дорад, яъне гирифтани чунин қувва суммаи қувваҳои ҷудогонаро зиёд мегардонад. Мисоли равшан дар инҷо - асъори ягонаи аврупоӣ шуда метавонад. Вай дар шароити муосир дар арсаи байналхалқӣ хеле устувор мебошад. Фарқияти **дуюм** ин давлатҳои нави муттаҳишуда аз хоҷагии ҷаҳонии боқимонда ҷудо карда мешаванд. Ташкил намудани иттифоқи гумрукӣ бартараф намудани монеъаҳои гумрукиро байни давлатҳои- иштирокчӣ ва ҷорӣ намудани монеъаи ягонаи гумрукиро нисбати давлати сеюм пешниҳод менамояд. Ба ибораи дигар, озодиманешии тиҷорат дар дохили минтақа ба маҳдудкунии ғариихтиёрӣ оварда мерасонад. Барои ҳамин дар доираи Иттиҳоди Аврупо, барои мисол тиҷорати гандум бе ягон маҳдудият амалӣ гардонда мешавад, ҳол он ки ҳангоми воридоти тухмӣ ба Иттиҳоди Аврупо аз Канада ва Россия андози баланд ситонида мешавад ва дар ҳолатҳои алоҳида - боҷи маҳдудкунандаи зиддидемпингӣ истифода бурда мешавад.

Сеюм, ин хусусияти ихтиёрӣ ва шарикии ҳамгироӣ ба ҳисоб меравад. Устуворгардонии фавқулодаи ба ҳамвобастагии давлатҳоро ҳамгироӣ номидан мумкин нест (барои мисол, дар натиҷаи тиҷорати берунии фаъол, фаъолияти ширкатҳои фаромилалӣ ва гуруҳҳои молиявӣ). Чӣ хеле, ки иқтисодчии машҳури рус, яке аз асосгузорони мактаби тадқиқотҳои ҳамгироӣ Ю. Шишков қайд намудааст, ба имзо расондани созишнома оиди ташкили минтақаи озоди тиҷоратӣ дар Америкаи Шимолӣ (1988) «на он қадар ҷараёни оғози ҳамгироӣ мебошад, чӣ қадаре ки аввалин барасмиятдарории миқёсан калони де-юреи ҳамгироии реалии Амрико ва Канада, ки де-факто дар саноатикунонии ҳар ду давлат дар нимаи асри пеш оғоз гардиданд». Қисми дигари талаботи умумӣ сармоягузорӣ мебошад. Ҷаҳонишавӣ яке аз масъалаҳои актуалӣ ва баҳсталаби замони муосир буда, диққати олимон ва муҳаққиқонро дар соҳаи сиёсат, иқтисод, маданият ва муносибатҳои байналхалқӣ ба худ ҷалб менамояд. Дар аввали асри XX иқтисодиёти ҷаҳон ба дараҷаи нисбатан баланд ва сифатан нави тараққиёт расид, ки онро ҳамчун глобализатсияи иқтисодиёти ҷаҳон муайян мекунанд. Айнан дар ҳамин давра иқтисодиёти ҷаҳон хислати низоми нисбатан пурраи иқтисодиро соҳиб мегардад. Ба таври дигар гуфта гузарем, дар ин ҷо гузариши миқдор ба сифат амалӣ карда мешавад. Умуман, вақте ки тағйиротҳои ҷамъшуда дар тиҷорати байналхалқии мол ва хадамот, ҳаракати байналхалқии сармоя, ҳамкории байналхалқии илмӣ- техникӣ, мубодилаи иттилоотӣ ҳақиқатан ҳам ба гузариши иқтисодиёти ҷаҳон ба сифати нав, яъне ба низоми иқтисодии глобалӣ ва нисбатан пурра меоварад. Далели ин зиёдшавӣ, вобастагии тарафайни субъектони хоҷагидории иқтисодиёти ҷаҳон мебошад, ки ба он либерализатсияи робитаҳои иқтисодии хориҷии мамлакатҳои ҷаҳони муосир, пасткунӣ ё бартарафсозии монеаҳои гуногуни иқтисодӣ ва маъмурӣ байни мамлакатҳо, зиёдкунии дараҷаи кушод будани иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад. Дар асоси ин равандҳо тамоюлҳои қонунан объективии байналмилалигардонии ҳаёти иқтисодӣ мехобанд ва ба таври объективӣ асосноккардашуда мебошад. Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки раванди глабализатсия агар ба таври пурра гирем хислати ҳаматарафа дорад. Ин бошад ҳам дар таркиби худи мафҳуми (Universe -англисӣ-ҷаҳон) ҳаматарафа мавҷуд аст ва ин раванд ҳақиқатан ҳам на фақат соҳаи иқтисодиёт, балки қариб ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамиятиро дар бар мегирад: сиёсат, соҳаи иҷтимоиёт, низоми ахборот, маориф ва фарҳанг ва

ғайраҳо. Ба ин тарафи раванд диққатро тадқиқотчиёни ватанӣ ва хориҷӣ ҷалб мекунанд. Дар вобастагӣ ба худи раванди глобализатсияи иқтисодиёти ҷаҳон бояд қайд кард, ки дар он омили низомнокии муносибатҳои иқтисодии байналхалқии муосир зоҳир мешавад, ки дар зиёдшавии вобастагӣ ва алоқамандии тарафайни онҳо ифода меёбад. Дар баробари ин миқёси муносибатҳое, ки тавассути низоми муносибатҳои иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд, зиёд мегардад. Аввалан, ин робитаҳо ба сатҳи минтақавӣ ва баъдан ба сатҳи умумиҷаҳонӣ – глобалӣ мебароянд.

Дар хоҷагии ҷаҳонӣ шумораи ками мамлакатҳо боқӣ мондаанд, ки ба ин низоми нисбатан пурраи робитаҳо дохил нашуда бошанд. Ҳамаи равандҳои нишондодашуда дар зуҳроти нав барои хоҷагии ҷаҳонӣ, ки ҳамчун глобализатсияи иқтисодиёт муайян шудааст, ифода мешаванд. Нодуруст мебуд агар қайд мекардем, ки ин раванд дар худ зиддиятҳо надорад. Баръакс, мувофиқи раванди глобализатсия тараққӣ карда ба зиддиятҳои пешинаи иқтисодиёти ҷаҳон зиддиятҳои нав илова мешаванд. Дар баробари ин глобализатсия дар худ оқибатиҳои мусбӣ ва манфӣ дорад, ки аз дуруст дарк кардани онҳо ёфтани мавқеъи мамлакатҳо дар раванди глобализатсия вобастагӣ дорад. Дар шароити муосир инкишофи мустаҳками муносибатҳои иқтисодии байнидавлатӣ ва махсусан байни фирмаҳои онҳо, дар асоси тақсимоти байналхалқии меҳнат, хислати глобалиро гирифтааст. Ҳар чи бештар кушод будани иқтисодиёти миллӣ, фаъолияти ширкатҳои фаромилалӣ, табаддулоти илмӣ-техникӣ, савдои байналхалқӣ, ҳаракати сармоя, низоми муосири нақлиёт, алоқа ва иттилоот инкишофи байналмилалишавии хоҷагии ҷаҳониро то дараҷае таъмин намуд, ки дар ин ҷо асосан фаъолиятро фирмаҳои мамлакатҳои алоҳида пеш мебаранд. Ҷаҳонишавии ҳаёти хоҷагӣ асосан дар сатҳи минтақа бо таври интенсивӣ ба назар мерасад, барои он ки қисми асосии фирмаҳо бо фирмаҳои мамлакатҳои ҳамсоя ҳамкорӣ мекунанд. Зери таъсири табаддулоти илмӣ-техникӣ, тақсимоти технологии меҳнат дар сатҳи дохилифирмавӣ ва дар сатҳи байнидавлатӣ меафтад. Ҳамгироӣ (интегратсия) ин ҷараёни мушкили ҳамҷояшавии мамлакатҳо бо мақсадҳои стратегии худ мебошад. Хусусиятҳои ҳамгироӣ дар мақсадҳои алоҳидаи тарафҳо дарҷ меёбад. Ҳамгироии иқтисодии пурра ва мустаҳкам танҳо дар Аврупои Ғарбӣ ва Америкаи Шимолӣ ҷой дорад. Инчунин, инкишофи ҷараёни ҳамгироӣ дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба чашм мерасад. Дар бисёри аз минтақаҳои Америкаи Ҷанубӣ (Лотинӣ), Осиёи Ҷанубӣ, Африка ва Шарқи Миёна бошад, ҳамгирои минтақавӣ то ҳол таъсири самарабахш нарасондааст. Калонтарин марказҳои ҳамгироӣ дар муносибатҳои иқтисодии байналхалқии муосир «сегона»-и калон мебошанд:

1. Иттиҳоди Аврупо, ки 28-то мамлакат аъзо мебошад. Дар доираи ИА, дар замони муосир, дар соҳаи ҳамгироӣ калонтарин дастовардҳо дар назар мерасад;
2. Созишномаи Америкаи Шимолӣ оиди тиҷорати озод-НАФТА (NAFTA-North American Free Trade Agreement), ки аз тарафи ИМА, Канада ва Мексика имзо шудааст;
3. Форуми ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиё ва уқёнуси Ором-АТЭС. Дар дохили АТЭС якчанд гурӯҳҳои ҳамгироии минтақавии калон, аз ҷумла АСЕАН мавҷуд мебошанд.

Рушди ҷараёни ҳамгироӣ яке аз нишондиҳандаҳои асоситарини хоҷагидории ҷаҳонии муосир мебошад. Ҷараёни ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ аз нимаи дуюми асри XX бо суръати баланд дар минтақаҳои гуногуни курраи замин сурат мегирифт. Дар аввали асри XXI мафхуми минтақашавии нав пайдо шуд. Яку якбора баланд шудани рақобати байни фирмавӣ ва байни давлатӣ, соҳаҳои нави рақобат дар бозорҳои анъанавӣ аз тарафи мамлакатҳои алоҳида ва корпоратсияҳо ба амал бароварда шуданд. Дар асоси ин заминаҳо имконияти ҳамҷояшавии мамлакатҳо бо мақсади зери назорати худ гирифтани сиёсати иқтисодии минтақа ва рақобати якҷоя бурдан нисбати мамлакатҳои сеюм ба вуҷуд меояд. Ҳамин тавр, ҷараёни глобализатсияшавии хоҷагии ҷаҳонӣ дар заминаи минтақашавӣ, яъне ҳамҷояшавии мамлакатҳои минтақа ба амал меояд. Дар ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ қатори омилҳои субъективӣ ва объективӣ мавҷуд аст, ки асоситаринашон инҳо мебошад:

1. Глобализатсияи (оламшумулии) хоҷагии ҷаҳонӣ;
2. Тақвиятёбии тақсимоти байналхалқии меҳнат;
3. Табаддулоти умумиҷаҳонии илмӣ-техникӣ;

4. Баланд будани сатҳи кушодии иқтисодиёт.

Дар шароити муосир инкишофи мустаҳками муносибатҳои иқтисодии байнидавлатӣ ва махсусан байни фирмаҳои онҳо, дар асоси тақсимоти байналхалқии меҳнат, хислати глобалиро гирифтааст. Ҳар чи бештар кушод будани иқтисодиёти миллӣ, фаъолияти ширкатҳои фаромилалӣ, табаддулоти илмӣ-техникӣ, савдои байналхалқӣ, ҳаракати сармоя, низоми муосири нақлиёт, алоқа ва иттилоот инкишофи байналмилалишавии хоҷагии ҷаҳониро то дараҷае таъмин намуд, ки дар ин ҷо асосан фаъолиятро фирмаҳои мамлакатҳои алоҳида пеш мебаранд. Ҷаҳонишавии ҳаёти хоҷагӣ асосан дар сатҳи минтақа бо таври интенсивӣ ба назар мерасад, барои он ки қисми асосии фирмаҳо бо фирмаҳои мамлакатҳои ҳамсоя ҳамкорӣ мекунанд. Зери таъсири табаддулоти илмӣ-техникӣ, тақсимоти технологии меҳнат дар сатҳи дохилифирмавӣ ва дар сатҳи байнидавлатӣ меафтад.

АДАБИЁТ

1. Авдокушин Е.Ф. Международные экономические отношения: Учебник. -М.: Юристь, 1999. -368 с.
2. Киреев А.Н. Международная экономика. В 2-х ч. Ч.II.Международная макроэкономика: Открытая экономика и макроэкономическое программирование. Уч.пос. для вузов. -М: Международные отношения - 2006. -416с. С.361-379.
3. «Международные экономические отношения » учебник под редакцией проф. Рыбалкина В.Е. -М., 2002.
4. Саидмуродов Л.Х. Иқтисодиёти байналхалқӣ. -Душанбе: Ирфон, 2002. -383с.
5. Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. –Душанбе, 2011.
6. Ҳабибов С.Ҳ., Ҷамшедов М.Ҷ. Тиҷорати байналмилалӣ. Душанбе «Ирфон» 2007.
7. Иқтисодиёти Тоҷикистон: стратегияи тараққиёт// Досманбетова А.С., Дурнамои рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии ҷамоҳири Осиёи Марказӣ. - 2003. -№ 4

ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАВӢ ВА ТАЪСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ БА ОН

Дар мақолаи мазкур рушди ҷараёни ҳамгироӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои асоситарини хоҷагидории ҷаҳонии муосир таҳлил гардидааст. Ҷараёни ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ аз нимаи дуюми асри XX бо суръати баланд дар минтақаҳои гуногуни кураи замин сурат мегирифт. Дар аввали асри XXI мафҳуми минтақашавии нав пайдо шуд. Дар асоси ин заминаҳо имконияти ҳамҷояшавии мамлакатҳо бо мақсади зери назорати худ гирифтани сиёсати иқтисодии минтақа ва рақобати якҷоя бурдан нисбати мамлакатҳои сеюм ба вуҷуд меояд. Ҳамин тавр, ҷараёни глобализатсияшавии хоҷагии ҷаҳонӣ дар заминаи минтақашавӣ, яъне ҳамҷояшавии мамлакатҳои минтақа ба амал меояд.

Калидвожаҳо: ҷараёни ҳамгироӣ, хоҷагии ҷаҳонӣ, ҳамҷояшавии мамлакатҳои сеюм, глобализатсия, рақобати якҷоя, минтақашавии нав, хоҷагидории ҷаҳонӣ.

РЕГИОНАЛЬНАЯ ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ИНТЕГРАЦИЯ И ВЛИЯНИЕ ГЛОБАЛИЗАЦИИ НА НЕЕ

В статье анализируется развитие интеграционного процесса как одного из основных показателей современной мировой экономики. Процесс региональной экономической интеграции ускоряется в различных частях мира со второй половины двадцатого века. В начале XXI века появилась концепция нового зонирования. Исходя из этого, у стран есть возможность объединиться, чтобы контролировать экономическую политику региона и конкурировать с третьими странами. Таким образом, процесс глобализации мировой экономики происходит на основе регионализации, то есть интеграции стран региона.

Ключевые слова: интеграционный процесс, глобальная экономика, интеграция третьих стран, глобализация, совместная конкуренция, новая регионализация, глобальная экономика.

REGIONAL ECONOMIC INTEGRATION AND THE IMPACT OF GLOBALIZATION ON IT

The article analyzes the development of the integration process as one of the main indicators of the modern world economy. The process of regional economic integration has been accelerating in various parts of the world since the second half of the twentieth century. The concept of a new zoning appeared at the beginning of the XXI century. Based on this, the countries have the opportunity to unite in order to control the economic policy of the region and compete with third countries. Thus, the process of globalization of the world economy takes place on the basis of regionalization, that is, the integration of the countries of the region.

Keywords: integration process, global economy, integration of third countries, globalization, joint competition, new regionalization, global economy.

Сведения об авторе: ***Шаропова Мохпора*** **–** Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры мировой экономики. Телефон: **907466887**

Information about the author: ***Sharopova Mohpora*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Department of World economy. Phone: **907466887**

РОҲҲОИ ТАЪМИНОТИ МАРКЕТИНГИИ ҶАРАЁНИ ОМОДАНАМОИИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ САЙЁҲӢ

Зайниддинов У.М., Юсупов Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити муосир сайёҳӣ яке аз соҳаҳои зудрушдёфтаистодаи иқтисодиёт ба шумор меравад ва муассисаҳои ба сайёҳӣ ба таври мустақил ва ғайримустақил вобаста, мавқеи худро дар бозор мустаҳкам намуда истодаанд. Соҳаи сайёҳӣ фарогири соҳаҳо ва намудҳои гуногуни фаъолият, яъне истеҳсолӣ ва ғайристеҳсолӣ ба мисли: меҳмонхонадорӣ, ҷойгиркунӣ, фурӯши хизматрасонӣ, хизматрасонии сайёҳатӣ (экскурсионӣ), ғизо, табобат, фароғат, дихушӣ, истироҳат, истеҳсоли таҷҳизотҳои сайёҳӣ, амалиётҳои миёнаравӣ, консалтинг ва ғ. мебошад. Бахши сайёҳӣ маҷмааи хоҷагидории байнисоҳавӣ буда, ба тавлиди маҳсулоти сайёҳӣ ва фурӯши он равона гардидааст. Дар ташаккул ва рушди сайёҳӣ нақши мутахассисони соҳибкасби миллӣ муҳим буда, ҷараёни омода намудани онҳо муносибати ҷиддӣ ва зинавиятро талаб менамояд. Аз ин рӯ, омода намудани мутахассисони ба талаботи муосири бозори сайёҳӣ ҷавобгӯ, вазифаи аввалиндараҷа ба шумор рафта, дар пешрафти соҳа, мутахассисон нақши калидиро ичро менамояд. Қобили қайд аст, ки ҷараёни омода намудани мутахассисони бахши сайёҳӣ бо ду роҳ сурат мегирад, яъне анъанавӣ ва ба таври муосир. Бо роҳи анъанавӣ ин усулҳое мебошанд, ки мутахассисон дар ҷои таълимӣ ва ҷои таҷрибаомӯзӣ омода карда мешаванд. Роҳи муосир бошад, усулҳои омода намудани мутахассисонро дар раванди фаъолияти онҳоро (омӯзишу таҳлили истеъдоди корӣ онҳо, санҷиши малакаи кордонӣ, муносибатҳои равонии ҷамъиятии онҳо ва ғ.) дар бар мегирад.

Омода намудани мутахассисон дар бахши сайёҳӣ, яке аз масъалаҳои муҳим дар замони муосир ба шумор меравад, зеро сифатнокии хизматрасонии пешниҳодшаванда ва қаноатмандии сайёҳон аз мутахассисон вобаста аст. Ҳоло сохтори асосии омоданамоии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва меҳмондорӣ аз чор қисм иборат аст, яъне:

1. саноати сайёҳӣ ва меҳмондорӣ;
2. тиҷорати тарабхонавӣ;
3. соҳаи нақлиёт;
4. роҳбалад.

Унсурҳои асосӣ ва ё омилҳои таъсиррасон, ки ба раванди омода намудани мутахассис таъсир мерасонанд, хусусияти системавӣ доранд, ки дар расми зер оварда шудааст.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 14 муассисаҳои таълимӣ бо шумораи умумии 2112 нафар ва дар колеҷҳо 550 нафар аз руи 16 ихтисос мутахассисони соҳаи сайёҳӣ омода карда мешаванд, вале мутаассифона қариб 80%-и онҳо ба талаботи бозори сайёҳӣ рақобатпазир нестанд. Маҳз бархурдории кормандони ширкатҳои сайёҳӣ аз тахассусият, яъне ҷаҳонбинии инноватсионии онҳо, аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, донистани шароитҳои ҷуғрофӣ, шинос будан бо технологияи муосири иртиботию иттилоотӣ, ошноӣ доштан бо равоншиносии муошират фаъолияти ширкатро пурсамар мегардонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ба қадамҳои устувор шомил гардида истодааст, яке аз масъалаҳои муҳим ин омода намудани мутахассисони соҳибкасби миллӣ мебошад. Дар баробари муассисаҳои таълимӣ нақши Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли ин мушкилӣ хеле бузург аст. Айни замон, масъалаи тайёр кардани мутахассисони касбӣ дар ҷумҳурӣ, пурра ҳалли худро пайдо нанамудааст ва он пайомадҳои зерин дорад:

- ҳангоми норасоии мутахассисони касбӣ дар муассисаҳои сайёҳӣ ва меҳмондорӣ талабот ба хатмкунандагони соҳавии бахши сайёҳӣ вобаста ба пастии дараҷаи тахассусияти онҳо коҳиш меёбад;

- дар раванди афзоиши муассисаҳои таълимии соҳавӣ ва ё ихтисосҳои бахши сайёҳӣ, талабот ба омӯзгорони касбӣ, яъне омӯзгорони дорои дониши касбӣ ва таҷрибаи корӣ дар соҳаи сайёҳидошта афзоиш меёбад. Дар ин ҷо зикр бояд намуд, ки ҷалбнамоии

омӯзгорони донишгоҳу донишкадаҳои риштаи сайёҳӣ ба бозомӯзии касбӣ, яъне равон намудани онҳо ба донишгоҳҳои кишварҳои аз лиҳози сайёҳӣ пешрафта ва таъмини иштироки онҳо дар конфронсҳои байналхақӣ, аз манфиат холӣ нест;

- ташкил намудани синфхонаҳои махсуси бо технологияи муосир муҷаҳҳазонидашуда;

- қабули барномаҳои махсуси такмили ихтисоси омӯзгорони бахши сайёҳӣ дар давлатҳои пуртаҷриба.

Қобили қайд аст, ки норасоии омӯзгорони соҳибкасб низ яке аз масъалаҳои муҳим мебошад, алалхусус дар кишварҳое, ки соҳаи сайёҳӣ дар ҳоли рушд қарор дорад. Ба андешаи мо, азбаски барои мутахассисони соҳаи сайёҳӣ донистани забонҳои хориҷӣ муҳим аст, кушодани гурӯҳҳои англисии ихтисоси сайёҳӣ ва ҳамзамон дар нақшаҳои таълимӣ ба роҳ мондани омӯзиши забони хориҷӣ дар чор соли таҳсили низоми бакалавриат, ба мақсад мувофиқ мебошад. Ба мукаммалгардонии низоми омоданамоии мутахассисони риштаи сайёҳӣ ба андешаи мо баргузории як қатор чорабиниҳо ва тарҳрезии барномаҳои беҳгардонии тайёр намудани кадрҳо муҳим аст.

Мукаммалгардонии низоми омода намудани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ

№	Тавсияҳо	Мухтавои тавсияҳо
1	Бунёди пойгоҳҳои махсусе, ки дар он ҷо донишҷӯёни риштаи сайёҳӣ таҷриба мегузаронанд	Ташкили ин гуна пойгоҳҳо дар омезиш додани донишҳои назариявӣ ва амалии донишҷӯён мусоидат менамояд
2	Ташкили семинар-тренингҳо дар минтақаҳои гуногуни сайёҳии кишвар	Дар ин ҳолат аҳолии маҳаллии ҳудудҳои сайёҳӣ бо нозукиҳои қабули сайёҳон, муошират бо онҳо, психологияи муносибат ва тарзи қабулу гусели сайёҳон шинос карда мешаванд.
3	Мукаммалгардонии низоми такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорони соҳаи сайёҳӣ	Баландбардории дараҷаю сифати тахассусияти омӯзгорони муассисаҳо, ки дар риштаи сайёҳӣ фаъолият менамоянд, тавассути фиристодани онҳо ба таҷрибаомӯзӣ ба давлатҳои хориҷа.
4	Бунёди марказхои инноватсионии сайёҳӣ	Ташкили маркази рушди сайёҳӣ дар ДМТ ва таъмини он бо базаи моддӣ-техникӣ. Дар ин ҳолат аз ҷониби мутахассисони марказ пайваста бозори сайёҳӣ омӯхта мешавад ва инчунин раванди тайёр кардани мутахассисон беҳтар мегардад.

Тавсияҳои овардашуда ба расидан ба баландбардории сатҳи тайёр кардани мутахассисон барои саноати сайёҳӣ мувофиқ мебошад.

Ҳамин тавр, қобили зикр аст, ки соҳаи сайёҳӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз соҳаҳои асосии иқтисоди миллӣ ба шумор меравад ва дар раванди пешбурди соҳа омода намудани мутахассисони соҳибкасби миллӣ боиси ҳалли якқатор мушкилиҳо мегардад.

АДАБИЁТ

1. Кадырова М.Э. Туристское образование в Таджикистане: состояние и проблемы. -Душанбе: Ирфон, 2006. -120 с.
2. Кадырова М.Э. Требования сферы туризма к подготовке специалистов по направлениям туристско-экскурсионной деятельности в Республике Таджикистан. Научный журнал. Вестник ассоциации ВУЗов туризма и сервиса. -Том 10. -2016. -№3.
3. Квартальнов В.А. Подготовка туристских кадров // Управление персоналом. - 2009. -№5. -С. 21-22.
4. Ёров Ҷ.Н., Сайфуллоев Н.Н., Гулмирзоев Р.Н., Сангинов Д.Ш. Иқтисоди бозори сайёҳӣ. Воситаи таълимӣ. -Душанбе, 2017. -275 с.
5. Айгистова О.В. Использования педагогических технологий в профессиональной подготовке менеджеров туризма: дис. канд. пед. наук. -М., 2009. -142 с.
6. Васильев В.В. Практическая подготовка менеджеров туризма в системе высшего образования: Монография. – М: Наука, 2002. -239 с.
7. Моисева Н.К.Стратегическое управление туристской фирмой. -М.: Финансы и статистика, 2000.
8. Чернышев А.В. Профессиональная подготовка и повышение квалификации специалистов гостиничного комплекса. -М: Интел-универсал, 2000.

9. Чудновский А.Д., Жукова М.А., Сенин В.С. Управление индустрией туризма: учеб. пособие. -М.: КНОРУС, 2007.
10. Зорин А.И. Профессиональное туристское образование: Структурный анализ и понятийная база: Монография. – М.: Советский спорт, 2004. -132 с.

РОҲҲОИ ТАЪМИНОТИ МАРКЕТИНГИИ ҶАРАЁНИ ОМОДАНАМОИИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ САЙЁҲӢ

Дар мақола масъалаҳое таҳлил гардидаанд, ки ба низоми муосири омоданамоии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастаанд. Вобаста ба ташаккули соҳаи сайёҳи дар ҷумҳурӣ ва эътирофи ин соҳа ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, зарурати робитаи мутақобилаи низоми таълимоти касбии соҳавӣ бо бозори меҳнат ба миён омадааст. Қайд шудааст, ки ҷараёни омода намудани мутахассисони бахши сайёҳӣ бо ду роҳ сурат мегирад, яъне анъанавӣ ва ба таври муосир. Бо роҳи анъанавӣ ин усулҳое мебошанд, ки мутахассисон дар ҷои таълимӣ ва ҷои таҷрибаомӯзӣ омода карда мешаванд. Роҳи муосир бошад, усулҳои омода намудани мутахассисонро дар раванди фаъолияти онҳо (омӯзишу таҳлили истеъдоди кории онҳо, санҷиши малакаи кордонӣ, муносибатҳои равонии ҷамъиятии онҳо ва ғ.) дар бар мегирад. Аз ин рӯ, дар мақола муаммоҳои омода намудани мутахассисони соҳибкасби миллӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, роҳҳои баландбардории тахассусияти онҳо пешниҳод гардидаанд.

Калидвожаҳо: сайёҳӣ, мутахассис, аутсорсинг, аутстаффинг, иқтисоди миллӣ, тахассусият, рақобатнокӣ ва ғайра.

СПОСОБЫ МАРКЕТИНГОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПОДГОТОВКИ СПЕЦИАЛИСТОВ В СФЕРЕ ТУРИЗМА

В статье рассмотрены современные системы подготовки высококвалифицированных национальных кадров сферы туризма. В зависимости от развития туризма в Республике Таджикистан и признание туризма как перспективная отрасль национальной экономики, подготовка национальных кадров является одним из ключевых вопросов. Автор констатирует, что процесс подготовки кадров сферы туризма осуществляется двумя путями, то есть традиционными и современными. Традиционный путь, это подготовка кадров в учебных заведениях и в местах проведения производственной практики, а современный путь это подготовка кадров в туристских организациях с привлечением высококвалифицированных сотрудников. Поэтому в деле устойчивого туризма и вхождения Республики Таджикистан на мировой туристский рынок первоочередным задачей является подготовка и переподготовка национальных кадров, потому что кадры решают всё, включая и туризм.

Ключевые слова: Туризм, специалист, аутсорсинг, аутстафинг, национальная экономика, специализация, конкуренция и тд.

METHODS OF MARKETING SUPPORT FOR TRAINING SPECIALISTS IN THE FIELD OF TOURISM

The article discusses modern training systems for highly qualified national tourism personnel. Depending on the development of tourism in the Republic of Tajikistan and the recognition of tourism as a promising sector of the national economy, the training of national personnel is one of the key issues. The author states that the training process for tourism is carried out in two ways, that is, traditional and modern. The traditional way is personnel training in educational institutions and in places of industrial practice, and the modern way is personnel training in tourism organizations with the involvement of highly qualified employees. Therefore, in the matter of sustainable tourism and the Republic of Tajikistan entering the world tourism market, the priority is to train and retrain national staff, because staff decide everything, including tourism.

Keywords: Tourism, specialist, outsourcing, outstaffing, national economy, specialization, competition, etc.

Сведения об авторах*: Зайниддинов Усмон Мирзомуродович* – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры экономики и управление туризмом финансово-экономического факультета. Телефон: **+992 919 29 55 00**
Юсупов Бахром – Таджикский национальный университет,магистр второго курса кафедры экономика и управление туризмом финансово-экономического факультета

Information about the authors: ***Zayniddinov Usmon Mirzomurodovich*** – Tajik National University, assistant of Department of Economic and Tourism Management, Faculty of finance and Economic. Phone: **+992 919 29 55 00**
Yusupov Bahrom – Tajik National University, second-year master`s student of Department of Economic and Tourism Management, Faculty of finance and Economic

ШАРТНОМА ДАР БАХШИ ФАЪОЛИЯТИ САЙЁҲӢ

Неъматова Ҷ.Х.
Донишгохи милли Точикистон

Шартномаҳо дар соҳаи сайѐҳӣ, ба назари мо метавонанд ба се гурӯҳ тақсим карда шаванд:

-Шартномаҳо байни оператори сайёҳӣ (агенти сайёҳӣ) ва сайёҳон баста мешаванд.

-Созишномаҳое, ки дар байни операторҳои туристӣ ва агенти сайёҳӣ баста шудаанд

-Қарордодҳо байни оператори сайёҳӣ ва шарикони он, иҷрокунандагони бевоситаи хизматрасониҳои муайян ба анҷом расидаанд.

-интиқолдиҳанда

-меҳмонхона

-мизбони сайёҳӣ

-Агенти сафар

-Сайёҳ [1].

Зерфасли 2, бобҳои 26-28, моддаҳои 452- 487-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти умумӣ оид ба шартнома ва боби 37 (моддаҳои 797-803) муқаррарот оид ба шартномаи хизматрасонии пулакиро фаро гирифтааст [2]. Мутобиқи моддаи 452 КГ ҶТ шартнома созиши ду ё якчанд шахс барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъи ҳуқуқ ва уҳдадории граждани мебошад. Дар асоси моддаи 797-и КГ ҶТ тибқи шартномаи хизматрасонии пулакӣ бо супориши фармоишгар иҷрокунанда вазифадор аст хизмате расонад (амали муайяне ё фаъолияти муайянеро анҷом диҳад), ки дорои шакли ашёӣ набошад ва фармоишгар уҳдадор аст арзиши онро пардозад. Мавзӯи шартномаи хизматрасонии пулакӣ аз хизматрасонии алоқа, тиббӣ, байторӣ (ветеринарӣ), аудиторӣ, машваратӣ, иттилоотӣ, оид ба таълим, хизматрасонии фарҳангӣ, туристӣ ва ғайра иборат аст (моддаи 798 КГ ҶТ). Аз муқаррароти КГ ҶТ бармеояд, ки шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ як намуди шартномаи хизматрасонии пулакӣ аст. Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани нишондоди дигар иҷрокунанда уҳдадор аст хизматрасони (хизматрасониҳо)-и дар шартнома пешбинишударо шахсан анҷом диҳад. Фармоишгар уҳдадор аст хизмат (хизматҳо)-и ба ӯ расонидашударо тибқи муҳлат ва тартиби дар шартнома зикргардида пардозад. Дар сурати имконнопазирии иҷро, ки бо гуноҳи иҷрокунанда ба миён наомадааст, фармоишгар вазифадор аст бо нигоҳ доштани фоидае, ки иҷрокунанда ба даст овардааст ё метавонист дар натиҷаи озод намудани ӯ аз иҷрои хизматрасони (хизматрасониҳо) ба даст орад, подошпулии муносиб диҳад. Дар сурати бо гуноҳи фармоишгар ба миён омадани имконнопазирии иҷро, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, арзиши хизматрасонӣ дар ҳаҷми пурра пардохта мешавад. Фармоишгар ҳуқуқ дорад дар ҳолати аз тарафи иҷрокунанда пардохтани арзиши ҳақиқии хизматрасони аз шартномаи хизматрасонии пулакӣ даст кашад. Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад танҳо баъди пурра ҷуброн кардани зарари вобаста ба бекор кардани шартнома ба фармоишгар расонидашударо, ба истиснои ҳолатҳое, ки он бо гуноҳи фармоишгар рух додааст ва аз иҷрои шартнома хизматрасонии пулакӣ талаб намояд. Муқаррароти умуми оид ба пудрат ва муқаррарот оид ба пудрати маиши, хилофи қоидаҳои шартномаи хизматрасонии пулакӣ, инчунин мушаххасоти мавзӯи шартномаи хизматрасонии пулакӣ набошанд, нисбат ба шартномаи хизматрасонии пулакӣ татбиқ карда мешаванд. Субъектҳои фаъолияти туристӣ ҳангоми ташкили сафари туристӣ ба турист роҳҳати намунаи ягонаро бо имзои шахси масъул, ки бо муҳри корхонаи мазкур (субъект) тасдиқ карда шудааст, ба расмият дароварда, медиҳанд. Шартнома (қарордод) дар ҳолате басташуда ҳисобида мешавад, ки агар корхонаи туристӣ роҳхат дода бошад ва муштарӣ пардохти дахлдорро мувофиқи шартҳои шартнома (қарордод) супурда бошад. Субъекти фаъолияти туристӣ метавонад зарарҳоро ҷуброн накардаи шартномаро бекор кунад дар ҳолате, ки агар далели бекоркунӣ ба маълумоти турист ҳангоми мавҷудияти

ҳолатҳои рафънопазир сарфи назар аз иродаие, ки ба амалӣ шудани саёҳат ё пешниҳоди хизматрасонӣ монеъ мегардад, шахсан на дертар аз 15 рӯз то санае, ки сафар аз он оғоз меёбад, расонида шуда бошад. Дар ин ҳолат ҳамаи маблағе, ки қаблан аз тарафи турист супурда шудааст, ба ӯ баргардонида мешавад (моддаи 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи туризм») [3]. Туристон барои саёҳат кардан роҳхати намунавиро, ки бастани шартномаро ба саёҳат тасдиқ мекунад, бо имзои шахси дахлдор ва мӯҳри тасдиққардаи фурӯшанда мегиранд. Роҳхати туристӣ – ин асноди алоҳидаест, ки дар байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи хизмати туристӣ як навъи шартнома мебошад ва пардохти онҳоро тасдиқ мекунад. Пойгири (корешоки) роҳҳат дар фурӯшандаи саёҳат боқи мемонад. Роҳҳат бояд хусусиятҳои зеринро дар бар гирад: ном, суроға, тамғаи тиҷоратии ташкилотҳои туристӣ, дар фурӯшанда мавҷуд будани иҷозатнома, рақам ва санаи дода шудани он; насаб, ном ва номи падари турист, ки роҳхат гирифтааст, рақами шиносномаи хориҷӣ, агар роҳҳат номӣ бошад; тасниф ва стандартҳои тамоми хизматрасониҳо бо дарназардошти ҷойгиркунӣ, озуқа, нақлиёт ва дигар хизматрасониҳо, ки ба арзиш ворид карда шудаанд, инчунин мавҷудияти шартҳои суғурта; арзиши умумии саёҳат ва шартҳои пардохти он аз ҷониби муштарӣ (пешпардохти пурра, қисман, аванс, тибқи далели хизматрасонии дастрасшуда); тавсифи шароит ва вазъият, ки дар мавриди онҳо турист метавонад радди сафар намояд (ҷуброн накардани зарар, қисман ҷуброн кардани зарар ба ташкилкунандаи саёҳат); тавсифи шакл ва ҳаҷми ҷуброн ба турист барои вайрон кардани шартҳои сафарие, ки дар роҳхат мувофиқа шудаанд ва бо айби субъектҳои фаъолияти туристӣ, ки саёҳат ва хизматрасониро ташкил кардаанд, роҳ дода шудаанд; дигар шартҳо тибқи мувофиқаи байни муштарӣ ва ташкилкунандаи саёҳат. Ҳангоми сафар дар ҳайати гурӯҳи туристӣ, ба роҳбари гурӯҳӣ туристӣ роҳхати умумӣ дода мешавад. Дар роҳхати умумӣ маълумот дар бораи роҳбар ва ҳайати миқдории гурӯҳ, навишта мешавад. Маълумоти аъзои гурӯҳ дар замима (рӯйхат), ки қисми ҷудонопазири роҳҳати умумӣ мебошад, дода мешавад. Ҳуқуқ, вазифа ва масъулияти роҳбари гурӯҳи туристӣ бо шартномаи байни онҳо ва субъекти фаъолияти туристӣ муайян карда мешаванд [4]. Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ намуди шартномаи хизматрасонии пулакӣ буда, тибқи он як тараф (танзимгари сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ) уҳдадор мешаванд ба тарафи дигар (сайёҳ) ба воситаи худ ва ё шасони сеюм хизмати сайёҳӣ расонад ва тарафи дигар (сайёҳ) уҳдадор мешавад, ки маблағи муқарраршударо пардохт намояд. Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ дорои чунин нишонаҳо мебшад:

1. Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ намуди шартномаи хизматрасонии пулакӣ аст.

2. Он консесуалӣ буда, иҷроиши пайдарпайии амалҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва воқеиро дарбар мегирад.

3. Дутарафа аст, яъне танзимгар ва ё агентии сайёҳӣ ва сайёҳ.

4. Он шартномаи пулакӣ аст. Ҳар як тараф дар ин шартнома дорои манфиати амволӣ аст, яъне ҳуқуқ ба қонеъ намудани талаботи муайяни худро дорад.

5. Хизмати бо ин шартнома пешбинишуда шахсан аз тарафи иҷрокунанда (танзимгари сайёҳӣ) ва ё шахсони сеюме, ки иҷрокунанда ба онҳо шартнома бастааст (интиқолдиҳандагон, меҳмонхонаҳо, экскурсаводҳо ва ғайра) расонида мешавад.

6. Ин шартнома шартномаи оммавӣ аст, бинобар ин нисбати ин шартнома муқаррарот оид ба ҳуқуқи даст кашидани бастани шартнома аз ҷониби иҷрокунанда (танзимгар ва агентии сайёҳӣ) паҳн намегардад.

7. Яке аз тарафҳои ин шартнома доимо шахси воқеӣ – сайёҳ мебошад.

8. Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ба муҳлати муайян баста мешавад (аз 24 соат то 12 моҳ).

9. Агар иҷроиши шартнома ба зиммаи шахси сеюм гузошта шуда бошад, барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани шартнома аз ҷониби шахси сеюм танзимгари сайёҳӣ ҷавобгар аст.

10. Мавзӯи шартноми хиизматрасонии сайёҳиро хизмати сайёҳӣ (маҳсулоти туристӣ) ташкил медиҳад [5]. Хизмати сайёҳӣ (маҳсулоти сайёҳӣ) - ҳуқуқ ба саёҳат, ки барои фурӯш, ба турист мутобиқи дастурҳои муқарраркардаи давлат пешбинӣ гардидааст. Маҳсулоти туристӣ бо дарназардошти вазъи бозори туристӣ ё тибқи фармоиши мушаххаси турист ташаккул меёбад. Фурӯши маҳсулоти туристӣ дар асоси шартнома амалӣ карда мешавад.

Шартномаҳои хизматрасонии сайёҳиро вобаста ба иштирокчиёни шартнома метавонем ба 3 гурӯҳ ҷудо намоем:

1. Шартномаҳое, ки байни танзимгари сайёҳӣ (агентии сайёҳӣ) ва сайёҳ баста мешаванд.

2. Шартномаҳое, ки байни танзимгари сайёҳӣ ва шарикони ӯ – иҷрокунандагони бевоситаи хизмат басташаванда.

3. Шартномаҳое, ки байни танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ баста мешаванд – агентӣ, комиссия ва супориш.

Дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва илми ҳуқуқӣ шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ибораҳои гуногун истифода мешаванд. Дар Конвенсияи байналмилалӣ дар қарордод барои сайёҳат (соли 1970) ибораи «қарордод барои сайёҳат» истифода мешавад. Директивае Иттиҳоди Аврупо номи мушаххаси шартномаро ифода накарда, ба «шартномаи алоқамандкунандаи истеъмолкунанда ва ташкилкунандаи маҳсулоти сайёҳӣ ва ё фурӯшандаи чакана» ишора мекунад. Улажанияи граждании Олмон танзимкунандаи уҳдадории аз шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ бароянда аст. Дигар давлатҳо ибораи «қарордод ба саёҳат» (travel contract). Дар адабиёти илмӣ аҳди байни фирмаи сайёҳӣ ва сайёҳро «шартномаи сайёҳӣ» меноманд. Навобаста аз ин гуногун ифоданамоиҳои номи шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ моҳияти онҳо дар хизматрасонии сайёҳӣ ифода меёбад, ки дар худ унсурҳои интиқолдиҳӣ, иқомат, хурдан ва дигар хизматҳоро дар соҳаи сайёҳӣ дарбар мегирад. Бастан, тағйир додан ва бекор намудани шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ дар асоси муқаррароти боби 27-28, моддаҳои 464-477-и қисми якум ва бо дарназардошти меъёрҳои боби 37 қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 13-15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» баамал бароварда мешавад. Агар байни тарафҳо, тибқи шакли дар ҳолатҳои муайяни зарурӣ аз рӯи ҳама шартҳои асосии шартнома созиш ба даст омада бошад, шартнома басташуда ҳисобида мешавад. Шартҳои оид ба мавзӯи шартнома, шартҳое, ки дар қонун ё дигар санади ҳуқуқӣ барои шартномаи мазкур муҳим ва зарурӣ номбар шудаанд, инчунин ҳамаи он шартҳое, ки дар алоқамандӣ ба онҳо тибқи аризаи яке аз тарафҳо бояд созиш ба даст ояд, шартҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Шартнома бо фиристодани оферта (пешниҳод барои бастани шартнома) аз ҷониби як тараф (танзимгар ва агентии сайёҳӣ) ва аксепти он (қабули пешниҳод) аз ҷониби тарафи дигар (сайёҳ) баста мешавад. Оферта пешниҳоди ба як шахс ё якчанд шахси муайян фиристодае мебошад, ки мақсади шахси пешниҳод кардаро аниқ ифода намуда шартномаро бо унвоне, ки пешниҳодро қабул кунад, имзо карда шуда ҳисоб мекунад. Оферта бояд шартҳои муҳими шартномаро дар бар гирад. Аксепт ҷавоби шахсе мебошад, ки офертаи ба ӯ фиристодашударо гирифтааст. Аксепт бояд пурра ва бечунучаро бошад. Шартнома аз лаҳзаи аз ҷониби шахси фиристодаи оферта гирифтани аксепти он баста шуда ба ҳисоб меравад. Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад. Шартнома дар шакли хаттӣ бо роҳи тартиб додани як санади имзокардаи тарафҳо, инчунин бо роҳи мубодилаи аснод аз тариқи почта, телеграф, телетайп, телефон, алоқаи электронӣ ё дигар навъи алоқае, ки имконияти аз ҷониби тарафи шартнома фиристода шуданашро мӯътамад тасдиқ менамояд, баста шуданаш мумкин аст. Агар дар шартнома маҳалли имзои шартнома муайян нагардида бошад, шартнома дар маҳалли зисти шаҳрванд ё маҳалли буду боши шахси ҳуқуқӣ, ки оферта фиристодааст, баста шуда эътироф мегардад. Агар ихтилофоте, ки ҳангоми бастани шартнома ба миён омадаст, дар асоси Кодекси гражданӣ ё тибқи созишномаи байни тарафҳо манзури баррасии суд карда шавад, шартҳои шартнома, ки нисбат ба онҳо тарафҳо ихтилофи назар доштанд мутобиқи қарори суд муайян карда мешаванд. Агар дар қонунҳо ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, шартномаро бо созиши тарафҳо тағйир додан ё бекор кардан мумкин мебошад. Шартномаро бо талаби яке аз тарафҳо танҳо дар ҳолатҳои зайл аз тариқи суд тағйир додан ё бекор кардан мумкин аст:

а) ҳангоми шартномаро ба таври назаррас вайрон кардани тарафи дигар;

б) дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси гражданӣ, қонунҳои дигар ё шартнома.

Ҷиддан риоя накардани шартнома он аст, ки ба ҷониби дигар аз ин зиён расида, ӯро аз умеди ба даст овардани нафъи зиёде маҳрум созад, ки ҳангоми бастани шартнома дар

назар дошт. Ҳангоми яктарафа рад намудани иҷрои пурра ё қисмани шартнома, агар чунин радро қонун ё созишномаи тарафҳо иҷозат диҳад, шартнома мувофиқан бекор ё тағйирдодашуда ба ҳисоб меравад. Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад ва ё аз моҳияти он барнаояд тағйир ёфтани ҳолат, ки тарафҳо ҳангоми бастани шартнома онро ба инобат гирифта буданд, барои тағйир додан ё бекор кардани он асос буда метавонад. Тағйир ёфтани ҳолат ҳангоме ба таври назаррас эътироф карда мешавад, ки агар тарафҳо чунин тағйир ёфтани ҳолатро оқилона пешбинӣ карда бошанд, умуман шартнома намебастанд ё он бо шартҳои то андозае дигар ба имзо мерасид. Агар тарафҳо дар мавриди ба ҳолати ба таври назаррас тағйирёфта мутобиқ гардонидани шартнома ё бекор кардани он ба мувофиқа нарасида бошанд, вайро суд бекор карда, тибқи талаби тарафи манфиатдор ҳамзамон бо шартҳои зайл тағйир дода метавонад:

а) агар дар лаҳзаи бастани шартнома тарафҳо онро ба асос гирифта бошанд, ки чунин тағйир ёфтани ҳолат ба миён намеояд;

б) агар ҳолат бо сабабҳое тағйир ёфта бошад, ки тарафи манфиатдор пас аз рух доданаш онро ба ҳадди ғамхорӣ ва эҳтиёткорие, ки аз талаби шартнома ва шарти аҳдҳо бармеоянд бартараф карда наметавонист;

в) агар иҷрои шартнома бидуни тағйир додани шарт таносуби ба шартнома мувофиқи манфиати молу мулкии байни тарафҳоро то андозае вайрон кунад ва ба тарафи манфиатдор он қадар зиёне расонад, ки аз манфиати калоне, ки ҳақ дошт ҳангоми бастани шартнома ба он умед бандад, маҳрум шуда метавонист;

г) агар аз анъанаҳои аҳдҳои корӣ ё моҳияти шартнома барнаояд, ки таваккали тағйир ёфтани ҳолат ба зиммаи тарафи манфиатдор аст.

Ҳангоми бекор кардани бинобар ҷиддан тағйир ёфтани он суд бо талаби ҳар кадоме аз тарафҳо оқибати бекор кардани шартномаро бо назардошти тақсими одилонаи хароҷоти иҷрои ин шартнома масраф шудааст, муайян мекунад. Бекор кардани шартнома аз сабаби ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат танҳо бо қарори суд, дар ҳолатҳои мустасно, ҳангоме, ки бекор кардани шартнома ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мухолиф аст ё ба тарафҳо зиёне ворид мекунад, ки аз хароҷоти баъди тағйир додани шартҳо аз ҷониби суд барои иҷрои шартнома зарурӣ хеле зиёд аст, иҷозат дода мешавад. Агар аз қонун, дигар санади ҳуқуқӣ, шартнома ё анъанаҳои аҳдҳои корӣ тартиби дигаре барнаояд, созишномаи тағйир додан ё бекор кардани шартнома, ба ҳамон шакле ки шартнома дорад, сурат мегирад. Тараф талаби тағйир додан ё бекор кардани шартномаро танҳо баъди гирифтани раддияи тарафи дигар оиди тағйир додан ё бекор кардани шартнома ё дар мӯҳлати дар пешниҳод ё дар қонун ва ё дар шартнома муайяншуда нагирифтани ҷавоб ва дар сурати набудани он дар муддати сӣ рӯз ба суд арз карда метавонад. Ҳангоми тағйир додани шартнома уҳдадории тарафҳо дар шакли тағйирёфта нигоҳ дошта мешавад. Ҳангоми бекор кардани шартнома уҳдадории тарафҳо қатъ мегардад. Агар аз созишнома ё моҳияти тағйир додани шартнома тартиби дигаре барнаояд, дар ҳолати тағйир додан ё бекор кардани шартнома уҳдадорӣ аз рӯзи бастани созишномаи тарафҳо дар мавриди тағйир додан ё бекор кардани шартнома, ва ҳангоми тағйир додан ё бекор кардани шартнома тибқи тартиби судӣ бошад, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд дар бораи тағйир додан ё бекор кардани шартнома тағйирёфта ё бекоркардашуда ба ҳисоб меравад. Агар дар қонун ё созишномаи тарафҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, тарафҳо ҳақ надоранд баргардонидани чизеро, ки онҳо мутобиқи уҳдадорӣ то рӯзи тағйир додан ё бекор кардани шартнома анҷом додаанд, талаб намоянд. Агар аз ҷониби яке аз тарафҳо ба таври назаррас вайрон кардани шартнома барои тағйир додан ё бекор кардани шартнома асос шуда бошад, тарафи дигар ҳақ дорад товони зиёни аз тағйир додан ё бекор кардани шартнома расидаро талаб намояд. Шартномаро мутобиқи аризаи яке аз тарафҳо танҳо дар ҳолатҳои зайл тағйир додан ё бекор кардан мумкин аст: а) агар иҷрои шартнома имконнопазир бошад; б) аз ҷониби тарафи дигар вайрон кардани шартҳои пешбининамудаи қонунҳо ё шартнома дар мавриди сифат, муҳлати иҷро ва дигар шартҳо; в) агар тарафи дигар тибқи тартиби муқарраргардида муфлис эътироф шуда бошад; г) агар санади мақомоти давлатӣ, ки дар асоси он шартнома баста шуда буд, тағйир дода ё бекор карда шуда бошад; д) дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунҳо ё шартнома. Дар сурати яктарафа тағйир додан ё бекор кардани шартнома як тараф бояд тарафи

дигарро на дертар аз як моҳ пешакӣ огоҳ созад [6]. Дар фаъолияти сайёҳӣ ҷавобгарии шартномавӣ дар мавриди иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳо дар асоси шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ мебошад. Таҳти мафҳуми вайрон кардани уҳдадорӣ иҷро накардан ё иҷрои номатлуб (сари вақт иҷро накардан, норасоиҳои мол ва корҳо, вайрон кардани дигар шартҳо ё ки аз моҳияти уҳдадорӣ бармеояд) дар назар дошта шудааст (иҷрои номатлуб) [7]. Дар сурати пеш омадани ҳолати ғайриимкони иҷрои матлуб қарздор бояд фавран кредиторро огоҳ созад. Ба ҷавобгарӣ кашидани қарздор барои вайрон кардани уҳдадорӣ тибқи талаби кредитор анҷом дода мешавад. Қарздоре, ки уҳдадориро вайрон кардааст, вазифадор аст ба кредитор товони зиёни дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадорӣ расидаро пардозад. Ҷуброни зиён оид ба уҳдадориҳое, ки бо ҷаримаи аҳдшиканӣ таъмин шудааст, мутобиқи қоидаҳои пешбининамудаи Кодекси граждани муайян карда мешавад. Созишномаи то вайрон кардани уҳдадорӣ қабулнамудаи тарафҳо дар мавриди озод кардани қарздор аз товони зиёни аз вайрон кардан расонидашаванда беэътибор буда, вале тарафҳо бо розигии ҳамдигар метавонанд танҳо рӯёнидани зиёни воқеии ба молу мулк расонидашударо пешбинӣ намоянд. Агар дар қонунҳо ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ҳангоми муайян кардани зиён нархҳои маҳалле, ки уҳдадорӣ мебоист дар он ҷо ба иҷро расонда шавад, дар рӯзи ихтиёран қонеъ намудани талаби кредитор аз ҷониби қарздор ба эътибор гирифта мешавад, вале агар талабот ихтиёран қонеъ карда нашуда бошад – нархҳои дар рӯзи арз шудани даъво амалкунанда ба инобат гирифта мешаванд. Бо назардошти ҳолатҳо, суд метавонад талаби товони зиёнро бо ба инобат гирифтани нархҳое, ки дар рӯзи баровардани қарор амал мекунанда ё дар рӯзи пардохти воқеӣ ҷорӣ мебошанд, қонеъ намояд. Ҳангоми муайян кардани андозаи даромади аздастрафта, тадбирҳои андешидаи кредитор барои гирифтани ин даромад ва барои ин мақсад омодагӣ дидани ӯ ба инобат гирифта мешавад. Агар кредитор, исбот карда тавонад, ки ҳамагуна амали қарздор, бо мақсади саркашӣ аз масъулият барои вайрон кардани уҳдадорӣ анҷом дода шудааст, оид ба беэътибор донистани ин амалҳо ҳақ дорад, талабот арз намояд. Агар барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ ноустуворона муқаррар гардида бошад, пас зиён дар қисми бо ноустуворона таъминнашуда рӯёнида мешавад. Қонунҳо ва ё шартнома ҳолатҳои зайлро пешбинӣ намуданашон мумкин аст: ҳангоме, ки танҳо рӯёнидани ноустуворона иҷозат дода мешавад, вале на товони зиён; ҳангоме, ки товони зиён метавонад ба маблағи пурра бар замми ҷаримаи ахдшиканӣ руёнида шавад; ҳангоме, ки мутобиқи интихоби кредитор ё ҷаримаи ахдшиканӣ ё товони зиён руёнида мешавад. Дар ҳолатҳое, ки барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ масъулияти маҳдуд муайян карда шудааст, товони зиёне, ки бояд дар қисми бо ҷаримаи аҳдшиканӣ таъминнашуда ё бар замми он ё бар ивази он руёнида шаванд, то ҳадде бо чунин маҳдудсозӣ муқарраргардида, ҷуброн шуданашон мумкин аст. Зиёни маънавӣ (азоби ҷисмонӣ ё рӯҳӣ), ки ба шахрванд дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадорӣ расонида шудааст, бар замми товони зиёни пешбининамудаи Кодекси граждани ҷуброн карда мешавад. Шахсе, ки уҳдадориро иҷро накардааст ё онро номатлуб иҷро кардааст, ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ (қасдан ё аз сабаби беэҳтиётӣ), ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонун ё шартнома дигар асосҳои масъулиятро пешбинӣ намудаанд, ҷавобгар мебошад. Шахс ҳангоме бегуноҳ дониста мешавад, ки агар бо вуҷуди ҳама гуна ғамхорӣ ва мулоҳизакорие, ки вобаста ба хусусиёти уҳдадорӣ ва шарти аҳд аз ӯ талаб кардашуда буд, ҷиҳати иҷрои матлуби уҳдадорӣ ҳамаи тадбирҳоро андешида бошад. Бегуноҳии худро шахсе, ки уҳдадориро вайрон кардааст, исбот мекунад. Дар фаъолияти сайёҳӣ шахсе, ки ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ уҳдадориро иҷро накардааст ё номатлуб иҷро кардааст, агар исбот накунад, ки иҷрои матлуби уҳдадорӣ дар натиҷаи қувваи рафънопазир, яъне дар ҳамон шароит фавқулодда ва ногузир имконнопазир гаштааст, масъулият ба зимма дорад. Ба чунин ҳолатҳо, аз ҷумла вайрон кардани уҳдадорӣ аз тарафи контрагентҳои қарздор, дар бозор мавҷуд набудани молҳои барои иҷро зарурӣ, маблағи зарурӣ надоштани қарздор дохил намешаванд. Мутобиқи шартнома ё қонун шартҳои дигари аз масъулият озод кардани субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ низ пешбинӣ шуданашон мумкин аст. Созишномаи қаблан басташуда дар мавриди бартараф намудан ё маҳдуд сохтани масъулияти қасдан вайрон кардани уҳдадорӣ эътибор надорад.

Дар фаъолияти сайёҳӣ танзимгар ва ё агентии сайёҳӣ барои амали кормандони худ низ гунаҳгор аст. Амали кормандони қарздор чиҳати иҷрои уҳдадориҳояш амали қарздорӣ эътироф карда мешавад. Агар ин амал боиси иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ гардида бошад, қарздор барои ин амал ҷавобгар аст. Қарздор инчунин дар ҳолатҳое, ки сабаби риоя накардани уҳдадорӣ амал ё беамалии шахси сеюм оид ба уҳдадориҳояшон дар назди қарздор гаштааст, дар назди кредитор масъулият дорад. Агар дар қонун муайян нашуда бошад, ки масъулият ба зиммаи иҷрокунандаи бевосита гузошта мешавад, қарздор инчунин барои амал ё беамалии шахси сеюм, ки ба онҳо қарздор иҷрои уҳдадориашро дар назди кредитор вогузошта буд, дар назди кредитор ҷавобгар аст. Қарздор аз масъулияти вайрон кардани уҳдадорӣ, ки аз амал ё беамалии шахси сеюм бармеояд, озод карда шуданаш мумкин аст, ба шарте ки бегуноҳии онҳоро исбот карда тавонад. Ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ қарздор аз масъулияти вайрон кардани уҳдадорӣ, ки аз амал ё беамалии шахси сеюм бармеояд, озод карда шуданаш мумкин аст, ба шарте ки он бо қувваи рафънопазир алоқаманд бошад. Қонунҳо ё шартнома шартҳои дигари ҷавобгарии қарздорро барои амали шахси сеюм пешбинӣ карда метавонанд. Агар иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ бо гуноҳи хар ду тараф содир шуда бошад, суд мувофиқан андозаи масъулияти қарздорро камтар мекунад. Агар касдан ё аз беэҳтиётӣ кредитор дар натиҷаи иҷро накардан ё иҷрои номатлуб ба зиёд шудани ҳаҷми зиён мусоидат карда бошад ё барои кам кардани ҳаҷми он тадбирҳои оқилона наандешида бошад, суд инчунин ҳақ дорад андозаи масъулияти қарздорро кам куна два мувофиқан инчунин дар ҳолатҳое низ татбиқ мегарданд, ки қарздор дар асоси қонун ё шартнома, сарфи назар аз гуноҳи худ, барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ масъулият дошта бошад. Агар дар уҳдадорӣ иҷрои ягон коре бо фармоиши соҳибкор пешбинӣ гардида бошад, таваккали имконнопазирӣ ё мувофиқи мақсад набудани истифодаи натиҷаи кор ба зиммаи соҳибкор гузошта мешавад. Шахсе, ки корро матлуб анҷом додааст, ҳақ дорад баробари дараҷаи иҷро ҳаққи корашро гирад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дар шартнома тақсими дигари таваккали соҳибкорӣ пешбинӣ нагардида бошад. Дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартномаи хизматрасонии пулаки иҷрокунанда вазифадор аст ба фармоишгар зарари расонидашударо дар ҳаҷми пурра, ҷуброн намояд. Дар ҳолате ки агар иҷрокунанда уҳдадориро ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкори иҷро накардааст ё номатлуб анҷом додааст, дар шартнома масъулияти баландтаре пешбини шуданаш мумкин аст.

Вобаста ба се намуди шартномаҳо дар соҳаи сайёҳӣ се гурӯҳи ҷавобгарии шартномавиро дар соҳаи сайёҳӣ аз ҳам ҷудо менамоянд:

а)Ҷавобгарии танзимгари сайёҳӣ (агентии сайёҳӣ) дар назди сайёҳ;

б) Ҷавобгарии танзимгари сайёҳӣ (агентии сайёҳӣ) дар назди шарикон;

в) Ҷавобгарии сайёҳон, ташкилотҳои сайёҳӣ дар назди танзимгари сайёҳӣ (агентии сайёҳӣ).

Дар фаъолияти сайёҳӣ ҷавобгарии шартномавӣ дорои хусусиятҳои махсус мебошад:

- субъекти ин ҷавобгарӣ сайёҳ, танзимгари сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ, шарикони танзимгар ва агентии сайёҳӣ мебошанд:

- танзимгари сайёҳӣ (агентии сайёҳӣ) дар назди сайёҳ дар ҳолатҳое низ ҷавобгар мебошанд, ки сабаби ҷавобгарӣ амал ва ё беамалии шахсони сеюм (шарикони онҳо) гардида бошад;

- ин ҷавобгарӣ дар мавриди бегуноҳии танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ низ ба вуҷуд меояд, агар исбот накунад, ки иҷрои матлуби уҳдадорӣ дар натиҷаи қувваи рафънопазир, яъне дар ҳамон шароит фавқулодда ва ногузир имконнопазир гаштааст, масъулият ба зимма дорад.

АДАБИЁТ

1. https://lawbook.online/
2. Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми дуюм аз 11 декабри соли 1999, №884 ва қисми сеюм аз 1 марти соли 2005, №84// Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» аз 3 сентябри соли 1999, №824.

4. Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми як аз 30 июни соли 1999, №802, Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.
5. Договоры в сфере туристической деятельности, Учебное пособие. Елецкий государственный университет им.И.А.Бунина с.2.
6. Сангинов Дониёр Шомаҳмадович. Ҳуқуқи сайёҳии (туристии) Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. - Душанбе, 2012. -542с.
7. Иванов А.П. Правовое регулирование международных туристских отношений. -М., 1974.

ШАРТНОМА ДАР БАХШИ ФАЪОЛИЯТИ САЙЁҲ

Дар мақолаи мазкур оиди мафҳум, моҳият, табиати ҳуқуқии шартномаи сайёҳӣ, намудҳои асосии шартномаи сайёҳӣ, асосҳои бавуҷудоӣ, тағйир ёфтан ва қатъ гардидани шартномаи сайёҳӣ, нақши шартнома дар танзими муносибатҳои сайёҳӣ, шартномаҳо байни оператори сайёҳӣ (агенти сайёҳӣ) ва сайёҳон, созишномаҳое, ки дар байни операторҳои туристӣ ва агенти сайёҳӣ баста шудаанд, қарордодҳо байни оператори сайёҳӣ ва шарикони он, иҷрокунандагони бевоситаи хизматрасониҳои муайян, интиқолдиҳанда, меҳмонхона, мизбони сайёҳӣ, агенти сафар, тамюли танзими муносибатҳои шартномавӣ дар бахши сайёҳӣ, шартҳои шартнома, тарафҳои шартномаи сайёҳӣ, муҳлат, нарх, сифат дар шартномаи сайёҳӣ, ҳолатҳои ғайриимкон будани иҷрои шартномаи дар бахши сайёҳӣ, шахсони сеюм дар шартнома, талаботҳо, ҷавобгарӣ барои вайрон кардани шартнома дар самти сайёҳӣ, асосҳои бавуҷудоиии ҷавобгарии шартномавӣ ва ғайришатномавӣ дар самти сайёҳӣ сухан меравад.

Калидвожаҳо: сайёҳӣ, шартнома, шартномаи сайёҳӣ, туризм, солимгардонӣ, фаъолияти соҳибкорӣ қонунгузорӣ, барномаҳои давлатӣ, сисёсати давлатии сайёҳӣ.

ДОГОВОР В СФЕРЕ ТУРИЗМА

В статье рассматриваются понятие, сущность, правовая природа туристического контракта, основные виды туристского контракта, основания его существования, изменения и прекращения туристического контракта, роль контракта в регулировании туристических отношений, контракты. между туроператорами и туристами, заключенные между туроператором и турагентом, соглашения между туроператором и его партнерами, прямые исполнители определенных услуг, перевозчик, гостиница, принимающая сторона, турагент, тенденция к регулированию договорных отношений в сфере туризма , условия контракта, стороны туристического контракта., цена, качество в туристическом контракте, случаи невозможности исполнения контракта в туристической сфере, третьи стороны в контракте, требования, ответственность за нарушение контракта в сфере туризма , основания договорной и внедоговорной ответственности в сфере туризма.

Ключевые слова: туризм, выздоровление, предпринимательская деятельность, законодательный, государственные программы игосударственная туристическая политика

AGREEMENT IN THE FIELD OF TOURISM

This article discusses the concept, essence, legal nature of the tourist contract, the main types of the tourist contract, the grounds for its existence, change and termination of the tourist contract, the role of the contract in the regulation of tourism relations, contracts between tour operators and tourists, concluded between the tour operator and the travel agent, agreements between the tour operator and its partners, direct executors of certain services, carrier, hotel, tourist host, travel agent, tendency to regulate contractual relations in the tourism sector, contract terms, parties to the tourist contract. , price, quality in the tourism contract, cases of impossibility of performance of the contract in the tourism sector, third parties in the contract, requirements, liability for breach of contract in the field of tourism, grounds for contractual and non-contractual liability in the field of tourism.

Keywords: agreement of tourism, agreement, tourism, healing, entrepreneurial activity, the legislature, government programs and state turism policy.

Сведения об авторе: ***Неъматова Джонона Хикматовна*** -магистр 2-ого курса юридического факультета Таджикский национальный университет. Телефон: **908 82 0123**

Information about the author: ***Nematova Jonona Hikmatovna*** - 2-nd year master`s student of Faculty of Law of TNU. Phone: **908 82 0123**

ХУСУСИЯТҲОИ ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ

Одинаев Д.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми принсипҳои ҳуқуқ ҳамчун асосҳои пешбаранда, нуқтаҳои асосӣ, ғояҳо, ки мазмун, моҳият ва таъйиноти ҳуқуқро дар ҷомеъа ифода мекунад, маънидод гардидааст. Принсипҳои ҳуқуқ ба ҳайси асосҳои ташкилу фаъолияти

макомоти давлат дар конститутсия ва конунҳо, ки ба макомоти дахлдори давлатӣ бахшида мешаванд, ифода мегарданд. Аз ҷумла, принсипи қонуният дар сатҳи конститутсия муста ҳкам мешавад. Принсипҳои ҳуқуқ асоси намудҳои гуногуни фаъолияти давлатӣ, аз қабили ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ, адолати судӣ, назорати прокурорӣ ва ғайра мебошанд. Чунончи, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ муайян мешаванд. Принсипҳои ҳуқуқ асоси фаъолияти тафсирӣ буда, зимни тафсири ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешаванд. Принсипҳои тафсирӣ зимни тафсири расмии конститутсия аз тарафи парламенти Тоҷикистон, инчунин дар фаъолияти суди конститутсионӣ ва макомоти дигар аҳамияти ҳалкунанда доранд. Принсипҳои ҳуқуқ дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, конститутсия, қонун, кодекс ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ инъикос меёбанд. Принсипҳои ҳуқуқ асоси ташкил ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, макомоти худидоракунӣ мебошанд. Дар қонунҳои дахлдор, ки ба унсурҳои ҷудогонаи ҷомеъаи шаҳрвандӣ бахшида мешаванд, ин принсипҳо ифода меёбанд. Принсипҳои ҳуқуқ асоси ҳалли парвандаҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Дар ҳолати ҷой надоштани меъёри қонун маҳз принсипҳои ҳуқуқ заминаи ҳалли баҳси ҳуқуқӣ мегарданд. Дар ин ҳолат принсипҳои ҳуқуқ, гарчанде дар қонунгузорӣ ифода нагарданд ҳам, вале аз маънии умумии қонунгузорӣ бармеоянд. Принсипҳои ҳуқуқ ғояҳои адолат, озодӣ, баробарӣ, поквиҷдонӣ, хираднокӣ ва арзиш ҳои дигари ахло қиро ифода мекунанд. Принсипҳои ҳуқуқ объекти таҳқиқоти илмӣ буда, дар раванди таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ омӯхта мешаванд. Омӯзиши принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун ҷузъи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад. Аммо, оид ба таҳлили хусусиятҳои принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ аз тарафи олимони ватанӣ кӯшишҳо ба харҷ дода нашудааст ва ин масъала бояд таҳқиқ карда шавад. Принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ғояҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки арзишҳои аз тарафи давлат ҳифзшавандаро ифода менамоянд. Дар тамоми фаъолияти давлат ба ин принсипҳо дар сатҳи баланди меъёрӣ афзалият дода мешавад. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, асосҳои сохтори конститутсионӣ ва шакли давлатдорӣ, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфтаанд, вазифаи асосии давлатро ташкил медиҳанд. Принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ин ҳамон меъёрҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дорои эътибори олии ҳуқуқӣ буда, мустақиман амал мекунанд ва ҳангоми мухолифаташон бо дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ ба онҳо афзалият дода мешавад. Дар низоми меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ принсипҳои он нақши бунёдӣ ва авалиндараҷаи танзимшавандаро иҷро мекунанд. Ин нақши хоссаи принсипҳо мавқеи онҳоро дар қонунгузории конститутсионӣ муайян намуда, қисми ибтидоӣ ва ё умумии санадҳои қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад. Чунончӣ принсипҳои асосҳои сохтори ҷомеа ва давлат дар боби якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи асосҳои сохтори конститутсионӣ муқаррар карда шудаанд. Меъёр ва принсипҳои дар боби асосҳои сохтори конститутсионӣ таҷассумёфта нисбат ба дигар меъёрҳои дар қонуни асосӣ мустаҳкамшуда афзалият доранд ва дигар меъёрҳои конститутсия ба онҳо тобеъ мебошанд. Чунончӣ тибқи моддаи 16-и Конститутсияи Федератсияи Россия ҳеҷ кадоме аз дигар меъёр ҳои Конститутсия бо асос ҳои сохтори конститутсионӣ мухолифат дошта наметавонанд. Ин меъёр афзалияти муқарароти боби асосҳои сохтори конститутсиониро нисбат ба дигар бобҳои конститутсия ифода мекунад. Бояд қайд кард, ки чунин муайянкунии афзалияти меъёрҳои дар боби асосҳои сохтори конститутсионӣ, нисбат ба меъёрҳои дигар бобҳои Конститутсия дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дида намешавад. Лекин, тибқи моддаи 100-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд», ин хусусиятҳои давлат дар боби асосҳои сохтори конститутсионӣ пешбинӣ шудаанд. Принсипҳои конститутсионӣ дар алоқамандӣ бо дигар мукарароти конститутсионӣ таъсири худро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ мерасонанд. Принсипҳои конститутсионӣ таҷассуми бевоситаи худро дар асосҳои сохтори конститутсиоӣ ифода ёфта, муносибатҳои байни шахс, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатро дарбар мегиранд. Ба принсипҳои конститутсионӣ дохил мешаванд: афзалияти ҳуқуқ ва озодии инсон ва шаҳрванд, соҳибихтиёри халқ (демократия) таҷзияи ҳокимият ва дигар принсипҳои давлати демократӣ, баробарӣ дар назди қонун ва суд, фаъолияти озоди иқтисодӣ, дахлнопазирии

моликияти шахсӣ, шакли давлатдории дунявӣ, гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ. Амалигардии принсипҳои конститутсионӣ ба танзимнамоии тартиботи конститутсионӣ оварда мерасонад. Принсипҳои конститутсионӣ бо якдигар алоқаи зич дошта, дар робита бо ҳамдигар амал мекунанд. Принсипҳои конститутсионӣ дар ҳолатҳои ба вуҷуд омадани ихтилофот ва ё пайдо шудани нуқсон дар рафти танзимнамоии конститутсионӣ- ҳуқуқӣ бевосита истифода мегарданд. Онҳо бо мақомоти қонунгузор, судҳо ва дигар мақомоти татбиққунандаи ҳуқуқ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки ба талаботҳои принсипҳои конститутсионӣ ҷавобгӯ мебошанд, мусоидат мекунанд.

Ҳамин тавр, принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ асоси роҳбарикунандаи ҷабҳаи ҳуқуқро ташкил менамоянд. Аз ин рӯ, омӯзиш, таҳлил ва муқоисаи онҳо ба фаъолияти воқеии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷум ҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Ганҷ, 2017. – 126 с.
2. Конституция Российской Федерации. Принята всенародным голосованием 12 декабря 1993 г. // Собр. законодательства Рос. Федерации. – 2014. - № 31.
3. Авакьян С. А. Конституционное право России. Учеб. курс. -М.: Норма ИНФРАМ, 2014. – 864 с.
4. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. -Душанбе: Империал-груп. 2014. – 720 с.

ХУСУСИЯТ ҲОИ ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ

Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаи муҳими падидаи ҳуқуқи конститутионӣ, яъне принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шуда, дар он пеш аз ҳама муаллиф ба мафҳум ва намудҳои принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ истодагарӣ намуда, мафҳуми принсипи ҳуқуқи конститутсиониро пешниҳод менамояд. Принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ асоси роҳбарикунандаи ҷабҳаи ҳуқуқро ташкил менамоянд. Аз ин рӯ, омӯзиш, таҳлил ва муқоисаи онҳо ба фаъолияти воқеии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд.

Калидвожаҳо: Конститутсия, ҳуқуқи конститутсионӣ, принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ.

ОСОБЕННОСТИ ПРИНЦИПОВ КОНСТИТУЦИОННОГО ПРАВА

В данной статье рассматривается один из важных вопросов конституционного права, то есть принципы конституционного права, и в нем, прежде всего, автор выносит конституционное право и подчеркивает принципиальные функции Конституции. Принципы конституционного права составляют основу руководства правовой службы. Поэтому их изучение, анализ и сопоставление оказывают содействие фактической деятельности участников правоотношений.

Ключевые слова: Конституция, конституционное право, принципы конституционного права.

FEATURES OF THE PRINCIPLES OF CONSTITUTIONAL LAW

This article deals with one of the important issues of constitutional law, that is, the principles of constitutional law, and in it, first of all, the author makes constitutional law and emphasizes the fundamental functions of the Constitution. The principles of constitutional law form the basis of the management of the legal service. Therefore, their study, analysis and comparison contribute to the actual activities of the participants in the legal relationship.

Keywords: Constitution, constitutional law, principles of constitutional law.

Сведения об авторе: ***Одинаев Даврон Нумонджонович*** **–** магистрвторого курса юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **92 961 66 16**

Information about the author: ***Odinaev Davron Numonjonovich*** – second-year master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University. Phone: **92 961 66 16**

МАФҲУМ, ХУСУСИЯТ ВА НАМУДҲОИ ҲУҚУҚҲОИ ШАХСИИ ҒАЙРИМОЛУМУЛКИИ КӮДАК

Олимов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муносбатҳои шахсии ғайриамволӣ асосан байни шаҳрвандон оид ба неъматҳои ғайримоддӣ ва мазмуни иқтисодӣ надошта ба вуҷуд меоянд. Вале онҳоро мутлақан аз муносибатҳои молумулкӣ ҷудо кардан нодуруст аст. Масалан, агар муаллиф барои асари эҷодкардааш мукофот гирад. Дар ин ҷо мо алоқамандии ин ду гурӯҳи муносибатҳои

ҷамъиятиро мушоҳида карда метавонем. Чунонет ки Ш.Т. Тағойназаров кайд мекунад, ин муносибатҳо ягонагии умумӣ доранд. Новобаста аз ин гуфтаҳо, муносибатҳои шахсие мавчуданд, ки ба молумулк алоқамандӣ надоранд. Сухан дар бораи ҳаёт ва саломатӣ, эътибори шахсӣ, шаъну шараф, масунияти шахсӣ, номусу номи нек, эътибори корӣ ва ғайра меравад. Ин неъматҳо бо шахсият алоқаи ногусастанӣ дошта, бегонанашавандаанд. Ин муносибатҳо мавзӯи муомилоти молӣ шуда наметавонанд. Аз ин рӯ, нисбати онҳо танҳо муносибатҳои шахсӣ, ғайриамволӣ ҷой дорад, онҳоро аз шахсияти одам ҷудо намудан номумкин аст ва мувофиқан ба дигар шахс дода намешаванд. Ин хусусиятҳоро ба назар гирифта, баъзе олимон бар он ақидаанд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ин қабил муносибатҳоро на танзим, балки ҳифз менамояд. Ин нукта дар қисми 2 моддаи 2 Кодекси граждании Федератсияи Россия бевосита сабт шудааст. Дар он ҷо аз ҷумла омадааст:

«2. Ҳуқуқ ва озодиҳои бегонашавандаи инсон ва дигар неъматҳои ғайримоддӣ бо қонунҳои гражданӣ ҳифз мешаванд, агар аз моҳияти ин неъматҳои ғайримоддӣ тартиби дигаре барнаояд».

Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоман тартиби дигар пешбинӣ шудааст. Дар қисми 5 моддаи 1 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст:

«5. Муносибатҳои марбут ба татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои бегонашавандаи инсон ва дигар неъматҳои ғайримоддӣ (муносибатҳои шахсии ғайримолумулкие, ки ба муносибатҳои молумулкӣ алоқаманд нестанд) бо қонунҳои гражданӣ танзим карда мешаванд, зеро аз моҳияти ин муносибатҳо тартиби дигаре барнамеояд».

Аз рӯи ақидаи мо мавқеи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воқеият наздиктар аст. Зеро ҳифз намудан яке аз роҳҳои танзими ҳуқуқӣ аст. Вагарна аксари меъёрҳои ҳуқуқие, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо равона гаштаанд, моҳияти худро гум мекунанд. Масалан, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ағлабан аз меъёрҳои ҳифзкунанда иборат аст. Ба ҳар ҳол, чун мавзӯи рисола ба дигар масъала бахшида шудааст, ба моҳияти ин баҳс дода намешавем. Неъматҳои ғайримоддӣ гарчанде бо шахсияти одам алоқаманд бошанд ҳам, онро набояд чун ҷузъи биологии одам донист. Яъне, онҳо дар шакли ҳукуки субъективӣ ҷой доранд. Ҳуқуқи субъективӣ мафҳуми тарҷидӣ (абстрактӣ) аст, бинобар ин, ифодаи мукаммали он хеле душвор аст. Аз ин сабаб, дар адабиёти ҳуқуқӣ то ҳол мафҳуми ягонаи ҳуқуқҳои ғайриамволӣ (ғайри молумулкӣ) ҷой надорад.

Ш.Т. Тағойназаров мафҳуми ҳуқуқҳои шахсиро то дараҷае дар шакли мукаммал пешниҳод намудааст. Мухтасаран онро чунин баён намудан мумкин аст: ҳукукҳои шахсӣ ин ҳуқуқҳои муқаддаси воқеан мавҷударо меноманд, ки барои таъмини мустақилият, ифодаи ҷиҳатҳои мусбии шахсият таъйин шуда, барои ташаккули сифат ва қобилияти иҷтимоии инсон равона шудаанд, ки вобаста ба ин хусусияташон аз ҷониби қонунгузорӣ эътироф гашта, ҳифзи онҳо кафолат дода шудааст. Барои боз ҳам амиқтар дарк намудани ҳукуқҳои шахсии ғайри молумулкӣ бояд онҳоро тасниф намоем. Таҳлили меъёрҳои алоҳидаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки доираи зиёди ҳуқуқҳои шахсӣ дар он мустаҳкам шудаанд. Масалан:

- дахлнопазирии ҳаёт, қадр, номус (моддаи 5);
- ҳуқуқ ба ҳаёт ва дахлнопазирии шахс (моддаи 18);
- дахлнопазирии манзил (моддаи 22);
- маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс (моддаи 23) ва ғайра.

Ҳамаи ин ва дигар ҳуқуқҳои шахсӣ низоми муайянро ташкил медиҳанд. Низомҳои мураккаб эҳтиёҷ ба таснифот доранд. Дар мавриди мо низ ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ бояд тасниф карда шаванд, зеро ин ҳуқуқҳо низоми мураккаберо ташкил медиҳанд. Ба ғайр аз он, «… тадқиқ, муайян кардани аломатҳои таснифотии ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ ва танзими онҳо ба мақсади таъсири самараноки ҳуқук ба ҳаёти ҷамъиятӣ, мукаммал ва муназзамсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон зарур аст». Вале таснифи ин ҳуқуқҳо дар доираи рисолаи дипломӣ ҳадафҳои дигарро пайгирӣ менамояд. Ин ҷо бояд мо ҳуқуқҳои шахсии кӯдакро дар оила муайян созем. Таснифи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ аз рӯи маҳакҳои гуногун ба амал бароварда шудааст. Масалан, В.А.Рясенсев вобаста ба

манфиатҳое, ки ҳукуқҳои шахсиро ташкил медиҳанд, ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволиро ба 5 гурӯҳ ҷудо кардааст:

1) неъматҳои ғайриамволие, ки аз шахсият ҷудонопазиранд (ҳаёт, саломатӣ, дахлнопазирии шахсият);

2) неъматҳои ғайриамволии фардисозандаи инсон (ба ин гурӯҳ муаллиф ном, шаъну шараф ва ғайраро дохил кардааст);

3) манфиатҳои ғайриамволӣ дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ;

4) манфиатҳои ғайриамволие, ки аз иштироки шаҳрвандон дар меҳнати ҷамъиятӣ (ҳамаи намудҳои эҷодиёт), инчунин аз амалисозии ҳуқуқ ба таҳсилот, истироҳат ва ғайра бармеоянд;

5) манфиатҳои ғайриамволӣ дар соҳаи манфиатҳои ғайриамволӣ.

Ш.Т.Тағойназаров аз рӯи маҳаки табиати ҳукуқӣ онҳоро чунин тасниф месозад:

1) ҳуқуқҳое, ки аз шахсият ҷудонопазиранд (ҳуқуқ ба ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, равоният, дахлнопазирии шахсият ва ғайра);

2) ҳуқуқ ба зоҳирсозии сифатҳои иҷтимоии шахсият, инчунин таъмини кафолати маҳдуднопазирии ин ҳолат (ҳуқуқ ба ном, номи фирмавӣ, шаъну шараф, симо ва ғайра);

3) ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва маҳрамияти он (ҳуқуқ ба дахлнопазирии ақди никоҳ, дахлнопазирии манзил, ҳуҷҷатҳои шахсӣ, маҳрмияти мукотиба ва ғайра);

4) ҳуқуқ ба фаъолияти эҷодӣ ва истифодаи натиҷаи он (ҳуқуқ ба муаллифӣ, истифодаи дастовардҳои фарҳангӣ ва ғайра).

Дар китоби дарсии «Ҳуқуқи граждани» (қисми 1) ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ аз рӯи маҳаки мақсади ба амал баровардани онҳо тасниф шудаанд:

1) ҳуқуқҳои шахсии ғайри молумулкие, ки бехатарии ҷамъиятии шахсро таъмин менамоянд: ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба саломатӣ, ҳуқуқ ба беҳбудии муҳити атроф ва ғайра;

2) ҳуқуқҳое, ки ба ташаккули фардии шахсият дахл дорад: ҳуқуқ ба ном, ҳуқуқ ба симои шахсӣ ва нуктаи назар, ақида, ҳуқуқ ба шаъну шараф, эътибори корӣ;

3) ҳуқуқҳое, ки мухторияти шахсро дар ҷомеа таъмин менамояд: ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, ҳуқуқ ба дахлнопазирии мукотибот, гуфтугӯи телефонӣ ва ахбори телеграфӣ, ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил ва ғайрахо.

Таснифоти мазкур ҷолиби диққат мебошанд, вале барои таснифи ҳуқуқҳои шахсии ғайри молумулкии кӯдак аҳамияти амалӣ надоранд. Бинобар ин, барои ҳадафҳои таҳлилӣ ва амалӣ дар рисолаи дипломии мазкур таснифоти ҳуқуқҳои шахсии кӯдак ба панҷ гурӯҳ, ки дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта мешавад. Мувофиқи моддаи 34 Конститутсия (Сарқонуни) ҶТ кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор дорад. Ин муқаррароти Конститутсия сарчашмаи муҳими ҳуқуқҳои шахсии кӯдак аст. Аслан ҳуқуқҳои шахсӣ то дараҷае хислати тарҷидӣ (абстрактӣ) ва эъломиявӣ доранд, аз ин рӯ, ҳама гуна мудохилаи беасосро истисно мекунанд. Табиати ин муносибатҳо мудохиларо намепазирад. Ин ҳуқуқҳо ғайримоддӣ буда, мазмуни иқтисодӣ надоранд ва ба шахсият алоқаманданд, ки мутобиқан арзиш надоранд. Дар қонунгузории оилавии ҶТ як қатор ҳуқуқҳои шахсии кӯдак пешбинӣ шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки онҳо хислати эъломиявӣ дошта, таҳти маҷбурияти давлатӣ иҷро карда намешаванд. Ҳол он ки нишонаи асосии ҳуқуқ таҳти маҷбурияти давлат иҷро шудани он аст ва ин камбудии қонунгузорӣ нест. Сабаб дар он аст, ки онҳоро воқеан иҷро кардан имконнопазир аст. Масалан, кӯдак ҳуқуқ ба ғамхории падару модар дорад. Вале падару модарро барои ғамхорӣ зоҳир намудан маҷбур кардан имконнопазир аст (ба истиснои рӯёнидани алимент, ки ба ҳуқуқҳои молумулкии кӯдак дахл дорад). Ё худ: кӯдак ҳуқуқи фикри худро озодона баён намудан дорад. Ба инобат гирифтани фикри кӯдаки аз синни даҳсола боло вобаста ба масъалаҳои оилавие, ки ба манфиатҳои ӯ дахл доранд, ҳатмӣ мебошад. Қазоват кунед: бо кадом роҳ падару модарро барои ба инобат гирифтани фикри кӯдак маҷбур намудан мумкин аст? Дар Кодекси оилаи амалкунандаи ҶТ ҳуқуқҳои шахсӣ назар ба КоОН (таҳрири соли 1969) васеътар шудааст. Ҳатто дар КО ҶТ боби нав – боби 11 бо номи «Ҳуқуқҳои кӯдаки ноболиғ» пайдо шуда, аз 6 модда 5-тоаш ба ҳуқуқҳои шахсӣ дахл доранд. Соли 2006 ба КО ҶТ тағйирот ворид шуда, мазмуни ин ҳуқуқҳо боз ҳам васеътар гардид. Барои ҷавоб ёфтан ба ин савол бояд василаи (механизми) ҳуқуқи оилавиро ошкор сохт. Дар ин низом нақши меъёрҳои асосӣ

калон аст. Вале ба ғайр аз меъёрҳои ҳуқукии асосии оилавӣ дигар меъёрҳо низ ба чашм мерасанд. Масалан, меъёрҳои ҳуқуқи граждани дар иртибот ба мӯҳлати даъво ҳамчун меъёрҳое баромад мекунад, ки аслан ба ҳуқуқи граждани дахл дорад, вале дар ҳолатҳои пешбининамудаи КОҶТ дар муносибатҳои оилавӣ низ татбиқ мешаванд, ки мазмуни ҳуқуқии оилавӣ мегиранд. Ин меъёрҳо меъёрҳои иловагӣ ном дорандГузашта аз он, ин ҳолатро аз нигоҳи таърихӣ ва зеҳният баҳо додан мумкин аст. Муқаррар намудани ҳуқуқҳои шахсии кӯдак теша ба решаи ҳама гуна муносибати падару модар нисбати фарзандони худ ҳамчун «моли худ» мебошад. Муносибати патерфамилиас нисбат ба фарзандон, ки дар ҳуқуқи римӣ ба мо маълум аст, имрӯз моҳияташро гум кардааст. Бинобар ин, вақте ҳуқуқи кӯдак ба ғамхорӣ мукаррар карда мешавад, он барои амалӣ шудани дигар меъёри КО ҶТ равона шудааст. Масалан, дар моддаи 69 КО ҶТ асосҳои маҳрум кардан аз ҳуқуки падариву модарӣ омадааст, ки яке аз бандҳои он аз иҷрои уҳдадориҳои падару модарӣ қасдан саркашӣ намудани онҳост. Яке аз уҳдадории падару модар ин ғамхорӣ зоҳир намудан нисбати кӯдак мебошад. Дар ҳамин ҳолатҳо нақши ҳуқуқҳои шахсӣ зоҳир мегарданд. Дар Кодекси амалкунандаи оилавии ҶТ ҳуқуқҳои шахсии кӯдак номбар шудаанд, ки асосан инҳоянд:

- ҳуқуқи зиндагӣ ва тарбия гирифтан дар оила;
- ҳуқуқи муошират;
- ҳуқуқи ҳимоя;
- ҳуқуқи изҳори озодонаи фикр;
- ҳуқуқи ном, номи падар ва насаб.

Ҳуқуқҳои мазкур аз мазмуни Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак бармеоянд. Дар Конвенсияи мазкур асосан ҳамин ҳуқуқҳо номбар шудаанд.

АДАБИЁТ

1. Тағойназаров Ш.Т. Ҳуқуқи граждани ҳамчун соҳаи ҳуқук// Ҳуқуқи грахдани. Қисми 1 / зери таҳрири М.А.Маҳмудов. – Душанбе, 2007.
2. Гражданское право . Том 1 / Е.А. Суханов. – М., 2000.
3. Иоффе О.С. Охрана чести достоинства граждан// Советское государство и право. 1962, №7.
4. Тагойназаров Ш.Т. Гражданско-правовое регулирование личных неимущественных прав граждан в СССР. – Душанбе, 1990.
5. Рясенсев В.А.Неимущественный интерес в советском гражданском праве // Уч. записи Московского юридического института. – Москва, 1939.
6. Тагойназаров Ш.Т. Гражданско-правовое регулирование личных неимущественных прав граждан в СССР.
7. Бобоҷонов И. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримоддӣ// Ҳуқуқи граждани. Қисми 1./ М.А.Маҳмудов.

МАФҲУМ, ХУСУСИЯТ ВА НАМУДҲОИ ҲУҚУҚҲОИ ШАХСИИ ҒАЙРИ МОЛУМУЛКИИ КӮДАК

Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ, яъне ҳуқуқҳои шахсии ғайри молумулкии кӯдак мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Муносбатҳои шахсии ғайриамволӣ асосан байни шаҳрвандон оид ба неъматҳои ғайримоддӣ ва мазмуни иқтисодӣ надошта ба вуҷуд меоянд. Вале онҳоро мутлақан аз муносибатҳои молумулкӣ ҷудо кардан нодуруст аст. Оид ба ҳуқуқҳои шахсии кӯдак дар сатҳи адабиёти илмӣ нуқтаҳои назари мухталиф мушоҳида мешавад. Дар ин мақола тамоми хухусиятҳои ҳуқуқҳои шахсии кӯдак ва танзими қонунгузории онҳо баррасӣ шудааст.

Калидвожаҳо: кӯдак, ҳуқуқҳои шахсӣ, неъматҳои ғайримоддӣ, ҳуқуқҳои шахсии кӯдак.

ПОНЯТИЕ, ОСОБЕННОСТИ И ВИДЫ ЛИЧНЫХ НЕИМУЩЕСТВЕННЫХ ПРАВ РЕБЕНКА

В статье анализируется один из важнейших вопросов юридической науки - личные неимущественные права ребенка. Личные неимущественные отношения складываются в основном между гражданами по вопросам нематериальных благ и не имеют экономического значения. Однако совершенно неправильно отделять их от отношений собственности. На уровне научной литературы существуют разные взгляды на индивидуальные права ребенка. В данной статье рассматриваются все особенности личных прав ребенка и регулирования их законодательства.

Ключевые слова: ребенок, личные права, нематериальные блага, личные права ребенка.

THE CONCEPT, NATURE AND TYPES OF PERSONAL NON-PROPERTY RIGHTS OF THE CHILD

This article analyzes one of the most important issues in the science of law - the child's personal non-property rights. Personal non-property relations are formed mainly between citizens on intangible benefits and without economic significance. However, it is absolutely wrong to separate them from property relations. There are different views on the individual rights of the child at the level of the scientific literature. This article discusses all the features of a child's personal rights and the regulation of their legislation.

Keywords: child, personal rights, intangible goods, the personal rights of the child.

Сведения об авторе: ***Олимов А.*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета

Information about the author: ***Olimov A***. – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law.

ПРИНСИПИ РИОЯ КАРДАНИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Раззоқӣ У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Амал ва татбиқи шартномаҳои байналхалқӣ нисбати иштирокчиёни шартнома, иҷрои ҳатмии уҳдадориҳоеро, ки аз шартнома бармеоянд, пешбинӣ мекунад: Pacta sunt servanda. Принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ (Pacta Sunt Servanda), яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ ва махсусан ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ мебошад. Бе ин принсип мавҷудияти ҳуқуқи байналхалқӣ ва таъмини сулҳ ғайриимкон аст. Иҷрои дақиқ ва бовиҷдононаи уҳдадориҳои шартномавии байналхалқӣ аз ҷониби тамоми иштирокчиёни муносибатҳои байналхалқӣ, яке аз воситаҳои дастгирии сулҳи байналхалқӣ ва инкишофи муносибатҳои бовиҷдонона ва дӯстона, инчунин таъмини бехатарии байналхалқӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ин принсип яке аз принсипҳои фундаменталии ҳуқуқи байналхалқӣ ба шумор меравад. Бо зиёд шудани шартномаҳои байналхалқӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлат, аҳамияти принсипи риояи дақиқи шартномаҳои байналхалқӣ (Pacta Sunt Servanda) низ зиёд шуда истодааст. Риояи принсипи шартномаҳои байналхалқӣ ба яктарафа тағйир додан ва қатъ намудани шартномаҳои байналхалқӣ роҳ намедиҳад. Муддати дароз принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ яке аз меъёрҳои одии ҳуқуқӣ буд. Дар соли 1871 дар Конференсияи Лондон ин принсип аввалин бор дар шартномаҳои бисёртарафа ба шакли муайян дароварда шуда буд. Дар протоколи Лондон чунин гуфта шуда буд: «Ягон давлат наметавонад худро аз уҳдадориҳои шартномавӣ озод кунад, наметавонад қарори онро тағйир диҳад, ба ғайр аз розигии тарафҳои иштирокчиёни шартнома». Дар замони нав принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ ҳамчун меъёри шартнома аз тарафи умум эътироф шуда, дар Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид мустаҳкам карда шудааст, ки дар муқаддимаи он нишон дода шудааст, ки аъзоёни СММ «шароите муҳайё кунанд, ки дар асоси он уҳдадориҳое, ки аз шартнома ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи байналхалқӣ сарчашма мегиранд, риоя карда шаванд». Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид тамоми аъзоёни онро уҳдадор мекунад, ки «ҳамаи уҳдадориҳои байналхалқие, ки дар Низомнома қабул мешаванд, бояд бовиҷдонона риоя карда шаванд» (б.2 моддаи 2 – и Низомномаи СММ). Ин принсип, инчунин дар бисёр шартномаҳои бисёртарафа мустаҳкам карда шудааст. Мисол, дар Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ дар моддаҳои 26 ва 27 чунин гуфта шудааст: «Ҳар як шартномаи амалкардаистода барои иштирокчиёни он ҳатмӣ мебошад ва аз тарафи иштирокчиёни он бояд бовиҷдонона риоя карда шавад». Инчунин, дар Низомномаи Ташкилоти Давлатҳои Амрико аз соли 1968 принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ мустаҳкам карда шудааст [3,с.11-12].

Принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ аз тарафи Комитети махсуси СММ ба тасвиб расонида шуд ва мувофиқат бо Низомномаи СММ дар Декларатсия дар бораи принсипҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, ки ба муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории байни давлатҳо дахл дорад, дохил карда шуд. Дар он чунин омадааст: «Ҳар як давлат вазифадор аст уҳдадориҳоеро, ки дар мувофиқат бо Низомномаи СММ кабул мешаванд, бовиҷдонона иҷро намоянд». Яъне, ҳар як давлат вазифадор аст уҳдадориҳои худро, ки аз принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналхалқӣ сарчашма мегиранд, бовиҷдонона иҷро намоянд, инчунин ҳар як давлат вазифадор аст уҳдадориҳои худро, ки аз шартномаҳои байналхалқӣ сарчашма мегиранд ва мутобиқи принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналхалқӣ амал мекунанд, бояд бовиҷдонона иҷро намоянд. Агар уҳдадориҳое, ки аз шартномаҳои байналхалқӣ сарчашма мегиранд, ба

уҳдадориҳое, ки дар Низомномаи СММ мустаҳкам шудаанд, мухолиф бошанд, уҳдадориҳои Низомномаи СММ бартарият дорад. Дар Акти Хотимавии Машварати Хелсинки оиди бехатарӣ ва ҳамкорӣ дар Аврупо аз соли 1975, масъала дар бораи вазифадории давлат оиди иҷрои уҳдадориҳои байналхалқии худ, бисёртар дар Декларатсияи принсипҳо оварда шудааст, ки давлатҳои иштирокчии он муносибатҳои тарафайни худро мувофиқи он ба амал мебароранд. Дар қисми 10-ум оиди «Иҷрои уҳдадориҳои байналхалқӣ» сухан меравад, ки дар он аз ҷумла чунин қайд шудааст: «Давлатҳои иштирокчӣ уҳдадориҳои байналхалқии худро, ки аз принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналхалқӣ, инчунин ҳамон уҳдадориҳое, ки аз ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ ё дигар созишномаҳо сарчашма мегиранд, бояд бовиҷдонона иҷро намоянд». Дар Акти хотимавӣ инчунин гуфта мешавад, ки ҳангоми иҷрокунии ҳуқуқҳои мустақили худ, инчунин ҳуқуқи муқаррар кардани қонунҳо ва қоидаҳои маъмурӣ, давлатҳои иштирокчӣ «уҳдадориҳои юридикии худро бояд бо ҳуқуқи байналхалқӣ мувофиқ кунанд». Аз ин ҷо бармеояд, ки принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ на танҳо ба шартномаҳои байналхалқӣ (гарчанде ки калимаи «pacta» лотинӣ буда маънояш «шартнома» мебошад) паҳн мешавад, инчунин ба тамоми принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва уҳдадориҳои байналхалқие, ки аз шартномаҳои байналхалқӣ ва шартномаҳои байни давлатҳо, инчунин қарори ташкилотҳои байналхалқӣ ва мақомотҳои байналхалқӣ (масалан, Суди байналхалқӣ ва Шӯрои бехатарии СММ ва ғайра) сарчашма мегиранд, паҳн мешавад. Уҳдадориҳои байналхалқӣ инчунин аз шартномаҳое, ки ташкилотҳои байналхалқии байниҳукуматӣ бо давлатҳо ва байни худ мебанданд, ба вуҷуд меояд. Ҳамин тавр, принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ дар замони нав на танҳо ба маънои маҳдуд, яъне «шартномаҳо бояд риоя карда шаванд», балки ба маънои васеъ, яъне тамоми меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва уҳдадориҳои байналхалқие, ки аз онҳо сарчашма мегиранд, бояд катъиян риоя карда шаванд.

Маҷму ҳуҷҷатҳои байналхалқии ҳуқуқие, ки аз онҳо меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ба вуҷуд меоянд ва уҳдадориҳои давлат аз онҳо сарчашма мегиранд, яке аз элементҳои муҳим дар баамалбарории системаи муносибатҳои байналхалқии муосир мебошад [3,с.13]. Муносибатҳои байналхалқии муосир, дар он қисме, ки ҳуқуқ ба танзим медарорад, дар худ шумораҳои зиёди уҳдадориҳои байналхалқии ҳуқуқиро дар бар мегиранд, ки онҳо, пеш аз ҳама, аз тарафи давлатҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ қабул шудаанд. Бо ҳамин сабаб, муносибатҳои байналхалқии муосир хусусияти байналхалқии ҳуқуқӣ дорад, яъне ба танзим дароварандаи ҳуқуқи байналхалқӣ мебошанд. Ҳуқуқи байналхалқӣ дар батанзимдарории муносибатҳои байналхалқӣ нақши муассир доранд. Ин таъсиррасонӣ бо роҳи таъсиррасонии меъёрӣ ба фаъолияти тарафҳои ба созиш омада истода, пеш аз ҳама, давлатҳое, ки бо ёрии меъёрҳои байналхалқии ҳуқуқӣ, ки аз онҳо уҳдадориҳое, ки дар шартнома ва созишномаҳои байналхалқӣ ифода ёфтаанд ва аз онҳо сарчашма мегиранд, таъсир расонида мешавад. Аммо аз тарафи давлатҳо қабул кардани уҳдадориҳои шартномавӣ ва меъёрҳои байналхалқии ҳуқуқӣ, ин ҳоло маънои онро надорад, ки дар баамалбарории низоми байналхалқии ҳуқуқӣ, дар таъмини ҳамзистии осоишта ва ҳамкориҳои байналхалқӣ кафолати таъсирбахш дорад. Барои ин сиёсати давлатҳо ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои байналхалқӣ бо уҳдадориҳое, ки онҳо кабул мекунанд, бояд мувофиқат кунад, яъне сухан дар бораи он меравад, ки давлатҳо уҳдадориҳои байналхалқиеро, ки ба худ қабул кардаанд, бояд қатъиян риоя ва иҷро намоянд. Ҳамин тавр, принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ яке аз ҷойҳои муҳимро дар миёни дигар принсипҳои ҳуқуқи байналхалқии муосир ишғол мекунад [3,с.14]. Муҳим будани принсипи риояи шартномаҳои байналхалқиро тамоми ҳуқуқшиносони ҷаҳон эътироф мекунанд. Профессор Э. Элайес чунин ибрози назар намудааст: «Принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ (Pacta Sunt Servanda), принсипи фундаменталии ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ мебошад». Аммо таҷрибаи байналхалқӣ нишон медиҳад, ки ин принсип дар тӯли таърих чандин маротиба аз ҷониби субъектони ҳуқуқи байналхалқӣ вайрон карда шудааст. Аз ҷониби давлатҳо иҷро накардан ё бевиҷдонона иҷро кардани уҳдадориҳои шартномавии байналхалқии худ, ба ҳамкориҳои байналхалқӣ зарари ҷиддӣ расонидаанд. Масалан, шартномаи байни Англия, Амрико ва ИҶШС оиди ташкил додани фронти 2-юм дар Аврупо, ки мувофиқи он ҳар се ин давлатҳо дар вақти Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, фронти 2-

юмро бояд дар тобистони соли 1942 дар Аврупо ташкил медоданд. Аммо ҳукумати Амрико ва Англия уҳдадориҳои ба зиммаи худ гирифтаашонро иҷро накарданд ва яктарафа муҳлате, ки бояд фронти 2-юм кушода мешуд, ба дигар вақт гузарониданд ва фронти 2-юм дар соли 1944 кушода шуд. Яъне, аз ин таҷриба бармеояд, ки давлатҳои Англия ва Амрико принсипи бовиҷдонона риоя кардани уҳдадориҳои байналхалқиро вайрон карданд, ки дар натиҷа ба талафоти зиёд оварда расонд [3,с.16]. Чунин вайронкуниҳо дар таҷрибаи давлатҳо гуногун мебошанд. Аз ҷумла, ба монанди бевиҷдонона иҷро кардани уҳдадориҳои шартномавии худ; вайрон кардани уҳдадориҳои Низомномаи СММ; вайрон кардани предмет ва муҳлати шартнома; яктарафа бекор кардани шартнома бе розигии дигар иштирокчиёни шартнома; қабул кардани қонунҳои дохилидавлатӣ, ки ба уҳдадориҳои шартномавӣ мухолиф мебошанд ва инчунин иҷро накардани қарорҳои Шӯрои Амнияти СММ ва дигар мақомотҳои СММ ва ғайраҳо мебошанд. Таҷрибаи шартномаҳои байналхалқӣ нишон медиҳад, ки давлатҳо, чи дар давраи чанг ва чи баъд аз он, якчанд маротиба уҳдадориҳои шартномавии худро вайрон кардаанд. Ба ин, пеш аз ҳама, шартномаҳои Теҳрон, Ялта ва Потсдам мисол шуда метавонанд. Давлатҳои Ғарб дар мукобили ин шартнома уҳдадориҳои иттифоқиро дар бораи беяроқ гардонидан ва демократикунонии Олмон иҷро накарданд. Дар соли 1954 давлатҳои Ғарб боз аз иҷро кардани уҳдадориҳои байналхалқии худ оиди банизомдарории баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон даст кашиданд, яъне давлатҳои Ғарб ба муқобили шартномаи Потсдам, шартномаи ҳарбӣ дар Париж бастанд. Дар ин шартнома пешбинӣ шуда буд, ки Олмони Ғарбӣ аз нав мусаллаҳ карда мешавад ва он ба блоки Антлантикаи Шимолӣ дохил карда мешавад, Англия ва Фаронса уҳдадориҳое қабул карданд, ки ба мақсад ва уҳдадориҳои шартномае, ки онҳо пештар бо ИҶШС бастанд, мухолиф буд, ки дар натиҷа ҳукумати ИҶШС он шартномаро яктарафа бекор кард. Инчунин, таҷрибаи байналхалқӣ нишон медиҳад, ки конвенсияҳои байналхалқӣ, ки масуният ва имтиёзҳои хориҷиён ва дигар намояндагони расмии давлатро муайян мекунанд, вайрон шудаанд. Масалан, Амрико намояндагони ИҶШС ва дигар давлатҳои сотсиалистии дар назди Созмони Милали Муттаҳидро (ки дар асоси шартномаи соли 1947 дар Ню-Йорк ҷойгир шудааст) барои иҷрои вазифа бо шароити муносиб таъмин накардааст. Инчунин, дахлнопазирӣ, тахдид ба амният ва саломатии онҳо ҳама вақт вайрон карда мешуд. Амрико, инчунин, дигар шартномаҳое, ки СММ баста буд, вайрон кардааст. Масалан, ҳукумати Амрико дар ҳақиқат минтақаҳои ҷазираҳои уқёнуси Оромро бо роҳи таҷовузкорона зери васоят гирифт, ки ин бо шартнома дар бораи васоят, ки Амрико бо Шӯрои Амнияти СММ дар соли 1947 баста буд, мухолифат мекунад (инчунин, ба Низомномаи СММ мухолифат мекунад). Инчунин, Республикаи Африкаи Ҷанубӣ дар муддати чандин солҳо қарорҳои мақомотҳои СММ-ро дар муносибат ба давлати Намибия ба эътибор нагирифта, ин давлатро якчанд маротиба ғайриқонунӣ ишғол карда буд. Исроил бошад, аз баровардани ҷанговарони худ аз минтақаҳои забткардаи Арабистон саркашӣ карда, бар хилофи резолютсия ва қарорҳои Шӯрои Амнияти СММ амал кардааст. Ҳамин тавр, принсипи риояи ҳатмии шартномаҳои байналхалқӣ (Pacta Sunt Servanda) аз ҷониби давлатҳо бо ҳар гуна роҳҳо вайрон карда шудааст, ки аз нуктаи назари ҳуқуқи байналхалқӣ онҳо бояд риоя карда шаванд.

Принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ (Pacta Sunt Servanda) ба ҳамаи принсипҳо ва меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқи байналхалқӣ ва уҳдадориҳои байналхалқӣ, ки аз шартномаҳои байналхалқӣ ва одатҳои байналхалқӣ сарчашма мегиранд, паҳн мешавад. Принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ (Pacta Sunt Servanda) ба он шартномаҳо ва одатҳое, ки қувваи ҳуқуқиашонро гум кардаанд, инчунин шартномаҳои беэътибор дониста шуда, ки ба принсипҳои асосии ҳуқуқи байналхалқии муосир мухолиф мебошанд, баста шудаанд, паҳн намешавад. Яъне, вобаста ба ин дар моддаи 26 Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ аз 23-майи соли 1969 чунин оварда шудааст: «Ҳар як шартномаи амалкунанда нисбати иштирокчиёни он ҳатмӣ мебошад ва онро бояд бовиҷдонона иҷро намуд». Таърихи муҳокимаи ин модда дар Конференсияи Вена маънидодкунии дурусти онро тасдиқ намуд. Бисёр намояндагони давлатҳо дар Конференсия Вена гуфтанд, ки принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ

сарҳади худро дорад. Намояндаи ИҶШС дар Конференсияи Вена гуфта буд, ки масъалаи асосӣ дар ин ҷо он мебошад, ки набояд шартномаҳои зиддиҳуқуқӣ конунӣ гарданд ва қувваи ҳатмии шартномаҳои байналхалқиро натанҳо бо амали он, инчунин бо хусусияти ҳуқуқии он бояд алоқаманд намуд, яъне принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ (Pacta Sunt Servanda) набояд ба шартномаҳои зиддиҳуқуқӣ паҳн шаванд [3,с.20]. Бисёр давлатҳо, ба монанди Фаронса, Австралия, Испания, инчунин бисёр давлатҳои рӯ ба инкишоф (Эквадор, Боливия, Непал ва ғайраҳо) дар Конференсияи Вена гуфтанд, ки принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ танҳо ба шартномаҳои боэътибор паҳн мешавад ва моддаи 26 Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ, махсус ба ҳамин маъно фаҳмида шавад. Чунин маънидодкунии моддаи 26 Конвенсияи Вена бо принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ, ки дар Декларатсияи СММ мустаҳкам шудааст, мувофиқат мекунад. Принсипи риояи ҳатмии шартномаҳои байналхалқӣ, принсипи фундаменталӣ мебошад, ки бе вай мавҷудияти ҳуқуқи байналхалқӣ, дастгирии сулҳ ва ҳамкориҳои байнидавлатӣ ғайриимкон аст. Принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ ба меъёрҳои императивии ҳуқуқи байналхалқӣ тааллуқ дорад, аммо дар назария аз ҷониби олимон инкор карда шудааст ва барои ин далелҳои гуногун аз ҷониби олимони ҳуқуқи байналхалқӣ оварда шудаанд. Профессор Т. Элайес чунин меҳисобад, ки принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ (Pacta Sunt Servanda) ба меъёрҳои императивӣ набояд дохил карда шавад, барои он ки вай ба истисно роҳ медиҳад, ки яке аз онҳо ин клаузула мебошад. Инчунин Л. А. Алексидзе ба гуфтаи ҳуқуқшинос Т. Элайес ҳамфикр буда, чунин мегӯяд: «Ду давлат метавонанд ҳар вақте, ки хоҳанд як шартномаро бо шартномаи дигар иваз кунанд ё як меъёри одиро, ки характери императивӣ надоранд» [1,с.323]. Аммо ин истисноҳо принсипи риояи шартномаҳои байналхалқиро ҳоло исбот намекунанд, ки ин принсип характери императивӣ дорад ё не. Ин истисноҳо танҳо нишон медиҳанд, ки ин принсип ё меъёр характери мутлақ надорад, аммо дар ҳуқуқи байналхалқӣ принсипҳои мутлақ вуҷуд надоранд ва принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ ба шартномаҳое, ки бо роҳи зӯрӣ ва таҷовузкорона баста шудаанд ва дигар шартномаҳои беэътибор, ки ба принсипҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ мухолиф мебошанд, инчунин дигар шартномаҳо ва одатҳое, ки қувваи ҳуқуқии худро гум кардаанд, паҳн намешавад. Характери императивӣ доштани принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ дар он мебошад, ки давлатҳо наметавонанд дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ аз он дур шаванд, яъне наметавонанд онро беэътибор ҳисобанд. Л.А. Алексидзе дар ин маврид чунин ибрози назар намудааст: «Иҷрои бовиҷдононаи уҳдадориҳои байналхалқӣ талаботи ҳуқуқи байналхалқии муосир мебошад, ки муносибатҳои байналхалқии ҳуқуқиро таъмин мекунад» [1,с.323]. Характери императивии принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ аз моҳияти худи ин принсип ва меъёрҳои императивии ҳуқуқи байналхалқӣ сарчашма мегирад. Иҷро накардан ё бевиҷдонона иҷро кардани уҳдадориҳои шартномавӣ ва дигар уҳдадориҳои байналхалқӣ аз ҷониби давлатҳо, инчунин риоя накардани принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ дар байни давлатҳо аз боварӣ баромадан, ба зиёд кардани проблемаҳои байналхалқӣ ва мухолифатҳо, таҳти хатар мондани сулҳи байналхалқӣ ва бехатарии байналхалқӣ оварда мерасонад. Риоя накардани принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ ҳуқуқвайронкунии байналхалқӣ мебошад, ки давлатҳо барои он ба ҷавобгарии байналхалқӣ кашида мешаванд. Принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ ҳамчун меъёри умумии ҳуқуқи байналхалқӣ аз меъёрҳои махсус иборат буда, таркиби ҳуқуқии онро чунин унсурҳо ташкил медиҳад.

1) Мувофиқ будан ба шартномаҳои байналхалқӣ: принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ, маънои онро дорад, ки ҳамаи давлатҳо бояд уҳдадориҳои шартномавии худро бовиҷдонона иҷро намоянд.

Бисёр ҳуқуқшиносони ҳуқуқи байналхалқӣ чунин меҳисобанд, ки бовиҷдонона иҷро кардан – ин элементи марказӣ дар мафҳуми принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ мебошад, ки бо бисёр қарорҳои судҳои байналхалқӣ ва арбитражҳои байналхалқӣ тасдиқ карда шудааст. Инчунин, дар шартномаҳои байналхалқӣ, ба монанди Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ аз соли 1969 (моддаи 26), Декларатсия дар бораи принсипҳои ҳуқуқи байналхалқӣ аз соли 1970, инчунин дар қонунҳои

дохилидавлатӣ, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи худро ёфтааст. Иҷрои бовиҷдононаи шартномаҳои байналхалқӣ, пеш аз ҳама, дар характери императивӣ доштани принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ ифодаи худро ёфтааст. Давлат ҳуқуқ надорад, ки аз иҷрои бовиҷдононаи уҳдадориҳои шартномавии худ даст кашад. Дар баъзе ҳолатҳо мафҳуми бовиҷдононаро бо мафҳуми адолат монанд мекунанд, ки ин дуруст аст. Мафҳуми бовиҷдонона дар ҳуқуқи байналхалқӣ аз ҳуқуқи гражданӣ гирифта шудааст. Ҳуқуқшинос И.С. Претерский бар ин назар аст, ки бовиҷдонона ба маънои умумибашарӣ ҳамчун «боинсоф, бовиҷдон, мавҷуд набудани мухолифат дар байни он чизе, ки шахс мегӯяд ва фикр мекунад, кӯшиш кардан ба ҳар як коре, ки набошад бояд фаҳмида шавад» [2,с.152-155]. Давлатҳо дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ аз инҳо ҳуқуқи даст кашиданро надоранд. Мафҳуми бовиҷдонона иҷро кардани шартномаҳои байналхалқӣ, ин маънои иҷрои аниқи шартномаҳо дар муносибат бо мундариҷаи он, муҳлати он, ҷойи иҷрои он ва ғайраҳо фаҳмида мешавад. Яъне, он чизе ки дар шартномаҳои байналхалқӣ пешбинӣ шудааст, бояд бовиҷдонона иҷро карда шавад. Иҷрои бовиҷдонона, инчунин иштирокчиёни шартномаҳои байналхалқиро вазифадор мекунад, ки аз амалҳое, ки боиси маҳрум гаштани шартнома аз мақсад ва объекти он мешавад, бояд даст кашанд. Дар моддаи 300 Конвенсияи СММ оиди ҳуқуқи баҳрӣ аз соли 1982, чунин муқаррар шудааст: «Давлатҳо набояд ҳангоми иҷрои ҳуқуқҳои худ аз Конвенсия суиистифода баранд». Яъне, давлатҳои иштирокчӣ уҳдадориҳое, ки аз Конвенсия бармеояд, бояд бовиҷдонона иҷро намоянд, дар баробари ин, давлат «ҳуқуқ, юрисдиксия ва озодиҳоеро, ки дар Конвенсия пешбинӣ шудаанд, ҳамон тавре татбиқ намоянд, ки ба суиистифодаи ҳуқуқӣ роҳ надиҳад».

2) Принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ, инчунин аз тарафи давлатҳо иҷрои хатмии уҳдадориҳои шартномавиро талаб мекунад. Ин маънои онро дорад, ки шартномаҳои байналхалқӣ новобаста аз факторҳои дохилӣ ё берунӣ бояд иҷро карда шаванд. Тағйир ёфтани ҳокимият дар давлат ё дигар шудани тарзи идоракунии он, дигар шудани минтақаҳои он ва ғайраҳо, наметавонад ба иҷрои шартномаҳои байналхалқӣ таъсир расонад.

3) Давлати иштирокчии шартномаи байналхалқӣ наметавонад ҳамчун асос барои иҷро накардани шартномаҳои байналхалқӣ, ба қонунҳои дохилидавлатии худ такя кунанд. Ин талабот, ки як қисми ташкилдиҳандаи принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ мебошад, дар моддаи 27 Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ мустаҳкам карда шудааст. Инчунин, дар қонунгузории дохилидавлатӣ гуфтаҳои дар боло зикршуда пешбинӣ шудаанд.

Дар Декларатсияи принсипҳо (дар қисми 10-и Санади Хотимавии Хелсинки), ки давлатҳои иштирокчии шартнома дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ мувофиқи он амал мекунанд, гуфта шудааст, ки давлатҳо ҳангоми баамалбарории ҳуқуқҳои мустақили худ, бояд бо уҳдадориҳои байналхалқӣ ҳуқуқии худ мувофиқат кунанд. Дар қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ин масъала чунин пешбинӣ шудааст. Масалан, дар моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин оварда шудааст: «Санадҳои ҳуқуқии байналхалқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналхалқии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналхалқӣ амал мекунанд». Инчунин, дар моддаи 7 банди 2–и қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад, ки «Агар дар шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба қоидаҳои пешбининамудаи қонунҳои гражданӣ, қоидаҳои дигаре пешбинӣ шуда бошанд, қоидаҳои шартномаи байналхалқӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд». Дар моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1999, чунин муқаррар карда шудааст: «Шартномаҳои байналхалқие, ки Тоҷикистон мутобиқи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии он ба шумор мераванд. Дар сурати номутобиқати қонунҳои ҷумҳурӣ ба асноди эътирофшудаи қонунгузории байналхалқӣ, меъёрҳои шартномаи байналхалқӣ мавриди истифода қарор мегиранд».

4) Давлат ҳуқуқ надорад шартномае бандад, ки уҳдадориҳои он бо шартномае, ки бо давлати 3-юм пештар баста буд, мухолифат кунад.

5) Принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ, яктарафа катъ кардан, тағйир додан ё тағйирот даровардан ва аз нав дида баромадани шартномаҳои байналхалқиро манъ мекунад. Танҳо бо роҳҳои қонунӣ қатъ кардан, тағйир додан ё тағйирот даровардан ва аз нав дида баромадани шартномаҳои байналхалқиро роҳ медиҳад, ки ин ҳамчун қоида бо созиши иштирокчиёни шартнома амалӣ карда мешавад.

6) Шакли шартнома ва номгузории он ба ҳатмӣ будани риояи шартнома таъсир намерасонад (моддаи 3-и Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ аз соли 1969): шартномаҳо, инчунин созишномаҳо, ки номгузории гуногун доранд (конвенсия, пакт, созишнома, паймон, санади хотимавӣ, оиннома) иҷроишашон ҳатмӣ мебошад. Шартномаҳои даҳонӣ чун шартномаҳои хаттӣ иҷроишашон ҳатмӣ мебошад [3,с.276-280].

7) Қатъ гаштани муносибатҳои дипломатӣ ва консулӣ ба муносибатҳои байни иштирокчиёни шартномаи байналхалқӣ, ки шартнома ба танзим медарорад, таъсир расонида наметавонад, ба истиснои ҳолатҳое, ки муносибатҳои дипломатӣ ва консулӣ барои иҷрои шартнома муҳим бошад (моддаи 63-и Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ аз соли 1969).

Чун дигар принсипҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ (Pacta Sunt Servanda) бо принсипҳои ҳуқуқи байналхалқӣ алоқамандии зич дорад, ба монанди принсипи эҳтироми истиқлолияти давлат, баробарҳуқуқӣ, худмуайянкунии халқу миллатҳо ва ғайра.

АДАБИЁТ

1. Алексидзе Л. А. Некоторые вопросы теории международного право. Императивные нормы. Тбилиси, 1982, с. 323.
2. Перетерский И. С. Толкования международных договоров. М., 1959 с. 152 – 155.
3. Талалаев А. Н. Право международных договоров. Действие и применение. М., 1985, с. 11 – 12.
4. Тункин Г.И. Теория международного права: Учебник / Под общ. ред.Л.Н. Шестакова. - М., 2010. - 856 с.
5. Ульянова Н.Н. Общие многосторонние договоры в современных международных отношениях / Н.Н. Ульянова. - Киев, 1981. - 774 с.
6. Шумилов В.М. Некоторые вопросы теории и практики / В.М. Шумилов // Московский журнал международного права. - 2010. - № 3. - С.150.

ПРИНСИПИ РИОЯ КАРДАНИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Принсипи риояи шартномаҳои байналхалқӣ (Pacta Sunt Servanda), яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ ва махсусан ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ мебошад. Бе ин принсип мавҷудияти ҳуқуқи байналхалқӣ ва таъмини сулҳ ғайриимкон аст. Иҷрои дақиқ ва бовиҷдононаи уҳдадориҳои шартномавии байналхалқӣ аз ҷониби тамоми иштирокчиёни муносибатҳои байналхалқӣ, яке аз воситаҳои дастгирии сулҳи байналхалқӣ ва инкишофи муносибатҳои бовиҷдонона ва дӯстона, инчунин таъмини бехатарии байналхалқӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ин принсип яке аз принсипҳои фундаменталии ҳуқуқи байналхалқӣ ба шумор меравад. Бо зиёд шудани шартномаҳои байналхалқӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлат, аҳамияти принсипи риояи дақиқи шартномаҳои байналхалқӣ (Pacta Sunt Servanda) низ зиёд шуда истодааст.

Калидвожаҳо: принсип, ҳуқуқи байналмилалӣ, шартномаи байналмилалӣ, Конвенсияи Вена, меъёрҳои императивӣ, бовиҷдоднона иҷро кардан.

ПРИНЦИПЫ СОБЛЮДЕНИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ ДОГОВОРОВ

Принцип соблюдения международных договоров (Racta Sunt Servanda) является одним из основных принципов международного права, и особенно права международных договоров. Без этого принципа невозможно существование международного права и поддержание мира. Неукоснительное и добросовестное выполнение обязательств по международным договорам всеми участниками международных отношений является одним из средств поддержания международного мира и развития честных и дружественных отношений, а также обеспечения международной безопасности. Следовательно, этот принцип является одним из основополагающих принципов международного права. С увеличением количества международных соглашений в различных сферах государственной деятельности возрастает и значение принципа неукоснительного соблюдения международных соглашений (Racta Sunt Servanda).

Ключевые слова: принципы, международное право, международные соглошения, Венская конвенция, императивные нормы, добросовестное соблюдение правил.

PRINCIPLES OF COMPLIANCE WITH INTERNATIONAL INSTRUMENTS

The principle of compliance with international agreements (Racta Sunt Servanda) is one of the basic principles of international law, and especially the law of international agreements. Without this principle, the existence of international law and the maintenance of peace are impossible. The strict and conscientious fulfillment of obligations under international treaties by all participants in international relations is one of the means of maintaining international peace and developing honest and friendly relations, as well as ensuring international security. Consequently, this principle is one of the fundamental principles of international law. With the increase in the number of international agreements in various spheres of state activity, the importance of the principle of strict observance of international agreements (Racta Sunt Servanda) also increases.

Keywords: principles, international law, international agreements, Vienna Convention, peremptory norms, good faith observance of the rules.

Сведения об авторе: ***Раззоки Убайдулхак –*** магистр Таджикского национального университета

Information about the author: ***Razzoqi Ubaydulhaq*** – graduate student of Tajik National University

МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА НАМУДҲОИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

Расулзода Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муносибатҳои ҳуқуқи граждани ин муносибатҳои дар меъёрҳои асосёфтаанд, ки оиди неъматҳои моддӣ ва ғайри модди ба вуҷуд омада иштирокчиёни онҳо соҳибихтиёрӣ дошта, ҳамчун дорандагони ҳуқуқу уҳдадориҳои баробарӣ баромад мекунанд. Муносибатҳои ҳуқуқи граждани бо хусусият ва аломатҳои махсуси зерин аз дигар соҳаҳои ҳуқ фарқ мекунанд:

- сохти таркибии субектҳои муносибатҳои ҳуқуқи граждани:
- мустақилии иштирокчиёни ин муносибатҳо :
- молу мулки алоҳида доштани иштирокчиёни мазкур:
-баробарҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи граждани нисбати якдигар:
-ташаббускор ва диспозитивӣ будани иштирокчиёни дар бунёд ва баамалбарории муносибатҳои ҳуқуқи граждани:
- мазмуни ҳуқуқи ва сохти муносибатҳои ҳуқуқи граждани:
- хосиятҳои ҷавобгари ва чораҳҳои муҳофизатӣ ҳуқуқи граждани.

Таркиби субъективии муносибатҳои ҳуқуқи граждани ин маҷмуи он шахсоне мебошад, ки дар муносибатҳои алохидаи ҳуқуқи граждани иштирок менамояд. Дар ҳар як амали ҳуқуқи граждани на кам аз ду субъект иштирок мекунад. Дар акси ҳол муносибатҳои ҷамъияти пайдо намешавад. Иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи граждани ба чунин гуруҳҳо тақсим мешаванд: а) шахсони ҷисмонӣ гуфта, фардҳои аз тарафи қонуни граждани бо ҳуқуқи субъективӣ таъмин кардашударо эътироф менамояд, ки дар муносибатҳои ҳуқуқи граждани иштирок мекунанд.

Якум, субъектони муносибатҳои ҳуқуқи граждани натанҳо аз ҷиҳати молумулкӣ, балки ташкилӣ низ аз ҳам ҷудо ва мустақил мебошанд. Муносибатҳои байни онҳо дар асоси баробарҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

Дуюм, ҳуқуқи граждани баробарии байни онҳро бо тамоми роҳу воситаҳои ҳуқуқӣ таъмин менамояд. Дар натиҷа муносибатҳои ҳуқуқи граждани ҳамчун муносибатҳои байни субъектҳои баробарҳуқуқ, ҳамчун муносибати асосноки ҳуқуқӣ ташкил меёбад, ки дар он як тараф соҳиби ҳуқуқи субъективӣ ва тарафи дигар уҳдадории субъективӣ ё ҳарду тараф соҳиби ҳуқуқу уҳдадории субъективии граждани мегардад. Масалан, мувофиқи шартномаи харидуфурӯш фурӯшанда уҳдадор мешавад, ки предмети шартномаро ба харидор пешкаш намояд, ва ҳуқуқ дорад, ки арзиши онро талаб намояд. Харидор бошад ҳуқуқ дорад, ки ашёи харидаашро аз фурӯшанда талаб намояд ва уҳдадор аст, ки арзиши онро пардохт намояд.

Сеюм, нисбати тарафи уҳдадории субъективиро иҷро накарда ё ба таври дахлдор иҷро накарда ҳамчун кафолати амалигардонии муносибати ҳуқуқи ҳамчун чораи ҳифзи

ҳуқуқи субъективии гражданӣ ва чораи ҷавобгарӣ асосан чораи характерии молу мулки дошта татбиқ карда мешавад.

Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса бармеояд муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ – алоқаи юридикии баробарии молу мулки ва ташкилии субъектони мустақили муносибаҳои молу мулки ва шахсии молу ғайри молу мулкие мебошад, ки ҳуқуқу уҳдадории субъективии онҳоро ифода менамояд ва нисбати вайронкунии вайронкунандагони ин ҳуқуқ асосан чораи маҷбурии давлатии характери молумулки дошта дида мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дорои илми ҳуқуқи граждании инкишофёфтаи худ буда он мактабҳои илмие, ки аз ҷониби олимони тоҷик аз қабили О.У.Усмонов, Ш.Т. Тағойназаров, Ш.М. Менгалиев, Ш.К. Ғаюров ва дигарон созмон дода шудаанд, имрӯзҳо самараи худро пешниҳод намуда истодаанд. Таркиби муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ аз унсурҳои зерин субъект, объект ва мазмун иборат мебошад, ки дар бораи ҳар яки онҳо дар қисматҳои алоҳидаи ин боб маълумоти муфассал дода мешавад. Вобаста ба мавҷудият ва намуди шаҳрвандӣ онҳо бо гуруҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

- шаҳрвандани Ҷумҳурии Тоҷикистон:
- шаҳрвандони хориҷӣ:
- шахсони бетабаъа (бешаҳрванд)

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони ҷисмоние мебошанд, ки дар муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ иштирок менамоянд ва аз рӯзи қабули Конститутсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе ба ҳисоб меравад, ки аз рӯзи қабули конститутсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистонбошад ё худ муносибатҳои ҳамин қонуни конститутсиони нақш ва мавқеъи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад. Тибқи моддаи 5 қонуни мазкур шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, ки берун аз марзи Тоҷикистон низ шаҳрвандии худро нигоҳ дорад берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндаги кардани шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиснои мавридҳои, ки дар ҳамин қонун муайян шудаанд шаҳрвандии онро қатъ намегардад. Шаҳрвандони хориҷӣ шахсоне мебошанд, ки шаҳрвандии дигар давлатро дорад ва дар муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ иштирок мекунанд. Ҳамин тариқ, тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқи махсусан. Ашхосони бешаҳрванд бетабаъа онҳое ҳисоб меёбанд, ки шаҳрвандии давлатӣ худро гумкардан ва дар айни ҳол онҳо шаҳрвандии давлатии моро қабул накардаанд. Шаҳрвандони хориҷи ва ашхосони бешаҳрванд аз ҳуқуқ озодиҳои эълоншуда истифода мебаранд ва баробарии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифа ва масъулият доарнд, баистиснои ҷудогонае, ки қонун пешбини кардааст. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ки берун аз ҳудуди Тоҷикистон мебошанд, таҳти муҳофизат ва ҳимояи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама ҳолат ғамхорӣ ва дастгирии худро барои шаҳрвандон, махсусан шаҳрвандоне, ки хориҷ аз кишваранд, зоҳир менамоянд. Мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулӣ, шахсони мансабдори онҳо бояд мусоидат кунад, ки ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам оварда шавад, то аз тамоми ҳуқуқҳои қонунгузорӣ истифода баранд. Ҳуқуқ ва манфиатҳои аз тарафи қонун ҳимояшавандаи онҳоро ҳимоя намоянд ва дар мавриди зарурат барои барқарор кардани ҳуқуқи поймолшудаи шаҳрвандани Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳо андешанд. Мазмуни муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ уҳдадории субъективии иштирокчиёни ин муносибат иборат мебошад. Ҳуқуқи субъективӣ меъёри рафтори қонунии субъекти муносибати ҳуқуқи гражданӣ мебошад. Ҳуқуқи субъективии гражданӣ категорияи муракаби юридики буда, мазмуни худро дорад. Мазмуни ин ҳуқуқ аз имкониятҳои юридикие, ки ба субъект дода мешавад, иборат аст. Ин имкониятро, ҳамчун қисми таркибии мазмуни ҳуқуқӣ субъективии граждани салоҳият ваколат меноманд. Мазмуни муносибати ҳуқуқи субъективи хеле гуногун бошадҳам аммо онхо натиҷаи омадани се гурух салоҳияти ҳуқуқии зерин мебошад: а) салоҳияти талаб карда, яъне имконияти аз субъекти уҳдадор талаб кардани иҷрои уҳдадории ба зимаи у гузошташуда: б) салоҳият нисбати амалиёти худ, яъне содир кардани рафтори воқеъи ва юридикӣ: в) салохият ба ҳифз яъне барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиати қонуни ба қувваи зуроварии

давлатӣ такя намуда аз имконияти маҷбуркуни давлатӣ истифода бурда ҳуқуқи субъективии соҳибмулк ба ин мисол шуда метавонад. Соҳибмулк барои аз дигарон талаб кардани эҳтироми ҳуқуқи моликияташ имконияти юридики дорад. Ӯ, инчунин ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки нисбати вайронкунандагони ҳуқуқи моликияташ чораи маҷбурии давлатӣ дида шавад. Молик ҳуқуқ дорад мувофиқи хоҳишаш молу мулк дошта бошад, аз вай истифода барад ва ихтиёрдорӣ намояд. Уҳдадории субъективӣ – меъёри рафтори ҳатмии иштирокчиии муносибати ҳуқуқи граждани мебошад. Моҳияташ дар он аст, ки субъекти муносибати ҳуқуқи бояд амалиётеро иҷро намояд ё баръакс аз содир кардани амалёти иҷтимоии зараровар худдорӣ намояд. Таркиби сохти муносибати ҳуқуқии граждани содда ва муракаб мешавад. Дар муносибати ҳуқуқии содда як тараф танҳо ҳуқуқ ва тарафи дигар танҳо уҳдадори дорад. Масалан, мувофиқи шартномаи қарз қарздиҳанда танҳо ҳуқуқи пас гардонидани қарзро талаб кардан дорад. Қарздор бошад уҳдадор аст, ки қарзашро адо кунад. Яъне, бо ин роҳ муносибатҳои шаҳрвандӣ амалӣ карда мешавад, аз як ҷониб ҳуқуқи як тарафро инъикос менамояд ва аз ҷониби дигар бошад уҳдадории трафи диграрро муайян месозад. Тибқи ин талаботҳо бояд шаҳрванд тамоми рафтори худро дар чорчубаи муайяннамудаи қонунҳои амалкунанда ба роҳ монад. Муносибатҳои ҳуқуқи граждани дар соҳаи ҳуқуқ нақши асосиро иҷро мекунад. Таснифи муносибатҳои ҳуқуқи граждани на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти амалӣ низ доранд. Ба ин васила гуруҳбандии доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо, санадҳои меъёри ҳуқуқие, ки ба ин ё он муносибатҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ татбиқ мегарданд муайян карда мешаванд. Вобаста аз хусусиати мазмун муносибатҳои ҳуқуқи граждани ба молумулки ва ғайримолумулкӣ ҷудо карда мешавад. Муносибатҳои молумулки доимо ё мунтазам бо масъалаи дар тасарруфи касе будани молу мулк ё аз тарафи яке ба каси додани молу мулк тибқи шартномаи хариду фурӯш байни фурӯшанда ва харидор ё воситаи меросдодан ба касе вобаста мебошад. Шахсони ҳуқуқӣ юридикӣ гуфта, ташкилотҳоеро меноманд, ки бо ҳуқуқи субъективӣ таъмин карда шуда, онҳо дар ҳукуки моликияти хоҷагидорӣ ё идоракунии фаврӣ оперативӣ молу мулки алоҳида доранд, аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ ба даст оварда, уҳдадориҳоро иҷро менамояд, дар суд ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар баромад мекунад, баланс ва сметаи мустақил дорад.

Давлат субъекти мустақил буда, дар муносибатҳои ҳуқуқи граждани ҳамчун соҳибмулки ягона ба замин сарватҳои он об ҷангал ва дигар объектҳо баромад мекунад. Давлат, инчунин дорандаи ҳокимияти сиёсӣ маҳсуб меёбад. Мустақилии ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи граждани гуногун аст, ки дар муносибатҳои иҷтимои хоҷагӣ ва мадани акс меёбад. мустақилии шаҳрвандон бемаҳдуд буда аз мустақилии шахсони ҳуқуқи фарқ дорад, зеро мустақилии шахсони ҳуқуқӣ аз Оиномаи онҳо бармеояд ва аз мустақилии шаҳрвандон маҳдудтар аст. Мустақилии давлат бошад серсоҳа (универсалӣ) аст. Мустақилии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи граждани дар он зоҳир мегардад, ки дар вақти баамалбарории ҳуқуқу уҳдадориҳои худ онҳо ба ҳеҷ кас тобеъ набуда, бо хоҳиш ва иродаашон амал мекунанд. Баробарҳуқуқи иштирокчиён нисбати якдигар дар он зоҳир мешавад, ки ҳар кадоме онҳоро ҳуқуқу уҳдадориҳои мустақил доранд ва ба якдигар тобеъ набуда, иҷрои уҳдадориҳоро талаб мекунанд, нисбати ҳамдигар ягона чораи маҷбуркунӣ ё зуровариро татбиқ карда наметавонанд. Дар бунёд кардан ва баамалбарории муносибатҳои ҳуқуқи граждани ташаббускор ва диспозитивӣ будани иштирокчиён дар он ифода меёбад, ки ҳаракат амалёти ҳуқуқӣ ба худи субъектон вобаста аст ва ин ҳаракатҳоро иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи граждани озодона ба амал мебарорад. Озодии иштирокчиён гуногун буда, набояд аз ҳадди қонуни граждани барояд.

Объектҳои муносибатҳои ҳуқуқи граждани он ашёҳое мебошанд, ки оиди онҳо алоқаи ҳуқуқи байни шахсон ба вуҷуд меояд. Чунончи, амвол, шаъну шараф, пул ва амсоли онҳое, ки ба неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ тақсим шуда, дар муомилоти граждани васеъ истифода бурда мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003.

2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. №356, соли 2010.
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. №12, соли 1999.
4. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Х., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). –Душанбе: Эр- граф, 2010.
5. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 1 //Дар зери таҳрири узви вобастаи АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор О.У.Усмонов. 2001.
6. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон . Китоби дарси. Қисми якум / Муҳарирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. –Душанбе: «Эр-граф», 2013. -320 с.
7. Гаюров Ш.К. Личное информационное право граждан: проблемы гражданско-правового регулирования в Республике Таджикистан. -М.: Спутник, 2010.
8. Маҳмудов М.А., Менглиев Ш.М. Ҳуқуқи хусусии римӣ. – Душанбе, 2000.
9. А.А. Абдулоев, М.Т. Рауфова. Ҳуқуқи гражданӣ қисми 1. -Хуҷанд, 2009. -С. 29.

МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА НАМУДҲОИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

Муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ дар соҳаи ҳуқуқ нақши асосиро иҷро мекунанд. Таснифи муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти амалӣ низ доранд. Ба ин васила гуруҳбандии доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо, санадҳои меъёрӣ ҳуқуқие, ки ба ин ё он муносибатҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ татбиқ мегарданд муайян карда мешаванд. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони ҷисмоние мебошад, ки дар муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ иштирок менамоянд.

Калидвожаҳо: кодекси гражданӣ, муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ шаҳрвандони Ҷумуҳурии Тоҷикистон, мафҳум, моҳият, уҳдадорӣ.

ПОНЯТИЕ, СУЩНОСТЬ И ВИДЫ ГРАЖДАНСКИХ ПРАВООТНОШЕНИЙ

Гражданско-правовые отношения играют ключевую роль в сфере права. Классификация гражданско-правовых отношений имеет не только теоретическое, но и практическое значение. Таким образом определяется классификация объема прав и обязанностей сторон, нормативных правовых актов, применимых к тем или иным гражданско-правовым отношениям. Граждане Республики Таджикистан - физические лица, участвующие в гражданско-правовых отношениях.

Ключевые слова: гражданский кодекс, гражданско-правовые отношения граждан Республики Таджикистан, понятие, сущность, обязанности.

CONCEPT, ESSENCE AND TYPES OF CIVIL RELATIONS

Civil law relations play a key role in the field of law. The classification of civil law relations has not only theoretical but also practical significance. In this way, the classification of the scope of rights and obligations of the parties, normative legal acts that apply to this or that civil law relationship is determined. Citizens of the Republic of Tajikistan are individuals who participate in civil law relations.

Keywords: civil code, civil relations of citizens of the Republic of Tajikistan, concept, essence, duties.

Сведения об авторе*: Расулзода Джахонгир* - магистр второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **992 900041520.** E-mail: **rasulzodajahongir@gmail.com**

Information about the author*: Rasulzoda Jahongir* – second-year master`s student of Faculty of Law of the Tajik National University. Phone: **992 900041520.** E-mail: **rasulzodajahongir@gmail.com**

ТАВСИФИ УМУМИИ ШАХСОНЕ, КИ ДАР МУРОФИАИ ГРАЖДАНӢ ҲУҚУҚ ВА МАНФИАТҲОИ ҚОНУНИИ ХУДРО ҲИМОЯ МЕКУНАНД

Раҳмонов Б.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ – ин маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятии ба вуҷуд омадаи байни иштирокчиёни мурофиа ва суди юрисдиксияи умумиро ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ аз рӯи парвандаҳои гражданӣ ба танзим медароранд. Дар ҳолати вайрон карда шудани ҳуқуқи шаҳрвандон ва ташкилотҳо аз тарафи дигар шахсон, инчунин таҳдиди вайронкуниҳо дар оянда ва ҳангоми ихтиёран барқарор накардани ҳуқуқи вайронкардашуда зарурати татбиқи ин ё он тарзҳои ҳимоя нисбати тарафи уҳдадор ба вуҷуд меояд. Қисме аз онҳо, ки дар моддаи 12

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, аз тарафи субъектон мустақилона татбиқ карданашон мумкин аст, қисми дигараш бошад бо ёрии мақомоти салоҳиятдор, ки чунин амалҳоро иҷро менамоянд, татбиқ кардан мумкин аст. Фаъолияти бо қонун муайянкардашудаи чунин мақомот шакли ҳифзи ҳуқуқ номида мешавад, ки бо аломатҳои ҳуқуқи вайронкардашуда, хусусияти вайронкунӣ, талаботҳое, ки нисбати тарафе, ки ҳуқуқҳои субъектро вайрон ё маҳдуд кардааст, муайян карда мешавад. Вобаста аз ин, шахси манфиатдор метавонад ҳам шаклҳои юрисдиксионӣ ва ҳам ғайриюрисдиксионии ҳифзи ҳуқуқро истифода намояд Тибқи моддаи 11 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқҳои граждании вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаро мувофиқи мансубияти бо қонунҳои мурофиавӣ муқарраршудаи парвандаҳо аз ҷониби суди юрисдиксияи умумӣ, суди иқтисодӣ ва суди ҳакамӣ, инчунин ба тариқи маъмурӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун амалӣ карда мешавад. Фаъолияти суд оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳо адолати судӣ номида мешавад. Дар ҳамин ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад, ки онро Суди консутитутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва системаи судҳои юрисдиксияи умумӣ ва иқтисодӣ амалӣ менамоянд. Адолати судӣ оид ба парвандаҳои граждани бо роҳи дар маҷлисҳои судӣ баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои граждани оид ба баҳсҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии граждани, оилавӣ, меҳнатӣ, манзил, экологӣ, замин ва ғайра бармеоянд, инчунин дигар парвандаҳои дар моддаи 24 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, амалӣ карда мешавад.

Мақсад ва вазифаҳое, ки дар назди мурофиаи судии граждани истодаанд, дар моддаи 3 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баён карда шудаанд. Мақсади мурофиаи судии граждани ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои вайронкардашуда ё мавриди баҳс қароргирифта ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон мебошад. Вазифаҳои мурофиаи судии гражданиро ба тактикӣ, ки ҳангоми баррасии ҳар як парвандаи муайян ҳал карда мешаванд ва стратегӣ, ки бо мурофиаи судии граждани дар кулл ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ – ҳуқуқӣ ҳал карда мешаванд, тақсим кардан мумкин аст. Тартиби баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои граждани бо қонунгузорӣ дар бораи мурофиаи судии граждани муайян карда мешавад. Меъёрҳои мурофиавии граждани, ки дар қонунгузории дахлдор сабт гардидаанд, дар маҷмуъ соҳаи мустақили ҳуқуқ ҳуқуқи мурофиавии гражданиро ташкил менамоянд, ки яке аз соҳаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Предмети танзими ҳуқуқии ҳуқуқи мурофиавии граждани – ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар соҳаи истеҳсолоти судии граждани ба вуҷуд омадаанд. Хусусияти хоси ҳуқуқи мурофиавӣ дар он аст, ки вай ҷараёни инкишофи муносибатҳои ҳуқуқиро ба танзим медарорад. Бинобар ин ба предмети танзими ҳуқуқӣ натанҳо алоқаҳои ҳуқуқии (юридикии) иштирокчиёни мурофиа, балки фаъолияти мурофиавӣ оид ба татбиқи онҳо низ дохил мешаванд. Мувофиқан предмети ҳуқуқи мурофиавии гражданиро бояд ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ якҷоя бо ҳаракатҳои мурофиавӣ муайян кард. Вобаста аз мафҳуми овардашуда ҳуқуқи мурофиавии гражданиро аз мурофиаи граждани бояд фарқ кард. Зуҳуроти охирини ҳуқуқиро бояд ҳамчун системаи амалҳои мурофиавӣ, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои граждании ба тобеияти судҳо мансуб донисташуда ҷой доранд, тавсиф кард. Дар шакли ҳуқуқӣ таҷассум гардида системаи мазкури амалҳо намуди истеҳсолоти (мурофиаи) судии гражданиро соҳиб мегардад. Вобаста ба ин дар бораи намудҳои истеҳсолоти (мурофиаи) судии граждани ва давраҳои мурофиаи граждани сухан рондан мумкин аст. Ба тариқи истеҳсолоти суди граждани парвандаҳои граждании аз рӯи табиати моддӣ (материалӣ) – ҳуқуқии худ гуногун баррасӣ мешаванд, бинобар ин намудҳои зерини вай фарқ карда мешаванд.

1)Истеҳсолоти даъвогӣ. Вай аз ҳал намудани баҳсҳо дар бораи ҳуқуқ ба воситаи даъво иборат аст. Ин намуди мазкур асосӣ мебошад, ки бо Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муфассал ба тартиб андохта шудааст.

2)Истеҳсолоти парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеоянд. Парвандаҳое, ки аз рӯи қоидаҳои намуди мазкури истеҳсолот дида баромада мешаванд,

дар натиҷаи муносибати ҳокимият ва тобеият ба вуҷуд меоянд. Мақсади ҳал намудани категорияи мазкури парвандаҳо назорати судӣ аз болои ҳаракатҳо ва санадҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад.

3)Истеҳсолоти махсус. Предмети он парвандаҳои бебаҳс мебошанд, ки аз рӯи онҳо ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ лозим нест. Мақсади баррасӣ дар намуди мазкури истеҳсолоти судӣ ҳифзи манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мебошад.

4)Истеҳсолоти фармонӣ. Дар ҳолати мазкур ҳуқуқи субъективӣ, ки ба ҳуҷҷатҳои бебаҳс асос шудааст, ҳимоя карда мешавад.

5)Истеҳсолот оид ба додани варақаи иҷро дар бораи иҷрои маҷбурии ҳалномаи судҳои ҳакамӣ.

6)Истеҳсолот оид ба эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ, судҳои ҳакамии хориҷӣ (арбитражҳо).

7)Истеҳсолот вобаста ба иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои мақомоти дигар. Истеҳсолотҳои дар бандҳои 2-7 қайдгардида, истеҳсолоти ғайридаъвогӣ эътироф мешаванд.

Мурофиаи судии граждани ҳамчун аз тарафи ҳуқуқи мурофиавии граждани ба танзим дароварда шудани фаъолияти суд, шахсони дар парванда иштироккунанда ва дигар иштирокчиёни он аз як қатор даврaҳо иборат мебошад. Давраи мурофиа – ин маҷмуи ҳаракатҳои мурофиавӣ оиди парвандаи муайян мебошад, ки барои як мақсади наздик равона карда шудаанд. Мувофиқи Кодекси мурофиавии граждании амалкунанда даврaҳои зерин мавҷуданд:

- оғоз намудани истеҳсолот аз рӯи парванда. Дар давраи мазкур шахси манфиатдор ба суд муроҷиат мекунад ва судя ҳуҷҷатҳои вайро қабул карда, фаъолияти мурофиавиро сар менамояд;

- омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ. Дар давраи мазкур судя талаботҳои арзшударо аниқ карда, ба тарафҳо ва шахсони сеюм дар ҷамъ намудани далелҳои зарурӣ кӯмак мекунад ва ба мурофиа шахсони манфиатдор, экспертҳо, тарҷумон, шоҳидонро ҷалб менамояд;

- муҳокимаи судӣ. Дар ин давра суд (судя) маводҳои парвандаро дар маҷлиси судӣ баррасӣ мекунад, шахсони даъватшударо мешунавад ва парвандаро бо баровардани ҳалнома моҳиятан ҳал менамояд ё истеҳсолотро аз рӯи парванда бе баровардани ҳалнома ба охир мерасонад;

- аз нав баррасӣ намудани ҳалномаҳо ва таъйинотҳое, ки эътибори қонуни пайдо накардаанд (истеҳсолоти кассатсионӣ). Дар давраи мазкур қонунӣ ва асоснокии қарорҳои судии шикоятшаванда санҷида шуда, инчунин назорат аз болои фаъолияти судҳои поёнӣ амалӣ карда мешавад;

- аз нав баррасӣ кардани ҳалномаҳо, таъинотҳо ва қарорҳое, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд (истеҳсолоти назоратӣ). Дар давраи мазкур қарорҳои эътибори қонунӣ пайдо карда, аз нав баррасӣ карда шуда, инчунин фаъолияти судҳои марҳилаҳои якум ва дуюм назорат карда мешавад;

- аз нав баррасӣ намудани қарорҳои судии эътибори қонунӣ пайдо карда аз рӯи ҳолатҳои навошкоршуда. Давраи мазкури мурофиа истисноӣ мебошад. Қонунӣ ва асоснокии қарори судии эътибори қонунӣ пайдо карда, дар партави ҳолатҳои навошкоршуда, ки дар лаҳзаи баррасии парванда вуҷуд доштанд ва барои ҳал намудани он аҳамияти ҷиддӣ (муҳим) доштанд, санҷида мешавад;

- иҷрои санадҳои судӣ (истеҳсолоти иҷро). Давраи мазкури мурофиа махсусан барои татбиқи амалии ҳалнома, таъйинот, қарорҳои қабул намудаи судҳои юрисдиксияи умумӣ дар ҳаракатҳои субъектони вазифадор равона карда шудааст.

Методи танзими ҳуқуқиро дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳамчун маҷмуи воситаҳо ва тарзҳои муайяни ҳуқуқӣ, ки бо ёрии онҳо муносибатҳои ҳуқуқӣ ба тартиб андохта мешаванд ё ҳамчун системаи ҳолатҳои ҳуқуқие, ки низоми (реҷаи) махсуси ҳуқуқиро ба вуҷуд меоваранд, тавсиф мекунанд. Вакте ки сухан дар бораи методи ҳуқуқи мурофиавии граждани меравад, аз як тараф одатан қайд мекунанд, ки дар он элементҳои қатъӣ

(императив) мавҷуданд, чунки суд мақоми ҳокимияти давлатӣ мебошад, аз дигар тараф ба зуҳуроти диспозитивӣ, ки ба фаъолияти шахсони иштироккунандаи парванда ва хусусияти даъвогар ва ҷавобгар хоссанд, ишорат менамоянд. Дар ҳақиқат мувофиқи принсипи таҷзияи ҳокимият суд намуди тамоман махсуси ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, ки ба монанди ҳамаи ҳокимиятҳо бе маҷбуркунӣ ва нишондоди омирона илоҷ карда наметавонад. Бинобар ин қонунгузор ба суд ваколатҳои васеи назоратиро нисбати рафт ва тартиби мурофиа, инчунин амали шахсони иштироккунандаи парванда додааст. Ба ғайр аз ин, маҳз суд ҳуқуқ дорад, ки нисбати иштирокчиёни мурофиаи судӣ намудҳои ошкорро ва ниҳоии ҷавобгарии мурофиавии гражданиро татбиқ намояд, ки ҳама вақти муайян аз ҷумла вобаста аз намуди истеҳсолоти (мурофиаи) судии гражданӣ фарқ карда мешаванд. Масалан, ҳангоми баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеоянд, судя бо ташаббуси худ бо мақсади ҳалли дурусти парванда метавонад далелҳоро талаб намояд. Шахсони мансабдоре, ки талаботи судро оид ба пешниҳоди далелҳо иҷро наменамоянд, ба андозаи то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷаримабандӣ карда мешаванд (қисми 2 моддаи 253 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар айни замон агар, ки мурофиаи гражданӣ яке аз шаклҳои маҷбуран татбиқ намудани ҳуқуқи субъективии гражданӣ ба маънои васеъ ин мафҳум мебошад, худи мурофиа наметавонад озодии изҳори иродаи субъектони муносибати ҳуқуқиро ба назар нагирад. Асосҳои диспозитивӣ ба шахсони иштироккунандаи парванда имконият медиҳад, ки дар асоси принсипи баробарӣ бо салоҳдиди худ аз ҳуқуқҳои доштаи худ ихтиёрдорӣ намоянд. Масалан, тарафҳо метавонанд созиши оштӣ банданд, даъвогар ҳуқуқ дорад аз даъво даст кашад, ҷавобгар бошад ҳуқуқ дорад талаботҳои даъвогиро эътироф намояд. Вале, озодии амал наметавонад беҳудуд бошад, дар акси ҳол хатари сӯиистифодаи ҳуқуқ ба вуҷуд меояд, бинобар ин суд ваколатдор аст, ки изҳори иродаи диспозитивии тарафҳоро татбиқ накунад, агар ин хилофи қонун бошад ё ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсонро халадор созад. Аз ин ҷо, методи ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ императивӣ (қатъӣ), диспозитивӣ мебошад, ки хусусияти он дар вобастагии муносиби элементҳои ҳокимиятӣ (омирона) ва амрдиҳандагӣ ифода меёбанд. Императивӣ (қатъӣ) будани вай дар он зоҳир мешавад, ки иштирокчии ҳатмии муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ суд мебошад, ки ҳокимияи судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Диспозитивӣ будани он бошад, ба иштирокчиёни мурофиа додани ҳаҷми кофии ҳуқуқҳои мурофиавӣ, ки барои ба вуҷуд омадан ва инкишофи мурофиа имконият медиҳад, зоҳир мегардад. Ба эътибор нагирифтани яке аз онҳо дар амалия (таҷриба) ба натиҷаҳои манфӣ оварда мерасонад ё суд ба зиммаи худ функсияҳои тафтишотии ба вай хос набударо мегирад ё ин ки суд қобилияти иҷро намудани вазифаҳои дар назди вай гузошташударо вобаста ба амалӣ намудани адолати судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ надорад. Ба сарчашмаҳои ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ санадҳои ҳуқуқие мансуб мебошанд, ки меъёрҳои соҳаи мазкури ҳуқуқро дарбар мегиранд. Ҷойи махсусро дар байни чунин сарчашмаҳо Конститутсия ишғол мекунад, ки сарчашмаи асосии ҳуқуқи мурофиавии гражданиро муайян менамояд Тартиби мурофиаи судии гражданӣ дар судҳои юрисдиксияи умумӣ бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 6 августи соли 2001 муайян карда мешавад. Дигар сарчашмаи ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин санади асосии қонунгузорӣ мебошад, ки принсипҳои мурофиаи гражданиро муфассал ба тартиб андохта, қоидаҳои тобеияти идорӣ ва тобеияти судӣ, ҳайати иштирокчиёни мурофиаи гражданӣ, далелҳо, тартиби муҳокимаи судӣ, қабули ҳалнома ва шикоят намудани санадҳои судиро муайян мекунад. Ба сарчашмаҳои ҳуқуқи мкрофиавии гражданӣ ҳамчунин қонунҳои сершуморе, ки муносибатҳои гуногуни моддиро (материалиро) ба танзим медароранд, хусусан Кодекси гражданӣ, Кодекси меҳнат, Кодекси манзил, Кодекси оила ва ғайра мансуб мебошанд. Меъёрҳои ҳуқуқи граждании байналхалқӣ дар конвенсияҳои байналхалқӣ, шартномаҳои бисёртарафа ва дутарафа дарҷ карда шудаанд. Агар бо шартномаи байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои дигар назар ба қонуни мурофиавии гражданӣ пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ

қоидаҳои шартномаи байналхалқӣ татбиқ карда мешаванд. Фаъолияти мурофиавии гражданӣ ба муқаррарotҳои аввалаи муайян асос шудааст, ки хусусиятҳои аз ҳама бештар хос ва асосҳои амаликунии онро инъикос мекунанд. Чунин ҳолатҳоро принсипҳои мурофиаи гражданӣ меноманд, ки аз рӯи мазмуни худ объективӣ мебошанд. Онҳо бо он ҳақиқияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муайян карда мешаванд, ки дар ҷамъият вуҷуд доранд ва дараҷаи демократии онро инъикос менамоянд. Ин принсипҳо хусусияи меъёрӣ доранд, яъне онҳо дар меъёрҳои ҳуқуқ сабт гардидаанд. Қисми зиёди принсипҳои мурофиаи гражданӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардидаанд.

Мафҳуми муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ. Масъалаи муносибати ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои марказӣ дар ҳуқуқшиносӣ буда, ба таҳқиқи он ҳам дар назарияи умумии ҳуқуқ ва ҳам дар илмҳои соҳавии ҳуқуқ диққати калон дода мешавад. Сабаби ин дар он аст, ки аз рӯи системаи муносибатҳои ҳуқуқии мавҷуда дар бораи он мулоҳиза кардан мумкин аст, ки ба кадом андоза ба таври воқеӣ дар муносибатҳои иҷтимоии ҷамъият он чизе, ки бо қонун муқаррар карда шудааст, дар амал татбиқ карда мешавад. Муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ хизмат карда, ҷараёни мурофиаи мазкурро ифода менамоянд. Бе онҳо ба амал баровардани адолати судӣ аз рӯи парвандаҳои гражданӣ ғайриимкон аст. Ҳамаи мурофиаи судии гражданӣ аз рӯи қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии гражданӣ дар шаклҳои мурофиавии пешбининамудаи он ва ба восита ворид шудани суд ба муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ бо дигар иштирокчиёни мурофиа амалӣ карда мешавад. Ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ аз рӯи ҳар як парвандаи мушаххас системаи муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ ба вуҷуд меояд, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии элементарии якдигарро ивазкунанда иборат аст. Ҳар кадоме аз онҳо байни суд ва ҳама гуна дигар иштирокчии мурофиа дар асоси меъёри мушаххаси ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ ба вуҷуд меояд. Ин муносибатҳои ҳуқуқӣ бетанаффус, бо ҳам вобаста буда, якдигарро иваз менамоянд ва ҷараёни мурофиаи гражданиро муайян менамоянд. Заминаҳои пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ. Барои ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ се замина – меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ, фактҳои ҳуқуқӣ ва субъекти ҳуқуқ будани иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ зарур аст. Масалан, то ба наздикӣ ба ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ институти фармони судӣ маълум набуд. Аммо бо қабули Кодекси нави мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он боби 11 “Фармон” пайдо шуд, ки меъёрҳоеро, ки истеҳсолоти фармониро ба танзим медароранд, дар бар мегирад. Вобаста ба ин асос барои пайдоиши муносибатҳои мурофиавии гражданӣ байни суд ва аризадиҳанда оиди фармони судӣ ба вуҷуд омад. Меъёри ҳуқуқӣ бояд бо иҷрои амали шахси мушаххас ё беамалии вай (масалан, пешниҳоди даъво, ворид шудани ин ё он шахс ба мурофиа) амалӣ карда шавад. Амал (беамалӣ) метавонад ҳамчунин заминаи пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ бошад танҳо ба шарте, ки агар вай хусусияти ҳуқуқӣ дошта бошад, яъне факти ҳуқуқӣ шуда бошад. Ба ҷумлаи фактҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданиро ба вуҷуд меоранд, бояд амали суд бошад. Масалан, барои ба вуҷуд омадани системаи муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ суд бояд аризаи даъвогиро (аризаро) қабул намояд ва истеҳсолотро аз рӯи парвандаи гражданӣ оғоз намояд.

Ҳамин тавр, муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ ҳамчунин фақат ҳангоми мавҷуд будани фактҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд. Фактҳои ҳуқуқӣ заминаи натанҳо ба вуҷуд омадан, балки заминаи қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ низ мебошанд. Масалан, ҳодиса танҳо дар маҷмуъ бо амали суд асоси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ё қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқҳои мурофиавӣ мебошад. Масалан, вафоти тараф худ аз худ боиси оқибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ намегардад ва барои ба миён омадани онҳо суд бояд истеҳсолотро аз рӯи парванда қатъ намояд ё боздорад. Бо фарқият аз муносибатҳои ҳуқуқии моддӣ асоси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ё қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ шартномаи байни суд ва иштирокчиёни мурофиа шуда наметавонад. Аммо шартномаи байни тарафҳо ва шахсони сеюм имкон дорад.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. Бо тағйироту иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 сол. -Душанбе: “Матн”, 2016.
2. Маҷмуи мавзӯҳо аз фанни таълимии “Ҳуқуқи мурофиавии граждани”.
3. Тафсири Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: “ЭР-граф”, 2013. -с.73.
4. Тафсири Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Шакли электронӣ.
5. Треушников М.К. заслуженный деятель науки РФ, докт. юрид. наук, проф. – Методические рекомендации по изучению курса “Гражданский процесс”, Программа учебной дисциплины “Гражданский процесс”, гл. 1, 5, 6, 19.

ТАВСИФИ УМУМИИ ШАХСОНЕ, КИ ДАР МУРОФИАИ ГРАЖДАНӢ ҲУҚУҚ ВА МАНФИАТҲОИ ҚОНУНИИ ХУДРО ҲИМОЯ МЕКУНАНД

Мурофиаи гражданӣ дар худ шакли ҳимояи ҳуқуқро дар судҳои юрисдиксияи умумӣ таҷассум менамояд, ки бо қонун муқаррар шудааст. Чунин хусусияти шакли мурофиаи гражданӣ ин системаи талаботҳо ба ҳисоб меравад, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ мустаҳкам карда шудаанд. Ин система дар худ маҷмуи қоидаҳоеро зарур мешуморад, ки доираи муайян, хусусияти амалҳо ва ҳамчун уҳдадорӣ иҷро накардани ин амалҳо ва тартиби фаъолияти ҳамаи шахсоне, ки дар мурофиаи иштирок мекунанд, муқаррар менамояд.

Калидвожаҳо: Ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ, ҳимояи манфиатҳо, муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ, адолати судӣ, парвандаҳои гражданӣ.

ОБЩЕЕ ОПИСАНИЕ ЛИЦ, ЗАЩИЩАЮЩИХ СВОИ ПРАВА И ЗАКОННЫЕ ИНТЕРЕСЫ В ГРАЖДАНСКОМ ПРОЦЕССЕ

Гражданский процесс представляет собой установленную законом форму защиты права в судах общей юрисдикции. Существенной чертой гражданской процессуальной формы является система требований, закрепленных нормами гражданского процессуального права. Это система предполагает наличие в своем составе правил, которые определяют круг и порядок деятельности всех без исключения лиц, участвующих в процессе, последовательность, содержание и характер всех их действий, а также ответственность за невыполнение этих действий.

Ключевые слова: Гражданское процессуальное право, защита интересов, гражданское процессуальное правоотношение, судебное правосудие, гражданское дело.

A GENERAL DESCRIPTION OF THE PERSONS DEFENDING THEIR RIGHTS AND LEGITIMATE INTERESTS IN CIVIL PROCEEDINGS

Civil procedure is a statutory from of protection of rights in courts, general jurisdiction. An essential feature of the civil procedural form is the system requirements enshrined in the norms of civil procedural law. This system assumes the presents in its composition of rules that determine the range and order of activity of all, without exception persons involved in the process, the sequence, content and nature of all their actions, as well as responsibility for failure to comply with these actions.

Keywords: Civil procedural law**,** protection of interests, civil procedural relationship, judicial justice, civil case.

Сведения об авторе: ***Рахмонов Бахром Боронович*** – Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе. Телефон: **501999968**

Information about the author: ***Rahmonov Bahrom Boronovich*** – Tajik National University, graduate student of Faculty of Law. **Adress:** Republic of Tajikistan, Dushanbe city. Phone: **501999968**

МАФҲУМ ВА АЛОМАТИ ҶИНОЯТҲО ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ НАҚЛИЁТ

Раҷабов Н.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд дар омилҳое, ки бо тағйиротҳои ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоии ҷамъият алоқаманд мебошад, ба вуҷуд меояд. Аз як тараф, ҷудонопазирии ҷамъиятҳои шаҳрвандӣ ҷараёни бунёди муносибатҳои навро байни давлат ва ҷамъият мушкил мегардонад ва аз тарафи дигар бошад масъулият барои бунёди муносибатҳои нав байни давлат ва шахсият ба мақомотҳои давлати вогузошта шудааст. Дар ҳолатҳои мазкур сифати кор, касбият, қонунияти фаъолияти шахсони мансабдор аз истилоҳҳое, ки дар мамлакат гузаронида мешавад, вобастагӣ дорад. Пеш аз он, ки мо ҷиноятҳоро дар соҳаи нақлиёт дида бароем, сараввал мо бояд ба таърих ва нақши

нақлиётро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, манфиатнокии он ба ҷомеаро таҳлил намоем. Нақлиёти Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ аст. Аз лиҳози он, ки дар марҳилаи нави таърихии рушди иқтисодиёти кишвар инфрасохтори вуҷуддоштаи нақлиётӣ ба таъмини вазифаҳои стратегии рушди иқтисодиёт дар мавриди интиқоли дохилию берунӣ мутобиқат надошт, зарурати муайянсозии тамоюли рушди инфрасохтор дар ҳамбастагӣ бо дигар вазифаҳои стратегии тараққиёти мамлакат пеш омад. Маҷмааи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, ҳавоиро муттаҳид сохта, хоҷагии роҳҳои автомобилгардро дар бар мегирад. Вобаста ба шароити хоси табиӣ-иқлимии ҷумҳурӣ, ки 93 фоизи масоҳати онро кӯҳҳо ишғол мекунанд, нақлиёти автомобилӣ нисбат ба дигар воситаҳои нақлиёт дорои бартарияти муҳими стратегӣ, хусусан дар самти таъмини интиқоли мунтазами дохилӣ ва фарогирии ҳамаи минтақаҳои мамлакат мебошад. Инкишофи соҳаи нақлиёт дар навбати худ воситаи мусоидат ба савдои дохилӣ ва хориҷӣ буда, омили асосии рушди муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва транзитии байналмилалии кишвар мансуб меёбад. Бинобар ин, аз марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ роҳбарият ва Ҳукумати ҷумҳурӣ масъалаи ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистонро яке аз авлавиятҳои рушд муайян намуда, дар доираи Стратегияи аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистонро муайян намуданд, ки он дар Паёми ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ мегардид [1].

Стратегияи мазкур ду самти асоси фаъолияти соҳаро дар бар мегирад:

1. Ташаккули шабакаи ягонаи роҳҳои автомобилгарди дохили кишвар ва пайваст намудани он ба шоҳроҳҳои байналмилалӣ;

2. Ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия ва Созишномаҳои байналмилалӣ оид ба равобити нақлиётӣ.

Дар даҳ соли охир ҷиҳати раҳо ёфтани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва баромадан ба бандарҳои обии ҷаҳонӣ 23 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ карда шудааст. Дар натиҷа 1650 километр роҳҳои мошингард таҷдиду бунёд гардида, 109 пул ва 27 километр нақб сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд. Ҳоло дар соҳаи нақлиёт 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ шуда истодааст. Маврид ба зикр аст, ки тӯли солҳои истиқлолият дар соҳаи нақлиёт роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон 34 созишномаи дуҷониба бо 9 давлатҳои аъзоҳои ИДМ ва 7 давлати Осиёи Марказию Аврупо имзо намуда, ба 27 созишнома ва 7 Конвенсияи байналмилалӣ дар доираи 11 ташкилот шомил шудааст. Татбиқи созишномаҳои дуҷониба дар соҳаи интиқоли байналмилали бору мусофирон бидуни монеа амалӣ гардида, талаботҳои Созишномаҳо ба таври комил иҷро мегарданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи ин ҳадафҳо алъон ба 9 конвенсия ва созишномаҳои байналмилалӣ ба таври расмӣ ҳамроҳ шудааст. Яке аз проблемаҳо ин ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт аст, ки дар давоми солҳои тӯлонӣ боқӣ мондааст. Зарурати муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт аллакай дар охири асри 19 ва аввали асри 20 ҳангоми сабти садамаҳои нақлиётӣ ва муқаррар кардани оқибатҳои вазнини он, яъне марги инсон ва дигар зарарҳои вазнин ба вуҷуд омадааст. Бо пайдоиши як мошини механикӣ намуди нави муносибатҳои иҷтимоӣ ба миён омад ва дар натиҷа зарурати тадбирҳои махсус барои танзими онҳо ба вуҷуд омад, зеро қисме аз ин равобитҳо бо ҷароҳатҳои шадид ва марги шадид алоқаманд буданд. Бо дарназардошти шумораи афзояндаи воситаҳои нақлиёт дар роҳҳои кишварамон, мо шумораи бештари ҳодисаҳо ва садамаҳои нақлиётиро, ки аксар вақт оқибати марговар доранд, мебинем [2]. Барои вайрон кардани қоидаҳои ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, қонунгузор ду намуди ҷавобгариро пешбинӣ кардааст. Агар кирдори барои ҷамъият хавфнок бошад, зарар ба саломатӣ дар дараҷаи сабук ва миёна расонида шуда бошад, шахс ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад. Дар ҳолати расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ё ба марги ҷабрдида оварда расонад, ҷавобгарии ҷиноятӣ ба вуҷуд меояд. Объекти таҳқиқот танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ дар бораи вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт мебошад. Мавзӯи таҳқиқот

муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъулиятро барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиётро муқаррар мекунад, дигар муқаррароти қонунгузории ҷиноӣ ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи бехатарии истифодаи воситаҳои нақлиётро танзим мекунад. Таҳқиқоти илмӣ оид ба проблемаи таҳқиқшаванда нишон медиҳад, ки заминаи илмии муқовимат бо ҷиноятҳо дар соҳаи истифодабарии воситаҳои нақлиёт асосан дар замони шӯравӣ гузошта шуда буд. Ҳамин тавр, ҳангоми омӯхтани ин мавзӯъ дар ҷараёни омӯзиш аз сарчашмаҳои чунин муалифон ба монанди А.И. Рарог, Н.Ю. Исоев бо дарназардошти дигаргуниҳои сершумор дар қонунгузорӣ истифода бурда метавонем. Аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тиҷикистон танзими ҳуқуқии истифодаи воситаҳои нақлиётро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 1997 "Дар бораи нақлиёт" танзим мекард, ки аз 14 майи соли 1999 аз эътибор соқит карда шуд. Баъд аз он қонуни ҶТ "Дар бораи нақлиёт" 29 ноябри соли 2000 таҳти № 22 қабул карда шуд. Ҳоло бошад Қонуни кодификатсияшуда (Кодекс) нақлиёти ҶТ аз 2 апрели соли 2020, таҳти №1689 қабул карда аз 18 боб ва 138 модда иборат буда, мавриди танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тартиби амалисозии фаъолиятро дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ қарор дорад [3]. Кодекси ҷиноятии Ҷуҳурии Тоҷикистон ҳоло амалкунанда, ки аз 21 маи соли 1998 таҳти №574 қабул карда шудааст, дар боби алоҳида яъне дар боби 23 “Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт” бахшида шуда 11 моддаро дар бар мегирад ва ҷиноятҳо дар соҳаи истифодаи воситаҳои нақлиёт ба вуҷудомадаро танзим мекунад. Мисол: таҳлил моддаи 211 Вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё обӣ [4]; Объекти ҷиноят ин муносибати ҷамъиятие мебошад, ки бехатарии ҳаракат ва ё истифодабарии нақлиётро таъмин мекунад. Ҳаёт ва ё саломатии инсон ба сифати объекти иловагӣ дониста мешавад. Предмети ҷинояти мазкур воситаҳои нақлиёте шуда метавонад, ки дар диспозитсияи м.211 КҶ ҶТ қайд шудааст (нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё обӣ) [5]. Дар зери мафҳуми “нақлиёти роҳи оҳан” ҳамин воситаҳои нақлиёте фаҳмида мешавад, ки дар релс ҳаракат мекунанд, ҳамчунин ба ин намуди воситаҳои нақлиёт роҳҳои даромадгоҳи ташкилотҳои истеҳсолӣ, роҳҳои оҳани камбари таъйиноташон махсус дохил мешаванд. Ба ин воситаҳои нақлиёт локомотив, тепловоз ва ғайраҳо дохил мешаванд. Нақлиёти ҳавоӣ ин ҳамаи авиатсияи гражданӣ (шаҳрвандӣ) ва ҳамаи воситаҳои ҳавопаймоие мебошанд, ки таъйиноти мусофиркашӣ ё боркашии шаҳрвандӣ доранд. Ба ин гурӯҳ воситаҳои нақлиёти ҳавоӣ дохил мешаванд: самалётҳо, вертолётҳо, планеру дережаблҳо, аэростатҳо ва ғайраҳо. Тобеияти идоравии воситаҳои нақлиёти дар боло нишондодашуда аҳамият надорад. Ба нақлиёти обӣ ҳамаи киштиҳои худгард, новобаста аз тобеъияташон ва бо бақайдгирии дар обанборҳо ё бандарҳои баҳрӣ тиҷоратӣ дохил мешаванд. Киштиҳои ҳавоӣ, ҳарбӣ предмети ин ҷиноятро ташкил намекунанд, лекин вайрон кардани бехатарии ҳаракат ва истифодаи чунин воситаҳои нақлиёт аз рӯи м.390 КҶ баҳо дода мешавад. Бехатарии фаъолияти автомашина, трамвай, тролейбусҳо ё дигар воситаҳои механикии аз тарафи м.212 КҶ ҳифз карда мешавад.

Тарафи объективии ҷинояти мазкурро амалҳои зерин дар бар мегирад:

- вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракати нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё обӣ;
- вайрон кардани қоидаҳои бехатарии истифодаи воситаҳои нақлиёти номбардошта;
- расонидани зарари миёна ё вазнин ба саломатии одам ё ба миқдори калон расонидани зарар ба амволи он:
- алоқаи сабаби байни кирдор ва оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок.

Диспозитсияи моддаи мазкур аз рӯи хусусияташ бланкетӣ мебошад. Дар он сухан дар бораи вайрон кардани қоидаҳои махсуси бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт меравад. Худи ин қоидаҳо бошанд, дар меъёрҳои ҳуқуқие ҷойгир шудаанд, ки фаъолияти воситаҳои нақлиёти дар боло зикршударо ба танзим медароранд [6]. Ҳамаи санадҳои меъёрӣ идоравиро ба чор гурӯҳи асосӣ тақсим кардан мумкин аст:

- ба тартиб даровардани бехатарии ҳаракат;
- ба тартиб даровардани бехатарии истифодабарӣ;
- ба тартиб даровардани бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт;

- меъёрҳои ба тартиб даровардани иҷозати шахсон ба кор.

Қоидаҳои бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт дар меъёрҳои ҳуқуқии идоравӣ ба таври гуногун ифода ёфтанд. Як гурӯҳи санадҳои меъёрӣ идоравӣ навиштаҷоти қатъӣ бошанд, гурӯҳи дигарашон навиштаҷоти қатъии манъкунӣ доранд. Вайрон кардани санадҳои меъёрӣ идоравии дар боло номбаршуда ҷавобгарии ҷиноятиро оиди ин модда ба вуҷуд меоварад. Дар баъзе санадҳои меъёрӣ-идоравӣ ба ғайр аз навиштаҷот ва манъкунӣ боз тавсия дода мешавад. Онҳо ҳатмӣ намебошанд ва иҷро накардани чунин тавсияҳо таркиби ҷинояти мазкурро ташкил намекунанд [7]. Байни қоидаҳое, ки бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиётро таъмин менамоянд, баъзе аз онҳо характери умумӣ доранд, дигар намуди қоидаҳо бошад, характери мушаххас. Мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд ҳангоми баррасии ин намуди ҷиноят бояд ҳардуи қоидаҳоро ба инобат гиранд. Кирдори ба ҷамъият хавфноки содиршуда ҳамон вақт таркиби ҷиноятро ташкил мекунад, ки он қоидаҳои дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷойдоштаро вайрон мекунанд. Вайрон кардани чораҳои эҳтиётии умумии қабулшуда таркиби ҷиноятро ташкил намедиҳанд. Зеро ҳангоми вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи нақлиёт, мақомоти тафтишотӣ ва суд вуҷуд доштани ҷиноятро бо ибораҳои “чораҳои эҳтиётиро надидааст”, “асосҳои чораҳои заруриро пешбинӣ накардааст” ва ғайра асоснок карда наметавонанд. Аз рӯи ҳар як парванда бояд аниқ муайян карда шавад, ки кадом қоида вайрон карда шудааст, ва шахси гунаҳгор вазифадор буд, ки ин қоидаро риоя кунад. Дар зери мафҳуми “вайрон кардани қоидаҳо”, ки дар моддаи мазкур гуфта шудааст, гунаҳгорона содир кардани ҳаракатҳое, ки ба танзими ҳуқуқии бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ва нақлиёти обӣ зидбуда ё ки иҷро накардани қоидаҳои бехатари фаҳмида мешавад. Вайрон кардани қоидаҳои дар қонун пешбинишуда бо роҳи беҳарактӣ содир мешавад. Ин уҳдадорӣ дар санадҳои меъёрӣ идоравӣ муайян карда шудааст. Зеро барои ба ҷавобгарии ҷинояти аз рӯи беэҳтиётӣ ҷалб намудани субъекти ҷиноят ҳамчун як қисми таркибии низоми муносибатҳое, ки бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиётро таъмин менамуда, чунки фаъолияти вай барои таъмини беадама дар нақлиёти роҳи, обӣ ва авиатсияи граждани равона карда шудааст.. Мафҳуми “истифодабарии нақлиёт” аз мафҳуми “ҳаракат” васеътар мебошад. Агар раванди ҳаракати воситаи нақлиёт аз истифодабарии он ҷудонашаванда бошад, истифодабарии воситаи нақлиёт бе раванди ҳаракат ҳам (масалан, ҳангоми истгоҳ, давраи тайёрии пеш аз парвоз ва ғайра) вуҷуд дорад. Вайрон кардани қоидаҳои истифодаи нақлиёт, ки ба бехатарии он алоқаманд нест, таркиби ин ҷиноятро ташкил намекунад [8].

Дар қонун ду намуди зарар пешбинӣ шудааст: зарари ҷисмонӣ ва моддӣ. Тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидан ба саломатии инсон зарари вазнин ё миёна мувофиқи м.м. 110 ва 111 КҶ пешбинӣ шудааст. Зарар ба миқдори калон ворид намудани мафҳуми баҳодиҳӣ мебошад. Дар зери мафҳуми зарар ба миқдори калон расонидан ҳам зарари моддии расонидашуда ва ҳам зарар ва фаъолияти мӯътадили ҳаракат воситаҳои нақлиёти номбаршуда фаҳмида мешавад. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат бо ҷиноятҳое, ки ҳангоми истифодаи воситаҳои нақлиёт ба вуҷуд меоянд бояд аз ҷониби як қатор шохаҳои ҳокимият дарк карда шаванд ва бояд инъикос карда шаванд. Бояд барномаҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ вобаста ба муқовимати ҷиноятҳои нақлиётӣ қабул карда шаванд. Ҳамин тавр, дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои мафҳуми ҷиноятҳо дар соҳаи нақлиёт, таҳлили намудҳои бандубасти ҷиноятҳои нақлиётӣ, баррасии проблемаҳои мавҷудбуда дар ҷиноятҳои нақлиётӣ, ҷанбаҳои қонунгузорӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва ташкилотии муқовимат ба ҷиноятҳо дар соҳаи нақлиёт баррасӣ карда шудаанд.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. http//www.prezident.tj/node/13739.
2. Ғоибов Р. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) Дастури таълимӣ. Нашри 2- юм. Хуҷанд. 2007.
3. Кодекси нақлиёти ҶТ аз 2 апрели соли 2020, таҳти №1689. [Манбаи электронӣ]
4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ].

5. Бобоҷонов И.Ҳ. Масоили мубрами бандубасти ҷиноятҳо (дар назария ва амалия): Васоити таълимию амалӣ. Дар се қисм. Қисми 2. - Душанбе: “Ямини Содиқ”, 2014 – 244 с.
6. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳарири масъул Шарипов Ҳ.Ҳ. зери Роҳбари колективи муаллифон н.и.ҳ. ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон Солиев К.Х. -Душанбе, 2005. – С.902.
7. Коробеев А.И. Транспортные преступления. – СПб., 2003.
8. Сатторов Г.С., Шарипов Т.Ш. Асосҳои қонугузории ҷиноятӣ// Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе. 1999.

МАФҲУМ ВА АЛОМАТИ ҶИНОЯТҲО ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ НАҚЛИЁТ

Дар мақолаи мазкур масъалаи асосҳои тамоюли инкишоф додани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷиноятҳо дар соҳаи нақлиёт баррасӣ шуда, барои рушд ва такмилдиҳии қонунгузории ин соҳа якчанд пешниҳодҳо ироа намудам.

Калидвожаҳо:ҷиноятҳои нақлиётӣ;бехатарии ҳаракат;истифодабарии воситаҳои нақлиёт; субъект; тарафи субъективӣ; объект; тарафи объективӣ.

ПОНЯТИЯ ТРАНСПОРТНОГО ПРЕСТУПЛЕНИЯ И ЕГО ПРИЗНАКОВ

В данной статье рассмотрены основные тенденции развития законодательства Республика Таджикистана об понятия транспортного преступления и его признаков ответственности за получение взятки. Для развития и совершенствования законодательства в этой сфере даны некоторые предложения.

Ключевые слова: транспортное преступление, безопасность движения, эксплуатация транспорта; субъект; субъективная сторона; объект; объективная сторона.

THE CONCEPTS OF TRANSPORT CRIME AND ITS SIGNS

In this article issues the Principle tendencies of criminal legislative of Republic of Tajikistan on responsibility for transport crime and its signs are discussed. Investigating its application in normative legal acts, determining the factors for transport crime, has issued some proposals for its prevention.

Keywords: transport crime; security move; operation of transport; subject; subjective side; object; objective side.

Сведения об авторе*: Раджабов Нурмухаммад Хикматович* – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. Телефон: **918 23 80 70**

Information about the author: ***Rajabov Nurmuhammad Hikmatovich*** – Tajik national University, second-year master’s student of Faculty of Law. Phone: **918 23 80 70**

МУШКИЛОТИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ КОРХОНАИ МАХСУСИ (КАЗОНИИ) ДАВЛАТИЕ, КИ БА ҲУҚУҚИ ИДОРАИ ОПЕРАТИВӢ АСОС ЁФТА АСТ

Розиқова Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Корхонаи махсуси (казонии) давлатӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода мешавад. Ҳуҷҷати таъсиси корхона оинномаи он мебошад, ки аз ҷониби муассис тасдиқ мегардад. Номи фирмавии корхонаи ба ҳуқуқи идораи оперативӣ асосёфта бояд ишора ба он дошта бошад, ки корхонаи махсуси (казонии) давлатӣ аст. Фаъолияти хоҷагии корхонаи махсуси (казонии) давлатӣ бо мақсаду вазифаҳои дар оиннома сабтгардида муайян карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ё воҳиди марзию маъмурӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои корхонаи махсуси (казонии) давлатӣ масъулияти иловагӣ доранд. Корхонаи махсус яке аз шаклҳои корхонаи давлатӣ буда, ба он ҳамаи аломатҳои корхонаҳои давлатӣ хос мебошад: молу мулки чунин субъекти хоҷагидорӣ тақсимнашаванда буда, ба молики он – давлат марбут аст. КГ ва ё Қонун дар бораи корхонаҳои давлатӣ онро воҳид наменоманд.

Молу мулки давлатӣ ба корхонаи махсус бо ҳуқуқи идоракунии оперативӣ дода мешавад. Ба монанди ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ҳуқуқи идоракунии оперативӣ маҳсули он, тобеи ҳуқуқи моликият буда, аз ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ бо он фарқ мекунад, ки ҳуқуқи ихтиёрдориш он боз ҳам маҳдудтар гардидааст.

Корхонаи махсус метавонад баробари корхонаҳои дигари таъсис ёфта дар соҳаҳои зерини муқаррар намудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намояд:

- нигоҳдорӣ ва инкишофи шабакаи роҳҳои давлатии автомобилгард ва дигар

объектҳои инфрасохтор, ки барои онҳо тибқи қонунгузорӣ тартиби махсуси маблағгузорӣ муқаррар шудааст;

- иҷрои корҳои наҷотбахшӣ дар кӯҳсор ва дигар корҳои махсус дар вазъияти фавқулода ва садамавӣ, ҳифз аз сӯхтор, обхезиҳо ва дигар фалокатҳои табиӣ;
- анҷом додани фаъолияти истеҳсолӣ дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
- истеҳсоли корҳои топографию геодезӣ ва харитасозӣ;
- анҷом додани фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи табиат, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, илм, фарҳанг ва варзиш;
- анҷом додани дигар фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ, ки дар нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ шудаанд.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 127КГ ҳуҷҷати таъсиси корхонаи фаръӣ оинномаи он мебошад, ки мутаносибан аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ карда мешавад. Мазмуни оиннома бояд ҷавобгӯи талаботи умумие бошад, ки нисбати ҳуҷҷатҳои таъсиси шахси ҳуқуқӣ, инчунин корхонаҳои давлатӣ пешниҳод мегардад.

Корхонаи махсус бояд дорои номи фирмавӣ бошад. Номи фирмавии корхонаи махсус бояд ишорараро ба молики молу мулки корхона, инчунин ба он, ки корхона махсус мебошад, дар бар гирад.

Мақоми ҳуқуқии корхонаи махсус аз бисёр ҷиҳат ба низоми ҳуқуқии молу мулкие вобаста мебошад, ки ба он бо ҳуқуқи идоракунии оперативии молу мулк дода шудааст. Нисбат ба молу мулки додашуда корхона аз салоҳияти фароҳамовардаи молик истифода мебарад ва ба манфиати молик амал мекунад, зеро фаъолияти истеҳсолии корхонаи махсус бо мақсади татбиқи барномаҳои давлатӣ дар соҳаҳои хоҷагидорӣ анҷом дода мешавад.

Молик молу мулкро ба корхонаҳои фаръӣ дода, ҳадди ҳуқуқи истифодаи ин молу мулкро муайян менамояд. Ҳадди умумии ҳуқуқи идоракунии оперативии корхонаи махсус мутобиқи қонун, аз ҷумла мутобиқи КГ муқаррар гардидаанд.

Масъулияти молу мулкии корхонаҳои махсус мутобиқи қисми 6 моддаи тавзеҳшаванда пешбинӣ гардидааст. Дар сурате, ки агар корхонаи махсус барои қонеъгардонии талаботи кредиторон дорои молу мулк зарурӣ набошад, ба масъулият метавонад молики он ҷалб карда шавад. Масъулияти молик дорои хусусияти иловагӣ мебошад. Василаи махсуси татбиқи масъулияти иловагии молик дар шахсияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла мақоме, ки бояд давлат – ҷавобгарро намояндагӣ кунад, молу мулке, ки аз он бояд ситонидан сурат гирад аз ҷониби қонунгузор муайян нагардидааст. Ҳалли ҳуқуқии ин масъалаҳо метавонист ба таҳкими кафолати ҳуқуқи кредиторон мусоидат намояд.

Табдили корхонаи воҳиди давлатии шакли ҷумҳуриявии моликият ба корхонаи махсус тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақомоти ваколатдор сурат мегирад. Табдили корхонаи воҳиди давлатии шакли моликияти маҳаллӣ ба корхонаи махсус бо санади мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ сурат мегирад. Қарор дар бораи табдили корхонаи воҳиди давлатӣ ба корхонаи махсус дар мавридҳои зерин мумкин аст:

а) истифодаи ғайримақсадноки молу мулки давлатӣ ва маблағҳо аз ҷониби корхонаи воҳиди давлатӣ;

б) набудани фоида аз рӯи ҷамъбасти ду соли охир.

Ҳамаи хароҷоти табдили корхонаи воҳиди давлатӣ ба корхонаи махсус, инчунин ҳисоббаробаркуниҳои корхонаи табдилёбанда бо кредиторҳои он ҳангоми мавҷуд набудани маблағҳои кофӣ дар худи корхона дар асоси маблағҳои буҷети дахлдор сурат мегирад. Корхонаи махсуси дар заминаи корхонаи воҳиди давлатӣ таъсисёбанда дар ин ҳолатҳо вориси корхонаи табдилёфта мебошад:

- бо молу мулки давлатӣ ва маблағҳои пештар ба корхонаи воҳиди давлатӣ додашуда;
- бо ҳуқуқи истифодаи замин, об ва табиат;
- бо истифодаи сарватҳои зеризаминӣ;

- бо пешниҳоди квотаҳо, иҷозатномаҳо ва шартномаҳои пештар басташуда, агар ин шартномаҳо ба соҳа ва мақсадҳои фаъолияти корхонаи давлатии нави таъсисёбанда мувофиқат кунанд.

Ҳангоми табдили корхонаи воҳиди давлатӣ ба корхонаи махсус тартиботи ҳуқуқии граждании молу мулки ба он вобасташуда аз ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ба ҳуқуқи идораи оперативӣ иваз мешавад. Лаҳзаи ин тағйирёбӣ чун санаи қабули қарор дар бораи табдили корхонаи воҳиди давлатӣ ба корхонаи махсус дониста мешавад. Дар моддаҳои тавзеҳшаванда вобаста ба корхонаҳои давлатӣ мафҳумои «корхонаҳои махсус», «корхонаҳои казонӣ» ва «корхонаҳои давлатӣ» истифода шудааст. Бо мақсади пешгирӣ аз ҳама гуна нофаҳмиҳо аз мафҳуми «корхонаи махсус» истифода бурдан мувофиқи мақсад шуморида шуда, ҳангоми тавзеҳи ин моддаҳо мавриди корбаст қарор дода шуд. Аз лиҳози техникаи ҳуқуқӣ он аз мафҳумҳои ҷамъбасткунандаи «корхонаи давлатӣ» ва дағали «казонӣ» афзалият дорад. Дигар субъекти ҳуқуқиидоракунии оперативӣ ин муассиса мебошад. Ташкилоте, ки молик барои амалӣ гардонидани вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ё вазифаҳои дигари дорои хусусияти ғайритиҷоратӣ таъсис дода, онро пурра ё қисман маблағгузорӣ мекунад, муассиса дониста мешавад. Ҳуқуқи муассиса ба молу мулки ба вай вобасташуда ва харидаи он мутобиқи моддаҳои 313 ва 315 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад. Муассиса аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо маблағи пулии дар ихтиёраш буда масъулият дорад. Дар сурати нокифоя будани ин маблағ молики молу мулки дахлдор аз рӯи ӯҳдадориҳои он масъулияти иловагӣ дорад. Хусусияҳои мавқеи ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи муассисаҳои давлатӣ ё муассисаҳои дигар тибқи қонун муайян карда мешаванд.

1.Муассиса ба ҳисоби иттиҳодияҳои шаҳрвандон ва (ё) шахсони ҳуқуқӣ дохил намешавад. Дар муассиса муносибатҳои узвият вуҷуд надорад, он бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои муайян таъсис дода мешавад ва бо хусусияти вобастагии муайян аз муассис тавсиф мегардад. Аввал, вазифадор аст муассисаро пурра ё қисман маблағгузорӣ намояд, дуюм, оид ба ӯҳдадориҳои муассиса ба миқдори маблағҳои нокифояе, ки дар ихтиёри муассиса мавҷуд аст, масъулияти иловагӣ дорад.

2. Муассисаҳо вобаста ба ҳайати субъективии муассисонашон ба муассисаҳои давлатӣ ва муассисаҳои дигар (аз ҷумла, ҷамъиятӣ ва ғайра) ҷудо мешаванд.

Аз рӯи таъйиноти вазифавӣ муассисаҳои давлатӣ ва дигар муассисаҳо ба муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои тандурустӣ, муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, муассисаҳои фарҳангӣ ва ғайра тақсим мешаванд. Баъзе муассисаҳо дар навбати худ метавонанд ба навъҳо, намудҳо, категорияҳо ҷудо карда шаванд. Масалан, мутобиқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 17 майи соли 2004 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таълимӣ намудҳои муассисаҳои зерин тааллуқ доранд:

- томактабӣ;
- таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ);
- таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ; таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
- таҳсилоти иловагӣ;
- таҳсилоти махсус;
- муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастор;
- муассисаҳои дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд.

Ба сифати муассисони муассиса субъектони гуногун баромад карда метавонанд. Масалан, муассиси (муассисони) муассисаи таълимӣ инҳо шуда метавонанд:

–мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии идораи маориф;

–иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои, иттифоқҳои)муассисаҳои таълимӣ;

–фондҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ, аз ҷумла хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд;

–шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ;

–дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла хориҷӣ.

Муассисон метавонанд муассисаҳои таълимии муштарак таъсис диҳанд.

Муассиси ҳама навъҳои муассисаҳои таълимии ҳарбӣ танҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда метавонад. Мувофиқи моддаи 26 Қонун дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар моликияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ муассисаҳо, ки аз ҳисоби маблағҳои ҳамин иттиҳодияи ҷамъиятӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи он таъсис мегарданд ва ба даст оварда шудаанд, буда метавонанд. Албатта, ин муқаррароти қонун ба талаботи КГ ҷавобгӯ нест, чунки муассиса субъекти мустақили муносибатҳои граждани мебошад. Вале он нукта аҳамият дорад, ки иттиҳодияҳои динӣ метавонанд муассиси муассиса бошанд. Муассисаҳои ғайридавлатӣ метавонанд вазъи ҳуқуқии ташкилоти эҳсонкорӣ ё ташкилоти диниро дошта бошанд (мисол, муассисаи таълимии динӣ). Ташкилотҳои эҳсонкорӣ метавонанд ба шакли муассисаҳо ташкил карда шаванд. Ташкилоти эҳсонкорӣ мумкин аст ба шакли муассиса ташкил ёбад, агар муассиси он ташкилоти эҳсонкории дигаре бошад (моддаи 7 Қонун). Ташкилотҳои динӣ аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни дар бораи озодии виҷдон тибқи оинномаи худ ба таъсис додани муассисаҳои таълимии динӣ ҳуқуқ доранд (қисми 2 моддаи 8).

Баъзе шахсони ҳуқуқӣ метавонанд танҳо дар шакли ташкилию ҳуқуқии муассисаҳо таъсис дода шаванд (мисол, ташкилотҳои таълимии давлатӣ, осорхонаҳо). Хусусияти вазъи ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи муассисаҳои давлатӣ ва муассисаҳои дигарро қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ муайян менамоянд.

Ба шумули қонунҳои махсусе, ки хусусияти ташкил ва фаъолияти намудҳои гуногуни муассисаҳоро танзим менамоянд, Қонун дар бораи маориф; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо» аз 28 феврали соли 2004 ва ғайраро номбар кардан мумкин аст. Хусусиятҳои мавқеи ҳуқуқии муассисаҳо, инчунин бо санадҳои зерқонунӣ, масалан, Низомномаи намунавӣоид ба муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 25 октябри соли 2003 № 470 тасдиқ шудааст, муайян карда мешавад. Шахрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат метавонанд муассисони муассисаҳо бошанд. Мувофиқи мазмуни қисми 1 моддаи 132-и КГмуассисаро як муассис таъсис медиҳад. Вале меъёрҳои қонунгузории махсус имконияти аз тарафи якчанд шахс таъсис додани муассисаро пешбинӣ менамояд (моддаи 14 Қонун дар бораи маориф). Агар дар ҳайати муассисони муассиса дар қатори шахрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ давлат шомил бошад, он муассисаи давлатӣҳисоб намеёбад. Чунин ба назар мерасад, ки вазъи ҳуқуқии муассисаи давлатиро танҳо он муассисае метавонад дошта бошад, ки агар аз ҷониби давлат таъсис дода шудааст. Дар ин хусус меъёрҳои қонунгузории махсус гувоҳӣ медиҳанд. Дар як қатор ҳолатҳо қонун нисбати ҳайати субъектҳои муассисони муассиса талаботи иловагӣ муқаррар менамояд. Чунончи, муассисаҳои эҳсонкорро метавонанд танҳо ташкилотҳои эҳсонкор таъсис диҳанд (моддаи 7 Қонун дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ). Ягона ҳуҷҷати таъсисии муассиса ин оиннома мебошад. Қарори муассис (муассисон) дар бораи таъсиси муассиса ҳуҷҷати таъсисӣ намебошад. Меъёрҳои қонунгузории махсус метавонанд барои таҳияи оиннома талаботи иловагиро пешбинӣ намоянд. Мисол, оинномаи муассисаи таълимӣ бояд дар бораи мақсади раванди таълим, навъ ва шакли барномаҳои татбиқшавандаи таълимӣ; тавсифи асосии ташкили раванди таълим, аз ҷумла: забони таълим, тартиби қабул ва хориҷ намудани хонандагону донишҷӯён, аспирантҳо, муҳлати таҳсил, тартиби гузаронидани санҷишу имтиҳонҳо, реҷаи кори муассисаи таълимӣ, хизматрасонии пулакии таълим ва тартиби пешниҳоди он; тартиби ба расмият даровардани муносибатҳои муассисаи таълимӣ ва талабагон ё падару модари (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) онҳо; сохтори фаъолияти молиявӣ ва хоҷагии муассисаи таълимӣ, аз ҷумла: тартиби истифодаи объектҳои моликият, ки аз ҷониби муассис (муассисон) ба муассисаи таълимӣ вобаста карда шудаанд, манбаъҳои маблағгузорӣ ва таъминоти моддию техникии муассиса, тартиби ташаккули моликияти муассисаи таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, аз ҷумла хусусӣ, навъҳои фаъолияти

соҳибкории муассис ва фаъолияти пулакии муассисаи таълимӣ; тартиби идоракунии муассисаи таълимӣ, аз ҷумла: салоҳияти муассис, тартиби ташкили мақомоти идоракунии муассисаи таълимӣ, тартиби қабул, ҷобаҷогузории кормандони муассиса ва шартҳои пардохти музди меҳнати онҳо, тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи муассиса, тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ; ҳуқуқ ва вазифаҳои иштирокчиёни раванди таълим; феҳристи санадҳои дохилӣ (фармонҳо, амрҳо ва ғайра), ки фаъолияти муассисаи таълимро ба танзим медароранд ва дигар маълумотро дар бар гирад (моддаи 15 Қонун дар бораи маориф). Мутобиқи қисми 1 моддаи 53 КГ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ташкилоти ғайритиҷоратӣ метавонад дар асоси низомномаҳои умумии ташкилотҳои намуди мазкур амал намояд. Чунин имконият аз ҷумла барои муассисаҳои таълимӣ мустақиман пешбинӣ гардида, вале зарурати доштани ҳуҷҷатҳои таъсисиро барои онҳо истисно наменамояд (моддаи 12 Қонун дар бораи маориф). Мутобиқи қисми 1 моддаи тафсиршаванда муассис муассисаро пурра ё қисман бо роҳи ҷудо намудани маблағҳои пулӣ аз рӯи харҷнома ё бо роҳи ба он вобаста кардани молу мулки дигар бо ҳуқуқи идораи оперативӣ маблағгузорӣ менамояд. Ҳуқуқи муассиса нисбат ба молу мулки барои ба ӯ вобастанамудаи муассис дар моддаи 313 ва 315 КГ муайян гардидааст. Қонун муассисонро бевосита вазифадор наменамояд, ки муассисаи таъсисдодаашонро маблағгузорӣ намоянд. Вале чунин ӯҳдадорӣ дар назар дошта шудааст, зеро моддаи тафсиршаванда муассисро молики молу мулки муассиса меномад ва дар қисми 2 моддаи 48 КГ, ки тафриқагузории шахсони ҳуқуқиро дар бар мегирад, дар бораи маблағузории муассиса аз тарафи молики он сухан меравад. Бар замми ин меъёрҳои қонунгузории махсус барои муассиса имкониятҳои худмаблағгузориро пешбинӣ менамоянд (моддаи 47 Қонун дар бораи маориф). Эҳтимол меравад, ки меъёрҳои зикршуда ба маънои моддаи тафсиршаванда, инчунин ба қисми 2 моддаи 48 КГ мувофиқат намекунанд. Қонун тартиби аз ҷониби муассис маблағгузорӣ намудани муассисаи таъсисдодаашро муайян ва ҳаҷми маблағро мушаххас наменамояд. Мутобиқи меъёрҳои қонунгузории махсус тартиб ва ҳаҷми маблағгузории муассисаро шартномаи байни муассис ва муассиса муайян менамояд (моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» аз 13 декабри соли 1997). Манбаи ташаккули молу мулки муассиса натанҳо аз молу мулки ба муассиса вобастанамудаи муассиси он, инчунин аз дигар воридот, аз ҷумла аз даромад, аз фаъолияте иборат мебошад, ки мувофиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ба он машғул шудааст. Мутобиқи қисми 2 моддаи 315 КГ даромад ва молу мулки аз фаъолияти даромаднок бадастовардашуда пурра ба ихтиёри муассиса гузашта, дар тавозуни алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад. Мутобиқи қисми 2 моддаи 48 КГ муассисаҳое, ки онҳоро муассис маблағгузорӣ менамояд, ба гурӯҳи шахсони ҳуқуқие дохил мешаванд, ки молу мулкашон боҳуқуқи моликият ба муассис тааллуқ доранд. Ин қоида ба молу мулки ба муассиса вобастанамудаи молики он, инчунин ба молу мулке дахл дорад, ки дар натиҷаи машғул шудан ба фаъолияти даромаднокба даст омадааст. Ҳамзамон қонун ҳуқуқи муассисаро ҷиҳати бастани аҳди ройгон ва иҷрои амали дигари ҳуқуқӣ вобаста ба ройгон ба моликият гирифтани молу мулк маҳдуд наменамояд. Ҳамин тавр, муассиса ҳуқуқ дорад аз рӯи шартномаи хайрия ба сифати ҳадягиранда баромад кунад, тибқи васияти шаҳрвандон молу мулк ба даст дарорад ва ғайра Мувофиқи меъёрҳои қонунгузории махсус молу мулки бо аҳди ройгон ва дар асоси амали дигари қонунӣ бадастовардаи муассиса, ки ба гузариши ройгони ҳуқуқи моликият нигаронида шудааст, ба моликияти муассиса ворид мешаванд. Вале, мутобиқи қисми 2 моддаи 316 КГ молу мулки дар асоси шартнома ва дигар асосҳо бадастовардаи муассиса таҳти идораи оперативии муассиса қарор мегирад. Фарқи муассиса аз аксари шахсони ҳуқуқӣ (ба истиснои ташкилотҳои динӣ) дар он аст, ки муассиса аз рӯи ӯҳдадориҳои худ на бо ҳамаи молу мулки ба он тааллуқдошта масъул мебошад. Мутобиқи қисми 2 моддаи тафсиршаванда аз рӯи даъвои кредиторон предмети ситонидан метавонад танҳо маблағи пулие бошад, ки таҳти ихтиёри муассиса қарор дорад. Ин гуна воситаҳо мутобиқи моддаи 315 КГ маблағҳои пулии аз рӯи харҷнома ҷудонамудаи муассис, инчунин даромадҳои аз ҳисоби мустақилона машғул шудан ба фаъолияти даромаднокбадастоварда мебошанд. Аз

ин рӯ, кредиторони муассиса ҳуқуқ надоранд аз молу мулки ба муассиса барои идораи оперативӣ вобасташуда, инчунин молу мулке, ки муассиса аз ҳисоби воситаҳои мувофиқи харҷнома ҷудонамуда ба даст овардааст, ситониданро анҷом диҳанд. Дар ҳолати нокифоягии маблағҳои пулӣ, ки дар ихтиёри муассиса мебошад, муассис аз рӯи ӯҳдадориҳои он масъулияти иловагӣ дорад.

Қатъи фаъолияти муассиса бо роҳи барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳӣ тибқи қоидаҳои умумии қонунгузории граждани амалӣ мегардад. Вале якчанд маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузориро бояд ба инобат гирифт. Мисол, муассисаҳои давлатии томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ дар шаҳраку деҳот танҳо бо розигии ҷамъомади шаҳрвандони мавзеъҳои аҳолинишин, ки ба онҳо муассисаи мазкур хизмат мерасонад, барҳам дода мешавад. Муассиса муфлис эътироф (эълон) карда намешавад. Ҳангоми ба дигар шахс гузаштани ҳуқуқи моликият ба муассиса ин муассиса ҳуқуқи идораи оперативиро ба молу мулки худ нигоҳ медорад.

АДАБИЁТ

1. Гражданское право/Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. - М. 2000. - С. 480.
2. Иоффе.О.С. Обязетелственное право. - М., 1975. - С. 865
3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.338.
4. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №2, мод. 47; соли 2007, №5, мод. 373.
5. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 23-24, мод. 352; соли 2001, № 4, мод.143; соли 2003, №12, мод. 691; соли 2008, №10, мод.819; соли 2009, № 8, мод.499.
6. Генкин Д.М. Право собственности в СССР. - М., 1961. - С.198

МУШКИЛОТИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ КОРХОНАИ МАХСУСИ ДАВЛАТИЕ, КИ БА ҲУҚУҚИ ИДОРАИ ОПЕРАТИВӢ АСОС ЁФТА АСТ

Муаллиф дар мақолаи мазкур қайд намудааст, ки корхонаи махсуси давлатӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода мешавад. Ҳуҷҷати таъсиси корхона оинномаи он мебошад, ки аз ҷониби муассис тасдиқ мегардад. Номи фирмавии корхонаи ба ҳуқуқи идораи оперативӣ асосёфта бояд ишора ба он дошта бошад, ки корхонаи махсуси (казонии) давлатӣ аст.Фаъолияти хоҷагии корхонаи махсуси (казонии) давлатӣ бо мақсаду вазифаҳои дар оиннома сабтгардида муайян карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ё воҳиди марзию маъмурӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои корхонаи махсуси (казонии) давлатӣ масъулияти иловагӣ доранд.

Калидвожаҳо: корхонаи махсуси давлатӣ, ҳуқуқ, ҳукумат, ҳокимияти давлатӣ, масъулият.

ПРОБЛЕМЫ ПРАВОВОГО ПОЛОЖЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО СПЕЦИАЛИЗИРОВАННОГО ПРЕДПРИЯТИЯ, ОСНОВАННОГО НА ПРАВЕ ОПЕРАТИВНОГО УПРАВЛЕНИЯ

Автор в данной статье отметил, что государственное специальное предприятие создается решением Правительства Республики Таджикистан или местного исполнительного органа государственной власти. Учредительным документом данного предприятия является его устав, утверждаемый учредителем. Фирменное наименование предприятия, основанного на праве оперативного управления, должно содержать указание на то, что оно является государственным казенным предприятием. Деятельность государственного казенного предприятия определяется целями и задачами, зафиксированными в уставе. Таджикистан или административно-территориальное подразделение имеют дополнительную ответственность по обязательствам государственного казенного предприятия.

Ключевые слова: государственное специализированное предприятие, право, правительство, государственная власть, ответственность.

PROBLEMS OF THE LEGAL STATUS OF A STATE SPECIALIZED ENTERPRISE BASED ON THE RIGHT OF OPERATIONAL MANAGEMENT

The author in this article noted that the state special enterprise is created by the decision of the Government of the Republic of Tajikistan or the local executive body of state power. The founding document of this enterprise is its charter, approved by the founder. The company name of an enterprise based on the right of operational management must contain an indication that it is a state-owned state-owned enterprise. The activities of a state-owned state-owned enterprise are determined by the goals and objectives set out in the charter. Tajikistan or an administrative-territorial division has additional responsibility for the obligations of a state-owned state enterprise.

Keywords: state specialized enterprise, law, government, state power, responsibility.

Сведения об авторе: ***Розикова Х.*** **–** магистр второго курса юридического факультета Таджикского национального университета

Information about the author: ***Rozikova Kh.*** – second-year master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University

ТАРАФҲО ДАР МУРОФИАИ ГРАЖДАНӢ

Раҳмонов Б. Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мафҳуми таърифи тарафҳо дар мурофиаи гражданӣ таҳқиқоти зиёде анҷом дода шудааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки аксарияти ин таҳқиқот бо таърифи мафҳуми тарафҳо, ки муаллифаш Шакариян М.С. мебошад, хотима меёбад. Бинобар ин таърифи асоснок намудаи Шакариян М.С. қобили зикр мебошад. Ҳамин тариқ тарафҳо дар мурофиаи гражданӣ субъектҳои эҳтимолӣ ва ё воқеии муносибати ҳуқуқии моддии баҳснок мебошанд, ки баҳси ҳуқуқии онҳоро суд баррасӣ ва ҳал менамояд. Тарафҳо дар мурофиаи гражданӣ даъвогар ва ҷавобгар мебошанд. Маъмулан дар адабиёти ҳуқуқӣ аз ҷумла дар китобҳои дарсӣ даъвогар дар мурофиаи гражданӣ ба сифати шахси муроҷиаткунанда ба суд барои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии вайроншуда ва баҳснок таъриф медиҳанд. Бо таърифи мазкур розӣ шуда наметавонем, чунки дар он даъвогар дар мурофиаи гражданӣ ҳамчун субъекти анҷомдиҳандаи танҳо як амалиёти мурофиавӣ, яъне муроҷиат ба суд бо аризаи даъвогӣ муаррифӣ карда мешавад. Дар воқеияти ҳуқуқӣ бошад, даъвогар ҳамчун субъекти тамоми мурофиаи гражданӣ метавонад садҳо амалиёти мурофиавиро анҷом диҳад. Илова бар ин, даъвогар дар мурофиаи гражданӣ унсури даъво ба шумор меравад (чи тавре, ки Галина Леонидовна Асокина исбот кардааст). Бинобар ин, таърифи даъвогар дар мурофиаи гражданӣ бояд дар иртибот бо таърифи даъво дода шавад. Бо дар назар доштани таърифи мафҳуми даъво дар мурофиаи гражданӣ, ки талаби шахс дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии вайроншуда мебошад. Мафҳуми даъвогарро дар мурофиаи гражданӣ чунин таъриф додан мумкин аст:

-даъвогар дар мурофиаи гражданӣ шахсест, ки талаби ӯро дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии вайроншуда ва баҳснок суд баррасӣ ва ҳал мекунад. Аз рӯи таърифи мо ба хулосае омадан мумкин аст, ки прокурор ва мақомоти васоияту парасторӣ, ки ба суд даъво ба манфиати шахси дигар пешниҳод менамоянд, даъвогар ба шумор намераванд, зеро талаб оид ба ҳимояи ҳуқуқи субъективӣ ба онҳо тааллуқ надорад. Ҳамин тавр агар оддӣ карда гӯем даъвогар дар мурофиаи гражданӣ субъекти эҳтимолӣ ё воқеии уҳдадории субъективии моддии баҳснок маҳсуб меёбад. Умуман гурӯҳи асосии шахсонеро, ки дар парванда иштирок мекунанд, дар истеҳсолоти даъвогӣ тарафҳо ташкил мекунанд. Тарафҳо дар мурофиаи гражданӣ шахсони дар парванда иштироккунандае мебошанд, ки баҳси онҳоро дар бораи ҳуқуқи субъективӣ ё манфиати қонунӣ суд бояд баррасӣ ва ҳаллу фасл намояд. Мувофиқи моддаи 38 Кодекси мурофиавии гражданӣ даъвогар шахсе мебошад, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунии вай парвандаи гражданӣ оғоз карада шудааст. Ҷавобгар ин шахсе мебошад, ки аз тарафи суд барои ҷавоб додан ба талаботҳои арз намудаи даъвогар ҷалб карда мешавад. Аломатҳои тарафҳо-дар суд аз номи худ баромад мекунанд; -ба натиҷаи парванда манфиати ҳуқуқии шахсӣ доранд, ки дар як вақт ҳам моддӣ ва ҳам мурофиавӣ мебошанд;

-дорои ҳуқуқи амалӣ намудани изҳори ирода доранд (ҳаракатҳое, ки барои ба вуҷуд омадан, инкишоф ёфтан ва ба охир расидани мурофиа равона карда шудаанд;

-ба онҳо эътибори қонунии ҳалномаи судӣ паҳн мешавад ва ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо назар ба ҳуқуқу уҳдадориҳои дигар шахсоне, ки дар парванда иштирок мекунанд, хеле васеъ мебошад. Ба ғайр аз ҳуқуқҳои умумие, ки дар моддаи 37 Кодекси мурофиавии гражданӣ нишон дода шудаанд, тарафҳо ҳуқуқҳои дар моддаи 43 Кодекси мурофиавии гражданӣ қайдшударо доранд. Даъвогар ҳуқуқ дорад, ки асос ё предмети даъворо тағйир диҳад, андозаи талаботи даъворо зиёд ё кам намояд ё аз даъво даст кашад; ҷавобгар ҳуқуқ дорад, ки даъворо эътироф кунад; тарафҳо метавонанд парвандаро бо созиши оштӣ ҳал

намоянд. Уҳдадориҳои тарафҳо низ ба умумӣ (моддаи 37 КМГ) ва махсус тақсим мешаванд. Ба уҳдадориҳои махсус уҳдадориҳои исбот намудани факти асосоҳои даъво ва норозигӣ нисбати он (моддаи 58 КМГ), ба амалҳои раисикунандаи маҷлиси судӣ итоат намудан (моддаи 159 КМГ), дар бораи тағйирёбии маҳалли истиқомат ба суд хабар додан (моддаи 120 КМГ), пешниҳод намудани нусхаи аризаи даъвогӣ (моддаи 135 КМГ)-ро мансуб донистан мумкин аст. Мувофиқи моддаи 40 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мурофиаи гражданӣ тарафҳо (даъвогар ё ҷавобгар) метавонанд субъектҳои эҳтимолӣ ё воқеии муносибатҳои баҳсноки ҳуқуқии моддӣ бошанд. Шахсе, ки ба манфиати ӯ парванда дар асоси аризаи шахсоне оғоз гардидааст, ки тибқи қонун барои муроҷиат ба суд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсон ҳуқуқ доранд, аз ҷониби суд дар хусуси мурофиа огоҳонида шуда, дар мурофиа ба сифати даъвогар иштирок мекунад. Тарафҳо аз ҳуқуқи баробари мурофиавӣ истифода бурда, дорои уҳдадориҳои баробари мурофиавӣ мебошанд.

Дар моддаи тафсиршаванда баъзе нишонаҳои тарафҳо, зарурати дар хусуси мурофиа огоҳ намудани шахсе, ки ба манфиати вай дигар шахсон даъво пешниҳод намудаанд ва ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективии мурофиавии граждании баробар доштани тарафҳо пешбинӣ гардидааст. Тарафҳо шахсони асосии иштирокчии парвандаҳои мурофиаи судии даъвогӣ ба ҳисоб мераванд. Дар иртибот бо муқаррароти моддаи тафсиршаванда мафҳуми мурофиаи судии даъвогиро таҳлил менамоем. Мурофиаи судии даъвогӣ тартиби аз ҷониби суд баррасӣ ва ҳал намудани баҳсҳое мебошад, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ бармеоянду яке аз тарафҳои онҳо шаҳрванд (шахси воқеӣ) мебошад. Ин мурофиа дорои 3 хусусият мебошад: 1) мавҷудияти баҳси ҳуқуқӣ; 2) мавҷуд будани тарафҳои баҳскунанда; 3) мавҷудияти мақомоти босалоҳияти холис, яъне суд, ки баҳси ҳуқуқии тарафҳоро баррасӣ ва ҳал менамояд. Баҳси ҳуқуқӣ зиддияти тарафҳо доир ба ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои субъективии моддии онҳо мебошад. Мақомоти босалоҳияти холис бошад, мақомоте аст, ки бо тарафҳо танҳо дар муносибатҳои мурофиавии гражданӣ қарор дорад. Байни ин мақомот ва тарафҳо ғайр аз муносибатҳои мурофиавии гражданӣ дигар муносибатҳо мавҷуд нест.

Дар зери мафҳуми тарафҳо дар мурофиаи гражданӣ субъектҳои эҳтимолӣ ва ё воқеии муносибатҳои ҳуқуқии моддии баҳснок дар назар дошта мешавад, ки баҳси ҳуқуқии онҳоро суд баррасӣ ва ҳал менамояд. Мутобиқи қисми 1 моддаи тафсиршаванда тарафҳо дар мурофиаи гражданӣ дутоанд: даъвогар ва ҷавобгар. Ба сифати даъвогар ва ҷавобгар дар мурофиаи гражданӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, хориҷиён, шахсони бешаҳрванд ва шахсони ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Даъвогар дар мурофиаи гражданӣ шахсе мебошад, ки талаби ӯ дар бораи ҳимоя намудани ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи вай, ки аз ҷониби суд баррасӣ ва ҳал карда мешавад. Даъвогар дар адабиёти ҳуқуқӣ аз ҷониби баъзе муаллифон ҳамчун тарафи фаъол муаррифӣ карда мешавад, ки ин хулоса аз амалиёти мурофиавии ӯ бармеояд. Масалан, пешниҳоди даъво аз ҷониби даъвогар боиси пайдо шудани мурофиаи гражданӣ мегардад. Ҳаминро бояд зикр кунем, ки фаъолии даъвогар на дар ҳама ҳолатҳо зуҳур меёбад. Дар мурофиаи гражданӣ мавридҳое имконпазиранд, ки ба манфиати як шахс шахси дигар даъво пешниҳод мекунад. Чунончи, даъвои прокурор, ки ба манфиати шаҳрванди ноболиғ ба суд пешниҳод шудааст. Аз ин рӯ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки пешниҳоди даъво ин нишонаи фарқкунандаи даъвогар маҳсуб намеёбад. Тарафи дигар дар мурофиаи гражданӣ ҷавобгар аст. Ҷавобгар шахсе мебошад, ки дар асоси ақидаи даъвогар аз ҷониби суд барои ҷавоб додан оид ба парвандаи мушаххас ба мурофиа ҷалб карда мешавад. Қариб дар аксари ҳолатҳо сабаби пешниҳоди даъво ин ҳаракат ё беҳаракатии худи ҷавобгар ба ҳисоб меравад (масалан, сари вақт барнагардонидани қарз, аз ҷиҳати моддӣ таъмин накардани фарзанд). Заминаи фикру мулоҳизаҳо чунин нишонаҳои тарафҳоро дар мурофиаи гражданӣ ҷудо намудан мумкин аст: 1) тарафҳо субъектҳои асосии мурофиаи гражданӣ ба шумор мераванд; 2) онҳо субъектҳои эҳтимолӣ ё воқеии муносибати ҳуқуқии моддии баҳснок мебошанд; 3) онҳо ба оқибати кор манфиати моддӣ ва мурофиавӣ доранд.

Мутобиқи қисми 2 моддаи тафсиршаванда шахсе, ки ба манфиати ӯ парванда дар асоси аризаи шахсоне оғоз гардидааст, ки тибқи қонун барои муроҷиат ба суд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсон ҳуқуқ доранд, аз ҷониби суд дар хусуси мурофиа огоҳонида шуда, дар мурофиа ба сифати даъвогар иштирок мекунад. Қонуни мурофиавии гражданӣ ба прокурор, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ (қисми 1, 2 моддаи 47 ва 48 КМГ ҶТ) ҳуқуқи ба суд муроҷиат намуданро ҷиҳати ҳимоя ва манфиатҳои қонунии дигар шахсон додааст. Дар чунин ҳолатҳо даъвогар шахсе мебошад, ки даъво ба манфиати ӯ ба суд пешниҳод карда шудааст. Бинобар ин, шахси мазкур дар хусуси мурофиа аз ҷониби суд огоҳонида мешавад ва дар мурофиа ба сифати даъвогар иштирок менамояд. Қисми 3 моддаи тафсиршаванда ҳамчунин ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии тарафҳо бахшида шудааст, ки мувофиқи он тарафҳо дар мурофиаи гражданӣ аз ҳуқуқҳои мурофиавии граждании баробар истифода намуда, уҳдадориҳои баробари мурофиавии гражданиро иҷро мекунанд. Бояд зикр кард, ки агар тарафҳо дар мурофиаи гражданӣ дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои баробари мурофиавии гражданӣ намебуданд, амали принсипи мубоҳисавӣ номумкин мегашт. Ҳуқуқҳои субъективии мурофиавии граждании тарафҳоро ба ду намуд тақсим кардан мумкин аст: умумӣ ва махсус. Ҳуқуқҳои умумии субъективии мурофиавии граждании тарафҳо ҳуқуқҳои субъективие мебошанд, ки онҳоро тарафҳо дар радифи дигар шахсони иштирокчии парвандаи гражданӣ метавонанд мавриди истифода қарор диҳанд (қисми 1 моддаи 37 КМГ ҶТ). Ҳуқуқҳои махсуси субъективии мурофиавии граждании тарафҳо бо ихтиёрдорӣ намудани даъво алоқаманд буда, хоси тарафҳо мебошанд (моддаи 43 КМГ ҶТ). Тарафҳо, ҳамчунин якқатор уҳдадориҳои субъективии мурофиавии гражданиро, аз ҷумла пардохт намудани хароҷоти судӣ (боби 7 КМГ ҶТ), аз рӯйи виҷдон истифода намудан аз ҳуқуқҳои субъективии мурофиавии гражданӣ, ки барояшон пешбинӣ шудааст (сархатти 6 қисми 1 моддаи тафсиршаванда), огоҳ намудани суд дар бораи тағйирёбии суроғаи худ ҳангоми баррасии парвандаи гражданӣ (моддаи 120 КМГ ҶТ), риоя намудани тартиби муқарраршуда дар толори маҷлиси судӣ (қисми 5 моддаи 161 КМГ ҶТ) иҷро мекунанд. Ҳамаи ҳуқуқҳои мурофиавии граждании тарафҳо аз мӯҳтавои моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, ки дар он чунин омадааст: “ Ҳар шахс кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парванда ӯро суди босалоҳият, мустақил ва бегараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд”. Тарафҳо дар байни шахсоне, ки дар мурофиа иштирок мекунанд шахсони асосӣ ба ҳисоб мераванд. Дар мурофиаи гражданӣ шахсоне тарафҳо номида мешаванд, ки байни онҳо баҳси гражданӣ – ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, ки суд бояд онро баррасӣ ва ҳал намояд. Тарафҳо дар истеҳсолоти гражданӣ “даъвогар” ва “ҷавобгар” ба шумор мераванд. Шахсе, ки ба суд барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ муроҷиат мекунад, даъвогар номида мешавад. Даъвогар дар суд ба ҳимоя эҳтиёҷ дорад, ки ҳуқуқҳояш аз ҷониби ашхоси дигар вайрон гардидаанд. Ба шахсе, ки даъвогар ҳамчун вайронкунандаи ҳуқуқҳои худ, ки аз тарафи суд барои ҷавобдиҳӣ ҷалб карда шуда ишора менамояд, ҷавобгар номида мешавад. Барои ба вуҷуд омадани мурофиа ҳузур доштани ҳар ду тараф, яъне даъвогар ва ҷавобгар бо манфиатҳои муқобил дар назар дошта мешавад. Мурофиа пайдо шуда наметавонад, агар даъвогар ҳангоми пешниҳоди ариза дар он дақиқ ҳуқуқвайронкунандаро нишон надиҳад. Аммо агар дар вақти оғоз шудани мурофиа яке аз тарафҳо аз мурофиа берун шавад (мисол, ҳангоми вафот) дар ин ҳолат баробарҳуқуқӣ дар парванда номумкин мегардад ва мурофиа қатъ карда мешавад. Дар ҳолати пешниҳоди аризаи даъвогӣ суд аз он ибтидо мегирад, ки байни даъвогар ва ҷавобгар муносибати баҳсноки моддӣ – ҳуқуқӣ (гражданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва ғайра) вуҷуд дорад, гарчанде ки даъвогар чунин мешуморад, ки ҷавобгар ҳуқуқҳои ӯро вайрон кардааст. Умуман даъвогар ба ҷавобгар бо талаботи моддӣ – ҳуқуқӣ муроҷиат мекунад ва ҷавобгар бошад, бояд талаботи ӯро эътироф кунад ё рад намояд, ҳамин тариқ тарафҳо дар мурофиа тафовути моддӣ – ҳуқуқӣ доранд. Чунин тафовут асоси аввал ва ҷиддие мебошад, ки фарқи тарафҳоро аз дигар иштирокчиёни мурофиа нишон медиҳад. Мақсади иштироки даъвогар ва ҷавобгарро дар мурофиа талаботҳои мутақобилаи онҳо муайян менамояд. Даъвогар талаботи худро бо

мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунияш оғоз мекунад. Ҷавобгар ҳам дар мурофиа бо мақсади ҳимояи манфиатҳо ва ҳуқуқҳои субъективии худ аз даъвои беасоси даъвогар иштирок мекунад. Вазифаи асосии суд ин азназаргузаронӣ ва ҳалли баҳси граждании тарафҳо, ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо мебошад. Мафҳуми "тарафҳо" дар қонуни мурофиавии гражданӣ ба маънои васеъ истифода мешавад ва ба шахсоне гуфта мешавад, ки натанҳо иштирокчиёни парвандаи истеҳсолоти даъвогӣ, инчунин дар дигар парвандаҳои истеҳсолоти гражданӣ бо тартиби муайян иҷозат медиҳад. Масалан, арзкунандагони парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии омма бармеоянд, аз ҳуқуқи тарафҳо истифода мебаранд. Чунин хулоса дар моддаи 246 Кодекси мурофиавии граждании Федератсияи Россия омадааст, ки парвандаҳое ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеоянд, бо қоидаҳои умумии истеҳсолоти даъвогӣ ва бо хусусиятҳои муайян баррасӣ карда мешаванд. Арзкунандагони парвандаҳои истеҳсолоти махсус ҳам аз ҳуқуқҳои тарафҳо истифода мебаранд. Дар моддаи 263 Кодекси мурофиавии граждании Федератсияи Россия гуфта шудааст, ки парвадаҳои истеҳсолоти махсус аз тарафи суд бо қоидаҳои умумии истеҳсолоти даъвогӣ бо махсусияти чунин парвандаҳо баррасӣ ва ҳал карда мешаванд. Тарафҳо метавонанд парвандаи худро мустақилона ва ё ба воситаи намоянда пеш баранд, инчунин онҳо дар ҳолатҳои ҳуқуқӣ ҷуброни хароҷотҳоро доранд. Бо доштани ҳуқуқҳои васеи мурофиавӣ, тарафҳо уҳдадоранд онҳоро поквиҷдонона истифода баранд, моддаи 35 КМГ Федератсияи Россия. Тарафҳо чун коида, худихтиёрона ин уҳдадориҳоро иҷро менамоянд, аммо қонуни мурофиавӣ ба шахсоне, ки аз ҳуқуқҳои мурофиавии худ бевиҷдонона истифода мебаранд, чораҳои муайяни таъсиркунандаро пешниҳод мекунад. Масалан, агар тараф даъвои беасос пешниҳод кунад ё баҳс муқобили даъво ё ин ки мунтаззам дар баррасӣ ва ҳалли дурусти парванда муқобилият нишон диҳад, суд метавонад ба манфиати тарафи дигар барои амали талафоти вақт ҷуброн намуда, ҳаллу фасл намояд. Андозаи товон дар доираи чаҳорчӯбаи қонун муайян карда мешавад (моддаи 99 КМГ Федератсияи Россия). Дар мурофиа тарафҳо боз дорои дигар уҳдадориҳо низ ҳастанд: сари вақт ҳозир шудан ба суд (агар тараф ба суд ҳозир нашавад, ӯ уҳдадор аст ки ба суд хабари ҳозир нашуданашро расонад); таъмин намудани хароҷоти судӣ; дар доираи муҳлатҳои муқарраршудаи мурофиавӣ иҷро намудани ин ё он вазифаҳо, ки аз тарафаи қонун ва ё бо қарори суд муайян шудаанд.

АДАБИЁТ

1. Гражданский процесс: Учебник / Под ред. д.ю.н., проф. А.Г. Коваленко, д.ю.н. проф. А.А. Мохова, д.ю.н., проф. П.М. Филиппова. – М.: Юридическая фирма «КОНТРАКТ»; «ИНФРА-М», 2008. – 448 с.
2. Гражданский процесс. М.С.Шакарян. -М., 2003. -с.34-37.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. Бо тағйироту иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 сол. -Душанбе: Матн, 2016.
4. Курс гражданского процесса / Т.В. Сахнова. – 2-е изд., перераб. и доп. -М.: Статут, 2014. -784 с.
5. Маҷмуи мавзӯҳо аз фанни таълимии "Ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ".
6. Тафсири Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: "ЭР-граф", 2013. -С.73.
7. Тафсири Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Шакли электронӣ.

ТАРАФҲО ДАР МУРОФИАИ ГРАЖДАНӢ

Тарафҳо дар мурофиаи гражданӣ шахсоне мебошанд, ки дар парванда иштирок намуда, бо иродаи даъвогар оид ба муносибатҳои баҳсноки моддӣ – ҳуқуқӣ даъво пешниҳод карда мешавад, ки мавзӯи баҳси онҳоро бояд суд баррасӣ намояд. Дар таърифи додашуда тамоми хусусиятҳои тарафҳо ба инобат гирифта шудааст. Предмети мурофиаи гражданӣ ҳамчун муносибатҳои моддӣ – ҳуқуқӣ, метавонанд муносибатҳои гуногун бошанд: муносибатҳои гражданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, манзил, замин, экологӣ, маъмурӣ ва андоз. Ҳамаи муносибатҳои номбаршуда, аз ҷиҳати объективӣ "дутарафа" мебошанд, ки дар он субъектон бо доштани манфиатҳои ба ҳам мухолиф штирок менамоянд.

Калидвожаҳо: мурофиаи гражданӣ, мафҳуми тарафҳо, муносибатҳои моддӣ- ҳуқуқӣ, манфиатҳои даъвогар ва ҷавобгар.

СТОРОНЫ В ГРАЖДАНСКОМ ПРОЦЕССЕ

Стороны в гражданском процессе это участвующие в деле предполагаемые волеизъявлением истца субъекты спорного материального правоотношения, которое является предметом судебного рассмотрения. Данное определение, как видим, носит родовой характер и учитывает все основные признаки сторон. Предметом

гражданского процесса могут быть различные по характеру материальные правоотношения: гражданские, семейные, трудовые, жилищные, земельные, экологические, административные, налоговые. Все названные производства “двусторонние”, так как в них присутствуют два заинтересованных субъекта с противоположными интересами.

Ключевые слова: гражданский процесс, понятие сторон, материальные правоотношения, интересы истца и ответчика.

THE PARTIES IN CIVIL PROCEEDINGS

The parties in the civil procedure are those involved in the case the subjects of the disputed material alleged by the will of the plaintiff legal relationship, which is the subject of judicial review. This definition, as we can see, is generic and takes into account all the main features of the parties. The subject of civil procedure can be different in material legal relations: civil, family, labor, housing, land, environmental, administrative, tax. All of these industries are objectively “two - sided”, as they have two interested subjects with opposing interests.

Keywords: civil procedural, concept parties, material legal relationship, interests of the plaintiff and defendant.

Сведения об авторе: ***Рахмонов Бахром Боронович*** – Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе. Телефон: **501999968**

Information about the author: ***Rahmonov Bahrom Boronovich*** – Tajik National University, graduate student of Faculty of Law. **Adress:** Republic of Tajikistan, Dushanbe city. Phone: **501999968**

САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ

Саъдулоев Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар назарияи назорати прокурорӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ, мафҳуми самтҳои асосии марбут ба назорати прокурорӣ, ҳамчун фаъолияти мустақили давлатӣ ба шумор рафта, бештар ба соҳаҳои назорати прокурорӣ алоқамандӣ дорад. Самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура, аз маҷмуи қоидаҳои рафторе иборат мебошанд, ки тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба расмият дароварда шуда, предмети батанзимдарорӣ, субъекту объекти он мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ, салоҳият ва санадҳои эътиноии худро доранд, ки чун соҳаи назорати прокурорӣ фаҳмида мешаванд. Вобаста ба самтҳои алоҳида ва соҳаи назорати прокурорӣ Прокурори генералии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон чунин ибрози ақида менамоянд: Самтҳои алоҳидаи назорати прокурорӣ аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошанд, ки муносибатҳои сифатан якхелаи назорати прокурориро ба танзим дароварда, аз лиҳози предмет, субъект ва объект, мазмуну маҳаки ҳуқуқӣ, санадҳои таъсиррасонии прокурорӣ фарқ мекунанд. Вақте ки соҳаи назорати прокурорӣ мегӯянд, маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқиро мефаҳманд, ки як самти фаъолияти прокурориро пурра ва ҳаматарафа ба танзим даровардааст [11,с.80-81]. Самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура қисми таркибии функсияҳо, доираи муайяни фаъолияти мақомоти прокуратура мебошад, ки бо предмет, метод вазифаҳо, ваколатҳо ва воситаҳои ҳуқуқӣ тавсиф дода мешавад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 самти фаъолияти мақомоти прокуратураро дар моддаи 5 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» нишон додааст, ки аз инҳо иборатанд:

-назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шакли моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдори онҳо, инчунин ба қонунҳо мутобиқ будани санадҳои ҳуқуқие, ки онҳо мебароранд;

-назорат ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардидаанд, аз тарафи ҳамаи сохторҳо ва шахсони мансабдоре, ки дар сархати якуми моддаи мазкур зикр шудаанд;

-назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки бар зидди ҷиноятқорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мубориза мебаранд, инчунин мақомоте, ки бо фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ машғул мебошанд;

-ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиати давлат, шаклҳои гуногуни моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар мурофиаи судӣ;

-назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон, ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти маҷбуркунӣ, ки суд муқаррар мекунад;

-назорат ба риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни суд ва дигар мақомоти ваколатдор;

-тафтишоти ҷиноятҳо;

-таҳияи чораҳои пешгирии ҷиноятҳо, мубориза бар зидди коррупсия, терроризм, экстремизм (ифротгароӣ) ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо якҷоя бо дигар мақомоти давлатӣ, иштирок дар кори такмилу тавзеҳи қонунҳо;

-ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ва пешгирии он ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо;

-иштирок дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳо;

-эътироз, шикоят ва ариза овардан нисбати фармон, ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарорҳои судҳо, ки хилофи қонун мебошанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз рӯйи моҳияти худ назорати прокурорӣ, яке аз функсияҳои мақомоти прокуратура ба ҳисоб рафта, ҳамчун намуди махсуси фаъолияти давлатӣ характери умумӣ дорад. Вобаста ба соҳаҳои назорати прокурорӣ лозим ба ёдоварист, ки маҳакҳои асосии ҷудо намудани назорати прокурорӣ ба соҳаҳо - объект ва предмети назорат, вазифаҳо ва ваколатҳои прокурор ба шумор мераванд, ки бобҳои алоҳидаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба соҳаҳои алоҳидаи назорати прокурорӣ бахшида шуда, дар бар гирандаи муқаррароҳои зерин мебошанд:

1. Боби 3 - назорати умумӣ, моддаҳои 23-29;

2. Боби 4 - назорат ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқу тафтишоти пешакиро ба амал мебароранд, моддаҳои 30-33;

3. Боби 5 - иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳо, моддаҳои 34-43;

4. Боби 6 - назорати прокурорӣ оид ба риояи иҷрои қонунҳо аз тарафи маъмурияти ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон, маҳбусон, муассиса ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазои ҷиноятӣ, чораҳои маҷбурии таъинкардаи суд, моддаҳои 44-46;

5. Боби 7 - ҳамкории байналмилалии ҳуқуқии прокуратура оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мубориза бо ҷиноятқорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, моддаҳои 47-52.

Акнун бармегардем ба мафҳуми функсияҳои мақомоти прокуратура. Функсияҳои мақомоти прокуратура яке аз истилоҳҳои асосии назарияи назорати прокурорӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби олимони зиёди соҳаи мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст ва оиди он дар байни олимон нуқтаҳои назари гуногун вуҷуд дорад. Пас саволе ба вуҷуд меояд, ки дар зери мафҳуми функсияи прокуратура чӣ бояд фаҳмида шавад? В.Н. Григорев; А.В. Победин; В.Н. Яшин; В.Н. Калинин; функсияи прокуратураро чунин таъриф медиҳанд: функсияи прокуратура – ин самтҳои бо қонун пешбинишудаи фаъолияти мақомоти прокуратура мебошад, ки таъйиноти иҷтимоӣ - таърихии онро муайян намуда ва мавҷудияти бурдани мавзуи муайянро тавсиф медиҳад ва барои ҳал кардани вазифаҳои дар назди ин мақомот гузошташуда равона карда шудааст [12,с.19-23]. Мафҳуми функсияҳои прокуратура дар адабиёти ҳуқуқӣ, хусусан дар курси назорати прокурорӣ истифода бурда мешавад. Ба ақидаи мо, функсияҳои мақомоти прокуратура -

ин самтҳои асосии фаъолияти прокуратура мебошанд, ки тавассути онҳо моҳият ва таъинот, мақсад, вазифаҳо, самтҳои афзалиятноки назорати прокурорӣ, ки барои таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ равона шуда, дар асоси назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди муайян таъмин мешаванд. Низоми функсияҳои мақомоти прокуратура дар Конститутсия, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дар Кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, гражданӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Ҳамзамон, тибқи муқаррароти меъёрии моддаи 93-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияи асосии мақомоти прокуратура - назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон мебошад ва дар асоси моддаи 5-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ин назорат дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

-назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шакли моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдори онҳо, инчунин ба қонунҳо мутобиқ будани санадҳои ҳуқуқие, ки онҳо мебароранд;

-назорат ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардидаанд, аз тарафи ҳамаи сохторҳо ва шахсони мансабдоре, ки дар сархати якуми моддаи мазкур зикр шудаанд;

-назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки бар зидди ҷиноятқорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мубориза мебаранд, инчунин мақомоте, ки бо фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ машғул мебошанд;

-назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон, ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти маҷбуркунӣ, ки суд муқаррар мекунад;

-назорат ба риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни суд ва дигар мақомоти ваколатдор [13].

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки аз Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад, функсияи риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунро ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ, таъқиботи ҷиноятӣ, инчунин тақвияти айбдоркунии давлатиро ҳангоми баррасии парванда дар суд пешбинӣ намудааст. Бо дарназардошти мафҳуми дар боло зикршуда ва таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории соҳаи мазкур оиди функсияҳои мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ метавон чунин ибрози андеша намуд, ки функсияи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон - ин самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура мебошанд, ки бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бар расмият дароварда шуда, тавассути онҳо моҳият ва таъинот, мақсад, вазифаҳо, самтҳои афзалиятноки назорати прокурорӣ, ки барои таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ равона шуда, дар асоси назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон таъмин карда мешаванд.

АДАБИЁТ

1.Ожечев С.И., Шведова Ю.Ю. Толковый словарь русского языка. – М.: Наука, 2004.- С. 858.

2.Сотиволдиев Р. Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Душанбе: Эр-граф, 2018.

3.Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конститутционное право России. –М.: Эксмо, 1996. - С.269.

4.Комментарий к Федеральному закону «О прокуратуре Российской Федерации». – М., 1996. С.6. Мелкумов В.Г. Функции советской прокуратуры; Прокурорский надзор в Российской Федерации / Под ред. А.А. Чувилева. – М. 1999. С.65.

5.Прокурорский надзор. /Под.ред. проф. Ю.Е. Винокуров. –М., 2005. С. 11.

6.Искандаров З. Х. Прокуратура и государственная защита прав и свобод человека и гражданина // Государство и право. Душанбе. 2005.№3 .
10. Даев В.Г. Маршунов М.Н. Основы теории прокурорского надзора. С. 73-79.
11. Рахмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. - Душанбе: Ирфон, 2019. - с, 80-81.
12. Прокурорский надзор: Учебник /В.Н. Григорьев, А.В. Победкин, В.Н. Яшин, А.Н. Калинин. –М.: Спарк, 2006. - С.19-23.
13.Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар боари мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» - Душанбе: Қонуният, 2005.

САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ

Дар мақолаи мазкур мафҳум ва аҳмияти самтҳои афзалиятноки назорати прокурорӣ ва фунсияҳои мақомоти прокуратура таҳлил карда шудааст. Бо дарназардошти муҳимияти мавзуъ муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо дастрасии қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи назорати прокурорӣ, истифодаи адабиёти ҳуқуқии олимони ватанию хориҷӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мафҳум ва аҳамияти функсияи асосии мақомоти прокуратураи Тоҷикистон – назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва тадқиқ қарор диҳад инчунин кушиш ба харҷ додааст, ки дар байни самтҳои назорати прокурорӣ якчанд самти онро ба самтҳои асоси тақсим намояд ва ба инҳам муйясар гардидааст муалифи ҷавон.

Калидвожаҳо: назария; назорати прокуррӣ; мафҳум соҳа, самт; ҳуқуқ; қонун; мустакил, марбут, фаъолият, давлат.

ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПРОКУРОРСКОГО НАДЗОРА

Данная статья анализирует сущность и значение основные направления прокурорского надзора и функции органов прокуратуры. Учитывая, важность предмета, автор старался рассмотреть и анализировать сущность и значение основных функции органов прокуратуры Таджикистана, соблюдения надзора и исполнения законов на территории Республики Таджикистана, руководствуясь действующим законодательством Республики Таджикистана в сфере прокурорского надзора с использованием правовой литературы отечественных и зарубежных ученых, практики право приемлемости. Он также попыталсия разделить прокурорский надзора на несколько основных направлений и это было достигнуто.

Ключевые слова: теория, функция, прокурорский надзор, функции органов прокуратуры, понятия и значение функции органов прокуратуры, право, закон, сфере, независимость, связанный, активность, гасударство.

PRIORITIES FOR PROSECUTORIAL OVERSIGHT

This article analyzes the essence and significance of the main directions of prosecutorial supervision and functions of the prosecution authorities. Considering the importance of the subject, the author tried to consider and analyze the essence and significance of the main functions of the prosecution authorities of Tajikistan, compliance with supervision and implementation of laws on the territory of the Republic of Tajikistan, guided by the current legislation of the Republic of Tajikistan in the field of prosecutorial supervision using the legal literature of domestic and foreign scientists, the practice of admissibility. He also tried to divide prosecutorial supervision into several main directions and this was achieved.

Keywords: theory, function, prosecutor's supervision, functions of the prosecutor's office, concepts and meaning of the functions of the prosecutor's office, law, law, sphere, independence, related, activity, state.

Сведения об авторе: ***Саъдуллоев Джамшед*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета

Information about the author: ***Sadulloev Jamshed*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law

ТЕРРОРИЗМ НИҲОДИ ХУШУНАТИ МИЛЛӢ

Шарипов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар охирҳои асри XX ва аввали асри XXI инсоният ба хатари ҷиддие мисли ифротгароӣ ва терроризм рӯ ба рӯ шуд, ки ба бақо ва рушди оламу одам таҳдид мекунад. Имрӯзҳо хавфу хатари терроризм ва ифротгароӣ дар авҷи болоравист ва ин аҳли ҷомеаи солими тамоми сайёра, аз он ҷумла Тоҷикистону тоҷиконро низ бетараф гузошта наметавонад. Боиси таассуф ва ғамхорист, ки ҷавонон имрӯзҳо аз сабаби дониши мукаммал ва саводи кофӣ надоштан худро ба доми терроризм ва ифротгароӣ партофта истодаанд.

Ба ин гуруҳи ташкилотҳо шомил шудани одамон сабабҳои бисёре дорад, ки аз миёни онҳо маъмултарашон инҳоянд:

- надоштани маълумотҳои кофӣ оид ба ифротгароӣ ва терроризм;
- ҳисси молу сарват;
- надоштани ҳисси ватандӯстӣ ва инсондӯстӣ;
- надоштани эҳтиром ва муҳаббат нисбати оила ва наздикони худ.

Албатта, касоне, ки мегӯянд, ифротгароӣ ва терроризм падидаҳое мебошанд, ки инсониятро дар тамоми таърих ҳамроҳӣ намудаанд, беасос нест. Решаҳои онҳо хеле чукур мебошанд. Ҳоло ҳеҷ кас гуфта наметавонад, ки якумин амалиёти террористӣ кай, дар куҷо ва бо кадом сабабу мақсад сар задааст. Дар даврaҳои қадим, асрҳои миёна, давраи нав ва навтарин ҳам одамони алоҳида ва ҳам гурӯҳҳои муташаккили сиёсию мазҳабие буданд, ки ба воситаи тарсонидану даҳшатофаринӣ мехостанд ҳадафҳои худро ба дигарон бор кунанд, зимни ин одамони бегуноҳ қурбони ин ҳодисаҳо мешуданд. Зуҳури ифротгароӣ, қавмӣ, мазҳабӣ ва ғайра падидаҳои бисёр ҷиддӣ ва нигаронкунанда барои давлату миллат ва тамоми ҷомеа мебошанд. Дар охирҳои асри гузашта ва ибтидои ҳазораи нав амалҳои ифротгароӣ ва терроризм бештар характери сиёсӣ гирифтанд, доираи фаъолияти террористон хеле васеъ паҳн гардид. Бо инкишофи техника ва технологияи нав намудҳои нави террористӣ ва экстремистӣ ба вуҷуд омаданд, ки аз рӯи иқтидори харобиовариашон ба амалиёти калони ҷангӣ шабоҳат доранд. Имрӯзҳо ин масъалаҳо доғи рӯз мисли зарпечак байни шаҳрвандон реша давонда истодааст. Рӯз аз рӯз шумораи гумроҳшудагон ва даст ба ҳар гуна корҳои ношоям задани ҷавонон аҳли ҷомеаро ба ташвиш овардааст. Ҷавонон ҳоло меҳнат кардан намехоҳанд, роҳи осони пулёбиро кофтуков мекунанд. Аз ин рӯ, онҳоро гумроҳ кардану ба гурӯҳҳои ифротгарою террористӣ шомил намудан осон мебошад. Ҷавонон набояд фирефтаи суханҳои пучу бемағз ва пулу сарват гарданд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки аҳли маорифу фарҳанг, волидон, муассисаҳои таълимию касбӣ бо ҷавонон ҳама вақт дар робита бо насиҳатҳо бошанд. Ба онҳо моҳият, сабабҳои авҷгирии ин падидаро фаҳмонанд. Онҳоро ба маҳфилҳои касбомӯзӣ ҷалб намоянд. Ҷавонон вақтҳои холигиашонро ба варзиш сарф кунанд. Ҳунарҳои гуногунро омӯзанд ва барои пешрафт ва ободии Ватани хеш саҳмгузор бошанд. Имрӯз давлати мо рӯ ба инкишофу тараққӣ ниҳода, дар арсаи байналмилалӣ соҳиби обруву нуфуз гашта, мо ҷавонон бояд ҳарчӣ бештар аз ин истифода бурда, боз ҳам парчами кишварамонро болотар бардошта, ҳисси миллиамонро равнақ диҳему шукронаи сулҳу ваҳдат намоем. Чунки имрӯзҳо сабаби пош хӯрдан ва боиси ба буҳрони сахти молиявӣ гирифтор шудани давлатҳои олам ин маҳз терроризм мебошад. Орзӯи аввалини ин давлатҳо сулҳу субот ва оромона сайру гашт кардани шаҳрвандон мебошад, ки ин орзӯи амалинашаванда барои онҳо мебошад. Хушбахтона, дар кишвари мо сулҳу субот ҳукмрон аст ва аз ин мо бояд ифтихор намоем. Аз амалияи судӣ дида мешавад, ки аксарияти ҷиноятҳои характери террористӣ ва экстремистидошта миёна ҷавонон рӯх медиҳанд. Ин ҳам бошад дар натиҷаи таҳлилҳо маълум шуд, ки аз беаҳамиятии волидон, бад будани сатҳи зиндагӣ ва маълумоти кофӣ надоштани ҷавонон мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар нишасту баромадашон қайд карда мегузаранд, ки террорист на дин дораду на Ватан. Ин суханони Ҷаноби Олиро мо ҷонибдорӣ намуда, бояд пеш аз ҳама дар шуури тамоми мардуми тоҷик ҷой кунем, ки бо ин амалҳои ношоистаи худ онҳо ҳам ҷони худро дар хатар мегузоранду ҳам хешу таборҳояшонро бадном мекунанд. Барои ин бояд ҳарчӣ зудтару бештар дар байни мардум корҳои фаҳмондадиҳию профилактикӣ гузаронида, оқибатҳои ин гуна амалҳоро ба онҳо расонем. Имрӯз яке аз масъалаҳои доғ ва ногуворе, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, терроризм ва ифротгароӣ мебошанд. Терроризм ва ифротгароӣ аз зуҳуроти номатлуби замони муосир ба шумор мераванд, зеро он боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш – таҳдиди зурӣ ё истифодаи он, расонидани зарари вазнин, тағйири сохти конститутсионӣ дар мамлакат, ғасби ҳокимият ва аз они худ кардани ваколатҳои он, барангехтани низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ шуда метавонад.

Терроризм ҳамчун амали номатлуб бевосита дар КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст. Мақсади ибтидоии терроризм ва экстремизм халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани одамон, ба ҳаяҷон ва таҳлука овардани аҳолӣ равона шуда, таввасути он фишор овардан ба мақомоти давлатӣ мебошад. Чунин ҳаракатҳои номатлуб мақсади ниҳоии ҷиноятқоронро чун маҷбур сохтани мақомоти давлатӣ барои қабули қарори ғайриқонунӣ, ки ба манфиати онҳо мебошад ва ё бо мақсади резонидани обрӯ ва манзалати мақомоти давлатист.

Мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» экстремизм чунин таъриф дода мешавад: экстремизм - ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ мебошад. Зӯроварӣ, зулм, фишороварӣ, таҳқири обру ва ё паст задани шаъну шарафи инсон эътирозро ба вуҷуд меорад, ки натиҷаи он метавонад то ба ифротгароӣ оварда расонад. Чи тавре, ки ҷараёни таърихӣ нишон медиҳад, ғояҳо ва идеологияҳои ифротгароӣ, ҳамчун ҳодисаи сиёсӣ дар ду маврид ба миён омада метавонад. Якум, вақте ки дар ҷомеа беадолатӣ вуҷуд дорад, қисми муайяни ҷомеа дар назди худ мақсад мегузорад, ки бар зидди беадолатӣ мубориза барад. Дуюм, мубориза баҳри ба даст овардани ҳокимиятро ба миён меорад. Сабаби пайдоиш ва паҳн гардидани ин гуна падидаҳои номатлуб аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи пасти шароити зиндагӣ, бехабар будан аз маърифати ҳуқуқӣ ва худшиносӣ, таълиму тарбияи нокифояи насли наврас, хусусан ҷавонон боиси шомил шудани онҳо ба гурӯҳи ифротгаро мегардад. Воқеан ин падида на танҳо ба сиёсати дохилии кишварҳои алоҳида, балки дар муносибатҳои давлатҳои ҷудогона роҳандозӣ намуда истодааст ва дар ин бобат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат дар суханронии худ қайд намудаанд: «Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд. Истифодаи «сиёсати дугона» нисбат ба терроризм ва экстремизм самаранокии кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар муборизаи муштарак бо ин зуҳурот ҷиддан коҳиш дода, баръакс, мухолифатҳои наверо байни эътилофҳои ҳарбиву сиёсӣ эҷод мекунад ва авзои ҷаҳонро боз ҳам ноором месозад. Ман чандин маротиба аз минбарҳои СММ ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид карда будам, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад». Аз мо мардуми бонуфузи Тоҷикистон, Роҳбари давлат, хоса ҷавононро даъват намуд, ки дар муқобили ин хатарҳо муттаҳид бошем ва ҳушёрию зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва ба фиребу гумроҳсозиҳои ифротгароёни тундрав дода нашавем. Мо, ҷавонони боҳушу боидрок ва бомуҳаббати тоҷик ин суханони пурмазмун ва бамавриди Президенти кишвари худ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ намуда, ҳаргиз намегузорем, ки бадхоҳони сулҳу озодӣ ба мафкураи худ таъсири манфӣ расонанд. Зеро ақидаҳо, андешаҳо, пешниҳодҳое, ки тавассути рӯзномаву маҷаллаҳо, барномаҳои телевизиониву радио, конфронсу мизҳои мудаввар, вохӯрӣ бо намояндагони мақомот ва дар пайравии онҳо дарсҳои кушоди тарбиявии устодон бахшида ба мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ дар ин самт нақши муҳимро бозидааст. Паёмбари ислом мефармоянд: «Ба қадри ду неъмат қабл аз заволаш бирасед саломатӣ ва осудагӣ», ки чунин неъматҳо оромии хотири инсон ва амнияти ҷомеаро таъмин менамояд. Дар шароити муосир дар баъзан давлатҳо гурӯҳҳои алоҳида, ки аслан соҳибони ин заминанд, фазои чунин давлатро ба манбаи истибдоду истисмор табдил додаанд. Чунин гурӯҳҳои тундраву ҷудоандоз аз афроде иборат мебошанд, ки дар хӯю рафтор аҳриманзодаеро нишон медиҳанд. Ҳамин аст, ки ҷаҳони имрӯзаро тарсу ваҳшати терроризму экстрамизм фаро гирифтааст. Дар даҳсолаҳои охир, ҳодисаҳои терроризму экстремизм бисёр паҳн карда истодааст ва ин омили манфӣ махсусан ҷавононро ба доми гумроҳӣ кашида истодааст. Бояд қайд намуд, ки чунин гурӯҳҳои ифротӣ бо истифода аз боварҳои динию эътиқодии мардум нақшаю барномаҳои аслан зидди инсонии худро ташвиқ мекунанд. Аз ин лиҳоз, бархе аз нафарони аз дину мазҳаб ва дигар арзишҳо камогоҳ фирефтаи чунин тарғибот мешаванд. Агар ин зуҳуротро аз нигоҳи ҳуқуқӣ баҳо диҳем, кирдори бо қонун

манъшуда ба ҳисоб меравад. Зеро ҳар амале, ки бо қонун манъ шудааст, зиддиҳуқуқӣ буда, метавонад ба ҷомеа, амнияти мардум таҳдид оварад. Чаро инсонҳое дар ҷомеа вомехӯранд, ки сулҳу оромӣ ва ҳаёти хушбахтонаро қадр накарда, ҳамеша рӯ ба амалҳои чапгароӣ меоранд? Ба ин суол посухҳо зиёданд, зеро сабабу омилҳои ин зуҳурот низ ягона нестанд. Тавре ки дар боло ишора намудем, манфиатҷӯёни худхоҳ мафкура ва қувваи ҷисмонии одамони зудбовару хурофотӣ ва каммаълумотро истифода бурда, мехоҳанд тири ҳадафи нопоки худро ба нишон расонанд. Рӯ овардани ҷавонони имрӯза ба гурӯҳҳои ифротӣ сабабу омилҳои худро дорад. Бархеи онҳо аз сабаби касодии вазъи иқтисодӣ ва қисми дигар аз гумроҳӣ ба ин дом меафтанд. Қисми дигар аз сабаби хурофотӣ буданашон ба ин гирдоб ғарқ мешаванд.

Истилоҳи «Экстремизм» аз вожаи лотинии «extremus» гирифта шуда, ба маънои «охирин» яъне он чизе, ки аз чаҳорчӯба ё меъёри муайяншуда берун мебарояд, фаҳмида мешавад. Дар китоби нави «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба тариқи зер ин вожа маънидод шудааст: «**Экстремизм** – пайравӣ ба назария ва чорабиниҳои ифротӣ (*хусусан дар сиёсат*), ифротталабӣ, ифротгароӣ» ва ба ҳамин мазмун.

Дар қонунгузорӣ бошад, мафҳуми экстремизм чунин омадааст: «Изҳори фаъолияти ифротии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ» маънидод карда шудааст. Аз мафҳуми дар боло овардашуда маълум мегардад, ки субъектони терроризм ва экстремизимро шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Субъектони номбурда бо мақсадҳои «аслии» танҳо ба худи онҳо маълум, ҳатто дар зери пардаи Ислом ва бо бадном кардани ин дини пок амалҳои ваҳшиёнаи худро содир менамоянд. Аз ин рӯ, ҳар як инсони комил бояд дарк намояд, ки ифротгар ва террорист ҳамон тавре ки сарвари кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд дин, мазҳаб ва миллат надорад. Он касе, ки бадбахтии моро мехоҳад аз мо нест! На аз Исломи мо, на аз ҷомеаи башарии мо, на аз ҷаҳони мо. Онҳо ашхосе мебошанд, ки аз амният безор ҳастанду осмони беғубори сайёраи моро тираву тор дидан мехоҳанд. Тору пуд ва сиришти эшон аз хамираи ҷаҳолату разолат ташаккул ёфтааст. Ҳар як шахс ва гурӯҳе, ки амалу ҳаракаташ ба ҷамъият хатар дорад, ҳатман бояд дар назди қонун ва суд ҷавобгар бошад. ҶТ низ дар баробари созмонҳои ҳомии сулҳ, ҳамчун узви ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ дар даврони соҳибихтиёрӣ бо проблемаҳои мубориза бар терроризм ва экстримизм борҳо рӯ ба рӯ шуда, дар ин самт қонунгузории худро баҳри пешгирӣ ва бартараф намудани он мутобиқ гардонид. 8 декабри соли 2003 аз ҷониби Маҷлиси Олии ҶТ Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» қабул карда шуд. Дар баробар ин моҳи декабри соли 2005 Ҳукумати ҶТ барномаи ҷумҳуриявиро «Оид ба мубориза бар зидди терроризм» ва дигар зуҳуроти экстремистӣ (ифротгароӣ) барои солҳои 2006-2012 тасдиқ намуд.

Дар баробар ин Кодекси ҷиноятии ҶТ кирдорҳои муайяне, ки хусусияти экстримистию террористӣ доранд, бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст. Бо мақсади пешгирӣ ва мубориза бар зидди экстремизм, дар ҶТ ба ғайр аз такмили қонунгузорӣ, чораҳои дигари фаъол низ андешида шудааст. Масалан, ворид намудани адабиёти гуногун аз сарҳади ҶТ, интишор ва чопи онҳо аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Ҳамаи чораҳои пешгирие, ки дар мамлакати мо баҳри пойдории амният гузаронида мешавад, моро аз хатари ҳар гуна каҷравиҳо эмин медорад. Барои пешгирии ин падидаи манфур дар ҷомеа чунин чораҳо андешидан мумкин аст:

1) Бо хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузаронида шавад.

2) Ҳангоми истифода бурдани воситаҳои интернетӣ аз ҷониби наврасон назорати волидайн қатъӣ ба роҳ монда шавад, то ин ки аз сомонаҳои муфид истифода баранд.

4) Аз ҷониби маъмурияти шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар байни шаҳрвандон маҷлисҳо барпо намудан ва тарбияи онҳо дар рӯҳияи худшиносии миллӣ ва сулҳофарӣ.

5) Манъ намудани фурӯши филмҳои хусусияти зӯроварӣ ва ғайриахлоқидошта.

6) Паст намудани сатҳи бекорӣ аз ҳисоби бунёди иншоотҳои гуногун.

ТЕРРОРИЗМ НИҲОДИ ХУШУНАТИ МИЛЛӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои асосии терроризм ниҳоди хушунати миллӣ, вабои аср, доғи рӯз ва ҷанбаи асосии нотинҷии давлат, чорабиниҳои асосии андешидаи давлат вобаста ба пешгирии терроризм, террорист кист ва терроризм чист, кадом ҳолатҳое ҷой доранд, ки манбаи пайдоиши нотинҷии амнияти миллӣ ва асосҳои сохтори конститутсионӣ, суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ин вабо, чорабиниҳое, ки байни давлатҳо андешида мешаванд, ба даст овардани роҳҳои чорабиниҳои ташвиқотию тарғиботӣ оид ба решакан кардани ин доғи рӯз, чи дар сатҳи дохилидавлатӣ ва чи дар сатҳи байналмиллалӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо. Терроризм, пешгирӣ, муқовимат, мубориза, давлат, сохтори конститутсионӣ, сохтор, чорабиниҳо, чорабиниҳои пешгирӣ амнияти миллӣ, пайдоиш, ниҳод, хушуннати миллӣ.

ТЕРРОРИЗМ – ИНСТИТУТ НАЦИОНАЛЬНОГО НАСИЛИЯ

В этой статье основными проблемами терроризма являются институт национального насилия, чума века, текущая ситуация и основная незащищенность государства, основные меры, принимаемые государством для предотвращения терроризма, кто террорист и что являются источниками незащищенности национальной безопасности, выступление Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в связи с этой чумой, меры, принятые между государствами для поиска путей искоренения этого зла , как на национальном, так и на международном уровне.**Ключевые слова:**ерроризм, предотвращение, сопротивление, борьба, государство, конституционный строй, структура, меры, меры по предотвращению национальной безопасности, происхождение, институт, национальное насилие.

TERRORISM – AS THE INSTITUTION OF NATIONAL VIOLENCE

The main issues of terrorism in this article are the institution of national violence, the plague of the century, the current situation and the main aspect of insecurity of the state, the main measures taken by the state to prevent terrorism, who is a terrorist and what are the sources of national security insecurity speech of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in connection with this plague, measures taken between the states to find ways to eradicate this scourge what has been discussed and researched at the international level.

Keywords:terrorism, prevention, resistance, struggle, state, constitutional structure, structure, measures, measures to prevent national security, origin, institution, national violence.

Сведения об авторе: ***Шарипов Саидвали*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета

Information about the author: ***Sharipov Saidvali*** – Tajik national University, second-year master`s student of Faculty of Law

АСОСИ ДАЪВО ҲАМЧУН УНСУРИ ДАЪВО ДАР МУРОФИАИ ГРАЖДАНӢ

Саидов Ҳ. Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз унсурҳои даъво дар мурофиаи гражданӣ, ки аз мазмуни Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (масалан, қ. 1 м. 137) [1] бармеояд, асоси даъво ба ҳисоб меравад. Талаботи даъво бояд ба асоси даъво такя кунад. Ин унсури даъво чун мавзӯи даъво аҳамияти муҳим дорад. Н.Б. Зайдер оид ба ин масъала нуктаи назари хешро ифода намуда, ба сифати асоси даъво он зуҳуротро мешуморад, ки даъвогар натиҷаҳои талаботи даъворо асоснок менамояд, яъне ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдоштаро. Таҳлили ин ақида аз он натиҷагирӣ мекунад, ки фарқияти дар мавриди тафсир ба вуҷуд омада оид ба асоси даъво ба фактҳое, ки натанҳо ҳақиқатан вуҷуд доранд, инчунин аз лиҳози ҳуқуқӣ онро таъйин мекунанд [2,с.76-77]. Ин нукта хеле муҳим аст. Ба фикри мо, чунин тағйирот аз аҳамият холӣ нест, зеро аз рӯи мазмуни қонун даъвогар ба асоси даъво метавонад фактҳои дар ҳақиқат вуҷуддоштаро гузорад, аммо фактҳои ҳуқуқӣ (меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ) асос ба шумор намераванд. Фактҳои ҳуқуқии мазкур бо пайдошавӣ, тағйир ёфтан ва қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқи модии баҳснок алоқаманд мебошад. А.А. Добровольский асоси даъворо таҳлил карда, ба хулоса меояд: “Дар адабиёти мурофиавӣ

ақидаи ягона вуҷуд дорад, ки мувофиқи он асоси даъворо фактҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки аз онҳо даъвогар талаботи даъвогии худро мебарорад. Меъёри ҳуқуқ ва ё ҳуқуқи субъективии асосноккардашуда асоси даъворо ташкил дода наметавонад, чунки қонун аз даъвогар гурӯҳбандии ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқии моддии баҳсноки худро аз ҷавобгар талаб намекунад [3,с.127]. Сивилистҳо (олимони соҳаи ҳуқуқи граждани) баръакс нақши ҳалкунандаро ба асоси ҳуқуқии даъво додаанд, ки аз он талаби даъвогар ба ҷавобгар бармеояд [4,с.51]. Дар ҳақиқат, натанҳо асоси факт, инчунин ҳуқуқи дар вақти пешниҳоди даъво ва тайёр намудани парванда ба муҳокимаи судӣ пешниҳодшуда, ҷиҳати зарурии ҳалли парванда барои муқаррар кардани муносибатҳои ҳақиқии ҳуқуқии моддӣ, барои ҳимояи зарурии ҳуқуқ шарти пешакӣ мебошад. Айни замон танҳо бо овардани фактҳо ба сифати асоси даъво таваққуф кардан мумкин нест. Парвандаҳои граждании зиёде вуҷуд доранд, ки ба суд мансубият надоранд. Масъалаи мансубиятро ҳамон вақт ҳал кардан мумкин аст, ки агар, чун қоида, аз кадом муносибатҳои ҳуқуқии моддии баҳснок ҳуқуқи талаби даъвогар сарчашма гирифтанашро муайян намоем, яъне асоси ҳуқуқии даъво муқаррар карда шавад.

Асоси ҳуқуқии даъво натанҳо дар вақти шурӯи парванда ва ҳалли бевосита он хеле зарур мебошад, балки ҳангоми қабули аризаи даъвогӣ, ба муҳокима омода намудани парванда ба ҳисоб гирифта мешавад. Банобар ин, суд (ва ё дигар мақомоти босалоҳият) пеш аз он ки парвандаро дида барояду даъвогарро ҳимоя намояд бояд дар рафти мурофиа оид ба ҳақиқатан ҷой доштани ин ҳуқуқ ва манфиат ва оид ба он ки ин ҳуқуқ (манфиат) ба он шахсе, ки даъво пешниҳод кардааст, дахл дорад ё не боварии комил ҳосил намояд. Мулоҳизаҳо дар бораи асоси даъво низ аз тарафи баъзе муаллифон боиси баҳсу мунозира қарор гирифтааст. М.А. Викут аз эҳтимоли қабул накардани аризаи даъвогӣ дар ҳолати надоштани асоси ҳуқуқӣ дар таркиби талаби даъвогӣ изҳори нобоварӣ мекунад. Муаллифи мазкур, инчунин доир ба ҳалли масъалаи мувофиқати асоси ҳуқуқии даъво, ки дар қонун асоснок карда нашудааст, махсус истода мегузарад [5,с.233]. Чунин низом на барои он вуҷуд дорад, ки даъво асоси ҳуқуқӣ надорад, балки аз мавҷуд будани он гувоҳӣ медиҳад. Асоси ҳуқуқии даъворо тасдиқ карда истода, онро чун муносибатҳои ҳуқуқӣ шарҳ додан душвор аст, дар он ҳамаи тарафҳои даъворо ба ҳисоб намегиранд. Аз ҷумла, муносибатҳои ҳуқуқӣ наметавонанд асоси ҳуқуқи даъвои манфӣ оид ба эътироф кардан бошад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ба асоси ҳуқуқии даъво бояд ҳуқуқи субъективӣ, ки бояд ҳимоя шавад (даъвоҳо оид ба унвон ва даъвоҳои мусбии эътироф) ва ё манфиатҳои қонунан ҳифзшаванда (даъвоҳои манфии эътироф кардан), инчунин қонуни моддӣ, ки шароити бавуҷудомадан, тағйир ёфтан ва қатъ гардидани ҳуқуқи субъективӣ ва ё манфиатҳои ҳуқуқиро дохил намудан мумкин аст. Ба асоси ҳақиқии даъво фактҳои воқеии дар ҳақиқат ҷойдошта дахл дорад. Ҳамин тавр, ба асоси даъво ду қисмро аз ҳамдигар фарқ намудан зарур аст: ҳуқуқӣ ва воқеӣ. Ба қисми ҳуқуқии асоси даъво ҳуқуқи субъективӣ ва ё манфиатҳои қонунан ҳифзшаванда, дохил мешаванд. Ба қисми амалии асоси даъво фактҳои ҳуқуқбунёдкунанда, ҳуқуқивазкунанда, ҳуқуққатъкунанда ва ҳуқуқвайронкунанда дахл дорад. Ҳардуи қисми асоси даъво ба ҳам алоқаманд ва вобастаанд, чунки амал, беамалӣ ва ҳодиса ҳамон вақт аҳамияти ҳуқуқӣ доранд, ки агар қонун бо онҳо пайдоиш, тағйирот ва қатъгардонии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии моддии баҳснокро пайвандад. Масалан, факти зиндагии якҷоя ва доштани хоҷагии якҷояи модари кӯдак бо ҷавобгар асоси рӯёнидани алимент ба ҳисоб меравад. Инак, асоси даъво гуфта фактҳои ҳуқуқии моддии асоснокунандаи талаби даъворо меноманд [6,с.73]. Асоси даъво аз фактҳои ҳуқуқии зерин иборат аст:

- фактҳои легитиматсияи фаъол, яъне фактҳои ҳуқуқие, ки ҷиҳати ба даъвогар тааллуқ доштани ҳуқуқи субъективии моддии баҳснок шаҳодат медиҳанд,

- фактҳои легитиматсияи ғайрифаъол, яъне фактҳои ҳуқуқие, ки ҷиҳати ба ҷавобгар тааллуқ доштани уҳдадории субъективии моддии баҳснок шаҳодат медиҳанд;

- фактҳои ҳуқуқии сабаби даъво (фактҳои ҳуқуқии ҳуқуқвайронкунӣ), яъне фактҳои ҳуқуқие, ки ҷиҳати аз ҳолати амали мӯътадил ба ҳолати вайроншуда ё баҳснок гузаштани ҳуқуқи субъективии моддии баҳснок шаҳодат медиҳанд.

АДАБИЁТ
1. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008, № 1, қ.1, м.6, м.7; 2010, № 1, м.6; 2012.
2. Зейдер Н.Б. Некоторые вопросы иска по гражданским делам // Российская юстиция. – М., 2003. № 7.
3. Доброволский А.А. Добровольский А.А. Избранные труды. – М.: Городец, 2014.
4. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум / Зери таҳрири муҳаррирони масъул Ш. К. Ғаюров ва Ф. С. Сулаймонов. Душанбе, 2013.
5. Викут М. А., Зайцев И. М. Гражданский процесс. – М.: Норма, 2000.
6. Авзалов А.Х., Мирзоев С.Б., Фозилов Н.Н. Ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ. Душанбе, 2016.

АСОСИ ДАЪВО ҲАМЧУН УНСУРИ ДАЪВО ДАР МУРОФИАИ ГРАЖДАНӢ

Мақолаи мазкур ба асоси даъво ҳамчун унсури даъво дар мурофиаи гражданӣ бахшида шудааст. Масъалаи асоси даъво ҳамчун унсури даъво дар мурофиаи гражданӣ дар заминаи қонуни мурофиавии гражданӣ, фикру мулоҳизоти мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ дар бораи ин масъала баррасӣ гардидааст. Дар хотимаи таҳлили гузаронидашуда, муаллиф ба хулоса омадааст, ки асоси даъво фактҳои ҳуқуқуии моддии асосноккунандаи талаби даъво дар мурофиаи гражданӣ маҳсуб ёфта, аз фактҳои легитиматсияи фаъол, фактҳои легитиматсияи ғайрифаъол ва фактҳои ҳуқуқии сабаби даъво иборат мебошад.

Калидвожаҳо: ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ, даъво дар мурофиаи гражданӣ, унсурҳои даъво дар мурофиаи гражданӣ, асоси даъво дар мурофиаи гражданӣ, фактҳои ҳуқуқии хусусияти моддидошта, фактҳои ҳуқуқии сабаби даъво.

ОСНОВАНИЕ ИСКА КАК ЭЛЕМЕНТ ИСКА В ГРАЖДАНСКОМ ПРОЦЕССЕ

Данная статья посвящена основанию иска как элемент иска в гражданском процессе. Вопрос об основании иска как элемента иска в гражданском процессе рассмотрен на базе гражданского процессуального закона, точек зрений отечественных и зарубежных специалистов по поводу данной темы. По итогам проведенного анализа автор пришел к выводу о том, что основание иска выступая в качестве материально-правовых фактов, обосновывающих иск в гражданском процессе состоит из фактов активной легитимации, пассивной легитимации и фактов повода к иску.

Ключевые слова: гражданское процессуальное право, иск в гражданском процессе, элементы иска в гражданском процессе, основание иска в гражданском процессе, юридические факты материально-правового характера, юридические факты основания иска.

THE BASIS OF THE CLAIM AS AN ELEMENT OF THE CLAIM IN CIVIL PROCEEDINGS

This article is devoted to the basis of the claim as an element of the claim in civil proceedings. The issue of the basis of the claim as an element of the claim in civil proceedings is considered on the basis of the civil procedure law, the points of view of domestic and foreign experts on this topic. Based on the results of the analysis, the author came to the conclusion that the basis of the claim, acting as substantive facts justifying the claim in civil proceedings, consists of the facts of active legitimation, passive legitimation and the facts of the reason for the claim.

Keywords: civil procedure law, a claim in a civil proceeding, elements of a claim in a civil proceeding, the basis of a claim in a civil proceeding, legal facts of a material legal nature, legal facts of the basis of a claim.

Сведения об авторе: ***Саидов Хайдар Шамсуллоевич*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. Телефон: **917777761**

Information about the author: ***Saidov Heydar Shamsulloevich*** – Tajik National University, graduate student of Law Faculty. Phone: **917777761**

МАФҲУМИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛҲАЛҚИИ ИНСОНДӮСТӢ

Саидов Қ. И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯст яке аз шоҳаҳои ҳуқуқи байналмилал ба шумор меравад. Ин ҳуқуқ муносибатҳои аъзоёни ҷомеаи байналмилалиро, маҳз давлатҳоро танзим мекунад. Ҳуқуқи байналмилал хусусияти милли дошта, иҷрои муқаррароти асосии он аз ҷониби тамоми мамлакатҳо ҳатмист. Мақсади он ҳифзи сулҳ, ҳимояи одамон дар асоси адолат ва дар шароити озод ба пешрафти иҷтимои ҳамкори намудан аст.

Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, ки ҳуқуқи низоъҳои мусаллаҳона низ номида мешавад ва каблан бо номи ҳуқуқи ҷанг маъмул буд, яке аз бахшҳои махсуси ҳуқуқ

мебошад, ки дар шароитҳои низоъҳои мусаллаҳона, яъне дар вазъияти ҷанг амал мекунад. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ талош мекунад, ки оқибатҳои ҷангро сабуктар намояд, аввалан, интихоб воситаҳо ва усулҳои гузаронидани амалиётҳои ҳарбиро маҳдуд созад ва дуюм тарафҳои даргирро вазифадор мекунад, ба ашхосе, ки дар амалиётҳои ҷангӣ иштирок накардаанд ё ки аз ширкат кардан даст кашидаанд, раҳм кунанд. Оё дар фарҷоми қарни XX гузоштани чунин масъала табиии ва муҳим аст? Ҷанг ин зуҳуроти таҷовузи ваҳшиёна ва дағалона аст. Вақте ки давлатҳо иҳтилофот ё мунокишаҳоро дар паси мизи музокирот ҳаллу фасл карда наметавонанд ё намехоҳанд ҳал кунанд, силоҳро ба кор мебаранд. Ҷанг бешубҳа ба азобу шиканҷаҳои беҳисоб ва хисоротҳои зиёди моддӣ оварда мерасонад. Чи тавре ки дар карори трибунали Нюрнберг доир ба парвандаҳои ҷиноятқорони асосии ҳарбии ҷангӣ дуюми нагони сабт шудааст, ҷанг аз руи таъйиноташ бадбаҳти аст. Имрӯз касе майли ҳак шумурдани чунин ҷангро надорад. Ба ин нигоҳ накарда, давлатҳо бо ҳамдигар меҷанганд ва одамон бошанд, аз пайдо кардани адолат ноумед гашта, ба даст силоҳ гирифта, алайҳи давлат меҷанганд. Масалан, ҷангеро, ки давлати кучак ба хотири боздоштани таҷовуз ба истиклолияташ (яъне ҷанги истилогарона) оғоз кардааст, ё мардум ба муқобили ҳокими бедодгар исён кардаанд, ҳеҷ кас маҳкум намекунад.

Ҳуқуқ ва ҷанг... Оё ҳуқуқ метавонад, ки бо роҳи мусолиматомез, бе ҳалокати одамон ва ҳисорати модди – дар ҳалли иҳтилофҳои байни давлатҳо, низоъҳо, ки ҳангоми аз ҷониби одамон ҷори намудани ҳар гуна тартибот ногузиранд, ёри расонад? Бо ибораи дигар гуем, оё ҳуқуқ кудрати гирифтани пеши роҳи ҷангро дорад? Боз як суоле, ки бештар ба миён меояд: дар ҳолате ки агар пеши роҳи ҷанг гирифта нашуд, оё ҳуқуқ; наметавонад ки ба вай (ҷанг) ва окибатҳои вай машгул шавад, ва ҷи тавре ки баъзеҳо мегуянд, ба ҷанг як партави боэътимоди баҳшад? Дар корзорҳо ё дар деворҳои зиндон аз ҳуқуқ ҷи суд? Магар Сисерон ҳак аст, ки фармуда буд: Қонунҳо ҳангоми ҷанг ҳомуш мешаванд? Ба хотири он ки минбаъд норавшаниҳо пеш наоянд, мо ба бархе аз ин суолҳо посух гуфта, баъд аз ин системаи мавҷудаи ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣро баррасӣ мекунем. Мувофиҷи таърифи КБСС зери мафҳуми ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, чунин қоидаҳои байналмилали, қарордоди ё дар асоси расму оинҳо ба вуҷудомада фаҳмида мешаванд, ки маҳсус ба ҳалли вазифаҳои инсондӯстӣ, ки бевосита дар натиҷаи низоъҳои мусаллаҳонаи байналмилалӣ ва дохилӣ ба миён меоянд ва онҳое ки аз назари хислатҳои инсондӯстӣ доштанашон ҳуқуқи тарафҳои даргирро дар интихоб усулҳо ва воситаҳои ҷанг кардан, маҳдуд мекунанд, ё ашхос ва амволашонро, ки ба онҳо дар натиҷаи низоъ хисорот расидааст ё шояд зарар бинанд, ҳимоя менамоянд, равона карда шудаанд.

Маҷсади ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, аз ҳимояи ҳаёт ва шаъну эътибори инсон дар вазъиятҳои гайриоддии ҷанг иборат мебошад. Муҷаррароти ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, ҳамеша ба қонеъ намудани талаботи инсон равона карда шудаанд. Максади олии таъйиноти онҳо ҳимояи одам аз таъсири неруҳои бад мебошад. Вазифаи ҳимояи шаъну эътибори инсон, дар ҳамон маврид аҳамияти ҳеле муҳим дорад, ки дар таҳкиру шиканҷа давлат гунаҳкор бошад. Аз ин рӯ, возеҳу равшан аст, ки ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ низ як қисмати бахши ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ поймол кардани ҳуқуқи инсонро ҳимоя мекунад. Монанди дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ, мукаррароти ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ натиҷаи созиши манфиатҳои мухталиф мебошанд. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ бояд мавҷудияти ҳорикаи (феномени) ҷанг ва максадҳои имконпазири ҳарбиро ба эътибор гарад. Мо инро маҳаки зарурияти ҳарби меномем. Аз ҷониби дигар ашхосе, ки дар амалиётҳои ҳарби ширкат накардаанд ё дигар ширкат намекунанд, бояд ки беҳтар ҳимоя карда шаванд. Мухолифати байни зарурати ҳарбӣ ва андешаҳои инсондӯстӣ танҳо бо роҳи истифодаи қоидаҳое ҳал карда мешавад, ки истифода бурдани неруро дар ҷанг маҳдуд менамоянд, вале агар вай қонуни бошад, манъ намекунанд. Ба ибораи дигар гуем, қоидаҳо бояд инсонро ҳимоя намоянд, вале набояд дар назди ҳеш максади имконнопазири ҳимояи пурраи инсонро аз окибатҳои ҷанг гузоранд. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, танҳо дар ҳадди имконпазир ин амалро анҷом медиҳад. Ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки вай манъкуниҳои мутлақро мукаррар карда наметавонад. Масалан, дар ҳамаи ҳолатҳо,

бидуни ягон истисно азобу шиканҷа додан манъ аст, ҳатто аз нуктаи назари ҳарби низ ин амалҳо ҳеҷ гоҳ ҳатмӣ нестанд.

Ҳамин тавр, ба ҳулоса омадан мумкин аст, ки ҳуқуқи инсондӯстӣ аз ҷониби онҳое дастгирӣ карда мешавад, ки ба истифодаи неруҳои ҳарбӣ масъул мебошанд ва танҳо дар он мавриде, ки агар дар он андешаҳои ҳарбӣ ба эътибор гирифта шаванд. Аз ин рӯ, дар ҳаёти воқеӣ, инсондӯстӣ бояд талаботи зарурати ҳарбиро ба эътибор гирад. Ин маънои онро надорад, ки ҳуқуқ ба истифодаи неруҳои золим иҷозат медиҳад, он танҳо ҳоҳиши муқаррар кардани чунин маҳдудиятҳои воқеиро дар истифодабарии неру, ки дар ҳақиқат риоя карда мешаванд, инъикос менамояд. Мақсади ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ манъ кардани ҷанг ё кабули қоидаҳое нест, ки ҷангро номумкин гардонанд. Он бояд мавҷудияти ҷангҳоро ба эътибор гирад, то ки ба тарзи беҳтар чунин ҳолатеро таъмин намояд, ки дар он окибатҳои ҷанг аз доираи муайян кардаи зарурати мутлақи ҳарби берун намебароянд. Гуфтаҳои қаблан зикркардаамонро идома дода, қайд мекунем, ки дар байни ҳуқуқи инсондӯстӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки истифодаи неруро дар муносибатҳои байни давлатҳо танзим мекунанд, тафовут гузоштан лозим аст. Чи тавре ки аллакай қайд карда шуд, Оинномаи СММ бо давлатҳо истифодабарии неруро алайҳи дигар давлатҳо, ба истиснои мавридҳое, ки курбонии истило ба хотири дифоъ алайҳи истилогар меҷангад, (худмудофиакунии танҳо ё дастаҷамъи) манъ мекунад. Ин соҳаи ҳуқуқро аксар вақт jus ad helium (лот.), ё агар ба забони муқаррарӣ ифода кунем, меъёрҳои таъзимкунандаи истифодабарии неру меноманд. Хулосаи ҳар як мубоҳиса дар бораи jus in hello (ҳуқуқи ҷанг лот.), воситаҳое мебошанд, ки ҳуқуқи байналмилалии муосир ба давлатҳо барои ҳалли сулҳҷуёнаи низоъҳо, бе истифодаи неру, пешниҳод мекунад. Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ҷангро мамнуъ эълон мекунад; ғайр аз ин вай таҳдиди истифодаи неруро, алайҳи ягонагии арзӣ ё истиқлолияти сиёсии ҳар як давлат манъ мекунад. Давлатҳо вазифадоранд, ки дар ҳар гуна вазъият ихтилофҳоро бо роҳҳои сулҳҷуёна ҳал намоянд. Давлате, ки ба хотири ба ҳадафҳои худ расидан, ба муқобили давлат дигар неру истифода мебарад, ҳуқуқи байналмилалиро вайрон мекунад, ва ҳатто агар ин ба назар дуруст бошад ҳам, амали таҷовузкорона анҷом медиҳад. Вале Оинномаи СММ ҳуқуқи давлатеро, ки барои дифоъи худ неруро ба кор мебарад, маҳдуд намекунад. Аниқтараш, ин дар иртибот бо амалҳои давлатҳои сеюм, ки ба кумаки давлати қурбонии таҷовузи истилогарона гашта омадаанд (ҳуқуқ ба мудофиаи дастаҷамъӣ), одилона аст. Ва ниҳоятан, СММ ба хотири истикрори сулҳ пешбинӣ намудани амалҳои ҳарбӣ ва дигар иқдомҳоро талаб карда метавонад. Ба ҳамин тариқ, ҳуқуқи байналмилалӣ мавҷуда ҷангро манъ мекунад, ба истиснои ҳолатҳое, ки давлатҳо дар асоси ҳуқуқи дифоъи худ аз ҳуҷум ҷанг мекунанд. Он факт, ки бо оғози ҷанг ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ба амал шурӯъ мекунад, ин маънои онро надорад, ки бо ҳамин принсипҳои умумии манъ кардани ҷангро дар ҳамин шакл зери шубҳа мегузорад. Дар Пешгуфтори Протоколи Иловагии I ба Конвенсияҳои Женева робитаи мутақобилаи байни Принсипи манъ кардани ҷанг ва ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ба тариҷи зайл таззаккур гардидааст:

«… дар бобати хоҳиши самимонаи худ, зиндагии тамоми халқҳоро дар фазои сулҳ дидан, изҳор намуда, хотирнишон мекунад, ки ҳар як давлат вазифадор аст, тибқи Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид дар муносибатҳои байналмилалии худ аз таҳдиди зуроварӣ ё истифодаи он худдорӣ намояд...

вале чунин мешуморад, ки он муқаррароте тасдиқ ва инкишоф додан лозим аст, ки ҳимояи қурбониёни низоъҳои мусаллаҳонаро пешбинӣ мекунанд ва онҳоро бояд бо тадбирҳое мукаммал намуд, ки ба таъмини истифодаи самараноктари онҳо равона карда шудаанд, ақидаи худро дар бораи он изҳор мекунад, ки ҳеҷ чиз дар ин Протокол ё дар Конвенсияҳои Женева аз 12 августа соли 1949 наметавонад, ҳар гуна амали таҷовузкорӣ ё амалҳои дигарро бо истифодаи неру, ҳамчун амали қонунӣ ва иҷозатдодашуда тавсиф кунад, зеро ин ба Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид мувофиқ нест...»

Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ аз хусуси он ки оё давлатҳо салоҳият доранд, ки қувваро ба кор баранд, чизе намегуяд. Худи вай ҷангро манъ намекунад, ва бештар аз рӯи ин масъала ба қонуни асосии ҷомеаи байналмилалии давлатҳо Оинномаи Созмони

Милали Муттаҳид истинод мекунад. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ дар сатҳи дигар амал менамояд: ваи ҳамон вақт эътибор паидо мекунад, ки низоъи мусаллаҳона, новобаста аз иллатҳои онро ба вуҷуд оварда, аллакай оғоз шудааст. Ба ибораи дигар гуем, ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ҳамон вақт ба амали худ шурӯъ мекунад, ки ҷанг, новобаста аз он ки дуруст аст ва ё ба он нигоҳ накарда, ки истифодаи неру манъ аст, сар шудааст. Гузаштаи начандон дур ва имрӯз аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳарчанд ҳуқуқи байналмилалӣ истифодаи қувваро манъ мекунад, ҷангҳо дар байни давлатҳо зудзуд ба вуқуъ меоянд. Вазъиятҳо дар ин мавридҳо мухталифанд:

як давлат ба давлати дигар ҳамла карда, бо ҳамин амали манъшудаи таҷовузкориро алайҳи давлати дигар содир мекунад; давлати дигар ҳуқуқи хешро дар бораи мудофиа истифода карда, худро аз таҷовузкор ҳимоя мекунад: вай метавонад ёрии тарафи сеюмро истифода барад (мудофиа дастаҷамъӣ);

СММ дар бораи амали мусаллаҳонаи дастаҷамъӣ вақте қарор қабул мекунад, ки яке аз аъзоёни он бар хилофи уҳдадории худ мувофиқи Оинномаи СММ ба ваирон кардани сулҳ таҳдид ё онро вайрон мекунад, ё амали таҷовузкор содир менамояд. Ва ниҳоятан, вазъияте ба миён меояд, ки аз ҳолати пешина сар задани низоъи мусаллаҳона дар дохили кишвар, бештар аҳамият дорад. Дар ин ҳолат аз бобати ҷанги шаҳрвандӣ ҳарф мезананд. Ҳарчанд, ки онро ҳамчун кори дохилии давлат қаламдод мекунанд ва манъи умумии ҷанг ба он дахл надорад, вале ҷанги шаҳрвандӣ бештар хунин аст. Аз ин хотир, возеху равшан аст, ки ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, низ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини низоми нигоҳдории сулҳ ва амният ба шумор меравад, ки ҳамон тавр дар Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид сабт шудааст ва ҷомеаи байналмилалӣ, наметавонад ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстиро ба эътибор нагирад. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ масъалаҳои қонунӣ ё ғайриқонунӣ будани низоъҳои мусаллаҳонаро барраси намекунад. Jus in bello бо фактҳо, бо факти барҳурди мусаллаҳона, новобаста аз он ки сабаби сар задани иҳтилоф ҷист ва оё онро дуруст шуморидан мумкин аст, сару кор дорад. Дар Пешгуфтори Протоколи Иловагии I ин заминаи пешаки мухтасар ин тавр ифода шудааст:

«...минбаъд тасдик карда мешавад, ки мукаррароти Конвенсияҳои Женева аз 12 августа соли 1949 ва ҳамин Протокол бояд дар ҳамаи ҳолатҳо нисбати тамоми ашхосе, ки дар зери ҳимояи ин ҳуҷҷатҳо карор доранд, бидуни ягон тафовути номатлуб дар асоси хусусиятҳо ё пайдоиши низоъи мусаллаҳона ё бо сабабҳои ба миёнгузоштаи тарафҳои низоъкунанда, ё ки ба онҳо исбат дода шуда, пурра истифода карда шаванд…»

Қонунӣ будани ин ё он ҷанг ҳамеша мавзуи баҳс аст, вале ҷавоб аз он вобаста аст, ки казоват мекунад. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстаро, инчунин бояд аз ҳуқуқи назорат аз болои мусаллаҳшавӣ фарқ кард. Ҳуқуқи байналмилаии инсондӯстӣ аз ҷониби тарафҳои даргир истифодаи намудҳои муайяни силоҳ ва муҳимотро маҳдуд мекунад ва дар баъзе мавридҳо ҳатто истифодаи онҳоро манъ менамояд. Масалан, агар минагузории майдонҳо танзим карда шаванд, вале ба кор бурдани газҳои захролуд катъиян манъ аст, зеро окибати он дар ин ҷо аз назари ахлоқ комилан қобили кабул нест. Ин манъкуниҳо дар асоси андешаҳои башардустона ба миён омадаанд ва аз ҳамин лиҳоз мутлақ мебошанд, яъне тарафҳои даргир дар кадом ҳолатҳое, ки набошад, бояд онҳоро иҷро намоянд. Ҳуқуқи маҳдуд кардани мусаллаҳшави, дар қарордодҳо дар бораи ҳалъи силоҳ, ки кам кардан ва ҳатто нобуд кардани навъҳои муайяни силоҳро пешбини мекунад, амали карда мешаванд. Омили муҳимми ҳар як қарордод дар бораи ҳалъи силоҳ амали дутарафа ба шумор меравад. Дар ин ҳолат аквдаҳои инсондӯстӣ ба мавкеи дуюм мегузаранд, ва ташкили назорат аҳамияти ҳалкунанда пайдо мекунад. Дар байни ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ва ҳуқуқи ҳуқуқҳои инсон тафовут гузоштан душвортар мебошад. Онҳо бо ҳам чунон зиҷ печидаанд, ки барои мо аввал ёфтани ҷиҳатҳои умумии онҳо, баъд нишон додани фарки бартарияти онҳо осонтар аст, назар ба он ки ба ҳар яке аз ин соҳаи ҳуқуқ тавсияи саҳеҳ диҳем. Ҳимояи ҳуқуқи инсон ва риояи ин ҳуқуқҳо аз ҷониби давлатҳо аъзоёни СМИ яке аз вазифаҳои муҳимтарини ин созмон ба шумор меравад. Баёнияи умумии ҳуқуқи башар (аз 10 декабри соли 1948), ду Паймони (пакты) байналмилалӣ аз 16 декабри соли 1966 (доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ), инчунин дигар созишномаҳо доир ба ҷиҳатҳои мухталифи ҳимояи ҳуқуқи

инсон мебошад, ки ҳамаи ин натиҷаи корҳое зиёдест, ки ба устувор намудани вазъияти шахс (фард) дар назди ҳокимияти давлатӣ равона карда шудаанд. Созишномаҳои минтақавӣ доир ба ҳуқуқи инсон, низ ба ҳамин мақсад ҳизмат мекунанд.

Созишномаҳо доир ба ҳуқуқи инсон ва меъёрҳои даҳлдори ҳуқуқи маъмулӣ ҳимояи як қатор ҳуқуқҳои инсонро аз поймолсозӣ аз ҷониби давлат таъмин мекунанд. Ин кафолатҳо ҳамеша ва дар ҳама ҳолатҳо амал мекунанд. Танҳо дар шароити вазъияти фавқулода ва ҳангоми ҳолатҳои қатъиян муайян (ҳолатҳои фавқуллода номида мешаванд), ин созишномаҳо аз баъзе қоидаҳои ҳуд сарфи назар (истисно) мекунанд. Ғайр аз он, шартномаҳои ҳуқуқи инсондӯстӣ гуруҳҳои ашхоси таҳқиршударо аз суиистеъмоли ҳокимият аз ҷониби давлат ҳимоя мекунанд. Вале, нисбат ба созишнома доир ба ҳуқуқи инсон, ки аз меъёрҳои умумии дар ҳамаи ҳолатҳо истифодашаванда иборат аст, қоидаҳои муҳофизаткунанда ва механизмҳои ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ танҳо дар вақти ҷанг, яъне дар мавридҳои фавқуллода истифода мешаванд. Ба ин маъни, қайд кардан мумкин аст, ки ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ҳамон қисмати ҳуқуқи ҳуқуқҳои инсон аст, ки дар давраҳри низоъҳои мусаллаҳона татбиқ карда мешавад. Вале бараъкси созишномаҳо (дар замони осоишта) доир ба ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи инсондӯстӣ дар ҳеҷ ҳолат дар муқаррароти ҳуд ба ҳеҷ гуна истисно роҳ намедиҳад, зеро ин қоидаҳои махсус барои ҳолати ҷанг пешбини шудаанд. Хусусияти дигари ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ он аст, ки муқаррароти он муносибат бо душманро танзим мекунанд: ашхоси аз ҳайати неруҳои мусаллаҳи душман, ҳамчун асирони ҳарбӣ ба ҳимоя ҳуқуқ доранд, ҳуқуқҳои аҳолие, ки дар минтақаи аз ҷониби давлати душман истилошуда сукунат доранд, бо Конвенсия* IV Женева ҳимоя карда шудаанд. Созишнома доир ба ҳуқуқи инсон, баръакс, дар навбати аввал ба муносибати байни ҳукумат ва шаҳрвандони ҳамон як давлат дахл дорад.

Маҳз ба хотири он ки ин созишномаҳо дар дигар ҳолатҳо истифода мешаванд, ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ аз тамоми ҳуқуқҳои асосӣ ва озодиҳое, ки созишномаҳои дар бораи ҳуқуқи инсон, ҳамҷун меъёрҳои ҳимоя дар замони ҷанг кафолат додаанд, истифода накардааст. Масалан, ҳимояи ашхоси аз озодӣ маҳрум, аз азобу шиканҷа ва дигар муносибатҳои кайриинсонӣ дар ҳарду кисматҳои ҳуқуқ пешбинӣ шудааст, зеро ки он ба маънои пуррай ин калима аз ҳуқуқи мутлақ иборат аст. Вале ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ҳимояи озодии суҳан ва озодии аз як макон ба макони дигар рафтанро таъмин карда наметавонад, зеро ин озодиҳо дар шароити ҷанг маънои тамоман дигар доранд. Аз тарафи дигар, дар кдрордодҳо дойр ба ҳуқуқи инсондӯстӣ, чунин баҳшҳое мавҷуданд, ки ба ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи инсон комилан бегона мебошанд, масалан, ба монанди қоидаҳои истифодабарии силоҳ. Фарқи дигараш он аст, ки ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ нисбат ба ҳуқуқи классики дар соҳаи ҳуқуқи инсон 39, қоидаҳои бештаре дорад, ки аз инсон ва ҷамъият фаъолиятро талаб мекунанд. Ин аллакай дар мисоли Конвенсияҳои Женева аз соли 1864 дида мешавад, ки дар пункти якуми моддаи б гуфта шудааст: «Маҷруҳон ва беморони кадом давлате, ки набошад, бардошта бароварда ва ба онҳо ёрӣ расондан лозим аст.» Ҳуқуқи Женеваи муосир ба ҳамин монанд талаботҳои зиёди амалҳои конкретиро дорад (вале гуфтан ҷоиз нест, ки курбонӣ дойр ба бефаъолиятӣ ҳуқуқи даҳлдор дорад, ки ба маҳкама муроҷиат кунад). Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ бештар якҷоя бо қонунгузорӣ дар бораи гурезаҳо номбар карда мешавад, ки қоидаҳои он дар он ҳолатҳое истифода мешаванд, ки инсон бо сабаби тарси табии таъкибшавӣ мамлакати ҳудро тарк карда, кушиш мекунад, дар кишвари дигар ҳимоя пайдо намояд. Гурезаҳо ҳам дар замони осоишта, ҳам дар замони ҷанг вуҷуд доранд. Конвенсияҳои Женева як идда муқаррароте доранд, ки ба мақоми махсуси гурезаҳо дар вақти ҷанг дахл доранд 40, вале айни ҳол ҳимоя аз ҷониби қарордодҳо дар бораи гурезаҳо ба онҳо дода шуда кам намешавад. Ғайр аз ин, гурезаҳо мувофиқи ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, мисли дигар аҳолии осоишта, ба ҳимоя аз оқибатҳои ҷанг ҳуқуқ доранд.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ яке аз ҷузъҳои ҳуқуқи байналмилалии ҳаматарафа ба шумор меравад ва вазифаи он ташаккул ва посдории муносибатҳои сулҳҷуёнаи байни халқҳо мебошад. Вай дар умури сулҳ бо он саҳми муҳим

мегузорад, ки дар замони ҷанг инсондӯстиро талаб менамояд. Вай талош мекунад, ки рафтани инсониятро ба вартаи ваҳшонияти гушношунид пешгирӣ намояд. Ба ин маънӣ, эҳтироми ҳуқуқии байналмилалии инсондӯстӣ барои гузоштани заминае ёрӣ мерасонад, ки баъди анҷоми низоъ дар он сулҳ бунёд кардан мумкин аст. Агар ҳангоми ҷанг байни ҷонибҳои даргир итминон барқарор гардад, он гоҳ барои сулҳи пойдори минбаъда имконияти бештар паидо мешавад. Ҷонибҳои даргир ҳуқуқҳои асосии инсон ва қадру қиммати ӯро эҳтиром карда, ба пуштибонии чунин боварӣ мусоидат мекунанд. Беш аз он, вақте возеҳу равшан аст, ки ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ барои бунёди роҳи сулҳ мадад мерасонад, он гоҳ барои қонунӣ будани он ягон далели дигаре зарур нест.

АДАБИЁТ

1. Жан Жак Руссо. Дар бораи шартномаи чамъияти, китоби 1, боби IV.
2. Анри Дюнан. Ёддоштхо дар бораи Солферино, 1862.
3. Richard Shelly Hartigan. Lieber's Code and the Laws of War. Chicago, 1983.
4. Пикте Жан. Развития и принципы Международного гуманитарного права. М. МККК. 1994. с.14.
5. .Emmanuel Bello. African Customary Humanitarian Law. Geneva, 1980.
6. C Best и J. Pictet (повараки 2), ва инчунин: Pierre Boissier. History of the International Committee of the Red Cross: from Solferino to Tsushima. Geneva, 1985; Andre' Durand. History of the International Committee of the Red Cross: from Solferino to Hiroshima, 1984.

МАФҲУМИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛҲАЛҚИИ ИНСОНДӮСТӢ

Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ яке аз шохаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба шумор меравад. Ин ҳуқуқ муносибатҳои аъзоёни ҷомеаи байналмилалиро, маҳз давлатҳоро танзим мекунад. Ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти миллӣ дошта, иҷрои муқаррароти асосии он аз ҷониби тамоми мамлакатҳо ҳатмист. Мақсади он ҳифзи сулҳ, ҳимояи одамон дар асоси адолат ва дар шароити озод ба пешрафти иҷтимоӣ ҳамкорӣ намудан аст. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, ки ҳуқуқи низоъҳои мусаллаҳона низ номида мешавад ва қаблан бо номи ҳуқуқи ҷанг маъмул буд, яке аз бахшҳои махсуси ҳуқуқ мебошад, ки дар шароитҳои низоъҳои мусаллаҳона, яъне дар вазъияти ҷанг амал мекунад. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ талош мекунад, ки окибатҳои ҷангро сабуктар намояд, аввалан, интихоб воситаҳо ва усулҳои гузаронидани амалиётҳои ҳарбиро маҳдуд созад ва дуюм тарафҳои даргирро вазифадор мекунад, ба ашхосе, ки дар амалиётҳои ҷангӣ иштирок накардаанд ё ки аз ширкат кардан даст кашидаанд, раҳм кунанд.

Калидвожаҳо: ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, ҷанг, ҳуқуқи низоъҳои мусаллаҳона, амалиётҳои ҳарбӣ, адолат.

ПОНЯТИЕ МЕЖДУНАРОДНОГО ГУМАНИТАРНОГО ПРАВА

Международное гуманитарное право является одной из областей международного права. Это право регулирует отношения членов международного сообщества и именно государств. Международное право имеет национальную государственность, выполнение ее основных положений является обязательным во всех странах. Его целью является защита мира, защита людей на основе справедливости и содействие социальному прогрессу в условиях освобождения. Международное гуманитарное право, основное право вооруженных конфликтов именуется окончанием и по праву войны является общим, одним из специальных секторов права, действует в условиях вооруженных конфликтов, т. е. в ситуации войны. Международное гуманитарное право стремится, облегчая военные последствия, во-первых, ограничивая использование средств и методов проведения военных операций, а во-вторых, обязывает стороны конфликта руководствоваться вещами, не принимавшие участия в боевых действиях.

Ключевые слова: международное гуманитарное право, война, право вооруженных конфликтов, военные действия, справедливость.

THE CONCEPT OF INTERNATIONAL HUMANITARIAN LAW

International humanitarian law is one of the areas of international law. This right regulates the relations of the members of the international community and specifically of States. International law has a national statehood, the implementation of its basic provisions is mandatory in all countries. Its purpose is to protect peace, protect people on the basis of justice and promote social progress under conditions of liberation. International humanitarian law, the basic law of armed conflict, is called the end and, under the law of war, is a general, one of the special branches of law that operates in situations of armed conflict, i.e., in a situation of war. International humanitarian law seeks, by alleviating the military consequences, first, by limiting the use of means and methods of conducting military operations, and second, by obliging the parties to the conflict to be guided by things that did not take part in the hostilities.

Keywords: international humanitarian law, war, law of armed conflicts, military actions, justice.

Сведения об авторе: ***Саидов Кудратулло Изатуллоевич*** – магистр второго курса юридического факультета Таджикского национального университета

Information about the author: ***Saidov Kudratullo Izatulloevich*** – second-year master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University

ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ БА ТАҲСИЛ ТИБҚИ САНАДҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Саидов Н. С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ногуфта намонад, ки санадҳои байналмилалӣ оиди ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши босазо дорад. Мо халқи Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда дар сатҳи конститутсионӣ муносибати худро бо низоми ҳуқуқи байналмилалӣ муайян намудаем. Бояд қайд кард, ки заминаи асосӣ дар ҳифзи ҳуқуқ ба таҳсилот ин Конститутсияи Чумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Констутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 бо раъйпурсии умумихалқи қабул шуда, ба он се маротиба тағйироту иловаҳо дароварда шудааст. Пеш аз ҳама инро бояд хотирасон кард, ки моддаи 1-уми Коститутсия давлати Тоҷикистонро ҳамчун давлати иҷтимоӣ эълон намудааст, ки барои ҳар як шахс шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро таъмин мекунад. Ин меъёри мазкур барои ҳуқуқҳои иҷтимоию фарҳангии шахс заминаи мусоид меорад. Чунки яке аз ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон ин ҳуқуқ ба таҳсил мебошад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи инсон ба таҳсилро яке аз ҳуқуқҳои муҳим шуморида, меъёри мустақили худро ба ин масъала бахшидааст, ки яке аз кафолатҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, ин ҳуқуқ ба таҳсил мебошад, ки дар моддаи 41-и Конститутсия дарҷ карда шудааст. Мувофиқи моддаи мазкур “Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад. Шаклҳои дигари таълимро қонун муайян мекунад”. Яке аз сарчашмаҳои асосии ҳуқуқ ба таҳсилот ин санадҳои байналхалқӣ-ҳуқуқӣ дар соҳа мебошад. Ҳуқуқ ба таҳсил дар санадҳои байналмилалӣ ба ҳайси аввалиндараҷа мустаҳкам шудаанд. Ҳуқуқи ҳар шахс ба таҳсил ҳуқуқи муҳимтарини фарҳангӣ мебошад, ки вай бо стандарт ва меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳимоя ва ҳифз карда мешаванд. Дар низоми қонунгузори Тоҷикистон Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Мувофиқи қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Тоҷикистон “санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд”. *Санадҳои байналхалқӣ, аз ҷумла онҳое, ки вобаста ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд, аз тарафи Маҷлиси намояндагон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегарданд ва баъди нашри расмӣ эътибори қонунӣ пайдо мекунанд. Дар ин мавриди Қонуни ҶТ «дар бораи шартномаҳои байналмиллалии ҶТ» муқаррар менамояд, ки шартномаҳои байналмиллалии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи тартиб ва дар мӯҳлатҳое, ки худи шартнома ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, эътибор пайдо мекунанд.* Азбаски ҳуқуқҳои дар санадҳои байналмилалӣ дарҷ ёфта, нисбат ба ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ бартарӣ доранд, ҳуқуқи ҳар шахс ба таҳсилот барои ҳамаи давлатҳои ҷаҳон аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчунин мақсадҳои таҳсили пешқадамро муқаррар мекунанд: рушди мукаммали шахсияти инсон ва эътирофи эҳтиром ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон, додани имконияти иштирокдори манфиатҳои ҷамъият будан, мусоидат намудан ба ҳамдигарфаҳмӣ ва рушди дӯстии байни миллатҳо. Яке аз онҳо шартномаҳои байналмилалӣ аст, ки байни давлатҳо ва субектони дигари ҳуқуқи байналмилалӣ баста

мешаванд. Ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои асосӣ ва табиии инсон баррасӣ гашта аз ҷониби як силсила санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии умумии байналхалқӣ, минтақавӣ ва миллӣ кафолат дода шудааст.Намудҳои дигари санадҳои байналхалқи ба таври гуногун номгузорӣ гаштаанд. Паймон, конвенсия, хартия, оиннома, протокол ва ғайра аз ҷумлаи санадҳои дигари байналхалқӣ ба шумор мераванд.Дар ҳуқуқи байналхалқӣ қоидаи аниқе,ки онро ба роҳбарӣ гирифта санадӣ байналхалқиро номгузорт намоянд,вуҷуд надорад. Вале дар ҳар суратто ба андозае миёни онҳо тафовут ба миён омадааст. Санадҳои муҳимтарини ҳуқуқии байналмилалие, ки ҳуқуқи умумии таҳсилро тасдиқ мекунанд, инҳоянд: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки онро Ассамблеяи Генералии СММ 10 декабри соли 1948 тасдиқ кардааст (моддаи 26); Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки 16 декабри соли 1966 аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ қабул шудааст (моддаи 13); Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, ки 20 ноябри соли 1989 аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ тасдиқ шудааст (моддаҳои 28, 29); Конвенсия дар бораи табъиз дар соҳаи маориф, 14 декабри соли 1960,Конвенсияи байналхалқӣ дар бораи рафъи ҳамаи шаклҳои табъиз нисбати занон, Ковенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва дигарон, баромад менамоянд. Дар баробари дигар санадҳои байналмилалӣ ин санадҳои муҳими таърихӣ тараннумкунандаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил низ мебошад. Имрӯз, сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии танзимкунандаи равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаҳои алоҳидаи таҳсилот ба стандартҳои байналмилалӣ табдил ёфтаанд, ки барои шохаи қонунгузории давлат, ки дар равандҳои ҳамгироӣ ҳангоми қабули санадҳои қонунгузории дохилӣ иштирок мекунанд, ҳатмӣ мебошанд.

Ногуфта намонад, ки нақши аввалинро оиди ҳуқуқ ба таҳсил ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд байни санадҳои байналмилалӣ ин Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон мебозад. Санаи 10 декабри соли 1948 Созмони Милали Муттаҳид санадеро ба тасвиб расонд, ки шараф ва ҳуқуқу озодиҳои бунёдии ҳамаи одамони рӯи ҷаҳонро қонунӣ гардонд. Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид ин Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро ҳамчун вазифаи тамоми халқҳо ва тамоми давлатҳо эълон медорад, то ҳар фард ва ҳар мақоми давлатӣ онро доиман дар мадди назар дошта бошад ва ҷидду ҷаҳд намояд, ки тавассути омӯзишу таълим ва бо тадбирҳои пешрафтаи миллию байналмилалӣ эътирофу иҷрои умумию самарабахши онҳоро чи дар миёни халқҳои давлатҳои узви Созмон ва чи дар миёни халқҳои қаламрави таҳти тобеияти ҳуқуқии онҳо қарордошта ба эҳтироми ин ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини онҳо мусоидат намояд. Яке аз ҳуқуқҳои инсон, ки асос ва воситаи амалигардии тамоми ҳуқуқҳои дигари инсон ба ҳисоб меравад, ин ҳуқуқи инсон ба таҳсил мебошад, ки Эъломияи ҳуқуқи башар низ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар худ онро мустаҳкам намуда амали гардии онро низ кафолат додааст. Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон уҳдадорӣ, дастрасӣ ва ройгони таҳсилоти ибтидоиро таъмин намуда, ҳадафи таълимро дар миқёси ҷаҳонӣ муайян кардааст: “Таҳсилот бояд ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти инсон ва баланд бардоштани эҳтиром ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон равона карда шавад. Таҳсилот бояд фаҳмиш, таҳаммулпазирӣ ва дӯстии байни халқҳо, гурӯҳҳои нажодӣ ва мазҳабиро тақвият бахшад”. Аммо, Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон, ҳамчун санади дорои аҳамияти олии гуманистии ахлоқӣ, танҳо афзалиятҳои асосӣ, принсипҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳоро дар соҳаи ҳуқуқи инсон муттаҳид намуд, ки ҳамаи давлатҳои иштирокчии Эъломия бояд саъй кунанд. Принсипи декларативӣ (яъне эълон)-и ҳуқуқ ба таҳсилот барои давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид, ки Конвенсияи зидди табъиз дар соҳаи маориф ва Паймони байналмилалиро оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба тасвиб расонидаанд, ҳатмӣ карда шудааст. Санади муҳими дигари байналмилалӣ дар ҳифзи ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсилот ин Паймони байналхалкӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки Ассамблеяи Генералӣ 16 декабри соли 1966 қабул шудааст ва ҷиҳати имзо, тасвиб ва ҳамроҳшавӣ боз аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин паймон 13.11.1998 ҳамроҳ шуд ва он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 04.04.1999 эътибори қонунӣ пайдо кард. Дар ҷаҳони муосир ҳуқуқ ба таҳсилот ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои бунёдии фундаменталии инсон ҳисобида

мешавад ки тибқи санадҳои байналмилалӣ ҳифз мешаванд. Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ инчунин ҳуқуқи ҳар касро ба таҳсилот тасдиқ мекунад: барои ҳамаи таҳсилоти ибтидоӣ ҳатмӣ ва ройгон; ошкорбаёнӣ ва дастрасии таҳсилоти миёна дар шаклҳои гуногуни он (аз ҷумла таҳсилоти касбӣ), таҳсилоти олӣ (дар асоси қобилияти ҳар як шахс) бо тадриҷан ворид намудани он дар асоси ройгон. Аҳднома ҳадафҳои таҳсилотро, ки "бояд ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва шуури шаъну эътибори он равона карда шавад ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро тақвият диҳад, "... таҳсилот бояд ба ҳама имконият диҳад, ки иштирокчиёни муфиди ҷомеаи озод бошанд ..." ва инчунин ба ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ ва дӯстии байни миллатҳо ва динҳо мусоидат мекунад, ба СММ дар ҳифзи сулҳ кумак мекунад. Тибқи моддаи 14 паймони мазкур "Ҳар як давлати ширкаткунандаи ҳамин Паймон, ки ҳангоми ба ҳисоби ширкаткунандагон шомил шудани худ дар қаламрави метрополияи худ ё дигар қаламравҳое, ки таҳти тобеияти ҳуқуқии он қарор дорад, таҳсили ибтидоии ҳатмии бепулро муқаррар карда натавонистааст, уҳдадор мешавад, ки дар давоми ду сол нақшаи муфассали чорабиниҳоро барои дар муддати қобили қабул, ки бояд дар ин нақша зикр карда шавад, тадриҷан амалӣ намудани принсипи таҳсили ҳатмии ҳамагонии бепулро таҳия ва қабул намояд". Моҳияти асосии ҳуқуқ ба таҳсилот такмил додани дастрасӣ ба таълим барои ҳама дар асоси принсипи баробарӣ ва бидуни табъиз, озодии интихоби шакл ва мундариҷаи таълим мебошад.Ин ҳуҷҷатти байналмилалӣ аз 31 модда иборат буда ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар арсаи байналмилалӣ ҳифз мекунад. Тибқи моддаи 13 Паймони байналхалкӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон ҳуқуқи ҳар як инсонро ба таҳсил эътироф мекунанд. Онҳо, ҳамчунин мувофиқ ҳастанд, ки таҳсил бояд ба ҳама имконият диҳад, ки ширкаткунандагони муфиди ҷомеаи озод бошанд, ба ҳусни тафоҳум, муросо ва дӯсти миёни ҳамаи миллатҳо ва ҳамаи гурӯҳҳои нажодӣ, этникӣ ва динӣ мусоидат намояд ва ба кори Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи сулҳ кумак расонад. Паймони мазкур ҳамчун санадаи байналмилалӣ сар то по ифодагари ҳимояи манфиатҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Шарҳи умумии 13-и Кумитаи Паймони Байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ чор ҷузъи ба ҳам алоқамандро ба таҳсилот шарҳ медиҳад: дастрасӣ ба маълумот, дастрасӣ ба таълим, бидуни табъиз, дастрасии ҷисмонӣ, қобили қабул ва мутобиқшавӣ. Конвесия дар бораи ҳуқуқи кӯдак воситаи асосиии байналмилалие ба шумор меравад, ки дар он тамоми ҳуқуқи кӯдакон аз ҷумла ҳуқуқ ба таҳсили онҳо дарҷ гардидааст. Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак дастрасии умумии таҳсилот, таҳсилоти ройгон ва ҳатмии ибтидоӣ, ҳуқуқи кӯдакро ба дастрасии иттилоот ва мавод дар соҳаи таҳсил, ки ба зиммаи давлатҳои аъзо вазифадор менамояд. Конвенсияи мазкур аз ҷониби Асамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар таърихи 20 ноябрисоли 1989 қабул гардидааст ва он қариб дар тамоми давлатҳои дунё ба тасвиб расидааст ва ин гувоҳӣ медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои кӯдакон оид бв иаҳсилот аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдакро соли 1993 ба тасвиб расонда 26.06.93 ҳамроҳ шуд ва он дар ҷумҳурӣ аз 25.11.93 эътибори қонунӣ пайдо кард, ки уҳдадориҳоро барои амалӣ намудани принсипҳои дар Конвенсия қайдшуда ба зимма гирифт. Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак яке аз аввалин конвенсияҳое мебошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба тасвиб расонид ва уҳдадориҳои ҳақиқии худро барои насли ҷавон ҳамчун ояндаи дурахшони кишвар нишон дод. Бештар аз 30 дар сади аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро кӯдакон ташкил медиҳанд ва онҳо барои ҷумҳурӣ захираҳои хеле муҳим ба ҳисоб мераванд, бинобарин давлат барои муҳаё намудани шароитҳои беҳтарин барои таҳсили кудакон кӯдакон саъю талошҳои зиёдеро ба харҷ медиҳад. Аз ҷумла, дар моддаи 28- консвенсияи мазкур қайд омадааст, ки "Давлатҳои аъзо ба таҳсил ҳуқуқ доштани кӯдакро эътироф мекунанд ва бо мақсади тадриҷан дар асоси имкониятҳои баробар ноил шудан ба иҷрои ин ҳуқуқ онҳо, аз ҷумла:

- ✓ таҳсили бепул ва ҳатмии ибтидоиро ҷорӣ менамоянд;

- ✓ рушди шаклҳои гуногуни маълумоти миёна, чи маълумоти умумӣ ва чи маълумоти касбиро ташвиқ намуда, онро барои ҳама кӯдакон дастрас мегардонанд ва тадбирҳои заруриро аз қабили ҷорӣ намудани таҳсили бепул ва дар мавриди зарурат расонидани кӯмаки молиявӣ меандешанд;
- ✓ дастрасии маълумоти олиро барои ҳама дар асоси қобилияти ҳар кас ва бо ёрии ҳама гуна воситаҳои зарурӣ таъмин менамоянд;
- ✓ ба ҳар кӯдак дастрас будани иттилоот ва маводи соҳаи маориф ва тарбияи касбиро таъмин менамоянд;"

Ин аз он аҳамияти муҳими ҷамъиятию байналмилалӣ доштани ҳуқуқи инсон ба таҳсил шаҳодат медиҳад. Албатта ҳуқуқ ба таҳсил ин яке аз ҳуқуқҳои иҷтимоӣ буда, барои рушди ҳам шахс ва ҷомеа замина муҳайё месозад. Ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун як намуди ҳуқуқҳои конститутсионии инсон барои инкишофи шахсият, истеъдод, қобилияти фикрию ҷисмонӣ ва дар маҷмӯъ барои инкишофи минбаъдаи рӯҳии ӯ таъсири мусбат мерасонад. Инсон ҳуқуқ ва озодиҳои зиёде дорад ва дар байни онҳо, ҳуқуқ ба таҳсил мавқеи хеле муҳимро ишғол мекунад, ки ба туфайли он инсон тавоноии зеҳнӣ ба даст меорад. Ҳуқуқи конститутсионии инсон ба таҳсил пояҳои асосии низоми демократӣ мебошад. Ҳуқуқ ба таҳсил – ин ҳуқуқи шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ гирифтани таълим ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ мебошад. Ҳуқуқи шахс ба таҳсилро метавонем ҳамчун ҳуқуқи таъминкунандаи имкониятҳо барои амалигардии ҳуқуқҳои дигари инсон, таъмини фаъолият ва ҳаракати инсон дар робита бо давлат ва ҷомеа тавсиф намоем. Таҳсилот раванди мақсадноки таълим ва тарбияро фаро мегирад.

АДАБИЁТ

1. А.Имомов.Ҳуқуқ конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Ктоби дарсӣ.Нашри сеюм. Бо тағйироту иловаҳо. -Душане: "Эр-граф", 2012. -496с.
2. Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации: Учебник для вузов. -4-е изд. -М.: Норма, 2004. -С 291.
3. Барамыков Р.Р., Барамыкова С.Р. «Дар бораи ҳуқуқи инсон дар Эъломия Ҳуқуқи Маъюбон». –Душанбе, 2004. -72 с.
4. В.В.Спасская образовательные правоотношения:вопросы теории. –М., 2005.
5. Диноршоев А.М., Сафаров Д.С. Ҳуқуи инсон. –Душанбе, 2010. -296 с.
6. Имомов А. Ҳуқуқи конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри сеюм. Бо тағйироту иловаҳо. -Душанбе: "ЭЭ-граф", 2012. -496 с.
7. Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, ки 20 ноябри соли 1989.
8. Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар навъи ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ ва пастзанандаи шаъну эътибор аз с.1984.
9. Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон.
10. Конститутсияи Ҷумҳуроиии Тоҷикистон аз соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 22 майи соли 2016.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "дар бораи маориф" аз соли 2004 бо тағйиру иловаҳо аз соли 2009.
12. Лукашева Е.А. - Право человека.: Издателъство НОРМА. –М., 2001. -560 с.
13. Ҳуқуқи инсон. Маҷмӯи санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ дар 8 ҷилд.Ҷилди 1//Дар зери таҳрири Бобоев У.Х.,Диноршоев А.М. –Душанбе, 2011.
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷиистон, шаҳри Душанбе, аз 22-юми декабри соли 2020.
15. Паймони байналхалқи "оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ,иҷтимоӣ ва фарҳангӣ". Асамблеяи Генералии СММ.16.12.1966.
16. Сведение в теорию образовательного права. -М., 2002. - 340 с.
17. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон,ба муносибати ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45 дар шаҳри Кӯлоб. 11 сентябри соли 2019.
18. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2009. -С.226-30.
19. Таҳқиқи асрори таҳсилот ва таълим. Файзулло Шарифзода. –Душанбе: Ирфон, 2020. -484 с.
20. Ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ барои синфи 11. – Душанбе: "ТоРус", 2011 – 320 с.
21. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Асамблеяи Генералии СММ 10.12.1948.

ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ БА ТАҲСИЛ ТИБҚИ САНАДҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масоили мубрами ҳуқуқ ба таҳсил баррасӣ шуда, дар он ҷанбаъҳои гуногуни ҳуқуқҳои фарҳангиву иҷтимоӣ барраси гардидааст. Муаллиф маҳакҳои гуногуни ҳуқуқ ба таҳсилро ба назар гирифта, онро таҳлил ва баррасӣ намудааст. Доир ба масъалаи мазкур чорабиниҳо, конфренсияҳои миллию байналмилалӣ гузаронида шуда, дар сатҳи танзимнамоии онҳо якқатор қонунҳо, қарорҳо ва конвенсияҳо ба тасвиб расонида шудаанд.

Калидвожаҳо: конститутсия, санади меъёри ҳуқуқӣ, санандҳои байналхалқӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳуқуқҳои фарҳангӣ, сиёсати давлатӣ, таҳсил, муассисаҳои таҳсилотӣ.

ЗАЩИТА ПРАВО НА ОБРАЗОВАНИЕ В СООТВЕТСВИИ С МЕЖДУНАРОДНЫМИ АКТАМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье обсуждаются актуальные вопросы право на образование и рассматриваются различные аспекты культурных и социальных прав. Автор принимает во внимание и анализирует различные критерии право на образование. По данному вопросу проведены национальные и международные мероприятия и конфренции, а на регульятивном уровне ратифицированы ряд законов, постановлений и конвенций.

Ключевые слова: Конститутция, нормативное-правовые документы, конституционное право, право на образование, право человека и гражданина, права и свободы человека, культурные права, государственная политика, учеба,образование, образовательные учреждения.

PROTECTION OF THE RIGHT TO EDUCATION IN ACCORDANCE WITH INTERNATIONAL ACTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article discusses relevant issues on the right to education and reviews various aspects of cultural and social rights. The author has taken into account various criteria of the right to education and explores them. A range of national and international events and conferences have been held on this issue, and a number of laws, resolutions and conventions have been ratified at the regulatory level.

Keywords: Constitution, regulatory legal instruments, constitutional law, right to education, human and civil right, human right and freedoms, cultural right, public policy, learning, education, education institution.

Сведения об авторе: ***Саидов Наджмиддин С.*** **–** Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета

Information about the author: ***Saidov Najmiddin S.*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law

СУБЪЕКТ ВА ТАРАФИ СУБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТҲО ВОБАСТА БА ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТ ДАР РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

Сайдамиров Ҷ. Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Субъекти ҷиноят ҳамчун унсури элементи таркиби умумии ҷиноят дорои аломатҳои ҳатмӣ ва факултативӣ (иловагӣ) мебошад. Ба қатори аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят қонунгузор аломатҳои умумии шахси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашавандаро дохил менамояд. Вобаста ба қонун (м. 22 КҶ) «танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи ҳамин кодекс расидааст». Аломати аввали субъекти ҷиноят аз он иборат аст, ки субъекти ҷиноят танҳо шахси воқеӣ, яъне шаҳрванди ҶТ, шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ шуда метавонад (м. 14, 15 КҶ). Зери мафҳуми шахси воқеӣ қонунгузор шахси (одами) алоҳидаро дар назар дорад. Ин онро ифода мекунад, ки шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳо, корхонаҳо, муассисаҳо) ё гурӯҳҳои одамон ба сифати субъекти ҷиноят баромад карда натавонанд. Аммо байни олимон оиди қобилияти бурдани ҷавобгарии ҷиноятиро доштани шахсони ҳуқуқӣ низ ақидаҳое ҷой дорад, чунки корхонаву муассисаҳои алоҳида дар ҷараёни баамал баровардани фаъолияти худ метавонад ба манфиатҳои давлатӣ зарар расонанд. Аксарияти давлатҳои хориҷа ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқиро эътироф намекунанд. Баъзе олимон (Р.П. Хачатуров, Р.Г. Ягуптян) чунин меҳисобанд, ки қонуни ҷиноятӣ мавҷудияти субъекти дастаҷамъиро, тавассути институти шарикӣ, мафҳуми «банда» ва «гурӯҳи ашхос» эътироф менамояд. Чунин ақида моҳиятан нодуруст аст, чунки ҷавобгарии ҷиноятиро на банда ё гурӯҳи ашхос, балки ҳар як шахс дар алоҳидагӣ мебарад. Бинобар ин, ҷудо намудани

субъекти дастаҷамъӣ чандон маънӣ надорад [1]. Аломати дуюми ҳатмии субъекти ҷиноят мукаллафӣ ҳисоб мешавад, чунки субъекти ҷиноят мумкин аст танҳо шахсе шавад, ки қобилияти гунаҳгорона амал намуданро дошта бошад, яъне дорои сифатҳои зеҳниву иродавӣ бошад, ки ба ӯ имкон диҳанд, хусусиятҳои воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнок будани кирдори худро дарк намуда ва онҳоро идора карда тавонад. Қонунгузории ҷиноятии муосир шахсони номукаллафро ба сифати субъекти ҷиноят эътироф наменамояд, чунки чунин шахсон ҳангоми содирнамоии кирдори барои ҷамъият хавфнок қобилияти бошуурона ва иродавӣ амал карданро надоранд. Аломати сеюми субъекти ҷиноят ин синну сол ба ҳисоб меравад, ки ба он қонуни ҷиноятӣ фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятиро алоқаманд месозад. Қонунгузор синну соли шахси кирдори барои ҷамъият хавфнок содирнамударо ба назар мегирад, чунки қобилияти дарк намудани аҳамияти иҷтимоии кирдорҳои худ, на яку якбора, балки бо расидан ба синну соли муайян ба вуҷуд меояд. Ба ақидаи мутахассисон наврасон дар синни 16-солагӣ ба чунин дараҷаи сабзиши иҷтимоӣ мерасанад, ки пурра ҳуқуқвайронкуниҳои дигарро аз ҷиноят фарқ мекунанд.

Барои як қатор ҷиноятҳо қобилияти бурдани ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни 14-солагӣ муқаррар шудааст. Қонунгузор пешниҳоди равоншиносиро ба инобат гирифта, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ду ҳадди синну соли ҷавобгарро муқаррар намудааст: 16 ва 14 солагӣ. Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ноболиғонро дар синну соли хурдтар низ пешбинӣ менамоянд, аз ҷумла, дар Франсия-аз 13-солагӣ, дар Англия аз 10-солагӣ, дар Ҳиндустон барои якқатор ҷиноятҳо аз 7-солагӣ. Якҷоя бо аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят, ки дар Қисми умумии кодекси Ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, қонунгузор дар як қатор меъёрҳои Қисми Махсус аломатҳои иловагии субъекти ҷиноятро низ нишон медиҳад, ки хусусиятҳои ҷиноятҳои мансабӣ, ҳарбӣ ва дигар ҷиноятҳоро тавсиф медиҳанд, ки ҷавобгарӣ барои онҳо танҳо ҳангоми ҷой доштани аломатҳои махсус, ки барои таркиби умумӣ аломати иловагӣ ҳисоб мешавад, ба вуҷуд меояд[2]. Ҳамин тавр, зери мафҳуми субъекти ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятӣ шахси ҷиноят содирнамудае фаҳмида мешавад, ки шахси воқеии мукаллаф буда, ба синну соли ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан расидааст, дар ҳолатҳои алоҳида бошад, дорои аломатҳои иловагӣ мебошад, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан заруранд.

2. Синну соле, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад Аз рӯи қоидаи умумӣ (қ. 1 м. 23 КҶ) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст. Дар (қ. 2 м. 23 КҶ) номгӯи ҷиноятҳое пешбинӣ шудаанд, ки ҷавобгарӣ барои онҳо аз синни 14-солагӣ ба вуҷуд меояд. Қонунгузор ба номгӯи мазкур ҷиноятҳоеро дохил намудааст, ки дарки барои ҷамъият хавфноки онҳо аз ҷониби шахсони ба синни 14-солагӣ расида имконпазир аст:

1) ҷиноятҳо ба муқобили шахсият, аз ҷумла одамкушӣ (м. 104 КҶ), қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (м. 110 КҶ), қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (м. 111 КҶ), таҷовуз ба номус (м. 138 КҶ), кирдорҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (м. 139).

2) ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ: терроризм (м. 179 КҶ); ғасби гаравгон (м. 181 КҶ); тасарруфи яроқ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш (м. 199 КҶ); муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (м. 200 КҶ); муносибатҳои ғайриқонунӣ бо воситаҳои моддаҳои нашъадор ё психотропӣ (м. 201 КҶ); тасарруфи воситаҳои моддаҳои нашъадор ё психотропӣ (м. 202 КҶ); парвариши ғайриқонунии зироатҳои дорои моддаҳои нашъаовари кишташон манъшуда (м. 204 КҶ); муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (м. 206 КҶ); корношоям сохтани воситаҳои нақлиётӣ ё роҳҳо (м. 214 КҶ).

3) ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ: авбошӣ дар ҳолатҳои вазнинкунанда (қ. 2, 3 м. 237 КҶ).

4) ҷиноятҳо ба муқобили моликият: дуздӣ (м. 244 КҶ); ғоратгарӣ (м. 248 КҶ); роҳзанӣ (м249 КҶ); тамаъҷӯӣ (м. 250 КҶ) ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (м. 252 КҶ); қасдан несту нобуд ё вайрон кардани амвол дар ҳолатҳои вазнинкунанда (қ. 2 м. 255 КҶ).

Дар байни баъзе ҳуқуқшиносон ақидае ҷой дорад, ки гӯё қонунгузор ҷавобгариро аз синни 14 солагӣ барои ҷиноятҳои нисбатан хавфнок муқаррар карда бошад. Аммо агар ба номгӯи ҷиноятҳое, ки барои онҳо ҷавобгарӣ аз синни 14 солагӣ фаро мерасад, назар афканем, маълум мешавад, ки ин номгӯи категорияҳои гуногуни ҷиноятҳоро, аз ҷумла, категорияи ҷиноятҳои начандон вазнинро низ дар бар мегирад (м. 201, 204, 214, 244). Ҳангоми муайян намудани синну соли пасттари ҷавобгарии ҷиноятӣ (14 - солагӣ) критерияии хавфнокии ҷамъиятӣ нақши асосиро ишғол намекунад. Қонунгузор ба ин номгӯй (қ. 2 м. 23 КҶ) ҷиноятҳои нисбатан бештар паҳншудаеро дохил намудааст, ки ба ҷамъият хавфнокии онҳо ҳатто барои шахсони хурдсол низ аён аст, яъне афзалият ба дарки ба ҷамъият хавфнокии кирдор дода мешавад [3]. Ҳангоми ҷой доштани субъекти махсус синну соли ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан бо ба балоғат расидани шахс мувофиқат менамояд. Шахсони ба синни 18 – солагӣ нарасида наметавонанд субъекти ҷиноятҳои ҳарбӣ, мансабӣ ва ҷиноятҳои дигар бошанд, зеро имконияти содирнамоии ин ҷиноятҳо бо синну сол, қобилияти амалкунии умумӣ ё касбӣ вобаста аст. Мувофиқи қ. 4 м. 23 КҶ «агар ноболиғ дар вақти содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок ба синну соли дар қисми якум ё дуюми ҳамин модда пешбинишуда расида бошад, аммо дар натиҷаи ақиб мондан дар инкишофи рӯҳӣ, ки бо парешонҳолии рӯҳӣ алоқаманд намебошад, наметавонист ба таври пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд, ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад». Қонунгузор ҷавобгарии ҷиноятии ин гуна шахсонро вобаста ба он истисно менамояд, ки синну соли дар ҳуҷҷат дарҷшудаи ноболиғ ба инкишофи воқеии ӯ бо сабаби ақиб мондан дар инкишофи рӯҳӣ мувофиқат намекунад. Як қатор муаллифон чунин меҳисобанд, ки ақиб мондан дар инкишофи рӯҳӣ ин номукаллафии синнусолӣ мебошад. Чунин ақида чандон дуруст нест, зеро дар ҳолатҳои мазкур критерияҳои тиббӣ ва ҳуқуқии номукаллафӣ ҷой надорад. Муаллифони дигар беасос ақиб мондани ноболиғро дар инкишофи рӯҳӣ бо мукаллафии маҳдуд шабоҳат медиҳанд[4].

3. Мукаллафӣ ва номукаллафӣ. Мукаллафӣ – аломати ҳатмии субъекти ҷиноят мебошад, аммо дар Кодекси ҷиноятӣ мафҳуми мукаллафӣ дода нашудааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ мукаллафӣ бештар ҳамчун ҳолати мӯътадили рӯҳии шахс фаҳмида мешавад, ки он ба субъекти ҷиноят имкон медиҳад хусусиятҳои воқеъӣ ва ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро дарк ва онро идора намояд. Ҳангоми чунин фаҳмиши мукаллафӣ норасоие ба чашм мерасад, зеро мукаллафӣ ин на критерияи тиббӣ, балки ҳуқуқӣ мебошад. Он асоси биологӣ (дараҷаи муайяни солимии рӯҳӣ) дорад, аммо ҳамчун аломати субъекти ҷиноят бо солимии рӯҳӣ шабеҳ нест, чунки он қобилияти субъекти ҷиноятро оиди содир намудани кирдори бошуурона ва идорашаванда ифода мекунад. Мукаллафии ҳуқуқӣ -ҷиноятӣ - ин қобилияти дар вақти содирнамудани ҷиноят бошуурона ва боирода амал намудани субъект мебошад, яъне қобилияти дарк намудани хусусиятҳои воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии кирдори худ ва идора карда натавонистани он. Мукаллафӣ мумкин аст тавассути ду критерия (меъёр) тавсиф шавад: ҳуқуқӣ ва тиббӣ. Критерияи ҳуқуқии мукаллафӣ дар худ ду аломатро таҷассум менамояд: зеҳнӣ ва иродавӣ. Аломати зеҳнӣ қобилияти кирдори худро дарк карда тавонистани субъекти ҷиноятро тавсиф медиҳад. Аломати иродавӣ қобилияти идора карда тавонистани кирдори худро мефаҳмонад. Критерияи тиббии мукаллафӣ нишондиҳандаи чунин дараҷаи солимии рӯҳӣ мебошад, ки ба субъект имкон медиҳад дар вақти содир намудани ҷиноят бошуурона ва боирода амал намояд. Вобаста ба дараҷаи дарк намудану идора намудан мукаллафӣ мумкин аст пурра ё маҳдуд бошад.

2. Таърифи мукаллафии маҳдуд моҳиятан дар м. 25 КҶ ҶТ оиди ҷавобгарии ҷиноятии ашхоси дорои парешонҳолии дардмандонаи рӯҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад дода шудааст: «Шахси мукаллафе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят бар асари парешонҳолии рӯҳӣ наметавонист пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад».

Таърифи қонунгузории мукаллафии маҳдуд дорои ду критерия мебошад: ҳуқуқӣ ва тиббӣ. Критерияи ҳуқуқӣ дараҷаи парешонҳолии шуур ва иродаи субъектро дар вақти содирнамоии ҷиноят тавсиф менамояд. Аломати зеҳнӣ дар қонун ҳамчун надоштани

қобилияти «пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии)» худро дарк карда тавонистан»; аломати иродавӣ ҳамчун надоштани қобилияти «пурра идора намудани он», яъне кирдори худ ифода гардидааст. Критерияи тиббии мукаллафии маҳдуд бо ибораи «парешонҳолии дардмандонаи рӯҳӣ» дарҷ гаштааст. Ба парешонҳолие, ки мукаллафиро истисно намекунад, мутахассисон парешонҳолии рӯҳиву асаб; пеш аз ҳама шаклҳои гуногуни ҷунунӣ (девонагӣ), ҳолатҳои ба девонагӣ монанд ва дараҷаҳои нисбатан пасти камақлӣ инчунин дигар ҳолатҳои нодурустии инкишофи рӯҳиро дохил менамоянд. Рӯҳшиносони судӣ (С.Д. Семенов, И.Е. Авербух ва дигарон) одатан мукаллафии маҳдудро бо гунаҳгории маҳдуд ва ҷавобгарии маҳдуд шабоҳат медиҳанд[5]. Қонунгузор баръакси ин нуқтаи назар ба суд имкон медиҳад бо назардиди худ масъаларо оиди ба ҳисоб гирифтани норасоии инкишофи рӯҳӣ ҳангоми таъйини ҷазо ва чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ҳал намояд. (қ. 2. м. 25 КҶ). Ин онро ифода мекунад, ки суд нисбати шахсони мукаллафи маҳдуд уҳдадор нест ҷазои сабуктар таъйин намояд, аммо дар ҳама ҳолат мукаллафии маҳдуд ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ баррасӣ намешавад. Институти мукаллафии маҳдуд дар ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти сегона дорад:

1) шахсе, ки дар ҳолати парешонҳолии дардмандонаи рӯҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, ҷиноят содир намудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад;

2) дар субъекти ҷиноят мавҷуд будани парешониҳолии дардмандонаи рӯҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, дар доираи мукаллафи аз ҷониби суд ҳангоми таъйини ҷазо ба инобат гирифта мешавад;

3) парешонҳолии дардмандонаи рӯҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, мумкин аст, ҳамчун асос барои таъйин намудани чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ баромад намояд.

Ҳангоми ин суд ҷазоро бо табобати маҷбурӣ чӣ тавре баъзе ҳуқуқшиносон саҳван чунин мешуморанд, иваз наменамояд, балки ҷазоро якҷоя бо чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъйин мекунад. Бо проблемаи мукаллафӣ масъала оиди ҷавобгарии ҷиноятии ашхосе, ки дар ҳолати мастӣ ҷиноят содир намудаанд, алоқаманд мебошад, чунки мастӣ мумкин аст оддӣ ва патологӣ бошад. Вобаста ба м.26 КҶ ҶТ «шахсе, ки дар ҳолати мастӣ дар асари истеъмоли машруботи алкоголӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда ҷиноят содир кардааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда намешавад». Зери мафҳуми ҳолати мастӣ дар меъёри мазкур қонунгузор мастии одӣ, физиологиро дар назар дорад, ки он мукаллафии субъекти ҷиноятро истисно намекунад, чунки ҳангоми дараҷаи дилхоҳӣ мастии оддӣ қобилияти ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро дарк карда тавонистан ва идора намудани он дар вақти содирнамоии ҷиноят нигоҳ дошта мешавад. Масти патологӣ дар фарқият аз мастии физиологӣ парешонҳолии муваққатии рӯҳиро ифода мекунад, ки ҳангоми он шахс пурра имконияти дарк ё идора кардани кирдори худро аз даст медиҳад. Шахсе, ки кирдори ба ҷамъият хавфнокро дар чунин ҳолат содир намудааст номукаллаф эътироф гашта ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Номукаллафӣ. Дар м. 24 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки «шахсе, ки ҳангоми содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар ҳолати номукаллафӣ буда, яъне бар асари бемории рӯҳии доимӣ, парешонии муваққатии рӯҳӣ, зафъи ақл ва ё ҳолати дигари бемории рӯҳӣ хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонист ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад». (қ. 1 м. 24 КҶ). Таърифи номукаллафӣ (м. 24 КҶ) дорои ду критерия аст: ҳуқуқӣ ва тиббӣ. Критерияи ҳуқуқӣ (рӯҳӣ) дараҷаи парешонҳолии шуур ва иродаи шахсро дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок тавсиф медиҳад. Критерияи ҳуқуқӣ ду лаҳзаро инъикос менамояд: аломати зеҳнии номукаллафӣ ва аломати иродавӣ. Аломати зеҳнии (ақлӣ) номукаллафиро қонунгузор ҳамчун қобилияти дарк карда натавонистани хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худ муайян менамояд. Критерияи иродавии номукаллафиро қонунгузор ҳамчун надоштани қобилияти «идора карда тавонистани ҳаракат ё беҳаракатии худ» муайян намудааст. Қонунгузор ба критерияи тиббии (рӯҳии) номукаллафӣ чор шакли парешонҳолии дардмандонаи фаъолияти рӯҳиро бемории рӯҳии доимӣ; парешонҳолии муваққатии рӯҳӣ; заъфи ақл; инчунин ҳолати дигари

бемории рӯҳӣ дохил намудааст: Шахси номукаллаф субъекти ҷиноят ба шумор намеравад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Вобаста ба қонун (қ. 2 м. 24 КҶ) бо чунин шахс мумкин аст бо назардошти хавфнокии ҷамъиятии кирдори содирнамудааш ва дараҷаи хавфнокии иҷтимоиаш чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъйин гардад [6].

4. Субъекти махсуси ҷиноят Дар назарияи ҳуқуки ҷиноятӣ дар қатори субъекти умумӣ субъекти махсуси ҷиноятиро низ фарқ менамоянд. Аломатҳои субъекти умумии ҷиноят (шахси воқеӣ, мукаллафӣ, ба синну соли муайян расидан) аз тарафи қонунгузор дар Қисми умумии КҶ дарҷ гаштааст. Аломатҳои субъектони махсус бошад; дар диспозитсияи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии Қисми махсуси КҶ ё дар эзоҳи онҳо муқаррар шудааст. Субъекти махсуси ҷиноят –ин шахсе ҳисоб мешавад, ки дар қатори аломатҳои умумии субъекти ҷиноят дорои боз аломатҳои иловагие мебошад, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан заруранд. Дар диспозитсияи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ аломатҳои иловагӣ дар шакли мусбӣ (позитивӣ) (хизматчии ҳарбӣ, шахси мансабдор) ё дар шакли манфӣ (шахсе, ки маълумоти олии тибии риштаи дахлдор надорад) муайян шудааст. Вобаста ба хусусияти мазмун аломати иловагӣ мумкин аст мушаххас (модари кӯдаки навзод) ё умумӣ (шахсе, ки вазифадор аст мутобиқи қонун ё қоидаҳои махсус ёрӣ расонад) ифода гашта бошад. Дар аксарияти меъёрҳо аломати иловагӣ бевосита, дар меъёрҳои дигар – бавосита нишон дода шудааст. Масалан, дар ҳолати содир намудани ҷиноят «бо истифодаи мақоми хизматӣ» субъекти махсус шахсе баромад менамояд, ки дорои мақоми хизматии муайян бошад. Дар ҳолати охирон, яъне ҳангоми бавосита ифода ёфтан, аломатҳои субъекти махсус бо роҳи маънидоднамоии меъёрҳои ҳуқуқӣ –ҷиноятӣ муайян мешаванд. Аломатҳои субъекти махсус гуногунанд, вале дар ҳама ҳолат ба он хусусиятҳои шахсият тааллуқ доранд, ки ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят таъсир мерасонанд [7].

Субъектони махсусро аз рӯи аломатҳои зерин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

1) вазъи ҳуқуқӣ ва нақши иҷтимоии субъекти ҷиноят;
2) хусусиятҳои ҷисмонии субъекти ҷиноят;
3) хусусияти муносибати байниҳамдигарии субъект бо ҷабрдида.

Ба гурӯҳи аввал аз рӯи вазъи ҳуқуқӣ ва нақши иҷтимоӣ дохил мешаванд: шаҳрвандони ҶТ, шахсони хориҷӣ, шахсони бешаҳрвандӣ, шахсони мансабдор, роҳбарон, намояндагони ҳокимият, шахсоне, ки навъи муайяни фаъолиятро иҷро мекунанд, ба хизмати ҳарбӣ муносибат доранд, иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, маҳкумшудагон ё шахсони дар ҳабси пешакӣ буда.

Дар гурӯҳи дуюм вобаста ба хусусиятҳои ҷисмонии субъект ба сифати аломати иловагӣ ба назар гирифта мешавад: ҷинс, синну сол (болиғ), вазъи саломатӣ (шахси гирифтори бемории зӯҳравӣ ё гирифтори инфексияи ВИЧ), қобилияти меҳнатӣ;

Дар гурӯҳи сеюм вобаста ба хусусияти муносибати байниҳамдигарии субъект бо ҷабрдида ба сифати аломати субъекти махсус баромад мекунанд; муносибатҳои хешутаборӣ (волидайн, модар, падар, фарзандон, хешони дигар), муносибатҳои хизматӣ (сардор, тобеъ), муносибатҳои тобеият (шахсе, ки аз ҷиҳати моддӣ ё ҷиҳати дигар ҷабрдида тобеи ӯ аст, васӣ ё парастор).

Аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти сегона доранд:

1) ҳамчун аломати ҳатмии таркиби ҷиноят баромад мекунанд, ки бе мавҷуд будани онҳо таркиби дахлдори ҷиноят ҷой дошта наметавонад;

2) дар таркибҳои бандубастишаванда онҳо ба сифати аломати вазнинкунанда баромад менамоянд;

3) берун аз таркиби ҷиноят аломатҳои иловагии субъекти ҷиноят ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ё сабуккунанда аҳамият доранд [8].

Тарафи субъективии ҷиноят ин маҷмӯи аломатҳое мебошад, ки тарафи дохила (рӯҳии) таҷовузи ҷиноятқоронро тавсиф медиҳанд. Ба сифати чунин аломатҳо; гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳаяҷони субъекти ҷиноят баромад мекунанд. Дар таркиби умумии ҷиноят гуноҳ аломати ҳатмии тарафи субъективӣ ба ҳисоб меравад. Ангеза, мақсад ва ҳаяҷон аломатҳои иловагӣ (факултативӣ) буда, аммо дар таркибҳои мушаххас онҳо ба сифати аломатҳои ҳатмӣ баромад карда метавонанд. Мавқеи махсусро дар тарафи

субъективии ҷиноят ҳаяҷони субъект дар вақти содирнамоии кирдори ҷиноятӣ ишғол менамоянд. Қонунгузор ба таркиби ҷиноят танҳо он ҳаяҷонҳоеро дохил менамоянд, ки онҳо ҳамчун аломати сабуккунанда баромад мекунанд. Ин ҳаяҷонҳо аз ҳолатҳои хароби рӯҳӣ (м. 106 КҶ) ё рафтори зиддиҳуқуқӣ ё бадахлоқонаи ҷабрдида (м. 106, 113 КҶ) ба вуҷуд меоянд [9].

Аҳамияти тарафи субъективии ҷиноятро як қатор омилҳо муайян месозанд:

1) Тарафи субъективӣ барои асоснокнамоии гунаҳгоркунии субъективӣ хизмат менамоянд, ки он дар фарқият аз гунаҳгории объективӣ ҷавобгариро ҳангоми ҷой доштани гуноҳи субъект пешбинӣ мекунад.

2) Аломатҳои тарафи объективӣ ҳангоми бандубасти ҷиноят истифода гардида, барои фарқгузории кирдорҳои вобаста ба тарафи объективиашон монанд имконият медиҳад.

3) Аломатҳои субъективӣ ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят таъсир расонида, ҳангоми таъйини ҷазо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳамин тавр, дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои субъект ва таҳлили тарафи субъективии ҷиноятҳо вобаста ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, баррасии проблемаҳои мавҷуд буда дар ҷиноятҳои нақлиётӣ, ҷанбаҳои қонунгузорӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва ташкилотии муқовимат ба ҷиноятҳо дар соҳаи нақлиёт баррасӣ карда шудаанд.

АДАБИЁТ

1. Иванов В.Д., Мазуков С.Х. Субъективная сторона преступления. -Ростов-на-Дону, 1999.
2. Сатторов Г.С., Шарипов Т.Ш. Асосҳои қонугузории ҷиноятӣ// Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 1999.
3. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. –Душанбе: «Глобус», 2006.
4. Ветров Н.И. Уголовное право: Учебное пособие. -М., 1999.
5. Ғоибов Р. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) Дастури таълимӣ. Нашри 2- юм. –Хуҷанд, 2007.
6. Кодекси ҷиноятии Ҷуҳурии Тоҷикистон 21 маи соли 1998. [манбаи лектронӣ]
7. Уголовное право. Общая часть: Учебник/ Под ред. В.Н. Петрашева. -М., 1999.
8. Бобраков И.А. Уголовное право. Общая часть: Курс лекций. -Брянск, 2001.
9. Российское уголовное право. Общая часть: Учебник/ Под общ. ред. М.П. Журавлева. -М., 1999.

СУБЪЕКТ ВА ТАРАФИ СУБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТҲО ВОБАСТА БА ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТ ДАР РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

Дар мақолаи мазкур субъект ва тарафи субъективии ҷиноятҳо вобаста ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт таҳлил карда шудааст. Бо дарназардошти муҳимияти мавзуъ муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо дастрасии қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи нақлиёт, истифодаи адабиёти ҳуқуқии олимони ватанию хориҷӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ субъект ва тарафи субъективии ҷиноятҳо вобаста ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт мавриди баррасӣ ва тадқиқ қарор диҳад. Инчунин, масъалаи асосҳои тамоюли инкишоф додани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷиноятҳо дар соҳаи нақлиёт баррасӣ шуда, барои рушд ва такмилдиҳии қонунгузории ин соҳа якчанд пешниҳодҳо ироа намояд.

Калидвожаҳо: ҷиноят;субъект; тарафи субъективи;ќоидањои њаракат дар роњ;воситањои наќлиёт; гуноњ; ќасди бевосита; ќасди бавосита.

СУБЪЕКТ И СУБЪЕКТИВНАЯ СТОРОНА ПРЕСТУПЛЕНИЙ, СВЯЗАННЫХ С ПРАВИЛАМИ ДОРОЖНОГО ДВИЖЕНИЯ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ

В статье анализируются субъект и субъективная сторона преступления применительно к правилам дорожного движения и использования транспортных средств. Учитывая важность темы, автор попытался рассмотреть и изучить предмет и субъективную сторону преступлений, связанных с правилами дорожного движения и использованием транспортных средств, с доступом к действующему законодательству Республики Таджикистан в области транспорта, использования транспортных средств. юридической литературы отечественных и зарубежных ученых. Также был рассмотрен вопрос об основах тенденции развития уголовного законодательства Республики Таджикистан о преступлениях в сфере транспорта и внес несколько предложений по развитию и совершенствованию законодательства в этой сфере.

Ключевые слова: преступление; субъект; субъективная сторона; правила дорожного движения; транспортные средства; чувство вины; прямая месть; косвенная месть.

SUBJECT AND SUBJECTIVE SIDE OF CRIMES RELATED TO TRAFFIC RULES AND THE USE OF VEHICLES

The article analyzes the subject and the subjective side of the crime in relation to the rules of the road and the use of vehicles. Given the importance of the topic, the author tried to consider and study the subject and the subjective side of crimes related to traffic rules and the use of vehicles, with access to the current legislation of the Republic of Tajikistan in the field of transport, the use of vehicles. legal literature of domestic and foreign scientists. The issue of the foundations of the development trend of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan on crimes in the field of transport was also considered, and author made several proposals for the development and improvement of legislation in this area.

Keywords: crime; subject; subjective side; Traffic Laws; vehicles; guilt; outright revenge; indirect revenge.

Сведения об авторе: ***Сайдамиров Джамшед Хайдаралиевич*** - Таджикский национальный Университет, магистр юридического факультета. Телефон: **404888895**

Information about the author: ***Saydamirov Jamshed Haydaralievich*** - Tajik National University, graduate student of Law Faculty. Phone: **404888895**

ШАКЛИ ИДОРАИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН-ҶУМҲУРИИ ПРЕЗИДЕНТӢ

Салимов Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тоҷикистони муосири мутамаддин шакли идораи ҷумҳурии президентиро дошта, моҳияти ҷавҳарии он дар Конститутсияи кишвар мустаҳкам гардидааст. Тавре аз мазмун ва. заминаҳои бунёдии қисми дуюми моддаи 1-и Конститутсияи кишвар бармеояд: «шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад». Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо тағйиру иловаҳои ҷадид рӯи даст омад, дар худ аслияти принсипҳои бунёдгузории давлатдории муосири тоҷикони мутамаддинро бо шакли идораи президентӣ инъикос менамояд . Ин раванд инқилоби арзишманду таърихӣ ва ҷадиди техникаи қонунгузории олии кишвар буда, дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии мамлакат бо сиёсати серҷабҳа ва бобарори роҳбарияти давлат иртиботи ногусастанӣ дорад ва ба устувории рукнҳои давлатдорӣ мусоидат карда, неруҳои солиму пешбарандаро ба тарҳрезии фардои боз ҳам осудаю обод ҳидоят менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли идоракунии ирезидентӣ бо тобишҳои худ асос ёфтааст, ки тибқи он Президент сарвари давлат ва ҳам сарвари ҳокимияти иҷроия эътироф шудааст ва он дар конститутсияи кишвар инъикос гардидааст. Масъалаи мавриди баррасиро мо бо дарназардошти ин хусусияти давлати миллии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор медиҳем. Умуман, омӯзиши шакли идоракунии давлатӣ, ки яке аз унсурҳои муҳими шохаҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад, аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқшиносӣ ва сиёсатшиносӣ буда, шакли идораи давлат ифодаи зоҳирӣ, моҳият, таъйинот, функсияҳои давлат ба ҳисоб рафта, ба тарзи ташкили ҳокимияти давлатӣ далолат мекунад.

Тавре маълум аст, дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ шакли идоракунӣ гуфта, одатан ба маънои ташкили ҳокимияти давлатӣ, муносибати байни мақомоти давлатӣ, байни онҳо ва аҳолӣ фаҳмида мешавад. Шакли идоракунии ин ё он давлат аз рӯи тартиби ташкили ҳокимият муайян мешавад . Дар адабиёти ватанию хориҷӣ доир ба мафҳуми шакли давлат, инчунин таърифҳои зиёди ҷудогона истифода мешаванд. Дар маҷмуъ, аз мафҳуми шакли давлат бармеояд, ки шакли идоракунии давлатӣ яке аз унсурҳои шакли давлат ба ҳисоб рафта, тартиби ташкили ҳокимияти марказиро ифода мекунад. Бояд тазаккур дод, ки тартиби ташкили ҳокимият дар давлатҳо ба таври гуногун аст. Гуногунии онҳо дар он зоҳир меёбад, ки ваколатҳои муҳими ҳокимияти давлатӣ дар як қатор кишварҳо пурра ба монарх тааллуқ доранд, дар кишварҳои дигар бошад, миёни шохаҳои ҳокимият тақсим шудаанд. Тавре аз фаъолияти давлатдории Англия ва Япония бармеояд, ҳокимияти монарх меросӣ аст. Дар як қатор кишварҳои дигар бошад, мақомоти олии кишвар Президент ва парламент интихоб мешаванд, аммо дар баъзе кишварҳо Президентро шаҳрвандон (ҷумҳуриҳои президентӣ) парламент ё мақоми дигари муайянкунандаи парламент интихоб мекунад. (ҷумҳурии парлумонӣ).

Дар бархе аз кишварҳо ҳукуматро бевосита Президент бо иштироки парламент ё бе иштироки парламент ташкил мекунанд, аммо дар бархе аз давлатҳои дигар бошад, ҳукуматро аз ҳисоби ҳизбҳои дар парламент соҳиби ҷойҳои зиёдгашта ташкил мекунанд. Масалан, дар давлатҳои ҷудогона сарвазирро президент бо розигии палатаи поёнии парламент таъйин мекунад, лекин дар як қатор давлатҳо, аз ҷумла Англия сарвари ҳизби дар интихоботи парламент голибшуда, ба таври автоматикӣ якбора сарвазир интихоб мешавад. Айни замон шаклҳои идоракунӣ гуногун мебошанд, ки дар кишварҳои алоҳида хислатҳои хоси худро соҳибанд. Аммо ҳамаи онҳо як хислати умумӣ (универсалӣ) доранд, ки ба ташкили ҳокимияти олии давлатӣ ишора мекунанд. Маҳз аз рӯи ҳамин хислаташ шакли идоракуниро муайян мекунанд. Аз ин нуқтаи назар, тибқи таърифи Р.Ш. Сотиволдиев шакли идоракунӣ тарзи ташкили ҳокимияти олии давлатӣ, тартиби ташкили (интихоб, таъин, ташкилӣ) мақомоти олии давлатӣ-президент, монарх (шоҳ, султон, карол, королева, император) ҳукумат мебошад. Бояд қайд кард, ки ба мутахассисони соҳа ҳангоми муайян кардани шакли идоракунии дилхоҳ давлат, ҳамин хислатро ба инобат гирифтанашон лозим меояд. Маҳз аз ин хотир аксарияти муҳаққикон шакли идоракуниро ба маънои ташкили ҳокимияти олии давлатӣ, ҳокимияти марказӣ, мақомоти олӣ дарк мекунанд. Олимони соҳа вобаста ба омӯзиш ва таҳлилҳои илмӣ шакли идоракуниро, ки унсури шакли давлат ба ҳисоб меравад, бо тарзи худ мефаҳманд. Масалан, М.Н. Марченко бар он ақида аст, ки шакли идоракунӣ ин тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти олӣ ва маҳалии давлатӣ мебошад. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки мафҳуми васеъ ва маҳдуди шакли идоракунӣ вуҷуд дорад, ки аз рӯн он шакли идоракуниро ба вазъи сарвари давлат муайян мекунанд. Лекин аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки дар бисёр ҳолатҳо ҳантоми омӯзиши шакли идоракунӣ асосан тартиби ташкили шакли идоракунӣ ба инобат гирифта мешавад. Тавре бармеояд, шакли идоракунӣ ба тарзи ташкили ҳокимияти давлатӣ ишора мекунад. Аммо ин ҳокимият дар робита ба иштироки шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо, зери таъсири ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил мешавад. Маҳз аз ин хотир шакли идоракунӣ ҳам тартиби ташкили ҳокимияти олии давлатиро ва ҳам тамоси байни ҳокимият ва аҳолиро дар бар мегирад.

Тавре мутахассисон қайд менамоянд, шакли идоракунӣ ду паҳлу дорад:

1) ташкили ҳокимияти давлатӣ ;
2) фаъолияти ҳокимияти давлатӣ.

Шакли идоракуниро натанҳо тарзи ташкили ҳокимият, балки тарзҳои алоқамандии ҳокимият ва аҳолӣ низ муайян мекунанд. Масалан, М.Н. Марченко шакли идоракуниро ба маънои «тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти олӣ ва маҳаллии давлатӣ» тавсиф менамояд. Аз ин хулоса кардан мумкин, ки шакли идоракунӣ тарзи ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ аст. Одатан дар адабиёти ҳуқуқӣ - назариявӣ мафҳуми «шакли идоракунӣ»-ро аз мафҳуми “идоракунии давлат” фарқ мекунанд. Идоракунии давлат мафҳуми васеътар буда, он таъсири муташаккилонаву мақсадноки давлатро ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа, идоракунии давлатӣ ва объектҳои гуногунро дар назар дорад. Шакли идоракунӣ бошад, ин тартиби ташкилу фаъолияти ҳокимияти давлатӣ аст. Шакли идоракуиӣ, азбаски бо тарзи ташкили ҳокимияти давлатӣ алоқаманд аст, истифодаи таҷзияи ҳокимиятро дар назар дорад. Тавре маълум аст, таҷзияи ҳокимият тарзи ташкили ҳокимияти давлатӣ аст. Он ҳангоми интихоби ин ва ё он шакли идоракунӣ ба инобат гирифта мешавад. Лекин тартиби истифодаи таҷзияи ҳокимияг дар кишварҳо гуногун ба кор андохта мешавад.

В.А. Четвернин дар робита таҷзияи ҳокимиятро дар ҷумҳурии президентӣ ва дар шакли идораи парлумонӣ фарқ мекунад. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки дар дунё Иёлоти Муттаҳидаи Амрико кишвари классикии таҷзияи ҳокимият ба ҳисоб меравад. Дар он ҷо ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия аз якдигар ҷудоянд, Президентро шаҳрвандон интихоб мекунанд, Ҳукуматро Президент ташкил медиҳад, Президент ва Ҳукумат назди парламент масъул нестанд, парламент дар ташкили Ҳукумат иштирок намекунад ва ба фаъолияти он дахолат намекунад, Суди Олии ИМА, ки аъзоёнаш якумра таъин мешаванд, аз тарафи президентҳои баъдина тағйир дода намешавад ва аз болои ҳокимияти қонунгузору иҷроия

тариқи муқаррар намудани амсоли истифода накардани қонунҳои зидди конститутсионӣ назорат мекунад. Дар ҷои дигар В.А. Четвернин менависад, дар давлатҳои дорои шакли идораи парлумонӣ таҳзияи ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия ҷой надорад, чунки ҳукуматро парлумон аз ҳисоби ҳизб ё ҳизбҳои ғолиб ташкил мекунад, сарвазир ва аъзои Ҳукумат бошад, вакилони палати поёнии парламент мебошанд. Ҳукумат дар назди парламент масъул аст ва парламент метавонад ҳукуматро пеш аз муҳлат ба истеъфо фиристад, сарвари давлат (президеит ё монарх) ваколатҳои ҷиддӣ надорад, сарвазир дорои ваколатҳои муҳим буда, лекин намояндаи ҳизби сиёсии ғолиб аст. Дар воқеъ, тартиби истифодаи таҳзияи ҳокимият дар шакли идораи президентӣ ва парламентӣ ба куллӣ аз ҳам фарқият доранд. Дар адабиёти ватанӣ аз нуқтаи назари олимон фарқияти онҳо дар ҳолатҳои зерин зоҳир меёбад:

Якум, дар ҷумҳурии президентӣ ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия алоҳида ташкил шуда, илова бар ин тарзҳои ташкили ин ду шохаи ҳокимият аз ҳам фарқ доранд: ҳокимияти қонунгузор (палатаи поёнии парламент) аз ҷониби шаҳрвандон интихоб мешавад, ҳукумат алоҳида (аз ҷониби президент ва бо розигии парламент) ташкил мешавад. Дар ҷумҳурии парлумонӣ парламент ва ҳукумат дар як вақт ташкил мешаванд: ҳизби сиёсие, ки дар натиҷаи интихоботи парлумонӣ соҳиби аксар ҷой дар парламент гаштааст, ҳукуматро ташкил мекунад; ҳукумат аз парламент вобастагии бевосита дорад ва аз ин нигоҳ таҳзияи ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия шаффоф аст.

Дувум, сарвари ҷумҳурии президентӣ - Президент аз тарафи шаҳрвандон бевосита интихоб шуда, одатан ҳам сарвари давлат ва ҳам ҳукумат аст. Президент дар ҷумҳурии парлумонӣ одатан аз ҷониби парламент интихоб мешавад ва дар он сарвари ҳукумат ҳисоб намешавад.

Сеюм, Президент дар ҷумҳурии президентӣ ба ҳокимияти иҷроия сарварӣ мекунад, аммо Президент дар ҷумҳурии парлумонӣ ба ҳукумат ва ҳокимияти иҷроия бевосита роҳбарӣ намекунад.

Чорум, дар ҷумҳурии президентӣ ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия (бо сарварии президент) алоҳида ташкил шуда, мустақилона амал мекунанд. Дар ҷумҳурии парлумонӣ ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия (таҳти роҳбарии сарвазир) якҷоя ташкил шуда (дар натиҷаи интихоботи ҳизбҳо ба парламент), дар вобастагии бевосита амал мекунанд (ҳукуматро парламент ташкил мекунад, аъзои ҳукумат аъзои ҳизби парлумонии ғолиб ва палатаи поёнии парлумонанд).

Аз ин хотир, шаклҳои идоракунии давлат бо назардошти тарзи татбиқи амали таҳзияи ҳокимият фарқ мекунад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ одатан ду шакли идоракунӣ фарқ карда мешавад :

1) шакли идораи монархӣ;
2) шакли идораи ҷумҳурӣ.

Бояд зикр намуд, ки дар мамолики хориҷӣ ҷумҳуриҳо президентӣ, парламентӣ ва омехта (президентӣ - парламентӣ ё парламентӣ - президентӣ) мешаванд. Ин хусусияти ҷумҳуриҳо маъмулан дар конститутсияи кишварҳо дарҷ карда мешавад. Масалан, чунин меъёр дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла конститутсияҳои Қазоқистон ва Туркманистон дарҷ гардидааст. Меъёри номбурда ифодакунандаи воқеии идоракунии давлатӣ буда, мазмуни конс-титутсияро комил мегардонад. Тоҷикистон низ ҷумҳурии президентӣ буда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти олии давлатӣ накши асосӣ ва ҳалкунанда дорад. Бояд қайд кард, ки ҳангоми муҳокимаи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он тағйиру иловаҳо бо шумули идораи президентӣ пешбинӣ шуда буд, мутахассисон таъкид намуданд, ки пешниҳоди зикргардида ифодакунандаи воқеии шакли идоракунии президентӣ буда, он Конститутсияро мукаммал менамояд. Тавре ки аз адабиёти ҳуқуқӣ бармеояд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ бо тобишҳои худ таъсис ёфтааст, ки тибқи он Президент ҳам ба сифати сарвари давлат ва ҳам ба сифати сарвари ҳокимияти иҷроия эътироф шудааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли идораи ҷумҳурии президентиро муқаррар намуда, бо ин роҳ имкон дод, ки низоми ягона ва

сариштаёфтаи ҳокимияти иҷроия созмон дода шуда, сулҳу салоҳ, ваҳдату оромӣ ва қонунияту тартибот дар ҷомеа таъмин гардида, ба инкишофи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии он мусоидат карда шавад.

АДАБИЁТ

1. Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон: аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйироту иловаҳо солҳои 1999, 2003 ва 2016. – Душанбе, 2016.
2. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Шарқи озод, 2009. -С.316-326.
3. Шарипов Абдуфаттоҳ., Шамсиддин Садриддин. Президент. (нақши Эмомалӣ Раҳмонов дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истикдолияти миллӣ). –Душанбе: Деваштич, 2005. -С.72.
4. Проблемы общей теории права и государства/ Под. Ред. В.С. Нерсесянца. -С.599-601.
5. Сотиволдиев Ш,Р. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқук Китоби дарсӣ. Ҷилди 1. -Душанбе, 2010. -С.462-468.
6. Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права. –М., 2004. -С.180.
7. Чиркин В.Е. Государствоведение. С. 129.

ШАКЛИ ИДОРАИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН-ҶУМҲУРИИ ПРЕЗИДЕНТӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф ба яке аз падидаҳои муҳими ҳуқуқи конститутсионӣ шакли идораи давлатии Тоҷикистон-ҷумҳурии президентӣ тадқиқоти илмӣ бурда, вобаста ба мафҳум ва моҳияти шакли идоракунии давлатӣ, таснифоти онҳо, президентӣ будани шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва монанди инҳо фикру андешаҳои худро дар асоси таҳлили адабиётҳои илмӣ ва санадҳои конунгузорӣ баён намудааст.

Калидвожваҳо: шакли идораи давлатӣ, шакли идоракунӣ, таҷзияи ҳокимият, ҷумҳурии президентӣ, ҷумҳурии парламентӣ, ҷумҳуриявӣ, монархӣ.

ФОРМА ПРАВЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН – ПРЕЗИДЕНТСКАЯ РЕСПУБЛИКА

В данной статье автор проводится научное исследование по одной из важных явлений конституционного-права формы правления Республики Таджикистан и излагает свои мысли и взгляды по поводу понятие и сущности формы государственного правления, их классификации, президентской формы правления Республики Таджикистан на основе научной литературы и законодательных актов.

Ключевые слова: форма правления, формы государственной правления, разделение властей, президентская республика, парламентская республика, республиканское, монархическое.

GOVERNMENT FORM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN - PRESIDENTIAL REPUBLIC

In this article, the author conducts a scientific study on one of the important phenomena of constitutional law, the form of government of the Republic of Tajikistan and expresses his thoughts and views on the concept and essence of the form of government, their classification, the presidential form of government of the Republic of Tajikistan on the basis of scientific literature and legislative acts.

Keywords: form of government, forms of government, separation of powers, presidential republic, parliamentary republic, republican, monarchical.

Сведения об авторе: ***Салимов Нуроншох*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета

Information about the author: ***Salimov Nuronshoh*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law

ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ - ҶИНОИИ ҶИНОЯТҲОИ КОРРУПСИОНӢ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Салоҳиддинзода С.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тавре ки маълум аст, сахттарин мушкилот дар ҷомеаи имрӯза фасод ва ришвахӯрӣ мебошад ва ё ба истилоҳи дигар коррупсия. Чуноне дар адабиётҳои илмӣ қайд карда мешавад худи мафҳуми ҷиноятҳои коррупсионӣ – ин кирдори ба ҷамъият хавфноки муқарраркардаи қонунгузории ҷиноятӣ мебошад, ки ба фаъолияти дурусти мақомотҳои давлатӣ, манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки субъекти онҳо шахсони мансабдор мебошанд, бо истифода аз мақоми хизматиашон ба манфиати худи онҳо

равона карда шудааст, фаҳмида мешавад. Ё ин ки мутобиқи қонунгузорӣ ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, кирдорҳои дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидае ҳисоб мешаванд, ки аз тарафи шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва ба онҳо баробар кардашуда бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ ва бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шудаанд ё ба ғайриқонунӣ пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, бартарият ва хизматрасонӣ ба онҳо вобастаанд фаҳмида мешавад. Инчунин, бояд қайд кард, ки мафҳумҳои ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта аз коррупсия фарқ карда мешаванд ва мафҳуми коррупсия бошад кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие) мебошад, ки шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамоянд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Бешак, дар аксари кишварҳои пешрафтаи олам фасод ва ришвахӯрӣ чун як падидаи хатарбор барои ҷомеа арзёбӣ ва барои ин ҷиноят муҷозоти сангин муқаррар шудааст. Бо вуҷуди чорабиниҳо дар Тоҷикистон мутаассифона ин падидаи зишт ва ногувор густаришёфта, ҳанӯз мушкилиҳои ҷойдошта дида мешаванд. Мувофиқи маълумотҳои омории ВАО ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар солҳои охир махсусан баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва барқарор шудани тамоми сохторҳои қудратӣ ҷиноятҳои коррупсионӣ рӯз аз рӯз авҷ гирифта истодааст ва моро мебояд муфассал ин кирдорҳои зиштро таҳлил карда бароем.

Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми ягонаи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта пешбинӣ нашудааст ва ин гурӯҳи ҷиноятҳоро дар як боби муайян низ ҷойгир накардааст. Вале ин маънои онро надорад, ки кирдорҳои ҷиноятҳои номбурда ба монанди азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо истифодаи ваколати мансабдорӣ (м. 245 КҶҶТ); монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ (м. 258 КҶҶТ); сӯиистифодаи ваколат аз ҷониби аудиторҳо, судяҳои ҳакамӣ, ё арбитрҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ (м. 296 КҶҶТ); сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (м. 314 КҶҶТ); гирифтан ва додани пора (м.м 319-320 КҶҶТ); сохтакории хизматӣ (м. 323); ришвадиҳии тиҷоратӣ (м. 279 КҶҶТ) муттаҳид карда нашудааст ва вобаста ба нишонаҳои алоҳида доштан дар бобҳои алоҳидаи қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ бандубаст карда мешаванд. Яке аз олимони шинохтаи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ Гаухман Л.Д. қайд кардааст, ки «дар умум ҳамаи вазифаҳои ҳокимиятӣ ва масъулиятҳои вобаста ба он хоҳ миёна бошад хоҳ баланд дар худ кирдорҳои ғайриқонуниро ҷалб мекунад». Дар алоқамандӣ ба ҳамин ақида мо хулоса бароварда метавонем, ки ҳамаи кирдорҳои пешбининамудаи қисми махсуси КҶҶТ бо истифода аз вазифаҳои хизматӣ ё ҳокимиятӣ содир карда шудааст ва дорои ғараз ё қасди бевоситаи содир кардани ин кирдорҳоро доранд мумкин аст ба ҷиноятҳои корррупсионӣ дохил карда шаванд. Дар адабиётҳои илмӣ тавсия дода мешавад, ки ҳамаи кирдорҳои қасдан равонашудаи ҷиноятҳои коррупсиониро ба ду гурӯҳ: ҷиноятҳои коррупсионии оммавӣ ва ҷиноятҳои коррупсионии ғайриоммавӣ ҷудо намоем. Ба гурӯҳи якум дохил мешаванд: монеъ шудан ба татбиқи ҳуқуқҳои интихоботӣ ва фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ (б. «а» қ. 2 м. 150 КҶҶТ); сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (м. 314 КҶҶТ); баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ (м. 316 КҶҶТ); иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ (м. 318 КҶҶТ); гирифтани пора (м. 319 КҶҶТ); додани пора (м. 320 КҶҶТ); сохтакории хизматӣ (м. 323 КҶҶТ); додани мукофот ба хизматчӣ (м. 325 КҶҶТ); ришвадиҳӣ ё маҷбур кардан барои додани баёноти бардурӯғ, хулосаи бардурӯғ ё тарҷумаи нодуруст (м. 353 КҶҶТ). Дар гурӯҳи мазкур асосан ҷиноятҳои пешбининамудаи боби 30 КҶҶТ «ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ» шомил мешаванд. Ба гурӯҳи дуюм дохил мешаванд: ришвадиҳии тиҷоратӣ (м. 279 КҶҶТ); сӯиистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо (м. 295 КҶҶТ); сӯиистифодаи ваколат аз ҷониби аудиторҳо, судяҳои ҳакамӣ, (адвокат) (м.

296 КҶҶТ); аз ҳадди ваколат гузаштани кормандони хадамоти муҳофизати хусусӣ ва детективӣ(м. 297 КҶҶТ); Объекти бевоситаи ҷиноятҳои номбаркардашуда махсусиятҳои ин ё он муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки аз ҷониби меъёрҳои ҷиноӣ-ҳуқуқӣ ҳифз мегарданд. Дар алоқамандӣ бо дигаргун шудани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 ду гурӯҳи мустақили ҷиноятҳоро, ки ба онҳо таҷовуз мегарданд, ҷудо карда шуд:

1) ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлат боби 30 қисми махсуси КҶҶТ;

2) ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ боби 27 қисми махсуси КҶҶТ;

Объекти намудии ҷиноятҳои пешбининамудаи боби 30 КҶҶТ ин муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба фаъолияти дурусти мақомотҳои давлатӣ, муассисаҳо, Ҳукуматҳо (мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ), Қуввaҳои мусаллаҳи Тоҷикистон, қисмҳои ҳарбӣ ташкил медиҳад. Фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, муассисаҳо, сохторҳои худидораи маҳаллӣ дар асоси Конститутсия ва қонунҳо, низомномаҳо ва дигар санадҳои дохилӣ муайян карда мешавад. Ҳар як мақомоти давлатӣ самти муайяни фаъолият, вазифаҳои муайяни иҷронамоӣ дорад ва ҳангоми сӯиистифода аз ваколатҳои вогузор кардашуда натанҳо обрӯю эътибори мақомоти давлатӣ дар ҷамъият паст мегардад, балки боварии шаҳрвандонро ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниашон дур месозад. Масалан, Е. В. Лвович таъкид мекунад, ки истифодаи ибораи “фаъолияти қонунӣ”-и мақомоти давлатӣ нодуруст аст. Чунки дар доираи қонун фаъолият намудан хусусияти асосии мақомоти давлатӣ аст, қонуният асоси ҳуқуқии ҳокимият аст. Фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба роҳ монда мешавад. Истифодаи ибораи “фаъолияти муътадил” бошад мувофиқи меъёр, ба таври муқаррарӣ фаъолият намудани мақомоти ҳокимияти давлатӣ аст. Таҳлили адабиётхои илмӣ ба мо имконият медиҳад, ки мо бояд пеш аз ҳама объекти ҷиноятҳои коррупсиониро мутобиқ ба қонунгузории ҷиноятии ҶТ муқаррар намоем (ниг. ба нақшаи 1).

Нақшаи №1.

Номгӯи моддаҳо	**Объекти асосӣ**	**Объекти иловагӣ**
Сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (м. 314 КҶҶТ).	Фаъолияти мушаххаси сохторҳои давлатӣ, муассисаҳо, корхонаҳо ё сохтори худидораи маҳаллӣ.	Ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, созмонҳо, ҷомеа ё давлат.
Иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ (м. 318 КҶҶТ).	Тартиби аз рӯи қонун муқарраршудаи пеш бурдани хизмати давлатӣ, ки софдилона иҷро кардани масъулиятҳои худ аз ҷониби шахси мансабдорро таъмин мекунад.	Манфиатҳои қонунии ҷомеа ва давлат.
Гирифтани пора (м. 319 КҶҶТ).	Фаъолияти ба қонун асосёфтаи дастгоҳи давлатӣ ва эътибори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ.	Муносибатҳои молумулкӣ.
сохтакории хизматӣ (м. 323 КҶҶТ).	Фаъолияти мӯътадили мақомотҳо, корхонаҳо, ширкатҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва мақомотҳои худидораи маҳаллӣ, ки барои баровардани асноди расмӣ алоқамандбуда.	
сӯиистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо (м. 295 КҶҶТ).	Манфиаҳои бо қонуни ҷиноятӣҳифзшаванда дар соҳаи идоракунии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо.	Ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.
ришвадиҳии тиҷоратӣ (м. 279 КҶҶТ).	Рақобати субъектони фаъолияти иқтисодӣ.	Ҳамаи принсипҳои баамалбарории фаъолияти иқтисодӣ

Дар ин раванд тарафи объективии ҷиноят тарафи берунии онро ифода намуда, воқеан ба амал меояд ва дар кирдори ба ҷамъият хавфнок ифода меёбад. Тарафи объективии ҷиноят таъсири манфии кирдори ба ҷамъият хавфнокро ба муносибатҳои

ҷамъиятие, ки аз тарафи қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешавад, ифода менамояд. Дар назарияи ҳуқуқӣ- ҷиноятӣ ақидае эътироф шудааст, ки ҳар як ҷиноят дар ягонагии хосияти субъективӣ, объективӣ ва аломатҳои муайяни кирдори ба ҷамъият хавфнок ба амал меояд. Аз ин рӯ тарафи объективӣ рафтори иродавиест, ки дар олами объективӣ зоҳир мегардад. Ҳамин тавр, фаҳмиши тарафи объективӣ дар он муайян мегардад, ки:

а) чун элементи таркиби ҷиноят ба асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ шомил аст;

б) асоси ҳуқуқии бандубасти ҷиноят ба ҳисоб меравад;

в) имконият медиҳад, ки таркибҳои бо элемент ва аломатҳо монанд аз ҳам ҷудо карда шаванд;

г) сарҳади ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро муайян менамояд;

д) асоси таъйин намудани ҷазои сазовор ба шахси гунаҳгор аст.

Тарафи объективии ҷиноятҳои коррупсиониро дар нақшаи минбаъда ҷойгир мекунем (ниг. ба нақшаи 2).

Нақшаи №2.

Номгӯи ҷиноятҳо	Тарафи объективии ҷиноятҳои коррупсионӣ
Сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (м. 314 КҶҶТ).	Дар ҳаракатҳои хилофи манфиатҳои хизматӣ ва дар ҳолатҳои алоҳида дар беҳаракатӣ (чунончӣ, роҳнамоӣ дар содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахсони дигар) ифода меёбад.
Иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ (м. 318 КҶҶТ).	Таъсиси сохтмоне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст, ташкил медиҳад. Дар ин ҷо бояд натанҳо таъсиси ташкилот ба ҳайси муассиси ягона балки иштирок дар шӯрои муассисонро низ дар назар дорад.
Гирифтани пора (м. 319 КҶҶТ).	Аз ҳаракат дар гирифтани предмети пора шахсан аз порадиҳанда ё ба воситаи миёнрав ифода меёбад. Агар фоидаи хусусияти амволидошта дар намуди пул, арзишҳои дигар, расонидани хизматҳои моддӣба фоидаи хешовандон ё наздикони шахси мансабдор бо розигӣ ё бе муқобилияти ӯ расонида шавад, шахси мансабдор ваколатҳои хизматии худро ба фоидаи порадиҳанда истифода намуда бошад, ҳаракатҳои ӯ ҳамчун гирифтани пора бандубаст карда мешавад.
Додани пора (м. 320 КҶҶТ).	дар шакли ҳаракати додани пора ба шахси мансабдор (шахсан ё тариқи миёнарав) арзишҳои моддӣ ё илмӣ иҷроиши амали бепул ва пайдо кардани дигар шароити характери моддидошта асос меёбад
сохтакории хизматӣ (м. 323 КҶҶТ).	дар ҳаракатҳои фаъол асос меёбад: а) дар асноди расмӣ додани маълумотҳои бардурӯғ; б) дар асноди расмӣ ворид кардани ислоҳоте, ки мазмуни аслии онро таҳриф мекунад.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия” Амоҷт с. 2014, №3, м.148) м.14.
2. Сафаров А.И. Коррупционные преступления в сфере предпринимательской деятельности по законодательству Республики Таджикистан // Вестник университета. -2015. -Т.1. -№4(51). -С.20-24.
3. Уголовное право России. Общая часть. Под ред. В. П. Ревина. -М.: "Юстицинформ", 2010. -С. 70.
4. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Под ред. В.М. Лебедев. -М: “Юрайт-Издат”, 2004. -С. 283-284.
5. Львович Е.В. Должностное злоупотребление: проблемы криминализации, квалификации и отграничения от правонарушений, не являющихся преступлениями: автореф. дис. … канд. юрид. наук. -Саратов, 2004. -С. 19.

ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОИИ ҶИНОЯТҲОИ КОРРУПСИОНӢ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Тавре ки маълум аст, сахттарин мушкилот дар ҷомеаи имрӯза фасод ва ришвахӯрӣ мебошад ва ё ба истилоҳи дигар коррупсия. Чуноне дар адабиётҳои илмӣ қайд карда мешавад, худи мафҳуми ҷиноятҳои коррупсионӣ – ин кирдори ба ҷамъият хавфноки муқарраркардаи қонунгузории ҷиноятӣ мебошад, ки ба фаъолияти дурусти мақомотҳои давлатӣ, манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки субъекти онҳо шахсони мансабдор мебошанд бо истифода аз мақоми хизматиашон ба манфиати худи онҳо равона карда шудааст фаҳмида мешавад. Ҷиноятқорӣ таърихан хоси ҳар як ҷомеа буда, махсусан дар даврaҳои гузариш ба

муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоию сиесӣ, ки боиси болоравӣ, тавлиди шаклҳои нави ҷиноятҳо ва роҳҳои нави содиршавии онҳо мегардад, барҷастатар зуҳур мекунад.

Калидвожаҳо: ҷиноятҳои коррупсионӣ, Қонун, ҳуқуқ, ҷомеаи имрӯза, кирдорҳои хавфнок.

УГОЛОВНО-ПРАВОВАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА КОРРУПЦИОННЫХ ПРЕСТУПЛЕНИЙ В СООТВЕТСТВИИ С УГОЛОВНЫМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Как известно, самой серьезной проблемой в современном обществе является коррупция и взяточничество. Как отмечается в научных публикациях, само понятие коррупционных преступлений – это общественно-опасное деяние, установленное уголовным законодательством, направленное на надлежащую деятельность государственных органов, законных интересов физических и юридических лиц, субъект которых является должностными лицами с использованием своего служебного положения в их интересах. Преступление является исторически характерным для каждого общества, особенно в период перехода к экономическим, социальным и политическим взаимодействиям, которые приводят к повышению, созданию новых форм преступления и новых способов их совершения.

Ключевые слова: коррупционные преступления, закон, право, современное общество, опасные деяния.

CRIMINAL-LEGAL CHARACTERISTICS OF CORRUPTION CRIMES IN ACCORDANCE WITH THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

As you know, the most serious problem in modern society is corruption and bribery. As it was noted in scientific publications, the concept of corruption crimes is a socially dangerous act established by criminal legislation, aimed at the proper activities of state bodies, the legitimate interests of individuals and legal entities, the subject of which is an official using his official position in their interests. Crime is historically characteristic of every society, especially in the period of transition to economic, social and political interactions that lead to the rise, creation of new forms of crime and new ways of committing them.

Keywords: corruption crimes, law, modern society, dangerous acts.

Сведения об авторе: ***Салохиддинзода Саломиддин Салохиддин*** – магистр второго курса юридического факультета Таджикского национального университета

Information about the author: ***Salohiddinzoda Salomiddin Salohiddin*** – second-year Master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University

ШАХСИ ҲУҚУҚӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ

Самадов З. К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ - шахсе, ки бо доштани аломатҳои ба он хос метавонад иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ бошад. Аломатҳои субъекти ҳуқуқи соқибкорӣ инҳо мебошанд:

а) қонунигардонӣ ба таври муқаррарнамудаи қонун; Соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилот ба сифати субъектони хоҷагидор бо ёрии бақайдгирии давлатӣ қонуни гардонда мешаванд;

б) мавҷудияти ваколати хоҷагидорӣ, яъне маҷмӯи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои хоҷагӣ, ки ба субъекти хоҷагидор мувофиқи қонун, ҳуҷҷатҳои таъсис дар ҳолатҳои алоҳида дар асоси иҷозатнома ҷудо карда шудааст. Ваколати умумӣ, маҳдуд, махсус ва истисноиро ҷудо мекунанд. Ваколати умумӣ ба субъектон имконият медиҳад, ки ҳуқуқ дошта бошанд ва уҳдадориро иҷро намоянд, ки барои ба амал баровардани тамоми намуди фаъолияти соҳибкории манънакардаи қонун зарур аст. Ваколати умумиро ташкилоти тиҷоратӣ, ба истиснои корхонаи воҳиди давлатӣ ва дигар намудҳои ташкилоти муқаррар намудаи қонун доро мебошанд. Ваколати маҳдудро субъекте доро мебошад, ки ваколати худро дар ҳуҷҷатҳои таъсис бо дарҷ намудани мақсади фаъолияти худ дар ҳуҷҷати таъсис, мустақилона маҳдуд намудааст. Аҳдҳои амалинамудаи ташкилот, ки ба мақсади фаъолият, ки дар ҳуҷҷати таъсис маҳдуд карда шудааст, мухолифат мекунад, дар ҳолати пешбининамудаи қонун мумкин аст аз ҷониби суд беэътибор дониста шавад. Ваколати махсусро қонун ба субъекте медиҳад, ки бевосита дар қонун гуфта шудааст, ки онҳо бояд мақсади фаъолияташонро дар ҳуҷҷати таъсис нишон диҳанд. Онҳо метавонанд ба ҳамон фаъолият, ки дар оиннома дарҷ гардидааст ҳуқуқ ва уҳдадории мувофиқ дошта бошанд.

Ба субъект ваколатҳои махсус корхонаи воҳиди давлатӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дохил мешаванд. Ваколати истисноиро субъекте доро мебошад, ки барои худ чунин фаъолиятеро интихоб намудааст, ки дар баробари он ба амал баровардани фаъолияти соҳибкории дигар (ширкати суғуртавӣ, ташкилотҳои қарзӣ, ташкилотҳои аудиторӣ ва ғ.) бо қонун манъ карда шудааст. Аҳдҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои ваколати махсус ва истисноӣ дошта, бо вайронкунии мавзӯъ ва мақсади фаъолияти онҳо ба амал бароварда мешавад, беэътибор дониста мешавад;

в) мавҷудияти молумулки мустақил ҳамчун асос барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ. Шаклҳои ҳуқуқии чунин мустақилиҳо ҳуқуқи моликият, пешбурди хоҷагӣ, идораи оперативӣ шуда метавонад. Молумулки мустақил дар тавозун аз ҷониби субъектон ба назар гирифта мешавад ва асоси ҷавобгарии мустақили молумулкӣ шуда метавонад;

г) ҷавобгарии мустақили молумулкӣ маънои онро дорад, ки субъекти хоҷагидор худ дар назди шарикон ва давлат бо молумулки худ ҷавоб медиҳад. Мувофиқи қоидаи умумӣ муассис (иштирокчии) шахси ҳуқуқӣ ё молики молумулки он аз рӯи уҳдадориҳои шахси ҳуқуқи масъулият надорад, шахси ҳуқуқӣ бошад аз рӯи уҳдадориҳои молик ва ё иштирокчӣ масъулият надорад. Истисно аз ин қоида мумкин аст дар оиннома ва қонун пешбинӣ гардад. Масалан, аз рӯи уҳдадориҳои ширкати хоҷагидорӣ шарикони комил масъулияти муштарак доранд.

Намудҳои субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои давлатӣ; соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқӣ.

Хусусиятҳои таъсис ва ба даст овардани фоида дар ширкати хоҷагидорӣ. Аломатҳои махсуси ҷамъият ва ширкати хоҷагӣ ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ ин дар онҳо мавҷуд будани сармояи оинномавӣ (дар ҷамъият) ё ҳарифона (дар ширкат), ки ба ҳиссаҳои (пасандозҳои) муассисон (иштирокчиён) тақсим шудааст ва вазъи ҳуқуқи моликият ба молумулки ба онҳо тааллуқдошта ба шумор меравад. Дар зери сармояи оинномавӣ (шарикона) арзиши умумии ҳиссаи гузоштаи муассисон (иштирокчиён) ба ҷамъият ё ширкат мебошад. Дар ҷараёни фаъолияти ҷамъият ё ширкат арзиши ҳиссаҳои мазкур мумкин аст аз ҳисоби даромад ва дигар сарчашмаҳои манънакардаи қонун зиёд карда шавад. Ҳисса метавонад ҳам дар шакли пулӣ ва ҳам дар шакли ғайрипулӣ бошад. Ба сифати ҳиссаи ғайрипулӣ метавонад қоғазҳои қимматнок, ашёҳои дигар ва ҳуқуқи молумулкӣ, ё ҳуқуқҳои дигаре, ки арзиши пулӣ доранд баромад кунанд. Ба ҳайси охирон ҳуқуқи истисноӣ ба натиҷаи фаъолияти эҷодӣ ва воситаҳои фардикунонии шахси ҳуқуқӣ, фардикунонии маҳсулот, корҳ ва хизматҳои иҷрошаванда дохил мешавад. Дар ин маврид дуруст мешуд агар чунин меҳисобидем, ки ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ имконияти мустақилона ихтиёрдорӣ намудани ҳуқуҳои мазкурро, ки бо шакли муқаррарнамудаи қонун моддӣ гардонда шудааст, пайдо мекунад. Талаботи нишондодашуда нисбати ҳуқуқи молумулкӣ ва дигар ҳуқуққо, ки ба ҳиссаи ҷамъият ё ширкат ворид карда мешавад, татбиқ карда мешавад. Баҳогузории пулии ҳиссаи молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ, ки пул ба шумор намеравад, дар ҷамъияти хоҷагидорӣ бо розигии байни муассисони (иштирокчиён) он ба амал бароварда мешавад ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун аз ҷониби коршиноси мустақил баҳогузорӣ карда мешавад. Нисбати ҷамъияти хоҷагидории алоҳида қонун ба мақомотҳои ба он ваколатдор ва ташкилотҳо ҳуқуқи муқаррар намудани ҳадди ниҳоии ҳаҷми молумулки (ғайрипулии) сармояи оинномавиро медиҳад. Сармояи оинномавӣ (шарикона) пояи моддии фаъолияти ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ ва ҳаҷми минималии молумулке, ки манфиати кредиторонро кафолат медиҳад, муайян мекунад. Дар баробари молумулки аз ҳисоби ҳиссаи муассисон (иштирокчиён) таъсисдодашуда, дар ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ метавонад молумулки дигар, ки дар ҷараёни фаъолият истеҳсол ва ё ба даст оварда шуд, мавҷуд бошад. Арзиши чунин молумулк мафҳуми сармояи оинномавиро (шариконаро) фаро намегирад. Ҳама молумулк новобаста аз он, ки аз ҳисоби ҳиссаи муассисон (иштирокчиён) таъсис дода шудааст ё дар ҷараёни фаъолият истеҳсол ва ё ба даст оварда шудааст, ба ҳуқуқи моликияти ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ тааллуқ дорад. Муассисони (иштирокчиёни) ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ молики моликияти мазкур намебошанд. Мафҳуми «ҳиссаи муассис дар сармояи оинномавӣ» дар КГ истифода мешавад. Ҳисса қисми моликияти шахси ҳуқуқӣ

мебошад. Ҳуқуқ ба ҳиссаи муассис (иштирокчӣ) дар сармояи оинномавии (шарикона) ҷамъият ва ширкати хоҷагӣ, ин унсури муносибатҳои ҳуқуқӣ дар дохили шахси ҳуқуқӣ мебошад. Ҳуқуқи мазкур дар мавриди муайян намудани шумораи овозҳо, ки ба иштирокчиёни маҷлиси умумии ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ, ҳиссаи молумулке, ки дар мавриди аз ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ баромадан ё дар мавриди барҳам хурдани он ва амалисозии ҳуқуқҳои дигари иштирокчиён бисёр муҳим мебошад. Дар маҷмӯъ бо ҳуқуқи номбаршуда ба ҳисса дар сармоя ҳуқуқи васеътарро, бо номи ҳуқуқи иштирок кардан дар пешбурди корҳои ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ ташкил мекунад. Маҳз ҳуқуқи мазкур бояд чун объекти муносибатҳои беруна, ки оид ба тағйирёбии таркиби иштирокчиёни ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ пайдо мешавад, хизмат кунад. Ба таркиби моликияте, ки ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ истифода мебарад, метавонад моликияте низ дохил шавад, ки дар асоси шартномаи иҷора ва дигар асосҳои ҳуқуқӣ, ки ба ҳуқуқи моликият дохил намешавад, истифода мешавад. Шахсон ва сармояҳо чи дар ҷамъият ва чи дар ширкат мавҷуданд. Ҷудокунии мазкур, ки онро ҳатмӣ шуморидан мумкин нест, мақсадаш муайян намудани хислати фаъолияти гурӯҳҳои мазкури ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошад. Шариконӣ комили ширкати хоҷагидорӣ уҳдадоранд, ки шахсан дар фаъолияти ширкат иштирок намоянд. Аз ин лиҳоз, сифати шахсии иштирокчиён, на ҳиссаи онҳо ба сармояи шарикона, дар фаъолияти ширкат нақши ҳалкунанда мебозад. Баръакс, дар фаолияти ҷамъият нақши асосиро сармоя мебозад, ки иштирокчиён мегузоранд ва идоракунии онро шахси тахассусан тайёрнамуда, ки шарик ё саҳмдор набошад, ҳуқуқи идора карданро дорад. Аз ин лиҳоз, шахсият дар фаъолияти ҷамъият нақши муҳим надорад. Барои ширкати хоҷагидорӣ шакли ширкати комил ва ширкати ба боварӣ асосёфта пешниҳод шудааст, барои ҷамъияти хоҷагидорӣ бошад ҶС (ҶСШК ва ҶСШП), ҶДММ ва ҶДМИ пешбинӣ шудааст. Шаҳрвандоне, ки соҳибкор нестанд, метавонанд иштирокчии ҷамъияти хоҷагидорӣ бошанд ва дар ширкати ба боварӣ асосёфта ҳиссагузор бошанд. Шаҳрвандоне, ки соҳибкори инфиродӣ мебошанд, инчунин метавонанд иштирокчии комил дар ширкат бошад, яъне ба сифати иштирокчӣ дар ҳама намуди ширкатҳо бо маҳдудиятҳои пешбининамудаи КГ ҶТ иштирок кунад.

Шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти тиҷоратӣ намебошад метавонад иштирокчии ҷамъияти хоҷагидорӣ бошанд ва дар ширкати ба боварӣ асосёфта ҳиссагузор бошанд. Дар ин маврид ташкилоти аз ҷониби молик маблағгузоришаванда, агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, метавонад ҳуқуқи мазкурро танҳо бо розигии молик истифода барад. Шахси ҳуқуқӣ, ки ташкилоти тиҷоратӣ мебошад, метавонад ба сифати иштирокчӣ дар ҳама намуди ширкатҳо ва ҷамъиятӣ бо маҳдудиятҳои пешбининамудаи КГ ҶТ иштирок кунад. Мақомотҳои давлатӣ ва мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ ҳуқуқ надоранд иштирокчии ҷамъияти хоҷагидорӣ ва ҳиссагузор дар ширкати ба боварӣ асосёфта бошанд.

Ширкате комил дониста мешавад, ки иштирокчиёни он (шариконӣ комил) мутобиқи шартномаи байнашон имзошуда аз номи ширкат бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда, аз рӯи уҳдадориҳои он нисбати тамоми молу мулки ба онҳо тааллуқдошта масъулият бар дӯш доранд. Шахс иштирокчии танҳо як ширкати комил буда метавонад. Номи фирмавии ширкати комил бояд инҳоро дар бар гирифта бошад: номи (унвони) ҳамаи иштирокчиёни он, инчунин калимаҳои «ширкати комил» ё номи (унвони) як ё якчанд иштирокчӣ бо илова кардани калимаҳои "ва компания" инчунин калимаҳои «ширкати комил». Ширкати комил дар асоси шартномаи таъсис бунёд гардида, амал мекунад ва ин шартнома вазифаи оинномаи ширкати комилро низ анҷом медиҳад. Шартномаи таъсисиро ҳамаи иштирокчиёни он имзо мекунад. Шартномаи таъсиси ширкати комил ғайр аз маълумоти дар КГ ҶТ зикргардида, инчунин бояд шартҳоро дар бораи андоза ва таркиби фонди оинномавии (сармояи шариконаи) ширкат; дар бораи андоза ва тартиби тағйир додани ҳиссаи ҳар иштирокчӣ дар фонди оинномавӣ; дар бораи андоза, таркиб, мӯҳлат ва тартиби саҳмгузории он; дар бораи масъулияти иштирокчиён барои вайрон кардани уҳдадориҳои саҳмгузории онро дар бар гирифта бошад. Идоракунии фаъолияти ширкати комил бо мувофиқаи тамоми иштирокчиён сурат мегирад. Дар шартномаи таъсис мумкин аст ҳолатҳое пешбинӣ карда шаванд, ки қарор бо аксарияти овози иштирокчиён қабул мегардад. Агар дар шартномаи таъсис тартиби дигари муайян намудани шумораи овозҳои

иштирокчиён пешбинӣ нагардида бошад, ҳар иштирокчии ширкати комил як овоз дорад. Ҳар иштирокчии ширкат, сарфи назар аз он ки барои пешбурди корҳои умумӣ ваколатдор аст ё не, ҳақ дорад шахсан бо тамоми ҳуҷҷатҳои марбут ба пешбурди кори ширкат шинос шавад. Рад кардани чунин ҳуқуқ ё маҳдуд кардани он, аз ҷумла дар асоси созишномаи иштирокчиёни ширкат, эътибор надорад. Агар дар шартномаи таъсис ё созишномаи дигари иштирокчиён тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, фоида ва зиёни ширкати комил байни иштирокчиёнаш мутаносибан ба ҳиссаи онҳо дар фонди оинномавӣ тақсим карда мешавад. Созиши аз фоида ё зиён бенасибгардондани ҳар кадоме аз иштирокчиёни ширкат, манъ аст. Агар дар натиҷаи расидани зиён ба ширкат арзиши дороиҳои софи он аз андозаи фонди оинномавиаш камтар шавад, фоидаи бадастовардаи он то замоне, ки арзиши дороиҳои нақд аз андозаи фонди оинномавӣ зиёдтар нашавад, байни иштирокчиён тақсим карда намешавад.

Ширкати ба боварӣ асосёфта (ширкати коммандитӣ) он ширкате дониста мешавад, ки дар он дар баробари иштирокчиёне, ки аз номи ширкат фаъолияти соҳибкориро ба амал бароварда, аз рӯи уҳдадориҳои ширкат бо молу мулки худ масъулият доранд (шарикони комил), як ё якчанд иштирокчии саҳмгузоре (коммандистон) ҳастанд, ки таваккали зиёни марбут ба фаъолияти ширкатро дар доираи маблағи саҳмгузориашон бар уҳда дошта, дар татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби ширкат иштирок намекунанд. Мавқеи шарикони комиле, ки дар ширкати ба боварӣ асосёфта иштирок доранд ва масъулияти онҳо аз рӯи уҳдадориҳои ширкат мувофиқи қоидаҳои КГ ҶТ дар хусуси иштирокчиёни ширкати комил муайян карда мешавад. Шахс танҳо дар як ширкати ба боварӣ асосёфта шарики комил буда метавонад. Иштирокчии ширкати комил шарики комили ширкати ба боварӣ асосёфта буда наметавонад. Шарики комил дар ширкати ба боварӣ асосёфта иштирокчии ширкати комил буда наметавонад. Номи фирмавии ширкати ба боварӣ асосёфта бояд аз номи (номгӯи) ҳамаи шарикони комил ва калимаҳои “ширкати ба боварӣ асосёфта" ё "ширкати коммандитӣ" ва ё аз номи (номгӯи) на камтар аз як шарики комил бо иловаи калимаҳои "... ва шариконаш" ва калимаҳои “ширкати ба боварӣ асосёфта" ё "ширкати коммандитӣ" иборат бошад. Нисбати ширкати ба боварӣ асосёфта қоидаҳои КГ ҶТ дар бораи ширкати комил ба ҳамон андозае истифода мешаванд, ки он хилофи қоидаҳои Кодекси мазкур дар хусуси ширкати ба боварӣ асосёфта набошад. Ширкати ба боварӣ асосёфта дар асоси шартномаи таъсис бунёд гардида, фаъолият мекунад. Шартномаи таъсис аз ҷониби ҳамаи шарикони комил ба имзо расонида мешавад. Шартномаи таъсиси ширкати ба боварӣ асосёфта, ғайр аз маълумоти дар КГ ҶТ зикргардида, инчунин бояд шартҳоро дар бораи андоза ва таркиби сармояи муштараки ширкат; дар бораи андоза ва тартиби тағйир додани ҳиссаи ҳар яке аз шарикони комил дар сармояи муштарак; дар бораи андоза, таркиб, мӯҳлат ва тартиби саҳмгузоштаи онҳо, масъулияти онҳо барои вайрон кардани уҳдадориҳои саҳмгузорӣ; дар бораи андозаи умумии саҳми гузоштаи саҳмгузоронро дар бар гирад.

Саҳмгузори ширкати ба боварӣ асосёфта вазифадор аст, ки ба сармояи муштарак саҳм гузорад. Гузоштани саҳмро шаҳодатномаи иштироки аз ҷониби ширкат ба саҳмгузор додашуда тасдиқ менамояд. Саҳмгузори ширкати ба боварӣ асосёфта ҳуқуқ дорад, ки: а) мувофиқи тартиби пешбининамудаи шартномаи таъсис қисми фоидаи ширкатро барои ҳиссааш дар сармояи муштарак гирад; б) бо ҳисоботу баланси ширкат шинос шавад; в) баъди анҷоми соли молиявӣ аз ҳайати ширкат баромада, мувофиқи тартиби пешбининамудаи шартномаи таъсис саҳми худро гирад; г) ҳиссаи худро дар сармояи муштарак ё як қисми онро ба саҳмгузори дигар ё шахси сеюм диҳад. Мувофиқи шартҳо ва тартиби пешбининамудаи қисми 2 моддаи 100 КГ ҶТ саҳмгузорон нисбат ба шахси сеюм дар харидани ҳисса (қисми он) ҳуқуқи афзалиятнок доранд. Дар сурати тамоми ҳиссаи худро ба шахси дигар додани саҳмгузор иштироки ӯ дар ширкат қатъ мегардад. Дар шартномаи таъсиси ширкати ба боварӣ асосёфта мумкин аст ба саҳмгузор ҳуқуқҳои дигаре пешбинӣ карда шавад. Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» аз 10 майи соли 2002, №53 Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд (минбаъд ҷамъият) ҷамъияти хоҷагиест, ки аз ҷониби як ё якчанд шахс таъсис дода шуда, сармояи оинномавии он бо ҳиссаи ҳаҷми муайянкардаи ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ тақсим шудааст. Иштирокчиёни ҷамъият аз рӯи уҳдадориҳои он масъулият надоранд ва зиёни

таваккали марбут бо фаъолияти ҷамъиятро дар доираи арзиши саҳми гузоштаашон ба уҳда доранд. Иштирокчиёни ҷамъият, ки ба сармояи оинномавии ҷамъият саҳмро дар ҳаҷми пурраш нагузоштаанд, тибқи уҳдадории он дар доираи арзиши қисми пардохтнашудаи саҳми ҳар кадом иштирокчии ҷамъият масъулияти муштарак доранд. Ҷамъият дар моликият амволи алоҳида дорад, ки дар баланси мустақили он ба ҳисоб гирифта мешавад, вай аз номи худ ҳуқуқҳои амволӣ ва шахсии ғайриамволиро ба даст дароварда ва онро амалӣ менамояд, уҳдадориро ба зимма гирифта, дар суд даъвогар ва ҷавобгар шуда метавонад. Ҷамъият шахси ҳуқуқӣ буда бо тартиби муқарраркардашуда метавонад дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он суратҳисобҳои бонкӣ кушояд. Ҷамъият ташкилоти тиҷоратӣ буда, дорои ҳуқуқҳои граждани мебошад ва уҳдадориҳои зарурии ба фаъолияташ алоқамандро барои амалӣ намудани ҳамагуна фаъолияти дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нашуда ба зимма мегирад. Ба намудҳои алоҳидаи фаъолияти дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ҷамъият танҳо дар асоси иҷозатнома (литсензия) машғул шуда метавонад. Агар дар шартҳои додани иҷозатнома барои ба амал баровардани намуди муайяни фаъолият талаби чун фаъолияти истисноӣ амалӣ гардонидани он пешбинӣ шуда бошад, ҷамъият дар давоми мӯҳлати амали иҷозатнома ҳақ дорад танҳо намудҳои фаъолияти пешбиникардаи иҷозатномаро ба амал барорад. Шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ иштирокчиёни ҷамъият буда метавонанд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки гурӯҳи алоҳидаи шаҳрвандонро дар ҷамъиятҳо манъ ё маҳдуд карданаш мумкин аст. Мақомоти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ҳақ надоранд, ки иштирокчиёни ҷамъият бошанд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаи дигареро муқаррар накунад. Ҷамъиятро як шахс таъсис дода метавонад, ки он иштирокчии ягона мегардад. Ҷамъият минъбад ҷамъияти дорои як иштирокчӣ шуда метавонад. Ҷамъият ба сифати иштирокчии ягона ҷамъияти дигари хоҷагии аз як шахс иборат бударо дошта наметавонад. Шумораи иштирокчиёни ҷамъият набояд бештар аз сӣ нафар бошад. Дар ҳолатҳое, ки шумораи иштирокчиёни ҷамъият аз ҳадди муқарраркардаи ҳамин банд зиёд бошад, ҷамъият дар давоми сол бояд ба ҷамъияти кушоди саҳҳомӣ ё кооперативи истеҳсолӣ табдил ёбад. Агар дар давоми мӯҳлати зикрёфта ҷамъият аз нав таъсис дода нашавад ва шумораи иштирокчиёни ҷамъият то ҳадди муқарраркардаи ҳамин банд кам нагардад, он ба тариқи судӣ бо талаби мақоме, ки шахсони ҳуқуқиро ба қайди давлатӣ мегирад, ё дигар мақомоти давлатӣ ё мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ки онҳоро қонун барои пешниҳоди чунин талаб ҳуқуқ додааст, барҳам дода мешавад. Ҷамъият ҳақ дорад фоидаи софи худро дар байни иштирокчиёни ҷамъият тақсим кунад. Қарор дар бораи тақсими қисми фоидаи ҷамъият дар байни иштирокчиёни ҷамъият аз тарафи маҷлиси умумии иштирокчиёни ҷамъият қабул карда мешавад. Дар оинномаи ҷамъият ҳангоми тасдиқи он ё бо роҳи ба оинномаи ҷамъият ворид кардани тағйирот бо қарори маҷлиси умумии иштирокчиёни ҷамъият, ки ҳамаи иштирокчиёни ҷамъият якдилона қабул менамоянд, мумкин аст тартиби дигари тақсими фоида дар байни иштирокчиёни ҷамъият муқаррар карда шавад.

Ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ ҷамъияте дониста мешавад, ки аз ҷониби як ё чанд шахс таъсис гардида, фонди оинномавиаш мувофиқи андозаҳои дар ҳуҷҷатҳои таъсис муайянгардида ба ҳиссаҳо тақсим мешавад; иштирокчиёни чунин ҷамъият аз рӯи уҳдадориҳои он бо молу мулки худ ба андозаи дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ҷамъият муайянгардидаи барои ҳамаашон баробари арзиши саҳми гузоштаашон масъулияти муштараки иловагӣ доранд. Агар дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ҷамъият тартиби дигари тақсимоти масъулият пешбинӣ нагардида бошад, дар сурати муфлисшавии яке аз иштирокчиён масъулияти ӯ аз рӯи уҳдадориҳои ҷамъият байни иштирокчиёни боқимонда мутаносибан ба саҳмҳояшон тақсим карда мешавад. Номи фирмавии ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ бояд номи ҷамъият, инчунин ибораи «дорои масъулияти иловагӣ»-ро дар бар гирад. Нисбати ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ қоидаҳои КГ ҶТ дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд истифода мешаванд, зеро дар ҳамин модда қоидаҳои дигаре пешбинӣ нагардидаанд.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоқикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007, №237 ҷамъияти саҳомӣ - ташкилоти тиҷоратие, ки сармояи оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим шуда, иштирокчиёни (саҳмдорони) он аз рӯи

уҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ масъулият надоранд ва таваккали зарари вобаста ба фаъолияти онро дар доираи арзиши саҳмияҳои марбуташон ба зимма доранд. Ҷамъияти саҳомӣ шахси ҳуқуқӣ буда, уҳдадориҳоеро барои фаъолият ба зимма дорад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ намекунад. Ба намудҳои алоҳидаи фаъолият, ки номгӯи онҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» муайян мекунад, ҷамъияти саҳомӣ метавонад танҳо дар асоси иҷозатнома машғул шавад. Ҷамъияти саҳомӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ таъсисёфта ба ҳисоб меравад. Ҷамъияти саҳомӣ, агар дар оинномаи он тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, бе маҳдудсозии мӯҳлат таъсис дода мешавад. Ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарагардида дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он суратҳисобҳои бонкӣ кушояд. Ҷамъияти саҳомӣ шахси ҳуқуқӣ ва дорои молу мулки алоҳида мебошад, ки дар тавозуни мустақили он ба ҳисоб гирифта шуда, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии шахсиро ба даст орад, дорои уҳдадорӣ бошад, дар суд ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар баромад кунад. Ҷамъияти саҳомӣ бояд дорои мӯҳри мудаввар бо зикри номи пурраи фирма ба забони давлатӣ бошад. Дар мӯҳр, ҳамчунин метавонад номи фирмавии ҷамъияти саҳомӣ бо ҳама гуна забони дигар сабт гардад. Ҷамъияти саҳомӣ метавонад мӯҳр (штамп) ва бланкаҳои бо зикри номи худ, инчунин бо тартиби муқаррарагардида тамғаи моли бақайдгирифташуда ва дигар воситаҳои тасвирии шинохташаванда дошта бошад. Хусусияти таъсис ва азнавташкилдиҳии ҷамъиятҳои саҳомӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ, сармоягузорӣ ва суғуртавӣ бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии ҷамъиятҳои саҳомие, ки ҳангоми хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ таъсис ёфтаанд ва нисбати онҳо ҳуқуқи махсус оид ба иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идоракунии ҷамъиятҳои саҳомии мазкур («саҳмияи тиллоӣ») истифода бурда мешавад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» муайян мекунад. Ҷамъияти саҳомӣ дар шаклҳои кушода ва пӯшида таъсис дода мешавад, ки он дар оиннома ва номи фирмавиаш инъикос мегардад. Саҳмдорони ҷамъияти саҳомии кушода метавонанд саҳмияҳои худро бе розигии дигар саҳмдорони ин ҷамъият бегона кунанд. Чунин ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад барои саҳмияҳои баровардааш обунаи кушодаро доир намояд ва онҳоро бо дарназардошти ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фурӯшад. Ҷамъияти саҳомии кушода ҳар сол ҳисоботи солона, тавозуни муҳосибавӣ ва ҳисоботи фоидаю зарарро барои маълумоти умум нашр мекунад. Ҷамъияти саҳомие, ки саҳмияҳояш танҳо байни муассисони он ё гурӯҳи дигари шахсони қаблан муайянгардида тақсим карда мешавад, ҷамъияти саҳомии пӯшида эътироф мегардад. Чунин ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ надорад ба саҳмияҳои баровардааш обунаи кушода доир намояд ё ба тарзи дигар онҳоро барои харид ба гурӯҳи номаҳдуди шахсон пешниҳод кунад. Агар шумораи саҳмдорони ҷамъияти саҳомии пӯшида аз шумораи ниҳоии муқараррнамудаи ҳамин қисм бештар бошад, ин ҷамъияти саҳомӣ дар муддати як сол бояд ба ҷамъияти саҳомии кушода табдил дода шавад. Агар шумораи саҳмдорони он то шумораи ниҳоии муқараррнамудаи ҳамин қисм кам нагардад, ҷамъияти саҳомӣ бояд бо тартиби судӣ барҳам дода шавад. Саҳмдорони ҷамъияти саҳомии пӯшида барои аз рӯи нархи ба дигар шахс пешниҳодшуда харидорӣ намудани саҳмияҳои саҳмдорони ҳамин ҷамъияти саҳомӣ афзалият доранд. Дар оинномаи ҷамъияти саҳомӣ метавонад ба ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқи афзалиятноки аз саҳмдорон харида гирифтани саҳмияҳояшон пешбинӣ карда шавад, ба шарте ки саҳмдорон аз ҳуқуқи афзалиятноки харидани саҳмияҳо истифода накарда бошанд. Саҳмдори ҷамъияти саҳомии пӯшида, ки нияти ба шахси сеюм фурӯхтани саҳмияҳои худро дорад, уҳдадор аст саҳмдорони боқимондаи ҷамъияти саҳомӣ ва худи ҷамъияти саҳомиро бо нишон додани нарх ва дигар шартҳои фурӯши саҳмияҳо хаттӣ огоҳ намояд. Агар дар оинномаи ҷамъияти саҳомӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, огоҳонидани саҳмдорони ҷамъияти саҳомӣ аз ҳисоби саҳмдоре амалӣ мешавад, ки нияти фурӯхтани саҳмияҳои худро дорад. Агар саҳмдорони ҷамъияти саҳомӣ ва (ё) ҷамъияти саҳомӣ аз ҳуқуқи афзалиятнок барои ба даст овардани ҳамаи саҳмияҳои барои фурӯш пешниҳодшаванда истифода накунанд, дар мӯҳлати ду моҳ аз рӯзи гирифтани чунин огоҳинома аз ҷониби ҷамъияти саҳомӣ саҳмияҳо метавонанд ба шахсони сеюм бо ҳамон

нарх ва шартҳое, ки ба ҷамъияти саҳомӣ ва саҳмдорони он хабар дода шуда буданд, фурӯхта шаванд. Ҷамъияти саҳомие, ки муассиси он мутобиқи ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (ба истиснои ҷамъиятҳои саҳомие, ки дар ҷараёни хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ таъсис ёфтаанд), метавонанд танҳо ҷамъиятҳои саҳомии кушода бошанд. Ҷамъияти саҳомӣ вазифадор аст соле на камтар аз як маротиба (метавонад ҳар семоҳа ё нимсола) оид ба пардохти суди саҳмияҳо аз рӯи саҳмияҳои паҳнкардашуда қарор қабул кунад. Суди саҳмияҳои имтиёзноки навъҳои муайян метавонад аз ҳисоби сармояи махсуси барои ҳамин мақсад таъингардидаи ҷамъияти саҳомӣ пардохта шавад. Қарор дар мавриди пардохти суди саҳмияҳои солона (нимсола, семоҳа), андозаи суди саҳмия аз рӯи ҳар як намуди (навъи) саҳмияҳо аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон қабул карда мешавад. Маблағи суди саҳмия аз андозаи тавсиянамудаи Шӯрои директорони (Шӯрои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ зиёд буда наметавонад. Мӯҳлати пардохти суди саҳмияҳо тибқи оинномаи ҷамъияти саҳомӣ ё қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон дар хусуси пардохти суди саҳмияҳо муайян карда мешавад. Агар дар оинномаи ҷамъияти саҳомӣ ё қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон санаи пардохти суди саҳмияҳо муайян нашуда бошад, мӯҳлати пардохти он набояд аз рӯзи қабули қарор дар хусуси пардохти суди саҳмияҳо аз 90 рӯз бештар бошад. Рӯйхати шахсоне, ки барои гирифтани суди саҳмияҳо ҳуқуқ доранд, дар санаи таҳияи рӯйхати шахсоне, ки барои иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳуқуқ доранд, тартиб дода мешавад. Саҳмдороне, ки арзиши саҳмияҳоро пурра напардохтаанд, дар доираи уҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ оид ба арзиши пардохтнашудаи саҳмияҳояшон дорои масъулияти муштарак мебошанд. Агар муфлисии ҷамъияти саҳомӣ натиҷаи амал ё беамалии саҳмдорони он ё дигар шахси бонуфузи он бошад, ҳангоми нокифоягии молу мулки ҷамъияти саҳомӣ масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ) ба зиммаи ҳамин саҳмдори бонуфуз ё дигар шахсон аз рӯи уҳдадориҳои он мумкин аст гузошта шавад.

АДАБИЁТ

1. АМОҶТ с.2002, №4, қ.2, м. 314; с.2008., №10, м. 810; с.2010., №12, м.815.
2. АМОҶТ с.2007. №3, м.170; с.2008., №10, м. 812; с.2009., №5, м.318, №7-8, м.497; с.2010., №1, м.9; с.2010., №12, м.816.
3. Рахимов М.З. Предпринимательское право: Учеб. пособие. -Душанбе: Деваштич, 2005. – 408 с.
4. Ремишевская О.В. Правовое регулирование агентского договора в предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. –М., 2009.
5. Ровный В.В. Феномен предпринимательства в гражданском праве: дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. - Иркутск, 1996.
6. Ручкина Г.Ф. Финансово-правовое регулирование предпринимательской деятельности в Российской Федерации: дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. –М., 2004.
7. Предпринимательское право: Учебник. / Под ред. И.В. Ершова. -М.: Юриспруденция, 2002.
8. Предпринимательское (хозяйственное) право и реальный сектор экономики: В.В. Лаптев. -Санкт-Петербург: Инфотропик Медиа, 2010. -88 с.
9. Предпринимательское (хозяйственное) право: О.А. Кудинов. - Санкт-Петербург: Дашков и Ко, 2010. -268 с.
10. Предпринимательское право для студентов вузов: М.Б. Смоленский. – М: Феникс, 2004. -128 с.
11. Предпринимательское право. Вопросы и ответы: И.В. Ершова. -Санкт-Петербург: Юриспруденция, 2002. -256 с.

ШАХСИ ҲУҚУҚӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ

Дар мақолаи мазкур мо шахси ҳуқуқиро дар муносибатҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дида мебароем. Мутобиқи КГ ҶТ моддаи 48 шахси ҳуқуқи гуфта: «Ташкилоте шахси ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативии молу мулкро дошта, аз рӯи уҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуққои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, уҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад». Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоқикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007, №237 ҷамъияти саҳомӣ - ташкилоти тиҷоратие, ки сармояи оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим шуда, иштирокчиёни (саҳмдорони) он аз рӯи уҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ масъулият надоранд ва таваккали зарари вобаста ба фаъолияти онро дар доираи арзиши саҳмияҳои марбуташон ба зимма доранд. Ҷамъияти саҳомӣ шахси ҳуқуқӣ буда, уҳдадориҳоеро барои фаъолият ба зимма дорад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ намекунад.

Калидвожаҳо: Кодекс, қонун, ҳуқуқи соҳибкорӣ, муносибатҳо, ҷамъият, ташкилот, шахси ҳуқуқӣ, ҶС (ҶСШК ва ҶСШП), ҶДММ ва ҶДМИ.

ЮРИДИЧЕСКОЕ ЛИЦО В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОМ ПРАВЕ

В этой статье мы рассматриваем юридическое лицо в отношениях, основанных на предпринимательском праве. Согласно статье 48 Гражданского кодекса Республики Таджикистан, юридическое лицо определяется как: «Организация – это юридическое лицо, которое владеет, управляет или управляет имуществом и несет ответственность по своим обязательствам с этим имуществом, а также может владеть имущественными правами. от своего имени. приобретать, реализовывать, выступать в качестве истца и ответчика в суде». В соответствии с Законом Республики Таджикистан «Об акционерных обществах» от 5 марта 2007 года №237 акционерное общество - это коммерческая организация, уставный капитал которой разделен на определенное количество акций, а ее участниками (акционерами) являются: несут ответственность по своим долгам и обязательствам в зависимости от своей деятельности в пределах стоимости соответствующих акций. Акционерное общество является юридическим лицом и имеет обязанности по осуществлению деятельности, не запрещенные законодательством Республики Таджикистан.

Ключевые слова: Кодекс, закон, хозяйственное право, отношения, общество, организация, юридическое лицо, АО (ОАО и ОАО), ООО и ООО.

LEGAL ENTITY IN BUSINESS LAW

In this article, we consider a legal entity in a relationship based on business law. According to Article 48 of the Civil Code of the Republic of Tajikistan, a legal entity is defined as: “An organization is a legal entity that owns, manages or manages property and is responsible for its obligations with this property, and can also own property rights. In one's own name. acquire, sell, act as a plaintiff and defendant in court. " In accordance with the Law of the Republic of Tajikistan "On Joint Stock Companies" dated March 5, 2007 No. 237, a joint stock company is a commercial organization, the authorized capital of which is divided into a certain number of shares, and its participants (shareholders) are: depending on its activities within the value of the respective shares. A joint stock company is a legal entity and has obligations to carry out activities that are not prohibited by the legislation of the Republic of Tajikistan. A joint stock company can engage in certain types of activities, the list of which is determined by the Law of the Republic of Tajikistan "On licensing certain types of activities", only on the basis of a license. Joint-stock company is a legal entity created from the moment of its state registration in the manner prescribed by law.

Keywords: Code, law, business law, relations, society, organization, legal entity, JSC (JSC and JSC), LLC and LLC.

Сведения об авторе: ***Самадов Зоирджон*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. Телефон: **900-05-62-11**

Information about the author: ***Samadov Zoirjon*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. Phone: **900-05-62-11**

МАВҚЕИ ҲУКУМАТ ВА ДИГАР МАҚОМОТИ МАРКАЗӢ ДАР АМАЛИСОЗИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ МАОРИФ

Сиёваш Раббонӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Идоракунии системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон хусусияти давлатию ҷамъиятӣ дошта, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин кишварҳо ва Оинномаи муассисаҳои таълимӣ амалӣ гардонда мешавад. Мақомоти идоракунии низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз инҳо иборат аст:

1) Ҳукумат;

2) мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф;

3) вазорату идораҳое, ки муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд;

4) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;

5) мақомоти маҳаллии идораи маориф.

Идоракунии муассисаҳои таълимии ғайридавлатиро муассис (муассисон) ё бо супориши ӯ Шӯрои сарпарастон тибқи Низомномаи тасдиққардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

Дар асоси Қонуни Асосии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти Ҳукумат дар самти амалисозии сиёсати давлатии маориф аз Ҳукумат талаб карда мешавад, ки барномаи муассири таъмини низоми мутавозини таҳсил дар саросари Афғонистон, таълими ҳатмии миёна ва таълими забони модариро дар минтақаҳое, ки зарур аст, таҳия ва амалӣ кунад. Ҳукумат вазифадор аст, ки бо мақсади фароҳам овардани тавозун ва рушди маорифи занон, такмили маърифати бодиянишинон ва решакан кардани бесаводӣ дар кишвар барномаҳои муассир таҳия ва амалӣ намояд. Ҳукумат барномаи таълимии воҳиди таълимиро дар асоси қоидаҳои дини мубини ислом ва фарҳанги миллӣ, тибқи принсипҳои илмӣ таҳия ва амалӣ менамояд ва барномаи таълимии фанҳои динии мактабҳоро дар асоси дини ислом дар Афғонистон таълим медиҳад. Вазифаи Ҳукумат таъсис ва идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, давлатӣ ва хусусӣ мебошад. Шаҳрвандони Афғонистон метавонанд бо иҷозати Ҳукумат муассисаҳои олӣ, давлатӣ, хусусӣ ва саводнокӣ таъсис диҳанд. Ҳукумат инчунин метавонад ба хориҷиён иҷозат диҳад, ки мутобиқи муқаррароти қонун муассисаҳои таҳсилоти олӣ, давлатӣ ва хусусӣ таъсис диҳанд. Шартҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар масъалаҳои марбутаро қонун танзим мекунад. Ҳукумат барномаҳои муассири рушди илм, фарҳанг, адабиёт ва санъатро таҳия мекунад. Ҳукумат ҳуқуқҳои муаллифӣ, ихтироъкор ва кашфиётро кафолат медиҳад ва таҳқиқоти илмиро дар ҳама соҳаҳо ташвиқ ва дастгирӣ мекунад ва истифодаи самараноки натиҷаҳои онро мутобиқи муқаррароти қонун умумиҷаҳонӣ менамояд. Тибқи сохтори ташкилии Ҳукумати нав, Шӯрои рушди захираҳои инсонии Девон вазифадор аст, ки барномаҳои афзалиятнокро баррасӣ ва тасдиқ кунад ва маблағҳоро ба соҳаи маориф пеш аз пешниҳоди онҳо ба Девон ҷудо кунад. Масъулият барои расонидани хидматҳо дар соҳаи маориф байни вазоратҳои маориф (синфҳои 1 то 12, 13 ва 14), аз ҷумла таҳсилоти техникӣ ва касбӣ ва таълими муаллимон, маълумоти олӣ (синфи 13 ва аз он боло) ва Вазорати меҳнат ва корҳои иҷтимоӣ, шаҳидон ва маъюбон (кӯдакистон, таҳсилоти касбӣ) тақсим карда шудаанд. Ғайр аз ин, бахшҳои ҷудогонаи сиёсатгузории соҳаи маориф, ки солҳои охир таҳия шудаанд, бояд тавассути раванди машваратӣ ба сиёсати ҳамаҷонибаи маорифи миллӣ табдил дода шаванд. Пас аз ба даст овардани ҳадафи нақшаи сеюми стратегӣ, ин корро ҳамчун як амали фаврӣ иҷро карда, ҳамоҳангӣ ва мутобиқати банақшагирӣ ва идоракунии таҳсилотро дар доираи сиёсати фарогир дар сатҳи миллӣ таъмин менамояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Вазорати маорифи Афғонистон аллакай бо дигар вазоратҳо ва ҷонибҳои манфиатдори соҳаи маориф машваратҳоро оғоз намуд, то нақшаҳои стратегӣ бо ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ҷиҳати мусоидат ва таҳкими фазо ва самтҳои ҳамкории бисёрҷониба мутобиқат кунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, Ҳукумат ҳамчун мақомоти марказӣ ва салоҳияти умумидоштаи ҳокимияти иҷроия дар идоракунии соҳаи маориф салоҳиятҳои зерин дорад: роҳбарии самараноки соҳаи маорифро таъмин мекунад; бо пешниҳоди вазорату идораҳо оид ба таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбии дорои мақоми ҷумҳуриявӣ, муассисаҳои махсуси таълиму тарбия, Академияи илмҳои педагогӣ ва сохторҳои он қарор қабул мекунад; барномаҳои давлатӣ, байнидавлатӣ ва байналмилалии инкишофи соҳаи маорифро таҳия, баррасӣ ва тасдиқ намуда, татбиқи ин барномаҳоро аз ҷиҳати моддию техникӣ ва молиявӣ таъмин менамояд; тартиби додани иҷозатнома (литсензия), гузаронидани аттестатсия, аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимӣ, тартиби аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимиро муайян мекунад; феҳристи касбу ихтисосҳоеро, ки бо тарзи экстернат гирифтани онҳо манъ аст, тасдиқ менамояд; тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии дигар муассисаҳои таълимии давлатиро муқаррар менамояд; феҳристи самт ва ихтисосҳои таҳсилоти касбиро муайян мекунад; меъёри маблағгузории системаи маориф, тартиби маблағгузории буҷетии муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатиро муайян мекунад; ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатиро бо пешниҳоди вазорату идораҳои дахлдор ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамояд; низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, аз ҷумла хусусиро тасдиқ мекунад; ҳуҷҷатҳои намунаи давлатиро дар бораи таҳсилот муайян

намуда, Низомномаи пешниҳоди шаҳодатномаи аъло ва дипломи аъло, бо медали тилло, нуқра мукофотонидани хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ, имтиёзҳои ба ҳуҷҷатҳои мазкур вобастаро тасдиқ мекунад; андозаи ҳадди ақали меъёри (ставкаи) музди кор ва маоши вазифавии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, меъёр ва тартиби пешниҳоди имтиёзҳо ва стипендияро барои кормандони илмию омӯзгорӣ, хонандагон, донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо ва муҳаққиқони ба вазифаи ходимони илмӣ гузаронидашуда, андозаи маблағҳои таълими иловагиро муайян менамояд; системаи ягонаи маълумоти омории соҳаи маорифро ташкил медиҳад.

Вазорату идораҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин вазорату идораҳое, ки дар тобеияташон муассисаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ доранд дар соҳаи маориф салоҳиятҳои зерин доранд: оид ба таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбии дорои мақоми ҷумҳуриявӣ, муассисаҳои махсуси таълиму тарбияи соҳаи худ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод менамоянд; бо пешниҳоди ректорони муассисаҳои олии касбӣ, муовинони онҳо, инчунин роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва таҳсилоти махсуси сохтори худро ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамоянд; раванди таълимро дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот дар муассисаҳои таълимии соҳаи марбута таъмин мекунанд; нақшаю барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсии муассисаҳои таълимии соҳаҳои марбутаро таҳия намуда, барои тасдиқ ба мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф пешниҳод менамоянд ва нашри онҳоро ба роҳ мемонанд; бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгории муассисаҳои таълимии сохтори худро ташкил ва таъмин менамоянд; фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва тарбиявии сохтори худро таъмин ва назорат намуда, аз маблағҳои дар ихтиёрашон буда онҳоро маблағгузорӣ мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Имомов А. И. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2007.
2. Қодиров Ш., Сафаров И., Байзоев А., Бобоев Х. Таҳлили омории соҳаи маориф. Дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе, 2003.
3. Муллоев А. Дастоварда ва мушкилот дар роҳи татбиқи ислоҳоти таҳсилоти олӣ // Маҷаллаи «Мактаб ва ҷомеа». – 2005. – №1(6), с. 8-16.
4. Ойев Х. Марифхонов Р.Н. Қодиров Ҷ.Ш. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Васоити таълимӣ. Душанбе. 2016.

МАВҚЕИ ҲУКУМАТ ВА ДИГАР МАҚОМОТИ МАРКАЗӢ ДАР АМАЛИСОЗИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ МАОРИФ

Дар асоси Қонуни Асосии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти Ҳукумат дар самти амалисозии сиёсати давлатии маориф аз Ҳукумат талаб карда мешавад, ки барномаи муассири таъмини низоми мутавозини таҳсил дар саросари Афғонистон, таълими ҳатмии миёна ва таълими забони модариро дар минтақаҳое, ки зарур аст, таҳия ва амалӣ кунад. Ҳукумат вазифадор аст, ки бо мақсади фароҳам овардани тавозун ва рушди маорифи занон, такмили маърифати бодиянишинон ва решакан кардани бесаводӣ дар кишвар барномаҳои муассир таҳия ва амалӣ намояд. Ҳукумат барномаи таълимии воҳиди таълимиро дар асоси қоидаҳои дини мубини ислом ва фарҳанги миллӣ, тибқи принсипҳои илмӣ таҳия ва амалӣ менамояд ва барномаи таълимии фанҳои динии мактабҳоро дар асоси дини ислом дар Афғонистон таълим медиҳад.

Калидводжаҳо: Қонуни Асосии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, маориф, ҳукумат, фарҳанги миллӣ.

ПОЗИЦИЯ ПРАВИТЕЛЬСТВА И ДРУГИХ ЦЕНТРАЛЬНЫХ ОРГАНОВ В РЕАЛИЗАЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ В ОБРАЗОВАНИИ

Согласно Конституции Исламской Республики Афганистан и другим нормативным правовым актам, регулирующим деятельность правительства в области государственной политики в области образования, правительство должно иметь эффективную программу для обеспечения сбалансированной системы образования на всей территории Афганистана. Правительство обязано разработать и реализовать эффективные программы для достижения баланса и развития образования женщин, улучшения образования кочевников и искоренения неграмотности в стране. Правительство разрабатывает и реализует учебную программу этого подразделения, основанную на принципах священной религии ислама и национальной культуры, в соответствии с научными принципами, и преподает учебную программу религиозных школ в Афганистане на основе ислама.

Ключевые слова: Конституция Исламской Республики Афганистан, образование, правительство, национальная культура.

THE POSITION OF THE GOVERNMENT AND OTHER CENTRAL BODIES IN THE IMPLEMENTATION OF STATE POLICY IN EDUCATION

According to the Constitution of the Islamic Republic of Afghanistan and other normative legal acts regulating the Government's activities in the field of public education policy, the Government must have an effective program to ensure a balanced education system throughout Afghanistan. The Government has an obligation to develop and implement effective programs to achieve balance and develop women's education, improve the education of nomads, and eliminate illiteracy in the country. The Government develops and implements the curriculum of this unit based on the principles of the holy religion of Islam and national culture, in accordance with scientific principles, and teaches the curriculum of religious schools in Afghanistan based on Islam.

Keywords: Constitution of the Islamic Republic of Afghanistan, education, government, national culture.

Сведения об авторе: ***Сиёваш Раббонї*** **–** магистр второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **000 03 90 83**

Information about the author: Siyovash Rabboni – second-year Master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University. Phone: **000 03 90 83**

БАРРАСИИ ҶАРОИМИ НИЗОМӢ АЗ ҶОНИБИ ДОДСИТОН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ АФҒОНИСТОН

Суҳайл С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Уламои ҳуқуқи ҷазо, ҳар як ба наҳве ба таърифи ҷурм пардохтаанд ки ин таъриф мулҳам аз гароишҳои назарии гунаҳои макотиб дар ҳуқуқи ҷазо будааст. Дар таърифи муъҷаз ва комили яке аз ҳуқуқдонони фаронсавӣ, аз ҷурм чунин баён шудааст: «Ҷурм иборат аст аз таҷаллии хатокоронаи иродаи шахс бар хилофи ҳаққе, ки қонун барои он муҷозот таъйн кардааст» [1,с.119]. Ҷурм дар Қуръон ва ба табаи он дар фиқҳи исломӣ, иборат аст аз анҷом додани феъл ё гуфтани қавле аст, ки шореи муқаддаси онро манъ кардааст. Ба ибораи дигар, афъолу ақволии ҷурм талаққӣ мешаванд, ки муғойир бо аҳком ё авомир ва навоҳии Бор Таоло бошанд, ба тавре ки дар ояи дувоздаҳуми сураи «Моида» «яҷрамннакум» ба маънои корҳои зишту нописанд ворид шудааст ва низ лафзи «муҷримин» дар ояти чиҳилу ҳаштум аз сураи «Қамар» низ нозир ба аъмолу рафтори зишти касоне аст, ки дар гумроҳӣ ба сар мебаранд. Ҳамин маъноро метавон аз оёте, ки дар боби анвои ҷароим машмул аст, қасоси нафс, қасоси узв, дия, ҳадди зино, ҳадди қазф, ҳадди сирқат дар Қуръони карим ворид шудааст, истишҳод намуд.

Ҷароими низомӣ. Ҷароими низомӣ иборат аст аз қусури низомиён дар ҳифзи инзиботу тахаллуф аз вазоиф, ки ба муносибати шуғл ба онҳо муҳаввал шудааст [1,с.271]. Ҳамчунин, дар моддаи дувуми Қонуни ҷароими аскарӣ, мусавваби соли 1384, дар таърифи ҷурми аскарӣ чунин муқаррар кардааст: «Ҷароими аскарӣ дар ин қонун шомили ҷароим алайҳи қобилият ва эҳзороти муҳорибавии қуввои мусаллаҳ ва назми муайян дар анҷоми хизмати аскарӣ мебошад. Усулан, ҷароиме, ки як низомӣ муртакиб мешавад, ду гуна аст:

1. Ҷароими сирф низомӣ, ҷароиме аст, ки фақат низомиён қодир ба иртикоби он ҳастанд ва иртикоби он аз сӯйи ғайринизомиён мумкин нест ва дар сурати иртикоби он аз сӯйи фарди ғайринизомӣ, ҳеҷ гуна масъулияти ҷазоӣ дар бар надошта бошад, монанди хобидан ҳангоми нигаҳбонӣ, тарки пост ва ғайра.

2. Ҷароиме, ки низомиёну ғайринизомиён ҳарду қодир ба иртикоби он ҳастанд, монанди харидории аслиҳа ё махфӣ кардани он, иртишоъ ва ғайра.

Ҷароими низомӣ ҳамон ҷароими сирф низомӣ ҳастанд, ки дар дастаи аввал қарор мегиранд [13,с.22]. Бинобар ин, милоку меъёри ташхиси ҷароими низомӣ, аввалан, шахсияти муртакиби ҷурм аст, ки бояд аз узви неруҳои низомӣ бошад ва сониян, табиати ҷурм аст, ки бояд дар иртибот бо вазоиф ва масъулиятҳои хосси низомии худ мубодират ба иртикоби ҷурм намояд. Ҳарчанд баъзе ҳуқуқдонон бар ин ақидаанд, ки ҷароими низомиён монанди ихтилосу артшоъ ба муносибати шуғлӣ ҳам иртикоб ёфта бошанд, ҷурми низомӣ нестанд [10,с.350].

Ҷурми низомӣ дар ҳуқуқи Афғонистон. Қабл аз ин ки ба ҷурми низомӣ пардохта шавад, ба таърифи неруҳои низомӣ пардохта мешавад. Кодекси ҷазоии мусавваби соли 1396 Афғонистон неруи низомиро ин гуна таъриф кардааст: «Неруҳои қуввои мусаллаҳ (урдӯ), полис ва амнияти миллӣ ё мансубини низомии соир вазоратҳо ва идороти дорои ташкилоти низомӣ мебошанд».

Хиёнати миллӣ дар Кодекси ҷазо. Кодекси ҷазо масодиқи зиёдеро барои хиёнати миллӣ баршумурдааст, аммо маворидеки марбути ин таҳқиқ, яъне ҷурми низомӣ мешавад, шомили маворидизер аст:

Дар фақараи шумораи сеюм: таслими неруҳои таҳти амр ба душман.

Фақараи чаҳорум: вогузории таъсисот, иншооти нигаҳдории аслаҳа ва муҳимот, васоили низомӣ, захоири маводи иртизоқӣ ё истеҳкомоти мутааллиқ ба неруҳои низомӣ ба душман ба манзури мусоидати онҳо, ё фароҳамсозии тасҳилот барои вуруди душман ба кишвар.

Фақараи панҷум: ҷамъоварии маълумоти ҳовии асрори низомӣ, дифоӣ ё амниятии кишвар, ба манзури таслимдиҳии он ба давлати хориҷӣ, созмон ё гурӯҳи зиддидавлатӣ ё гумоштагони онҳо.

Фақараи шашум: истихдоми ашхос, таҳияи амвол ё тачҳизоти низомӣ барои давлати хориҷӣ дар ҳоли ҷанг бо давлати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо неруҳои мусаллаҳ дар ҳоли ҷанг ё мунозиаи мусаллаҳона бо давлати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон.

Фақараи ҳаштум: сирқат, талаф ё тазвири асноди ҳовии асрори низомӣ, дифоӣ ё амниятии кишвар.

Фақараи ёздаҳум: ифшои асрори низомӣ, дифоӣ ё амниятии кишвар ба ашхос ё давлати хориҷӣ ё шахсе, ки ба нафъи онҳо кор мекунад ё ба гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолифи давлати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон. Ибороти моддаи нишондиҳанда он аст, ки нақшаҳо ё асрор, ё асноду тасмимот роҷеъ ба сиёсати дохилӣ ё хориҷии кишвар ҳасби вазифа дар ихтиёри яке аз мақомот ё кормандони давлатӣ қарор дорад.

Муҷозоти ҷурми хиёнат. Кодекси ҷазо барои мансубини низомӣ, ки муртакиби ҷурм шаванд, дар моддаи 239 бар ҳасби ҷурм ба ҳабси дараҷаи дувум ва дар сурате, ки шахси муртакиб асрори низомиро ба кишварҳои дигар ва давлати хориҷӣ интиқол диҳад, ба ҳабси тавил маҳкум мешавад.

Қонуни ҷазоии аскарӣ низ барои мансубини низомӣ дар сурате, ки аъмоли зерро анҷом диҳанд, ҳукми муҷозот муайян кардааст.

1.Пайвастан ба душман.

2.Таслими неруҳои таҳти асар ба душман.

3.Вогузории силоҳ, техникаи муҳорибавӣ, истеҳкомот ва соир васоили пешбурди ҷанг ба манзури мусоидат ба душман.

4.Тавтеа алайҳи давлат ба мақсади гирифтани қудрати давлатӣ.

5.Сирқат ва ҷамъоварии маълумоти сиррӣ роҷеъ ба қуввaҳои мусаллаҳ, амалиёти муҳорибавӣ ҷиҳати дифоъ аз ватан, гирифтани эҳзорот, қобилияти дифоии кишвар ва соир маълумот ғарази истифода алайҳи давлат ба манзури таслим ба давлати хориҷӣ, созмонҳои зиддидавлатӣ ё ҷосусии онҳо.

6.Таблиғот дар байни мансубини аскарӣ алайҳи қобилияти муҳорибавии қуввaҳои мусаллаҳ ва анҷоми ҳар навъ аъмоли хасмона алайҳи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон.

Дар сурате, ки ашхоси низомӣ аъмоли ёдшударо анҷом диҳанд, ҳасби аҳвол ба ҷазои ҳабс аз понздаҳ то бист сол ё эъдом маҳкум мегардад. Лозим ба зикр аст, ки сирфан ҷароими низомии коркунони неруҳои низомӣ дар маҳокими низомӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, мавориде ки зикр гардид, шомили ин неруҳо мешавад.

Ҷароими хиёнати миллӣ бо таҳдиди ҳаётитарин доштаҳои як давлат, яъне амнияти миллӣ, ҳокимият ва тамомияти арзӣ ва низ авоқиби ғайриқобили ҷуброни он хусусиёти мунҳасир ба фардро нисбат ба соири ҷароим ба худ ихтисос додааст. «Ба ибораи дигар, ҷароими хиёнати миллӣ ба барҷастатарин ҷароими амниятӣ, ки бо якпорчагии низоми мардумӣ ё ҳокимияти сарзаминӣ ё амнияти дохилӣ дар сатҳи калон муртабит аст, ангушт мегузорад» [6, с.350]. Дар ин росто қонунгзор низ дар заминаи ҷурмангории ин навъ ҷароим, вижагиҳоеро дар назар гирифтааст, ки гоҳе ин хусусиёт аз усули мусаллам ва тасбитшудаи ҳуқуқи ҷазо ва асосоти илми ҳуқуқ дар арсаи ҷазоӣ удул кардааст.

Ҷароими ҷангӣ дар Афғонистон. Дар ҳуқуқи Афғонистон низ ҷароими ҷангӣ ба унвони як падидаи шум баррасӣ шудааст. Дар фасли сеюми Кодекси ҷазоии Афғонистон, дар моддаи 337 маворидеро шомили ҷиноёти ҷангӣ шумурдааст, ки Конвенсияи Женева ба он ишора кардааст. Мутобиқи муқаррароти Кодекси ҷазо, қатли амд ба сурати густарда, шиканҷа ё рафтори ғайриинсонӣ ҳамчун озмоишҳои кимиёвӣ рӯйи инсонҳо, ворид кардани амдии дарду ранҷи шадид ё осеби ҷиддӣ ба бадан ё саломатии ашхос ва тахриб ва забти густардаи амвол, ки заруратҳои низомиро тавҷеҳ намекунад ва ба сурати ғайриқонунӣ ва худсарона сурат бигирад, мисдоқҳое мебошанд, ки дар Кодекси ҷиноятии Афғонистон ба унвони ҷиноёти ҷангӣ маҳсуб шудаанд. Ҳамчунин, Кодекси ҷазо дар хилоли ҷанг ба мавориде ишора дорад, ки мисдоқи ҷинояти ҷангӣ маҳсуб мешавад. Маҷбур сохтани асири ҷангӣ ё соири ашхоси машмули ҳимояти Конвенсияи Женева ба хизмати иҷборӣ дар неруҳои ҷангӣ ва маҳрум кардани амдии асири ҷангӣ ё соири ашхоси машмули ҳимоят, аз ҳаққи бархӯрдории муҳокимаи одилона ва дастрасӣ ба доштани ҳаққе, ки қонун ба вай вогузор кардааст, дар канори ихроҷ ё интиқоли ғайриқонунӣ ё ҳабси ғайриқонунӣ ва гаравгонгириро ба унвони масодиқи ҷинояти ҷангӣ дар Кодекси ҷазои мусавваби соли 1396 матраҳ шудааст. Дар Кодекси ҷазо дар барои муҷозоти ҷурми ҷангӣ ба суратҳои мухталиф баён шудааст. Ба ҷуз мавриди қатл, ки ба эъдом маҳкум мешавад, мавориди дигар аз ҳабси дарачаи аввал то ҳабси тавил маҳкум мешаванд. Моддаи 339 Кодекси ҷазо, ҷароим дар ҳукми ҷароими ҷангиро ин гуна муаррифӣ мекунад: «Ҳамалоти амдӣ алайҳи ашхоси ғайринизомӣ ба сурати умум ё ашхоси ғайринизомӣ, ки мушорикати мустақим дар мунозиаи мусаллаҳона надошта бошанд ва ҳамлаи амдӣ болои аҳдофи ғайринизомӣ аз сӯйи тарафҳои даргири мунозиа, ҳамлаи амдӣ бар таъсисоти хадамоти кумакрасонӣ дар арсаи ҳуқуқи башар ва неруҳои ҳифзи сулҳи байналмилалӣ, ки ба муҷиби Маншури Милали Муттаҳид дар саҳнаи ҷанг ҳузур доранд. Ҳамла болои таъсисоти ғайринизомӣ, ки муддатҳои зиёде битавонад бар муҳит зист зарар ворид кунад ва тарафҳои даргир ба ин амр воқиф бошанд ва ҳамла болои марокизи ғайринизомӣ, масалан, шифохонаҳо ва макотиб. Ҳамла бар низомиёне, ки таслим шудаанд ва тавони дифоъ аз худро надоранд. Нақлу интиқоли ҷамъияти кишвари ишғолшуда низ ба унвони мисдоқи ҷинояти ҷангӣ маҳсуб мешавад ва куштану захмӣ кардан ба сурати ваҳшиёна ва ғайриинсонии асирони ҷангӣ, ки дар ихтиёри неруҳои пирӯзи майдон аст. Дар Кодекси ҷазо ба неруҳои низомӣ, ки аз аслиҳаи кимиёвӣ истифода мекунанд ва аз силоҳҳои мухарриби дигаре, ки хилофи қавоиди байналмилалӣ аст, истифода мекунанд, низ гуфта шудааст, ки ании силоҳҳои ноқизи қавонини байналмилалӣ аст ва аз ҷумлаи масодиқи ҷинояти ҷангӣ хоҳад буд. Соири мавориде, ки Кодекси ҷазо ба унвони ҷинояти ҷангӣ талаққӣ мекунад, шомили ҷанги мусаллаҳона алайҳи ашхосе, ки аз ҷанг даст кашидаанд ва ё дар ҷанг фаъолона ширкат надоранд, ашхосе, ки ба иллати беморӣ, маҷрӯҳият ё асорат ё далоили дигар аз ҷанги маъзур маҳсуб мешаванд, низ ҷурми ҷангӣ шинохта шудаанд. Дар мавриди муҷозоти ашхосе, ки муртакиби ҷинояти ҷангӣ шудаанд, низ вобастагӣ ба навъи ҷурм ҳукми ҷудогона дорад, аз ҳабси кӯтоҳмуддат ва тавил то ҳукми эъдом, ки ба навъи ҷурм вобастагӣ дорад, аъмол мешавад. Ҷароими неруҳои низомӣ аз дастаи ҷароими бисёр хатарнок дар сатҳи миллии кишварҳост. Ҳадафи қавоиди муҷозотҳои дар назар гирифта шуда барои ин қабили ҷароим аз сӯйи қонунгзор, дорои хусусиятҳои мунҳасир ба фард аст, ки ҳуқуқдон дар баррасӣ ва таҳлили қазоии мулзам ба шинохти ин вижагиҳост. Дар кишваре мисли Афғонистон, ки ба унвони кишвари фосиди идорӣ мушаххас шудааст, агар неруҳои низомӣ, ки ҳофизи манофеи умумӣ ҳастанд, муртакиби ҷурм шаванд, дигари умеде ба беҳбуд нахоҳад буд.

Бо таввачуҳ ба қавонине, ки дар арсаи ҷурмангории низомӣ матраҳ аст, аз ноҳияи ду қонун – Кодекси ҷазо ва Қонуни ҷазоии аскарӣ гумон мерафт, ки дар кишвар шоҳиди коҳиш фасод дар неруҳои низомӣ бошем, ҳол он ки бо вуҷуди қавонини корро, вале ба далели адами иҷроӣ шудани қавонин дар кишвари мо, шоҳиди фасоди рӯзафзун дар кишвар ҳастем.

АДАБИЁТ

1. Ардабилӣ, Муҳамадалӣ. Ҳуқуқи ҷазоии умумӣ. – Теҳрон: Мизон, 1382. Чопи аввал. – Ҷ. 1.
2. Ардабилӣ, Муҳамадалӣ. Ҳуқуқи ҷазоии умумӣ. – Теҳрон: Мизон, 1382. Чопи 19. – Ҷ. 1.

3. Раҳмдил, Мансур. Ҷосусӣ ва хиёнат ба кишвар // Маҷаллаи «Таҳқиқоти ҳуқуқии озод». Давраи 8. -№ 28. – 1394.
4. Разавӣ, Муҳаммад. Ҳуқуқи кайфарии неруҳои мусаллаҳ. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи улуми интизомии Ноҷо, 1386. Чопи аввал.
5. Шомбиётӣ, Ҳушанг. Ҳуқуқи ҷазоии ихтисосӣ. – Теҳрон: Жубин, 1380.
6. Алипур, Ҳасан. Ҷароими зидди амнияти миллӣ. – Теҳрон: Хурсандӣ, 1388.
7. Фридел, Рон. Ҷосусӣ: дунёи модерни ҷосусӣ. Тарҷумаи муовинати пажӯҳишии Донишкадаи Имоми Боқир. – Теҳрон, 1382.
8. Мондел, Роберт. Чеҳраи мутағаййири амнияти миллӣ. Тарҷумаи Пажӯҳишкадаи мутолиоти роҳбурдӣ. Чопи дувум. – Теҳрон, 1379.
9. Муҳсинӣ, Муртазо. Даври ҳуқуқи ҷазои умумӣ. – Теҳрон: Ганҷи дониш, 1375. – Ҷ. 2.
10. Муайян, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ. – Теҳрон: Амир Кабир, 1381. Чопи 19. –Ҷ. 1.
11. Валидӣ, Муҳаммад Солеҳ. Ҳуқуқи ҷазои умумӣ. – Теҳрон: Марказ 1372. – Ҷ.2.
12. Ёрӣ, Муҷтабо. Ҳуқуқи ҷазоии низомӣ. – Теҳрон: Мисоқи адолат, 1383. Чопи аввал.

БАРРАСИИ ҶАРОИМИ НИЗОМӢ АЗ ҶОНИБИ ДОДСИТОН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ АФҒОНИСТОН

Солиёни мутамодӣ Афғонистон даргири низои дохилӣ ва ҷангҳои хонумонсӯз будааст. Дар ин миён ҷурмҳои гуногун, аз ҷумла ҷиноятҳои ҷангӣ, ҷиноят алайҳи башарият, табъизи нажодӣ ва ғайра, мавориде ҳастанд, ки дар Афғонистон ба вуқӯъ пайвастаанд. Аз тарафи дигар, муҳимтарин умуре, ки маъмуланд ва марбут ба иҷтимоъ дар кул мешаванд, ҳокимият ва қудрати иҷроӣ ва назми ҷомеа ва марҷаи нозир бар он аст. Афғонистон ба унвони лонаи терроризм барои фаъолияти гурӯҳҳои ҳаросафкан ва бунёдгаро дар Осиёи Миёна шинохтааст. Ҳамчунин таҷрибаи солҳои тавъам бо ҷангу низоъҳои дохилӣ нишон дод, ки дахолатҳои кишварҳо дар Афғонистон, чӣ гуна тавонист ҳокимияти арзӣ ва ҳуқуқии кишварро махдуш кунад.

Калидвожаҳо: ҷурм, ҷароими низомӣ, Кодекси ҷазо.

РАССЛЕДОВАНИЕ ВОЕННЫХ ПРЕСТУПЛЕНИЙ ПРОКУРОРОМ В АФГАНСКОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ

Афганистан уже много лет охвачен беспорядками и гражданской войной. Среди них различные преступления, такие как военные преступления, преступления против человечности, расовая дискриминация и т. д., имеют место в Афганистане. С другой стороны, наиболее важными, всеобъемлющими и связанными с обществом в целом, являются суверенитет и исполнительная власть, а также порядок в обществе и власть, которая должна его обеспечить. Афганистан на сегодняшний день считается логовом терроризма и террористических группировок в Центральной Азии. Кроме того, опыт многолетних войн и гражданской войны показал, как вмешательство стран в Афганистан может подорвать территориальный и правовой суверенитет страны.

Ключевые слова: преступление, военные преступления, Уголовный кодекс.

PROSECUTOR INVESTIGATION OF MILLITORY CRIMES IN AFGHAN LAW

Afghanistan has been plagued by unrest and civil war for many years. Among them, various crimes such as war crimes, crimes against humanity, racial discrimination, etc., take place in Afghanistan. On the other hand, the most important, all-encompassing and connected with society as a whole are sovereignty and executive power, as well as order in society and the power that must ensure it. Afghanistan today is considered a den of terrorism and terrorist groups in Central Asia. In addition, the experience of many years of wars and civil war has shown how the intervention of countries in Afghanistan can undermine the territorial and legal sovereignty of the country.

Keywords: crime, war crimes, the Criminal Code.

Сведения об авторе: ***Сухайл Сайфиддин*** - магистр второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **+922985444182/+93791431516**. E-mail: **suhail_sar@yahoo.com**

Inmformation about the author: ***Suhail Sayfiddin*** - second - year master`s student of Faculty of Law, Tajik National University. Phone: **+ 922985444182 / + 93791431516.** E-mail: **suhail_sar@yahoo.com**

РУШДИ ИНСТИТУТИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шарипов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳангоми баррасии мафҳуми "мақоми хизматчии ҳарбӣ" аҳамияти лаҳзаи гузариши шаҳрванд аз ҳолати умумии шаҳрвандӣ ба хизмати ҳарбӣ қайд карда мешавад, зеро танҳо аз лаҳзаи оғози муҳлати хидмати ҳарбӣ шаҳрванд хизматчии ҳарбӣ ҳисобида мешавад. Ғайр аз шахсоне, ки тибқи шартнома хизмати ҳарбиро сипарӣ мекунанд ва бо роҳи даъват

ба хизмати ҳарбӣ даъват карда мешаванд, мақоми хизматчиёни ҳарбӣ ба ашхоси даъватшуда таҳсил мекунад; хизматчиёни ҳарбие, ки асир ё гаравгон гирифта шудаанд, дар кишварҳои бетараф таҷриба гирифтаанд дар ҳолати набудани номаълум (то вақте ки онҳо гумшуда ё мурда эътироф шудани суд) ва дар якқатор ҳолатҳои дигар. Мақоми сарбоз аз лаҳзаи ба охир расидани хизмати ҳарбӣ гум мешавад. Рушди институти ҳуқуқ ва озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ дар Тоҷикистон таҳлили ретроспективии вазъи ҳуқуқ, озодиҳо ва вазифаҳои хизматчиёни ҳарбиро дар давлати Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои ба кишвари мо хос дар қаламрави Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Ҳамин тавр, аллакай адвокатҳои асрҳои XVIII-XIX бо ишора ба хусусиятҳои ташкилоти ҳарбӣ, мавқеи махсуси артиш дар механизми давлат, истисноӣ будани вазифаҳои он, хусусиятҳои мақоми ҳуқуқиро таъкид карданд.

Конститутсияи РСФСР 1918 мақоми хизматчиёни Артиши Сурхро ҳамчун шаҳрвандони комилҳуқуқи Давлати Шӯравӣ муайян кард. Конститутсияҳои СССР дар солҳои 1924 ва 1936 ҳуқуқҳои пурраи хизматчиёнро ҳамчун шаҳрвандони СССР, аз ҷумла ҳуқуқи интихобро қонунӣ карданд. Конститутсияи СССР соли 1977 якқатор муқаррароти нав оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дохил карда шуданд. Конститутсияи РСФСР аз соли 1978, баръакс, моддаҳо дар бораи ҳуқуқи пурраи хизматчиёни ҳарбиро дар бар намегирифт, дар моддаҳои боби «Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд», ки бо қонун маҳдуд карда мешуданд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 эътироф ва таҳкими меъёрии мавқеи арзиши олии шахс, ҳуқуқҳо, озодиҳои онҳоро пайдо карданд; асосҳои вазъи ҳуқуқии шахс, муносибати байни давлат ва шахсро муайян кард.

Ҳангоми баррасии вижагиҳои рушди ҳуқуқҳо ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон, муаллиф ба хулосае меояд, ки ташаккули ҳуқуқ ва озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳоле ба вуқӯъ пайваст, ки вазъи ҳуқуқии шахс дар ҷомеа, ҳуқуқ ва озодиҳо муқаррар карда шудааст хизматчиёни ҳарбӣ бо назардошти тағирёбии шароити раванди таърихӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ конкретӣ ва илова карда шуданд. Асосҳои конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи осоишта таҳлили асосҳои конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои хизматчиёни ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони осоишта гузаронида мешавад. Қайд карда мешавад, ки аз ҷониби хизматчиёни ҳарбӣ татбиқ шудани ҳуқуқҳо ва озодиҳои шаҳрвандӣ вобаста ба маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ин категорияи шаҳрвандон дар давраи адои хизмати ҳарбӣ ва дар баъзе ҳолатҳо пас аз барканорӣ хусусиятҳои хос доранд. Таъкид карда мешавад, ки маҳдудиятҳо характер, ҳудуд ва давомнокии муваққатӣ доранд. Маҳдудиятҳои ба хизматчиёни ҳарбӣ дахлдоштаро дар татбиқи ҳуқуқҳо ва озодиҳои шахсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣи ва сиёсӣ муфассал месанҷад. Муаллиф мавқеъҳои мавҷударо ҷамъбаст намуда, ҳадафҳои маҳдудияти зеринро муайян мекунад: ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятии шахс, ҷомеа ва давлат; иҷрои вазифаҳо оид ба таъмини мудофиа ва амнияти давлатии кишвар; фароҳам овардани шароит барои фаъолияти пурсамари касбии кормандони ҳарбӣ барои таъмини вазифаҳои касбии онҳо; муқаррар намудани монеаҳо барои суиистифодаи эҳтимолии хизматчиёни ҳарбӣ аз ҳуқуқҳое, ки вобаста ба иҷрои вазифаҳои умумӣ, хизматӣ ва махсус дода шудаанд; таъмини мустақилият дар татбиқи ҳуқуқҳои расмӣ ва махсус. Хулоса асоснок аст, ки маҳдудиятҳое, ки қонунгузори Тоҷикистон ҷорӣ кардааст, бояд ба меъёрҳои зерин ҷавобгӯ бошанд: конститутсия, мутаносибӣ, мутаносибӣ ва адолат. Усулҳои барои ҳифзи конститутсионии ҳуқуқи хизматчиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид мекунад, ки ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо иштироки ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ - ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, ҳар кадоми онҳо мустақилона ва дар доираи салоҳияти қонунгузорӣ маҳдуд карда шудаанд.

Дар асар қайд карда мешавад, ки мақоми хизматчиёни ҳарбӣ ба татбиқи ҳуқуқи онҳо ба шикояти судӣ таъсир мерасонад. Аз сабаби он, ки хизматчиёни ҳарбӣ дар баробари вазъи умумии ҳуқуқӣ, инчунин мақоми махсус доранд, ҳуқуқи шикоят аз хизматчиёни ҳарбӣ қисми умумии шаҳрвандӣ - ҳуқуқи умумии шикоятро, ки бо меъёрҳои қонунгузории

умумӣ муқаррар карда шудааст, низ дар бар мегирад, ки татбиқ карда мешаванд ба хизматчиёни ҳарбӣ, ба монанди дигар шаҳрвандон ва қисми умумии шаҳрвандӣ - ҳуқуқи махсуси шикоят, ки онро қонунгузории умумӣ низ муқаррар кардааст, вале хусусиятҳои муайяни татбиқи хизматчиёни ҳарбиро, ки бо меъёрҳои қонунгузории махсус (ҳарбӣ) мушаххас шудаанд. Аз ин рӯ, хизматчиёни ҳарбӣ ҳуқуқи умумии шикоятро доранд, ки ҳама шаҳрвандон аз инҳо истифода мебаранд ва аз ҳуқуқи махсуси шикоят - ҳамчун шахсоне, ки мақоми махсуси ҳуқуқӣ доранд, бо қонунгузорӣ илова ба шахси куллӣ дорои шахси ҳуқуқии махсус ва иҷрои онҳо мебошанд. Қайд карда мешавад, ки ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вектори олии рушди кишвар мебошад. Зарурати маҷмуи чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқиро, ки ба такмил додани механизмҳо ва институтҳои ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ нигаронида шудаанд, исбот мекунад. Равандҳои иҷтимоию иқтисодии рушди ҷомеа ва соҳаи адлия бо ҳам зич алоқаманданд. Мушкилоти гуногуни вобаста ба ислоҳот ва рушди низоми судӣ ба сатҳ ва сифати ҳимояи судии ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии хизматчиёни ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд.

Суд ҳуқуқу озодиҳои хизматчиёни ҳарбиро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки солҳои охир тамоюли афзоиши назарраси муроҷиатҳои хизматчиёни ҳарбӣ барои ҳимояи судии ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои онҳо мушоҳида мешавад. Дар айни замон, судҳои ҳарбӣ ҳар сол тақрибан 100 ҳазор даъво ва шикояти хизматчиёни ҳарбиро баррасӣ мекунанд. Афзоиши шумораи муроҷиатҳо ба судҳои ҳарбӣ натанҳо бо баланд шудани саводнокии ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ, балки бо вазъи ғайриқаноатбахши корҳои Қувваҳои Мусаллаҳ дар самти таъмини ҳайати шахсӣ бо намудҳои муқарраршудаи ёрдампулӣ ва риояи дигар ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ. Омор нишон медиҳад, ки сатҳи риояи ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ аз ҷониби мақомоти фармондеҳӣ ва назоратии ҳарбӣ хеле паст боқӣ мондааст. Чунин ҳодиса ғайриоддӣ нест, ки ҳамаи афсарони қисми низомӣ дар як вақт ба суди ҳарбӣ шикоят пешниҳод кунанд. Аксари қонуншиканиҳо аз ҷониби фармондеҳӣ ҳангоми додани хизматчиёни ҳарбӣ бо намудҳои муқарраршудаи ёрдампулӣ содир карда мешаванд - қариб 90% ҳамаи қонуншиканиҳои муқаррарнамудаи судҳои ҳарбӣ. Татбиқи ҳимояи ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбиро оид ба аризаҳо (шикоятҳо) таҳлил намуда, таҳияи қонунгузориро оид ба масъалаи эътироз кардани қарорҳо, амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳукуматҳои маҳаллӣ ва шахсони мансабдор таҳлил кардааст. Масъалаҳои мушкилоти марбут ба татбиқи ҳуқуқи ҳимояи судӣ аз ҷониби низомиён қайд карда шуданд. Муаллиф чунин мешуморад, ки марҳилаи кунунии рушди кишвар зарурати ба сатҳи сифатан нави фаъолият гузаштани судҳоро тақозо мекунад. Фаъолияти ҳуқуқи инсон дар иттиҳодияҳои мустақили ҳуқуқи инсон яке аз роҳҳои воқеии ҳимояи ғайрисудии дохилии ҳуқуқ ва озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ мебошад. Фаъолияти мақомоти фармондеҳӣ ва назоратии ҳарбиро таҳлил намуда, таъкид менамояд, ки ба ташаккули системаи назорати шаҳрвандӣ сирри идоравӣ дар бораи ҷиноятҳое, ки дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шудаанд, халал мерасонад. Ҳалли бисёр масъалаҳои марбут ба артиш, амнияти хидмати ҳарбӣ, ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ, риояи ҳуқуқу озодиҳои онҳо ва ғайра, диққати махсуси ҷомеаро тақозо мекунад. Дар соли 1990, дар воқеаҳои фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ бесуботсозандаи соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии зиндагӣ вайрон кардани ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври васеъ паҳн шуд. Вазъияти қонуният ва тартибот барои мубориза бо ҷиноятқорӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохторҳои низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон чизҳои зиёдеро боқӣ гузоштанд. Таъкид мешавад, ки институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, назорати ҷамъиятӣ дар мамлакати мо ташаккул ёфтаанд ва барои ҳамкорӣ бо давлат дар доираи муколама ва ҳамкорӣ омодаанд ва гарчанде ки системаи назорати шаҳрвандӣ аз болои артиш дар маҷмуъ дар мамлакати мо ҳанӯз рушд накардааст, аммо фаъолияти иттиҳодияҳои ҳуқуқи башар аз ҷониби аҳолӣ дастгирӣ карда мешавад, онҳо самарабахш ва талаботнок мебошанд. Шаҳрвандон беш аз 10 ҳазор чунин изҳорот пешниҳод кардаанд: 2,5 ҳазор шикоят аз сабаби вайрон кардани тартиби хидмати ҳарбӣ, 4 ҳазор ариза таъмини нафақаи хизмати ҳарбӣ. Дар солҳои 2008-2009 мақомоти прокуратураи ҳарбӣ беш аз 2,5

ҳазор санҷиши иҷрои қонунгузориро гузаронданд, ки тақрибан 12 ҳазор қонуншиканиро муайян карданд, зиёда аз 1000 пешниҳоди худро дар бораи бартарафсозӣ ошкор карданд, ки вайронкунии қонуни прокурорро тақрибан 150 бекор кардааст ҳазор қоидаҳои фармондеҳӣ ҳуқуқҳои зиёда аз 70 ҳазор хизматчиёни ҳарбиро барқарор карданд. Худкушӣ дар байни конвентҳои ҳарбӣ ва тился дар офати барои артиш. Дар натиҷаи талафоти "ғайринизомӣ" аз соли 2007 то 2009, беш аз ҳазор хизматчии ҳарбӣ кушта шуданд. Фаъолияти ҳуқуқии инсони Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, чунин мешуморад, ки тағйири таваҷҷуҳ дар фаъолияти Прокуратура ба татбиқи ҳуқуқҳои инсон вазифаҳои дахлдор ва стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсонро талаб мекунад ва онҳоро мутобиқ мекунад бо дохилӣ. Инро зикр намуд, ки дар ин давра фаъолияти прокуратура Тоҷикистон бештар ошкор ва дастрас ба аҳолӣ дорад. Аммо, муаллиф чунин мешуморад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо мақомоти прокуратураи ҳарбӣ наметавонад тартиботро дар артиш ба роҳ монад, ҳатто агар истифодаи самараноки фаъолони ҳуқуқи инсон ва потенсиали бошад. Бо мақсади ҳифзи ҳам ҳуқуқи низомиён аз кормандон ва манфиатҳои давлат бояд иловагӣ, таъсис дода. Дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ, озодӣ ва кафолати ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ, шаҳрвандони аз хизмати ҳарбӣ холӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо. Дар робита ба мушкилоти соҳа риояи ҳуқуқ ва озодиҳои кормандони низомӣ дар моҳи июни соли 2000 ва 2005, Омбудсмен русӣ омода карда ва нашр ва ба дурӯғ ба ҳисоботҳои махсус. Бо вуҷуди ин, таҳлили фаъолияти Ваколатдор Тоҷикистон дар рисолаи «назари ташкил намуд, ки Тоҷикистон ё имконияти қабули шикоят ба Ваколатдор Ҷумҳурии Тоҷикистон надорад, ё аз сабаби бесаводии ҳуқуқӣ дарк кардаанд. Дар бораи роҳҳои ҳимояи ҳуқуқҳои худ ба қадри кофӣ иттилоъ надоранд.

Дар **хулоса** ҷамъбаст намудани натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз дорои асосии хулосаи назариявӣ ва тавсияҳои дорои хусусияти амалӣ. Ташкилотҳои ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон ва ИДМ ба Комиссияи Ҳукуматӣ барои омода намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хидмати ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ" барои нашри лоиҳаи қонун дар сайти расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мо аз ин иқдоми комиссияи ҳукуматӣ истиқбол мекунем, зеро муҳокимаи васеи лоиҳаҳои қонунҳо имкон медиҳад, ки ҳуқуқи шаҳрвандон барои иштирок дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда шавад. Мутаассифона, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба раванди таҳияи лоиҳаи қонун шомил карда нашуданд, ки ин дар навбати худ имкон медод, ки муқаррароти марбут ба ҳуқуқи инсон ва принсипҳои демократии маъмурияти даъват ва хидмати ҳарбӣ иртибот дошта бошанд. Амалияи бездошти худсаронаи шахсони синни даъватӣ яке аз ҳолатҳои паҳнгаштаи вайронкунии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳангоми даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бездошти худсаронаи шаҳрвандон барои гузаронидани чорабиниҳои даъватӣ дар байни мардум "Ҷамъбаст" номида мешавад. "Ҷамъбаст" усули ғайриқонунии даъват аст, ки дар вайрон кардани тартиби даъвати шаҳрвандон бидуни пешниҳоди пешакӣ аз ҷониби намояндагони комиссариати ҳарбӣ, намояндагони полис ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ифода ёфтааст. Рейд бо мақсади ба комиссариати ҳарбӣ овардани шаҳрванд барои гузаронидани чорабиниҳои даъватӣ ва хидмати минбаъда дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, хонаҳо ва хонаҳо гузаронида мешавад. Азбаски гирдиҳамоиҳо ба таври бесарусомонӣ сурат мегиранд, шаҳрвандони ноболиғ, шаҳрвандони хоричӣ, инчунин шаҳрвандоне, ки мӯҳлати таъхир ва озодкунӣ аз даъват ба ҳабс гирифта шуда, ба комиссариатҳои ҳарбӣ оварда мешаванд. Ҳангоми бездошти худсарона, инчунин ҳуқуқҳои бунёдӣ, ба монанди дахлнопазирии хона, дастрасӣ ба мурофиаи одилона, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва озодӣ аз сӯиистифода поймол карда мешаванд. Натанҳо ҷавонон қурбонии ҳабси маҷбурӣ мешаванд, балки аъзои оилаҳои онҳо низ ҳастанд, ки мавриди хушунат ва латукӯб қарор мегиранд. Проблемаҳои гирдиҳамоӣ ва дигар қонуншиканиҳои раванди даъват аз ҷониби ҳомиёни ҳуқуқ, фаъолон ва рӯзноманигорони кишвар борҳо ба миён омада буданд. Соли 2014 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои худ ду маротиба ба вайронкунии раванди даъват ҷалб карда, амр дод, ки усулҳои ғайриқонунии даъват ба сафи Артиши Миллӣ комилан аз байн

бурда шаванд. Аммо, дар матни лоиҳаи қонун қоидае пешбинӣ шудааст, ки метавонад ҳабси худсаронро қонунӣ гардонад. Дар қисми 5 моддаи 36 лоиҳа омадааст: «Дар сурати аз даъвати даъватӣ даъватшаванда, падар ё модар, узви болиғи оила ва / ё бе сабабҳои узрнок рад кардани даъватшаванда, дар мӯҳлати муқарраршуда ҳозир намешавад. даъватнома барои чорабиниҳои марбут ба даъват, таъмини пайдоиши ӯ ба мақомоти корҳои дохилӣ дар асоси дархости хаттии комиссариати ҳарбӣ супорида мешавад. " Ин муқаррарот ду нуктаи муҳим дорад. Аввалин он аст, ки масъулияти қабули даъватнома ба аъзои оилаи даъватшаванда аст. Ин муқаррарот бо қисми 2 моддаи 36 лоиҳа мухолифат мекунад, ки дар он гуфта мешавад, ки шаҳрвандоне, ки бояд ба хизмати ҳарбӣ даъват карда шаванд, бояд аз комиссариати ҳарбӣ даъватнома гиранд. Аъзои оила барои амали узви болиғи оила масъулият надоранд. Рӯзнома даъватнома барои гузаштани лоиҳаи чорабиниҳо на аз ҷониби аъзоёни оила, балки бевосита аз ҷониби даъватшаванда мебошад. Радди гирифтани даъватнома аз ҷониби аъзои оила ҳуқуқи қонунӣ мебошад ва наметавонад барои пайдоиши ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноии даъватшаванда асос бошад. Нуктаи дуввуми муҳим он аст, ки масъулияти намояндаи мақомоти корҳои дохилӣ барои зоҳир шудани даъватшаванда мебошад. Гарчанде ки дар лоиҳаи қонун дақиқан дар кучо иштирок кардани овоздиҳандагон мушаххас нашудааст, аммо бо назардошти таҷрибаи мавҷуда, бояд тахмин кард, ки овоздиҳӣ на ба мақомоти корҳои дохилӣ, балки ба ҳайати даъват даъват карда мешавад.

Ин муқаррарот ба моддаи 19 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 9 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ мухолифат мекунад. Дар моддаи 19 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки ҳеҷ касро бидуни асосҳои қонунӣ боздошт ва ҳабс кардан мумкин нест. Мувофиқи моддаи 9 ICCPR “Ҳар як инсон ба озодӣ ва амнияти шахсӣ ҳуқуқ дорад. Ҳеҷ кас набояд аз озодӣ маҳрум карда шавад, ба истиснои чунин асосҳо ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун”. Таъмини ҳузури мақомоти корҳои дохилӣ маҳдудияти озодии шаҳрвандро ташкил медиҳад. Маҳдуд кардани ҳуқуқ ба озодӣ бояд танҳо дар сурате амалӣ карда шавад, ки барои кофӣ будани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҷиноятӣ ҷиноятӣ асосҳои қонунии кофӣ мавҷуд бошанд.

АДАБИЁТ

1. Теория государства и права: Курс лекций / под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. М.: Юристъ. 2001. 776 с.
2. Большой юридический словарь / под ред. А.Я. Сухарева, В.Е. Крутских. М.: ИНФРА-М, 2001. 703 с.
3. Права человека: учебник для вузов / отв. ред. чл.-корр. РАН, д-ра юрид. наук Е.А. Лукашева. – М.: НОРМА, 2003. 573 с.
4. Витрук Н.В. Основы теории правового положения личности в социалистическом обществе / М.: Наука, 1979. 232 с.
5. Новоселов В.И. Правовое положение граждан в советском государственном управлении /
6. Патюлин В.А. Государство и личность в СССР / В.А. Патюлин. – М.: Наука, 1974. - 246 с.
7. Федеральный закон № 76-ФЗ «О статусе военнослужащих» от 27.05.1998 г. (В ред. Федерального закона № 360-ФЗ от 24.11.2014 г.) // СПС «КонсультантПлюс».
8. О некоторых вопросах применения судами законодательства о воинской обязанности, военной службе и статусе военнослужащих: Постановление Пленума Верховного Суда РФ от 14 февраля 2000 г. № 9 // Российская газета. 2000. 24 февр.
9. Анисимов П.В., Ушамирский А.Э. К вопросу о пределах и формах ограничения субъективных прав военнослужащих // Новая правовая мысль. 2006. № 4. -С. 11.

РУШДИ ИНСТИТУТИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Маҳдудиятҳои ба хизматчиёни ҳарбӣ дахлдоштаро дар татбиқи ҳуқуқҳо ва озодиҳои шахсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ муфассал месанҷад. Муаллиф мавқеъҳои мавҷударо ҷамъбаст намуда, ҳадафҳои маҳдудияти зеринро муайян мекунад: ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятии шахс, ҷомеа ва давлат; иҷрои вазифаҳо оид ба таъмини мудофиа ва амнияти давлатии кишвар; фароҳам овардани шароит барои фаъолияти пурсамари касбии кормандони ҳарбӣ барои таъмини вазифаҳои касбии онҳо; муқаррар намудани монеаҳо барои сӯиистифодаи эҳтимолии хизматчиёни ҳарбӣ аз ҳуқуқҳое, ки вобаста ба иҷрои вазифаҳои умумӣ, хизматӣ ва махсус дода шудаанд; таъмини мустақилият дар татбиқи ҳуқуқҳои расмӣ ва махсус. Усулҳои барои ҳифзи конститутсионии ҳуқуқи хизматчиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид мекунад, ки ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои

инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо иштироки ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ - ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, ҳар кадоми онҳо мустақилона ва дар доираи салоҳияти қонунгузорӣ маҳдуд карда шудаанд.

Калидвожаҳо: хизматчиёни ҳарбӣ, вазъи ҳуқуқии умумӣ ва махсус, вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ.

РАЗВИТИЕ ИНСТИТУТА ПРАВ И СВОБОД ВОЕННОСЛУЖАЩИХ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статчье подробно рассмотрено ограничения на осуществление военнослужащими личных, социально-экономических и политических прав и свобод. Автор обобщает существующие позиции и выделяет цели следующих ограничений: защита общественных интересов личности, общества и государства; выполнение задач по обеспечению обороны и государственной безопасности страны; создание условий для эффективной профессиональной деятельности военнослужащих по обеспечению выполнения ими своих профессиональных обязанностей; установление препятствий для возможного злоупотребления военнослужащими правами при исполнении общих, служебных и специальных обязанностей; обеспечение независимости при осуществлении служебных и особых прав. В методах защиты конституционных прав государственных служащих Республики Таджикистан подчеркивается, что защита прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан с участием всех ветвей государственной власти - законодательной, исполнительной и судебной, каждой из которых ограничено.

Ключевые слова: военнослужащие, общий и специальный правовой статус, правовой статус военнослужащего

DEVELOPMENT OF THE INSTITUTION OF RIGHTS AND FREEDOMS OF MILITARY PERSONNEL IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines in detail the restrictions on the exercise of personal, socio-economic and political rights and freedoms by military personnel. The author summarizes the existing positions and identifies the goals of the following restrictions: protection of the public interests of the individual, society and the state; fulfillment of tasks to ensure the defense and state security of the country; creation of conditions for effective professional activity of servicemen to ensure the fulfillment of their professional duties; establishment of obstacles for possible abuse of rights by servicemen in the performance of general, official and special duties; ensuring independence in the exercise of official and special rights. The methods of protecting the constitutional rights of civil servants of the Republic of Tajikistan emphasize that the protection of human and civil rights and freedoms in the Republic of Tajikistan with the participation of all branches of state power - legislative, executive and judicial, each of which is limited.

Keywords: military, general and special legal status, the legal status of a soldier

Сведения об авторе: ***Шарипов Абдували*** - магистр 2 курса юридического факультета Таджикского национального университета

Information about the author: ***Sharipov Abduvali*** - Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law

ДЕЛЕНИЯ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОГО УРОВНЯ В МНОГОАТОМНЫХ МОЛЕКУЛ И СПОСОБ И ОПРЕДЕЛЕНИЯ ИХ ЗНАЧЕНИЙ

Гуломов А. М.
Таджикский национальный университет

Появление дискретного колебательного спектра многоатомной молекулы является результатом существования в молекуле определенных уровней энергии. При рассмотрении задачи об уровнях энергии многоатомной молекулы допустимо в достаточно хорошем приближении рассматривать отдельные виды движений частиц молекулы: движение электронов, колебания ядер, вращательное движение молекулы как целого и, наконец, поступательное движение молекулы как целого. Нас будет интересовать чисто колебательное движение. Пусть молекула находится в некотором стационарном состоянии, которому соответствует определенная геометрическая конфигурация. Так как по предположению никаких внешних сил, действующих на молекулу, нет, то можно считать, что данная геометрическая конфигурация образуется в результате взаимной компенсации внутренних сил, действующих на атомы в молекуле со стороны других атомов и электронов. Отвлекаясь от физической природы этих сил, можно просто считать, что существуют некоторые силы взаимодействия данного атома со всеми остальными. При отклонении атомов от положений равновесия возникнут силы, которые будут стремиться вернуть систему в равновесное состояние. По-прежнему, очевидно, можно считать, что эти силы являются результатом действия на данный атом других атомов молекулы. Такие движения атомов молекулы под действием внутренних сил, возникающих при нарушении равновесного состояния, и приводят к появлению колебательного спектра. Для решения поставленной задачи о колебаниях многоатомной молекулы можно ввести следующие координаты: три декартовы координаты центра масс молекулы, три угла Эйлера вращающейся системы декартовых координат и, наконец, декартовы координаты атомов относительно вращающейся координатной системы. Поскольку молекула, состоящая из N атомов, имеет только 3N степени свободы, то чисто колебательное движение атомов должно характеризоваться 3N-6 (3/V-5 для линейных молекул) степенями свободы.

В достаточно хорошем для наших целей приближении возможно рассматривать колебания в координатах движущейся системы осей таким образом, как если бы молекула не совершала ни вращательного, ни поступательного движения. Это может быть достигнуто путем использования 3N декартовых координат движущейся системы (или N векторов $\vec{r}$ смещений атомов из положений равновесия) наряду с шестью условиями (равенство нулю количества и момента количества движения молекулы как целого), не допускающими вращения или поступательного движения молекулы относительно движущихся осей. Как известно, кинетическая энергия совокупности частиц равна сумме кинетических энергий отдельных частиц

$$\boldsymbol{T_{кин}}=\frac{1}{2}\sum_i m_i\vec{r}_i^{\,2} = \frac{1}{2}\{\vec{r}\}M||\vec{r}||$$

где $\boldsymbol{M}$ - диагональная матрица масс атомов. При колебательных смещениях атомов из положений равновесия возникают силы $\vec{\mathbf{f}}_\mathbf{i}$, действующие на атомы молекулы, пропорциональные смещениям атомов из положений равновесия.

Ограничиваясь так называемым гармоническим приближением, при котором предполагается, что возвращающие силы линейно зависят от смещений атомов из положений равновесия, запишем

$$\begin{aligned} -(\boldsymbol{K_{11}}\vec{r}_1 + \boldsymbol{K_{12}}\vec{r}_2 + \ \dots\ \boldsymbol{K_{1n}}\vec{r}_n) &= \vec{\mathbf{f}}_1 \\ \dots & \qquad \textit{(3)} \\ -(\boldsymbol{K_{n1}}\vec{r}_1 + \boldsymbol{K_{n1}}\vec{r}_2 + \ \dots\ \boldsymbol{K_{nn}}\vec{r}_{n)} &= \vec{\mathbf{f}}_n \end{aligned}$$

Коэффициенты $\boldsymbol{K_{ij}}$ являются тензорами(1). Отрицательный перед $\boldsymbol{K_{ij}}$ означает, что при положительных смещениях атомов по декартовым осям силы ft в общем случае имеют отрицательное направление. В раскрытом виде

$$\boldsymbol{K_{ij}}=\begin{pmatrix} \boldsymbol{k_{xx}^{ij}} & \boldsymbol{k_{xy}^{ij}} & \boldsymbol{k_{xz}^{ij}} \\ \boldsymbol{k_{yx}^{ij}} & \boldsymbol{k_{yy}^{ij}} & \boldsymbol{k_{yz}^{ij}} \\ \boldsymbol{k_{zx}^{ij}} & \boldsymbol{k_{zy}^{ij}} & \boldsymbol{k_{zz}^{ij}} \end{pmatrix}$$

Коэффициенты $\boldsymbol{k_{xy}^{ij}}$ определяют зависимость составляющей квази-упругой силы по оси $\boldsymbol{x}$, действующей на $\boldsymbol{i}$-ю частицу, от составляющей смещения $\boldsymbol{j}$-й частицы по оси $\boldsymbol{y}$. Поскольку поле сил должно быть потенциальным, то должны выполняться соотношения

$$\frac{\boldsymbol{\partial f_{1x}}}{\boldsymbol{\partial y_1}}=\frac{\boldsymbol{\partial f_{1y}}}{\boldsymbol{\partial x_1}},\ \frac{\boldsymbol{\partial f_{1x}}}{\boldsymbol{\partial y_2}}=\frac{\boldsymbol{\partial f_{2y}}}{\boldsymbol{\partial x_1}} \qquad \text{и т.д.}$$

Отсюда заключаем, что тензоры $\boldsymbol{K_{ij}}$ симметричны, а $\boldsymbol{K_{ij}}=\widetilde{\boldsymbol{K}}_{\boldsymbol{ji}}$.Задание действующих сил в форме (1) приводит к выражению потенциальной энергии в виде

$$\boldsymbol{V}=\frac{\boldsymbol{1}}{\boldsymbol{2}}\{\vec{\boldsymbol{r}}_{\boldsymbol{1}},\vec{\boldsymbol{r}}_{\boldsymbol{2}},\vec{\boldsymbol{r}}_{\boldsymbol{3}},\dots,\vec{\boldsymbol{r}}_{\boldsymbol{n}}\}\begin{bmatrix} \boldsymbol{K_{11}} & \boldsymbol{K_{12}} & \dots & \boldsymbol{K_{1N}} \\ \boldsymbol{K_{21}} & \boldsymbol{K_{22}} & \cdots & \boldsymbol{K_{2N}} \\ & \cdots & & \\ \boldsymbol{K_{N1}} & \boldsymbol{K_{N2}} & \cdots & \boldsymbol{K_{NN}} \end{bmatrix}\left\|\begin{matrix}\vec{\boldsymbol{r}}_{\boldsymbol{1}}\\ \vec{\boldsymbol{r}}_{\boldsymbol{2}}\\ \vdots \\ \vec{\boldsymbol{r}}_{\boldsymbol{N}}\end{matrix}\right\|=\frac{\boldsymbol{1}}{\boldsymbol{2}}\{\vec{\boldsymbol{r}}\}\boldsymbol{u_r}||\vec{\boldsymbol{r}}||$$

Действительно, из теоретической механики известно, что столбцов матриц сил, соответствующих данным координатам, равна

$$||\vec{\boldsymbol{f}}||=-||\frac{\boldsymbol{\partial}}{\boldsymbol{\partial}\vec{\boldsymbol{r}}}||\boldsymbol{V}$$

где $\boldsymbol{V}$ потенциальная функция.

По правилу дифференцирования квадратичной формы получим

$$||\vec{\boldsymbol{f}}||=-\boldsymbol{U_r}||\vec{\boldsymbol{r}}||$$

что в раскрытом виде и даст выражения(1).

В системе естественных колебательных координат выражение для потенциальной энергии примет вид (см. гл. I, замена переменных в квадратичной форме)

$$\boldsymbol{V}=\frac{\boldsymbol{1}}{\boldsymbol{2}}\{\vec{\boldsymbol{r}}\}\boldsymbol{U_r}||\vec{\boldsymbol{r}}||=\frac{\boldsymbol{1}}{\boldsymbol{2}}\{\boldsymbol{q}\}\boldsymbol{U_q}||\boldsymbol{q}|| \quad \boldsymbol{(4)}$$

В дальнейшем мы будем пользоваться уравнением движения в форме Гамильтона. При этом кинетическая энергия должна быть выражена в импульсах. По определению, импульсом, сопряженным данной координате $\boldsymbol{x}$ (декартовой, естественной и др.), является величина $\boldsymbol{p_x}=\frac{\boldsymbol{\partial T_{\text{кин}}}}{\boldsymbol{\partial \dot{x}}}$. Следовательно, матрица-столбец $||\overrightarrow{\boldsymbol{p_r}}||$ импульсов, сопряженных декартовым координатам, будет равна $||\overrightarrow{\boldsymbol{p_r}}||=\boldsymbol{M}||\dot{\vec{\boldsymbol{r}}}||$. Выражение для кинетической энергии примет форму

$$\boldsymbol{T_{кин}}=\frac{1}{2}\{\overrightarrow{p_r}\}\mathcal{E}||\overrightarrow{p_r}||$$

где $\mathcal{E}$ диагональная матрица обратных масс атомов, выраженных в безразмерной шкале.По правилу замены переменных в квадратичной форме получим выражения кинетической энергии в виде:

$$\boldsymbol{T_{кин}}=\frac{1}{2}\{\boldsymbol{p_q}\}\vec{B}\mathcal{E}\tilde{\vec{B}}||\boldsymbol{p_q}||=\frac{1}{2}\{\boldsymbol{p_q}\}T_p||\boldsymbol{p_q}||$$

Матрицу $T_p=\vec{B}\mathcal{E}\tilde{\vec{B}}$ мы будем называть матрицей кинетической энергии в импульсном представлении в естественных координатах, или матрицей кинематических коэффициентов. В результате уравнение Шредингера для колебаний многоатомной молекулы запишется в виде

$$\frac{1}{2}\left[\{\hat{\boldsymbol{p}}_{\boldsymbol{q}}\}\boldsymbol{T_p}||\hat{\boldsymbol{p}}_{\boldsymbol{q}}||+\{\boldsymbol{q}\}\boldsymbol{U_q}||\boldsymbol{q}||\right]\boldsymbol{\psi}=\boldsymbol{E\psi}$$

$\{\hat{\boldsymbol{p}}_{\boldsymbol{q}}\}$ и $||\hat{\boldsymbol{p}}_{\boldsymbol{q}}||$ строка и столбец операторов импульсов. Это уравнение может быть решено, если удастся перейти к таким новым координатам, в которых матрицы T_pи U_p одновременно приведутся к диагональному виду. В системе координат $\boldsymbol{Q_i}$ которые принято называть нормальными, уравнение Шредингера не будет, таким образом, содержать члены типа $\boldsymbol{Q_i}\ \boldsymbol{Q_j},\ \widehat{\boldsymbol{P}}_{\boldsymbol{i}}$

$\widehat{P}_j$. Поэтому его решение может быть найдено при условии $E=\sum_i E_i$; $\psi = \prod_i \psi_i$. В результате уравнение разделится на совокупность уравнений вида

$$\frac{1}{2}(\widehat{P}^2_i + \lambda_i Q_i^2)\ \psi_i = E_i\ \psi_i$$

где $i=1,2,3,3N-6$. Каждое из таких уравнений описывает линейный гармонический осциллятор с массой единица, собственными функциями $\psi_i(Q_i, v_i)$ и с уровнями энергии

$$E_i = h\nu_i\left(v_i + \frac{1}{2}\right)$$


где h — постоянная Планка, v_i колебательные квантовые числа, принимающие значения $0, 1, 2, \ldots$ а также $\nu_i = \sqrt{\lambda_i}$

$$E = h\sum_i v_i\left(v_i + \frac{1}{2}\right)$$

Каждый уровень характеризуется своим набором $3N-6$ квантовых чисел v_i.

В этом случае положение уровня энергии определяется квантовым числом v_k и будет иметь одно и то же значение для разных допустимых наборов v_{ki}. Так, если одинаковую частоту имеют два осциллятора, то для состояния с v_k=1 возможны. $v_{k1} = 1, v_{k2} = 0$ и $v_{k1} = 0, v_{k2} = 1$. Такой уровень энергии называется дважды вырожденным. Состояние с v_k=2 реализуется при комбинациях v_{k1}=2, v_{k2}=0 v_{k1}=1 v_{k2}=1 v_{k1}=0 $v_{k2} = 2$; т. е. уровень будет трижды вырожденным. Соответственно получаются суперпозиции двух или более собственных функций, описывающие состояние системы на каждом уровне энергии. (смотрите на Рис.1)

Рис.1



Легко видеть, что нижний уровень с нулевыми колебательными квантовыми числами всегда будет невырожденным.

При вычислении матрицы кинетической энергии в импульсном представлении необходимо прежде всего выбрать систему естественных колебательных координат. В качестве таких координат обычно принимаются изменения равновесных геометрических параметров молекулы. Естественные колебательные координаты должны удовлетворять следующим требованиям:

a) число независимых координат равно $3N-6$;

b) в равновесном состоянии координаты должны обращаться в нуль;

c) для наглядного представления формы колебаний необходимо, чтобы выбранные координаты характеризовали отдельные структурные элементы молекулы.

Подобные координаты в теорию колебаний многоатомных молекул впервые были введены М.А. Ельяшевичем и, независимо от него, Е. Вильсоном. Наиболее распространенной системой естественных колебательных координат является так называемая валентно-силовая система. В ней в качестве координат выбираются изменения длин валентных связей и изменения валентных углов. Эта система, как показала практика расчетов колебательных спектров, является вполне удовлетворительной при описании молекул, подчиняющихся валентной схеме химии. Кроме этих координат, для характеристики движений групп атомов в молекуле используются координаты изменения угла между связью и плоскостью, проведенной через совокупность атомов, а также координаты изменения двугранных углов между

плоскостями. Координаты растяжения связей обычно обозначаются символами q, изменения валентных углов символами γ, α, а остальные координаты символами χ, $\varkappa$, и ρ и т.д.

Все колебательные движения многоатомных молекул могут быть, таким образом, описаны с помощью следующих колебательных координат: изменение длин связей, изменение углов между связями и между связью и плоскостью и изменение двугранных углов между плоскостями, проведенными через атомы молекулы. Итак, необходимо выразить растяжение связи, поворот ее в пространстве и поворот плоскости через смещения соответствующих атомов. Пусть связь образуется двумя атомами 1 и 2 (рис. 2)

ЛИТЕРАТУРА

1. Е.М. Попов, В.А. Шляпочников. Оптика и спектроскопия. Сб. «Молекулярная спектроскопия». Т. 2, 115, 1963.
2. Л.А. Грибов, А.Д. Гельман. Журн. структ. химии, 2, 569, 1961.
3. Ю.Н. Чиргадзе. Биофизика, 7, 523, 1962.
4. Л.С. Маянц. Оптика и спектроскопия, 5, 369, 1958.
5. М.А. Ельяшевич. Атомная и молекулярная спектроскопия. Гл. 21, § 3.
6. Л.С. Маянц. Теория и расчет колебаний молекул. Гл. 11, § 6, 8.
7. Е. Вильсон, Дж. Десиус, П. Кросс. Теория колебательных спектров молекул. Гл. 8, § 1—4.
8. H.C. Urey, C.A. Bradley. Phys. rev., 38, 1969, 1931.
9. D.F. Heath, J.W. Linne 11. Trans. Farad, soc, 44, 873, 1948.

ТАҚСИМОТИ ДАРАҶАИ ЭНЕРГЕТИКИ ДА МОЛЕКУЛАҲОИ БИСЕРАТОМА ВА ТАРЗИ ҲИСОБ ВА МУАЙЯН НАМУДАНИ АРЗИШИ ОНҲО

Ҳангоми кор мо ба назар гирифта будем, ки роҳи ҳисобкунии мо пайваста бо натиҷаии кори лабараторие, ки ба мо графикаи спектри ҳосилшударо нишон медиҳад, дар хусуси сохтори панҷараи кристалиии модда, аз ин хулоса бароварда мешавад, ки атомҳо чи гуна ҷойгиранд ва бо кадом кунҷи валентӣ дар панҷараи кристалӣ хобидаанд.

Калидвожаҳо: анализи матрисионӣ, молеклаи бисёратома, табдилҳои ғайрихаттӣ, лапиши атомҳо дар панҷараи кристалӣ, ҳолати баробарӣ, суръати тағирёбии кунҷи валентӣ, спектор.

ДЕЛЕНИЯ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОГО УРОВНЯ В МНОГОАТОМНЫХХ МОЛЕКУЛ И СПОСОБ И ОПРЕДЕЛЕНИЯ ИХ ЗНОЧЕНИЙ

В данной работе мы рассматривали методику анализирования данных при котором можно будет получать из лабораторных результатов исследований график спектров, которые способны передать очень много полезной информации на основе которых можно узнать строения кристаллической решётки что станет причиной получения информации о местоположении атомов и значение их валентного угла в кристаллической решётке данного вещества. Данный метод анализа основан на векторно - скалярном методе, что приведет нас к матричному анализу данных, а также расскажет нам об физика химическом свойстве вещества.

Ключевые слова: матричный анализ, многоатомные молекулы, нелинейное преобразование, колебание атомов в кристаллической решетке, равновесного состояние, спектр.

DIVISION OF ENERGY LEVEL IN POLYATOMIC MOLECULES AND METHOD AND DETERMINATION OF THEIR VALUES

In this work, we considered the method of data analysis in which it is possible to get a graph of spectra from the laboratory research result, which are capable of transmitting a lot of useful information on the basis of which it is possible to find out the value of the swarming of the crystal lattice, which will cause information about the location of atoms and the value of their free angle in the crystal lattice of a given substance. This method of analysis is based on the vector scalar method, which will lead us to matrix analysis of data, and also tell us about the physics of the chemical property of matter.

Keywords: matrix analysis, polyatomic molecules, nonlinear transformation, vibration of atoms in a crystal lattice, equilibrium state, spectrum

Сведения об авторе: ***Гуломов Алишер Мусулмонович*** - Таджиксий национальный университет, магистр 2-го курса кафедры теоретической физики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935-81-10-31**. E-mail: **muhandism@list.ru**

Information about the author: ***Gulomov Alisher Musulmonovich*** - Tajik National University, 2nd year master of the Department of Theoretical Physics. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 935-81-10-31.** E-mail: **muhandism@list.ru**

УДК 517.987.1

К ТЕОРИИ ИНТЕГРАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ ТИПА ВОЛЬТЕРРА СИЛЬНО-ОСОБОЙ ТОЧКОЙ

Раджабова Л.Н., Исматов Ф.
Таджикский национальный университет

Пусть $\Gamma = \{x : a < x < \mathrm{b}\}$ множество точек на вещественной оси. На Γ рассмотрим интегральное уравнение:

$$\varphi(x) + \int_a^x [A_1 + A_2[\omega_a(t) - \omega_a(x)] + A_3[\omega_a(t) - \omega_a(x)]^2] \left(\frac{\varphi(t)}{(t-a)^\alpha}\right) dt = f(x), \quad (1)$$

где A_1, A_2, A_3 – постоянные заданные числа , $f(x)$ −заданная функция, $\varphi(x)$ −искомая функция, $\omega_a(x) = [(\alpha - 1)(x-a)^{\alpha-1}]^{-1}$, $\alpha > 1$.

Решение интегрального уравнения (1) будем искать в классе функций $\varphi(x) \in C(\overline{\Gamma})$, $\lim\limits_{x \to a} \varphi(x) = 0$ с асимптотическим поведением:

$$\varphi(x) = 0[(x-a)^\nu], \nu > 3\alpha - 1 \text{ , при } x \to \mathrm{a}.$$

Ранее Н. Раджабов исследовал интегральные уравнения типа Вольтерра с фиксированным левым и правым сингулярным или сверх-сингулярным ядрами, модельные одномерные интегральные уравнения типа Вольтерра со сверх-сингулярной точкой [1-3], также получены многообразие решений одномерного интегрального уравнения с сингулярной и логарифмической особенностью в ядре. В работах Н.Раджабова., Л.Н.Раджабовой и их учеников [4-6] изучены двумерные интегральные уравнения типа Вольтерра второго рода с фиксированными особыми или сильно-особыми линиями, также изучены некоторые случаи многомерных особых интегральных уравнений типа Вольтерра второго рода.

Если параметры уравнение (1) связаны между собой равенствами.

$$A_1 = \lambda_1 + \lambda_2, A_2 = \lambda_1\lambda_2 + \lambda_3, A_3 = \frac{\lambda_1\lambda_3}{2}. \quad (4)$$

тогда уравнение (1) можно представить в виде произведения операторов

$$\mathrm{T}_{\lambda_2\lambda_3}\left(P_{\lambda_1}^{\alpha}(\varphi)\right) = f(x). \quad (5)$$

где

$$P_{\lambda_1}^{\alpha}(\varphi) = \varphi(x) + \lambda_1 \int_a^x \frac{\varphi(t)}{(t-a)^\alpha} dt \quad (2)$$

$$T_{\lambda_1,\lambda_2}\psi(x) = \psi + \int_a^x T_{\lambda_2,\lambda_3}[\omega_\alpha(t) - \omega_\alpha(x)] \frac{\varphi(t)}{(t-a)^2} dt \text{ , } (3)$$

На основе результатов, полученных в [1], [2] для интегральных уравнений (2), (3), в случае, когда выполнены условия (4), справедливы следующие утверждения:

Теорема 1: Пусть в интегральном уравнении (1) параметры удовлетворяют условиям:

$$A_1 = \lambda_1 + \lambda_2, A_2 = \lambda_1\lambda_2 + \lambda_3, A_3 = \frac{1}{2}\lambda_1\lambda_3, (10)$$

причем $\lambda_1 < 0, \lambda_2 < 0, \lambda_3 > 0,\ \lambda_2^2 > 4\lambda_3\ |\lambda_1| > |\nu_3|$.

Функция $f(x) \epsilon C(\overline{\Gamma}),\ f(a) = 0$ *с асимптотическим поведением:*

$$f(x) = o\left[e^{(\nu_3+\lambda_1)\omega_{\alpha(x)}} \cdot (x-a)^{\delta_1}\right], \delta_1 > \alpha - 1.$$

$$\nu_1 = \frac{-|\lambda_2| + \sqrt{\lambda_2^2 - 4\nu_3}}{2} < 0, \nu_2 = \frac{-|\lambda_2| - \sqrt{\lambda_2^2 - 4\nu_3}}{2} < 0.$$

Тогда интегральное уравнение типа Вольтерра с сильно-особой точкой (1) в классе на Γ *непрерывных функций и обращающихся в нуль в точке* $x = a$ *всегда разрешимо, общее решение содержит три произвольные постоянные и выражается равенством:*

$$\varphi(x) = \mathrm{c}_1\left[e^{\lambda_1\omega_\alpha(x)} - \frac{1}{\sqrt{\lambda_2^2 - 4\nu_3}} \int_a^x [\nu_2^2 e^{\nu_2[\omega_\alpha(x) - \omega_\alpha(t)]} - \nu_1^2 e^{\nu_1[\omega_\alpha(x) - \omega_\alpha(t)]}]\, e^{\lambda_1\omega_\alpha(t)} \cdot \frac{dt}{(t-a)^\alpha}\right] -$$

$$c_1 e^{\nu_1\omega_\alpha(x)} - c_2 e^{\nu_2\omega_\alpha(x)} + f(x) - \lambda_1 \int_a^x e^{\lambda_1[\omega_\alpha(x) - \omega_\alpha(t)]} \frac{f(t)}{(t-a)^2} dt +$$

$$+\frac{1}{\sqrt{\nu_1^2-4\nu_2}}\int_a^x[\nu_2^2 e^{\nu_2[\omega_\alpha(x)-\omega_\alpha(t)]}-\nu_1^2 e^{\nu_1[\omega_\alpha(x)-\omega_\alpha(t)]}]\,\frac{f(t)}{(t-a)^\alpha}dt+$$

$$+\frac{\lambda_1}{\sqrt{\nu_1^2-4\nu_2}}\int_a^x\left[\nu_2\left(1-e^{\nu_2(\omega_\alpha(x)-\omega_\alpha(t))}\right)--\nu_1\left(1-e^{\nu_1(\omega_\alpha(x)-\omega_\alpha(t))}\right)\right]e^{\lambda_1[\omega_\alpha(x)-\omega_\alpha(t)]}\frac{f(t)}{(t-a)^2}dt,$$

где c_1, c_2, c_3*- произвольные постоянные.*

Следствие 1. Если выполнены условия теоремы 1, тогда решение интегрального уравнения (1) обращается в нуль в точке $x=a$ *с асимптотическим поведением*

$$f(x)=o[e^{\nu_1\omega_{\alpha(x)}}]\text{ при }x\to\text{a}.$$

Теорема 2. Пусть в интегральном уравнении (1) параметры удовлетворяют условиям (10), причем $\lambda_1<0,\lambda_2>0,\lambda_3<0,\ \lambda_2^2>4\lambda_3$.

Функция $f(x)\epsilon C(\overline{\Gamma}),\ f(a)=0$ *с асимптотическим поведением:*

$$f(x)=0\left[e^{\nu_4\omega_{\alpha(x)+\lambda_1\omega_{\alpha(x)}}}\cdot(x-a)^{\delta_1}\right],\delta_1>\alpha-1.$$

где

$$\nu_3=\frac{\lambda_2+\sqrt{\lambda_2^2-4\nu_3}}{2}>0,\ \nu_4=\frac{\lambda_2-\sqrt{\lambda_2^2-4\nu_3}}{2}<0.$$

Тогда интегральное уравнение типа Вольтерра с сильно-особой точкой (1) в классе непрерывных функций, обращающихся в нуль в точке $x=a$ *всегда разрешимо, общее решении содержит одну произвольную постоянную и выражается равенством:*

$$\varphi(x)=e^{\nu_4\omega_\alpha(x)}\cdot c_3+f(x)-\lambda_1\int_a^x e^{\lambda_1[\omega_\alpha(x)-\omega_\alpha(t)]}\frac{f(t)}{(t-a)^\alpha}dt++\frac{1}{\sqrt{\lambda_3^2-4\nu_4}}\int_a^x[\nu_4^2 e^{\nu_4[\omega_\alpha(x)-\omega_\alpha(t)]}-$$

$$\nu_3^2 e^{\nu_3[\omega_\alpha(x)-\omega_\alpha(t)]}]\,\frac{f(t)}{(t-a)^\alpha}dt+$$

$$+\frac{\lambda_1}{\sqrt{\lambda_3^2-4\nu_4}}\int_a^x\left[\nu_4\left(1-e^{\nu_4(\omega_\alpha(x)-\omega_\alpha(t))}\right)--\nu_3\left(1-e^{\nu_3(\omega_\alpha(x)-\omega_\alpha(t))}\right)\right]e^{\lambda_1[\omega_\alpha(x)-\omega_\alpha(t)]}\frac{f(t)}{(t-a)^\alpha}dt.$$

где c_3*- произвольная постоянная.*

Следствие 2. Если выполнены условия теоремы 1, тогда решение интегрального уравнения (1) обращается в нуль в точке $x=a$ *с асимптотическим поведением*

$$f(x)=o[e^{\nu_2\omega_{\alpha(x)}}]\text{ при }x\to\text{a}.$$

ЛИТЕРАТУРА

1. Раджабов Н. Интегральные уравнении типа Вольтерра с фиксированными граничными и внутренними сингулярными и сверх – сингулярными ядрами и их приложения. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 221с.
2. Раджабов Н. Об одном классе модельного сверх – сингулярного интегрального уравнения, обобщающий одномерное интегральное уравнение Вольтерра с левой граничной сверх – сингулярной точкой в ядре/ Н. Раджабов // Материалы III международной конференции “Проблемы дифференциальных уравнений анализа и алгебры”. – Актобе. – 2015. – С. 202-206.
3. Раджабов Н. Раджабова Л.Н. Введение в теории многомерных уравненый типа Вольтерра с фиксированными сингулярными и сверх – сингулярными ядрами и их приложении// Germany, LAP LAMBERT Academic publishing, 2011, 520 p.
4. Раджабова Л.Н. Об одном общем интегральном уравнении типа Вольтерра со сверхсингулярными линиями// Вестник ТНУ(научный журнал), Душанбе, 2005, №2, с. 116-123.
5. Раджабов Н. Сверх – сингулярные интегральные уравнения Вольтерра третьего рода со сверх – сингулярным ядром - Вестник ТНУ (научный журнал), 2020, №3, сер. Естеств. Н, с.5-17.
6. Rajabova L., Ronto M., Rajabov N. On some two dimensional Volterra type linear integral equation with super – singularity// Mathematical Notes. Miscolc, 2003, v4, №1, p.65-76.

НАЗАРИЯИ МУОДИЛАҲОИ ИНТЕГРАЛИИ НАВЪИ ВОЛЬТЕРРА ДАР НУҚТАҲОИ АСОСӢ

Дар мақолаи мазкур, гуногунрангии ҳалли муодилаҳои интегралии навъи Вольтерра бо нуқтаи махсус баррасӣ карда шудааст. Вобаста ба аломати параметрҳои муодилаи интегралӣ ва решаҳои муодилаи хусусӣ, нишон додани гуногунии ҳалли муодилаи интегралии мазкурро метавонад дар бар гирад.

Калидвожаҳо: муодилаҳои интегралии навъи Вольтерра, математика, нуқтаи махсус, параметр, аломат.

К ТЕОРИИ ИНТЕГРАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ ТИПА ВОЛЬТЕРРА СИЛЬНО-ОСОБОЙ ТОЧКОЙ

В данной работе находится многообразие решений для одного класса интегральных уравнений типа Вольтерра с сильно – особой точкой. В зависимости от знака параметров уравнения и корней характеристического

уравнения, представления многообразия решений данного интегрального уравнения могут содержать произвольные постоянные и определены случаи, когда решение единственно.

Ключевые слова: интегральное уравнение типа Вольтерра, сильно – особая точка, характеристическое уравнение.

ON THE THEORY OF VOLTERRA-TYPE INTEGRAL EQUATIONS WITH A STRONGLY SINGULAR POINT

In this article, we find a variety of solutions for a class of Volterra-type integral equations with a strongly singular point. Depending on the sign of the equation parameters and the roots of the characteristic equation, the representations of the variety of solutions of this integral equation can contain arbitrary constants and the cases when the solution is unique are defined.

Keywords: Volterra-type integral equation, strongly singular point, characteristic equation.

Сведения об авторе: ***Исматов Файзулло Рахматуллоевич*** – магистр второго курса факультета механики и математики Таджикского национального университета. Телефон: **988 01 15 64**

Information about the author: ***Ismatov Fayzullo Rakhmatulloevich*** – second-year master's student of the Faculty of Mechanics and Mathematics of the Tajik National University. Phone: **988 01 15 64**

АМСИЛАСОЗИИ КОНСЕПТУАЛИИ ЭКОСИСТЕМАИ ОБАНБОР

Қодиров О.Ш., Мамадназаров И.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Барои баҳодиҳӣ ва муайян намудани дурнамои экосистемаи обанборҳо асосан аз усулҳои амсиласозӣ консептуалӣ, математикӣ, компютерӣ ва ғайра истифода намудан мумкин аст. Амсиласозӣ имконият медиҳад, ки таҳовулот ва дурнамои динамикаи экологии обанборро таҳқиқ ва пешгӯи намоем. Мо амсила консептуалии динамикаи популятсияи моҳиҳои экосистемаи обанборро барои омӯзиш, таҳқиқот, дарки рафтор ва пешдиди динамикаи популятсияи моҳиҳои экосистемаи обанбор таҳия мекунем [1]. Дар амсила консептуалии экосистемаи обанбор, омилҳои маҳдудкунандае ҳаст, ки онҳоро ҳамчун тағйирёбанда қабул намудан мумкин аст. Масалан, мутахассисони соҳаи гидробиология яке аз нишондиҳандаҳои асосии ҳар гуна объекти обиро маҳсулнокии аввалияи он, яъне массаи биологии обсабзҳои маскуни он меҳисобанд. Аз ин рӯ, ба сифати яке аз тағйирёбандаҳои асосии ҳар гуна амсила объекти обӣ ҳатман консентратсияи фитопланктонро (обсабзҳоро) интихоб кардан зарур аст [1]. Дар амсила консептуалӣ консентратсияи муттаҳидаи ҳамаи обсабзҳои обанборро бо FIT ишора мекунем. Аз сабаби он, ки барои рушду нумӯи фитопланктон ба ғайр аз омилҳои иқлимӣ, инчунин метавонад унсурҳои кимёвии карбон, нитроген ва фосфор рол бозад, бино бар ин, ба сифати тағйирёбандаҳои минбаъда ин унсурҳоро қабул намудан мумкин аст.

P – консентратсияи фосфори ғайриорганикӣ, N – консентратсияи нитрогени ғайриорганикӣ, C – консентратсияи карбони ғайриорганикӣ. Барои муайян намудани тағйирёбандаҳои минбаъдаи амсила консептуалии махзани обӣ бояд консентратсияи организмҳои обӣ, ба мисли *моҳӣ*, *зоопланктон*, *бентос* ва ғайра ба қайд гирифта шавад. Ба сифати тағйирёбандаи навбатии амсила мо консентратсияи муттаҳидаи ҳамаи зоопланктонҳоро қабул намуда, бо ZP ишора мекунем. Инчунин, дар амсила ҳамаи организмҳои бентосиро ҳам ба қайд гирифта, консентратсияи онҳоро бо BS ишора мекунем. Амсилаи консептуалии мо бо дарназардошти шароит, хусусият ва муҳити экосистемаи обанбори «Баҳри Тоҷик» таҳия мешавад [2].


Тибқи таҳқиқотҳои солҳои 1964, 1968, 1971 ва 1973-юми В.А. Максунов дар обанбори «Баҳри Тоҷик» 28 навъи моҳӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз ин миқдор, ҳамагӣ 10 навъи онҳо (ҷадв.1) ба маҷмуи моҳиҳои саноатӣ-истеҳсолӣ дохил карда шудаанд [8]. Тарзи истеъмоли ғизои моҳиён, ки дар ҷадвали 1 овардашуда аст, имконият медиҳад, ки мо популятсияи моҳиёни обанбори «Баҳри Тоҷик»-ро аз рӯйи таркиби хӯрока ва тарзи

дарёфти ғизо гурӯҳбандӣ намоем. Мо популятсияи моҳиҳои обанбори “Баҳри Тоҷик”-ро ба ду гурӯҳ ҷудо намуда, мавридии омӯзиш қарор медиҳем:

- гурӯҳи якум: моҳиёни фитофаг, бентофаг ва детритофаг – *зағорамоҳӣ, муйлабмоҳии оралӣ, ҷумҷумамоҳӣ, карас-перес*;
- гурӯҳи дуюм: моҳиёни нимдарранда, ки ба ғайр аз навъи дигари моҳиён инчунин организмҳои қабати об ва қаъри обро низ истеъмол мекунанд – *жерех, шофмоҳӣ*; *[2;9]*.

Консетратсияи моҳиҳои гурӯҳи якум: моҳиёни фитофаг, бентофаг ва детритофаг – зағорамоҳӣ, муйлабмоҳии оралӣ, ҷумҷумамоҳӣ, карас-ро бо тағйирёбандаи ZJK ишора мекунем. Консентратсияи гурӯҳи дуюм: моҳиёни нимдарранда, ки ба ғайр аз навъи дигари моҳиён инчунин организмҳои қабати об ва қаъри обро низ истеъмол мекунанд – жерех, шофмоҳӣ, ин гурӯҳро бо LS ишора мекунем. Гардиши моддаҳои экосистемаи махзани обӣ бо ҳалқаи *детрит* (моддаҳои органикии фавтидагон) баста мегардад, ки он дар зери таъсири *бактерияҳо* аз нав то унсурҳои биогенӣ таҷзия (тақсим, ҷудо) мешавад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки консентратсияҳои детрит ва бактерияҳо метавонанд нақши тағйирёбандаҳои навбатии амсила консептуалии махзани обиро бозанд. Детрит асосан зери таъсири бактерияҳо ва ҳарорати об аз нав то унсурҳои биогенӣ таҷзия мегардад. Аз ин рӯ, дар амсила консентратсияи муштараки детриту бактерияҳоро ба воситаи DET ишора мекунем. Аз меъёрҳои амсиласозӣ истифода намуда, бо интихоби тағйирёбандаҳои дар боло зикргашта мо метавонем, ба сохтани амсила консептуалии обанбори «Баҳри Тоҷик», ки дорои 9 тағйирёбанда аст, шурӯъ намоем. Яъне, мо аз тағйирёбандаҳои ZJK, LS, FIT, BS, ZP, DET, *P*, *N*, *C* истифода мебарем. Амсила консептуалии динамикаи популятсияи моҳиҳои экосистемаи обанбори «Баҳри Тоҷик» ва гардиши модаҳои он дар расми 1 тасвир карда шуда аст.

Расми 1. Амсила консептуалии популятсияи моҳиҳои обанбори “Баҳри Тоҷик”
Photo 1. Conceptual models of fish populations in the "Tajik Sea" reservoir



Мувофиқи таҳқиқҳои биологии дар экосистемаи обанбори «Баҳри Тоҷик» анҷомдодашуда [2;8] ва инчунин диаграммаи селии моддаҳои расми 1. ҳар як намуди моҳии обанбор ба худ ғизои дӯстдошта, ивазӣ ва иҷборӣ дорад. Масалан:

✓ ғизои дӯстдоштаи моҳиҳои гурӯҳи якум (ZJK) организмҳои бентосӣ (BS) буда, ҳангоми кам гаштани бентос ин гурӯҳи моҳиҳо ба истеъмоли ғизои ивазӣ, яъне фитопланктон (FIT) мегузаранд. Дар мавриди норасоии ҳам ғизои дӯстдошта (BS) ва ҳам ивазӣ (FIT), моҳиҳои ин гурӯҳ (ZJK) ба истеъмоли ғизои иҷборӣ, яъне детрит (DET) мегузаранд,.

✓ моҳиёни гурӯҳи дуюми экосистема, ки моҳиёни нимдарранда (LS) ном доранд, ба сифати ғизо моҳиёни гурӯҳҳои дигари обанборро (ZJK) истеъмол мекунанд. Дар мавриди норасоии ғизои дӯстдошта (ZJK) ба истеъмоли ғизои ивазӣ (ZP) ва (BS) мегузаранд

✓ ғизои истеъмолии бентос (BS) консентарсияи детрити обанбор (DET) мебошад;

- ✓ зоопланктон (ZP) фитопланктонро (FIT) истеъмол мекунад;
- ✓ фитопланктон (FIT) мувофиқи қонунҳои стехиометрӣ ба сифати ғизоҳои истеъмолии худ аз унсурҳои биогении дар об ҳалшуда – консентратсияҳои умумии ғайриорганикии фосфор (*P*), нитроген (*N*) ва карбон (*C*) истифода мебарад;
- ✓ консентратсияҳои умумии ғайриорганикии фосфор (*P*), нитроген (*N*) ва карбони (*C*) қабати оби обанбор тибқи таносубҳои стехиометрии ин унсурҳои биогенӣ аз ҳисоби таҷзияи бактериявии детрити қабати об (DET) барқарор ва пурра гардонида мешаванд;
- ✓ детрити қабати оби обанбор (DET) аз ҳисоби фавти (марги биологии) флора ва фаунаи экосистема (ZJK, LS, FIT, ZP, BS), ихроҷи экскрементҳои моҳиҳо (ZJK, LS) ва боқимондаҳои муваққатии қабати об аз раванди лизиси обсабзу растаниҳо (FIT) ташаккул ёфта, зери таъсири бактерияҳо ва ҳарорати об аз рӯйи таносубҳои стехиометрӣ аз нав то унсурҳои биогении ғайриорганикии фосфор (*P*), нитроген (*N*) ва карбон (*C*) таҷзия мегардад [2;8].

Амсила консептуалии дар расми 1 овардашуда гарчанде, содда ҳам намояд, тавонистааст ба қадри кофӣ обектҳои дохилии экосистемаи обанбор ва алоқамандии онҳоро тасвир намояд.

Бо сабаби мавриди истифодаи пурсамар қарор гирифтани ҳавзаи махзанҳои обӣ, таъсири фаъолияти хоҷагидории инсон ба муҳити обӣ метавонад хеле гуногунҷабҳа бошад. Одатан нуқтаҳои аҳолинишин маҳз дар ҳавзаи махзанҳои обӣ ҷойгиранд. Аз ин рӯ, дар атрофи онҳо метавонад заминҳои корами хоҷагиҳои деҳқонӣ, фермаҳои чорводорӣ, корхонаҳои саноатии хурду миёна ва дигар иншооту муассисот ҷойгир бошанд.

АДАБИЁТ

1. Саидов И.М Амсиласозии компютерии динамикаи популятсияи моҳиҳои экосистемаи обанбори пастоб/Комилиён Ф.С., Саидов И.М.// Монография, Душанбе,2019.-154с
2. Саидов И.М. Тарҳрезии консептуалии популятсияи моҳиҳои экосистемаи обанбори пастоб/ Ф.С. Комилов, И.М. Саидов // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. 2017. №1/3. С. 99-104. ISSN 2413-452X.
3. Комилов Ф.С. Амсила математикии популятсияи моҳиҳои экосистемаи обанбори пастоб/ Ф.С. Комилов, И.М. Саидов, Ф.Т. Шамсов // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. 2017. №1/3. С. 18-25. ISSN 2413-452X.
4. Комилов Ф.С. Амсиласозии популятсияи моҳиҳои экосистемаи обанбор / Ф.С. Комилов, И.М. Саидов, Ф.Т. Шамсов // Ахбори шуъбаи тоҷикистонии Академияи илмҳои байналхалқии мактабҳои олӣ. 2017. №1. С.58-71.
5. Комилов Ф.С. Имитационное маделиирование динамики экосистем водохранилищ. - Душанбе: «Амри илм», 1996. - 142с.
6. Комилов Ф.С. Математическая мадель экосистемы равнинного водохранилища. //Аграрная наука. Журнал межгосударственного совета по аграрной науке и информации стран СНГ. – М., 2003, №9, с.24-26.
7. Комилов Ф.С. Разработка концептуальной амсилаи экосистемы рыбоводного пруда и её исследование на качественную устойчивость / С.З. Зайнудинов, Ф.С. Комилов, С.Х. Мирзоев, Ф. Акобирзода // Интерактивная наука. 2016. № 4. С. 18-22.
8. Комилов Ф.С. Состояние и перспективы развития рыбоводства на примере форелевой аквакультуры в Таджикистане / Ф.С. Комилов, И.М. Саидов // Таджикистан и современный мир (Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан). 2015. № 7 (50). С. 153-162.
9. Комилов Ф.С. Обменная энергия прудовой рыбы и её зависимость от внешних факторов водной среды / Ф.С. Комилов, И.М. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. 2015. № 1/4 (168). С.157-163.
10. Кайраккумское водохранилище. Результаты исследований по гидробиологии. – Душанбе: Дониш, 1982. – 288 с.

АМСИЛАСОЗИИ КОНСЕПТУАЛИИ ЭКОСИСТЕМАИ ОБАНБОР

Обанборҳо махзанҳои сунъие мебошанд, ки бо мақсади истеҳсоли нерӯи барқ, сайди моҳӣ ва ташкил намудани марказҳои сайёҳӣ бунёд мешаванд. Мақсади асосии таҳқиқоти мо дар он аст, ки аз як тараф муайянкунӣ ва арзёбии иқтидори моҳипарварии обанбор ва аз тарафи дигар мо бояд таркиби хӯрокаи (ратсиони) моҳиҳои обанборро муайян намуда, робитаи трофикии навъҳои моҳиро тасвир карда тавонем. Дар таҳқиқоти гузаронидашуда мо популятсияи моҳиҳои обанборро вобаста ба тарзи истеъмоли ғизо ба ду гурӯҳ ҷудо намудем. Амсилаи таҳияшуда тавонистааст ба қадри кофӣ обектҳои дохилии экосистемаи обанбор ва алоқаманд ии онҳоро тасвир намояд.

Калидвожаҳо: консептуалӣ, экосистема, амсила, обанбор, популятсия, моҳӣ, фитопланктон, зоопланктон, бентос, дитрит, фитофаг.

КОНЦЕПТУАЛЬНОЕ МОДЕЛИРОВАНИЕ ЭКОСИСТЕМ ВОДОХРАНИЛИЩ

Водохранилищ-это искусственные водоемы, построенные для выработки электроэнергии, ловли рыбы и создания туристических центров. Основная цель нашего исследования выявить и оценить промысловую способность водоема, а с другой стороны, нам необходимо уметь определять состав рацион рыбы и описывать трофические их отношения. В ходе исследования мы разделили популяцию рыб водоема на две группы в зависимости от их рациона. Разработанная модель смогла адекватно описать внутренние объекты экосистемы водоема и их взаимосвязь.

Ключевые слова: концептуальный, экосистема, модель, водоем, популяция, рыба, фитопланктон, зоопланктон, бентос, дитрит, фитофаги.

CONCEPTUAL MODELING OF RESERVOIR ECOSYSTEMS

The reservoirs are artificial reservoirs built to generate electricity, fish and create tourist centers. The main goal of our study is to identify and assess the fishing capacity of the reservoir, and on the other hand, we need to be able to determine the composition of the fish diet and describe their trophic relationship. In the course of the study, we divided the fish population of the reservoir into two groups depending on their diet. The developed model was able to adequately describe the internal objects of the ecosystem of the reservoir and their relationship.

Keywords: conceptual, ecosystem, model, reservoir, population, fish, phytoplankton, zooplankton, benthos, dithrite, phytophages.

Сведения об авторах: ***Кодиров Оятулло Шарофиддинович*** –магистр кафедры информатики ТНУ. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. Тел.: **(+992) 918337678**. E-mail: **Bahov.3297@gmail.com**
Мамадназаров Имомназар Шерафзалович – магистр кафедры информатики ТНУ. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 501216060.** E-mail: **Imomnazar.Mamadnazarov@tcell.tj**

Information about the authors: ***Kodirov Oyatullo Sharofiddinovich*** - Master of Science, Department of Informatics, TNU. **Address**: 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17. Tel.: **(+992) 918337678**. E-mail: **Bahov.3297@gmail.com**
Mamadnazarov Imomnazar Sherafzalovich - Master of the Department of Informatics TNU. **Address**: 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17. Tel.: **(+992) 501216060**. E-mail: **Imomnazar.Mamadnazarov@tcell.tj**

ЭЛЛИПТИЧЕСКАЯ СИСТЕМА ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ ПЕРВОГО ПОРЯДКА

Джихонова Малохат
Таджикский национальный университет

Рассмотрим в области D на комплексной плоскости C переменной z систему l линейных дифференциальных уравнений первого порядка вида

$$A_1\frac{\partial U(z)}{\partial x}+A_2\frac{\partial U(z)}{\partial y}+a(z)U(z)+b(z)\overline{U(z)}=F(z),z\in D,$$

где коэффициенты при старших членах – постоянные матрицы $A_1,A_2\in C^{l\times l}$, а $l\times l-$ матричные коэффициенты a,b и $l-$ вектор – функция $F(z)\in C(D)$.

Под ее регулярным решением понимается комплексная $l-$ вектор – функция $U=(U_1,\dots,U_l)\in C^1(D)$, удовлетворяющая этой системе тождественно.

По определению система эллиптична, если для каждого нулевого вектора $\xi=(\xi_1,\xi_2)\in R^2$, выполнено $\det(\xi_1A_1+\xi_2A_2)\neq 0$.

В частности, это условие означает, что матрицы A_1,A_2 не вырождены. Действительно, пусть для определенности $\lambda_1=1,\lambda_2=0$. Имеем $\det A_1\neq 0$. Аналогично и во втором случае.

Обозначим $A=-{A_2}^{-1}A_1$. Данное выше условие эллиптичности означает, что матрица A не имеет вещественных собственных значений. В самом деле, предположим обратное $\det(A-\lambda)=0$ и $\lambda-$ вещественное. Подставим в это равенство выражение для A, тогда получим

$$\det(-{A_2}^{-1}A_1-\lambda)=\det(-{A_2}^{-1})\det(A_1+\lambda A_2),$$

Первый множитель не равен нулю, т.к. матрица A_2 невырожденна. Второй множитель тоже не равен нулю, т.к. должно выполняться условие эллиптичности, здесь $\lambda_1=1,\ \lambda_2=\lambda$.

Получим противоречие. Таким образом, умножая рассматриваемую систему слева на $-A_2{}^{-1}$ и переходя к переобозначениям $a = -A_2{}^{-1}a, b = -A_2{}^{-1}b, F = -A_2{}^{-1}F$, ее всегда можно записать в эквивалентном виде

$$\frac{\partial U(z)}{\partial y} - A\frac{\partial U(z)}{\partial x} + a(z)U(z) + b(z)\overline{U(z)} = F(z). (1.1)$$

Соответственно в этой общей эллиптической системе старшие коэффициенты при производных постоянны, и матрица $A \in C^{l\times l}$ не имеет вещественных собственных значений. Обозначим l_1 и l_2 число собственных значений матрицы A системы (1.1) (с учетом кратности), лежащих, соответственно, в верхней и нижней полуплоскости, при этом $l = l_1 + l_2$. Множество всех собственных значений можно записать в виде

$$\tilde{\sigma} = \sigma_1 \cup \overline{\sigma_2}, \sigma_j \subseteq \{\lambda, Im\,\lambda > 0\}, (1.2)$$

где черта означает комплексное сопряжение.

Напомним, что жордановой формой матрицы называют блочно – диагональную матрицу

$$J = diag\big(J_1(\lambda_1), \dots, J_l(\lambda_l)\big), (1.3)$$

где в свою очередь каждая матрица $J_i, 1 \le i \le l$ также блочно – диагональна и составлена из клеток Жордана

$$J_i(\lambda_i) = \begin{pmatrix} \lambda_i & 1 & 0 & \dots & 0 \\ 0 & \lambda_i & 0 & \dots & 0 \\ . & . & . & \dots & . \\ 0 & 0 & 0 & \dots & \lambda_i \end{pmatrix} (1.4)$$

различных порядков.

С помощью подходящей обратимой линейной подстановки систему (1.1) всегда можно преобразовать к аналогичной системе, в которой $l_2 = 0$, то есть когда все собственные значения матрицы A лежат в верхней полуплоскости. В основе этого преобразования лежит следующее предложение.

Лемма 1.1. *Существуют такие обратимые $l \times l$ матрицы B, J блочной структуры*

$$B = \begin{pmatrix} B_{11} & \bar{B}_{12} \\ B_{21} & \bar{B}_{22} \end{pmatrix}, J = \begin{pmatrix} J_1 & 0 \\ 0 & J_2 \end{pmatrix}, (1.5)$$

где $B_{ij} \in C^{l_i\times l_j}, J_i \in C^{l_i\times l_i}, i = 1, 2$, что

$$B^{-1}AB = \tilde{J}, \tilde{J} = \begin{pmatrix} J_1 & 0 \\ 0 & \bar{J}_2 \end{pmatrix}, (1.6)$$

Матрицы $J_i \in C^{l_i\times l_i}$ имеют жорданову форму (1.4)*, при этом их диагональные элементы составляют множество σ_i.*

С $l-$ вектор – функцией $\phi = (\phi_1, \phi_2)$, где ϕ_1 означают первые l_1 компонент, а ϕ_2 следующие l_2 компонент, свяжем вектор – функцию $\tilde{\phi} = (\phi_1, \bar{\phi}_2)$. Аналогично положим

$$\tilde{F}_0 = B^{-1}F = (F_1, \bar{F}_2), F_0 = (F_1, F_2),$$

и введем блочные матрицы

$$B^{-1}aB = \begin{pmatrix} \tilde{c}_{11} & \tilde{c}_{12} \\ \tilde{c}_{21} & \tilde{c}_{22} \end{pmatrix}, B^{-1}b\bar{B} = \begin{pmatrix} \tilde{d}_{11} & \tilde{d}_{12} \\ \tilde{d}_{21} & \tilde{d}_{22} \end{pmatrix}. (1.7)$$

Теорема 1.1. *В обозначениях* (1.5) *подстановка $B^{-1}U = (\phi_1, \bar{\phi}_2)$, или блочной записи, подстановка*

$$U_i = B_{i1}\phi_1 + \overline{B_{i2}\phi_2}, i = 1, 2, (1.8)$$

преобразует систему (1.1) *к эквивалентной системе*

$$\frac{\partial \phi(z)}{\partial y} - J\frac{\partial \phi(z)}{\partial x} + c(z)\phi(z) + d(z)\overline{\phi(z)} = F_0(z), (1.9)$$

где $l \times l -$ матричные коэффициенты и c, d имеют вид

$$c = \begin{pmatrix} \tilde{c}_{11} & \tilde{d}_{12} \\ \overline{\tilde{d}_{21}} & \overline{\tilde{c}_{22}} \end{pmatrix}, d = \begin{pmatrix} \tilde{d}_{11} & \tilde{c}_{12} \\ \overline{\tilde{c}_{21}} & \overline{\tilde{d}_{22}} \end{pmatrix}. (1.10)$$

Доказательство. Подстановка (1.8) приводит систему (1.1) к следующему виду

$$B\frac{\partial\tilde{\phi}}{\partial y} - AB\frac{\partial\tilde{\phi}}{\partial x} + aB\tilde{\phi} + b\overline{B\tilde{\phi}} = F.$$

Умножая это равенство слева на B^{-1}, в соответствии с леммой 1.1 получим систему

$$\frac{\partial\tilde{\phi}}{\partial y} - \tilde{J}\frac{\partial\tilde{\phi}}{\partial x} + (B^{-1}aB)\tilde{\phi} + (B^{-1}b\bar{B})\bar{\tilde{\phi}} = B^{-1}F,$$

С учетом (1.7) в соответствующей блочной записи она выглядит следующим образом:

$$\frac{\partial\phi_1}{\partial y} - J_1\frac{\partial\phi_1}{\partial x} + \tilde{c}_{11}\phi_1 + \tilde{c}_{12}\overline{\phi_2} + \tilde{d}_{11}\overline{\phi_1} + \tilde{d}_{12}\phi_2 = F_1,$$

$$\frac{\partial\overline{\phi_2}}{\partial y} - \overline{J_2}\frac{\partial\overline{\phi_2}}{\partial x} + \tilde{c}_{21}\phi_1 + \tilde{c}_{22}\overline{\phi_2} + \tilde{d}_{21}\overline{\phi_1} + \tilde{d}_{22}\phi_2 = \bar{F}_2,$$

Заменяя второе уравнение этой системы комплексно сопряженным, получим новую систему

$$\frac{\partial\phi_1}{\partial y} - J_1\frac{\partial\phi_1}{\partial x} + \tilde{c}_{11}\phi_1 + \tilde{c}_{12}\overline{\phi_2} + \tilde{d}_{11}\overline{\phi_1} + \tilde{d}_{12}\phi_2 = F_1,$$

$$\frac{\partial\phi_2}{\partial y} - J_2\frac{\partial\phi_2}{\partial x} + \overline{\tilde{c}_{21}\phi_1} + \overline{\tilde{c}_{22}}\phi_2 + \overline{\tilde{d}_{21}}\phi_1 + \overline{\tilde{d}_{22}\phi_2} = F_2,$$

которая, очевидно, имеет вид (1.9) с коэффициентами (1.10).

Отметим, что матрица J системы (1.9) составлена из клеток Жордана вида (1.4) с диагональными элементами из множеств σ_1 и σ_2, лежащих в верхней полуплоскости и фигурирующих в (1.2).

ЛИТЕРАТУРА

1. Боярский Б.В. Исследования по уравнениям эллиптического типа на плоскости и граничным задачам теории функций: Дис. д-ра // Физ.-мат. наук. -М., 1960.
2. Бойматов К.Х., Джангибеков Г. Об одном сингулярном интегральном операторе // Успехи математических наук. - 1988. -том 43. -вып. 3. -С. 171-172.
3. Векуа И.Н. Обобщенные аналитические функции. -М.: Фитмазгиз, 1959. -628 с.
4. Виноградов В.С. Об одной краевой задаче для линейных эллиптических систем дифференциальных уравнений первого порядка на плоскости // ДАН СССР. - 1958. -т.118. -№6. -С. 1059-1062.

СИСТЕМАИ ЭЛЛИПТИКИИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛИИ ДАРАҶАИ ЯКУМ

Дар мақолаи мазкур муаллиф системаи эллиптикии муодилаҳои дифференсиалии дараҷаи якумро баррасӣ мекунад. Шавқу рағбати махсуси бисёр математикҳо ба масъалаҳои арзиши ҳудудии системаҳои эллиптикии дараҷаи аввал дар ҳамворӣ ба он асос ёфтааст, ки чунин масъалаҳо дар замимаҳо хеле маъмуланд ва дар масъалаҳои гуногуни таҳлил, геометрия ва механика нақши муҳим доранд. Барои ҳолати домени ҳамвор бо нуқтаҳои кунҷӣ дар сарҳад, он усули ҳалли муодилаҳои дифференсиалии қисмиро бо роҳи коҳиш додани масъалаи арзиши сарҳадӣ барои оператори Лаплас ба муодилаҳои интегралии сарҳади домен татбиқ кард. Дар солҳои охири асри гузашта таваҷҷӯҳ ба ҳалли масъалаҳои арзиши сарҳадии эллиптикӣ тавассути кам кардани онҳо ба муодилаҳои сингулярӣ дар ҳудуд афзоиш ёфт. Ду усули классикӣ мавҷуданд: усули потенсиалӣ ва усули функционалӣ-назариявӣ. Ин мақола маълумоти пешакиро дар бораи системаҳои эллиптикии муодилаҳои дифференсиалии хаттии дараҷаи аввал дар бар мегирад.

Калидвожаҳо: системаи муодилаҳои дифференсиалӣ, тартиби аввал, усули потенсиалӣ, муодилаҳои сингулярӣ, ҳосилаҳои тақсим.

ЭЛЛИПТИЧЕСКАЯ СИСТЕМА ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ ПЕРВОГО ПОРЯДКА

В данной статье автор рассматривает эллиптическую систему дифференциальных уравнений первого порядка. Особый интерес многих математиков к краевым задачам для эллиптических систем первого порядка на плоскости основан на том, что такие задачи достаточно часто встречаются в приложениях и играют важную роль в различных вопросах анализа, геометрии и механики. Для случая плоской области с угловыми точками на границе им был применен метод решения уравнений с частными производными путем сведения краевой задачи для оператора Лапласа к интегральным уравнениям на границе области. В последние годы прошлого века усилился интерес к решению эллиптических краевых задач путем редукции их к сингулярным уравнениям на границе. Известны два классических способа: метод потенциала и теоретико-функциональный метод. Данная статья содержит предварительные сведения, касающиеся эллиптических систем линейных дифференциальных уравнений первого порядка.

Ключевые слова: система дифференциальных уравнений, первый порядок, метод потенциала, сингулярные уравнения, частные производные.

ELLIPTIC SYSTEM OF FIRST-ORDER DIFFERENTIAL EQUATIONS

In this article, the author considers an elliptic system of first-order differential equations. The special interest of many mathematicians in boundary value problems for first-order elliptic systems in the plane is based on the fact that such problems are quite common in applications and play an important role in various issues of analysis, geometry and mechanics. For the case of a flat domain with corner points on the boundary, he applied a method for solving partial differential equations by reducing the boundary value problem for the Laplace operator to integral equations on the boundary of the domain. In the last years of the last century, there was an increased interest in solving elliptic boundary value problems by reducing them to singular equations on the boundary. Two classical methods are known: the potential method and the functional-theoretical method. This article contains preliminary information concerning elliptic systems of linear differential equations of the first order.

Keywords: system of differential equations, first order, potential method, singular equations, partial derivatives.

Сведения об авторе: ***Джихонова Малохат*** **–** магистр второго курса факультета механики и математики Таджикского национального университета. Телефон: **985 14 49 32**


Information about the author: ***Jihonova Malohat*** – second-year master's student of the Faculty of Mechanics and Mathematics of the Tajik National University. Phone: **985 14 49 32**

КОРКАРДИ РАВАНДҲОИ ЭЛЕКТРИКӢ ДАР МИОКАРД ТАВАССУТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

Шукурӣ Ҳ. Назарӣ М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мушаки дил дар таркиби ҳуҷайрааш ғайриякҷинса (гетероген) аст. Наҳҳои миокардии камшавандаи маъмулӣ (НМКМ) ва наҳҳои миокардии ғайримаъмулӣ (НМҒ) нисбат ба ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар байни онҳо, чӣ дар сохторашон ва чӣ дар функсияву биоэлектрогенезашон фарқияти куллӣ мавҷуд аст. Барои НМКМ, ки массаи асосии мушакҳои дилро ташкил мекунанд ва фаъолияти камшавандагии онро амалӣ месозанд, потенсиалҳои мембранӣ хос аст. Он дар расми 1 оварда шудааст [1]:

Расми 1. Шакли потенсиали мембрании НМКМ



Фаъолияти дил 75 тапиш дар як дақиқа мебошад.


Дар потенсиали мембрании **НМКМ** возеҳ дидан мумкин аст, ки сатҳи устувори нерӯи истироҳат, амалан баробар аст ба - 90 мВ.

Ангезиши **НМКМ** ҳангоми пайдошавии шохаи нумӯъкунандаи потенсиали фаъолият ҳангоми ин потенсиал аз – 90 мВ ба 10,…,20 мВ боло рафтан, нисбат ба воситаҳои байниҳуҷайравӣ пайдо мешавад.

Афзуншавии потенсиал дар 20 м/с амалӣ мешавад. Дар фарқият аз дигар наҳҳои мушакӣ ва аксонҳо наҳҳои миокардӣ дорои потенсиали инверсияҳо (вайроншавии тартиб) – и беҳтар мебошанд. Аммо, хусусиятҳои бештар хос ба реполяризатсияи мушаки дил мавсуфанд.


Вагарна потенсиалҳои мембрании барои **НМҒ** хос ба қайд гирифта мешаванд (Расми 2) [1]:

Расми 2. Шакли мембрании потенсиали НМҒ



Дар онҳо сатҳи устувори поляризатсия мавҷуд нест, яъне потенсиали оромӣ вуҷуд надорад. Фаъолияти барқии **НМҒ** ин як ларзиши доимии потенсиали мембрана мебошад. Ҳангоми он ба -60 мВ расидан, деполяризатсияи суст ба таври худ ба худ оғоз меёбад. Ҳангоми дар сатҳи -40 мВ қарор доштан ин раванд шиддат мегирад. Он дар потенсиали **НМҒ** маҳз ба фаъолияти ба он хоси инверсионӣ мувофиқ меояд. Амали деполяризатсия ба амали реполяризатсия иваз мешавад. Дар охири ин амал, он боз оҳиста ба амали деполяризатсия бар мегардад. Ҳамин хел барои **НМҒ** маҳз динамикаи беисти потенсиалҳои мембранӣ хос мебошад, ки он асоси фаъолияти бомароми дили инсонро ташкил мекунанд. Бофтаҳои **НМҒ** дар шакли қисматҳои алоҳида, дар қисмҳои гуногуни дил мутамарказ шудааст. Бо ин созиш, **НМҒ** ба як система муттаҳид карда мешавад. Хусусиятҳои гузариши ангезиш тавассути миокард бо усули пайваст кардани нахҳои алоҳидаи он, ки дар байни онҳо дискҳои ҷойгиркунӣ ёфт шудаанд, такрори мембранаҳо мебошанд ва дар онҳо ковокиҳои холӣ мавҷуданд. Алоқаҳо тавассути ин ковокиҳо алоқаҳои барқиро дар байни нахҳои ҳампаҳлӯ таъмин месозанд. Азбаски импулси барқӣ (потенсиали амал), ки дар яке аз нахҳо ба вуҷуд омадааст, метавонад тавассути интиқоли барқӣ ба ҳамсоянахҳо паҳн шавад, на тавассути равандҳои химиявӣ пас хосияти ҳуҷайраи алоҳида ба дил хос аст. Бояд қайд кард, ки алоқаи барқӣ на танҳо байни **НМКМ**-и дил, балки дар байни **НМҒ** низ вуҷуд дорад. Бинобар ин, ангезиши худ ба худ ба миён оянда дар **НМҒ** осонакак ба **НМКМ** мегузарад ва ҳамин хел дар ҳамаи дил паҳн мешавад. Дар байни қисматҳои бофтаҳои тобеъияти дақиқ муқаррар карда шудааст. Пешбарандаи онҳо ҳамонест, ки дар атриуми рост байни синуси венагӣ ва гиреҳи синоаврикуляр ҷойгир аст (Расми 3):

Расми 3. Сохтори дил ва нақшаи ташкили электрокардиосигнала



Вақте, ки ин гиреҳ ба таври худкор ба ҳаяҷон меояд ва ин як ҳолати маъмулӣ дар одами солим дар тӯли ҳаёт аст, пас дигар қисматҳои нахҳои алоқавии **НМҒ** танҳо вазифаи интиқолдиҳиро иҷро мекунанд. Дар баробари он худкорсозии худи онҳо пахш карда

мешавад, бинобар ин гирехи синоаврикулярирo кардиостимулятор меноманд. Аз сабаби он, ки ин як нахи **НМҒ** нест, балки як гурӯҳи тақрибан аз 5000 нах иборат буда, мебошад, дил дар нигоҳ доштани давраи мӯътадили ҷунбишҳои стихиявӣ эътимоди баланд дорад.


Аз **НМҒ** гирехи синоаурикулярии ангезиш ба **НМКМ** мегузарад ва суръати гузариш ба 1 м/с баробар аст. Аллакай пас аз 40 мс аз пайдоиши потенсиали амал дар стимулятор, ҳамаи қисмҳои атриум дар ҳолати ангеза мебошанд. Ангеза дар паҳлӯи атрия бо таври васеъ паҳн мешавад, ки он бо вуҷуди алоқаҳои холигӣ натанҳо дар байни нӯги нахҳои инфиродии миокард, балки дар байни сатҳҳои паҳлӯӣ низ таъмин карда мешаванд. Эҳсосоте, ки ба атриум бо роҳҳои гуногун ворид мешаванд, ҳамзамон ба бахши дуюми **НМҒ** - гирехи **antrioventricular** мерасад. Атрияро аз меъдачаҳо бофтаҳои нахдор ҷудо мекунанд, ки қобилияти барангехтанро надоранд. Аммо, дар ин монеа шикофии борике мавҷуд аст, ки дар он гирехи антриовентрикуляр ҷойгир аст, ки аз атрия то меъдачаҳо ҳаяҷонро мегузаронад. Дар миокардияи меъдача роҳи дигар барои ташвиқ вуҷуд надорад. Оҳиста гузаронидани ҳаяҷон аз гулӯла ба меъдачаҳо таваққуфро дар байни кашишхӯрӣ ва меъдачаҳо таъмин мекунад, ки барои фаъолияти мӯътадили дил фавқулодда муҳим аст - таъхири антриовентрикуляр, ки зарур аст, то тамоми хуни дар диастула ҷамъшудаи меъда пурра ба меъдачаҳо интиқол дода шавад .

Аз гирехи **antrioventricular**, ҳаяҷон аз ҷониби як ҷабҳа ба банди antrioventricular ё банди Гисс дохил мешавад. Дар он ҷо суръати ҳаяҷон зуд меафзояд ва ба 2-3 м / с мерасад. Афзоиши суръат аз сабаби ғафсшавии **НМҒ** ва зиёд шудани зичии пайвандҳои холигӣ дар дискҳои ҷойгиркунонӣ ҳосил мешавад. Наздик ба қисми болоии дил, нахҳои Пуркине аз бастаи Гисс паҳн мешаванд. Ин нахҳои контрастии миокардии ғайрифаъол бо нахҳои маъмулии контрактии меъдачаҳо тамос мегиранд. Нахҳои Пуркине дар муқоиса бо дигар нахҳои миокардӣ диаметри калонтар доранд. Суръати ангезиши онҳо ба 4-5 м / с мерасад.

Алоқаи байни нахҳои Пуркине ва нахҳои миокардии алоқамандсози меъдачаҳо тавассути пайдоиши сершумори **НМҒ** амалӣ карда мешаванд. Нахи тунуки ҷудогона ба нахҳои миқдори мушакии контрактӣ ҳамчун манбаи нуқтаи ҷараён таъсир мекунад, аз ин рӯ деполяризатсия аз нуқтаи тамос байни онҳо дар шакли мавҷи сферӣ паҳн мешавад, дар ҳоле ки барои паҳншавии фронти ҳаяҷон ҳеҷ гуна шароит вуҷуд надорад. Аз ин ҷиҳат, ҳангоми тамос гирифтани шохаҳои нахҳои Пуркине бо нахи миокардии контрактикии маъмулии меъдача, интиқоли ангезиш суст мешавад, ки ин ҳамоҳангсозии ҳаяҷони тамоми миокардияи меъда мебошад. Барангезиш аз нахи алоҳидаи Пуркине ба як нахи контрактии маъмулӣ мегузарад, аммо азбаски миқдори онҳо хеле зиёд аст, нахҳои маъмулии миокардии меъдачаҳо қариб дар ҳар марҳила ба коҳиш сар мекунанд. Ҳаяҷон дар баробари миокардияи меъдача аз қисми болоӣ ба пояи дил, яъне ба самти муқобил нисбат ба банди Гисс ҳаракат мекунад. Охирин он қисмҳои меъдачаҳо ангезиш мехӯранд, ки дар наздикии атрия ҷойгиранд [2]. Фаъолияти барқии дилро ба тариқи зайл моделсозӣ кардан мумкин аст [7]. Биёед миокардро ба сегментҳо тақсим кунем, ки ҳар яки онҳоро дар марҳилаи муайян потенсиали барқии алоҳидаи кардиосикл ташкил мекунад. Бо истифода аз модели потенсиалии НМКМ, мо таъхири онҳоро нисбат ба ҳамдигар мувофиқи муқаррароти модел ташкил мекунем. Илова бар ин, азбаски проексияи ин потенсиалҳо дар паҳлӯҳои секунҷаи Эйтховен гуногун аст, мо ин фарқиятро бо истифода аз коэффитсиентҳое ба назар мегирем, ки ҳар як потенсиали **НМКМ**-ро ба онҳо зарб мекунем. Интихоби миқдори сегментҳои нахҳои миокардии алоқаманд ба 14 баробар, бо назардошти таъхирҳо ва коэффитсиентҳои ба ҳар як сегмент додашуда, мо ҷадвали маълумоти ибтидоиро барои моделсозии ЭКГ мегирем. Ба сифати потенсиали **НМКМ** сигнали додашудаи дар ҷадвал овардашударо истифода мебарем (расми 4):

Барои сохтани модели мазкур дар таҷҳизоти «осциллограф» қисмати «Import» ва қисматҳои «задержки» ва «усиления» -ро истифода менамоем.

Расми 4. Шакли сигнали НМКМ



АДАБИЁТ

1. А.В. Дунаев, Моделирование биологических процессов и систем. –Орёл, 2010. -56 с.
2. Моделирование биологических процессов и систем: методичес-кие указания к лабораторным работам / Рязан. гос. радиотехн. ун-т; сост. О.В. Мельник. – Рязань, 2008. – 32 с.
3. Клиначѐв, Н.В. Моделирование систем в программе VisSim: Справочная система. / Н.В. Клиначѐв. – Offline версия 1.0. -Челябинск, 2001.
4. Сайт о моделировании систем и явлений: http://model.exponenta. ru/ [Электронный ресурс].
5. Практикум по биофизике: учеб. пособие для студентов вузов. -М.: Владос, 2001.
6. Ризниченко, Г.Ю. Лекции по математическим моделям в биологии. Ч. 1. / Г.Ю. Ризниченко. -М.: РДХ, 2002.
7. Джалилов Х.М., Исследование классических моделей с функциональными начальными условиями, Вестник ТНУ, №1/2, ISSN 2413-452X. -Душанбе: Сино, 2017. -С.19-25.

КОРКАРДИ РАВАНДҲОИ ЭЛЕКТРИКӢ ДАР МИОКАРД ТАВАССУТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

Дар мақолаи мазкур равандҳои электрикӣ дар миокард, сохтори дил, наҳҳои миокардии камшавандаи маъмулӣ ва наҳҳои миокардии ғайримаъмулӣ, роҳҳои моделсозии равандҳои электрикӣ дар миокард, истифодаи отселлограф, ба даст овардани натиҷаҳои компютерии амсила ва ғайраҳо маълумот оварда шудааст. Мушаки дил дар таркиби ҳуҷайрааш ғайриякҷинса (гетероген) аст. Наҳҳои миокардии камшавандаи маъмулӣ (НМКМ) ва наҳҳои миокардии ғайримаъмулӣ (НМҒ) нисбат ба ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар байни онҳо, чӣ дар сохторашон ва чӣ дар функсияву биоэлектрогенезашон фарқияти куллӣ мавҷуд аст. Барои НМКМ, ки массаи асосии мушакҳои дилро ташкил мекунанд ва фаъолияти камшавандагии онро амалӣ месозанд, потенсиалҳои мембранӣ хос аст. Дар мақола 4 расм - шакли потенсиали мембрании НМКМ, шакли мембрании потенсиали НМҒ, сохтори дил ва нақшаи ташкили электрокардиосигнал ва шакли сигнали НМКМ оварда шудааст.

Калидвожаҳо: равандҳои электрикӣ, миокард, наҳҳои миокардӣ, ҳуҷайра, функсия, мушак, дил, мембрана, сохтор, электрокардиосигнал, потенсиал, сигнал, амсила, натиҷаи компютерӣ.

ОБРАБОТКА ЭЛЕКТРИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ НА МИОКАРДЕ С ПОМОЩЬЮ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

В этой статье представлена информация об электрических процессах в миокарде, структуре сердца, нормальных и аномальных мио кардиальных волокнах, способах моделирования электрических процессов в миокарде, использовании осциллографов, компьютерном моделировании и многом другом. Сердечная мышца неоднородна по своим клеткам. Нормальный инфаркт миокарда (НИМ) и патологический инфаркт миокарда (ПИМ) отличаются. Между ними есть существенные различия как по структуре, так и по функциям и биоэлектрогенезу. Мембранные потенциалы типичны для НИМ, который составляет основную массу сердечной мышцы и осуществляет ее сократительную активность. В статье представлены 4 изображения - потенциальная форма мембраны НИМ, потенциальная форма мембраны ПИМ, структура сердца и схема организации электрокардиограммы, и форма сигнала НИМ.

Ключевые слова: электрические процессы, миокард, волокна миокарда, клетка, функция, мышца, сердце, мембрана, структура, электрокардиограмма, потенциал, сигнал, модель, компьютерный результат.

PROCESSING OF ELECTRIC PROCESSES ON THE MYOCARDIUM USING INFORMATION TECHNOLOGIES

This article provides information on electrical processes in the myocardium, the structure of the heart, normal and abnormal myocardial fibers, methods of modeling electrical processes in the myocardium, the use of oscilloscopes, computer simulation, and much more. The heart muscle is heterogeneous in its cells. Normal myocardial infarction (NMI) and pathological myocardial infarction (PMI) are different. There are significant differences between them both in structure

and in functions and bioelectrogenesis. Membrane potentials are typical for NMI, which constitutes the bulk of the heart muscle and carries out its contractile activity. The article presents 4 images - the potential form of the NMI membrane, the potential form of the PMI membrane, the structure of the heart and the organization diagram of the electrocardiogram and the form of the NMI signal.

Keywords: electrical processes, myocardium, myocardial fibers, cell, function, muscle, heart, membrane, structure, electrocardiogram, potential, signal, model, computer result.

Сведения об авторах: ***Шукури Хизбуллох*** **–** магистр кафедры информатики ТНУ. Телефон**: (+992) 915-21-33-35,** E-mail: **hizbullah@gmail.com**
Назири М. **-** магистр кафедры информатики ТНУ

Information about the authors: ***Shukori Hizbullah*** **–**master`s student of the Department of Informatics of TNU. Phone**: (+992) 915-21-33-35**
Naziri M. **–** master`s student of the Department of Informatics of TNU

ГЕОЛОГИЯ ВА БИОЛОГИЯ – ГЕОЛОГИЯ И БИОЛОГИЯ

УДК 553

МИНЕРАЛИЗАТСИЯИ МАЪДАНӢ ВА ҚОНУНИЯТҲОИ ҶОЙГИРШАВИИ ОНҲО ДАР КОНИ ОҲАНИ ОҚТОШ

Абдуалимов Л.А., Ғафуров Ш.М., Холов М.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Кони Оқтош дар поёнрасии ҷанубу шарқи Оқуртоғ, 4 км дур аз шаҳраки Консой ҷойгир шудааст. Сохти геологии он хело мураккаб аст [6]. Майдони маъданӣ дар даруни блокҳои ҷинсҳои кӯҳии карбонатии давраи палеозойи миёнаи қаторкӯҳҳои Оқуртоғ, дар ядро ва дар болҳои антиклиналии Қурусай-Оқуртоғ ҷойгир аст. Минерализатсия дар зонаҳои субарзии тулкашидаи шаҳҳо (Дарвоза, Қизилкон, зонаи Контов) ва системаи окурдавон (роғи Окурдаван) пайдо шудааст. Дар қисми шарқии майдони маъданӣ ин зонаҳо бурида мешаванд ва бо массивҳои гранитоидҳои Шоҳқадамбулак, ки танаи калони лакколитмонанди гранодиорит-порфирҳоро дар ядрои антиклинал ба вуҷуд овардааст, ба боло баромада, якҷоя мешаванд [1, 6]. Дар контакти гранодиоритҳо минерализатсияи скарнӣ-маъданӣ ва полиметаллҳо, марҳилаи сулфидии якуму дуюм (Оқтош, Камаркутан, Шевчуков) хуб инкишоф ёфтаанд [2]. Ҳнгоми аз оҳаксангҳо дур шудани минерализатсияи магнетит аҳамияти онҳо кам шуда, нақши асосиро пирит ба даст меорад, ки дар навбати худ аз тарафи полиметаллҳо берун карда мешавад (Контюб, Камарсойи нав ва Шарқӣ, Кендикташ ва ғайра). Дар карбонатҳо ва скарнҳо танаҳои дайкаҳо ва штокҳои ҷинсҳои гипабисалӣ дучор меоянд. Дар ин ҷо, минерализатсияи магнетитҳо тамоман вуҷуд надорад. Пиритҳо бошанд, назар ба полиметаллҳо начандон хуб рушд кардаанд (Дарвоза, Консой, Қизилкон, Контов). Қад-қади зонаҳои маъданӣ қабатҳои болои карбонатӣ танҳо аз полиметаллҳо иборат буда, галенитҳо ва марҳилаи сеюми сулфидҳо ҳамроҳ бо комплексҳои пастҳароратии минерализатсияи рагӣ бартарият доранд (Королева, Бешкан, Зармура ва ғ.). Сабаби чунин хусусият доштани майдон, ин аз шароитҳои структурӣ, таркиби литологии ҷинсҳо вобаста аст. Массаи асосии майдони маъдании полиметаллҳоро қабати оҳаксангии яруси фамен ташкил мекунад. Пайдоши пиритҳо ба қабати оҳаксангии яруси аквилинусӣ вобаста аст (Абдуалимов, 2021). Магнетитҳо бошанд, дар буришҳои ҷинсҳои оҳаксангӣ-магнезитӣ дар яруси живет ва фран ҷойгир мебошанд. Намудҳои литологии ҷинсҳо ба хусусияти минерализатсия ва ҳам ба таркиби пайдоиши скарнҳо бевосита таъсир мекунад. Магнетит бо гранат-эпидот ва гранат-пироксенҳои эндоконтакт, полиметаллҳо бошанд бо пироксенҳои экзоконтакт вобастаанд (Волфсон, 1965). Барои таҳшин шудани пирит муҳити алюмосиликатӣ (массивҳои эндоконтактӣ, дайкаҳои гранитоидӣ дар ҷинсҳои карбонатӣ) мусоид аст. Яке аз факторҳои асосии локализатсияи маъдан ин структураи қатшавии роғи маъданидоракунанда ва онҳоро бурида гузаштани шаҳҳои ҷавони шимолу ғарбӣ (системаи алтинтопкан) ва шимолу шарқӣ (системаи турангли) буда, сохтори расиши дайкаҳо нақши экранро иҷро мекунанд. Шароити инкишофи минералпайдошавӣ дар майдони маъданӣ бо Қурусой-Ҷангал монандии зиёд дорад. Фарқияти онҳо дар он аст, ки ҷойгиршавии маъданҳо дар дохили массивҳои карбонатӣ ва шаҳҳои вайроншудаи системаи Сароймардон дар ин ҷо бартарӣ доранд, нақши скарнҳо дар локализатсияи полиметаллҳо ва тобеияти қисми асосии охирин ба комплексҳои пастҳарорат кам дучор меояд. Танаҳои маъданӣ аз чор хели маъданҳо таркиб ёфтааст: 1) полиметаллии лӯламонанд дар оҳаксангҳо; 2) линзаҳои скарнҳо бо магнетит ва хол-холҳои полиметаллҳо; 3) маъданҳои сфалерит дар оҳаксангҳо; 4) танаҳои рагмонанди мису пирит бо скарнҳои гранат-пироксенӣ алоқаманд. Дар кони Оқтош структураҳои маъдандори зеринро ҷудо менамоянд (зонаҳои маъданӣ): №№ 1, 1а, 2, 3, 4, 5, 6а, 7, 8, 9. Дарозии зонаҳо

аз 300 то 1500 м дигаргун мешавад. Ба онҳо 13 танаи маъданӣ рост меояд: руҳи I, руҳи II, нав I, нав II, № 4, 6, 7, 8, 10, 11, 12, 13 ва 14 [3].

Ҷойгиршавии маъданҳоро асосан элементхои сохторӣ (Дарвозаи Ҷанубӣ, Окурдавон) назорат менамоянд ва аз байни онҳо дар навбати якум вайронаҳои кандашуда (разрывные нарушения). Охиронро ба 3 гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст: а) маъданбарор, б) маъдантақсимкунанда, в) маъданҷокунанда. Аз роғҳои маъданбарор асосиашон роғи Окурдавон мебошад. Ба ин гурӯҳ роғҳои маъданбарори тартиби дуюм - Дарвоза ва Қизилкон дохил мешаванд. Бевосита дар роғҳои ин гурӯҳ маъданҳо кам дучор меоянд. Минерализатсияи полиметаллии ғайрисаноатӣ, танаҳои бузурги маъдании магнетит ва пирит мушоҳида мешаванд. Роғҳои маъдантақсимкунанда нисбатан зиёдтар маъдан доранд. Дар онҳо танаҳои маъданӣ ҷойгир шудаанд, ки дар онҳо магнетит, пирит ва полиметаллҳо дар ассотсиатсияи зич қарор доранд. Тақсимкунии ин танаҳои маъданӣ аз рӯи компоненти бартаридошта гузаронида мешаванд. Танаҳои маъдании магнетит ва пирит дар қисмҳои наздики болои майдони маъданӣ, дар қисми шарқӣ, асосан дар роғҳои дарозкашиашон шимолу шарқӣ ва шимолу ғарбӣ паҳн шудаанд. Дар Оқтош системаи роғҳои скарнӣ-полиметаллӣ дар тарқишҳои канории самташон шимолу шарқӣ ҷойгир шуда, онҳо бо фурӯкандаи Дарвозаи Ҷанубӣ пайвастанд. Дар дигар маҳалҳо низ маъданҳои магнетитиро роғҳои ин ду самт назорат менамоянд. Тарқишҳо ва роғҳои маъданҷокунанда самтҳои гуногун доранд. Маъданҳо дар онҳо танҳо дар мавриди пайвастшавии онҳо ё буридашудани онҳо бо ду роғи гурӯҳи якум медароянд [7]. Онҳо ҷои локализатсияи конкретӣ ва хели танаҳои маъданиро муайян менамоянд. Дар аксар танаҳои маъданӣ сохти зонадор дида мешавад, ки аз рушди бозкушоии такрорӣ вобастагӣ доранд. Маъданҳои полиметаллӣ одатан дар канори овезон ё дар канори танаҳои маъданӣ, ҷое, ки лағжишҳои дерпайдошуда ҷой доранд, ҷойгир шудаанд. Дар морфогенезиси танаҳои маъданӣ, таркиби ҷинсҳои кӯҳии маъданҷокунанда аҳамияти асосӣ доранд. Танаҳои маъданҳои магнетитӣ аксар вақт ба скарнҳои байниформатсионӣ рост меоянд, ки аз ҳисоби доломитҳои яруси живет ба вуҷуд омадаанд [2]. Маъданҳои полиметаллӣ асосан дар оҳаксангҳои скарнишудаи горизонти калкаратус қайд карда шудаанд. Дар ҷинсҳои доломитии дар боло хобрафта скарншавӣ қариб падид наомадааст ва маъданҳо ба намуди рагҳои агрегативӣ хеле кам дучор меоянд.

Умуман, дар ҷойгиршавии минерализатсия дар майдони маъданӣ роли асосиро фактори ҳароратӣ бозидааст. Якҷоягии ҳамаи факторҳо дар ҷойгиршавии маҳсулотҳои магматикӣ ва посмагматикӣ ба зонанокии муайян оварда расонидааст. Дигаргуншавии посмагматикии ҷинсҳои кӯҳӣ ба се зона иттиҳод карда мешаванд: серпентинизатсияи экзоконтактҳои интрузивҳои марказӣ, скарншавии хелҳо ва намудҳои гуногуни ҷинсҳо ва пас аз ин – квартсшавӣ ва карбонатизатсия. Ивазшавии зонаҳо оҳиста-оҳиста аз тарафи шарқ ба ғарб рух медиҳад. Маъданҳое, ки дар болои ин зонаҳо хоб рафтаанд, характери тақсимшавӣ ё ҷойгиршавиашон дигар хел аст. Маъданҳои магнетитӣ асосан ба зонаи экзоконтакти интрузивҳои марказӣ алоқаманданд. Маъданҳои пирит ва пиритизатсияи хол-хол дар раҳҳои паҳновар рушд карда, зонаҳои эндоконтакти интрузивҳоро фаро гирифтааст (дар ҳудудҳои инкишофи скарнҳо) ва то ба раҳҳои оҳаксангҳо, ҷое, ки танаҳои арзӣ мавҷуданд, рафта мерасад [7]. Маъданҳои полиметаллӣ бештар густурдаанд. Дигар падидаҳои маъданӣ дар дохили гранодиоритҳои порфирмонанд ба тамоми паҳнои болои зонаи пиритӣ хоб рафта, ба тарафи ғарб паҳн шуда меравад. Чунин зонанокӣ дар ҷойгиршавии минерализатсияҳо аз рӯи вертикал мушоҳида мешавад. Ба ғайр аз ин, ҳангоми свитаҳои оҳаксангҳои мусоид бурида гузаштани сутунҳои маъданӣ, танаҳои бузурги пирит бо магнетит падид меоянд. Дар ин ҳангом қимати нисбии сурб ва руҳ кам намегардад. Аз ин бармеояд, ки зонадории горизонталӣ ва вертикалӣ пурра вуҷуд дорад [4, 5]. Дар умум дар тамоми қисмҳои майдони маъданӣ, дар ҳудудҳои инкишофи ҷинсҳои карбонатӣ дурнамои маъдандорӣ ба таври кифоя мусоид аст. Амалан тамоми маъданҳо дар блоки ҷинсҳои кӯҳии байни роғи Окурдавон ва фурӯкандаи Дарвозаи Ҷанубӣ буда, ҷойгир шудаанд [3]. Ҳамин тавр, дар ҳудуди майдони маъданӣ, дар ҳудуди блоки тектоникаи Консой танаҳои маъдании конҳои Консойи Марказӣ, Ғарбӣ, гурӯҳи Дарвоза

ҳам ба дарозии дарзи асосии роғи Дарвозаи Ҷанубӣ, ҷойгиршуда, ба интервалҳои каҷшудаи он рост меоянд ва ҳам ба дарозии силсилаи вайронаҳои тектоникии Шимолу Шарқии кунҷи афтишашон баланд, ки дар жарф бо руғечи Дарвозаи Ҷанубӣ якҷоя мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Геология, поиск и разведка месторождений полезных ископаемых Таджикистана.: отчет о НИР (заключ.) : 0116TJ00798 / Библ. Тадж. национального университета; рук. Н.С. Сафаралиев; исполн. А.Р. Файзиев, У.А. Ятимов и др. – О – 88. С.12-18.
2. Байков В.Н., Краснов Е.Г., Мясников В.М., Эргашев С.Б. Рудные формации Карамазара и условия их размещения. В кн.: Рудные поля Карамазара. Т.3. Душанбе: Ирфон, 1975, с. 104-118.
3. Рахимов Ш.Х. Геолого-структурные условия локализации скарново-полиметаллических месторождений Карамазара. Ташкент, Издательство «ФАН» УзССР, 1978. С. 46.
4. Тальдыкин С.И. К вопросу о первичной вертикальной зональности в гидротермальных месторождениях. В сб.: Научные доклады высшей школы, сер. Геогр.-геол. Науки, № 1, 1959, с. 25-32.
5. Тананаева Г.А. Кальдерная зональность оруденения в некоторых рудных районах Карамазара (Кураминский хребет). В сб.: Вертикальная зональность магматогенных рудных месторождений. М.: Наука, 1984, с. 158-176.
6. Файзиев А.Р. Минеральный состав рудных тел скарново- магнетитового месторождения Акташ (Северный Таджикистан) / А.Р. Файзиев, Н.С. Сафаралиев, У.А. Ятимов // Материалы Республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной «20-ой годовщине Дня национального единства» и «Году молодёжи». Таджикский национальный университет, 20-27 апреля 2017, г. Душанбе, Таджикистан, 2017, С. 569-570.
7. Шехтман, П.А. Рудные поля в зоне Окурдаванского и Мирзорабатского разломов / П.А. Шехтман, А.В. Поваров, И.М Уразаев // Геология и минеральные комплексы Западного Карамазара. М. : Недра, 1972. – С. 130-143.

МИНЕРАЛИЗАТСИЯИ МАЪДАНӢ ВА ҚОНУНИЯТҲОИ ҶОЙГИРШАВИИ ОНҲО ДАР КОНИ ОҲАНИ ОҚТОШ

Ҳамин тавр, дар кони Оқтош структураҳои маъдандори зеринро ҷудо менамоянд (зонаҳои маъданӣ): № 1, 1а, 2, 3, 4, 5, 6а, 7, 8, 9. Дарозии зонаҳо аз 300 то 1500 м дигаргун мешавад. Ба онҳо 13 танаи маъданӣ рост меояд: руҳи I, руҳи II, нав I, нав II, № 4, 6, 7, 8, 10, 11, 12, 13 ва 14. Дар ҳудуди майдони маъданӣ, дар ҳудуди блоки тектоникаи Консой танаҳои маъдании конҳои Консойи Марказӣ, Ғарбӣ, гурӯҳи Дарвоза ҳам ба дарозии дарзи асосии роғи Дарвозаи Ҷанубӣ, ҷойгиршуда, ба интервалҳои каҷшудаи он рост меоянд ва ҳам ба дарозии силсилаи вайронаҳои тектоникии Шимолу Шарқии кунҷи афтишашон баланд, ки дар жарф бо руғечи Дарвозаи Ҷанубӣ якҷоя мешаванд.

Калидвожаҳо: Дарвоза, Окурдавон, Октош, пирит, оҳаксанг, минерализатсия, полиметаллҳо, магнетит, ҷойивазкунӣ.

РУДНАЯ МИНЕРАЛИЗАЦИЯ И ЗАКОНОМЕРНОСТИ РАЗМЕЩЕНИЯ РУДНЫХ ТЕЛ В АКТАШСКОМ ЖЕЛЕЗОРУДНОМ МЕСТОРОЖДЕНИИ

Таким образом, на месторождении Акташ выделяются следующие рудоносные структуры (минеральные зоны): №№ 1, 1а, 2, 3, 4, 5, 6а, 7, 8, 9. Протяженность зон от 300 до 1500 м. Они содержат 13 рудных тел: цинковый I, цинковый II, новый I, новый II, №№ 4, 6, 7, 8, 10, 11, 12, 13 и 14. В пределах рудной зоны, в пределах Кансайского тектонического блока рудные тела Центрального, Западного Кансайских месторождений расположены как по длине основного Южно-Дарбазинского разлома, его криволинейных промежутков, так и по длине серии крутопадающих тектонических разломов на Северо-Востоке, которые на глубине совмещаются с Южно-Дарбазинском разломе.

Ключевые слова: Дарвоза, Окурдавон, Окташ, пирит, известняк, минерализация, полиметаллы, магнетит, резмещение.

ORE MINERALIZATION AND REGULARITIES OF ORE BODY DISTRIBUTION IN THE AKTASH IRON ORE DEPOSIT

Thus, the following ore-bearing structures (mineral zones) are distinguished at the Aktash deposit: Nos. 1, 1a, 2, 3, 4, 5, 6a, 7, 8, 9. The length of the zones is from 300 to 1500 m. They contain 13 ore bodies: zinc I, zinc II, new I, new II, Nos. 4, 6, 7, 8, 10, 11, 12, 13 and 14. Within the ore zone, within the Kansai tectonic block, ore bodies of the Central, Western Kansai deposits They are located both along the length of the main South Darbazin fault, its curvilinear intervals, and along the length of a series of steeply dipping tectonic faults in the Northeast, which at depth coincide with the South Darbazin fault.

Keywords: Darvoza, Okurdavon, Oktash, pyrite, limestone, mineralization, polymetals, magnetite, displacement.

Сведения об авторе: ***Абдуалимов Лутфулло Азизуллоевич*** - Таджикский национальный университет, магистр кафедры геологии и разведки месторождений полезных ископаемых. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **chokadambulak@mail.ru.** Телефон: **(+992) 987 59 59 53.**

Гафуров Шодмон Мирзоевич - Таджикский национальный университет, магистр кафедры геологии и разведки месторождений полезных ископаемых геологического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **chokadambulak@mail.ru.** Телефон: **(+992) 987 26 46 66.**
Холов Мухаммад Нуруллоевич - Таджикский национальный университет, магистр кафедры геологии и разведки месторождений полезных ископаемых геологического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **chokadambulak@mail.ru.** Телефон: **(+992) 987 84 10 74.**

Information about the author: ***Abdualimov Lutfullo Azizulloevich*** - Tajik National University, master`s student of the Department of Geology and Exploration of Mineral Deposits. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **chokadambulak@mail.ru.** Phone: **(+992) 987 59 59 53.**
Gafurov Shodmon Mirzoevich - Tajik National University, master`s student of the Department of Geology and Exploration of Mineral Deposits of the Geological Faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **chokadambulak@mail.ru.** Phone: **(+992) 987 26 46 66.**
Kholov Muhammad Nurulloevich - Tajik National University, master`s student of the Department of Geology and Exploration of Mineral Deposits of the Geological Faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. **E-mail: chokadambulak@mail.ru.** Phone: **(+992) 987 84 10 74**

ТАЪСИРИ ОМЕХТАҲОИ ХӮРОКИ ДУРУШТ БА БАЪЗЕ НИШОНДИҲАНДАҲОИ БИОХИМИЯВӢ ВА МАҲСУЛНОКИИ НАСЛИ ГӮСФАНДОНИ ҲИСОРӢ

Исломова К.Қ, Иргашев Т.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ

Хӯронидани ғизои якранг ба нишондиҳандаҳои биохимиявии хуни мешҳое, ки дар давраи дуюми ҳомиладорӣ қарор доранд, таъсир менамояд. Омӯхтани таъсири модаре, ки хӯроки якранг хӯронида мешавад, ба равандҳои мубодилаи моддаҳо, нишондиҳандаҳои маҳсулнокӣ ва зудрасии насл, хело муҳим ва аҳамиятнок мебошад. Чи хеле ки таҳлили нишондиҳандаҳои биохимиявии ферментҳои зардоби хун дар барраҳои думоҳа гузаронидашуда аз ин шаҳодат медиҳанд (ҷадвали 1).

Ҷавали 1. Нишондиҳандаҳои биохимиявии хун дар баррахои думоҳа (r + -) ($X \pm S_x$)

Гурӯҳҳо	АСТ, воҳид/ мл	АСТ, воҳид/ мл	Фосфатазаи ишқорӣ воҳид/ мл	Холестерин, мг,%
Аз мешҳо (n - 8) гурӯҳи I	61,5 ±3,35	32,1 ±5,95	5,8 ±0,3	91 ±6,9
-"- (n - 6) гурӯҳи II	80,2 ±13,92	28,9 ±5,45	6,6 ±0,3	112 ±17,4
гурӯҳи III	92,6 ±1,15	41,0 ±7,65	5,7 ±0,3	128 ±15,3
Ба ҳисоби миёна (n - 20)	78,1 ±6,14	34,0 ±6,35	6,03 ±0,3	110,0 ±13,2

Чи тавре ки нишондиҳандаҳо гувоҳӣ медиҳанд, аз ҳама фаъолнокии аминотрансфераза дар баррае, ки модараш нимаи дуюми ҳомиладориашро бо ғизои таркибаш якранг (хасбедаи юночқа) бе мавҷудияти эм гузаронидааст, мушоҳида шуд. Синтези аз ҳама пасти сафедаҳо дар гӯсфанди ҷавони гурӯҳи якум, ки хӯроки ғурӯшонидаро истеъмол менамуду лекин эм илова шуда буд, ба қайд гирифта шуд. Омӯзиши миқдори холестерин низ ҳамин тавр натиҷагирӣ карда шуд. Нишондиҳандаҳои мубодилаи маъданӣ (ғайриорганикӣ) баргарданда буда, дар муқоиса бо мубодилаи сафедаҳо ва липидҳо хубтар мегузаранд. Оид ба ин фарқият байни гурӯҳҳои I ва II ночиз мебошад, дар ҳоле ки наслҳои аз модарони хӯроки табиӣ истеъмолкунанда тавлид мешавад, аз ҳама бештар фаъолнокии фосфатазаи ишқориро доро буданд ва шабеҳи наслҳои гурӯҳҳои 1 ва 2 хеле зиёд қайд карда шуданд. Таъсири намудҳои хӯронидан ба маҳсулнокии наслҳои мешҳо аз таваллудшавӣ то 2 - моҳагӣ омӯхта шудааст. Бояд қайд

намуд, ки аз ҳама барраи калон аз мешҳое ба даст оварда шуд, ки хӯронидан дар шакли эми табиӣ амалӣ карда шуда буд. Аз ҳама барраи хурд аз мешҳое, ки дар хӯрокашон эм вуҷуд надошт, гирифта шуданд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Таъсири типии хӯроки модинаҳо ба маҳсулнокии насли онҳо ($X \pm S_x$)

Наслгирӣ аз мешҳо	Шумораи ҳайвонот	Вазни зинда, кг		Қадкашии шабонарӯзӣ, г
		Ҳангоми таввалуд	Дар думоҳагӣ	
Гурӯҳи I	8	6,1±0,204	20,3±1,31	233±17
Гурӯҳи II	6	6,4±0,187	20,7±1,01	234±19
Гурӯҳи III	6	6,0±0,201	22,2±1,04	265±19
Ба ҳисоби миёна	20	6,2±0,194	21,1±1,12	244±18

Лекин мешҳое, ки ба таври анъанавӣ хӯроки табииро истеъмол менамуданд, барраҳояшон зудрасии беҳтаринро назар ба ҳамсолонашон (барраҳои мешҳое, ки дар давоми ҳомиладорӣ хӯроки ғурӯшонидаро истеъмол менамуданд) соҳиб буданд. Омӯзиши алоқамандии байниҳамдигарӣ байни нишондиҳандаҳои биохимиявии хун ва шиддати қадкашии барраҳо, ки аз се гурӯҳи мешҳои талқиқшаванда гирифта шудааст, мувофиқи қонунияҳои минбаъда омӯхта мешавад (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. Коррелатсияи нишондиҳандаҳои биохимиявии зардоби хун дар барраҳои 2 моҳа ($X \pm S_x$)

Нишондиҳандаҳо	Барраҳои нарина (n - 13)	Барраҳои модина (тӯхлиҳо) (n-13)
АСТ	0,542±0,210	0,544±0,253
АЛТ	0,246±0,242	0,174±0,106
Фосфатазаи ишқорӣ	0,166±0,146	-0,130±0,109
Холестерин	0,262±0,241	0,352±0,282

Чи хеле ки маълум аст, ивазшавии типи хӯронидан ва ворид сохтани омехтаҳои хӯроки ғурӯшонида сабаби халалдоршавии генҳои ферментҳои АСТ, ки барои шиддатнокии қадкашии барраҳо хос мебошанд, шуда наметавонад. Мо мушоҳидаи барвақтиро оид ба ин дар системаи нигоҳдории анъанавии мешҳои ҳисорӣ мушоҳида намудем. Такроран бояд гуфт, ки ферменти АСТ-ро ба сифати пешгӯикунандаи аломатҳои зудрасии барраҳои ҳисорӣ истифода кардан мумкин аст. Омӯзиши нишондиҳандаҳои боқимондаи биохимиявии хун алоқамандии байниҳамдигарии параметрҳои амиқи интихобшударо дар ҳудудҳои тағйирёбндаи эътимоднок муайян накардааст. Коэффитсиенти ирсии (h^2) баъзе нишондиҳандаҳои биохимиявӣ ҳангоми дар барраҳои 2 моҳаи гӯсфандони ҳисорӣ хӯронидани хӯрокҳои якранг дар шакли ғурӯшонида омӯхта шуда, дар гурӯҳҳои « моддар - тӯхлӣ» аз рӯйи АСТ 30,4%, АЛТ – 16,4%, фосфатазаи ишқорӣ – 62,2%, холестерин – 12,6% натиҷагирӣ карда шуд; дар гурӯҳи «модар - қӯчқор» ин нишондиҳандаҳо ба таври мувофиқ бузургии зайлро ҳосил намуданд: АСТ – 29,2%, АЛТ – 15,8%, фосфатазаи ишқорӣ – 70,8 %, холестерин – 12,1%. Пас, дар ҳамин синну сол барраҳои мешҳое, ки хӯроки анъанавӣ истеъмол менамуданд, ин нишондиҳандаҳо дар барраҳо ба таври назаррас боло буданд ва аз рӯйи нишондиҳандаҳои «модар – тӯхлӣ » АСТ 50,8%, АЛТ – 36,4%, фосфатазаи ишқорӣ – 53,7%, холестерин – 32,6%; натиҷагирӣ карда шуд. Дар гурӯҳҳои «модар – барра (қӯчқор)» бошад АСТ 56,3%, АЛТ – 39,7%, фосфатазаи ишқорӣ – 58,6%, холестерин – 41,7%-ро ташкил намуд. Ҳамин тавр, хӯроки якранг дар тағйирёбии нишондиҳандаҳои биохимиявии насл таъсири назаррас дорад.

Хӯронидани мешҳо бо иловагии атсетати натрий. Маълум аст, ки ҳайвоноти сермаҳсул танҳо дар ҳолатҳое иқтидори генетикии маҳсулнокиро ошкор менамоянд, ки агар таъминоти хӯрок эҳтиёҷоти онҳоро нисбати сафеда, карбогидрат, чарб моддаҳои минералӣ, микро – ва макроэлементҳо қонеъ намуда, шароитҳои таъминот ба қадкашӣ ва инкишофи мӯътадили онро замина гузорад. Барои гузаронидани тадқиқот 2 гурӯҳ ҳар кадоме 10 сарӣ модинаҳои гӯсфандони ҳисории синну солашон 3-4 сола гирифта шуд:

синфи I - ум ҳайвоноте, ки ба сифати ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ истифода мешаванд (синфи бонитировӣ), массаи зиндаашон ба 56,8 кг баробар буд, гирифта шуданд. Давраи тайёрӣ 30 рӯз давом намуда, давраи тадқиқот бошад – 60 рӯз идома ёфт. Хӯронидани модинаҳо дар давраи тадқиқот аз рӯйи қоида ҷиддӣ гузаронида шуд. Ҳам дар гурӯҳи таҷрибавӣ, ва ҳам дар гурӯҳи муқоисавӣ ба ҳисоби миёна дар як сар модина 6 кг юнучқаи сабз, 500 г эм ва 12,0 г намаки ошӣ ё 1,60 к. воҳид дар як шабонарӯз дода шуд. Фарқият дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва муқоисавӣ аз он иборат буд, ки модинаҳои гурӯҳи таҷрибавӣ бо эм ба ҳисоби миёна 30 г атсетати натрий, ки дар ҳар як сар рост меомад, истеъмол менамуданд. Хӯронидани хӯрок дар ҳар гурӯҳ ҷиддӣ ба ҳисоб гирифта мешуд. Маълум аст, ки атсетат ва чарб дар организми ҳайвоноти кавшаккунанда манбаи асосии энергия мебошанд. Муҳаққиқон дар назар доранд, ки таъсири байниҳамдигарии онҳо, муайянкунандаи асосии метаболизми равғану шир дар хун ҳисобида мешавад. Тақрибан 15%-и миқдори умумии атсетат, ки дар рагҳои хунгард ҷорӣ мешавад, дар ҷигар ба метаболизм гирифтор шуда, зоҳиран қисми зиёди он кислотаи талхаро ҳосил менамояд. Таъсири атсетати натрий ба нишондиҳандаҳои биохимиявии хун дар ҷадвали 156 оварда шудааст. Агар мо дар натиҷаҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва муқоисавӣ, ки дар ҷадвали 156 оварда шудааст, диққат диҳем, маълум мегардад, ки баъди гузаронидани 30 рӯзи аввали тадқиқот дар гӯсфандони ҳар ду гӯрӯҳ (ҳам гӯрӯҳи таҷрибавӣ ва ҳам гурӯҳи муқоисавӣ) баландшавии амиқи фаъолнокии ферменти АСТ ($P \geq 0,99$, $P \geq 0,999$) мушоҳида мешавад. Аммо баъди 60 рӯзи тадқиқот ҳам дар гурӯҳи таҷрибавӣ ва ҳам дар гурӯҳи муқоисавӣ пастшавии фаъолнокии ферментҳо ба қайд гирифта шуд. Тахминан чунин тағйирёбӣ дар фаъолнокии ферменти АЛТ ва фосфатазаи ишқорӣ низ ба амал омад. Вале нишондиҳандаҳои мубодилаи липидҳо – холестерин дар давоми 60 рӯз қариб 2 маротиба зиёд шуд ($P \geq 0,999$), ҳол он ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ ин зиёдшавӣ хело паст буд. Ҳамин тавр, ба фаъолнокии ферментҳои трансаминӣ АЛТ ва АСТ-и гӯсфандони ҳисорӣ хӯронидани хӯроки иловагӣ дар шакли атсетати натрий таъсири асосӣ намерасонад. Тағйирпазирии генетикии ин нишондиҳандаҳо бо маҳсулнокии гӯшту чарбнокӣ зич алоқамандӣ дорад. Вале хӯронидани хӯрокҳои иловагӣ аз ҳисоби атсетати натрий, боиси шиддат гирифтни тараҳшӯи кислотаи талха шуд, ки ба баландшавии синтези чарбҳо таъсир расонда, дар охирҳои давраи тадқиқотӣ якбора фаъолнокии холестеринро афзуд. Омӯзиши алоқаи байниҳамдигарии нишондиҳандаҳои биохимиявӣ ва вазни зинда натиҷаҳои зеринро ошкор сохт. Ҳамин тавр, дар давраи гузаронидани тадқиқот бузургии амиқи меъёрии фаъолнокии ферменти АЛТ иборат аст аз = 2,91 ($P \geq 0,99$), дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ баъди 30 рӯзи тадқиқот АСТ = 2,4 ($P \geq 0,95$) ва баъди 60 рӯз = 6,3 ($P \geq 0,9999$), холестерин дар гурӯҳҳои тадқиқотӣ дар нимаи аввали давраи тадқиқот = 1,98 ($P \geq 0,95$) ба ҳадди охир баробар шуд.

Таъсири технологияи парваришии барраҳо. Устухонҳои боқувват ва мавҷудияти думба дар гӯсфандони ҳисорӣ имконияти ҳаррӯза ҳайкунии дуру дароз ва сахтро ба чарогоҳҳои алпикии тобистона ва аз он ҷо баргаштан дар фасли зимистонро фароҳам меоварад. Чунин технологияи меъёри реаксияи махсуси мутобиқшавиро, вобаста аз генотипҳои зотҳо ҳосил менамоянд. Барои равшан намудани таъсири технологияи парвариши барраҳои ҳисорӣ: тадқиқоти махсуси чарогоҳи дур ва охуркунӣ гузаронида шуд. Барои озмоиш 60 сар барраҳои нар ва тӯхлиҳои ҳамсину сол гирифта шуд. Як қисми онҳо бо мешҳо дар саршавии моҳи май барои ҳай кардан ба чарогоҳи баландкӯҳии тобистона фиристода шуданд. Қисми дигар бошад дар хоҷагӣ бо модаронашон дар шакли ширмакӣ ва охуркунӣ гузошта шуд. Ҳайвонот мунтазам бо ғизои хушсифат таъмин карда шуда буданд. Мушоҳидаи ҳайвоноти ҳар ду гурӯҳҳои мазкур дар давоми 4 моҳ, параллел ба роҳ монда шуд. Фаъолнокии ферментҳои зардоби хун дар ҷадвали 4 нишон дода шудааст. Чи хеле ки маълум аст, ивазшавии технологияи нигоҳдорӣ ба зиёдшавии фаъолнокии ферментҳои аминотрансфераза АСТ ва АЛТ дар охири давраи чаронидан инъикос гаштааст. Сабаби нисбатан шиддатнок шудани мубодилаи моддаҳо эҳтимол мавҷудияти алафзори бойи алпикӣ бошад, ки ҳосилшави бофтаҳои мушакӣ ва чарбиро дар барраҳо фароҳам меорад. Миқдори фаъолнокии фосфатазаи ишқорӣ ҳангоми системаи

чарогоҳи дури анъанавӣ нисбат ба охуркунӣ ба таври назаррас паст буд (ҷадвали 5). Зоҳиран, ин бо хӯроки иловагии тӯхлиҳо ва мешҳо, ки дар шароити хоҷагӣ эми дорои иловаҳои муҳими минералиро истеъмол менамуданд, ки ин боиси нисбатан баланд шудани фаъолнокии фосфатазаи ишқорӣ дар зардоби хун мегардад, алоқаманд буд.

Ҷадвали 4. Фаъолнокии ферментҳои зардоби хуни барраҳои ҳисорӣ дар алоқа бо ивазшавии технологияи парвариш (X ± S_x, воҳид/мл)

Сину сол дар моҳҳо	Системаи нигоҳдорӣ	Ҷинси ҳайвон	АСТ	АЛТ	Фосфатазаи ишқорӣ	Фосфатазаи турш
2		Қӯчқор (n - 30)	89,58±5,57	29,17±1,44	4,85±0,36	1,59±0,08
		Тӯхлӣ (n - 30)	99,03±3,96	56,97±3,00	4,28±0,27	1,61±0,10
4,0 – 4,5	Охуркунӣ	Қӯчқор (n - 15)	94,48±3,99	31,74±0,80	6,49±0,44	1,77±0,15
		Тӯхлӣ (n - 15)	94,74±4,69	65,77±1,86	6,71±0,36	1,27±0,08
	Ҳайкунии дур	Қӯчқор (n - 15)	87,39±1,55	35,02±0,85	3,47±0,08	1,08±0,18
		Тӯхлӣ (n - 15)	87,28±1,27	30,48±0,86	3,65±0,07	1,70±0,02
6,0	Охуркунии тӯхлиҳо	Қӯчқор (n - 15)	84,47±2,30	43,40±1,72	5,98±0,25	2,17±0,16
		Тӯхлӣ (n - 15)	98,56±1,79	41,94±1,79	6,08±0,22	2,23±0,16
	Ҳайкунии дур	Қӯчқор (n - 15)	109,69±1,79	41,80±0,69	3,62±0,14	1,22±0,14
		Тӯхлӣ (n - 15)	108,00±2,65	42,22±1,41	4,08±0,12	1,26±0,03

Ҷадвали 5. Таъсири атсетати натрий ба нишондиҳандаҳои биохимиявии худ дар мешҳои ҳисорӣ (n - 20)

Нишондиҳандаҳо	Пеш аз гузоштани тадқиқот (n - 10)	Баъди 30 рӯзи гузаронидани давраи тадқиқот		Баъди 60 рӯзи гузаронидани давраи тадқиқот	
		Гурӯҳи таҷрибавӣ (n - 10)	Гурӯҳи муқоисавӣ (n - 10)	Гурӯҳи таҷрибавӣ (n - 10)	Гурӯҳи муқоисавӣ (n - 10)
АСТ	53,43±2,34	63,97±2,16	67,6±2,46	58,05±4,3	59,3±2,30
АЛТ	25,30±2,72	37,1±4,03	24,53±1,60	30,3±4,61	29,1±4,26
Фосфатазаи ишқорӣ	2,91±0,50	3,03±0,32	3,98±0,40	2,2±0,12	2,25±0,26
Холестерин	88,0±7,7	76,9±4,14	84,8±3,30	134,9±9,73	163,6±9,18

АДАБИЁТ

1. Иргашев Т.А., Хайитов А.Х./ Влияния разного уровня кормления на морфологические показатели крови// Тезисы док. Респ. н. теор. конф. посв. 60 летию ЛКСМ Тадж. ССР. -Душанбе, 1985.
2. Хайитов А.Х., Иргашев Т.А., Г.И. Шайхутдинова /Биохимические показатели рубцовой жидкости и крови баранчиков в зависимости от разного уровня кормления //Сб. н.Тр. ТНИИЖ/ Совер.-е. плем. и прод. качеств овец Таджикистана. -Душанбе, 1986. -С. 46-52.
3. The productive qualities of hybrid bull-calves on summer mountain pastures “Mountain regions of Central Asia. Sustainable Development Issues”. -Dushanbe, 1999. –P. 127.
4. Иргашев Т.А. Каракулов А.Б., МадаминовА /Питательная ценность основных пастбищных растений Ховалингской зоны// Мат. науч. конф. посвящен. 15- летию Независимости РТ и 2700 –летию города Куляба. – Душанбе: «Дониш», 2006. -С. 167-173
5. Абилов, Б.Т. Эффективность выращивания молодняка мясо-шерстных овец на откорме с применением БМВД с повышенным содержанием растительного белка / Б.Т. Абилов // Научно-практический электронный журнал Аллея Науки. – 2018. – № 8 (24). – Режим доступа: Alley-science.ru http: // docviewer.yandex.ru (27.12.2018).
6. З.Г. Ирина /Использование полиморфизма групп крови в селекции овец забайкальской тонкорунной породы// диссертация кандидат биологических наук – 2018. 98 с.
7. Абонеев, В.В. Методика оценки мясной продуктивности овец / В.В. Абонеев, С.А. Ерохин, Ю.Д. Квитко, И.И. Селькин, А.Н. Соколов, А.И. Суров, А.А. Омаров // Методические рекомендации для научных сотрудников, аспирантов, студентов и практических работников в области овцеводства. -Ставрополь: СНИИЖК, 2009. -36 с.
8. Афанасьев, М.А. Мясная продуктивность у молодняка создаваемого типа скороспелых овец при использовании биофизических методов / М.А. Афанасьев, Л.Н. Скорых, С.С. Бобрышов // Современное состояние животноводства: проблемы и пути их решения: материалы Междунар. науч.- практ. конф. -Саратов, 2018. -С.97-98.

9. Бабушкин, В.А. Повышение мясной продуктивности тонкорунных овец методом скрещивания / В.А. Бабушкин, А.Ч. Гаглоев, А.Н. Негреева, Д.А. Фролов // Достижения науки и техники АПК. – 2016. -Т.30. -№5. -С.72-74.
10. Батожаргалов, Ц-Д.Р. Откормочные и мясные качества овец забайкальской породы / Ц.-Д.Р. Батожаргалов, Б.Б. Цибиков, Ф.Д. Высочанский // Овцы, козы, шерстяное дело. – 2004. -№1. -С.22-24
11. Эльгайратов В.А Биохимические и имуногенетические параметры в прогнозировании продуктивности овец и коз: автореф. дисс…канд. наук. -Краснодар, 2003. -20с.
12. Штомпель В.Г. Генетические маркеры а селекции крупного роготого скота. ВНИИФБиП. -Боровск, 2000. -С. 442-443.
13. Чотчаев Ч.Б. гемотологический профиль овец при разных условиях содержания в онтогенезе. Междунар. Науч. – практич. конф. -КЧГУ им. У.Д. Алиева, 2014. -С.300-303.
14. Чижова Л.Н. Белковый обмен и интенсивность роста молодиянка овец / Л.Н.чижова Г.Н. Шарко // Перспективы и достижения в производстве и переработке сельскохозяйственной продукции. Сб, науч. тр. по матер. Междур. Науч. – практ. конф. -СТГАУ, 2015. –С.173-177.

ТАЪСИРИ ОМЕХТАҲОИ ХӮРОКИ ДУРУШТ НИШОНДИҲАНДАҲОИ БИОХИМИЯВӢ ВА МАҲСУЛНОКИИ НАСЛИ ГӮСФАНДОНИ ҲИСОРӢ

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба таъсири омехтаҳои хӯроки дурушт ба нишондиҳандаҳои биохимиявӣ ва маҳсулнокии насли гӯсфандони ҳисорӣ гуногун буда, мешҳое, ки ғизоро дар шакли эми табиӣ қабул мекарданд аз ҳама барраи калонро доро буда, мешҳое, ки ба таври анъанавӣ хӯрок хӯронида мешуд, барраашон зудрасии беҳтаринро соҳиб шуд. Аз мешҳое, ки дар хӯрокашон эм ҳамроҳ карда намешуд, аз ҳама барраи хурд ба даст оварда шуд. Таҷриба бо мешҳо, ки ба хӯрокашон атсетати натрий илова шуда буд, маҳсулнокии зиёди гӯшту чарб натиҷагирӣ карда шуд. Технологияи парвариши барраҳо дар шакли охуркунӣ нисбати чарогоҳи дур, маҳсулнокии баландро соҳиб шуд.

Калидвожаҳо: гӯсфандони ҳисорӣ, метаболизм, ферментҳои АСТ ва АЛТ, холестерин, фосфатазаи ишқорӣ, баррадиҳӣ, хӯроки ғурӯшонид, эм, охуркунӣ, чарогоҳи дур.

ВЛИЯНИЕ ГРАНУЛИРОВАННЫХ КОРМОСМЕСЕЙ НА БИОХИМИЧЕСКИЕ ПОКАЗАТЕЛИ И ПРОДУКТИВНОСТЬ ПОТОМСТВА ГИССАРСКИХ ОВЕЦ

В данной статье рассматривается влияние твердых кормовых смесей на биохимические параметры и продуктивность гиссарских овец было различным: у овец, получавших корм в виде натурального корма, был самый большой ягненок, а у овец, получавших традиционный рацион, были лучшие ягнята. В рацион которых отсутствовал комбикорм был получен самый маленькая молодняк от маток. Эксперименты с овцами, в рацион которых добавляли ацетат натрия, привели к более высоким выходам мяса и жира. Технология выращивания ягнят в виде столовая стала более производительной, чем на отдаленных пастбищах.

Ключевые слова: гиссарских овец, обмен веществ, ферментов АСТ и АЛТ, холестерин, щелочной фосфатаза, окота, гранулированный кормосмес, комбикорм, столовый, отгонно – пастбищный.

THE EFFECT OF GRANULATED FEED MIXTURES ON BIOCHEMICAL PARAMETERS AND PRODUCTIVITY OF THE OFFSPRING OF HISSAR SHEEP

This article discusses the effect of solid feed mixtures on the biochemical parameters and productivity of Hissar sheep varied, with ewes receiving the feed in the form of natural amy had the largest lamb, and ewes fed the traditional diet had the best lambs. From ewes that were not vaccinated, the smallest lamb was obtained. Experiments with ewes whose diet was supplemented with sodium acetate resulted in higher meat and fat yields. The technology of raising lambs in the form of manure has become more productive than in remote pastures.

Keywords: sheep breeding, metabolism, enzymes AST and ALT, cholesterol, alkaline phosphatase, digestion, digestion, vaccination, feeding, remote grazing.

Сведения об авторах: ***Исломова К.К.*** – Таджикский национальный университет, магистр кафедры биохимии биологического факультета. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Душанбе. Телефон: **888823366, 938473888.** E-mail: **islomovakimiyo@gmail.com**

Иргашев Т. – доктор сельскохозяйственных наук, профессор, заведующий отделом пастбищ институтом животноводства и пастбищ таджикской сельскохозяйственных наук **Адрес:** Республика Таджикистан, город Душанбе. Телефон: **918422034.** E-mail: **irgashev@mail.ru**

Information about the authors*:* ***Islomova K.Q***. - Tajik National University, Master's Degree, Department of Biochemistry, Biological Faculty. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe city. **Phone: 888823366, 938473888**. E-mail: **islomovakimiyo@gmail.com**

Irgashev T. - Doctor of Agricultural Sciences, Professor, Head of the Pasture Department of the Institute of Livestock Breeding and Pastures of Tajik Agricultural Sciences Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe. **Phone: 918422034.** E-mail: **irgashev@mail.ru**

УДК 553. 551.1. /4

ТАЪРИХИ ОМӮЗИШ ВА СОХТИ ГЕОЛОГИИ ПАДИДАИ МАЪДАНИИ КӮҲАНДАРА

Ғафуров Ш.М., Абдуалимов Л.А., Холов М.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Падидаи маъдании Кӯҳандара дар қисми ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор ҷойгир шудааст ва дар ин ҷо пажӯҳишҳои зиёди геологӣ аз тарафи як қатор геологҳо дар замони Шӯравӣ гузаронида шудааст (В.Н. Гессе, 1939-1948; И.К. Никитин, 1943; С.А. Шафранов, 1940; Р.А. Баротов, Н.А. Блохина, 1957-1958 ва дигарон). Барои навиштани асари мазкур асосан аз маводҳои Гессе В.Н. (194-48) ва Р.Б. Баротов (1966), Р.Б. Баротов, Блохина Н.А.(1957) ва дигарон истифода шудааст.

Таърихи омӯзиши ноҳияи корӣ бо омӯзиши умумии Тоҷикистони Марказӣ робитаи зич дорад. Тоҷикистони Марказӣ дар даврaҳои гуногун аз тарафи бисёр геологҳо-пажӯҳишгарон ба монанди И.В. Мушкетов, Г.А. Романов (1874-1876), Д.В. Наливкин, Н.В. Вебер (1926), С.Н. Михайлов (1927), А.П. Марков (1928-1938) бо хатсайрҳои геологӣ омӯхта шудааст. Дар солҳои 1941-1943 геологон А.В. Григорев, И.К. Никитин ва М.Г. Калайтан харитаи геологии майдони J-42-43 аз рӯи масштаби 1:100000-ро тартиб дода, дар ҳисоботи худ пайдоишоти магматикии мавзеро, инчунин падидаҳои маъдании гуногунро, ки бо онҳо пайвастагии зич доранд, қайд намудаанд [6]. Соли 1946 В.Н. Гессе ба омӯзиши падидаҳои магнетити ҳавзаҳои рӯдҳои Кӯҳандара ва Сумлук машғул шуда, аз сабаби андозаҳои на он қадар зиёд доштанашон ба онҳо баҳои манфӣ додааст [5]. Аз солҳои 1946 то замонҳои охир ба омӯзиши пайдоишоти магматикии Ҳисори Ҷанубӣ Р.Б. Баротов машғул буд. Соли 1966 Р.Б. Баротов дар китоби худ «Маҷмӯи интрузивҳои нишебии ҷанубӣ қаторкӯҳҳои Ҳисор ва маъданҳои ба онҳо алоқаманд» [1] омӯзишҳои бисёрсолаи худро оиди магматизм ва металлогенияи минтақа ҷамъбаст намудааст.

Соли 1950 Г.А. Осипов ва Т.В. Рижов корҳои санҷишию намунагириро дар падидаҳои «Ксенолити асосӣ», «Пайванди асосӣ» ва «Лойлакул» барои металлҳои камёфт гузаронидаанд. Дар натиҷаи корҳои гузаронидашудашон, онҳо ду падиди маъданиро барои қалъагӣ, сурб ва нуқра ҳамчун объекти ояндадор ошкор ва пешниҳод намудаанд. Соли 1951 Н.А. Утиков ва К.И. Литвиненко корҳои ҷустуҷӯӣ бо масштаби 1:50000 дар қисми шимолии трапетсияи J-42-43 гузаронидаанд. Онҳо оиди дар ин ҷо пайдо намудани конҳои калони канданиҳои фоиданокро манфӣ арзёбӣ намудаанд [7]. Соли 1955 Л.И. Гей ва Т.А. Обрезанов корҳои ҷустуҷуию санҷиширо дар ҳавзаи рӯди Кӯҳандара гузаронидаанд. Дар натиҷаи корҳои санҷишӣ, гурӯҳи падидаҳои оҳани Кӯҳандараро аз сабаби хурд будани андозаҳои танаҳои маъданӣ ва файзноки ками канданиҳои фоиданок, ки аз ҷиҳати саноатӣ аҳамият надоранд, тасдиқ намудаанд [3]. Дар солҳои 1967-68 гурӯҳи аэромагнитии экспедитсияи геофизикии Саридораи геологияи Қирғизистон аксбардории аэромагнетиро дар масштаби 1:50000 дар қисми ҳудуди Тоҷикистони Марказӣ гузаронидаанд [8].

Дар қисми Шарқии трапетсияи J-42-43А-б аномалияи якумро, ки ба падидаиҳои Ксенолити асосӣ алоқаманд аст, қайд намуданд. Бузургии аномалияи аз 300 гамм бо градиенти 1000 гамм/км-ро ташкил дод, ки дар характери маъдандориро нишон медод. Ин аномалия ба таври ҷузъӣ бо аксбардории магнетитии рӯизаминии масштаби 1:2000 омӯхта шудааст.

Аномалияи дуюм дар қисми ҷанубу ғарбии трапетсияи J-42-43-А-б бо падидаиҳои оҳану мис, ки ба миёнаоби рӯди Хармайдон рост меояд, ҷойгир аст. Аномалия андозаҳои начандон зиёд (300х200м) дошта, бузургиаш аз беш аз 200 гаммро ташкил дода, ба самти арзӣ дароз кашида шуда, аз се тараф бо майдонҳои магнетитии манфӣ маҳдуд шудааст ва ин ба жарфи начандон зиёд доштани он шаҳодат медод.

Аномалияи сеюм ба падидаҳои оҳани Шоҳрӯди боло алоқаманд мебошад. Аномалия аз рӯи бузургӣ ва андозааш калон нест (қариб +100 гамм), ки аз андозаҳои кам доштани падида гувоҳӣ медиҳад.

Аномалияҳои дигари падидаҳои оҳани ноҳия дар харитаҳои магнитӣ акс наёфтаанд. Ин бо тағйиротҳои шароитҳои гузаронидани аксбардории аэромагнитӣ хос мебошад.

Солҳои 1968-70 дар ҳавзаҳои рӯдҳои Кӯҳандара, Лойлакул ва Сумлук аксбардории геологии калонмасштаб 1:25000 аз тарафи гурӯҳи Кӯҳандараи Экспедитсияи иктишофи геологии Ҷанубӣ Тоҷикистон гузаронида шуд. Дар натиҷаи гузаронидани корҳо, якчанд падидаҳои канданиҳои фоиданок омӯхта шуданд ва як падидаҳои маъдании волфраму тиллои «Чоргул» -ро геологҳо ошкор намуданд. Онҳо барои корҳои ҷустуҷӯии ҷузъӣ падидаиҳои Чоргул ва падидаҳои мис, сурма, нукра, ки дар паҳлӯи чапи рӯди Арху ҷойгир аст тавсия додаанд. Падидаҳои дигари ин ҷо аз ҷиҳати саноатӣ ҷавобгӯ нестанд. Солҳои охир вобаста ба мустақил шудани Тоҷикистон талабот ба ашёи хоми минералии маҳаллӣ афзуд. Аз сабаби набудани конҳои калони маъдании оҳан барои рушди саноат зарурият пеш омад, ки заводҳои сохташуда ва дар оянда сохташаванда бо ашёи хоми маҳаллӣ таъмин карда шаванд. Аз ин сабаб, ҷустуҷу ва баҳодиҳии маъданҳои оҳан дар гурӯҳи падидаҳои магнетитҳои Кӯҳандара ба миён омад, ки онҳоро ояндадор шуморидаанд.

Сохти геологии падидаҳои магнетити Кӯҳандара. Ҳудудан падидаҳои магнетити Кӯҳандараро ба 2 гурӯҳ: Шарқӣ ва Ғарбӣ ҷудо менамоянд. Падидаҳои магнетити Кӯҳандари Шарқӣ дар поёноби рӯди Кӯҳандара, тахминан 3,5 км дуртар аз резишгоҳ ба рӯди Арху ва Кӯҳандараи Ғарбӣ дар болоби рӯди Кӯҳандара ҷогузин аст. Масофаи байни ин ду гурӯҳи падидаҳо 10-12 км мебошад [1, 2, 4, 6].

Гурӯҳи Шарқӣ. Дар сохти геологии гурӯҳи Шарқӣ, ҷинсҳои кӯҳии таҳшонии палеозойи мобайнӣ ва интрузивии палеозойи болоӣ иштирок мекунанд. Ҷинсҳои палеозойи мобайни аз мармарҳои сафеди хотистарранги равшани майдадона ва варақсангҳои шохишуда иборат мебошанд (Баротов, 1966). Онҳо чини антиклиналро, ки шарнирашон ба шимолу ғарб хам шудааст, ташкил медиҳанд. Дар ядрои чин гранодиоритҳои биотит-амфиболӣ намудор шудаанд. Қабатҳо ва линзаҳои оҳаксангҳо ба намуди ксенолит вохӯрда, бозмондаҳои ин антиклинал мебошанд. Ба ин ксенолитҳо скарншавии ҷинсҳо ва баромади магнетитҳо алоқаманд мебошанд (қисми маъдани Ксенолити Асосӣ ва Пиёзҳои нав). Дар сарҳади шимолу шарқи майдон апофизаи гранодиоритҳо, ҷинсҳои қадимтар – дар расиш бо мармарҳо, ксенолитҳои диоритҳои кварсӣ ба қайд гирифта шудаанд. Пайванди гранодиоритҳо ба ҷинсҳои таҳшинии палеозой, аксар вақт интрузивӣ буда, зери кунҷи 80-82° ба зери мармарҳо меафтанд. Пайванди носозгор, танҳо дар як қисми ғарбии боли антинлинали Кӯҳандара, ки ба рӯд наздик мешавад, ба назар мерасад. Дар пайванди интрузивӣ ва ҷинсҳои таҳшонӣ скарнҳо инкишоф ёфтаанд, хусусан дар ҷанубу ғарбии падида [2, 6]. Ғафсии ҷинсҳои скарншуда ба даҳҳо метр мерасад. Таркиби скарнҳо аз ин минералҳо: гранат, пироксен, эпидот-гранат, хеле кам аз скаполит ва везувиан иборат мебошанд. Ба скарнҳо маъданҳои яклухт ва хол-холи (вкрапленные) магнетит ва хол-холи халкопирит алоқаманд мебошанд [2]. Ранги скарнҳои гранатӣ- малларанг, гранат-пироксенӣ- малларанг ва сабзи тира, эпидот-пираксенӣ- сабзи тираранг мебошанд. Минералҳои маъданӣ аз магнетит, титаномагнетит, мартит, гематит, мушкетовит, илменит иборатанд. Инчунин дар скарнҳо галенит, сфалерит ва пирит (ҷамъ на зиёда 2-3%) дар чокҳо низ дучор меоянд. Дигар омили хоси геологии падидаҳо, ин мавҷудияти ҷинсҳои гипабиссалӣ, ба монанди порфирҳои кварсӣ, гранит-порфирҳо мебошад, ки ба шимол, шимолу шарқ дароз кашида шуда, мармарҳо, диоритҳои кварсӣ ва скарнҳоро буридаанд. Рагҳои лампрофирӣ (керсантит-спессартит) дар танаҳои интрузивҳо низ бо ғафсии то 1,5-2 м вомехӯранд. Вайрониҳои тентоникӣ бисёр майдони падидаро бурида гузашта, онҳоро ба блокҳо тақсим кардаанд. Ба ин рогҳо инкишофи маъданҳои полиметаллӣ рост меоянд. Нуқтаи минералии пайванди Ғарбӣ ба масофаи 450 м дар соҳили чап ва 100 м ба соҳили рости рӯди Кӯҳандара дароз кашида шудааст. Ғафсиаш аз 0,5 то 6 м. Аз рӯи афтиш қабати фоиданок ба 150 м дароз кашида шудааст [2]. Файзнокии миёнаи Fe 57%-ро ташкил медиҳад (Гессе, 1947). Нуқтаи

минералии Ксенолити Асосӣ ба тарафи шарқ дар масофаи 250 м аз нуқтаи минералии Пайванди Ғарбӣ дар байни гранодиоритҳои биотитӣ ҷойгир аст. Масоҳати он 0,06 км^2 аст. Аз ҳамин 0,03 км^2 ба магнетити яклухти файзнокиаш зиёда 60% рост меояд. Нуқтаи минералии Шоҳрӯди миёна дар канорҳои рост ва чапи рӯди Шоҳрӯд, дар боли ғарбии антиклинали Кӯҳандара, ки аз мармар иборат аст, ҷойгир мебошад [6]. Дарозии скарнҳо ба 400 м расида, ғафсииашон аз 2 то 5 м-ро ташкил медиҳанд (Баротов, 1966). Дарозии линзаҳои магнетит бошад, то 40 м расида, ғафсии миёнаашон 1,5м-ро ташкил медиҳад. Дарозии пласти магнетит - 300 м, файзнокии миёнаи оҳан дар он ба 62% мерасад. Бо роғҳои фурӯканда-лағжиш магнетит бо блокҳои афтишашон ба тарафи ҷануббуда ҷудо карда шудаанд. Нуқтаи маъдании Пёзҳои Нав дар масофаи 1,5 км аз резишгоҳи рӯди ҳамном соҳили чапи он ҷойгир мебошад [4, 6]. Баромади магнетитҳо ба ксенолити мармарҳои хокистарранги равшан, ки дар байни гранодиоритҳои биотит-амфиболӣ воқеъанд, алоқаманд мебошанд. Ғафсии скарн ба ҳисоби миёна 5-6 м буда, дарозиаш 300 м аст [1, 2]. Ғафсии миёнаи маъдани магнетит ба 2 м-ро ташкил медиҳад.

Гурӯҳи Ғарбӣ. Нуқтаҳои маъдании гурӯҳи Ғарбӣ дар маконе ҷойгиранд, ки ҷинсҳои магматикии интрузивӣ инкишоф ёфтаанд. Ҷинсҳои таҳшинӣ бо оҳаксангҳо ва варақсангҳои палеозойи мобайнии метаморфишуда, ба намуди ксенолит дар ҳар ду соҳили Кӯҳандара вомехӯранд. Мармарҳо ва варақсангҳои соҳили рост ба ҷануб, соҳили чап ба шимол зери кунҷи 80-85° меафтанд. Эҳтимол қулфи антиклинал ба дарозии рӯди Кӯҳандара ҷойгир мебошад. Пайванди байни мармарҳо ва гранодиориҳои биотит-амфиболӣ скарншуда [1], одатан ғафсиашон 3-4 м мебошад. Элементи хобиши ҷинсҳои скарнӣ ба мисли пайванди сарҳадӣ бо оҳаксангҳо созгор мебошанд ва кунҷи афтиши он аз 30-35° зиёд нест. Скарнҳо аз гранат, пироксен-гранат, гранат-пироксен иборат буда, инчунин аксинит ва турмалин низ дар ҷои буриш бо регҳои кварсӣ вомехӯранд. Ҷинсҳои рагӣ ва гипабиссалӣ камтар дучор меоянд ва аз лампрофирҳо иборат мебошанд. Нуқтаи минералии Қазнок дар баландии 550-560 м аз сатҳи рӯди Кӯҳандара ҷойгир буда, дар ду тарафи рӯди Қазнок инкишоф ёфтааст [1, 6]. Ғафсии скарн 4-5 м буда, дарозии он 800-850 м-ро ташкил медиҳад. Минералҳои маъданӣ аз магнетит, мартит, халкопирит, пирротин, галенит, лимонит, халкозин, ковеллин, борнит, карбонатҳои мис иборат мебошанд. Дар магнетитҳои Қазнок файзноки оҳан аз 60% зиёд буда, халкопирит 3%-ро ташкил медиҳад [4,с.48].

Нуқтаи минералии Хармайдон аз маҷрои рӯди Кӯҳандара дар баландиҳои хеле зиёд, дар миёнаҷои рӯди ҳамном ҷойгир аст ва идомаи канори рости рӯди Қазноқ мебошад. Таркиби минералии он ба монанди нуқтаи минералии Қазнок буда, ғафсии линзаҳои маъдан аз 80 см то 1,2 м-ро ташкил дода, дарозиашон ба 300 м мерасад [1].

АДАБИЁТ

1. Баротов Р.Б. Интрузивные комплексы южного склона Гиссарского хребта и связанное с ними оруденение. Издательства «Дониш», Душанбе, 1966. С. 249-253.
2. Баратов Р.Б. Скарново-рудные образования южного склона Гиссарского хребта //Р.Б. Баратов, Н.А. Блохина/ Труды Института геологии АН Тадж. ССР, 1957, т. 77, вып. 2. С. 172-182.
3. Гей. Л.И. Ҳисобот оиди корҳои ҷӯстуҷӯӣ-тафтишӣ //Л.И. Гей, Т.А Обрезанова/ Гурӯҳи Ҳисор, 1955. ФДИГ.
4. Гессе В.Н. Конҳои магнетитӣ дар болооби рӯди Сардаи Миёна. Дастнависи фонд. АИ ҶТ. 1947.
5. Гессе В.Н. Конҳои магнитити рӯди Харангон, Косадара, Симиганҷ ва Лойлакул. Ҳисобот аз рӯи корҳои дастнависи фонд. АИ ҶТ. 1947-1948 с.
6. Гессе В.Н. Сохти геологии Трапецияи J–42-43 //Григорев А.В./ дастнависҳои фонд. АИ ҶТ. 1942.
7. Утиков Н.А. Ҳисобот аз рӯи натиҷаҳои корҳои // Н.А. Утиков, К.И Литвиненко/ ҷустуҷӯии гузаронидашудаи дастаи ҷустуҷӯии гурӯҳи иктишофии Варзоб дар соли 1951, дар қисми ҷанубии ҳавзаи рӯди Сардаи Миёна. Дастнависҳои Фонд. ФДИГ, 1952.
8. Орлов Е.С. Ҳисобот аз рӯи натиҷаҳои аксбардории комплексии аэромагнитии масштаби 1:50000 қисми ҳудуди Тоҷикистони Марказӣ, солҳои 1967-1968 гузаронидашуда. Дастнависҳои фонд. ФДИГ, 1970.

ТАЪРИХИ ОМӮЗИШ ВА СОХТИ ГЕОЛОГИИ ПАДИДАИ МАЪДАНИИ КӮҲАНДАРА

Падидаи маъдании Кӯҳандара дар қисми ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор ҷойгир шудааст ва дар ин ҷо пажӯҳишҳои зиёди геологӣ аз тарафи якқатор геологҳо дар замони Шуравӣ гузаронида шудааст (В.Н. Гессе,

1939-1948; И.К. Никитин, 1943; С.А. Шафранов, 1940; Р.А. Баротов, Н.А. Блохина, 1957-1958 ва дигарон). Таърихи омӯзиши ноҳияи корӣ бо омӯзиши умумии Тоҷикистони Марказӣ робитаи зич дорад. Тоҷикистони Марказӣ дар даврањои гуногун аз тарафи бисёр геологҳо-пажӯҳишгарон ба монанди И.В. Мушкетов, Г.А. Романов (1874-1876), Д.В. Наливкин, Н.В. Вебер (1926), С.Н. Михайлов (1927), А.П. Марков (1928-1938) бо хатсайрҳои геологӣ омӯхта шудааст. Дар сохти геологии гурӯҳи Шарқӣ, ҷинсҳои кӯҳии таҳшонии палеозойи мобайнӣ ва интрузивии палеозойи болоӣ иштирок мекунанд. Нуқтаҳои маъдании гурӯҳи Ғарбӣ дар маконе ҷойгиранд, ки ҷинсҳои магматикии интрузивӣ инкишоф ёфтаанд. Ҷинсҳои таҳшинӣ бо оҳаксангҳо ва варақсангҳои палеозойи мобайнии метаморфишуда, ба намуди ксенолит дар ҳар ду соҳили Кӯҳандара вомехӯранд. Мармарҳо ва варақсангҳои соҳили рост ба ҷануб, соҳили чап ба шимол зери кунҷи 80-85° меафтанд.

Калидвожаҳо: Кӯҳандара, скарн, магнетит, ксенолит, мармар, варақсанг, таърих, геология.

ИСТОРИЯ ИЗУЧЕННОСТИ И ГЕОЛОГИЧЕСКОЕ СТРОЕНИЕ РУДОПРОЯВЛЕНИЯ КУХАНДАРА

Рудопроявления Кухандара расположен в южной части Гиссарского хребта, где в советское время ряд геологов проводили обширные геологические исследования (В. Н. Гессен, 1939-1948; И. К. Никитин, 1943; С. А. Шафранов, 1940; Р. А. Баротов. , Н.А. Блохина, 1957–1958 и др.). История изученности района тесно связана с общим изучением Центрального Таджикистана. Центральный Таджикистан в разное время изучался геологическими маршрутами многими геологами-исследователями, такими как И.В. Мушкетов, Г.А. Романов (1874-1876), Д.В. Наливкин Н В Вебер (1926), С. Михайлов (1927), А. Марков (1928-1938). В геологическом строении Восточной группы участвуют среднепалеозойские осадочные породы и верхнепалеозойские интрузивные породы. Рудные точки Западной группы расположены в районах развития интрузивных магматических пород. Осадочные породы с метаморфизованными известняками и сланцами среднего палеозоя встречаются в виде ксенолитов на обоих берегах Кухандара. Мраморы и сланнцы правого берега падают на юг, левого - на север под углом 80-85°.

Ключевые слова: Кухандара, скарн, магнетит, ксенолит, мрамор, сланец, история, геология.

HISTORY OF STUDY AND GEOLOGICAL STRUCTURE OF KUKHANDAR ORE

The Kukhandara ore occurrence is located in the southern part of the Gissar ridge, where in Soviet times a number of geologists conducted extensive geological research (V.N. Gessen, 1939-1948; I.K. Nikitin, 1943; S.A. Shafranov, 1940; R.A. Barotov., N.A. Blokhin, 1957-1958, etc.). The history of the study of the region is closely related to the general study of Central Tajikistan. Central Tajikistan at different times was studied by geological routes by many geologists-researchers, such as I.V. Mushketov, G.A. Romanov (1874-1876), D.V. Nalivkin NV Weber (1926), S. Mikhailov (1927), A. Markov (1928-1938). The geological structure of the Eastern group includes Middle Paleozoic sedimentary rocks and Upper Paleozoic intrusive rocks. Ore points of the Western group are located in the areas of development of intrusive igneous rocks. Sedimentary rocks with metamorphosed limestones and shales of the Middle Paleozoic are found as xenoliths on both banks of the Kuhandar. The marbles and slates of the right bank fall to the south, the left bank to the north at an angle of 80-85 °.

Keywords: Kuhandara, skarn, magnetite, xenolith, marble, shale, history, geology.

Сведения об авторе: ***Гафуров Шодмон Мирзоевич*** - Таджикский национальный университет, магистр кафедры геологии и разведки месторождений полезных ископаемых геологического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **chokadambulak@mail.ru.** Телефон: **(+992) 987 26 46 66**

Абдуалимов Лутфулло Азизуллоевич - Таджикский национальный университет, магистр кафедры геологии и разведки месторождений полезных ископаемых. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **chokadambulak@mail.ru.** Телефон: **(+992) 987 59 59 53**

Холов Мухаммад Нуруллоевич - Таджикский национальный университет, магистр кафедры геологии и разведки месторождений полезных ископаемых геологического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **chokadambulak@mail.ru.** Телефон: **(+992) 987 84 10 74**

Information about the author: ***Gafurov Shodmon Mirzoevich*** - Tajik National University, Master`s student of the Department of Geology and Exploration of Mineral Deposits of the Geological Faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **chokadambulak@mail.ru.** Phone**: (+992) 987 26 46 66**

Abdualimov Lutfullo Azizulloevich - Tajik National University, Master`s student of the Department of Geology and Exploration of Mineral Deposits. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **chokadambulak@mail.ru.** Phone**: (+992) 987 59 59 53**

Kholov Muhammad Nurulloevich - Tajik National University, Master`s student of the Department of Geology and Exploration of Mineral Deposits of the Geological Faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **chokadambulak@mail.ru.** Phone**: (+992) 987 84 10 74**

МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ

Раджабов Д. А. Экологическая политика Республики Таджикистан на международной арене. поддержание и создание «Зеленого имиджа»…… ***5***

Сайшарифова М. Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ: имкониятҳои нав ва дурнамои шарикӣ…… ***11***

Сангов Ш. Пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва зуҳуру ташаккули минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун кишварҳои ҷавонтарин..... ***14***

Сангалиев Х.Б. Талбаков П.Н. Ташкили корҳо оиди рақамигардонии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ***19***

Хаётзода Н. Информационно-аналитическое обеспечение работы внешней политики Республики Таджикистан: теория и практика..... ***24***

Хушвахтов М.А. Лоиҳаи “Як камарбанд – як роҳ”–и Ҷумҳурии Халқии Хитой..... ***27***

Э. Шамсзода Рушди шаҳрсозӣ ва меъмории Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои XI-XII ва аввали асри XIII..... ***32***

Шарипов Ш.Ш. Дипломатияи иқтисодии Тоҷикистон дар самти Ӯзбекистон..... ***37***

ФАЛСАФА – ФИЛОСОФИЯ

Абдухалилов Содик Ҷаҳонбинии синергетикӣ ва омӯзиши равандҳои иҷтимоӣ ва табиӣ.. ***42***

Аноятиллоева С.А. Роҳҳои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***45***

Ахматов Ш.Б. Омӯзиши зуҳуроти рафтори агрессивӣ ва асоси физиологии он…..... ***48***

Бегов Д.А. Арзишҳои таҳсилот ва намудҳои он…… ***54***

Давлатзода Ф.Ф. Ҷойгоҳи мактабу маориф дар таърихи фарҳанги халқи тоҷик..... ***60***

Қаюмова М. Б. Тадқиқи амалии хусусиятҳои синнусолии нутқ…… ***64***

Муминов О.Ҷ. Стресс ва хусусиятҳои зоҳиршавии он дар синни наврасӣ..... ***68***

Назаралиев А. Интуитсия ҳамчун шакли махсуси ма ърифат дар таърихи афкори илмӣ-фалсафӣ ва назариёти ирфонӣ..... ***73***

Олимшоев Н.К Кибертерроризм ҳамчун таҳдид ба амният..... ***77***

ФИЛОЛОГИЯ ВА ЖУРНАЛИСТИКА - ФИЛОЛОГИЯ И ЖУРНАЛИСТИКА

Дадоҷонова И.Б. Ҳусейнова Ф. Таҳлили воҳидҳои лексикии «омори муҳоҷирати аҳолӣ».. ***85***

Шарипов А. Маъноҳои калимаҳои куҳнашудаву таърихӣ дар насри С. Улуғзода..... ***90***

Шарипов Ш.Р. Баъзе масъалаҳои назариявӣ дар шинохти очерк…… ***94***

Шералиев Ш. Таркиби лексикӣ – грамматикии воҳидҳои фразеологии қолаби “дили касе пур” дар забони адабии муосири тоҷикӣ..... ***98***

Эшонова М. Пайдоиш ва ташаккули маркази матбуоти вазорати корҳои дохилии ҶТ.... ***102***

ИҚТИСОД-ЭКОНОМИКА

Муҳаббатов И. Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар истифодаи самараноки захираҳои ***107***

обии минтақавӣ.....

Қаюмов С.Ш. Насрлуллоев А.З. Низоми андозбандии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон…… ***110***

Давлатшоев О.Ҳ. Раҳимов Р. Усулҳои идоракунии фоидаи корхона..... ***114***

Раҳмонов С. Инкишофи ҳамгироии гуногунсуръат дар фазои баъдишуравӣ..... ***117***

Ризоев С. Нақши минтақаҳои табобатию истироҳатӣ дар рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***123***

Раҳмонов Сомон Механизми идораи ҳамгироии иқтисодӣ дар доираи ИДМ ва самтҳои такмили он…… ***126***

Давлатов Д.С., Садуллоев М. Таҷрибаи низоми андози хориҷа оид ба танзими низоми андозбандӣ..... ***130***

Сайдализода С. А. Имкониятҳои қонунгузории мавҷудаи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди принсипҳои “Иқтисоди сабз”..... ***135***

Сафаров А. Меъёрҳои интихоби роҳҳои ҳавасмандгардонии содирот..... ***139***

Сафаров Ш. Захираҳои сайёҳӣ-рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши онҳо дар ташкили комплексҳои сайёҳӣ..... ***142***

Сафиев А. Мубодилаи байналхалқии технология асоси амалигардонии иқтидори илмӣ-техникӣ…… ***146***

Қаюмов С. Ш. Умаров Р. Н. Таҷрибаи хориҷии ташкили назорати андоз ва истифодаи он дар амалияи назорати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***152***

Файзуллоев У. Сиёсати гумрукӣ ҳамчун қисмати таркибии сохтори кори гумрукӣ..... ***155***

Ҳамидов Э. Бонкдории мобилӣ ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***157***

Ҳусайнов М.Н., Шамсуллоев Ш.С. Рушди бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***159***

Қаюмов С. Ш. Шарифов Ҷ. Ф. Самтҳои такмили андозбандӣ ҳамчун омили рушди кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***163***

Шарифиён А.А. Баҳисобгирии хароҷоти нигоҳубин ва истифодабарии мошину таҷҳизоти сохтмонӣ..... ***170***

Шаропова М. Ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ва таъсири ҷаҳонишавӣ ба он..... ***173***

Зайниддинов У.М., Юсупов Б. Роҳҳои таъминоти маркетингии ҷараёни омоданамоии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ..... ***177***

ҲУҚУҚ ВА СИЁСАТ – ПРАВО И ПОЛИТИКА

Неъматова Ҷ.Х. Шартнома дар бахши фаъолияти сайёҳӣ..... ***180***

Одинаев Д.М. Хусусиятҳои принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ……. ***186***

Олимов А. Мафҳум, хусусият ва намудҳои ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии кӯдак. ***188***

Раззоқӣ У. Принсипи риоя кардани шартномаҳои байналхалқӣ……..... ***192***

Расулзода Ҷ. Мафҳум, моҳият ва намудҳои муносибатҳои ҳуқуқи граждани..... ***198***

Раҳмонов Б.Б. Тавсифи умумии шахсоне, ки дар мурофиаи гражданӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро ҳимоя мекунанд..... ***201***

Раҷабов Н.Ҳ. Мафҳум ва аломати ҷиноятҳо дар соҳаи ҳуқуқи нақлиёт..... ***206***

Розиқова Х. Мушкилоти вазъи ҳуқуқии корхонаи махсуси (казонии) давлатие, ки ба ҳуқуқи идораи оперативӣ асос ёфта аст..... ***210***

Раҳмонов Б. Б. Тарафҳо дар мурофиаи гражданӣ..... ***216***

Саъдулоев Ҷ. Самтҳои афзалиятноки назорати прокурорӣ..... ***220***

Шарипов С. Терроризм ниҳоди хушунати миллӣ……. ***223***

Саидов Ҳ. Ш. Асоси даъво ҳамчун унсури даъво дар мурофиаи гражданӣ…… ***227***

Саидов Қ. И. Мафҳуми ҳуқуқи байналҳалқии инсондӯстӣ..... ***229***

Саидов Н. С. Ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил тибқи санадҳои байналхалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***235***

Сайдамиров Ҷ. Ҳ. Субъект ва тарафи субъективии ҷиноятҳо вобаста ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт..... ***239***

Салимов Н. Шакли идораи давлатии Тоҷикистон-ҷумҳурии президентӣ…… ***245***

Салоҳиддинзода С.С. Тавсифи ҳуқуқӣ - ҷиноии ҷиноятҳои коррупсионӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***248***

Самадов З. К. Шахси ҳуқуқӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ..... ***252***

Сиёваш Раббонӣ Мавқеи ҳукумат ва дигар мақомоти марказӣ дар амалисозии сиёсати давлатии соҳаи маориф..... ***259***

Суҳайл С. Баррасии ҷароими низомӣ аз ҷониби додситон дар қонунгузории Афғонистон..... ***262***

Шарипов А. Рушди институти ҳуқуқ ва озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***265***

ФИЗИКА ВА МАТЕМАТИКА – ФИЗИКА И МАТЕМАТИКА

Гуломов А. М. Деления энергетического уровня в многоатомных молекул и способ и определения их значений..... ***271***

Л.Н. Раджабова, Исматов Ф. К теории интегральных уравнений типа вольтерра сильно-особой точкой..... ***275***

Қодиров О.Ш., Мамадназаров И.Ш. Амсиласозии консептуалии экосистемаи обанбор... ***277***

Джихонова Малохат Эллиптическая система дифференциальных уравнений первого порядка……..... ***280***

Шукурӣ Ҳ. Назарӣ М. Коркарди равандҳои электрикӣ дар миокард тавассути технологияҳои иттилоотӣ……. ***283***

БИОЛОГИЯ ВА ГЕОЛОГИЯ – БИОЛОГИЯ И ГЕОЛОГИЯ

Абдуалимов Л.А., Ғафуров Ш.М., Холов М.Н. Минерализатсияи маъданӣ ва қонуниятҳои ҷойгиршавии онҳо дар кони оҳани Оқтош..... ***288***

Исломова К.Қ, Иргашев Т.О. Таъсири омехтаҳои хӯроки дурушт ба баъзе нишондиҳандаҳои биохимиявӣ ва маҳсулнокии насли гӯсфандони ҳисорӣ..... ***291***

Ғафуров Ш.М., Абдуалимов Л.А., Холов М.Н. Таърихи омӯзиш ва сохти геологии падидаи маъдании Кӯҳандара..... ***296***

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН
Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Муҳаққиқи ҷавон» пешниҳод мегарданд
Телефон: (992-37)227-74-41

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи «Муҳаққиқи ҷавон» пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microҳoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Timeҳ New Roman барои матн бо забони русию англисӣ ва бо ҳуруфи Timeҳ New Roman Tj барои матн бо забони тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 8 то 10 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб, дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола таҳсил мекунад;

– матни асосии мақола;

– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25;

– нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар **аз 3 номгӯ** ва на бештар аз 10 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– баъди рӯйхати адабиёти истифодашуда маълумоти зерин бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) омода карда шавад: номи мақола; насаб, ном ва номи падар; номи муассиса; аннотатсия ва калидвожаҳо (аннотатсия на камтар аз **18 сатр** ва калидвожаҳо **то 10** номгӯ);

– дар охири мақола бо ду забон (**русӣ ва англисӣ**) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), номи муассисае, ки дар он муаллиф мехонад, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кор в ё таҳсили муаллиф.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ
Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Молодой исследователь»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microњoft Word, шрифтом Timeњ New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой учится автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 3 и не более 10 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы оформляется следующая информация на трех языках (на таджикском, русском и английском языках): название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 18 строк, ключевые слова до 7 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, название организации, в которой учится (авторы), телефон, e-mail, а также почтовый адрес место учебы автора).

INFORMATION FOR THE AUTHORS
Requirements for scientific articles submitted to the scientific journal "Young researcher»

All submitted scientific journal articles must meet the following requirements: a) the article must be written in compliance with the established requirements; b) the article must be the result of scientific research; c) the article must conform to one of directions (sections) of the journal.

Requirements for registration of scientific articles:

The article should be prepared in Microsoft Word format, Times New Roman font, size 14, margins 2.5 cm on all sides, interval 1.5.

The volume of the article (including the abstract and the list of references) should be within the range of 8 to 10 pages of A4 format.

The article should have the following structure:

- UDC index (the index can be obtained in any scientific library);
- article title;
- surname and initials of the author (for example, D. M. Sharipov);
- name of the organization where the author of the article studies;
- main text of the article;
- when quoting specific material, the references are indicated in square brackets [ ]. Sample: [4, p. 25]. That is, literature #4 and page 25;
- tables, diagrams, diagrams, and drawings should be grouped and numbered. Tables, diagrams, diagrams, and drawings must have a name;
- list of references (no less than 3 and no more than 10 titles of scientific literature). The list of references is made according to the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;
- after the list of references, the following information is made out in three languages (Tajik, Russian and English): the title of the article, the author's full name, the name of the organization, the abstract and keywords (abstract of at least 18 lines, keywords to 7 words or phrases);
- Information about the author in Russian and English (full name of the author, the name of the organization where the author studies, phone number, e-mail, and postal address of the place of study or work of the author are indicated here).

НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»

2021. №9

Ответственный редактор: **Хакимова С.**

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**